ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550-1 (55) (575.3) (091) (84.2Т)

**ЮЛДАШЕВ АБДУЛЛА ҚУРБОНМАМАТОВИЧ**

# ТАҲАВВУЛИ СУЖА ВА ОБРАЗҲОИ ШОҲОНУ ПАҲЛАВОНОНИ СОСОНӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК (АСРҲОИ Х-ХI)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
академики АМИТ Имомзода М.С.

ДУШАНБЕ – 2025

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4-8**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ...............................................................9-21**

**БОБИ I. СУЖАҲО ВА ОБРАЗҲОИ ПОДШОҲОНУ ПАҲЛАВОНОН ДАР ОҒОЗИ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ПОЙДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН (СОЛҲОИ 205-379)................................................22-123**

1.1. Сужа ва образҳои Сосон ва Бобак..............................................................22-45

1.2. Ардашери Бобакон ва сужаҳои вобаста ба шахсияти достонии ӯ...........46-87

1.3. Сужаҳои вобаста ба образи Шопури Ардашер..........................................88-96

1.4. Сужаҳои вобаста ба образи Урмузди Шопур..........................................97-99

1.5. Сужаҳои вобаста ба образҳои Баҳроми Урмузд, Баҳроми Нарсӣ, Баҳроми Баҳромиён, Нарсии Баҳром, Урмузди Нарсӣ.........................................100-105

1.6. Сужаҳои вобаста ба образи Шопури Зулактоф....................................106-123

**БОБИ II. СУЖАҲО ВА ОБРАЗҲОИ ПОДШОҲОН ВА ПАҲЛАВОНОН ДАР МАРҲАЛАИ МОБАЙНӢ ВА ПОДШОҲИИ ХУСРАВИ ҚУБОДОН – АНӮШЕРВОН (СОЛҲОИ 379-579)...........................................124-292**

2.1. Сужаҳои вобаста ба Ардашери Некукор ва подшоҳони дигар то Баҳроми Гӯр........................................................................................124-138

2.2. Сужаҳои вобаста ба образи Баҳроми Гӯр............................................139-182

2.3. Сужаҳои вобаста ба Яздгирд писари Баҳроми Гӯр ва подшоҳони дигар то Қубоди Парвиз..........................................................................183-196

2.4. Сужаҳои вобаста ба образи Қубоди Парвиз.........................................197-208

2.5. Сужаҳои вобаста ба Анӯшервон ва шахсияти ӯ ..................................209-236

2.6. Сужаҳои вобаста ба образи Бузургмеҳр...............................................237-292

**БОБИ III. СУЖАҲО ВА ОБРАЗҲОИ ПОДШОҲОН ВА ПАҲЛАВОНОН АЗ ПОДШОҲИИ ҲУРМУЗДИ IV ТО ИНҚИРОЗИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН (СОЛҲОИ 579-654)..........................................293-398**

3.1. Сужаҳои вобаста ба образи Ҳурмузди Анӯшервон.............................293-300

3.2. Сужаҳои вобаста ба Баҳроми Чӯбина ва шахсияти достонии ӯ............301-322
3.3. Шахсияти Хусрави Парвиз ва лаҳзаҳои достонии ҳаёти ӯ....................323-360
3.4. Сужа ва образҳои марбут ба подшоҳон аз Қубоди Парвиз
то Фаррухзод......................................................................................361-372
3.5. Сужаҳои вобаста ба образи Яздгирди Шаҳрёр ва фарҷоми шоҳаншоҳии
Сосониён.............................................................................................373-398

**ХУЛОСА...........................................................................................399-407**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ**
**НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.......................................................................408-412**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..........................................................................413-441**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ...442-444**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Сужа ва образи бадеӣ аз ҷумлаи унсурҳои асосии асари бадеӣ буда, миёни ҳам иртиботи танготанг доранд. Таҳқиқи образи бадеӣ ҳамчун навъе аз воситаи инъикоси воқеият, ки ба сурати ҷузъӣ ё ҷомеъ манзараи ҳаёти инсонро дар бар гирифтааст, дар маърифати эстетикии адабиёт аз ҷумлаи равишҳои маъмулу писандида ҳисоб мешавад. Таҳқиқи ин масъала ба таври усулӣ аз ду ҷиҳат имконпазир аст: а) ба эътибор гирифтани халлоқияти адабии як эҷодкар ва б) ба назар гирифтани тасвири образҳои ҳамгун дар эҷодиёти якчанд адиб. Тасвири образи бадеӣ бо таваҷҷуҳ ба воқеиятҳои ҳақиқию тахайюлӣ, ки ба он бастагӣ доранд, дар маҷмуъ, сужаи асари бадеиро ба миён меоваранд.

Таҳқиқиқи сужаи бадеӣ, мушаххасоти он ва образ таърихи дерина дошта, ҳанӯз дар асарҳои Аристотел ба онҳо таваҷҷуҳ шудааст. Минбаъд намояндагони ҳамаи мактабҳои адабӣ ба ин ду асли халлоқияти адабӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Дар ин таҳқиқ масъалаи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик» (асрҳои X-XI) баррасӣ мешавад, ки аз диди равишҳои таҳқиқоти муосир дорои аҳаммияти маърифатӣ ва эстетикӣ мебошад.

Мувофиқи феҳристи матни интиқодии «Шоҳнома», ки Ҷалол Холиқии Мутлақ анҷом додааст ва руҷуъҳое ба феҳристи матни интиқодии Москва, дар ҳудуди ҳаждаҳ ҳазор байти бахши Сосониёни «Шоҳнома» ҳаштсаду бисту чор персонажҳо ва қаҳрамонон амал мекунанд. Бино ба назари санҷидаи муҳаққиқони таърихи шоҳаншоҳии Сосонӣ ва «Шоҳнома», бештари рӯйдодҳое, ки дар ҳамосаи миллӣ ва сарчашмаҳои дигар инъикоси воқеӣ ва ё бадеӣ ёфтаанд, дар паҳноҳои соҳили рост ва чапи дарёи Ому мегузаранд. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи эҳёи тамаддуни миллӣ ва хотираи таърихии мардумони бумии шимолу шарқи Хуросон ва Мовароуннаҳр меравад.

Чунонки маълум аст, ҷангҳои Рум ва Эрон, ки ба Сосониён аз замони Ашкониён мерос монда буданд, тақрибан дар тамоми замони давлатдории ин шоҳаншоҳӣ, ба истисноии асри VII мелодӣ, ҷараён доштанд. Аммо ду маъракаи

тақдирсози шоҳаншоҳии Сосониён, ки дар поёноби рӯди Зарафшон ва болооби дарёи Ому сурат гирифтааст, бо Хоқонии турк ва Ҳайтолиён бастагӣ дорад, на бо румиён.

Баррасии таҳаввули сужаҳо ва образҳо имкон медиҳад, ҳақиқатеро пешниҳод кунем, ки хотираи таърихии халқҳои эронӣ, ки дар дарозои таърихи тақрибан дуҳазорсола шакл гирифтааст, ба сурати ҳофизаи ҷамъӣ зуҳур карда, боиси пайванди мардуми ориёитабор гардидааст. Масалан, хутбаи кӯтоҳ ва машҳури Ардашери Бобакон, ки соли 206 ё 207 эрод кардааст, мантиқан халқҳои эрониро сафарбар мекунад, то бедор шаванду шоҳаншоҳии (империя) худро барқарор намоянд. Чунин маъниро ду таърихнигори юнонии муосири Ардашери Бобакон – Кассий Дион ва Геродиан низ овардаанд. Дар ҳамин хутба Ардашер, аз ҷумла, аз Искандар бо кароҳият ёд мекунад.

Симои манфии Искандар тақрибан аз асрҳои XI ба ин тараф тағйири ҷавҳарӣ мегирад ва аз ӯ подшоҳи худотарсу парастори дини тавҳидӣ месозанд. Хеле равшанфикрони асрҳои миёна Зулқарнайнро, ки дар сураи «ал-Каҳф»-и Қурони карим ёд шудааст, мехоҳанд, чун Искандари Македонӣ шиносанд. Кор ба ҷое мерсад, ки Фирдавсӣ дар бахши «Подшоҳии Искандар»-и «Шоҳнома» ва Низомӣ дар «Искандарнома» Искандарро ба ҳаҷҷ мебаранд ва аз ӯ тарафдори ростини мазҳаби ҳанафияро ҳам месозанд. Бархе аз сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ Сосонро ҳам ба ҳаҷҷ бурдаанд ва ба ӯ фазилати муқаддас шуморидани оби Замзамро нисбат ҳам додаанд.

Тафсилот ё ҷузъиёти сужаҳо ва образҳо низ то ҷое фарқ мекунанд. Масалан, Сосони «Корнома»-и Ардашери Бобакону «Шоҳнома» аз гузинаи Табарӣ фарқи комил дорад. Баъзе муаллифони сарчашмаҳои юнонӣ дар бораи Бобак ҷузъиёти иҳонатомез меоранд, то ба шаъни саромади империяи Сосонӣ доғе гузоранд. Тақдири Ардашери Бобакон дар Табарӣ ба тариқае ва дар «Шоҳнома»-ю «Корнома» ба тариқаи дигар омадааст. Мо бар пояи сарчашмаҳо дар ин бора дар диссертатсия таваққуфи лозима намуда, саъй кардаем, то сужае чун асос гирифта шавад ё симое, ки аз воқеият ё воқеияти нимафсонавӣ чандон дур набошад.

Дар диссертатсия ҳангоми баррасии сужаҳо эътиборе ба консепсияи меъёр (canon) дода шудааст ва дар чанд маврид таъкид карда мешавад, ки ин ё он сужа аз рӯйи қолабе, ки пештар будааст, нигошта шудааст. Масалан, ҷанги Ардашери Бобакон бо кирми Ҳафтвод баъзе ҷангҳои Рустами Достонро мемонад, тафсилоти сафари Баҳроми Гӯр ба Ҳинд тақрибан дар қолаби сафари Шопури Зулактоф ба Рум рехта шудааст ва ғайра.

Шояд яке аз хусусиятҳои муносибати Абулқосими Фирдавсӣ ба хотираи таърихии ниёгони мо аз он иборат бошад, ки ӯ ғолибан аз овардани тафсили рӯйдодҳои барои халқҳои эронӣ нохушоянд худдорӣ мекунад. Чунончи, дар бахши «Подшоҳии Шопури Ардашер» муаллифи ҳамосаи миллӣ хабари шикасти сипоҳи Шопурро бар асари ҳамлаи амири араби Палмира (Тадмур) наовардааст. Дар ҷои дигар, то ҳашамати подшоҳии Шопури Зулактофро нишон диҳад, Фирдавсӣ қиссаи ҳамлаи сипоҳи Тоири арабро ба Эроншаҳр ва қасоси Шопурро овардааст, ки дар ягон сарчашаи дигар намегузарад. Табарӣ хабари як сипоҳии ҳайтолиро меоварад, ки ҷонфидоии ӯ ба маънӣ ҷонфидоии Зопирро дар ривояти Геродот ё Шеракро дар ривояти Полиэн ба хотир меорад. Фирдавсӣ аз овардани хабари ҷонфидоии сипоҳии ҳайтолӣ худдорӣ мекунад, зеро ин хабар метавонист эътибори шоҳаншоҳ Фирӯзро коста гардонад.

Истифодаи бештар аз ҳафтод сарчашма танҳо аз нашрҳои интиқодии онҳо сурат гирифтааст, ки аз нимаи якуми асри XIX то охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI дар марказҳои муътабари эроншиносии ҷаҳон ба чоп расонида шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Дар бораи «Шоҳнома» сухане гуфтан, ки комилан нав бошад, хеле гарон ва мушкил аст. Шоҳномашиносӣ ва пажӯҳишҳо дар атрофи таъриху адабиёту фарҳанги замони Сосонён ба гунае вазъияти омӯзиши ёдгории андаке баҳсбарангези адабиёти қадимаи рус «Слово о полку Игореве»-ро мемонад. Сомонаи www.centrasia.ru рӯзи 08 июни 2018 ба нақл аз сомонаи www.russian7.ru навиштааст, ки «Слово» андаке бештар аз ҳафт ҳазор калима дорад, ин ёдгориро зиёда аз понздаҳ ҳазор муҳаққиқони ватанӣ (рус, советӣ) омӯхтаанд ва меомӯзанд. «Ба ҳар калиамаи «Слово» ду кори илмии танҳо

муҳаққиқони ватанӣ рост меояд». Дар бораи «Шоҳнома» низ шумори таҳқиқот ба миқдор кам нест. Чунончи, Эраҷи Афшор ҳанӯз соли 1969 китоберо таҳти унвони «Китобшиносии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» чоп карда буд. Дар чопи соли 2012-и ҳамин китоб дар бораи 5867 таҳқиқ, ки роҷеъ ба ҳамосаи миллӣ ва Фирдавсӣ ба миён омадаанд, маълумоти библиографӣ дода шудааст (www.cgie.org.ir; 24.08.2021).

Вале мавзуи кори мо танҳо «Шоҳнома» нест. Мо роҷеъ ба таҳаввули сужаҳо ва образҳо тақрибан ҳамаи сарчашмаҳоро ба забонҳои дастрас ё тарҷумаҳои забонҳои дастрас фаро гирифтаем. Лозим ба назар мерасад, то дар бораи аҳаммияти сарчашмаҳое, ки дар онҳо сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ инъикос шудаанд, ба таври мухтасар ишора шавад.

Маълумоти мухтасар дар бораи сарчашмаҳои юнонӣ, арманӣ, суриёнӣ, чинӣ ва арабию мусулмонӣ, ки мо дар баррасиҳоямон аз онҳо истифода кардаему дар бобати кушодани гиреҳҳои кори мо истифода шудаанд, аз рӯйи тартиби алифбоӣ дар муқаддимаи диссертатсия оварда шудааст.

Дар омӯзиши фарҳанги замони Сосониён ва «Шоҳнома» саҳми мактаби шарқшиносии советӣ месазад, ба таври махсус таъкид карда шавад. Китобҳои В.Г. Луконин, М.М. Дьяконов, А.И. Колесников, О.М. Чунакова ва насли давраи пасошӯравӣ хонандаи худро доранд. Нашри интиқодии «Шоҳнома», ки ҷилдҳои ба мо дахлдорро М-Н. Усмонов (ҷ. VII), Р.М. Алиев (ҷ. VIII) ва А.Е. Бертельс (ҷ. IX ) дар Москва омода кардаанд, бо гузашти чанде даҳсолаҳо ҳамоно дар қатори беҳтарин нашрҳои интиқодӣ мавқеи худро нигоҳ доштааст. Лоақалл, ба он далели мантиқӣ, ки Ҷалол Холиқии Мутлақ дар мақолаи «Фирдавсӣ» қариб ҳама байтҳои далолатиро аз матни интиқодии Москва овардааст.

Аз эроншиносони худи Эрон роҷеъ ба мавзуи мо хидмати Муҳаммади Қазвинӣ, Ҳасани Пирниё, Саид Нафисӣ ва насли дигар, ба монанди Забеҳуллоҳи Сафо, Қадамалии Сарромӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Муҳаммад Амини Риёҳӣ ва дигарон шоистаи эҳтиром мемонад. Аз эрониёни насли нав мебояд, хидмати Эҳсони Ёршотир, Ҷалол Холиқии Мутлақ, Ҷалоли Матинӣ, Шаҳроми Ҷалилиён, Саҷҷоди Ойдинлу, Турачи Дарёӣ ва дигарон таъкид карда шавад.

Дар эроншиносии Ғарб вобаста ба мавзуи мо хидмати Т. Нелдеке, А. Кристенсен, Р. Фрай ва як шумор муаллифони таъриху фарҳанги бостону «Шоҳнома» мавқеи худро нигоҳ доштаанд.

Дар Тоҷикистони шуравӣ шоҳномашиносӣ, асосан, аз соли 1934 шурӯъ мешавад. Тафсилоти ин рӯйдоди муҳимми илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати РСС Тоҷикистон сурат гирифта буд, дар рисолаи номзадии Г. Шозиёева «Ташакккули фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 30-40 асри XX)» инъикоси зарурӣ пайдо кардааст.

«Шоҳнома» шояд нахустин асари бисёрҷилда мебошад, ки матни интиқодии вай дар солҳои шастуми асри гузашта дар собиқ Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон дар нӯҳ ҷилд омода ва чоп карда шуда буд.

Мактаби шоҳномашиносӣ, ки дар Тоҷикстони шуравӣ ташаккул ёфта буд, хушбахтона, дар замони пасошуравӣ нашъу намои дигар гирифт. Барои ин амр қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзҳои 8-10 сентябри соли 1994 гузаронидани Ҷашни ҳазораи «Шоҳнома» мусоидати ҷиддӣ намуд.

Дар Тоҷикистон соли сеюм аст, ки ҳамоиши илмӣ доир ба «Шоҳнома» ва шоҳномашиносӣ ҳамасола дар сатҳи байналмилалӣ гузаронида мешавад. Гузаронидани ҳамин гуна ҳамоиш, ки хусусияти фаромиллӣ дошт, дар моҳи октябри соли 2023 сурат гирифт.

Метавон гуфт, ки дар замони Исиқлолият яке аз марказҳои шоҳномашиносӣ то ҳадде ба кафедраи таърихи адабити тоҷики факултети филолгияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаштааст. Дар ин кафедра илова ба чанд диссертатсияҳои номзадӣ, як рисолаи докторӣ ҳимоя ва силсилаи пажӯҳишҳои Худойӣ Шарифов омода ва ба табъ рсидаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филолгияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва дар асоси ҳамин нақша марҳала ба марҳала иҷро шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Мақсади асосии таҳқиқ дар диссертатсияи мо баррасии масъалаи таҳаввули сужаву образҳои шоҳон ва паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти асрҳои X-XI форсу тоҷик мебошад. Баъзе сужаҳо ҳарчанд дар сарчашмаҳои гуногун мегузаранд, вале муяссар намешавад, то пайвандҳои таҳаввули онҳо ба таври илмӣ равшан карда шаванд. Масалан, образи Сосон. Дар сарчашмаҳои арабу мусулмонии асри X эҳтимол бобо ва ё бобокалони Сосон, аз рӯйи «Шоҳнома» ва «Корнома», падари Ардашерро ба ҳаҷҷи хонаи Каъба мебаранд. Боз ҳам дар асри X сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ аз тоифае ба номи бану Сосон (табори Сосон) ёд мекунанд. Ин бану Сосон тоифаи айёроне буданд, ки дар Бағдод амал мекарданд. Дертар, эҳтимол, доираи фаълияти ин тоифа паҳноҳои дигареро ҳам фаро гирифтааст. Чунончи, бино ба як дастхатти Институти шарқшиносии Тошканд, ки ба забони тоҷикӣ аз панҷ варақ иборат буда, «Китоби Сосиён» ном дорад, дар асри XIX айёрони Осиёи Миёна ҳам пири худро «Шайх Сосон» мегуфтаанд.[1] Ба мавзуи муносибати «Сосиён» ба Сосон равшание дар бахши Сосони боби якуми рисола оварда шудааст. Хулоса чунин аст, ки «сосиён», яъне гадоёну айёрон бо Сосони таърихӣ пайванде надоранд. Ба чунин масъалаҳо бояд аз назари илмӣ баҳо дод. Бинобар ин, ҳадафи асосии мо баррасии масъалаи таҳаввули симои подшоҳону паҳлавонон ва сужаҳои вобаста ба воқеаҳои достонӣ мебошанд, ки дар марҳалаи муайяни таърихӣ дар адабиёти форсу тоҷик матраҳ шудаанд. Барои ҳалли шоистаи масъала дар диссертатсия ба мулоҳизаҳои илмии муҳаққиқони «Шоҳнома» ва фарҳанги замони Сосониён ва маълумоти сарчашмаҳои юнонию суриёнию румию арманию чинию арабу мусулмонӣ такя карда шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Барои ҳалли комили мавзуъ ва мабоҳиси аслию фаръие, ки дар диссертатсия ба миён гузошта шудаанд, вазифаҳои таҳқиқ чунин муайян карда шуданд:

[1] Троицкая, А.Л. Abdoliti – Арго цеха артистов и музыкантов Средней Азии / А.Л. Троицкая // Советское востоковедение, V. – М. – Л., 1948. – С. 143.

– муайян кардан ва табақабандии сужаҳо ва образҳои марбут ба подшоҳон ва паҳлавонон дар оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии Сосонӣ (солҳои 205-379);

– таҳқиқи ҷудогонаи сужаҳои вобаста ба образҳои Сосон ва Бобак, Ардашери Бобакон ва сужаҳои вобаста ба шахсияти достонии ӯ, Шопури Арадшер, Урмузди Шопур;

– баррасии ҳамгирои сужаҳо ва образҳои Баҳроми Урмузд, Баҳроми Баҳром, Баҳроми Баҳромиён, Нарсии Баҳром, Урмузди Нарсӣ;

– таҳқиқи сужаҳои вобаста ба образи Шопури Зулактоф;

– муайян кардан ва табақабандии сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон дар марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Қубодон – Анӯшервон (солҳои 379-579);

– таҳқиқи сужаҳои вобаста ба Ардашери Некукор ва подшоҳони дигар то Баҳроми Гӯр;

– баррасии сужаҳои вобаста ба Яздгирд писари Баҳроми Гӯр ва подшоҳони дигар то Қубоди Парвиз;

– таҳқиқи сужаҳои вобаста ба образи Қубоди Парвиз, Анӯшервон ва шахсияти ӯ, образи Бузургмеҳр;

– муайян кардан ва табақабандии сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон аз подошоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579-654);

– таҳқиқи сужаҳои вобаста ба образи Ҳурмузди Анӯшервон, Баҳроми Чӯбина ва шахсияти достонии ӯ, шахсияти Хусрави Парвиз ва лаҳзаҳои достонии ҳаёти ӯ;

– баррасии сужа ва образҳои Қубоди Парвиз, Арадашери Ширӯя, Фароини Гуроз, Фаррухзод;

– таҳқиқи образи занон: Гурдия, Ширин, Бӯрондухт, Озармухт ва сужаҳои вобаста ба ҳузури достонии онҳо;

– баррасии сужаҳои вобаста ба образи Яздгирди Шаҳрёр ва фарҷоми шоҳаншоҳии Сосониён.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқ дар диссертатсия сарчашмаҳои адабию таърихии асрҳои X-XI мебошанд, ки дар онҳо воқеияти бадеии фарҳанг ва таърихи халқҳои эронӣ дар нимаи якум ва шашсаду панҷоҳ соли нимаи дуюми ҳазораи якуми мелодӣ тасвир шудаанд. Сужаҳо ва образҳои вобаста ба подшоҳону паҳлавонони сулолаи Сосониён илова бар «Шоҳнома» дар даҳҳо сарчашмаи таълифшуда ба забонҳои гуногун инъикос ёфтаанд, ки низ шомили объекти таҳқиқ дар ин диссертатсия ҳастанд.

**Предмети таҳқиқ**. Омӯзиши таҳаввули сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонони сулолаи Сосониён дар се марҳалаи таърихӣ предмети таҳқиқи диссертатсияи моро ташкил медиҳад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Мо ҳангоми навиштани диссертатсия аз таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони адабиётшиноси хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши адабиёти классикии форсу тоҷик машғул буданд ва ё мебошанд, истифода бурдаем. Зикри муҳаққиқоне, ки аз таҷрибаи онҳо истифода ба амал омадааст, бо гузоштани арҷ дар фаслҳои гуногуни рисола ва инчунин, дар китобнома оварда шудааст.

**Асосҳои методолгии таҳқиқ**. Рисола дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асари бадеӣ навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Бинобар он ки моҳияти кори моро чигунагии таҳаввули сужаҳо ва образҳо ташкил медиҳад, барои мушаххас намудани таҳаввул (эволютсия) ҳамчун сарчашмаҳои асосӣ «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, тарҷумаи озоди тоҷикии «Таърих»-и Табарӣ, ки Абуалии Балъамӣ дар Бухоро дар оғози нимаи дуюми асри X анҷом додааст, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, тарҷумаи арабии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Ғурару ахбори-л-мулуки-л-фурс ва сиярҳим»-и Саолибӣ интихоб шудаанд. Сарчашмаҳои мавриди истифодаи мо аз аср III то асри XIV навишта шудаанд.

Илова бар ин, дар диссертатсия аз корҳои муҳаққиқон низ истифода кардаем, ки бо мушаххасоти онҳо дар бахши «Китобнома» шинос шудан мумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик аввалин таҳқиқи фарогир дар масъалаи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI) мебошад, ки дар он тақрибан яксаду ҳафтоду панҷ эпизод, ки ба рафтору кирдори зиёда аз ҳаштсад персонаж ва қаҳрамон вобастагӣ дорад, баррасӣ шудааст. Чунин муносибат то ҷое ба «Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён»-и Нелдеке ва бахши Сосониёни «Ҳамосаи шоҳон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»-и Худоӣ Шарифзода монандӣ дорад. Фарқи муносибати мо аз муносибати Нелдеке дар он аст, ки ин муҳаққиқ кори худро бар пояи «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ кардааст, на «Шоҳнома». Кори Нелдеке, пеш аз ҳама, таҳқиқи таърихшиносӣ мебошад.

Навгонии дигар, дар сатҳи адабиётшиносии ватанӣ муқоиса ва истифода аз тақрибан ҳамаи сарчашмаҳои таърихию бадеию адабӣ мебошад, ки гузориши Фирдавсиро такмил медиҳанд ва ё баробари гузориши «Шоҳнома» гузинаи дигаре пешниҳод мекунанд. Масалан, гузинаи Табарӣ ва пайравони ӯ дар бораи Сосон, Бобак, Арадшери Бобакон ва дигарон. Мо он сарчашмаҳоро дар назар дорем, ки то охири асри XX ба муомилоти илмӣ ворид карда шуда буданд.

Агар аз мавқеи меъёргароӣ (canon) ба мундариҷаи «Шоҳнома» наздик шавем, ҳусни ошкор ва пӯшидаи ҳамосаи миллӣ ҷилои бештар метавонад диҳад. Масалан, чаро Рустам тоҷири намакфурӯш шуду Ардашери Бобакон бозаргони хуросонӣ, чаро Шопур Зулактофу Баҳроми Гӯр тағйири сурату сират намуда, ба нишемангоҳи душманон рафтанд, то бубинанд, ки вазъи онҳо чӣ гуна аст? Чаро Ардашеру Шопури Зулактофу Баҳроми Гӯрро аз баъзе душвориҳо духтаракон наҷот медиҳанд ва ҳоказо. Мулоҳизае пешниҳод мешавад, ки бахшҳои муайяни «Шоҳнома» ва ё манбаъҳои «Шоҳнома» аз рӯйи меъёре суруда шудаанд.

Навгонии дигар, ки мо тавонистем дар «Шоҳнома» пайхас кунем, тақрибан маълумоти, ба истилоҳи имрӯза, энсиклопедӣ мебошад, ки ҳамосаи миллӣ фаро

гирифтааст. Мо саъй кардаем, то чанде аз он маълумотро баён кунем ва шарҳ ҳам диҳем.

Диссертант илова бар образи Бобак ва Сосон, образи 26 подшоҳ ва ду шаҳбону, инчунин, се нафари дигарро, ки ба тахти подшоҳӣ нишаста буданду дар суннати сиёсии Сосониён чун подшоҳ эътироф намешаванд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар диссертатсия тамоми маводди дастраси замони подшоҳии Сосониён, бино ба таомули ҷорӣ дар пажӯҳишҳои фарҳанг ва таърихи империяи Сосониён, ба се марҳала тақсим шудааст: Марҳалаи оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳӣ (солҳои 205-379), марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Анӯшервон (379-579) ва марҳалаи таърихӣ, ки подшоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579- 654)-ро дар бар мегирад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Азбаски диссертатсия ба баррасии таҳаввули образҳо ва сужаҳо ихтисос дорад, лозим ба назар мерасад, ки тасавввури худро дар бораи ин ду мафҳум баён кунем. Образ дар асари бадеӣ тасвире мебошад, ки ба воситаи сухан ифода ёфтааст. Образҳо тавассути эпизодҳо, ки, дар навбати худ, сужаҳоро ташкил медиҳанд, офарида мешаванд. Як ё якчанд эпизод сужаи муайянро ташкил менамоянд. Маҳз сужа нақши асосиро дар офаридани образ иҷро мекунад.

2. Муаллифони сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ ва муҳаққиқон номи ҳафт худойномаро зикр кардаанд. Ба ривоятҳое худойномаи охирин «Худойнома»-и Донишвар мебошад, ки солҳои 634-642 ба замони подшоҳии Яздгирди Шаҳрёр навишта шудааст. То замони мо ягон нусхаи худойнома ба забони паҳлавӣ ва ё тарҷумаи арабӣ аз паҳлавӣ нарасидааст. Ривоятҳо дар бораи подшоҳони Аҷам, ки дар «Таърих»-и Табарӣ ва сарчашмаҳои дигар оварда шудаанд, ба навъе бозгӯе мебошанд, на тарҷума. «Ғурар ахбор мулуки-л-фурс ва сияриҳим»-и Абумансури Саолибӣ (муосири Фирдавсӣ) ҳам таълифи муаллиф аст, на тарҷума.

3. Ду пора матни дастхатти суғдӣ, ки то замони мо омада расидааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки худойномаҳоро на танҳо ба забони расмии дарбор менавиштаанд. Ин пораҳо соли 1900 ва соли 1907 дар мавзеи Дунҳуани Хитой ёфт шудаанд. Ин матнҳо, ки давоми мантиқии якдигар мебошанду на дертар аз асри I мелодӣ навишта шуда, дар бораи яке аз ҷангҳои Рустам бо девон ҳикоят мекунанд.

4. Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ хабаре дар бораи Куруши Кабир ва Дорои Бузург оварда нашудааст. Тақрибан ҳамон тартиб ва мундариҷаи таърихнигории афсонаомез риоя шудааст, ки дар «Таърих»-и Табарӣ ба мушоҳида мерасад: Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Дорои III..., Ардашери Бобакон..., Яздгирди Шаҳрёр. Аммо дар «Таърих»-и Табарӣ ишораи на чандон возеҳе ба Куруши Кабир рафтааст. Чун сухан дар бораи асирони банӣ Исроил дар Бобул ва бозгардонидани онҳо ба Байтулмуқаддас меравад, метавон таъкид кард, ки ин Куруш ҳамон Куруши Кабир аст. Табарӣ ин иқдоми Курушро бо он ваҷҳ мекунад, ки модари ӯ – Иштар яҳудӣ буд. Ба назар мерасад, ки дар бобати подшоҳони Аҷам ва хоссатан Пешдодиён, ба Табарӣ нусхае аз номаи шоҳон расидааast, ки чандон сара набудааст. Иштар (Есфир)-и яҳудӣ маликаи ҳахоманишӣ ҳам ҳаст ва дар Таврот мегузарад. Вале, бино ба маълумоти сарчашмаҳо ва таҳқиқоти муҳаққиқон, ин малика ба ҳеҷ ваҷҳ модари Куруши Кабир набуд. Пиндор, ки модари Куруш яҳудӣ буд, то Ибн ал-Балхӣ ҳам дар «Форснома» расидааст. Бино бар ҳамин пиндор Ибн ал-Балхӣ Курушро хатна ҳам кунонидааст.

5. Ба эҳтимоли қавӣ, аввалин муаллифоне, ки маълумоте дар бораи сулолаи Сосониён ва поягузори ин сулола овардаанд, таърихнигорони юнонӣ Кассий Дион (Cassii Dionis) (163-230) дар «Таърихи Рим» ва Геродиан (Herodianus) (180-250) дар «Таърихи салтанати императорӣ пас аз Марк» мебошанд, ки ишораҳое ба рӯзгор ва корзори Арадашери Бобакон кардаанд.

6. Аъёну ашрофи эронӣ табиатан шахсеро, ки хуни подшоҳӣ надошта бошад, сазовори тоҷу тахт эътироф намекарданд. Пас аз ҳуҷуми Искандар ба Эрон ва гузаштани тақрибан панҷсад сол дар музофоти Форс қувваҳое пайдо

мешаванд, ки мехоҳанд шоҳаншоҳии пешинро барқарор кунанд. Ин ҷо як масъалаи душворе ба миён меояд: Шахсеро, ки «хуни подшоҳӣ» дошта бошад, чӣ гуна биофаранд?

7. Ихтиёри сиёсатмадорони Форс дар «Шоҳнома» ва «Корнома»-и Ардашери Бобакон ба чӯпоне бо номи Сосон меафтад, ки пас аз Баҳман – падари Ҳумой рӯ ба гурез ниҳода буд. Гӯё ба Ҳиндустон. Писари панҷум ё шашуми ҳамин чӯпон ба Форс бармегардад ва боз чӯпонӣ мекунад. Дар ҳамин ҷо унсури ирратсионалӣ ба сюжет такони дигаре медиҳад. Бобак хобҳо мебинад ва муфассирони хоб таъбир мекунанд, фарзанде, ки аз ин чӯпон таваллуд мешавад, ҷаҳонгир хоҳад шуд. Ардашери Бобакон гӯё аз камари Сосону духтари Бобак ба дунё меояд. Чунин гузинаро муаллифи асри VI юнонӣ Агафий қабул надорад ва бо таҳқире гузинаи дигарро ба қалам медиҳад. Вай менависад, ки чун Бобак духтар ва хоҳар надошт, бистари худро ба Сосон вогузор мекунад ва Ардашер таваллуд мешавад.

8. Муаллифони арабу мусулмонӣ аз ривояти Фирдавсию «Корнома» пуштибонӣ намекунанд. Бино ба ахбори Табарӣ, Бобак марзбони Форс буд, Сосон паҳлавон ва ҳамзамон посдори оташкадаи Ноҳид дар Истахр. Нақши Сосон дар сагнигорае омадааст ва гуфта мешавад, ки ӯ «худой» – амир буд.

9. Таърихан то рӯйдод чун ғасби (узурпатсия) подшоҳӣ дониста нашавад, пиндори «ба ҳақ расидани ҳақдор» зуҳур мекунад. Зуҳури Сосону таваллуди Ардашер дар тасаввурҳо масъалаи ғасбро аз байн мебарад. Мантиқан, идеяи эҳёи подшоҳии каёнӣ ба Бобак тааллуқ дорад. Сосон персонаже мебошад, ки «хуни подшоҳӣ» дорад ва ба шоҳаншоҳии Сосонӣ қонуният (легитимизатсия) медиҳад, Ардашери Бобакон сиёсатмадоре мебошад, ки шоҳаншоҳии Сосониро сохтааст.

10. Сохтори бахши Сосониёни «Шоҳнома», ки қисмати таърихии ҳамосаи миллӣ ҳам мегӯянд, аслан, рӯйдодҳои рӯзгори подшоҳии ин ё он шоҳаншоҳро фаро мегирад. Бино ба ахбори «Шоҳнома», ба тахти салтанат аз соли 224 то соли 651 бисту ҳашт нафар нишаста буданд, ки хуни подшоҳӣ доштанд.

11. Образи Ардашер дар сарчашмаҳо ва «Шоҳнома» бештар чун сипаҳсолор ва марди набард тасвир ёфтааст. Аз шахси Ардашери Бобакон ба замони ислом

образи сиёсатмадор, пуштибони дини зардуштӣ, ғамхори осори фарҳангӣ, динӣ ва илмии ниёгонро ҳам сохтаанд. Дар «Аҳд Ардашер», ки ба Ардашери Бобакон нисбат медиҳанд, дар «Тоҷнома» ва сарчашмаҳои дигари арабӣ, ки агар тарҷума аз паҳлавӣ набошанд ҳам, пояҳои паҳлавӣ доранд, андешаҳои Ардашери Бобакон дар бораи давлатдорӣ баён шудаанд. Баъзе андешаҳои ӯ то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд. Ардашер дар таърихи афкори сиёсии ниёгони мо шояд нахустин подшоҳе бошад, ки балои азалии кишварҳои рӯ ба тараққӣ – хешовандсолориро (непотизм) ташхис намуда, аз нигоҳи асри III мелодӣ, давое ҳам пешниҳод карда бошад.

12. Шопури Зулактоф (Шонашикоф; Шопури II) шоҳаншоҳе мебошад, ки аз ҳама шоҳаншоҳони Сосонӣ бештар – ҳафтоду ду сол подшоҳӣ кардааст. Образи ин шоҳнашоҳ чанд уъҷубаҳо дорад. Тоҷи подшоҳиро ҳамон вақт ба «сари ӯ мегузоранд», ки ӯ ҳануз дар батни модараш буд. Шопури II, танҳо ба ривояти «Шоҳнома», нахустин шоҳаншоҳи Сосонӣ буд, ки ба ҳуҷуми амири араб Тоир дучор меояд. Кор ба ҷое мерасад, ки сипоҳиёни араб Мадоинро ғорат мекунанд ва ҳатто аммаи Шопурро ба асорат мебаранд. Шопур чун ба балоғат мерасад, қасоси сахте аз арабҳо мегирад. Шопур II нахустин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки бо тағйири сурат ба Рум меравад ва асири қайсари Рум ҳам мешавад. Зикри се шоҳаншоҳи Сосонӣ: Шопури I, Шопури II ва Яздгирди I, инчунин, баъзе хабарҳо дар бораи онҳо дар Талмуд китоби аҳком ва ривоятҳои дини яҳудӣ низ оварда шудааст.

Дар замони подшоҳии Шопури II, дар ривояти Фирдавсӣ, Монӣ зуҳур мекунад. Таълимоти Монӣ муваффақият пайдо намекунад ва худи ӯ ба дор кашида мешавад.

13. Баҳроми Гӯр, яқинан, аз он подшоҳони Сосонӣ мебошад, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик мавриди таваҷҷуҳи бештари адибон қарор гирифтааст. Илова бар «Шоҳнома», дар бораи шахсияти воқеӣ ва ё бадеии ин шоҳаншоҳ Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдибеки Шерозӣ достонҳои ҷудогонае навиштаанд.

14. Пирӯзи писари Яздгирди II дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» ягона шоҳаншоҳ мебошад, ки дар ҷанг бо душманон кушта мешавад. Чун ба ҷойи падар Балоши хурдсол подшоҳ мешавад, ба зиммаи сипаҳсолори шерозӣ – Суфарой сарпарастии подшоҳ ва нигаҳбонии подшоҳиро мегузоранд. Суфарой нахустин гурде ва лашкардоре мебошад, ки то бахши «Подшоҳии Балош ва Қубод» дар «Шоҳнома» ба риштаи тасвир кашида шудааст. Суфарой ба қасоси хуни Пирӯз ба ҷанги ҳайтолиён меравад ва аз ҷанг бо пирӯзӣ ва озод кардани асирони эронӣ, аз ҷумла Қубод бармегардад. Маъракаи, дар тасвири Фирдавсӣ, басо хунин дар Пайканди Бухоро мегузрад. Пас аз бозгашт, Суфарой тамоми кори давлатдориро ба дасти худ мегирад.

Чунин вазъият наметавонист дер давом кунад. Суфарой, ки бо хоҳиши худ ба Шероз баргашта буд, ба Мадоин бозхонда мешавад. Бо талошҳои Шопури Розӣ аз хонадони Меҳрон ва ризои шоҳаншоҳ Суфаройро ба қатл мерасонанд. Қатли Суфарой сабаби исёни саросарӣ мешавад. Қубодро аввал банд мекунанд, сипас шароит фароҳам меоранд, ки ба паноҳи боз ҳамон ҳайтолиён фирор кунад. Қубоди Пирӯз, дар нигориши Фирдавсӣ, пас аз Баҳроми Гӯр дувумин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки бо пуштибонии бевоситаи аскарии кишвари бегона дубора ба сари тахт нишастааст. Образи Суфарой тақрибан ба монанди образи Баҳроми Чӯбина офарида шудааст. Фарқи асосии Суфарой аз Баҳроми Чӯбина дар он аст, ки ӯ ҳарчанд зимоми корҳои мамлакат дар дасташ буд, чун Баҳром даъвои подшоҳӣ накардааст.

15. Дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар ба мавзуи Маздак ва таълимоти ӯ эътибори шоистае дода шудааст. Ба қавли Абуҳанифаи Диноварӣ, зуҳури Маздак дар соли бистуми подшоҳии Қубод сурат гирифтааст. Фирдавсӣ Маздакро бо сифатҳои «Сухангӯю бодонишу рою ком» тасвир мекунад. Қубод чанде зери таъсири ақидаҳои Маздак мемонад ва ӯро ҳатто вазири худ таъйин менамояд. Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» куштори маздакиёнро ба замони подшоҳии Анӯшервон нисбат медиҳад ва меоварад, ки чун Анӯшервон ба тахт нишаст, «ҳаштод ҳазор нафар аз маздакиёнро дар як рӯз бикушт». Абуҳанифаи Диноварӣ низ дар «Ахбору-т-тивол» куштори маздакиёнро ба

замони Анӯшервон нисбат медиҳад ва мегӯяд, Маздакро «бикушт, чормехаш кард ва ҳам ҳама гаравидагони мазҳаби ӯро низ бикушт». Ибн ал-Балхӣ дар «Форснома» менависад, ки Анӯшервон Маздакро шахсан мекушад. Бино ба қавли муаллифи «Форснома», Анӯшервон медонист, ки Маздак ва тарафдорони ӯ ба қувваи қобили мулоҳизае табдил ёфтаанд ва ақида дошт, ки «ин мард табааи бисёр ва шавкати тамом дорад ва ӯро ҷуз ба макр ҳалок натвон кард». Куштори Маздак дар маросими зиёфати рӯзи Меҳргон сурат гирифта буд. Куштани меҳмони зиёфат, албатта, ба эътибори шоҳаншоҳ халале ворид мекунад. Вале Ибн ал-Балхӣ раво дидааст, ки маҳз ҳамин сиға пешниҳод карда шавад.

16. Бахши «Подшоҳии Хусрави Анӯшеравон» калонтарин бахши қисмати Сосониёни «Шоҳнома» мебошад. Номи Хусрави Анӯшервон дар ҳар се матни интиқодии мавриди истифодаи мо дар навишт ва қироати арабӣ Кисро Нӯшинравон омадааст. Ин шахсият ягона валиаҳде мебошад, ки, ба ривояти Прокопий, шоҳаншоҳ Қубод хостааст, қайсари Рум ӯро бо паймоне ба писархондагӣ қабул кунад. Ин ҷо мо метавонем ҳамон суннати сиёсатҳои хориҷиро бинем, ки дар Хитои қадим маъмул буд. Императорони Хитой то ин ки пеши ҷангҳо гирифта шавад, як паймоне доштанд, ки номи онро «паймон дар бораи сулҳ ва хешовандӣ» меномиданд. Ҳамин таҷриба дар Рум ва дар Эроншаҳр ҳам будааст. Тақозои писархонадгии Анӯшервон, Сапенуди шаҳбонуи Ҳиндро ба занӣ гирифтани Баҳрои Гӯр, духтари хоқони Туркро ба занӣ хостани Анӯшервон ва ғайра метавонанд ба ҳамин анъана далолат кунанд. Анӯшервон ягона шоҳаншоҳи Сосонӣ мебошад, ки дар сарчашмаҳо ва адабиёти классикии форсу тоҷик аз симои ӯ образи подшоҳи одилро сохтаанд. Решаҳои ин тасаввур ба қавли Пайғамбари ислом (с) мерасад, ки ба дурустии ин қавл имом Муҳаммади Ғаззолӣ шубҳа накардааст.

Дар замони подшоҳии Анӯшервон дар матни «Шоҳнома» зуҳури Бузургмеҳри Бахтакон тасвир ёфтааст. Мавзуи Бузургмеҳр ва пандҳои дарозо дарози ӯ чандон мавзуи бебаҳс нест. Фирдавсӣ дар бобати Бузургмеҳр, ба қавли Ҷалол Холиқии Мутлақ, чун «амонатдор» ҳар он чӣ дар сарчашмааш буд, ба риштаи назм кашидааст. Бузургмеҳр, ки дар «Шоҳнома» зодаи Марв аст, дар

ниҳояти кор ба уқубати Анӯшервон гирифтор ҳам мешавад. Вале дар «Шоҳнома» мавқеъ ва эътибори Бузургмеҳр боз барқарор мешавад. Дар сарчашмаҳои дигар Бузргмеҳр ба фармони шоҳпаншоҳ кушта мешавад.

Дар бахши «Подшоҳии Анӯшервон»-и «Шоҳнома» чанде аз сюжетҳо ба Ҳинд бастагӣ доранд. Аз ҷумла, қиссаи овардани китоби «Калила ва Димна», шоҳмот ва бурдани нард.

17. Ҳурмузди IV, писари Анӯшервон падари Хусрави Парвиз ва худи Хусрави Парвиз подшоҳоне мебошанд, ки фарҷоми фоҷиавӣ доранд. Ҳурмуздро муқаррабонаш кӯр мекунанд, Хусрав бо салоҳдиди писараш – Ширӯя кушта мешавад.

Хусрави Парвиз ва ҳамсари дигари ӯ Ширин образҳое мебошанд, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик ва адабиёти халқҳои ҳамсоя мавқеъ ва шуҳрате доранд. Дар ономастикаи забони тоҷикӣ номҳои Хусрав, Ширин ва Фарҳод номҳои густардае ҳастанд.

18. Инқирози шоҳаншоҳии Сосонӣ, бевосита, пас аз куштори Хусрави Парвиз ба соли 628 авҷ мегирад. То соли 637 – соли суқути Мадоин ва фирори Яздгирди Шаҳрёр ба Марви Хуросон чанд подшоҳ, аз ҷумла ду шаҳбону, ба сари қудрат омаданду рафтанд. Подшоҳии ҳаждаҳсолаи Яздгирд саропо аз шикастҳои сиёсӣ ва низомӣ иборат буд. Яздгирд соли 651 дар Марв кушта мешавад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он мушаххас мешавад, ки масъалаҳои назарии матраҳ дар диссертатсия, баҳсҳои ҷузъҳои таркибии бобу фаслҳо ва равишҳои баррасии истифодашуда дар он паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро густариш дода, заминаи мусоидро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбут ба таҳаввули сужа ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар асарҳои манзуму мансури адабию таърихии асримиёнагӣ фароҳам меоваранд. Натиҷаҳо ва равишҳои пажӯҳишии мавриди назари муаллифро дар таҳқиқоти дигар образҳои бадеӣ дар паҳнои адабиёт ҳам метавон истифода кард.

Аҳамммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводди фароҳамомада дардиссертатсия ва хулосаю натиҷаҳо, ки ба даст омадаанд,

метавонанд дар рафти таҳлилу таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои вобаста ба омӯзиши сужа ва образҳо, навиштани диссертатсияҳо дар мавзуъҳои ҳамгун мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, маводд ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои донишҷӯён аз фанни таърихи адабиёти форсу тоҷик метавонанд истифода шаванд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои шиносномаи ихтсоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Диссертант бо истифода аз равишҳои ҷадиди таҳқиқ, ки дар адабпажӯҳии ҷаҳонӣ маъмул аст, бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба таври комплексӣ масъалаҳои вобаста ба таҳаввули сужа ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонони Сосониро дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст кардааст. Масъалаҳо вобаста ба паҳлуҳои гуногуни бадеӣ, ғоявӣ ва маърифатии инкишофи сужаҳо ва таҳаввули образҳо дар сарчашмаҳо, пеш аз ҳама «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро, инчунин, таълифоти дар заминаи ҳамин мавзуъ анҷом додааш, ки дар қолаби мақолаҳои илмӣ чоп шудаанд, ба намоиш мегузоранд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2017-2024), аз ҷумла симпозиуми байналмилалии илмӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ (Душанбе, 9-10-уми октябри соли 2023), конференсияи ҷумҳуриявии «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» (Бохтар, 21-уми декабри соли 2023) ва конференсияҳои байналмилалии «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол» (Душанбе, 14-уми марти соли 2024), «Дурнамо ва тамоюлҳои журналистика, филология ва лингводидактика» (Душанбе, 24

октябри соли 2024), ««Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ» (Душанбе, 27-28-уми ноябри соли 2024) ва «Мақоми Мавлонои Балхӣ дар фарҳангу адаби милливу умумибашарӣ» (Бохтар, 13-14-уми декабри соли 2024) маърузаҳо пешниҳод кардааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси № 8 аз 27.12.2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (бахши илмҳои филологӣ), «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», «Номаи Донишгоҳ», «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» ва «Паёми Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» чоп шудаанд, ки шуморашон шонздаҳ адад мебошад. Инчунин, шаш мақолаи дигар дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Бобҳои диссертатсия вобаста ба образҳои подшоҳон ба фаслҳо ва фаслҳо дар робита бо сужаҳо тасниф шудаанд.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 444 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

# БОБИ I

# СУЖАҲО ВА ОБРАЗҲОИ ПОДШОҲОН ВА ПАҲЛАВОНОН ДАР ОҒОЗИ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ПОЙДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН (СОЛҲОИ 205-379)

Масъалаҳои асосӣ ва қобили таваҷҷуҳ, ки дар ин боб мавриди баррасӣ қарор мегиранд, пеш аз ҳама, ҷараёни ба сари қудрат омадани шоҳаншоҳии Сосонӣ мебошад. Дар кӯшиши таҳқиқи ин масъалаҳо диққати асосӣ ба ташаккули ғояи барпо ва устувор намудани шоҳаншоҳии Сосониён аз подшоҳии Ардашери Бобакон то ниҳояти подшоҳии Шопури II дода шудааст. Дар ин боб вобаста ба рӯзгори подшоҳон, дар асоси «Шоҳнома» дар муқоиса бо сарчашмаҳои дигар, чанде аз мавзуъҳои таърих ва фарҳанги халқҳои эронӣ низ мавриди таҳлили адабӣ қарор гирифтаанд.

Илова бар ҷангҳои доимии Эрону Рум, ҳамчунин, таваҷҷуҳ ба муносибатҳои Мадоин бо қисматҳои Шимолу Ғарб ва Шарқи шоҳаншоҳӣ дода шудааст. Дар ҳамин боб масъалаи шаккокии қабилаҳо ва аморатҳои араб ба муқобили Сосониён низ мавриди назар аст. Чунонки дар мавридаш хоҳад омад, шаккокии амири Палмира (Тадмур) ба муқобили сипоҳи Шопури I дар сарчашмаҳои дигар мегузарад, аммо ҳамлаи арабҳо ба самти соҳили чапи дарёи Фурот танҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ оварда шудаанд.

Дар боби якуми «Шоҳнома» рӯзгори нуҳ подшоҳ, ки баррасӣ шудаанд, ғолибан дар қолаби каломи бадеъ гуфта шудааст. Маълумоти сарчашмаҳо аз ҳамдигар фарқҳо доранд, ки ба ин фарқҳо ишораҳо хоҳад шуд.

## 1.1. Сужа ва образҳои Сосон ва Бобак

Сосон дар қисмати Ашкониёни бахши Сосониёни «Шоҳнома», ки ҳамон пешомади достони подшоҳии Ардашери Бобакон аст, панҷ бор зикр шудааст. Дар байти 70-и ҳамин қисмат, бино ба матни интиқодии Москва, маъние

мегузарад, ки аз маъниҳои қисмати бевосита вобаста ба Бобаку Ардашери «Шоҳнома» фарқи казоӣ мекунад. Ин фарқ дар сарчашмаҳои дигар ҳам, аз ҷумла, дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома» мегузарад, ки дар зер ишора хоҳад шуд. Ба далолати байти 70 ва давоми вай, Сосон писари Дорои III мебошад ва чун кушта шудани падарашро ба дасти сипоҳиёни Искандар мебинад, ба Ҳиндустон фирор мекунад. Фирдавсӣ ин Сосонро «хирадманду ҷангӣ...» гуфта сифат ҳам кардааст ва ишора, ки: «Ба Ҳиндустон дар ба зорӣ бимурд» [Фирдавсӣ М.1968-7, с.116-117][1]. Дар байтҳои дигари ҳамин матни Москва Сосонро хоб дидани Бобак зикр мешавад. Ин эпизод ба пазируфта шудани Сосон, ки гӯё аз аберахҳои Сосони Доро мебошад, аз ҷониби Бобак тамом мешавад [Фирдавсӣ М. 1968-7, с.116-118].

Дар қисмати «Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон» Сосон як бор ва дар бахши «Подшоҳии Ҳурмузд» як бори дигар зикр шудааст. Мо ба зикри Сосон дар бахши «Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон» таваққуф хоҳем кард. Дар бахши «Подшоҳии Ҳурмузд» ишора шудааст, ки душмани ӯ Совашоҳ таҳдид мекунад, то на танҳо Ҳурмузд, балки ҳама табори Сосонро решакан хоҳад кард [Фирдавсӣ 1970-8, с.420]. Дар қисмати «Подшоҳии Хусрави Парвиз» азбаски он ҷо «мунозира»-и Хусраву Баҳроми Чӯбина мавқее дорад, Сосон ҳашт бор зикр шудааст. Дар «мунозира» Баҳром таъна мезанад, ки Сосон шубону шубонзода мебошад. Дар ҷавоб Хусрав мегӯяд, ки тоҷи бузургиро ба Сосон Доро супорида буд [Фирдавсӣ 1971-9, с.36]. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, мусаллам аст, ки ягон Доро ба ягон Сосон «тоҷи бузургӣ» насупорида буд.

Номи Сосон чун номи писари шоҳаншоҳи нимафсонавии Каёнӣ Баҳман, бино бар инъикоси хабар дар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ва «Шоҳнома», дар хотираи таърихию асотирии халқҳои эронӣ бори нахуст ба замони подшоҳии Баҳмани Исфандёр ёд шудааст [Фирдавсӣ Д.1965-6, с. 470]. Ба қавли Абуалии Масъудӣ дар «Муруҷ-уз-заҳаб», «модари Сосони Акбар аз асирони банӣ Исроил духтари Сонол буд» [Масъудӣ 1973, с. 248, 271].

---

[1] Дар ирҷоъҳои диссертатсия баъд аз исми Фирдавсӣ ҳарфи "Д" ба матни интиқодии Душанбе, ҳарфи "М" ба матни интиқодии Москва ва ҳарфи "Т" ба матни чопи Теҳрон далолат мекунад. Шумораҳое, ки баъд аз соли нашр дар ин маврид ва баъзе сарчашмаҳои дигар бо нимтире меоянд, ба ҷилди асар ишора доранд.

Асорати Бобул рӯйдоди маъруфе дар таърихи яҳудиён мебошад, ки ҳангоми подшоҳии Бухтуннаср (Навухудоносори II 605-562 то милод) аз соли 597 то соли 539 сурат гирифтааст. Ҳарчанд андаке дертар Куруши Кабир (559-530) тоифае аз яҳудиёнро ба ватани онҳо – соҳили ғарбии баҳри Мурда (Канъон) баргардонида буд, ҳамоно тоифаи қобили мулоҳизаи яҳудиён дар Бобул монда буд. Дар географияи асотирии халқҳои эронӣ Бобул ва хоссатан, Саводи Ироқи имрӯзаро «Дили Эроншаҳр» мегуфтанд.

Хабари Абуалии Масъудӣ дар бораи табори яҳудии Сосони таърихӣ ё пиндорӣ, чунонки ишора хоҳад рафт, инъикосе аз ҳамон сужаҳо метавонад бошад, ки дар бархе аз сарчашмаҳои жанри адаб ва ё «таърихӣ»-и исломӣ доир ба пайванди подшоҳони Эрони бостон ва ё Сосонӣ ба қавми яҳуд зикр шудаанд. Ин пайванд дар сарчашмаҳои яҳудӣ низ инъикосе қобили мулоҳизае дорад. Чунончи, дар Таврот, дар Китоби Есфир (Истар) омадааст, бону Есфир зодаи Шуш (Сузы), ки дар ривоятҳои яҳудӣ зани басо шинохта ҳам ҳаст, зани подшоҳи Ҳахоманишӣ Артаксеркси I (Ардашери I – 464-424) писари Ксеркси I (Хишоёршо – 486-464) будааст [Книга Есфирь, с.4]. Кор ба ҷое расидааст, ки муаллифи тоҷики сарчашмаи деринатар Ибн ал-Балхӣ (асри XII) модари Куруши Кабирро ҳам яҳудӣ мегӯяд ва менависад: «Ва модари ин Кируш духтари яке буд аз анбиёи банӣ Исроил». Чун муҳаққиқони таърихи бостон дар бобати табори Куруш ғолибан гузинаи Геродотро пуштибонӣ мекунанд (писари Мандана духтари Астиағ, подшоҳи Мод), мо намедонем, ки Ибн ал-Балхӣ чӣ гуна модари Курушро аз духтарони анбиёи банӣ Исроил гуфта ва ҳатто Курушро хатна ҳам кунонидааст [Ибн ал-Балхӣ 2007, с 53-54].

Бино бар қавли Тураҷи Дарёӣ, дар рисолаи паҳлавии ҷуғрофии «Шаҳристонҳои Эроншаҳр» маълумоте омадааст, ки «Шаҳристони Хоразмро Нарсии яҳудзода сохт», «Шаҳристони Шуш ва Шуштарро Шешендухт, зани Яздгирди писари Шопур сохт. Ӯ духтари Exciarch (ба яҳудӣ Resh Galuta) – подшоҳи яҳуд ва модари Баҳроми Гӯр буд». Ин ҷо месазад ишора кард, ки дар тарҷумаи ибораи ибронии (яҳудии) Resh galuta қалам лағжидааст. Ибораи Rehs galut (сарвари ҷолия) бояд «сарвари тоифа» тарҷума шавад, на «подшоҳи яҳуд»,

зеро яҳудиён, ҳеҷ не пас аз Искандар дар ҳеҷ ҷо подшоҳӣ надоштанд [Iranicaonine; Дарёӣ 2002, с.179].

Аммо ба нақл аз Владимир Лившиц, Тураҷи Дарёӣ менависад, дар хумпорае (ostraca-остракон) дар ҷануби Туркманистон катибае бо ҳаккокии ssn кашф шудааст. Ин катиба метавонад Soson хонда шавад, ки маънии Худоро дорад. Остракон моддае буд, ки дар замонҳои қадим барои китобат истифода мекарданд. Дарёӣ ба нақл аз Мартин Шварц боз меоварад, ки Худое бо номи Sesen яке аз Худоёни сомии қадим дар Угарит – шаҳраки бостоние дар наздики Лозиқияи Шом, ки дар ҳазораи дуюми пеш аз мелод будааст, низ кашф шудаааст. Дар давоми ҳамин мулоҳиза ӯ қайд мекунад, ки дар асри I мелодӣ дар Таксила (минтақаи Панҷоби Ҳинд) сиккае ба номи Sasa ёфт шудааст, ки бино ба нақши кулоҳ, ки ба кулоҳи Шопури I-и Сосонӣ монанд аст, ин Sasa низ ба Soson метавонад пайванде дошта бошад. Ҳамчунин, сиккаҳое бо номи Farn-Sasan дар Арахозия (ҷанубу шарқи Афғонистон ва ғарби Покистон) пайдо шудаанд, ки метавонанд ба Сосон далолат кунанд. Профессор Gignoux мулоҳиза пешниҳод кардааст, ки Сосон дар паҳноҳои Осиё Худои шинохтаи Нигаҳбон аз ҷодуҳо буд. Ин мулоҳизаро нақши ангуштарие тақвият медиҳад, ки дар он, аз ҷумла, чунин ҳаккокӣ шудааст: «sasan ham sasan I bay ud sasan pasban – эй Сосон, худи Сосон, ки ӯ Худост ва Сосон посбон» [Daryae 2010, с.241-242]. Ниҳоят, дар китоби «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайбаи Диноварӣ омадааст, ки куняи Ҳузайн ибни ал-Мунзир яке аз шоироне, ки ба дарбори Муовия (661-680) дар Димашқ равуо дошт, Абу Сосон буд [Ибни Қутайба 2011, с.94].

Мо метавонем мулоҳизаҳои муҳаққиқони шинохтаро дар бораи дорандаи номи Сосон қабул кунем, вале наметавонем бигӯем, ки ин ҳамаро ба номи сулола ва насаби Ардашери Бобакон чӣ гуна бипайвандем? Аз асорати Бобул, агар гӯем, ки модари Сосони Акбар – писари шоҳаншоҳи нимафсонавӣ Баҳмани Исфандёр ба табор яҳудӣ буд, то зодани Ардашери Бобакон на камтар аз ҳафтсад сол гузаштааст. Вале саволҳое ба тариқи гузориши масъала пешниҳод кардан мумкин аст. Нахуст, устураи ба Ҳинд паноҳ бурдани Сосони Акбар чӣ поя дорад? Масъудӣ, чунонки ишора хоҳад шуд, чаро навиштааст, ки Сосон ва гузаштагони

ӯ хонаи Каъбаро зиёрат мекарданд ва гӯё номи чоҳи муборaки Замзам аз замзами Сосон ба маънои бастаи ниёиш гирифта шуда бошад. Ин ҷо чун номи чоҳи Замзам зикр шудааст, сухан, бешубҳа, дар бораи Каъбаи Мушаррафа меравад, ки дар Маккаи Мукаррама мебошад. Дар зеҳни мо ҳаст, ки арабҳои ҷоҳилия дар мавзеъҳои гуногуни нимҷазираи Араб зиёда аз бист каъба доштанд. Яке аз онҳо каъбаи Зу-л-Халаса, воқеъ дар ҷануби нимҷазира (минтақаи ал-Биша) алорағми фатвоҳои поягузори ҷараёни ваҳҳобияи мазҳаби имоми Ҳанбал – Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1792) то соли 1925 мавзеи зиёрати баъзе аз қабилаҳои араб буд.

Дар «Таърихи Арманистон»-и Мовсес Хоренатси (а. V) номи Сосон чун падари Ардашери Бобакон ду бор дучор меояд [Хоренатси 1990, с.111]. Дар «Андар подшоҳии Юстиниан»-и Агафий маълумоти муфассалтаре дар бораи муносибати ӯ бо Бобак оварда шудааст, ки ба он дертар руҷуъ хоҳем кард.

Ба ривояти Табарӣ [Табарӣ 1979-1, с.568-569], Абумансури Саолибӣ [Саолибӣ 1963, с.390], Ибн ал-Балхӣ [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.15] Ибн ал-Асир [Ибн ал-Асир 1965-1, с.279] чун подшоҳӣ ба Сосон намерасад, ӯ тарки дунё мекунад, зоҳид мешавад ва ё чӯпон. Чӣ гуна Табарӣ ва Ибн ал-Асир нисбат ба рафтори Сосон феъли تزهد – «зоҳид шуд»-ро ихтиёр кардаанд, мо намедонем. Гуфтан, ки ин ду аллома намедонистанд, ки ба оини зардуштӣ зуҳд бегона буд, носазо ба назар мерасад. Зуҳд, ба назари ҳама муҳаққиқон, ба оини зардуштӣ бегона мебошад [Пирниё 1965-3, с.2198; Дорошенко 1982, с.28]. Фирдавсӣ ва Саолибӣ нанавиштаанд, ки Сосон зоҳид шуд. Масъала чандон равшан ҳам нест, зеро, ба қавли муаллифи дебочаи «Номаи Тансар» – Муҷтабои Минавӣ, худи Тансар, ки мартабае дар назди Ардашер дошт, зоҳид буд. Эҳтимол барои он ҳам зоҳид буд, ки гаравидаи мазҳаби афлотунӣ буд [Номаи 1975, с.5].

Мо аз ворид шудан ба баҳси вазири (дабири) кадоме аз подшоҳони Сосонӣ будани Тансар худдорӣ мекунем. Дар ин росто мо моил ҳастем қавли Масъудиро дар «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф», ки Ардашер زهد فی الملک гуфтааст, чун «аз подшоҳӣ канора гирифт», тарҷума кунем на «зоҳид шуд» [Масъудӣ 1893, с.100]. Чунки чунин тафсир ба воқеияти нимафсонавии поёни подшоҳии Ардашер мухолифат

намекунад, зеро Ардашер, ба ҳама қавлҳо дар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ва хулосаҳои муҳаққиқон, чанде пеш аз вафот подшоҳиро ба Шопури писараш супорида буд. Масалан, ҳамин нуктаро аз муаллифони деринатар Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» зикр намудааст [Гардезӣ 2014, с.72].

Дар ин бобат ба мушоҳида мерасад, иқдоме, ки Ардашер дар поёни умр кардааст, шояд ба ҳукми меъёргароии таърихнависӣ ва ё афсонапардозӣ, ки дар сарчашмаҳои мо тақрибан синонимӣ ҳам мебошанд, параллелҳо дорад. Шояд аввалин подшоҳи нимафсонавии каёнӣ, ки тарки подшоҳӣ ва дунё карда бошад, Кайхусрав писари Сиёвуш буд [Табарӣ 1979-1, с.515-516; Балъамӣ 2001-1, с 367; Саолибӣ 1963, с.139-140]. Дар достони муаллифи миёнаҳои асри XI Фахриддини Гургонӣ «Вис ва Ромин», ки дар руҳияи оини зардуштӣ ва ё ба таъбири Фирдавсӣ, «Бад-он дин, ки хонӣ варо паҳлавӣ» [Фирдавсӣ Д. 1965-6, с.470.] навишта шудааст, Ромин се сол пас аз вафоти Вис подшоҳиро ба писараш вогузор намуда, тарки дунё мекунад:

Фуруд омад зи тахти хусравонӣ,
Ба дахма шуд ба тахти онҷаҳонӣ.
Дар оташгаҳ муҷовир гашту биншаст,
Дили покиза бо Яздон бипайваст [Гургонӣ 1996, с.450].

Сосон, ба нигориши Фирдавсӣ, чун Баҳман духтараш Ҳумойро, ки номи Чеҳрзод ҳам дорад, валиаҳд мекунад, озурда мешавад ва ба сӯйи Нишопур рафта, чанд гала аз подшоҳи Нишопур мегирад ва ба бонуе аз нажоди каён хонадор мешавад. Дар «Бундаҳишн» оид ба подшоҳии Баҳман ва интихоби Ҳумой гузинаи андаке дигар омадааст: «...чун шоҳӣ ба Баҳмани Исфандиёр расид, (Эроншаҳр) вайрон шуд. Эрониён ба дасти худ нобуд шуданду аз тухмаи шоҳӣ кас намонд, ки шоҳӣ кунад. Эшон духти Баҳманро ба шоҳӣ нишонданд» [Бундаҳишн 2013, с.128]. Ин гузина пиндори иқдоми тарки даъвои салтанат кардани Сосонро андаке халалдор мекунад, вале ҳақ дорад, ки бошад. Ибораи «Бундаҳишн» – «аз тухмаи шоҳӣ кас намонд», эҳтимол бояд «мард намонд» фаҳмида шавад.

Ҳамин гуна аҳвол дар арафаи инқирози шоҳаншоҳии Сосониён низ рух дода буд. Чун Ширӯя, ба ривояти Фирдавсӣ, мефармояд понздаҳ тан аз бародарони худро кушанд, пас аз марги Ширӯя марде намемонад, ки подшоҳаш кунанд. Ночор аъёни шоҳаншоҳӣ розӣ мешаванд, ки Пӯрондухтро ба тахти подшоҳӣ бинишонанд... Барои мӯбадони замони ислом – солҳои тадвин ё таълифи «Бундаҳишн», пахш кардани хабар, ки писари Ҳумой шоҳаншоҳи оянда аз камари падари Ҳумой рӯида буд, ба эътибори оини зардуштӣ футуре метавонист расонад. Абуалии Балъамӣ аз тафсили саргузашти Сосон дар рӯзгори Баҳман худдорӣ намуда, танҳо зикр кардааст, ки Сосон писари Баҳман мебошад [Балъамӣ 2001, с.394]. Ба қавли Ибн ал-Балхӣ: «Чунин ривоят аст, ки Баҳманро писаре буд, номи вай Сосон. Чун Баҳман подшоҳӣ духтарро дод, вай нангаш омад аз ин кор, ҷои дур бирафт ва насаби хеш пӯшида кард ва гӯсфанде чанд ба даст овард ва ҳамедоштӣ, то ба Ҳиндустон андар бимурд. Ва аз вай писаре монд, ҳам Сосон ном буд. То панҷумин писар ҳамчунон Сосон ном ҳамениҳоданд. Ва рӯзгор андар меҳнат ва шубонӣ кардан ҳамегузоштанд, то Бобак подшоҳи Истахр хобҳо дид» [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.68].

Ин ҳикоят дар чанде сарчашмаҳо, аз ҷумла дар «ал-Ахбор-ут-тивол»-и Абуҳанифаи Диноварӣ (ваф.895) ҳам омадааст. Диноварӣ ишора намудааст, ки Сосон баъд аз тарки даргоҳи падар бо курдон пайвасту чӯпонӣ ихтиёр кард. Ба қавли ӯ, «бинобар ин, авлоди Сосонро то имрӯз ба чаронидани гӯсфандҳо таъна мекунанду Сосони курд ва Сосони чӯпон мегӯянд» [Диноварӣ 1911, с.28]. Ин қавли Диноварӣ, ба эҳтимоли қавӣ, дар хотираи таърихии эрониён сахт нишаста будааст. Чунончи, Ардавони V, вопасин подшоҳи Ашконӣ ҳамон тавре, ки зикраш хоҳад омад, Ардашери Бобаконро курд гуфта, таъна мекунад ва Баҳроми Чӯбина Сосонро дар ситез бо Хусрави Парвиз шубон мехонад. Ба қавли Ибн ал-Балхӣ: «Ардашер аз фарзандони Сосон ибни Баҳман ибни Исфандиёр аст. Ва ин Сосон зоҳид шуда буд... Ва дар кӯҳ рафта. Ва подшоҳӣ ба Ҳумоно духтари Баҳман гузошта» [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.19].

Аммо дар «Шоҳнома»-и Бундорӣ ин печи хатти сюжет зоҳиран тоби дигар гирифтааст, ки аз қавли сарчашмаҳои дигар фарқ мекунад. Бундорӣ Сосонро

писари Доро писари Доро гуфтааст. Ҳамон Доро, ки дар хуҷуми Искандар кушта мешавад. Дар чунин тафсир Сосон абераи Баҳман мешавад, на писари ӯ. Бундорӣ менависад: «Чун Доро ибни Доро кушта мешавад, ӯро писари оқиле буд, ки Сосон ном дошт. Ва чун дид, ки бо падараш чӣ рух дод, ба кишвари Ҳинд фирор кард» [Бундорӣ, 1932-2, с.39].

Ин ҷо месазад гуфт, ки зодаи Исфаҳон Бундорӣ, ки ба қавли Абдулваҳҳоби Аззом, солҳои 1223-1224 дар Димашқ «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ба наср ба арабӣ тарҷума кардааст, яқинан, аз нусхаҳои қаламии асри XII «Шоҳнома» истифода бурдааст. Тарҷума ба шарофати пуштибонии яке аз амирони Айюбии Димашқ Исо ибни Абубакр (1218-1227) сурат гирфтааст [Аззом 1932, с.97]. Номи он амирро Босворт дар «Мусулманские династии» ба гунаи андаке дигар оварда бошад ҳам, моҳияти мулоҳиза тағйир намеёбад [Босворт 1971, с.94]. Бинобар ин, метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки гузинаи Бундорӣ дар бобати мутобиқат ба матни саҳеҳтари «Шоҳнома» шояд эътимоди бештар дошта бошад.

«Шоҳнома» ва сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ба далели пушт ба пушт пинҳон доштани насаб Сосони бобои Ардашерро аз авлоди Сосон писари Баҳмани Исфандёр ба қалам додаанд. (Сосони бобои Ардашерро ҳамин сарчашмаҳо Сосони Асғар мегӯянду Сосон писари Баҳманро Сосони Акбар). Вагарна ҳеҷ асосе намемонд, ки қиёми Ардашерро ба муқобили Ардавони V, подшоҳи вопасини Ашконӣ на чун қиёми волии Форс, балки чун иқдоми бозгардонидани подшоҳӣ ба «соҳибони ростини» вай тасвир кунанд. Масъалаи ба подшоҳони ҳахоманишинӣ расонидани насаби Сосон, бино ба назари ҳама муҳаққиқон, як афсонае мебошад, ки дар асрҳои миёна то Фирдавсӣ ва дигарон бовар кардаанд. Ё вонамуд, ки ҳақиқат чунин буд.

Басо равшан аст, ки аз вопасин подшоҳи Каёнӣ (Доро III) то Ардашер тақрибан панҷсаду панҷоҳ сол гузашта буду Сосони пиндории сарчашмаҳо наметавонист насаби худро ба чор пушту панҷ пушт то Ардашер бирасонаду хуни подшоҳиро дар «Ҳиндустон» ҳинду нашуда, эҳтиёт кунад. Ин мулоҳиза мулоҳизаи хрестоматӣ шудааст ва зикраш тақрибан дар ҳама донишномаҳои муътабару луғатҳои тафсирӣ, аз ҷумла, «Луғатнома»-и Деҳхудо ҳам рафтааст.

Сосон бобои Ардашер, бино ба далели катибаи Шопури I (SZK) дар Каъбаи Зардушт (оташкадаи Ноҳиди Истахр), ки дар асри III нигошта шудааст, шахси таърихӣ мебошад. Дар он катиба, ба нақл аз Дарёӣ, аз Сосон чун xwaday – худой, амир ёд шудааст [Катиба, сатри 19; Дарёӣ 2020, с.243]. Муҳаққиқи дигари насли Турачи Дарёӣ эроншиноси немис Йозеф Визельхюфер, муаллифи китоби «Эрони бостон. Солҳои 550 то милод ва 650 баъд аз милод» дар тафсири ин катиба дар бобати Сосон ишора мекунад, ки дар катиба Сосон чун падари Бобак зикр нашудааст [Визельхюфер 1994, с.116]. Ба ин нукта В.Г. Луконин низ ишорае дорад [Луконин 1969, с.28]. Агафий дар «Андар подшоҳии Юстиниан» Сосонро сипоҳӣ гуфтааст [Агафий 1953, с.27]. Сипоҳӣ ва ба эҳтимол сарлашкар будани Сосон дар хотираи таърихии эрониён мондааст. Масалан, Анӯшервон ба Хуросон «Сипаҳро ба оини Сосон кашид»-а буд [Фирдавсӣ М.1970-8, с.69]. Чунонки дар поён ёд хоҳад шуд, Табарӣ ҳам овардааст, ки Сосон меҳтар буд ва ҳатто посдори оташи Ноҳид дар Истахр. Балъамӣ ин хабари Табариро дар бозгӯи худ таъкид кардааст [Балъамӣ 2001-1, с. 482]. Назари Агафий дар бораи сипоҳӣ будани Сосон то ҷое дар қавли Табарӣ ва Балъамӣ бозтобе дорад. Чунончи, Табарӣ менависад, ки Сосон марде паҳлавон ва далер буд ва дар муносбате танҳо бо ҳаштод нафар размҷӯёни Истахр ҷанг кард ва ҳамаи онҳоро мағлуб намуд [Табарӣ 1979-2, с.12; Балъамӣ 2001-1, с.482].

Эпизоди ҷанги Сосон бо размҷӯёни Истахр дар ривояти Табарӣ ва тарҷумаи Балъамӣ шояд аз бахши подшоҳии Ашкониён то бахши подшоҳии Шопури I-и «Шоҳнома» дар сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ, илова бар тасвирҳои на чандон тафсилии набардҳои Ардашер бо Ардавону душманони дигари ӯ, нахустин ва ҳатто ягона эпизоде бошад, ки дар он оҳанги ҳамосавӣ бевосита садо додааст. Албатта, куштани Ардашер аждаҳои (кирми) Ҳафтводро дар «Шоҳнома», ки ба ин эпизод пасон ишора хоҳад шуд, низ аз шуҷоат ва далерии қаҳрамони достон ҳикоят мекунаду тобиши ҳамосавӣ дорад, вале дар ин эпизод унсурҳои айёрӣ ва чорасозии Ардашер бештар инъикос ёфтаанд.

А. Кристенсен дар «Эрон дар замони Сосониён» ба монанди Т. Нёлдеке дар «Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён» дар бораи «мавқеи

иҷтимоӣ»-и Сосон моҳиятан ривояти Табариро ба эътибор гирифтааст [Кристенсен 1980, с.59]. Ҳасани Пирниё ба шахсияти Сосон чандон эътиборе намедиҳад, вале дар чанд ҷой гуфта мегузарад, ки Ардашер писари Сосон аст [Пирниё 2013-3, сс.2067, 2094, 2096, 2124]. Ин назари Пирниё бо ривояти Мовсес Хорентси, «Шоҳнома» ва «Корнома» мувофиқати бештар дорад. Гиршман, инчунин, Сосонро падари Бобак ва Ардашерро набераи Сосон гуфтааст [Гиршман 1993, с. 346-347].

Ричард Фрай изҳори назар мекунад, ки «ривоят дар бораи зуҳури сулолаи Сосониён чун афсонаҳо дар бораи Куруш ва Ашк, ба гунаи намунаҳои ҳамосавӣ нақл мешавад». Сипас Фрай ривоятҳоро дар бораи Сосон аз «Корнома», «Шоҳнома» ва «Андар подшоҳии Юстиниан»-и Агафий зикр намуда [Фрай 2002, с.282], ба қавли Табарӣ (дар ривояти Ибн-ал Асир) бармегардад ва Сосонро аз меҳтарони Истахр ба қалам медиҳад. Ӯ ишора мекунад, ки имрӯз дар доираҳои илмӣ чунин шаҷара, ки Сосон падари Бобак ва Бобак падари Ардашер буд, тақрибан қабул шудааст [Фрай 2002, с.284]. Эҳтимол, Фрай аз он шаҷара ёдовар мешавад, ки ҳоло дар солҳои сиюми асри XX дар мактаби ховаршиносии донишгоҳи Чикаго низ пазируфта шуда буд. Дибвойз Нелсон дар «Политическая история Парфии» («Таърихи сиёсии Парфия»), ки соли 1938 бори нахуст чоп шуда буд, бе ҳеҷ шубҳа, генеалогия Ардашерро ба гунаи «Ардашер писари Попак, писари Сасана…» оврдааст [Дибвойз 2008, с.226].

М.М.Дяконов тақрибан аз он ривоят пуштибонӣ кардааст, ки Табарӣ нақлаш карда буд. Ӯ Сосонро посдори оташи Ноҳид, Бобакро писар ва Ардашерро набераи Сосон медонад [Дяконов 1961 с.257]. Роман Гиршман дар бобати шаҷараи Бобак ва писари ӯ Ардашери I бо мулоҳиза муносибат мекунад, вале он ҳардуро аз «бозмондагони Сосон» ба қалам медиҳад [Гиршман 1993, с.91]. Дар ҷойи дигар Гиршман таъкид мекунад, ки ба туфайли Сосон шоҳаншоҳии Сосонӣ машруият гирифт, яъне «қонунӣ» шуд ва решаҳояш аз тариқи шоҳони устураӣ ба Ҳахоманишиён ва аз Ҳахоманишиён ҳам ба Сосониён расида буд [Гиршман 1993, с.98].

«Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар»-и Абуалии Масъудӣ яке аз намунаҳои ёдгории жанри адаби адабиёти араб мебошад. Масъудӣ дар оғози бахши Сосониёни «Муруҷ» ривоятеро овардааст, ки дар сарчашмаҳои дигар ба назари мо нарасид. Масъудӣ менависад, ки гузаштагони форсиён Байтулҳаром (Каъба)-ро зиёрат мекарданд ва ба эҳтироми Хона ва бобои худ Иброҳим, алайҳи-с-салом, тавоф мегузоштанд. Охирин касе, ки аз онон ҳаҷҷ гузошт, Сосон ибни Бобак буд бобои Ардашер ибни Бобак... Ва Сосон чун ба Хона меомад, тавоф мегузошт ва сари чоҳи Исмоил замзама (ниёиш) мекард. Ва аз он ки ӯ замзама мекард, чоҳро Замзам гуфтанд... Ин маънӣ дар шеъри ҷоҳилии араб инъикосе ҳам дорад:

زمزمت الفرس على زمزم        و ذاك من سالفها الاقدم

(«Форсиён дар лаби Замзам замзама мекарданд / Ва ин суннати деринашон буд»). Форсиён ба Каъба дар ибтидо молҳо ҳадя мекарданд... Сосон ибни Бобак ду оҳуи зарин ...назр карда буд [Масъудӣ 1973-1, с.243]. Ҳамин маъниро бе зикри номи Сосон Масъудӣ дар «ал-Ишроф ва-т-танбеҳ» низ ба таври мухтасар оварда ва аз ҷумла навиштааст, ки «форсиён ба рӯзгори қадим бо назрҳои шоиста ба эҳтироми Иброҳими Халил (с) ва писари ӯ, Байтулҳаромро зиёрат мекарданд» [Масъудӣ 1893, с.109]. Ба қавли Сарвиҷаҳонӣ, чунин ишорае дар «ал-Бадъ ва-т-таърих»-и Муқаддасӣ низ рафтааст [Сарвҷаҳонӣ 2014, с.2]. Абдулваҳҳоби Аззом, ки соли 1934 дар муқаддимаи муфассали пешаваронаи тарҷумаи арабии «Шоҳнома»-и Бундорӣ он байтро ба иқтибос аз Масъудӣ оварда буд, ҳеҷ тафсире дар ин бобат нагуфтааст [Бундорӣ 1932, с.90]. Ин байтро дар бораи замзама пас аз Масъудӣ чанд муаллифи дигар, аз ҷумла Ёқути Ҳамавӣ дар «Муъҷам-ул-булдон» ва Ибни Халдун дар «ал-Ибар», овардаанд, вале онҳо навиштаанд, ки замзамаро Шопури I карда буд [Сарвҷаҳонӣ 2014, с.6]. Ин ривоятро, ки дар нимаҳои асри X дар Бағдод роиҷ будааст, метавон боз як таҳаввули афсонаомезе дар инъикоси образи Сосон донист. Ва агар бори дигар таъкид кунем, ки ба ривояти ҳамин Масъудӣ модари Сосон яҳудӣ буд, масъала шоху барги дигаре ҳам мегирад.

Аммо бо баёни ин мулоҳиза набояд фаромӯш кард, ки дар худойномаҳо, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ва «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ хабаре омадааст, ки Искандар ҳам хонаи Каъбаро зиёрат карда буд. Вале чандон маълум нест, ки дар хотираи таърихии эрониён рафтани Искандар ба Каъба ҷузъе аз нақшаҳои ҷаҳонгирии ӯ буд ва ё паҳлуи эътиқодӣ низ дошт [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.62-63; Низомӣ 2012, с.147-148].

Абуалии Масъудӣ ҳеҷ пайванде ба нажоди эронӣ надорад. Шаҷараи ӯро то ба Абдулло ибни Масъуд (ваф. 652), яке аз саҳобагони кибор ва аз ҷумлаи «ал-ашрату-л-мубашшара» (даҳ ёри биҳиштӣ) мерасонанд. Абдулло ибни Масъуд шашумин касе буд, ки ба дини ислом гаравида буд.

Ниёи худ донистани ҳазрати Иброҳим ва зиёрати хонаи Каъба ва ба чӣ сабаб ба Сосон муносиб донистани ин кор дар сарчашмаҳо чандон маълум нест. Аммо уламои имрӯзи шиаи исноашария, аз ҷумла оятулло Муртазои Разавӣ (тав. 1948) изҳори назар мекунанд, ки миёни хонаи Каъаба ва оини митроизм робитае аз қадим буд. Разавӣ менависад, ки дар замони пеш аз ислом «хонадонҳои бузурги эронӣ маъмулан назру ниёзҳое ба Каъба доштаанд». Ва меафзояд, вақте ки бобои ҳазрати Пайғамбар «Абдулмутталиб (480-578) чоҳи Замзамро аз нав таъмир ва лойрӯбӣ кард, ду муҷассамаи зарин ёфт, ки Ардашери Бобакон ниёи Сосониён ба Каъба ҳадя карда буд» (Пойгоҳи иттлоърасонӣ ва нашри осори оятулло Муртазои Разавӣ www.binesheno.com). Муҷассамҳоро назри Ардашери Бобакон гуфтани Разавӣ мулоҳизаи эшон аст ва пояи сарчашмавӣ надорад. Ягона сарчашамае, ки дар ин борае хабаре овардааст, чунонки гузашт, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ мебошад. Сарчашмаҳои дигар аз ӯ иқтибос кардаанд. Масъудӣ бар он аст, ки назрро Сосон карда буд, на Ардашер [Масъудӣ 1973-1, с.249].

Мо дар садади инкор ё исботи ҳақиқати ин печи хатти сюжет дар бобати рӯзгор ва насаби Сосон нахоҳем буд. Вале месазад ба пайравӣ аз Абдулваҳҳоби Аззом (1894-1959) мулоҳизае пешниҳод кунем, ки тоифае аз фарҳангиёни эронинажод, ки гарде аз гароиши шуубӣ ҳам доштанд, дар асрҳои VIII-IX табори худро ба ҳазрати Исҳоқ фарзанди ҳазрати Бибӣ Соро мерасониданд ва гӯё ба ин даъво мехостанд таъкид кунанд, ки онҳо аз табори ҳазрати Исмоил фарзанди

Бибӣ Ҳоҷар бобои устуравии арабҳо кам нестанд. Хосса, ки ба пиндори онҳо, ҳарду он ҳазрат фарзандони ҳазрати Иброҳим дониста мешаванд. Чунончи, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ шеъре ба шоири шинохтаи умавии араб Ҷарир ибни Атийя (653-728) нисбат медиҳад, ки дар он, аз ҷумла, чунин омадааст:

و ابناء اسحاق الليوث اذ ارتدوا حمائل موت لابسين السنورا

ابونا خليل الله و الله ربنا رضينا بما اعطى الاله و قدرا

(Шерписанрони Исҳоқ агар бипӯшанд, либоси ҷангро ва ҷавшан... Падари мо Халилулоҳ асту Парвардигори мо Аллоҳ / Ва ризои мо ба доди Худо асту тақдири ӯ) [Табарӣ 1979-1, с.378-379].

Иззуддин ибн ал-Асир (1160-1234) ба ҳақиқати насабномаи эрониён, ки дар шеъри Ҷарир омадааст, шубҳа карда буд. Вай менависад: «Аммо форсиён ин насабро инкор мекунанд» [Ибн ал-Асир 1965-1, с.164-165]. Абдулваҳҳоби Аззом шубҳа дорад, ки ин шеърро Ҷарир гуфта бошад [Бундорӣ 1932, с.90]. Ин ҷо сухан дар бораи мувофиқати матни сарчашма бо воқеияти таърихӣ набояд равад. Мағзи мулоҳиза дар он аст, ки ба рӯзгори ислом фарҳангиёни эронитабори исломӣ кӯшишҳо доштанд, то насаби худро ба паямбарони динҳои иброҳимӣ бирасонанд ва таъкид кунанд, ки то зуҳури ислом ҳам бузургдошти хонаи Каъбаи Мушаррафа барои ниёгони онҳо бегона набуд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ, эҳтимол, Аҳмади Яъқубӣ пай бурда бошад, ки насаби падарии Ардашер ишколе дорад ва шояд, бинобар ин, ӯ дар «Таърих» аз падари Ардашер, хоссатан, ва шаҷараи ӯ, умуман, зикре намекунад [Яъқубӣ 1883, с.178-179]. Яъқубӣ пас аз баршумори подшоҳони форс (аз Каюмарс сар карда) чун навбат ба Ардашер мерасад, ишорае дорад, ки дар дигар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ чандон ба чашм нарасидааст. Ӯ менависад: «Ӯ нахустин подшоҳи форс буд, ки ба дини муғон гаравид» [Яъқубӣ 1883, с.179]. Ин ишора, чунонки дар қатори муҳаққиқони дигар Гиршман таъкид кардааст: «Ардашери Бобакон пас аз истиқрори кишвар дини зардуштиро... оини расмӣ қарор дод» [Гиршман 1993, с.378] ба воқеияти имрӯзаи илмӣ мухолифат намекунад.

Ардашер баъзе гузаштҳоро барои дигарандешон низ ворид карда буд. Дар ин бора Артур Кристенсен ба нақл аз «Номаи Тансар» менависад, ки: «Ба рӯзгори пешин ҳар кӣ аз дин баргаштӣ, ҳолан, оҷилан қатл ва сиёсат фармудандӣ. Шоҳаншоҳ фармуд, ки чунин касро ба ҳабс боздоранд. Ва уламо ба муддати як сол ба ҳар вақт ӯро хонанд ва насиҳат кунанду адилла ва бароҳин бар ӯ арз доранд ва шубҳаро зоил кунанд. Агар ба тавба, инобат ва истиғфор бозояд, халос диҳанд. Ва агар исрор ва истикбор ӯро бар истидбор дорад, баъд аз он қатл фармоянд» [Кристенсен 1980, с.41].

Дар адабиёти зардуштӣ, ки дар замони ислом таълиф шудааст, аз ҷумла дар «Баҳман яшт», китоби маъруфи пешгӯиҳои уламои ин оин, ба ҳамин нукта аз қавли Аҳурамаздо ишорае рафтааст. Гӯё Аҳурамаздо дарахти дини зардуштиро аз ҳафт шох иборат дониста, гуфта бошад, ки: «Шохи биринҷӣ – салтанати Ардашер ва писари ӯ Шопур мебошад. Дар замони онон ҳақиқат ва имон тантана мекунанд. Дар ин амр ба онҳо порсо Озарбад писари Маҳраспандон мусоидат менамояд» [Рак 1998, с.304-305].

Даргузашти Сосон пас аз чанде аз таваллуди Ардашер набояд мавриди шубҳа қарор гирад, зеро на дар «Шоҳнома» ва на дар сарчашмаҳои таърихию жанри адаб хабаре аз Сосон пас аз зодани Ардашер ворид нашудааст. Аммо номи Сосон на танҳо дар «Шоҳнома», балки дар тасаввури эҷодии шоирони давраи оғози адабиёти форсу тоҷик ҳамоно зинда будааст. Чунончи, устод Рӯдакӣ як бор аз Сосон зикр кардааст:

Халқ ҳама з-обу хоку оташу боданд

В-ин малик з-офтоби гавҳари Сосон [Рӯдакӣ 2015, с.55].

Ёқути Ҳамавӣ (1179-1229) оварда, ки Сосон дорои шуҳрат ва ё овоза будааст. Ёқут, ки худ дар Марв буду андаке пеш аз ҳуҷуми муғул аз он ҷо бозгашт карда, дар «Муъҷам-ул-булдон» менависад: «Сосон маҳаллае буд ба Марв дар хориҷи он шаҳр аз дарвозаи Фирӯзия» [Ёқут 1984-3, с.147].

Дар замони хилофати Аббосиён, хосса шукӯҳи Бағдод, тоифаи айёрон ва гадоёни касбие буданд, ки худро бану Сосон – фарзадони Сосон мегуфтанд. Кирдугори айёрони бану Сосон дар китобҳои жанри адаби арабӣ, бино ба қавли

К.Е. Босворт, бозтоби қобили мулоҳизае пайдо карда буд. Масалан, Абуусмони Ҷоҳиз дар «Китоб-ул-бухало» хабаре дар бораи пири тоифаи бану Сосон Холид ибни Язид дорад, ки нуфузи густурдае доштааст [аль-Джахиз,1965, с.65-75].

Адиб, шоир ва сайёҳи араб Абудулаф, ки шахсияти баҳсбарангез низ мебошад, қасидае ҳам ба бану Сосон бахшидааст. Абудулаф муддате дар дарбори амир Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ хидмат ҳам кардааст. Бино ба қавли Низомии Арӯзӣ, эҳтимол ҳамин Абудулаф ҳангоми сафари Фирдавсӣ ба Ғазнин шоирро мурофиқат карда буд [Низомӣ Арӯзӣ 1909, с.108]. Абудулаф қасидае дар бораи бану Сосон низ дорад. Ин қасида, ки Абумансури Саолибӣ дар «Ятимат-уд-даҳр» овардаас, аз 194 байт иборат аст. Қасида, ки фахрия мебошад, пас аз ҳашт байти тағаззулии анъанавии кӯтоҳе бо ду байти гурез дар 184 байт ба ситоиши фазилатҳои тоифаи бану Сосон бахшида шудааст. Дар байти гурез Абудулаф ишора мекунад, ки баромади тоифаи бану Сосон то ба Сосониён мерасад. Дар қасида ба тақозои жанр лексикаи андеграунд ва лексикаи ғайринормативии Бағдоди асри X бепарда истифода ҳам шудааст [Саолибӣ 1979-3, с.413-436].

Дар адабиёти араб ин қасидаи танҳо нест, ки ба аҳволу рӯзгори тоифаи бану Сосон бахшида шуда бошад. То ҷое, ки муҳаққиқ, шореҳ ва таҳиягари яке аз матнҳои интиқодии тазкираи Абумансури Саолибӣ «Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосини аҳли-л-аср» Муфид Муҳаммад Қамиҳа ишора намудааст, шоири деринатари ироқӣ Сафиуддин ал-Ҳиллӣ (1277-1339) низ қасидаи сосония дорад, ки дар яксаду чилу панҷ байт суруда шудааст [Саолибӣ 1983-3, с.416]. Ҳамчунин, яке аз мақомаҳои Бадеуззамони Ҳамадонӣ (968-1007) ва як мақомаи Қосим ибни Алии Ҳарирӣ (1054-1122) ба мавзуи бану Сосон бахшида шуданд. Мақомаҳои Ҳарирӣ ва Ҳамадонӣ ба ҳаҷм кӯтоҳ, аммо аз назари оҳанги баён ба қасидаи «Сосония»-и Абудулаф монандӣ доранд [www.ar.wikisource.org].

Дар луғатҳои тафсирии забони форсӣ-тоҷикӣ то, масалан, «Бурҳони қотеъ» ба касби гадоии ҳамин тоифа ишораҳо рафта, маънии калимаи «сосон»-ро гадо ҳам гуфтаанд. Деҳхудо низ аз овардани чунин маънӣ худдорӣ накардааст. Ногуфта намонад, бо ҳама қудрати маъниофаринии забони арабӣ, дар шеваи

Бағдод ба назар мерасад, ки калимаи мустаърабиِ مکدی (мугаддӣ-гадо) яқинан, аз калимаи «гадо»-и тоҷикӣ сохта шудааст. Шояд аз лекскони тоифаи бану Сосон ба ёдгор ҳам монда бошад.

Дар «Бурҳон» ишора ба ранҷидани Сосони «таърихӣ» аз ихтиёри Баҳман, ки духтари худ Чеҳрзодро валиаҳд карда буд, низ ҳаст. Дар идомаи ишора омадааст, ки Сосон зиндагии оворагӣ ихтиёр кард, дар гирду ӯ тоифаи дарвешон ба ҳам омаданд, ки аз онон тоифаи бану Сосон реша мегирад. Ишораи муаллифи «Бурҳон»-ро, ки дар сарчашмаҳои пешин реша мегирад ва таъкиди ӯ, ки бану Сосон пайванде ба Сосони «таърихӣ» дорад, метавон танҳо чун давоми афсонаҳо дар бораи Сосон қабул кард.

Аз тавзеҳи «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайни Табрезӣ бармеояд, ки хотири афсонаолуди Сосону бану Сосон дар асри XVII низ дар мадди назарҳо будааст. Се паҳлуи хотира: мавзуи Ҳумой ва Сосони Баҳман, сар ба кӯҳу биёбон ниҳодани Сосон ва ба домодии Бобак меҳтари Истахр расидани яке аз абераҳои Сосон аз пушти ҳамон Сосони Баҳмани Исфандёр [Бурҳони қотеъ1944, с.1072].

Ба назар мерасад, ки рафтору кирдори тоифаи бану Сосон дар охирҳои асрҳои миёна дар паҳноҳои олами исломӣ аз Ҳинд то Шому Миср ва аз Туркистони Шарқӣ то Ироқ мавриди эҳтимом будааст. Хосса, забони он айёрону қаландарони хориҷ аз тариқатҳои сӯфияю гадоён, ки чанде аз унсурҳои лексикии вай то ба лексикаи қасидаи мазкури Абудулаф мерасад.

Троитская А.Л. дар «Abdoliti – Арго цеха артистов и музыкантов Средней Азии» («Жаргони тоифаи сарояндагон ва мусиқинавозони Осиёи Миёна») изҳори ақида мекунад, ки роҷеъ ба аргои қадимаи Осиёи Миёна ва Эрон то замони таълифи мақола (соли 1947) ду сарчашма шинохта шуда буд. Яке луғати гадоён «Китоби сосиён», дигаре ҳамон қасидаи Абудулаф. Троицкая А.Л, ки дастхатти «Китоби Сосиён»-ро дар Тошканд ба ӯ академик Семенов А. А. маслиҳат дода буд, таъкид мекунад, ки дастхат дар панҷ саҳифа дар ҳошияи дастхатти дигар соли 1926 китобат шудааст. Мо ба муҳтавои дастхат ва бурду бохти мақола дахолат намекунем. Танҳо мехоҳем таъкид намоем, ки тоифаи айёрон, ки «шайх Сосон»-ро пири худ мешиносанду табаррукаш медоранд, ба

эҳтимоли қавӣ, ба тоифаи бану Сосони Бағдоди асрҳои VIII-IX пайванде дорад [Троицкая 1947, с.142-143]. Дар банди мазкур, бино ба шарҳи Троитская А.Л., калимаи англисии Abdoliti (авлиё, муқаддас) аз калимаи «абдол»-и тоҷикӣ гирифта шудааст.

Дар фароварди ин муҳокима мебояд ишора кард, ки дар асри XII сосиёнро ба Сосони бобо ва ё падари Ардашери Бобакон пайванд намедонистанд. Масалан, бо ҳидояти моддаи «Сосӣ»-и Луғатнома»-и Деҳхудо дар чанд ҷой Саноии Ғазнавӣ ба ин нукта ишораҳое кардааст. Саноӣ мафҳумҳои «сосон» ва «сосиён»-ро мафҳумҳои гуногун медонад ва онҳоро муқобилмаъно ба қалам медиҳад. Чунончи:

Хокпошон дигаранду бодпаймоён дигар,
Кай тавон мар сосиёнро тухми Сосон доштан

[Деҳхудо, моддаи «Сосӣ»].

Мисоли дигар:

Ҳама сосиниҳоду муфлистабъ,
Боз дар сар фузули Сосонӣ [Деҳхудо, моддаи «Сосӣ»].

Ҳамин тавр, чун образи бадеӣ Сосон мебоист ба подшоҳони воқеӣ ва ё пиндории эронӣ нисбат доштани Ардашери Бобаконро «исбот» мекард ва ҳамин тавр ҳам шудааст. Ба шаҳодати «Шоҳнома», «Корнома», чанде аз сангнигораҳои подшоҳони Сосонӣ, сарчашмаҳои таърихию жанри адаб образи Сосон дар хотираи таърихии эрониён ва мусулмонон, умуман, чун симои пайвандгари сулолаи Сосониён бо ду тоифаи подшоҳони асотирӣ ва нимаасотрии эронӣ – пешдодиён ва каёниён нақш бастааст.

Образи дигари мавриди баҳс дар ин фасл Бобак мебошад. Бобак дар сарчашмаҳо ва «Шоҳнома»-ю Корнома» образи тақдирофар аст. Андешаи барқарор кардани шоҳаншоҳии Сосонӣ ғояи ӯ мебошад. Ӯ чун марзбони Форс тавонистааст, бе ситези ошкоро бо подшоҳони Ашконӣ заминае барои истиқлолияти марзбонӣ, сипас офаридани империяи сатҳи ҷаҳонӣ омода кунад. Дар ин бобат бино ба маълумоти сарчашмаҳо ва бештари таҳқиқоти таърихи ташаккули империяи Сосонӣ хидмат ва саҳми Бобакро метавон дар ду нукта

таъкид кард. Нахуст, Бобак ба аъёни Форс шахси дорандаи хуни подшоҳиро дар симои Сосон талқин мекунад. Маълум аст, ки ба таъбири имрӯза, афкори оммаи эронӣ подшоҳии ҳеҷ касеро, ки хуни подшоҳӣ надорад, қабул ва эътироф намекард. Дигар, Бобак дар ривояти Фирдавсӣ ва «Корнома» тавонист, ба туфайли ба духтари худ хонадор кардани Сосон подшоҳиро дар хонадони худ нигоҳ дорад.

Зикри Бобак дар қисмати «Подшоҳии Ашкониён»-и «Шоҳнома» дар нуздаҳ маврид омадааст. Нахуст Фирдавсӣ меоварад, ки Бобак, ба таъбири имрӯза, волии Ардавон дар Истахр буд ва иродае дошт, ки ҳатто аждаҳо аз ҳайбати ӯ «хурӯшон» буд [Фирдавсӣ М.1968-7, с.116]. Сипас дар чанд байт сухан оид ба қиссаи Сосонро хоб дидани Бобак меравад. Иқрори чӯпон, ки ӯ «пури Сосон» мебошад, низ таъкид шудааст [Фирдавсӣ М.1968-7, с.118]. Пасон зикри бо нома даъват кардани Ардавон, ки Бобак Ардашерро ба хидмати ӯ фиристад, омадааст. Дар инкишофи сюжети муносибати Бобак ва Ардавон ин нома нақши меҳварӣ ҳам дорад. Маҳз ба назди Ардавон фиристодани Ардашер ва давоми қисса сабаби дар зеҳни Ардашер ташаккул ёфтани фикри аз итоати Ардавон баромаданро ба вуҷуд оварда буд. Чун муносибати Ардашер бо Ардавону муқаррабони ӯ вайрон мешавад, Бобак ба Ардашер дастур медиҳад, ки шикебо бошад ва аз фармонҳои подшоҳ саркашӣ накунад. Бобакро насиби дидани бозгашти Ардашер пас аз фирори ӯ аз хидмати Ардавон рӯзӣ намешавад, зеро:

Ҷаҳондида бедор Бобак бимурд,
Сарои куҳан дигареро супурд [Фирдавсӣ М.1968-7, с.124].

Бобак, ба ривояти Табарӣ ва пайравони ӯ, писари Сосон аст, ки Сосон дар навбати худ, яке аз меҳтарони Форс мебошад [Табарӣ 1979-2, с.12]. Фирдавсӣ гуфта мегузарад, ки Бобак аз нигоҳи маъмурӣ тобеи Ардавон буд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.173]. Саолибӣ меоварад: «Форсиён пиндоранд, ки Бобак марзбони Ардавон дар Форс буд» [Саолибӣ 1963, с.473].

Модари Бобак, ки дар Табарию Балъамӣ Ромбиҳишташ ном ниҳодаанд, бино ба тарҷумаи тоҷикии ҳамин муаллиф, «аз насли Бозранҷон буд, ки мулуки Порс буданд» [Балъамӣ 2001-1, с.482]. Табарӣ дар бораи падари пиндории Бобак

– Сосон менависад: وكان ساسان قيما علي نار اصطخر يقال له نار اناهيذ «Сосон нигаҳбони оташи Истахр, ки Ноҳид (Зуҳро) мегӯяндаш, буд» [Табарӣ 1979-2, с.12]. Дар тарҷумаи тоҷикии Балъамӣ, чун Бобак бо мӯйи сари дарозтар аз як ваҷаб таваллуд мешавад, Ромбиҳишт толеъ мебинад, ки Бобак давлатмарде хоҳад шуд [Балъамӣ 2001-1, с.482]. Нақши унсури толеъ дидан дар адабиёти арабию мусулмонӣ вобаста ба рӯзгори Сосониён то ҳадде намоён аст ва мавриди эътиқод ҳам қарор доштааст.

Агар ба қавли густарда дар адабиёти илмии эроншиносии советию ғарбӣ эътибор бидиҳему бигӯем, ки «Таърихи Арманистон»-и Мовсес Хоренатси (Мӯсо Хуронӣ) сарчашмаи асри V аст, номи Бобак дар сарчашмаҳои мавриди муомилаи илмӣ бори аввал дар ҳамин асари ҳамин муаллиф зикр шудааст. Мовсес Хорнатси Ардашерро писари Сосон медонад, вале аз Бобак чун падари Ардашер ном намебарад [Хоренатси 1990, с.111]. Аммо Мовсес Хоренатси, ба нақл аз Луконин В.Г. бо ишора ба тарҷумаи юнонии китоби «Ростсухан», ки дар замони салтанати Шопури II гӯё сурат гирифта бошад, аз Сосонро хоб диданҳои Бобак хабар дорад, вале ин ривоятро хурофот медонад [Луконин1969, с.10].

Дар сарчашмаи юнонии «Андар подшоҳии Юстиниан»-и Агафий (536-582) чунонки тафсилаш дар бахши Ардашер хоҳад омад, Агафий аз Бобак ном мебарад ва шояд бори нахуст дар сарчашмаҳои расида аз талошҳои Бобак, ки мехоҳад шаҷараи генеалогии насли ӯ ё пайвандони ӯ то подшоҳони каёнӣ рафта расад, ёдовар мешавад. Дар ин росто хонанда ё пажӯҳанда баръало метавонад пай бибарад, ки сарчашмаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки на танҳо метавонад «Шоҳнома»-и Абумансурӣ бошад ва назари Агафий, инчунин, муаллифи беноми «Корнома»-и Ардашери Бобакон, ба эҳтимоли қавӣ, ба як манбаъ – яке аз «Худойнома»-ҳо» – такя мекунанд.

Ҳарчанд Агафий Бобакро шахси мӯзадуз ва фуқаро ба қалам медиҳад, эътироф мекунад, ки ӯ дар ситорашиносӣ донише ва маҳорате доштааст. Агафий таъкид мекунад, ӯ ҳарчанд ба касе маълум набуд ва бо коре шуҳрате ҳам надошт, вале «басо ғайратманд буд ва ёрои анҷом додани корнамоиҳои бузург. Ӯ қудрати портиҳоро шикаст дод ва аз сари нав подшоҳиро ба форсиён бозгардонд. Ӯ

гаравидаи оини муғон буд ва ибодатхои ононро ба ҷо меовард» [Агафий 1953, с.61-62]. Мулоҳизаи Бобак, ки меҳмони ӯ Сосони сипоҳӣ хуни подшоҳӣ дорад, ӯро водор мекунад, то аз ин хун насле бигирад.

Лейтмотиви ин ҷузъи бахши Сосониёни «Шоҳнома» ва «Корнома» ҳам ҳамин аст. Бобак духтари худро ба Сосони «чӯпон» медиҳад, то писаре ба дунё ояд, ки хуни подшоҳӣ дошта бошад. То қиёми Бобак ба муқобили подшоҳи Ашконӣ Ардавони V на чун исёни аскарӣ, балки чун талош барои бозгардонидани подшоҳии аз даст рафта ҷилвагар шавад. Бобак, чунонки муаллифони пажӯҳишҳои таърихи ибтидои ташаккули сулолаи Сосониён назари муттафақун алайҳ доранд, ҳадди ақалл волии яке аз марзбониҳо дар таркиби давлатдории Ашкониён буд [Луконин 1969, с.7].

Теодор Нелдеке дар «Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён» , ки дар оғози кор мехост танҳо «Таърихуғр-русул ва-л-мулук»-и Табариро ба забони немисӣ гардонад, шаҷараи Бобакро чунин меоварад: «Бобакшоҳ подшоҳи (ноҳияи) Хайр писари Сосони кӯчак, писари Бобак писари Сосон писари Бобак писари Меҳрмас (?) писари Сосон писари Баҳман писари Испандёр, писари Биштосп писари Луҳросп» [Нёлдеке 1980, с.41]. Ин шаҷара аз он далолат мекунад, ки дар Бағдоди асри IX тасаввуре дар зеҳнҳо нишаста буд, ки тобори Сосониён то ба Каюмарс ё Фаридун мерасад. Теадор Нелдеке чун кораш бо Табарӣ буд, Бобакро писари Сосон мегӯяд [Нёлдеке 1980, с.42] ва дар таълиқот таъкид мекунад, ки дар «сангнавиштаҳо ва сиккаҳо ба таври сареҳ навишта шудааст, ки Ардашер писари касе будааст ба номи Попакшоҳ» [Нёлдеке 1980, с.52].

Артур Кристенсен ба пайравӣ аз назари Табарӣ агарчи Бобакро писари Сосон медонад [Кристенсен 1980, с.59], вобаста ба «Корнома»-и Ардашери Бобакон ин ёдгориро афсона дониста, қайд мекунад, ки «бар тибқи ин афсона Сосон домоди Бобак ва падари Ардашер аст» [Кристенсен 1980, с.190]. Дар бораи Бобак ва зуҳури ӯ Дяконов М.М. моҳиятан ба хулосаи ривояти Табарӣ ва пайравони ӯ иктифо кардааст [Дяконов 1961, с.258]. Гиршман низ Бобакро писари Сосон медонад [Гиршман 1993, с.347]. Гиршман боз як нуктаи нозукеро

таъкид мекунад: «Попак пеш аз расидан ба мақоми шоҳӣ дар он ҷо (дар оташкадаи Ноҳиди Истахр) ҷонишини падар буд [Гиршман 1993, с.379]. Ричард Фрай низ ба ривояти Табарӣ эътимод намудааст [Фрай 2002, с.284].

Дар гузориши сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ва хоссатан, «Шоҳнома» симои Бобак бо нишонаҳое чун сиёсатмадор ва давлатмард зоҳир шудааст. Аксарияти сарчашмаҳои мавриди муомалаи илмӣ ба як назаранд, ки «идеяи бозсозӣ»-и ба ибораи Ҳофиз «мулки Доро» – Империяи Каёниён, ки бар асари истилои Искандари Македонӣ соли 330 пеш аз мелод аз арсаи сиёсию таърихӣ нопадид шуда буд, беш аз ҳама ва пеш аз ҳама, ба Бобак тааллуқ дорад. Ба ҳар ҳол гузинаи дигаре дар сарчашмаҳо, аз ҷумла, сангнигораю катибаҳою муҳру сиккаҳо пешниҳод нашудааст.

Аз Бобак дар катибаи 777 чун «шоҳи (MLK) Порс» (албатта, пас аз соли 207-8) ном мебаранд. Муаллифи беноми «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қасас» ҳам Бобакро подшоҳи Истахр мегӯяд [Муҷмал 2013, с.68]. Бобак бо ҳама азамати Порс ва гузаштаи ифтихорангези вай, яқинан, медонист, ки бо як ҳамақидагон дар ин музофот наметавон бо зӯри лашкар урдуи Ардавони Ашконӣ ва дусаду чанд мулуки тавоифро, ки метавонистанд бо Ардавон бимонанд, шикаст дод. Чунин қиём бе «идеяи бозсозӣ»-и «мулки Доро» наметавонист беш аз моҷарое бошад. Идея бояд ба ду унсур такя мекард. Яке зуҳури меросбари Доро дар симои Сосон, дигаре қасоси зулм ва ранҷе, ки эрониён бар асари истилои Искандар ва ҳукмфармоии меросбарони ӯ кашиданд. Унсури аввал, аз нигоҳи таърихӣ, тавони кашидани ҳеҷ бори танқидро надорад. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳои таърихӣ, Бобак пояҳои ҳокимияти Ашкониро дар Порс, яқинан, соли 208 мелодӣ бо зӯри лашкар афсурда кард ва пасон соли 224 писари ӯ Ардашер бо зӯри лашкар салтанати, ба истилоҳ, марказии Ашкониёнро шикаст дод. Ардавони V подшоҳи ашконӣ кушта мешавад. Натиҷаи қиёми саркардагони Порс ба муқобили Ардавонро ғасб (узурпатсия) гуфтаанд, ки инсофан ба воқеияти таърихӣ мухолифат намекунад [Луконин 1969, с.29]. Аз сарчашмаҳо то ҷое, ки ба назари мо расид, танҳо Масъудӣ дар «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф» вобаста ба натиҷаи қиёми Ардашер ибораи و استیلائه علی ملوك الطوائف «ва истилои ӯ

подшоҳони тавоифро»-ро истифода кардааст, ки маънои ҳамон «узурпатсия»-ро дорад [Масъудӣ 1893, с.197].

Унсури дигари идея қасоси зулму ранҷ, ки ба эрониён расид, дар Табарӣ омадааст [Табарӣ 1979-2 с.2], унсури асосии такони писари Бобак Ардашер буд, то ҷанги беамонро ба муқобили, ба назари аъёни Порс, ғосибони салтанати Каёниён сар кунад. Дар «Шоҳнома», дар хутбаи Ардашер пас аз наҷот аз таъқиби Ардавон ҳамин маънӣ ва маънии меросбари «мулки Доро» будани ӯ бевосита садо додааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.195].

Бино ба хулосаи бархе аз пажӯҳандагони муосири ғарбӣ, ки дар бахши Ардашер ба он ишора хоҳад шуд, дар даҳаи аввали асри III салтанати Ашкониён рӯ ба фурӯпошӣ ниҳода буд. Бобак чун сиёсатмадор муносиб медонад, ки қиёми худро нахуст ба муқобили сулолаи ҳокими Порс – сулолаи Бозрангӣ шуруъ кунад ва пас аз сарнигун кардани ин сулола ҷидолро ба муқобили Ашкониён давом диҳад.

Образи Бобак ҳарчанд дар «Шоҳнома» чандон барҷаста офарида нашудааст (подшоҳ набуд), аммо бо ишораҳое Фирдавсӣ ва пайравони ӯ (онон, ки аз «Шоҳнома» ва ё маъхазҳои вай баҳра гирифтаанд) тавонистаанд, аз Бобак як симои намоёни сиёсӣ биофаранд. Зоҳиран, дар сиёсати Бобак, пеш аз ҳама, принсипи асосии тамоми сиёсатҳо (аз қадим то замони мо) – салоҳи сиёсӣ (политическая целесообразность) авлавият (приоритет) доштааст. Бино ба хулосаи пажӯҳишҳо, ки шубҳае надоранд ва хрестоматӣ ҳам шудаанд, Бобак набераи подшоҳи Форс аз хонадони Бозрангӣ мебошад. Модари ӯ Динаг (дар сарчашмашҳои арабию мусулмонӣ Ромбиҳишт) бонуи хонадони Бозрангӣ аст. Бо ин ҳама, аз нигоҳи Бобак, ки мехост шоҳаншоҳии Каёниёнро барқарор кунад, салоҳи сиёсӣ тақозо мекунад, ки Бобак ба салтанати ин хонадон дар музофоти Порс хотима диҳад. Салоҳи сиёсӣ чун қоида ба нормаҳои ахлоқӣ наметавонад чандон арҷ гузорад. Рӯйи кор гирифтани ҳамин пиринсип дар ривояти Фирдавсӣ дар бахши подшоҳии Ашкониён, ки аслан аз рӯзгори Ардашер то соли 224 ҳикоят мекунад ва бахши подшоҳии Ардашер дар чанд мавриди ҳассоси ҳамосаи миллӣ дучор меояд, ки дар ин бора дар бахши Ардашер таваққуф карда хоҳад шуд.

Бо он ки Бобак соли 207 тақрибан аз итоати Ашкониён як истиқлоле пайдо менамояд, дар нигориши Фирдавсӣ бо Ардавони V, ки соли 213 ба маснади подшоҳӣ расида буд, ҳамоно аз боби муросо муносибат мекунад. Муносибати Бобак бо Ардавон муфассалтар дар «Шоҳнома» ва мухтасар дар «Корнома» омадааст. Сарчашмаҳои арабӣ – Табарӣ ва пайравони ӯ роҷеъ ба ин муносибат ҳарфе нагуфтаанд, вале Саолибӣ мухтасари ин муносибатро шояд аз манбаи Фирдавсӣ овардааст. Чун Ардашер писари Бобак ба синни наврасӣ мерасад, Ардавон нома менависад, ки Ардашер ба дарбори Ардавон фиристода шавад. Вақте кори Ардашер омад намекунаду ба итоби Ардавон гирифтор мешавад, Бобак ба тақозои салоҳи сиёсӣ ба Ардашер таъкид мекунад, ки воқеиятро бо осудагӣ қабул кунад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.183].

Ин эпизод аз нигоҳи таърихӣ хеле ноҳамоҳангиҳо дорад. Ардашер ба соли 213 ба ҳар ҳол наврас набуд. Ӯ ба Рай фиристода нашудааст ва ғайра. Вале Фирдавсӣ, ки асари бадеӣ навиштааст, гузинаеро аз ривоятҳои густарда ба замони ӯ интихоб кардааст, ки як драматизме дошта бошад. Хронологияю география чандон ба эҷози шоирии Фирдавсӣ кумакрасон набуданд. Мо ба ин нукта ало қадри ҳол дар бахши Ардашер боз хоҳем гашт. Вале мехоҳем таъкид кунем, ки чунин рафтори Бобак, ки бо Ардавони таърихӣ ва ё пиндорӣ муносибати муросоро пеш гирад, ба фазилати образи сиёсатмадории Бобак рахест (штрих) ва аз он далолат мекунад, ки он вақт тундии муносибат бо Ардавон ҷавобгӯи принсипи салоҳи сиёсӣ намебошад.

Дар образи Бобак чун сиёсатмадор лағжидане низ ба мушоҳида мерасад, ки натавонистааст ба ғурури писари дигараш – Ардашер баҳои лозима диҳад. Бобак соли 209/210 ба ҳукми анъана, писари калонии худ Шопурро валиаҳд таъйин мекунад, ки боиси ситезҳои оянда байни Ардашер ва бародарони ӯ мешавад. Ба қавли Табарӣ, Бобак аз Ардашер сиёсатмадор тарбия мекард, на аз писарони дигараш.

Дар бахши муносибатҳои Бобак бо Ардавон Фирдавсӣ аз бозгӯи чор нома истифода кардааст. Яке номаи Ардавон ба Бобак, дигаре номаи Бобак ба

Ардавон, сеюм, номаи Ардашер ба Бобак ва чорум, номаи Бобак ба Ардашер. Номаҳо бештар назари сиёсии Бобакро ифода кардаанд.

Бобак ба аҷали худ ва Шопур дар фалокати нохуше пайи ҳам аз дунё чашм мепӯшанд ва кору корзор ба афтидану хестанҳо ба зиммаи Ардашер вогузор мешавад.

Ҳамин тавр, метавон хулосаи муқаддамотӣ пешниҳод кард, ки андешаи бунёд гузоштани давлати Сосониён идеяи Бобак мебошад. Бобак аз писари шоистатари худ – Ардашер ҷойгузин тарбия мекунад. Чунонки дар бахши «Подшоҳии Қубод» ишора хоҳад шуд, Қубод ҳам писари сеюми худ Анӯшервонро валиаҳд таъйин мекунад. Барои он ки аъён (аристократия)-и эронӣ Ардашерро чун подшоҳ қабул кунанд, барои ӯ аз Сосон, ки номаш чун меҳтар ва ҳатто чун фарзанди Баҳмани Исфандиёр ё ба назари Бундорӣ, Дорои Дороён буд, шаҷараи подшоҳӣ месозад. Дар сурати дигар аъёни эронӣ метавонистанд ба подшоҳӣ муносиб будани Арадашерро қотеона қабул накунанд.

## 1.2. Ардашери Бобакон ва сужаҳои вобаста ба шахсияти достонии ӯ

Ардашери Бобакон – поягузори шоҳаншоҳии Сосонӣ (224-651) шахси таърихӣ мебошад. Ин номро, ки ба ибораи «касе, ки подшоҳияш бар пояи ростӣ ва адолат аст» маънидод мекунанд, се тан аз подшоҳони Ҳахоманишӣ ва чаҳор тан аз подшоҳони маҳаллии Порс доштаанд. Ардашери Бобакон панҷумин Ардашер мебошад. Симои Ардашер дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ба тавре офарида шудааст, ки рӯйдодҳои таърихӣ ва ривоятҳои афсонавӣ омезиш ёфтаанд. Бино ба катибаи Шопури I дар Бишопур, ибтидои таърихи Сосониёнро метавон аз солҳои 205/206 оғоз кард. Чун мо дар таҳлили ин симо эътибори асосиро ба нигориши Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» медиҳем, салоҳ ба назар мерасад, ки хатти инкишофи сюжети (сюжетҳои) вобаста ба Ардашерро ба эпизодҳои ҷудогона тақсим намоем.

Қиссаи Ардашери Бобакон дар «Шоҳнома» дар қисмати «Ашкониён» бо шумори баъзе такмилаҳои ҷонибӣ дар матни интиқодии Душанбе дар 747, дар матни интиқодии Москва дар 777 ва дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар 781 байт ривоят шудааст. Дар ин қисмат Фирдавсӣ бевосита ба Ашкониён ҳамагӣ ҳаждаҳ байтро бахшидааст. Чунин муносибат бо Ашкониён шояд аз он сар зада бошад, ки Фирдавсӣ «аз эшон ба ҷуз ном нашнида» [Фирдавсӣ, Д. 1966-7, с.173] будааст.

Эҳсони Аббос ақида дорад, ки мавзуи Ардашер дар «Шоҳнома» дар 660 байт омадааст [Аҳд Ардашер 1967, с.18]. Шайх Саъдӣ, ки дар «Гулистон» на як бор аз подшоҳони Сосонӣ, аз ҷумла Ардашери Бобакон, ёд мекунад, номи ин асари Ардашер ва ё мансуб ба Ардашерро ба тоҷикӣ «Сирати Ардашер» гуфтааст [Саъдӣ 2008, с.95]. Дар миёни дастанвисҳои сершумори «Шоҳнома» душвор аст ду дастнависро пайдо кард, ки як матнро ба гунаи оина инъикос карда бошанд. Чунин нигарониро ҳанӯз соли 961 Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар «Синӣ мулуку-л-арз» карда буд ва афзуда, ки чун таърихи подшоҳони Аҷам дусаду панҷоҳ сол пас аз инқирози давлати Сосониён навишта шудааст, «бофтаҳо дорад ва саҳеҳ нест» [Ҳамза 1844, с.8]. Ҳамза дар бораи Худойнома мегӯяд, ки пас аз тарҷума ба арабӣ

«Китобу таърихи мулуки-л-фурс» гуфтандаш ва мегӯяд, ду нусхаи ба ҳам мутобиқи ин китобро натавонистааст пайдо кунад [Ҳамза 1844, с.16-17]. Мо дар пажӯҳиши худ перомуни ин масъала ба матни интиқодии Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон (1964-1966), матни интиқодии Институти шарқшиносии АФ СССР, матни комили «Шоҳнома» дар сомонаи www.ganjoor.net (ҳангоми зарурат) ва матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ такя кардаем. Лаҳзаҳои (эпизодҳои) зарурии сужаҳо бахш-бахш, бо зикри моҳияти аслии гуфтор ва мундариҷа баррасӣ мешавад. Чун сужаҳоро эпизодҳо ташкил медиҳанд, мо дар ин ҷо ва мавридҳои дигар аз истилоҳи эпизод истифода мекунем.

Эпизоди I. Дар ин лаҳзаи достонӣ ба масъалаи насаби Ардашери Бобакон пардохта мешавад. Дар бораи насаби Ардашер ба дасти муҳаққиқон «ду навъ хабар расидааст, ки яке таърихӣ, дигаре достонӣ» мебошад [Шакӣ 1991, с.77]. Дар нигориши Фирдавсӣ Ардашери Бобакон писари Сосон ва набераи духтарии Бобак аст. Ҳамин таъкид дар «Бундаҳишн» низ омадааст, вале маънӣ вожгун шудааст: «Ардашери Бобакон, ки модараш духти Сосон... мебошад» [Шакӣ 1991, с.82]. Қиссаи Ардашер, ки ба гунае Фирдавсӣ ба таҳрир овардааст, дар оғоз мебоист барҳақ («қонунан») ба подшоҳӣ расидани Ардашерро исбот кунад. Бобак падари Ардашер, ки подшоҳ набуд, эҳтимол марзбони вилояти Форс дар аҳди Ардавони V, вопасин подшоҳи Ашконӣ буд, ду бор, ба гумони Фирдавсӣ, меросбари ирсии мулки Доро, охирин подшоҳи Каёнӣ – Сосонро хоб мебинад.

Ба ривояти Фирдавсӣ Сосон, падар ва бобои ӯ, то кушта нашаванд, дар мавзее, ки шоир Ҳиндустонаш мегӯяд, паноҳ бурда буданд ва дар назди чӯпонон пушт ба пушт муздурӣ мекарданд. Чӯпон будани Сосон дар хотираи таърихии эрониён нақш баста буд магар, ки ҳарифони хонадони шоҳаншоҳӣ ба ин хонадон таъна ҳам мезаданд, ки ниёи шумо чӯпон буд. Чунончи, ба ривояти Фирдавсӣ, Баҳроми Чӯбина дар таъна ба Хусрави Парвиз гуфта буд:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-аз роҳи дод,
Ту аз тухми Сосонӣ, эй баднажод.
Ки Сосон шубону шубонзода буд,

На Бобак шубонӣ бад-ӯ дода буд!? [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.43].

Ин таъна дар охири асри VI гуфта шудааст. Дар замоне, ки дар афкори оммаи эронён қавмҳои саҳронишини кӯчӣ чандон эътибори шоистае дар назари деҳқонону шаҳрнишонон надоштанд. Аммо, ба назари мо, дар нигориши Фирдавсӣ ва «Корнома» чӯпон ба қалам додани Сосон нишони таҳқир набояд бошад ва ё набояд комилан ҳақир дониста шавад. Чӯпон гуфтани Сосон, ба эҳтимоли қавӣ, қабати чанде пешини информативии устураро ифода мекунад. Ба шаҳодати Аҳмади Тафаззулӣ дар «Шеъре дар рисои Марзкӯ» ва дигарон дар сӯгвории яке аз пешвоёни кеши монавӣ Марзкӯро ба забони паҳлавии ашконӣ (парфянӣ) «Эй омӯзгори бузург... эй шубон...» сифат кардаанд [Тафаззулӣ 1979, с.527]. Сакоиҳо, ки Сосони воқеӣ ё пиндорӣ сакоӣ буд, қавми хиргаҳнишин буданд [Тоҳирӣ 2013, с.125-146].

Фирдавсӣ беҳуда гузинаи чӯпон будани Сосонро аз ҳама гузинаҳои афсонаомези ба истилоҳ таърихӣ ихтиёр накарда буд. Мулоҳизаи Фирдавсӣ, ки Сосони падари Ардашер чӯпон буд, ба ҳадде баромади Ардашерро ба баромади Куруши Кабир, поягузори сулолаи Ҳахоманишинӣ монанд мекунад. Сарчашмаҳои юнонӣ, аз ҷумла Геродот, ривоят менамоянд, ки Куруши навзод то бо тақозои бобояш Астиағ (Astyages) кушта нашавад, ба дасти чӯпонон дода мешавад ва онҳо калонаш мекунанд [Геродот 1972 с. 46-51]. Ба ҳамин шеваи адабӣ Фирдавсӣ, ҳарчанд дар бораи Куруш чизе намегӯяд, шаҷараи Ардашерро баробари шаҷараи поягузори сулолаи Ҳахоманишинӣ карда, яқинан, ба мартабаи Ардашер шукӯҳе афзудааст. Аз ин ҷост, ки дар «Шоҳнома» шаҷараи Ардашер ба гунаи шаҷараи шахсиятҳои бузурги афсонавӣ ва нимафсонавии таърихӣ сохта шудааст.

Агар мо ба таъбири профессор Лосев А.Ф. ба падидаи «меъёри бадеӣ» (художественный канон) мувофиқат кунем, ки «меъёри бадеӣ модели асари бадеӣ мебошад» [Лосев 1973, с.12], пас метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки дар «Шоҳнома» ва осори дигари хаттии арабу мусуломонӣ образи Ардашери Бобакон аз рӯи меъёри муайяне офарида шудааст. Чун Ардашер шоҳаншоҳ шуд, симои ӯро ба қиёси подшоҳони қадим, чун Мардук, Саргон, Карна, Куруши

Кабир, Фаридун, Дороб, Ромул ва Рем ва ғайра, ки нимафсонавию афсонавӣ ҳастанд, офариданд. Ин гуна офаридани обаразро моҳияти меъёри бадеӣ тақозо мекард. Ворид шудани персонажи Сосон ба хатти сужет ифодагари маънии «меросбари ниҳонӣ» мебошад, ки дар ривоятҳои афсонаомез борҳо вомехӯрад. Доноён таъбир мекунанд, касе ки ба хоби Бобак даромад, ба подшоҳӣ мерасад.

Дар «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф»-и Абуалии Масъудӣ ривояти дигаре ҳам омадааст, ки ба подшоҳӣ расидани Ардашерро марди порсое ба номи Таншар, ки муосири Ардашер буд, башорат дода буд [Масъудӣ 1893, с.100]. Дар «Зубдат-ут-таворих»-и Абулқосим Абдуллои Кошонӣ (асри XIII), бино ба гузориши Муҷтабои Минавӣ, дар дебочаи «Номаи Тансар» ҳам ишорае рафтааст, ки Тансар соҳиби фарри каён будан ва толеи расидани Ардашер ба подшоҳиро пешгӯӣ карда буд [Номаи Тансар 1975, с.11]. Фарри каён дар «Яштҳо»-и «Авасто», аз ҷумла дар «Аштод Яшт», «Зомёд яшт» зикр ва сифат шудааст [Авасто 2014, с.379-380, 387].

Бобак Сосонро дар хоб на як бор мебинад ва аз рӯи бовар ба қавли «Ҳар он кас, ки дар хоб доно буданд» [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.175] амал намуда, духтари худро ба Сосон медиҳад ва пас аз нуҳ моҳ Ардашер таваллуд мешавад. Ҳамин тавр, писари Бобак хуни подшоҳӣ мегирад ва метавонад барои подшоҳӣ «дар пояи қонун» талош кунад.

Дар бораи насаби Ардашер ривояти таърихнигори румӣ Агафий (536-582) вуҷуд дорад, ки шояд пас аз Кассий Дион, Геродиан ва Мовсес Хоренатси чорумин маъхази расида дар бораи Ардашери Бобакон ва насаби ӯ бошад. Агафий дар банди 24 китоби дуюм, дар «Андар подшоҳии Юстиниан» аз шоҳзодае бо номи Артаксеркс (Ардашер) ном мебарад ва ӯро писари Доро мегӯяд [Агафий 1953, с.47].

Ба нигориши Фирдавсӣ ва пайравони ӯ, аз ҷумла «Корномаи Ардашери Бобакон», ки дар сиғаи ба паҳлавӣ то замони мо расида файзе аз «Шоҳнома» гирифтааст, ба подшоҳӣ «қонунан» шоиста донистани Ардашер то ҷое «қонунан» ба подшоҳӣ муносиб донистани амир Темурро мемонад, ки чингизӣ набуд. Аммо чун домоди хонадони чингизӣ шуд ва лақаби «курагонӣ»-ро

гирифт, монеаҳои шаҷаравӣ (генеалогӣ) ҳам аз байн рафта буданд. Бобак, ки духтари худро ба Сосон дод ва Ардашер, ки аз камари Сосон шуд... Дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва «Шоҳнома» усулан ҳеҷ шубҳае дар бораи каёнӣ будани Сосони сар ба гурези «чӯпон» ва ё яке аз меҳтарони Истахр нарафтааст. Дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома», ки Фатҳ ибни Алии Бундории Исфаҳонӣ дар Димашқ ба наср карда ва ба назари Абдулваҳҳоби Аззом, аз се ду ҳиссаи «Шоҳнома»-ро дар бар мегирад, нигоҳи Фирдавсӣ бо чанде ихтисорҳо баён шудааст. Бундорӣ низ менависад, ки Ардашер писари Сосон набераи Бобак аст [Бундорӣ 1932, с.568].

Ба назари мо, тасаввур кардан, ки роҷеъ ба писари кӣ будани Ардашер сарчашмаҳои шифоҳӣ ва хаттии Фирдавсӣ ғалат кардаанду Табарӣ ва пайравони ӯ дуруст гуфтаанд, чандон кори бебаҳс намебошад. Зеро маълум аст, ки ҳоло муаллифи, ба ақидаи густарда, асри V Мӯсо Хуронии арманӣ (Мовсес Хоренатси) кушоду равшан Ардашерро писари Сосон мегӯяд ва бо зикри номи епископи насронӣ Барсума аз китоби «Ростсухан», аз сиёқ аз китобҳои «таърихи подшоҳони пешин», тақрибан ба хобҳою фарри каёну фоли мунаҷҷимон ва ғайра ишораҳо мекунад [Хоренатси 1990, с.111]. Дар ин росто месазад ба эътибор ҳам гирифта шавад, ки ба назари А. Кристенсен, «Таърихи Арманистон»-и Мӯсо Хуронӣ таълифе мебошад, ки «зоҳиран дар қарни нуҳуми мелодӣ» навишта шудааст [Кристенсен 1980, с.52].

Хатти инкишофи эпизоди писари кӣ будани Ардашери Бобакон дар «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ печи дигар гирифтааст. Табарӣ Ардашерро писари Бобак медонад ва дар айни ҳол Бобакро писари Сосон ба қалам медиҳад [Табарӣ 1979-2, с.12]. Нёлдеке ҳамин назари Табариро пуштибонӣ кардааст [Нёлдеке 1980, с.41]. Ҳасани Пирниё аз Нёлдеке пайравӣ мекунад [Пирниё, 2013-3, с.2068]. Муосири пасини Табарӣ Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ (ваф. 956) дар «Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар» ҳамон шаҷараи Ардашерро меоварад, ки Табарӣ овардааст [Масъудӣ, 1973-1, с.243]. Носири Хусрав низ Сосонро падари Бобак медонад:

Бобаки Сосон куву ку Ардашер,

К-ӯст на Баҳром, на Нӯшервон [Девон.ganjoor.net. қасидаи 176].

Дар гузориши Табарӣ ғояи «меросбари ниҳонӣ» дар симои Сосон ҷой надорад. Табарӣ Сосонро на чӯпони сар ба гурез, балки яке аз меҳтарони Истахр ва посдори оташкадаи Анаҳито (Ноҳид – Зуҳро) медонад ва меафзояд, ки зани ашрофзодаи Сосон Ромбиҳишт аз хонадони подшоҳии Бозрангӣ Бобакро таваллуд мекунад. Нёлдеке дар «Таърих» Сосонро «шефтаи шикор ва саворӣ» ҳам медонад [Нёлдеке 1980, с.42]. Ба ривояти Табарӣ, Ромбиҳишт аз насли қавми подшоҳон буд [Табарӣ 1979-2, с.12]. Номи Ромбиҳишт, бино ба таъкиди А. Кристенсен, бар пояи катибаи Каъбаи Зардушт «зоҳиран Динаг буд» [Кристенсен 1980, с.59]. Эҳтимол ин ном дар байни ашрофони эронӣ номи маъмуле будааст. Бар пояи муҳре, ки расидааст, шаҳбону (بانبشنان بانبشن Bonbishnon bonbishn – шаҳбонуи шаҳбонувон) модари шоҳаншоҳ Ҳурмузди III писари Яздгирд ва модари шоҳаншоҳ Пирӯз писари Яздгирд низ Динаг ном дошт [Кристенсен 1980, с.209].

Аз нигоҳи Фирдавсӣ, шоҳаншоҳ мебоист писари шоҳаншоҳ бошад. Муаллифони «Таърихи адабиёти тоҷик» ҳам ҳамин нуктаро таъкид намуда, навиштаанд, ки Фирдавсӣ «ақида дошт, ки подшоҳ бояд подшоҳзода бошад» [Шарифзода 2019, с.185]. Мебоист қиссае сохт, ки Ардашери Бобакон хуни подшоҳӣ дорад. Фирдавсӣ дар моҷарои Хусрави Парвиз ва Баҳроми Чӯбина таъкиди аъёни шоҳаншоҳиро меоварад:

Ки то зинда бошад ҷаҳондор шоҳ,
Сипаҳбуд набошад сазовори гоҳ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.76].

Аз ин таърих садсолаҳо пеш, ба ривояти Агафий, «Смердис, яке аз муғон салтанатро пас аз Камбиз писари Кир ғасб кард. Форсиёни тарафдорони Доро рӯйдодро ислоҳнопазир нашумориданд, вале худи Смердису анбуҳи касонеро, ки ҳамфикрони ӯ буданд, куштанд. Зеро раво набошад, ки муғон ба салтанати подшоҳӣ даст дароз кунанду фитна ангезанд» [Агафий 1953, с.61-62].

Ҳамин тавр, чун Ардашер, чи аз нигоҳи Фирдавсӣ ва чи аз нигоҳи муаллифони таърихномаҳо, «хуни подшоҳӣ гирифт», ӯ ҳуқуқи ахлоқӣ ва қонунӣ пайдо мекунад, то барои салтанат талош кунад. Аз гузориши мо низ наметавон

бо қатъият қазоват кард, ки Ардашер писари кист: Бобак ё Сосон? Агатангелос, муаллифи сарчашмаи арманӣ, ки тақрибан сад сол пас аз Сосон зиндагӣ кардааст, Ардашерро писари Сосон, Сосонро заминдори калон ва амири Истахр медонад [Агатангелос 2004, с.1]. Ҷ. Визелхофер тахмине пешниҳод карда, ки ҷолиб менамояд. Ӯ бар пояи эътиқоди зардуштӣ, ки инсони бефарзанд дар он дунё наметавонад аз раҳмати Офаридгор баҳраманд бошад, бо дарназардошти густариш доштани одати фарзандхондагӣ дар тоифаҳои зардуштӣ, тахмин мекунад, ки шояд «пазириши муҳтамали Ардашер писари Сосон ба фарзандхондагӣ тавассути Бобак бар пояи оини зартуштӣ» ба ҳақиқат наздиктар бошад [Визелхофер 2016, с.117].

Мулоҳизаи Ҷ. Визелхофер чандон бепоя ҳам нест. Саолибӣ оварда буд, ки Ардашерро Бобакон мегӯянд. Чун шарҳи дигаре ба чашми мо нарасид, метавон, қавли Абумансури Саолибиро дар нашри интиқодии Г. Зотенберг ба инобат гирифт. Саолибӣ овардааст, ки «чун Сосон пас аз андаке баъди зодани Ардашер вафот кард, Ардашер ба Бобак нисбат дода шуд» [Саолибӣ 1963, с.474]. Дар тарҷумаи тоҷикии Саййид Муҳаммади Руҳонӣ он маънӣ чунин омадааст: «Чанде барнаёмад, ки Сосон даргузашт ва Ардашер аз хонадони Бобак ба шумор омаду ба он нисбат ҷуст» [Саолибӣ 2014, с.244]. Ҳамин боварӣ Ардашерро такон медиҳад, то ҷанги мулуки тавоиф ва подшоҳи Ашконӣ – Ардавони V-ро сар кунад. Ба қавли Ибн ал-Балхӣ, ин ҷанг сӣ сол ва ба қавле, ҳаждаҳ сол идома дошт [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.20, 61].

Эпизоди II. Эпизоди дуюм ба баррасии рӯйдодҳои ба воя расидани Ардашер, қиёми мусаллаҳонаи ӯ ба муқобили вопасин подшоҳи Ашконӣ – Ардавон ва пирӯз гаштани Ардашер дар ин қиём бахшида мешавад.

Дар нигориши Фирдавсӣ, Ардашер дар зери назорати падар ба воя мерасад ва ҳама ҳунарҳоро, ки шоистаи фарзандони ашрофон буд, аз худ мекунад. Бобак аз нигоҳи маъмурӣ тобеи Ардавон буд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.172]. Чун Ардашер ба синни понздаҳсолагӣ мерасад, Ардавон мефаҳмад, ки Бобак фарзанди шоистае ба воя расонидааст, нома навишта, тақозо мекунад, ки Ардашерро ба назди ӯ фиристад. Бобак Ардашерро ба Рай мефиристад. Аз муҳаққиқон шояд

Ҳенри Массэ ривояти Фирдавсиро дар бораи ба ҳузури Ардавон фиристодани Ардашер ҷонибдорӣ карда бошад [Массэ 1972, с.160].

Дар ибтидо Ардашер ба қатори муқаррабон дохил мешавад ва ин мақом то печи хатти сюжети вобаста ба моҷарои байни Ардашер ва яке аз чор писарони Ардавон дар шикор давом мекунад. Мавзуи шикор, чунонки дар «Қобуснома» бобе ҳам бахшида шуда ва ишорае ҳам рафтааст, «бар асп нишастану шикор кардан ва чавгон задан кори муҳташамон аст, хоса ба ҷавонӣ» [Унсурулмаолӣ 1934, с. 66], дар «Шоҳнома» борҳо зикр шудааст. Шикор дар тасаввури подшоҳони Сосонӣ эътибори баланде дошт. Масалан, ҳатто Хусрави Парвиз, ки мулкро аз даст дода ва ба Рум гурехта буд, ба сафирони худ мефармояд, ки агар қайсар майли шикору чавгон кунад, шумо эътибори Эронро нигоҳ доред [Фирдавсӣ Д.1966-9, с 101]. Дар «Шоҳнома» нахчиргоҳи Рустам, шикоргоҳи Афросиёбу Сиёвуш, шикоргоҳи Сиёвуш ва шикоргоҳи шоҳи Кобул ва ғ. зикр шудааст. Ба нигориши Фирдавсӣ, Рустам маҳз дар шикоргоҳи шоҳи Кобул ба чоҳ меафтад ва кушта мешавад [Фирдавсӣ Д.1965-6, с.444-447]. Ғолибан «муҳташамон» агар дар разм намебуданд, дар базм ҳузур пайдо мекарданд. Кори умдаи муҳташамон «разму базм буд ва базм хосси ҳангоми фароғат ва иборат буд аз: нахҷир кардану бода хӯрдану бӯса шумурдан» [iranjasminsafarico. com, 28.08.2021, с.3]. Баъзе паҳлуҳои шикор ва одоби он дар мақолаи «Сайд ва одоби он дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» низ баррасӣ шудааст [Ғаравӣ 1976, с.131-136].

Бино ба нигориши Фирдавсӣ, дар шикори нахчир болодастии Ардашер ва ғурури ҷавонии ӯ, ки имкон намедиҳад сухани писари Ардавонро нагардонад, ҳасади шоҳзодаро бармеангезад. Ин густохии Ардашер, ки сухани шоҳзодаро нагирифт, боиси итоби Ардавон мегардад. Ӯ Ардашерро аз қатори муқаррабон дур ва сарпарасти саисхона таъин мекунад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 182]. Ардашер ба падараш нома менависад. Бобак мазмуни номаро ба касе намегӯяд. Ӯ чун сиёсатмадор – марзбони вилояти Форс – ба писараш номаи танбеҳ менависад ва таъкид мекунад, ки:

Кунун кому хушнудии ӯ биҷӯй,
Магардон зи фармони ӯ ҳеҷ рӯй» [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.183].

Сипас Фирдавсӣ то ҷое, ки чаҳорчӯбаи жанр имкон медиҳад, як рахи воқеие ба симои Ардашер мекашад. Ардашер, ки падараш хеле динор фиристода буд, ба ишрат дода мешавад. Ардашер ба сифати «гаравгони ифтихорӣ» дар қаламрави Ардавон мемонад. Ҳамон тавре ки дертар Фирӯзи писари Яздгирди Шаҳрёр ва фарзандони ӯ дар дарбори хоқонони Чин аз сулолаи Тан буданд [Шефер 1981, с.45]. Умуман, пас аз итоби Ардавон Ардашер худро чун дар банд медонист ва ба ҳамин нукта дар назми Фирдавсӣ ишораҳое шудааст.

Дар ҳамин ҷойи қисса зан «вориди саҳна» мешаваду хатти инкишофи сюжет печи дигар ба самти гиреҳкушоӣ мегирад. Ба саҳна «бардае арҷманд», ки Фирдавсӣ Гулнораш ном кардааст, ворид мешавад. Гулнор канизак буд ва аз он арҷманд буд, ки илова ба зебоӣ, ба истилоҳи имрӯза, вазири молия ё «мушовири давлатӣ» ҳам буд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.184]. Шояд барои ҳамин дар кохе зиндагӣ мекард. Зебоии канизаки хубрӯйро Фирдавсӣ дар бӯйи хуш, мӯй ва хиромидани ӯ дидааст. Дар ин хусус бояд ба инобат гирем, ки бино ба назари Нёлдеке, занҳо дар «Шоҳнома» мақоми муҳиммеро ҳоиз нестанд» [Нёдлеке 1980, с.115].

Гулнор аз болои боми кох Ардашерро мебинад ва ба як дидан ошиқ мешавад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.184]. Гулнор чун дару дарвозаи кох ба шаб баста мешуданд, бо ресмон аз сари бора мефарояду ба назди Ардашер меояд. Дар ҳамин ҷой қиссаи хабари марги Бобак мерасад [Баҳорранг 2005, с.2].

Рафтори канизак, яъне омадани ӯ ба назди дилдода ба қолаби адабиёти то Фирдавсӣ ва пас аз Фирдавсии форсу тоҷик, ба истиснои як-ду далели расида аз шеъри устод Рӯдакӣ, намеғунҷад. Рубоии саромади шуаро «Омад бари ман...» маъшуқаеро тасвир мекунад, ки ба назди ошиқ меояд. Чунин рафтор хилофи анъанаи шеъри ошиқона аст, ки решаҳояш то шеъри араб давидааст. Маъшуқаро ҷӯёи ошиқ тасвир кардан дар адабиёти араб набуд ё анъана нашуда буд. Марзубонӣ дар «ал-Мувашшаҳ» ба чанд байти Умар ибни Абурабиа (ваф. 665) эрод гирифта буд, ки дар онҳо бар хилофи анъана طریق машуқа майле ба ошиқ нишон додааст [Марзубонӣ 1965, с.257-258].

Мо бо истинод ба рисолае, ки роҷеъ ба таҳаввули ғазал дар шеъри тоисломӣ ва оғози исломи араб солҳое пеш дар Институти шарқшиносии АФ СССР ҳимоя шуда буд, метавонем бигӯем, ки рубоии ошиқонаи устод Рӯдакӣ нишонест, ки аввалу охираш афтодааст. Вале агар ба рафтори Гулнор нигоҳ кунем, метавон ҳадс зад, ки анъанаи соид ин маъниро дар адабиёти араб ва исломӣ сутурдааст. Далели ҷӯё будани маъшуқаро мо дар қиссаи ҳазрати Юсуф дар «Таврот», қиссаи иштиёқи Рудоба ба Зол, моҷарои Судоба ва Сиёвуш, Таҳмина ва Рустам, Манижа ва Бежан, инчунин, дар «Ғазали ғазалҳои Сулаймон» метавонем мушоҳида кунем. «Ғазалҳо»... иборат аз ҳашт таронаи тавротӣ, ки ба тахмин дар охири ҳазораи якуми пеш аз милод суруда шудаанд, тарҷумаҳои шаръӣ ба ҳама забонҳо доранд ва тарҷумаҳои шоирӣ ба чанде аз забонҳо. Ба назари мо, Аҳмади Шомлу муваффақ шудааст, камоли руҳияи «Ғазали ғазалҳо»-ро ба забони форсӣ ифода кунад [www.Bofekor.wordpress.com. – 14 с]. Ҳамин гуна тарҷума ба забони русӣ ба Дяконов И.М. низ шояд ба туфайли ба таҳрир даст доштани Анна Ахматова муяссар шуда буд [Лирическая поэзия 1984, с.81-117].

Дар ин баршумор, ки албатта, пурра нест, тасвири «Омадани Таҳмина, духтари шоҳи Самангон ба назди Рустам» фарқ мекунад. Таҳмина бо хеле муқаддимаи латиф дар ягон бист байт кушоду равшан ба Рустам мегӯяд: Туроам кунун, гар бихоҳӣ маро [Фирдавсӣ 1987-7, с.197]. Манижа низ дар бобати ҷӯёи Бежан будан аз Таҳмина монданӣ надорад. Ин мавзуъ дар китоби Х. Шарифзода «Достонҳо бузурги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» то ҷое таҳлил шудааст, бинобар ин, зарурати овардани тафсилоти вай аз байн меравад [Шарифзода 2018, с.196-198]. Масалан, ҳилае, ки Манижа кардааст, то аз Бежан ҷудо нашавад, на дар ҳама қиссаҳои ошиқона дида мешавад. Маънии омадани канизак ба назди Ардашер бо баъзе ихтисорҳо дар «Ғурар»-и Саолибӣ низ омадааст [Саолибӣ 2014, с.245]. Дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома» мавзуи канизак ва Ардашер оварда нашудааст.

Вобаста ба маънии ҷӯёи ошиқ будани маъшуқа метавон гуфт, бино ба далелҳое, ки зикраш омад, ин маънӣ ба адабиёти тоисломии мо бегона набудааст. Инъикоси ҳамин маънӣ дар рафтори Рудоба, Судоба, Таҳмина ва Манижа дар

«Шоҳнома» сурат гирифтааст, вале то ба шеъри ошиқонаи форсу тоҷик нарасидааст. Зеро аз асри X анъанаи шеъри ошиқонаи мо арабӣ шуда буд. Ба далели намунаҳои расидаи ғазал ва байти Абулҳасани Оғоҷӣ:

Ману байғулакаке яке танг ба як сӯзи ҷаҳон,
Арабивор бигирям ба забони аҷамӣ [Ашъори 1958, с.125].

Қиссаи канизак ва Ардашер бо вохӯриҳои онҳо тамом намешавад, хабари расидани марги Бобак ба инкишофи хатти сюжет печи дигар ворид мекунад. Ардавон ба Бобак азо мегирад. Пас аз марги Бобак Ардавон ба қавли Фирдавсӣ, писари калониаш – Баҳманро марзбони Форс таъйин мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.185]. Умеди Ардашер, ки волии Форс метавонад шавад, барбод меравад ва Ардашер роҳи гурезро меҷӯяд. Ин ҷузъи нигориши Фирдавсӣ ба хулосаҳои пажӯҳишҳои сосонишиносии навин мувофиқат намекунад. Инсофан, шарт ҳам нест, ки мувофиқат кунад. Пас аз тақрибан ҳафтсаду ҳафтод соли рӯзгори Ардашер ва беш аз сесад соли фурӯпошии шоҳаншоҳии Сосониён гардуни маълумоти таърихии асримиёнагӣ басо гардиш карда буду басо лайлу наҳор ҳам оварда буд.

Пасон дар нигориши Фирдавсию ривояти «Корнома» ду унсури ирратсионалӣ ба хатти инкишофи сюжет ворид мешаванд. Фоли мунаҷҷимон ва фарри каён. Сабаби рӯ ба мунаҷҷимон овардани Ардавон на дар нигориши Фирдавсӣ ва на дар «Корнома» возеҳ баён нашудааст. Ин ҷо метавон ҳадс зад, ки унсури фоли мунаҷҷимон ё таъбири хоб дар таъриххои қадима ва «Худойнома»-ҳо, ки то ҷое солнома ҳам буданд, эҳтимол, дар қолабе рехта мешуданд ва ин қолаб шоиста мебуд, ки риоя карда шавад. Чунончи, Геродот дар «Клио» дар бахши зуҳури Куруши Кабир ва рӯ ба нобудӣ ниҳодани подшоҳии Мод афсонаи хоби Астиағ ва таъбири онҳоро меоварад. Ва ҳамин таъбир баҳона ва ё сабаб мешавад, ки подшоҳ Астиағ ба таъқиби духтарнабераи худ – Куруш иқдом кунад [Геродот 1972, с.46-51]. Қиссаи таъқиби Ардашер, ки пас аз таъбири хоби Ардавон шуруъ мешавад, дар ҳамин қолаб рехта шудааст.

Расидани тафсилоти фоли мунаҷҷимон ба воситаи канизак ба Ардашер азми Ардашерро ба гурехтан қавитар мегардонад. Ситорабинон ба Ардавон

мегӯянд: «Касе аз пиромуниёнат, ки дар ин ҳафта бигрезад, бар кишвари Эрон даст хоҳад ёфт» [Саолибӣ 1963, с.245]. Ҳамин маънӣ дар «Корнома» низ таъкид шудааст [Чунакова 1987, с.69]. Фирдавсӣ қавли ахтаршиносонро чунин хулоса кардааст:

Ки бигрезад аз меҳтаре кеҳтаре
Сипаҳбуднажодеву кундоваре
В-аз он пас шавад шаҳрёри баланд,
Ҷаҳондору некахтару судманд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.187].

Ардашер вақте ки ба сӯйи Форс бо канизак фирор мекунад, онҳоро фарри каён дар сурати гӯсфанд (ғурм) ҳамроҳӣ менамояд. Ардавон ба таъқиби Ардашер меафтад ва то ба пушти аспи Ардашер нишастани ғурм таъқибро давом медиҳад. Нуктаи ба таъқиби Ардашер ва канизак шахсан баромадани Ардавон шояд муболиға бошад. Вале чи дар «Шоҳнома» ва чи дар «Корнома» ҳамин нукта таъкид шудааст. Пас аз он ки фарри каён ба пушти аспи Ардашер менишинад, дастури Ардавон маслиҳат медиҳад, ки дигар таъқиб кардан маънӣ надорад [Чунакова 1987, с.71].

Мувофиқи мулоҳизаи пажӯҳишгарон, фарри каён дар симои ғурм, ки дар хони дувуми Рустам низ ба мушоҳида мерасад, тотеми сакоиҳо будааст. Шояд месазад гуфт, ки бино ба назари сарчашмаҳо ва муҳаққиқон, тасвири фарри каён дар симои ғурм чандон нуктаи ноошно нест. Масалан, Аммиан Мартселин дар бобати муҳосираи Амида аз тарафи Шопури II менвисад, ки шоҳаншоҳ «савори асп дар пеши лашкар мерафт ва кулоҳи ӯ ба шакли сари ғурм буд, ки бо сангҳои қиматбаҳо ороиш ёфта буд» [Аммиан 1996, с.102].

Ба назари Ёҳаққӣ, фарр дар истилоҳи авастоӣ ҳақиқате илоҳӣ ва кайфияте маънавист, ки чун барои касе ҳосил шавад, ӯро ба шукуҳу ҷалол ва марҳалаи тақаддусу азамати маънавӣ мерасонад ва соҳиби қудрату нубуғ ва хуррамию саодат мекунад [Ёҳаққӣ 2013, с.389]. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мавзуи фарр, суратҳо ва таҷаллиёти он то он ҷо густарда аст, ки китоби хоссе бо унвони «Фарр дар «Шоҳнома»« тавассути Алиқулӣ Эътимоди Муқаддам таълиф шудааст» [Ёҳаққӣ 2013, с.389]. Эътиқод ба фарр ва кароموти вай дар замони қадим ва

ибтидои асрҳои миёна ба дараҷае буда, ки ба ақидае, то ба Таврот, устураҳои юнонӣ ва дар асрҳои миёна то ба фалсафаи ишроқ расида будааст [Ёҳаққӣ 2013, с.388]. Фирдавсӣ ва муаллифи «Корнома» ба каромоти фарри каён ҳеҷ шубҳа зоҳир накардаанд.

Месазад гуфт, ки дар «Шоҳнома» бори нахуст ёде аз каромоти фарр дар сурати «меши некӯсурин» ва ё ғурм дар хони дуюми Рустам ба мушоҳида мерасад. Рустам, ки бар асари ташнагӣ дар биёбон дар остонаи ҳалокат буд, ба шарофати ҳидояти ғурм ба чашмаи обе мерасад.

Дар ҳамин печи хатти инкишофи сюжет қисмати осоиштаи эпизоди дуюм ба поён мерасад ва воқеаҳо ба корзор мегузаранд. Аз нигоҳи Фирдавсӣ, Ардашер раҳ то раҳ хайрхоҳӣ мебинад ва дар атрофи Истахр, вақте тарафдорони ӯ гирд меоянд, «хутбаи барномавӣ» ҳам эрод мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.195]. «Хутбаи барномавӣ», чунонки дар бахшҳои подшоҳони дигар хоҳем дид, як ҷузъи ҷудонашавандаи атрибутикаи ба тахт нишастани подшоҳон мебошад. Аммо чун Ардашер ҳоло подшоҳ набуд, хутбаи «шоҳона», ки тобиши андарз ба маънои чӣ мебояд кард ва ё накардро ҳам дорад, эрод намекунад. Худи хутба дар нигориши Фирдавсӣ ҳамагӣ дар ҳафт байт гуфта шудааст. Бо ин кӯтоҳӣ хутба дар қолаби муроҷиати подшоҳ ба ашрофу арбоби раият рехта шудааст. Подшоҳ, дар нисбати Ардашер муддаии тахти каён, сухан мекунад ва ба таъбири имрӯза, вазифа мегузораду бино ба тақозои жанр, вокуниши арбоби раиятро интизор мешавад. Арбоби раият суханони муддаии тахти подшоҳиро announcementsмеписанданд ва изҳор мекунанд, ки бо ӯ ҳастанд ва хоҳанд монд. Дар хутба Ардашер аз зулми Искандар ёд намуда, насаби худро то ба Исфандёр расонида таъкид ва чунин тааҷҷуб мекунад:

Чу ман бошам аз тухми Исфандёр,
Ба марз андарун Ардавон шаҳрёр?! [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.195].

Ҳамин ду нукта: талаби кини ниёгон ва баргардонидани подшоҳӣ аз нигоҳи Ардашер ба меросбарони ростин, моҳияти хутбаи Ардашер ва агар ба дуртар назар афканем, маънии зиндагӣ ва фаъолияти сиёсии ӯро ташкил медиҳанд.

Нахустин муҳорибаи Ардашер бо писари Ардавон ба туфайли пуштибонии волии Ҷаҳрам – Табок ба пирӯзии Ардашер тамом мешавад. Табок пресонажи сода нест. Ӯ дар ин ҷо чун сипаҳсолор баромад мекунад, на чун волӣ. Эпизоди муҳорибаи Ардашер бо Ардавон дар нигориши Фирдавсӣ дар бисту панҷ байт омадааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.200-202]. Фирдавсӣ дар ин эпизод тавонистааст, ки ҳолати равонии Ардавонро то ҷое воқеъбинона инъикос кунад: Дилаш гашт пурбиму тира равон. Ардавон, ҳарчанд ки чанде аз мулуки тавоиф бо ӯ буданд, лашкари бешумор ҷамъ кард, вале чун сиёсатмадор пай мебурд, ки рафти кору корзор шояд ба фоидаи ӯ анҷом наёбад. Ба қавли Фирдавсӣ, муҳорибаи беамон чил рӯз давом мекунад. Дар ҳамин ҷо боз як фоли бад – баромадани абри сиёҳ ва хестани боди ҳавлнок, ки мусалламан то ҷое унсури ирратсионалӣ ҳам мебошад, ҳолати равонии ҷангиёни Ардавонро мешиканад. Лашкар таслим мешавад. Ардавонро асир мегиранд. Ба фармони Ардашер яке аз ҷаллодони ӯ Ардавонро ба қатл мерасонад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.202].

Ин ҷо бераҳмии Ардашер инъикос ёфта, ки дар «Таърих»-и Табарӣ ин нукта равшантар омадааст. Хабаре ҳам ҳаст, ки Ардашер сарони буридаи душманони худро аз Марв ба оташкадаи Ноҳиди Истахр мефиристад. Шояд ин назре буда, ки ба ин оташкада мефиристоданд. Ин хабар камтар шоистаи эътимод ба назар мерасад, зеро сарчашмаҳо оид ба набардҳои Ардашер дар шарқи Хуросон тақрибан ишорае накардаанд [Ҷалилиён 2019, с.6-7].

Фирдавсӣ ба марги Ардавон бо назари фалсафӣ ҳам менигарад:

Чунин аст кирдори ин чархи пир,
Чи бо Ардавону чи бо Ардашер [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.202].

Табоки Ҷаҳрамӣ мурдаи Ардавонро мешӯяд ва «бар оини шоҳон яке дахма» мекунад. Эҳтимол, чунонки аз матни «Шоҳонма» бармеояд, хор надоштани мурдаи душман яке аз оинҳои подшоҳӣ будааст. Ҳоло мо танҳо як муносбати «берун аз қоидаро» медонем, ки дар бобати эҳтироми майит аз кушта шудани Дорои III то Яздгирди Шаҳрёр ба мушоҳида расидааст. Зиёда аз ин, Табок маслиҳат медиҳад, ки Ардашер духтари Ардавонро ба занӣ гирад. Ин печи сюжет, ки то ҷоҳое афсонаранг ҳам ҳаст, дар бахши Сосониёни «Шоҳнома»

борҳо вомехурад. Артур Кристенсен ба никоҳи Ардашер даромадани духтари Ардавонро афсона медонад ва дар айни замон назари Ҳертсфилдро меорад, ки ин кор метавонист ба хотири ба туфайли пайвастан бо хонаводаи Ашконӣ ва ба ин восита устувор кардани давлат сурат гирифта бошад [Кристенсен 1980, с.60]. Дар ин бобат Кристенсен гузинаҳои дигарро дар бораи духтари кӣ будани ҳамсари Ардашер овардааст. Ба ривояте, ин духтар духтари амаки Ардавон, ба ривояти дигаре, духтари Фаррухон, бародарзодаи Ардавон буд.

Дар мавзуи ба занӣ додан ё гирифтани духтари подшоҳи мағлуб дар сарчашмаҳо як қонунмандие ба мушоҳида мерасад. Одатан духтари подшоҳ ё меҳтари мағлуб зани подшоҳи ғолиб мешавад. Табарӣ бо нақл аз он, ки Дороро на Сикандар, балки ду ҳоҷиби худи Доро теғ задаанд, бо меҳре, ки ба Сикандар дорад, менависад: «Сикандар ба Доро мегӯяд, аз ман бипурс, то кӯмакат кунам. Доро мегӯяд, ки ду ниёз дорам: яке қасоси маро аз ду ҳоҷиб биситон, дигар, духтари ман – Равшанакро ба занӣ бигир [Табарӣ 1979-1, с.575]. Дар тарҷумаи Абуалии Балъамӣ Доро илова бар ин ду ниёз, ниёзи сеюмро низ мегӯяд: «Се дигар, меҳтарони Аҷам неку дорӣ ва эшонро барда накунӣ» [Балъамӣ 2001-1, с.397].

Ҳамин тавр, Ардашер пас аз кушта шудани Ардавон ба подшоҳии Эроншаҳр мерасад ва ба Мадоин (Ктесифон) ворид мешавад. Ин рӯйдод, ба назари А.Кристенсен, ба нақл аз Ҳенинг, рӯзи 28 апрели (09 фарвардини) соли 224 сурат гирифта будааст [Кристенсен 1980, с.59]. Кристенсен меафзояд, ки муносиб донистани Ардашери Бобакон ба мақоми шоҳи шоҳони Эрон ва маросими тоҷгузорӣ расман соли 226 сурат гирифтааст. Ба ақидаи ҳамин муҳаққиқ, ин муносибат метавонист дар оташкадаи Ноҳиди Истахр сурат гирифта бошад. Фирдавсӣ дар байти нахустини бахши Подшоҳии Сосониён – Подшоҳии Ардашери Бобакон – меоварад, ки Ардашер дар Бағдод ба тахт нишаст. Ин қавл, ба назари мо, ҳикмате дорад. Фирдавсӣ ба яқин медонист, ки дар ибтидои асри III Бағдод набуд. Шоир то хонандаи асри X донад, ки Ардашер дар куҷо ба тахт нишастааст, Тайсафун нагуфтааст. Тайсафун барои хонандаи асри X баъд аз соли 637 шаҳре, сипас макони ноошное дар атрофи Бағдод буд.

Падари Ардашер ҳанӯз соли 205 ё 206 аз итоати Ардавон баромада буд ва худро ба ҷойи подшоҳи хонадони Бозрангӣ подшоҳи иқлими Форс эълон карда буд. Он ки Муҷтабо Минавӣ ин рӯйдодро соли 538 селевкӣ, баробари 226 мелодӣ медонад, шояд саҳве бошад [Номаи Тансар 1975, с.5]. Муҳаққиқон таърихи подшоҳии Ардашерро аз рӯзи соҳиб шудани ӯ ба мулки Форс мегиранд ва ин таърихро, ба шаҳодати катибаи Шопур, соли 208 мелодӣ ба қалам додаанд [Кристенсен 1980, с.59]. Бо ин ҳама роҳи Ардашер ба сӯйи бунёд намудани шоҳаншоҳии Эроншаҳр ба ҷойи мулуки тавоиф чандон осудаву осоишта набуд. Масалан, ба шаҳодати Р. Гиршман ҳоло то соли 228 писари Ардавони V Artavasdes чун фармонравои мулке сиккаҳо мезадааст [Гиршман 1993, с.92].

Эпизоди III. Ин эпизод гардиши дигареро дар хатти сужети мавриди таҳлил дар бар дорад, ки ба тасвири воқеаҳои баъд аз ба подшоҳӣ расидани Ардашер махсус аст. Қиссаи ба подшоҳӣ расидани Ардашер дар «Шоҳнома» ва «Корнома»-и Ардашери Бобакон дар муқоиса бо сарчашмаҳои таърихӣ фарқ мекунад. Ин шояд аз он тавонад гувоҳӣ диҳад, ки маъхази Фирдавсӣ, ба қавли Нёлдеке, «як номаи шоҳон ба наср будааст» [Нёлдеке 1980, с.82] ва ё ба назари Забеҳуллоҳи Сафо розӣ шуд, ки Фирдавсӣ назми «нусхаи Абумансуриро аз ҳудуди соли 370 ё 371 оғоз карда буд» [Сафо 1996-1, с.473].

Дар солҳои охир ду шоҳномашиноси муосири эронӣ Саҷҷоди Ойдинлу бо номи «Тааммулоте дар бораи манобеъ ва шеваи кори Фирдавсӣ» [Ойдинлу 2005] ва Ҷалол Холиқии Мутлақ таҳти унвони «Аз «Шоҳнома то «Худойнома». Ҷусторе дар бораи маъхази мустақим ва ғайримустақими «Шоҳнома» [Мутлақ 2008] пажӯҳишҳои қобили мулоҳизае ба чоп расониданд. Мо ба ин мавзуъ дахолат намекунем, танҳо такроран таъкид мекунем, ки дар бобати то ба подшоҳӣ расидани Ардашер дар «Шоҳнома», дар муқоиса бо манбаъҳои дигари ҳамин мавзуъ, фарқи казоӣ ҷой дорад.

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ менависад: «Чун аз ба подшоҳии сарзамини Бобул расидани Искандар, ба қавли насоро ва гаравидагони китобҳои аввал, панҷсаду бисту се сол ва ба қавли маҷусиён, дусаду шасту шаш сол гузашт, Ардашер ибни Бобакшоҳ... дар Форс бархост, то ба гумони ӯ қасоси хуни писари

амаки худ – Дороро... бигирад, ки бо Искандар муҳориба карду ду посдораш бикуштандаш ва чунонки мегӯянд, мулкро ба соҳибонаш бозгардонад... Ба зери итоати як саркарда ва дар як мулк» [Табарӣ 1979-2, с.12]. Ҳамин ишораи Табарӣ, ки қасоси хуни Доро ба Ардашер такон додааст, то даст ба ҷанги мулуки тавоиф ва бузургтарини онҳо – Ардавон бизанад, чунонки пештар ишора ҳам карда будем, дар «Шоҳнома» низ ба назар мерасад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.539].

Табарӣ зодгоҳи Ардашер писари Бобакро деҳи Тирудаи рустои Хайри (Хир) Истахр ва Сосонро падари Бобак медонад [Табарӣ 1979-2, с.12]. Ардашер дар ҳафтсолагӣ ба тарбияи аркбуд (қалъабон) ва ба тафсири Нёлдеке, «фармондеҳи қувои (сипоҳи) як ноҳия» [Нёлдеке 1980, с.56] Доробгирд – Тирай фиристода мешавад, ки хоҷа ҳам буд. Дар саҳифаҳои Сосониёни «Таърих»-и Табарӣ ин бори нахустин мебошад, ки аз хоҷа (хоҷасарой) ёд шудааст. Дар Табарӣ ва тарҷумаи Балъамӣ ин хоҷа посдори ҳарам нест. Тирай шахси мансабдор аст.

Бино ба қавли Табарӣ ва Абуалии Балъамӣ, пеш аз ин Бобак, ки ҳам марзбони Форс ва ҳам нигаҳбони оташкадаи Ноҳид буд, бо подшоҳи Форс Ҷузеҳр аз қавми Бозарангон аҳд мебандад, ки Ардашер пас аз сари Тирай аркбуди (волии) Доробгирд хоҳад шуд. Дар ин бора, ба гувоҳии мардумони Истахр, сиҷилле («супоришнома») [Нёлдеке 1980, с. 42.] ҳам тартиб медиҳанд [Табарӣ 1979-2, с.12; Балъамӣ 2001-1, с. 482]. Пас аз он ки Ардашер волии Доробгирд мешавад, ба накукорӣ даст мезанад. Дар тарҷумаи Балъамӣ пас аз ин Ардашер хоб мебинад, ки «фариштае аз осмон фуруд омадӣ ва вайро гуфтӣ: «Худой, азза ва ҷалла, мулк ба ту хоҳад додан, сохта бош» [Балъамӣ 2001-1, с.482]. Ба назар мерасад, ки дар бобати тарҷумаи як ҷумлаи матни хоби Ардашер тарҷумони «Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён»-и Нёлдеке Аббоси Зарёб эҳтимол чандон дақиқ набудааст, ки гуфтааст: جلس الی راسه – фариштае бар сари ӯ бинишаст» [Нёлдке 1980, с.45]. Зеро ибораи جلس الی راسه – и Табариро намешояд чунин тарҷума кард [Табарӣ 1979-2, с.12].

Ардашер, дар ривояти Табарӣ, пас аз фоли мунаҷҷимон ва далолати хоб ба кушодани кишварҳо шуруъ мекунад. Нахуст мавзее, ки Ардашер мекушояд,

Ҷубонон будааст. Ардашер ин мавзеъро фатҳ ва подшоҳи онро қатл мекунад [Табарӣ 1979-2, с.12]. Сонӣ ба шаҳри дигаре ҳамла намуда, подшоҳи онро низ мекушад, сипас ба шаҳри Ларвер ҳуҷум намуда, подшоҳи онро низ ба қатл мерасонад [Табарӣ 1979-2, с. 12]. Ахиран бо дасисаҳои дарборӣ Ардашер аз бародари меҳтари худ – Шопур бо ёрии бародарони меҳтари дигараш Истахрро ҳам мегирад. Чун ба Ардашер хабар медиҳанд, ки бародаронаш мехоҳанд, бо пуштибонии бархе аз сипоҳиён ӯро банд кунанд, ҳамаи ошӯбгарон, аз ҷумла бародаронашро аз дами теғ мегузаронад [Табарӣ 1979-2, с.12; Балъмӣ 2001-1, с.483]. Ин мулоҳизаро зоҳиран Нёлдеке ҳам дар «Таърих» пушитбонӣ кардааст [Нёлдеке 1980, с.61].

Ҳамин тавр, Ардаршер дар нигориши Табарӣ ва тарҷумаи Балъамӣ (фарқҳое дар ҷузъиёт ҳаст) то ба рӯёрӯӣ бо Ардавон мерасад. Муҳорибаи ҳалкунанда дар дашти Ҳурмузгон ё Ҳурмуздгон, дар наздикии Шуштар, дар Хузистон сурат мегирад ва дар ниҳояти кор Ардавон кушта мешавад. Бино ба нигориши Аммиан Мартселлин, дар пирӯзии Ардашер саҳми яке аз ҳафт хонадони маъруфи портӣ – хонадони Суран (سورن) ҳам ҷой доштааст.

Аммиан Мартселлин дар ду ҷой, дар фасли XXIV ва XXX Суранро «пас аз шоҳаншоҳ шахси дувуми давлат» ба қалам додааст [Аммиан 1996, с.191, 292]. Ин ҷо сухан дар бораи шахси Суран намеравад. Задаи мантиқиро месазад ба марзбуми Суран гузошт, ки... Сиистон буд. Метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки давлати Сосониёнро на танҳо мардони Форс бино намуданд... Дар нигориши Табарӣ ва тарҷумаи Балъамӣ Ардашер шахсан Ардавонро мекушад ва аз асп пиёда шуда, ба қавли Балъамӣ, «лағад бар сари ӯ ҳамезад, то мағзаш аз сар берун омад» [Балъамӣ 2001-1, с.485]. Саолибӣ низ дар «Ғурар» меоварад, ки Арадашер хуни Ардавонро ба замин рехт [Саолибӣ 1963, с. 246]. Пеш аз ин, бино ба Саолибӣ, Ардавон ҳам номаи Ардашерро, ки ба итоати ӯ дарояд, гирифта буду «посухи дурушт дод ва арҷе наниҳод» [Саолибӣ 1963, с.246]. Саолибӣ номаи ҷавобии Ардавонро бозгӯ накардааст. Ин бозгӯ дар Табарӣ омадааст ва шояд суханони қабеҳе, ки Ардавон дар шаъни Ардашер гуфтааст, он бошад, ки Ардавон Ардашерро «курд ва парварида дар хиргоҳҳои курдон» номидааст

[Табарӣ 1979-2, с.13]. Ин ҷо бо назардошти чорводор будани курдҳо, аз эҳтимол дур нест, ки ишорае ба қаринаи чӯпонии Сосон – бобои Ардашер ҳам рафта бошад.

Ибн ал-Асир дар «ал-Комил» Ардашерро «و جمع مملكة الفرس мамлакати форсиёнро ба ҳам овард» гуфтааст. [Иба ал-Асир 1965-1, с.297]. Агар бо эътибори муболиғаҳо ба назар гирем, ки ба қавли «Корнома», «пас аз марги Искандари Румӣ Эроншаҳрро ду саду чил кадхудой буд» [Чунакова 1987, с. 66] ва он чи Ардашер, ба қавли Ибн ал-Балхӣ, дар сӣ ё ҳаждаҳ сол набардҳо кард, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифони исломӣ то Ибн ал-Асир ӯро беҳуда الجامع – «гирдоваранда» ва мулки ӯро ملک الاجتماع «мулки ба ҳам омада» нагуфта будаанд [ал-Муқаддасӣ 2015, с.203; Гардезӣ 2006, с.64, Аҳд Ардашер 1967, с.7]. Ибн ал-Асир чанде аз маъниҳои Табариро таъкид намуда, овардааст, ки Ардавон дар ҷанг бо Ардашер кушта шудааст [Ибн ал-Асир 1965-1, с.383]. Бундорӣ дар бобати кушта шудани Ардавон навиштааст, ки Ардавонро асир оварданд ва ба фармони Ардашер ду нимаш карданд [Бундорӣ 1932, с.571].

Эпизоди IV. Ин эпизод ба рӯйдодҳои низомии подшоҳии Ардашер пайванд дорад. Ардашер, дар нигориши Фирдавсӣ, пас аз кушта шудани Ардавон, ба занӣ гирифтани духтари ӯ ва бунёд гузоштани ду шаҳр аз ҷумлаи ҳашт шаҳр, ба ҷанги курдон меравад. Шаҳрсозии Ардашер мусалламан иқдоми танҳо Ардашер намебошад. Сарчашмаҳо бо камию костӣ бунёд гузоштани то даҳ шаҳрро ба Ардашер нисбат медиҳанд, ки дар байни онҳо Басраи имрӯза ва Фирӯзобод низ ҳастанд [Балъамӣ 2001-1, с.484-485]. Фирдавсӣ дар бахши «Супурдани Ардашер кори подшоҳиро ба Шопур» аз шаш шаҳри сохтаи Ардашер ном мебарад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с. 280-281].

Ба назар мерасад, ки дар сарчашмаҳо анъанаи ба подшоҳони қадим нисбат додани бунёди ин ё он шаҳр мебоист аз азамати он подшоҳон гувоҳӣ диҳад. Ҳамин анъанаро Фирдавсӣ дар бобати Ардашер риоя кардааст, то рахи бодурахше ба симои поягузори сулолаи Сосониён ворид намояд. Ардашер бо ин рахи Фирдавсӣ аз подшоҳони гузашта бо Искандари Македонӣ ва аз подшоҳони исломӣ бо Абуҷаъфари Мансур дар як поя гузошта мешавад.

Чаро Фирдавсӣ аз ҳама набардҳои Ардашер ба ҷанги Ардашер бо курдон аҳаммияти бештар додааст, маълум нест. Тафсилоти ин ҷанг дар матни интиқодии Душанбе дар чилу ҳашт байт баён шудааст. Маълумоте дар бораи ин ҷанг дар ҳеҷ сарчашмаи дигаре, ба истисной «Корнома»-и Ардешери Бобакон», [Чунакова 1987, с.72-73] дида намешавад. Дар оғози корзор лашкари Ардашер шикаст мехурад ва Ардашер ҳангоми ақибнишинӣ раҳгум ҳам мезанад. Дар оқибати кор бо истифода аз маълумоти корогаҳон Ардашер бо чаҳор ҳазор мард шабехун мезанад ва ғалаба мекунад. Нёлдеке таъкид мекунад, ки «аз корҳои барҷастаи Ардашер яке ҳам таъсиси дастгоҳи ҷосусии ҳушёрона буд» [Нёлдеке 1980, с.72]. Ардашер бино ба тасвири Фирдавсӣ, қатли омеро ҳам раво мебинад [Фирдавсӣ М.1968-7, с. 138-139].

Курдҳо дар «Шоҳнома» дар ду мавзеъ, дар оғози қиссаи «Подшоҳии Заҳҳок» [Фирдавсӣ Д.1966-1, с.68-71] ва бори дигар дар давоми қиссаи бахши Ашкониён, ки Фирдавсӣ ба таърихи подшоҳии онҳо тақрибан таваққуфе накардааст, ривоят шудааст. Дар бахши «Подшоҳии Заҳҳок» вобаста ба баромади курдон ҳамон устура инъикос шудааст, ки курдон насли он ҷуфтҳои ҷавонон буданд, ки барои туъмаи морон шудан ба ошпазхонаи Заҳҳок фиристода мешуданд. Ошпазони Заҳҳок яке аз онҳоро, то мағзи сарашро гиранд, мекуштанд ва дигареро раҳо намуда, ба ҷойи ӯ гусфандеро қурбон мекарданд [Фирдавсӣ Д.1964-1, с.71].

Набардҳои Ардашер бо Рум (Византия) дар «Шоҳнома», умуман, инъикос наёфтааст. Вале аз манбаъҳои дигар дар ин хусус огоҳӣ пайдо кардан мумкин аст. Нахустин сарчашмаҳо, ки дар бораи Ардашер маълумот медиҳанд, «Римская история» (Таърихи Рум)-и Кассий Дион (163-230) ва «История императорской власти после Марка» (Таърихи салтанати императорӣ пас аз Марк»-и Горедиан (180-250) мебошанд. Таърихи Дион Кассий рӯйдодҳои империяи Рими қадимро аз соли 169 то соли 230 фаро гирифтааст. Лаҳзаҳои рӯзгор ва корзори Ардашерро Кассий Дион чунин ба қалам медиҳад: «Марде форс Артаксеркс дар се муҳориба портиҳоро торумор намуда, подшоҳи онон – Артабанро кушта, ба Атра лашкар кашид, то минбаъд аз ин истеҳком ба румиҳо ҳамлаҳо намояд. Ӯ муваффақ шуд,

ки рахнае дар девор бикунад, аммо ҷанговарони бешумори ба камин афтодаро талаф дода, ақаб менишинад ва ба тарафи Мод меравад». Кассий Дион менависад, ки сипас Ардашер бо роҳи тарсонидан ва гуфтушунид қисми қобили мулоҳизаи Мод (Мидия) ва Парфияро гирифт ва рӯ ба Арманистон ниҳод. Кассий Дион меафзод, ки кори Ардашер дар Арманистон омад накард. Ӯ боз ақаб менишинад, то лашкари бештареро гирд оварад. Сипас Кассий Дион бо нигароние менависад, ки Ардашер «барои мо ҳарифи таҳлукаовар шуд, зеро лашкари бешуморе гирд оварду на танҳо ба Байнаннаҳрайну Сурия таҳдид намуда, изҳор кард, ҳама он чиро, ки аз қадим таҳти тасарруфи форсҳо то баҳри Юнон буд, боз хоҳад гирифт. Зеро ин ҳама ба форсҳо аз ниёгонашон ба мерос монда мебошад» [Кассий Дион 2011, с.365].

Ин ҷо месазад шарҳ дод, ки Атра ҳамон Ҳатра мебошад, ки дар болотар зикраш омад ва баҳри Юнон баҳри Миёназамин. Ва боз ҳам месазад ишора кард, чунонки зикраш гузашт, мазмуни бевоситаи изҳороти Ардашер, ки «тахти каён»-ро боз хоҳад гирифт ва барқарор хоҳад кард, дар «Шоҳнома» низ бе камию костӣ омадааст. Мо ин ҷо хутбаи ба истилоҳ «барномавӣ»-и Ардашерро дар назар дорем, ки баробари расидан ба Истахр эрод карда буд.

Эпизоди V**.** Эпизоди панҷуми хатти сюжети вобаста ба Ардашери Бобакон ба қиссаи Меҳраки Нӯшзод ва «Достони кирми Ҳафтвод» бахшида шудааст. Пас аз мавзуи курдон Фирдавсӣ дар бахши «Подшоҳии Ашкониён» ба достоне пардохтааст, ки бо ба назар гирифтани хиёнати амире аз амирон – Меҳраки Нӯшзоди Ҷаҳрамӣ, дар матни интиқодии Душанбе дар 262 байт омадааст. Фирдавсӣ қиссаро аз номи деҳқоне ривоят мекунад, вале намегӯяд, ки кадом деҳқон. Аммо чун тамоми бахши Ашкониёни «Шоҳнома», ки ин ҳама рӯйдодҳо дар он омадааст, аз номи деҳқони Чоч ривоят мешавад, то ҳадде метавон фарз кард, ки достони кирми Ҳафтводро низ шояд деҳқони Чоч гуфта бошад. Достон, агар иштироки Ардашерро ба инобат нагирем, афсонаӣ мебошад. Иштироки Ардашер дар ин сюжет ба афсона то ҷое шеваи, ба истилоҳ, воқеӣ ҳам медиҳад. Ин афсона илова ба «Шоҳнома», дар «Корнома» ва дар бахши «Табақаи Сосониён»-и «Муҷмал-ут-таворих» [Муҷмал 2013, с.91] низ омадааст. Артур

Кристенсен вобаста ба қаринае, ки дар «Корнома» омадааст, таъкид карда буд, ки «бо мурури замон саргузашти ин шаҳрёр сурати афсона ба худ гирифтааст». Дар «шарҳи аъмолу афъоли Ардашер...» дар ин қисса «матолибе дида мешавад, ки мутааллиқ ба ҳикояти Куруши Кабир аст. Ҳатто куштани Ардашер аждаҳоро муқтабас аз қиссаи Мардук – худои қадими Бобулиён аст» [Кристенсен 1980, с.66]. Ин ҷо пиндоре метавонад ба миён ояд, ки нависандаи «Корнома» ва маъхази Фирдавсӣ дар бобати Ҳафтвод корномаи Ардашерро ба корномаҳои симоҳои воқеӣ ва ё асотирии бостон, ба монанди одамхудои бобулӣ Мардук ва Куруши Кабир баробар ва ё наздик донистаанд.

Бозгӯи мазмуни достон суханро ба дарозо мекашад. Вале наметавон ба чанд нукта ишора накард. Нахуст, сухан дар бораи шаҳри ресандагон меравад ва Фирдавсӣ мегӯяд, ки ба ресандагӣ духтарон, аз ҷумла ягона духтари Ҳафтвод низ, машғул буданд. Духтари Ҳафтвод аз даруни себе, ки ба замин афтода буд, кирмеро мебинад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.210]. Духтар кирмро ба дукдон мегузорад ва ба баракати кирм ду баробар зиёдтар мересад. Кирм хеле калон мешавад. Аввал ӯро ба сандуқ ва оқибат ба ҳавзе дар қалъаи шаҳр ҷой мекунанд. Баракати кирм Ҳафтводи соҳиби ҳафт писарро дар он ноҳия муқтадиру мағлубнопазир мекунад ва ӯ аз итоат ба подшоҳ гардан мепечад. Кӯшиши Ардашер, ки Ҳафтводро шикаст диҳад, ба нокомӣ анҷом меёбад. Ардашер ба муҳосира меафтад. Дар чунин вазъият меҳтари Ҷаҳрам, ки кайнажод буду Меҳраки Нӯшзод ном дошт, чун шикасти Ардашерро пай мебарад, ба Тайсафун ҳамла намуда, қасрҳои Ардашерро ғорат мекунад. Вақте Ардашер мехоҳад ҷазои Меҳракро диҳад ва ба ин муносибат нишасте меорояд, тири хатдоре ба дастурхони подшоҳ мерасад. Дар он хатт навишта шуда буд, ки ҷанги кирм кардан дуруст нест [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.218].

Кӯшиши ҷанги дигар боз ба шикасти Ардашер анҷом меёбад. Ӯ ба танҳоӣ ба шаҳристоне мерасад ва ба хонаи ду ҷавон паноҳ мебарад. Пас аз ҳосил шудани боварӣ ба он ду ҷавон Ардашер маслиҳат мепурсад, ки бо кирм чӣ кор кунад? Оқибат маслиҳат мешавад, ки Ардашер бо ҳафт мард дар либоси бозаргони хуросонӣ вориди диж шавад ва кирмро бикушад. Вақти хӯрок хӯрдани кирм

Ардашер посбононро маст карда, ба даҳони махлуқ миси гудохта мерезад. Кирм кушта мешавад. Ардашер Ҳафтвод ва писари ӯро низ ба қатл мерасонад.

Пеш аз найранги бозаргони хуросонӣ ва шикасти Ҳафтвод, Ардашер меҳтари Ҷаҳрам – Меҳракро шахсан сар мезанад. Духтари хурдсоли Меҳрак аз фоҷиа паноҳ мебарад ва нопадид мешавад. Фирдавсӣ бо овардани маънии нопадид шудани духтари Меҳрак барои худ маҷоле гузоштааст, то дар ҷойи муносиб давоми қиссаро бигӯяд. Ин амрро метавон як тарфанди адабӣ ҳам донист. Ардашер Меҳракро кушта, ба Тайсафун бармегардад.

Дар ду маврид аз достони кирми Ҳафтвод унсурҳои афсона аз воқеият ғолиб омадааст. Нахуст, худи Кирм (аждаҳо) афсона аст. Ин аждаҳо, масалан, чун аждаҳои хони севуми Рустам фаъол нест. Кирм пуштибони қудрати Ҳафтвод мебошад. Дигар, дар рӯзи шикаст ва фирори Ардашер аз ҷанги Ҳафтвод фарри каён боз ба наҷоти Ардашер мешитобад ва ӯро ба ҷойи бехавф раҳнамоӣ мекунад. Ин маънӣ дар «Шоҳнома» наомадааст. Ишорае ба фарр дар «Корнома» рафтааст [Чунакова 1987, с.74]. Дар ин достон мо боз ба унсури қиссаҳои айёрӣ рӯ ба рӯ мешавем. Печи хатти инкишофи сюжет, ки вобаста дар сурати савдогари хуросонӣ ба қалъаи Кирм ворид шудани Ардашер мебошад, бешубҳа, хусусияти айёрона дорад. Бо ҳамин маънӣ қисмати Ашкониёни «Шоҳнома» ба анҷом мерасад. Қисмати Подшоҳии Сосониён, мусалламан, аз подшоҳии Ардашери Бобакон шуруъ мешавад, ки дар нашри интиқодии Душанбе подшоҳии Ардашер дар 648, дар нашри интиқодии Маскав дар 689, дар нашри интиқодии Холиқии Мутлақ (ва Маҳмуди Умедсолор) дар 652 байт омадааст. Фирдавсӣ муддати подшоҳии Ардашерро чиҳил солу ду моҳ муқаррар мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.230], Абуалии Балъамӣ чордаҳ сол [Балъамӣ, 2001-1, с.486] Ҳамзаи Исфаҳонӣ нуздаҳ солу шаш моҳ [Ҳамза 1844, с.19], муаллифи «Форснома» мегӯяд, ки Ардашер «чиҳилу чаҳор солу ду моҳ подшоҳӣ кард, аммо муддати сӣ сол дар ҷанги мулуки тавоиф буд, то ҳамгинонро бардошт ва ҷаҳон ӯро софӣ шуд. Ва муддати чаҳордаҳ сол подшоҳии ҳама ҷаҳон кард» [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.19]. Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ меоварад, ки Ардашер сӣ сол дар ҷангҳо бо мулуки тавоиф буд [Ҳамза 1844, с.29]. Дар китоби «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ хабари

набарди «малики набатиён» бо Ардашер низ зикр шудааст. Ин хабар то ҷое, ки мо медонем, дар сарчашмаҳои дигар нагузаштааст. Амири набатӣ дар ҷанг бо Ардашер дар назди қасри Ибни Ҳабира кушта мешавад [Гардезӣ 2014, с.72]. Қасри Ибни Ҳабира ба замони ислом мавзее буда байни Куфа ва Бағдод, дар наздикии соҳили Фурот [Гардезӣ 2006, с.81]. Дар хабари Гардезӣ муҳим он нест, ки он саркардаи араб кӣ буд. Ба назари мо, муҳим он аст, ки арабҳо хосса арабҳое, ки гумоштаи Рум (Византия) буданд, тақрибан аз ибтдои асри III қувва меозмуданд, то ба хоки Эроншаҳр ҳуҷум кунанд ё ба ғорат раванд. Чил соли Фирдавсӣ ва чилу чанд соли Ибн ал-Балхӣ низ чандон бепоя нест. Шояд аз соле гирифта шуда бошад, ки Сосониён (Бобак ва сипас Ардашер) Форсро аз итоати Ашкониён баровrouting, худро подшоҳони Форс эълон намуданд ва сиккаҳо ҳам заданд. Ин амр, ки дар катибаи Шопур дар Бишопур зикр шудааст, бо ихтилофи тафсири қироатҳо, солҳои 205-206 ё 209 сурат гирифтааст [Луконин 1987, с. 28].

Эпизоди VI**.** Ин эпизод ба баррасии хутбаи тоҷгузории Ардашери Бобакон бахшида мешавад. Ардашер чун ба тахти подшоҳӣ, ба нигориши Фирдавсӣ, дар Бағдод [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.230] менишинад, хутбаи тоҷгузорӣ эрод мекунад. Ин хутбаи дувумини Ардашер аст, ки бозгӯи мазмуни вай дар «Шоҳнома» омадааст. Агар лейтмотиви хутбаи аввал истеҳқоқи Ардашерро ба бозгардонидани салтанат ба соҳибони «қонунӣ»-и вай таъкид кунад, дар хутбаи дувум, ки дар ҳафт байт омадааст, шоҳаншоҳ, аслан, тарҳи «сиёсати дохилӣ»-и шоҳаншоҳиро эълон намудааст, ки бар адлу дод қоим хоҳад буд. Сиғаи арабии ин хутбаро Масъудӣ дар «Муруҷ» ҳам овардааст. Вале ба назар мерасад, ки дар ин сиға балоғати лафзи Масъудӣ, ҳарчанд таъкидҳои сиғаи Фирдавсӣ то ҷое риоя шудаанд, аз маънӣ болотар нигошта шудаанд [Масъудӣ 1973, с.243].

Ардашер нисбат ба тоифа ё шахсоне, ки душманаш медонист, чандон тараҳҳуме, чи дар гузориши Табарӣ ва чи дар нигориши Фирдавсӣ, зоҳир накардааст. Қавли Балъамӣ, ки баъд аз куштани Ардавон Ардашер «лағад бар сари ӯ ҳамезад, то мағзаш аз сар берун омад» [Балъамӣ 2001-1, с.485], албатта, аз эътибори баланди ахлоқии Ардашер гувоҳӣ намедиҳад. Ин рафторро муаллифи «Муҷмал-ут-таворих» ба обу ранги бештаре инъикос кардааст [Муҷмал 2013,

с.91]. Муносибати Ардашер нисбат ба ҷасади беҷони Ардавон, ки дар сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ омадаасту шояд аз сангнигораҳои Ардашер гирифта шуда бошад, аз нигоҳи имрӯза метавонад чун рафтори барбарона тасаввур шавад, аммо аз нигоҳи худи Ардашер мояи ифтихору нишони пирӯзӣ буд.

Маълум аст, ки аз Ардашери Бобакон шаш сангнигора (барельеф) боқӣ мондааст. Ба назари В.Г. Луконин, ҳама ин сангнигораҳо байни солҳои 235-240 нақшбандӣ шудаанд. Дар яке аз ин сангнигораҳо дар мавзеи Нақши Рустам, ки мавзуи вай боз ҳам тоҷгузорӣ ба сари Ардашер мебошад, Ардашер ва Аҳурамаздо савори асп тасвир шудаанд. Аҳурамаздо ба Ардашер «тоҷи шоҳаншоҳӣ»-ро дароз мекунад. Зери пойи аспи Ардашер ҷасади афкандаи Ардавон ва зери пойи аспи Аҳурамаздо пайкари Аҳриман ҳаккокӣ шудаанд. Сангнигора 4,20 м баландӣ ва 6,65 м дарозӣ дорад [Луконин 1987, с.186]. Сюжети ин сангнигора ва боз ду сангнигораи дигари Ардашер, ба ақидаи шоҳаншоҳ, аз он далолат мекунанд, ки подшоҳиро ӯ бо ризои Аҳурамаздо гирифта ва ҳар рафторе, ки кардааст, хилофи ризои Аҳурамаздо намебошад. Месазад ишора кард, инъоми подшоҳӣ ба бандае аз ҷониби Аҳурамаздо то Ардашер, бино ба хулосаи пажӯҳишҳои басо санҷида, собиқа надошт. Ҳамин тавр, Ардашер ҳам «хуни подшоҳӣ» дорад, ҳам ризои Аҳурамаздо ӯро ба ин манзалат муносиб дидааст.

Ардашер, бино ба ривояти тақрибан ҳама сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ, ба ҳеҷ подшоҳе аз мулуки тавоиф амон надодааст. Ба қавли Ҳамза ва муаллифи «Муҷмал-ут-таворих», «навад подшоҳро бикушт аз тавоиф» [Ҳамза 1844, с.46; Муҷмал 2013, с.91]. Бино ба маълумоти баъзе сарчашмаҳо, Ардашер на ҳама подшоҳони тавоифро куштааст. Онон, ки ба Ардашер байъат карданд, аз ин уқубат раҳо шудаанд. Масалан, Табарӣ ишорае кардааст, ки «фиристодагони подшоҳи Кушон ва подшоҳи Турон ва подшоҳи Мукрон ба итоати ӯ ба назди Ардашер омаданд» [Табарӣ 1979-2, с.13]. Балъамӣ ҳам менависад, ки «мулуки тавоиф ҳар чӣ гирдогирди ӯ буданд, ҳам ба тоати вай омаданд ва расул фиристоданд» [Балъамӣ 2001-1, с.485]. Хулоса, ҳар подшоҳе, ки таслим шудааст

ва ба итоати Ардашер даромадааст, ҷон ба саломат бурдааст. Шумори давлатҳои хурдро дар паҳнои қаламрави Ҳахоманишӣ, ки баъд аз инқирози ин империя мулуки тавоиф идора мекарданд, то дусаду чил давлат зикр кардаанд.

Эпиизоди VII. Дар ин эпизод қиссаи духтари Ардавонро ба занӣ гирифтани Ардашер ва мавзуъҳои вобаста ба ҳамин сужет мавриди баррасӣ қарор дода хоҳад шуд. Бо кушта шудани Ардавон моҷарои Ардашер бо фарзандони ӯ тамом намешавад. Дар «Шоҳнома», «Корнома» ва «Форснома» чунонки зикраш гузашт, ишорае омадааст, ки Ардашер духтари Ардавонро ба занӣ гирифтааст, то ба қавли яке аз персонажҳои Фирдавӣ – Табок, меҳтари Ҷаҳрам, ганҷи Ардавон аз даст наравад ва ба қавли худи Фирдавсӣ, то духтар бигӯяд, ки он ганҷ дар куҷо мебошад.

Дар «Таърих»-и Табарӣ ва тарҷумаи тоҷикии вай вобаста ба зани Ардашер шудани духтари Ардавон хатти инкишофи сюжет печи тамоман дигар ва драматикӣ гирифтааст. Ба ривояти Табарӣ ва Балъамӣ, Ардашер аллакай ҳамчун шоҳаншоҳ дар байни канизакони ҳарамаш духтареро мебинад ва ба ӯ дил мебандад. Пас аз он ки ба дӯшиза будани канизак бовар мекунад, ҷуфт мешавад. Дертар, чун канизак аз камари Ардашер ҳомила мешавад, ба Ардашер иқрор мекунад, ки ӯ чӯрӣ нест, озода аст, духтари Ардавон аст. Ардашер, ки мехост ба ном васияти бобои худ – Сосонро, ки ҳама ашкониён бояд кушта шаванд, азиз дорад, ба вазири худ, ки «мӯбаде бузург» ҳам буд, ба қавли Балъамӣ, мегӯяд: «Ман савганди ҷадди худро дӯсттар дорам аз ҳавои дил, инро бибар ва бикуш» [Балъамӣ 2001-1, с.487]. Мӯбад мехоҳад, амри шоҳаншоҳро иҷро кунад, вале чун духтар мегӯяд, ки «ман бор дорам аз малик», ба занон мефармояд, то бор доштани духтарро бисанҷанд. Чун бор доштани духтар тасдиқ мешавад, мӯбад духтарро ба таҳхонаи махсус қулф мекунад ва мардинаи худро бурида, аз шоҳаншоҳ хоҳиш мекунад, мардинаи латтапечи ӯро накушоянд ва ба хазина гузоранд. Ба Ардашер мегӯяд, ки «ӯро ба зери замин кардам» [Балъамӣ 2001-1, с.487]. Ардашер чунин мефаҳмад, ки канизак кушта шудааст.

Ин печи сюжет дар «Ахбор-ут-тивол»-и Абуҳанифаи Диноварӣ ба Ардашер бастагӣ дорад, вале бо Ардавон бастагӣ надорад. Абуҳанифа модари

Шопури Ардашерро духтари Фаррухон, подшоҳи Ҷабал яке аз фарзандони Ардавон медонад, на худи Ардавон. Аммо чанде аз ҷузъиёти асосии ҳикоят то таваллуд шудани Шопур бо ривояти Табарӣ ва дигарон мувофиқат мекунад. Чунончи, Ардашер чун қасам хурда буд, ки касеро аз авлоди Ардавон зинда намонад, «вазири худ – Абарсомро даъват кард ва фармуд ин канизакро бигир ва бикуш» [Диноварӣ 1911, с. 43-45].

Вақте кӯдак – Шопур таваллуд шуда, то ба ҳафтсолагӣ мерасад, мӯбад рӯзе Ардашерро парешон ва ғамгин мебинаду сабаб мепурсад. Ардашер дар ҷавоб мегӯяд: «Ҳама халқро бикуштаму мулк бигирифтам ва маро фарзанде нест, ки аз паси ман халифа бувад» [Балъамӣ ҷ.1. 2001-1, с.487]. Мӯбад аз зинда будани Шопур писари Ардашер хабар медиҳад ва сабаби буридани мардинааашро ҳам мегӯяд: «То касе пеши малик маро таъна натавонад задан» [Балъамӣ 2001-1, с. 488]. Оқибат, Ардашер Шопурро мешиносад, чун писар эътироф менамояд ва валиаҳд таъйин мекунад.

Ҳамин ривояти Табарӣ дар бораи пиронсолагии Ардашер ва гирифтор шудани ӯ ба ғами бефарзандӣ, усулан, ривояти Геродотро дар бораи Астиаг – бобои Куруши Кабир ба ёд меорад [Геродот 1972, с.40]. Албатта, бо ин тавфовут, ки Астиағ Курушро валиаҳд таъйин намекунад.

Эпизоди VIII. Мавзуи наве, ки ба сюжети духтари Ардавон печи драматикии дигар медиҳад, қиссаи кӯшиши ба Ардашер захр додан аст. Ин печи хатти инкишофи сюжет танҳо дар «Шоҳнома» ва «Корнома» омадааст. Хулосаи мавзуъ чунин аст, ки аз чор писари Ардавон ду писар дар банди Ардашер буданд ва ба қавли Фирдавсӣ, ду фарзанди дигар дар ҷое, ки дар «Шоҳнома» Ҳиндустон гуфта мешавад. Писари калонии Ардавон, ки Баҳман ном дошт ва шояд ҳамон бошад, ки дар муҳориба бо Ардашер пас аз ҷангҳои шадид рӯ ба гурез ниҳода буд, шахсеро, ки бовараш мекунад, ба назди хоҳараш – зани Ардашер мефиристад ва хоҳарашро талқин мекунад, ки агар шаҳбонуи Эрон шудан хоҳад ба шоҳаншоҳ захр диҳад. Хоҳар ҳамин корро мекунад, аммо ҷом, ки дар он оби сарду шакару писта буд, аз дасти Ардашер афтида мешиканад. Ардашер аз ин кор фоли бад мегирад. Чун захр доштани обу пистаи ҷом исбот мешавад,

Ардашер ба мӯбад амр мекунад, ки занро бикушад. Аммо суханони зан, ки аз Ардашер ҳомила аст, мӯбадро аз куштан боз медорад. То ин ки Шопур таваллуд мешавад. Давоми қисса дар нигориши Фирдавсӣ бо қаринае, ки дар Табарӣ омадааст, ҳамоҳанг мебошад.

Дар «Корнома» мавзуи кӯшиши заҳролуд кардани Ардашер ду нуктае дорад, ки дар «Шоҳнома» наомадааст. Дар «Корнома» Ардашерро он Худо, ки ба ӯ имон оварда буд, бозмедорад. Фариштаи Фарнбағ ба сурати хурӯс даромада, ба ҷоми дасти Ардашер пар мезанад, то афтида шиканад [Чунакова 1987, с.77-78]. Ин бори севум аст, ки унсурҳои ирратсионалии осмонӣ (фарри каён ва ин фаришта) дар ҳолатҳои фалокатовар Ардашерро наҷот медиҳанд: ҳангоми фирор аз Ардавон, ҳангоми шикаст аз лашкари Ҳафтвод ва ин бор. Зиёда аз ин, дар «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ вобаста ба огоҳии Ардашер аз аҳволи ҳамарӯзаи муқаррабону раият, умуман, хабаре оварда шудааст, ки ба далолати вай, эрониён «гумон мекарданд, ки фариштае аз осмон назди ӯ меомад ва аз аҳволи раият бохабараш мекард» [Газзолӣ 1988, с.76]

Ба ҳама ҳол, моҷарои Ардашер ва духтари Ардавон анҷоми рӯшноӣ дорад. Чун Шопур валиаҳд мешавад, Ардашер:

Бифармуд, то духтари Ардавон
Ба айвон шавад шоду равшанравон [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.241].

Яъне, ӯро бахшид ва ё салоҳи сиёсӣ тақозо карда буд. Чун Ардашер аз ноосудагӣ дар қаламрави худ ба танг омада буд, муросо кунад, ки валиаҳди ӯ писари духтари Ардавон хоҳад шуд, то шоҳанҳоҳӣ осеб набинад.

Сужаи духтари подшоҳ ва ё ҳарифи мағлуб ва одатан куштаро гирифтани подшоҳи ғолиб дар «Шоҳнома», ки ба ҳама ҳол, аз сӯе ёдгоре аз адабиёти қадими халқҳои эронӣ мебошад, то ҷое, ки мо дар ин кор пештар ишора ҳам кардем, ба як унсури меъёри бадеӣ (канон) мубаддал ёфтааст. Ҳоло мо дар кӯшиши баррасии як подшоҳи сосонӣ – Ардашер ва валиаҳди ӯ Шопури I ҳастем ва мебинем, ки ҳар дуи валиаҳд фарзандони духтарони душманони қаттоли поягузори сулола буданд.

Эпизоди IX. Сюжети ин бахш ба ноосудагии равонии Ардашери Бобакон ва муроҷиати ӯ ба яке аз коҳинон ва толеъшиносони Ҳинд – Кайди ҳиндӣ бахшида шудааст. Муносибати Ардашер бо Кайди ҳиндӣ дар «Шоҳнома» ва «Корнома» инъикос ёфтааст. Кайд агар дар бахши подшоҳии Искандар чун подшоҳи яке аз қаламравҳои Ҳинд тасвир шуда бошад, дар бахши подшоҳии Ардашер чун коҳину пешгӯяндаи толеъ ба қалам дода шудааст. Ардашер, ки аз ноосудагӣ дар подшоҳии худ ба танг омада буд, ба «донои Ҳинд» фиристода мефиристад. Шоҳаншоҳ хоҳиш мекунад, ки Кайд толеи ӯро бубинад ва бигӯяд, кай Ардашер аз ҷангҳо меосояду кай давлати ягона месозад. Ҷавоби Кайд Ардашерро ба фаро расидани оромӣ дар шоҳаншоҳии ӯ нигарон мекунад, зеро Ардашер наметавонад розӣ шавад, ки маҳз пайвастан ба фарзандони Меҳраки Ҷаҳрамӣ ба мулк метавонад оромӣ биёварад. Ардашер, ки ҳама фарзандони Меҳракро кушта буд, амр медиҳад, духтари сесолаи Меҳракро биҷӯянд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.245].

Дар «Корнома» омадааст, ки «Ардашер аз рӯи хашму кин ба ҷойгоҳи Меҳрак рафт ва фармуд, то ҳама фарзандони Меҳрак бикушанд, ки куштанд. Духтари Меҳракро, ки сесола буд, доягон ба берун оварданд» [Чунакова 1987, с. 81]. Аммо хатти инкишофи сюжет печи дигар мегирад ва чун Ардашер тан дода буд, ки набераи Ардавон – Шопур валиаҳд шавад, наметавонад мухолифат кунад, ки набераи Меҳрак писари Шопур Урмузд ҳам ба тахти подшоҳӣ бирасад. Ардашер чанде монда буд, ки аз орзуи таҳти итоати як подшоҳ овардани Эроншаҳр даст кашад [Чунакова 1987, с.80]. Аз ин рӯ, хоста буд, ки толеи худро аз донои Ҳинд бипурсад. Ардашер тақрибан ҳамон корро мекунад, ки Ардавон ҳангоми оғози болоравии кори Ардашер ба ахтаршиносон фармуда буд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.193].

Фиристодани сафири Ардашер ба назди «донои Ҳинд» илова ба Ҳиндустон паноҳ бурдани гузаштагони Сосон ва аз Ҳинд фиристода шудани заҳр, ки ба Ардашер дода шавад, нахустин печи хатти сюжет мебошад, ки дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» аз муносибатҳои шоҳаншоҳии Сосониён бо Ҳиндустон бевосита ҳикоят мекунад.

Эпизоди X. Ин эпизод фарогири тадбири кори шоҳаншоҳӣ ва ё ба таъбири имрӯза, сиёсати дохилии Ардашер мебошад. Эҳсони Аббос ақида дорад, ки «Тадбир сохтани Ардашер дар кори подшоҳӣ» ҳамоно то ҷое назми «Аҳди (сирати) Ардашер» метавонад бошад. Ба қавли ин донишманд, назми маъниҳои «Аҳди Арадашер» ба 116 байти «Шоҳнома» ворид шудааст [Аҳд 1967, с.38].

Чун ҷомеаи Сосонӣ ҷомеи табақавӣ буд, Ардашер се табақаи хосс таъсис медиҳад. Нахуст, саворон, фарзандон ва пайвандони подшоҳон, дуюм, меҳтарони марзбониҳо, амирони ноҳияҳо ва горди подшоҳӣ, табақаи сеюм, надимон, ширинкорон, ки шоистаи маҷлисҳои шоҳаншоҳанд. Ҳамин нуктаро муаллифони сарчашмаҳо, аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ, дар «Мо ли-л-Ҳинд» таъкид намудаанд. Ба таъкиди Берунӣ, ҳеҷ имкони аз табақае ба табақаи дигар гузаштан, ҳатто ба подоши хидмат ва ё пора вуҷуд надошт [Берунӣ 1995, с.124]. Татбиқи ин қоидаро мо дар боби оянда хоҳем дид. Анӯшервон қотеона рад намуда буд, то писари бозаргон, ки лашкари шоҳаншоҳиро дар сафари ҷангӣ аз ҳолати варшикастагии молиявӣ раҳонида буд, ба табақаи дабирон гузаронида шавад. Чунонки дар бахши «Тоҷнома» ишора хоҳем кард, шумори табақаҳо он ҷо чор табақа зикр шудааст.

Ардашери Бобакон, бино ба нигориши Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар», дар бобати «тақсимоти маъмурӣ»-и шоҳаншоҳӣ мамлакатро ба чор сипаҳбуд (тақрибан генерал-губернаторӣ) бахш кард [Масъудӣ 1973, с.249]. Гардезӣ дар «Зайну-л-ахбор» менависад, ки «пеш аз вай сипаҳбуди ҷаҳон яке будӣ» [Гардезӣ 2014, с.65]. Аз ин чор сипаҳбуд, нахуст, сипаҳбуди Хуросон, дуюм сипаҳбуди Мағриб, сеюм сипаҳбуди паҳноҳои Ҷануб ва чаҳорум сипаҳбуди паҳноҳои Шимол. Доираи масъулияти ҳар сипаҳбуд ба марзбониҳо тақсим мешуд. Дар бобати Хуросон Гардезӣ овардааст, ки: «Хуросонро чаҳор бахш кард. Ва ҳар якеро марзбоне гумошт: яке Марви Шоҳиҷон ва дигар Балху Тухористон, савум, Ҳироту Пашангу Бодғис ва чаҳорум Мовароуннаҳр» [Гардезӣ 2014, с.72].

Дар нигориши Фирдавсӣ, дар бобати тадбири кори подшоҳӣ Ардашери Бобакон нахуст «Бигустурд бар ҳар касе меҳру дод». Дар нашри Душанбе дар

порварақ ба ҷои «касе» «сӯе» ҳам нишон дода шудааст. Муҳаммад Нурӣ Усмонов дар чопи Маскав «сӯе»-ро интихоб намудааст Афзалияти сиёсати меҳрубонӣ ба раият ва адолат яке аз афзалиятҳои асосӣ дониста мешавад:

Агар кишвар обод дорӣ ба дод,

Бимонӣ ту ободу аз дод шод [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.257].

Чун таърихан шоҳаншоҳии Сосонӣ ниҳоди размовар буд, Ардашер мефармояд, ки ба тамоми писаракон аз хурдӣ ҳунари сипоҳӣ ва размоварӣ омӯзанд. Ардашер тартибе дар сипоҳ ҷорӣ карда буд, ки ҳар ҳазор размовар зери фармони як фармондеҳ амал мекард. Дар ҷойи дигари ҳамин бахш Ардашер тактикаи рӯзи набардро баён мекунад ва дар фаровард мефармояд, ки агар душман таслим шуданӣ бошад, амон дода шавад. Мувофиқи қоидаи дигаре, ки Ардашер, ба қавли Фирдавсӣ, амалӣ карда буд, ба идораи давлатӣ – девонҳо шахсони бесалоҳиятро роҳ намедод. Кормандони девон бояд сухандон ва хушнавис мебуданд. Ҳар касе, ки чунин лаёқат надошт, муносиб дониста намешуд.

Яке аз қоидаҳои давлатдорӣ, ки Ардашер ҷорӣ карда буд ва ё мехост чунин бошад, дурӣ ҷустани давлатдорон аз эътимод ба хешовандону пайвандон дар корҳои давлатдорӣ буд. Ин маънӣ дар бандҳои 3 ва 23 «Аҳди Ардашер» низ омадааст. Ардашер зинҳор мекунад, ки аз фасоди пайвандон ва муқаррабон парҳез кунанд [Аҳд 1967, с.52; с.71].

Қоидаи дигаре, ки Ардашер, ба қавли Фирдавсӣ, мехост амалӣ кунад ё амалӣ бошад, дастдарозӣ накардан ба моликияти дигарон мебошад. Ба таъбири сиёсии замони навин, «дахолатнопазирии моликияти хусусӣ». Дертар ин маънӣ дар адабиёти дадактикии форсу тоҷик инкишоф ёфта, як маънии маъмулӣ ҳам шудааст. Чунончи, шайх Саъдӣ мегӯяд:

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,

Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех [Саъдӣ 2008, с.39].

Тадбири дигаре, ки Ардашер амалӣ карда буд, ба таъбири имрӯза, ба сиёсати хориҷӣ дахл дорад ва таомули пазируфтани фиристодагони (сафоратҳои) подшоҳони хориҷӣ мебошад. Дар нашри интиқодии Москва марзбон мебоист аз

роҳи гузари сафир огоҳ бошад ва сафари ӯро то ба назди подшоҳ ва бо ба ухда гирифтани тамоми хароҷот ташкил кунад [Фирдавсӣ М.1968-7, с.177]. Аъёни дарбор бо либоси, ба таъбири имрӯза, расмӣ ва сипоҳиён фиристодаро пешвоз гирифта, ба назди подшоҳ бояд раҳнамоӣ мекарданд. Подшоҳ фиристодаро паҳлуи тахти худ шинонда, аз ӯ маълумоти лозимаро дар бораи кишвари ӯ мепурсид. Ба муносибати омадани фиристода, ба таъбири имрӯза, зиёфати расмӣ ҳам меоростанд. Дар вақти дигар ӯ ҳамроҳи подшоҳ ба шикор ҳам бурда мешуд. Ҳангоми гусел ба фиристода «хилъати шахрёр» мепӯшониданд.

Фирдавсии огоҳ дар фароварди бахши тадбирҳои Ардашер ба нуктае ишора мекунад, ки ҳамоно аҳаммияти худро чун рукни давлатдорӣ нигоҳ доштааст. Ин нукта аз хироҷ озод кардани кишоварзон, ки аз беобӣ ва ё офатҳои дигар ба танг омадаанд ва аз хазина ҷудо кардани ёрона (субсидия) ба кишоварзоне, ки корашон омад накардааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.263].

Ба ривояти Фирдавсӣ, Ардашер дар охирҳои солҳои салтанаташ меҳтарони Эронро даъват менамояд, то чанд нуктаро ба сифати андарз таъкид кунад. Дар оғози андарз даъво мекунад, ки бо Руму Чину Турку Ҳинд ҳеҷ ишколе надорад ва аз Руму Ҳинд бож ҳам мегирад. Ин сухан ба бузургии шоҳаншоҳ ва муқтадир будани подшоҳии ӯ далолат мекунад. Нуктае, ки дар ин бахш ҷолиби диққат метавонад бошад, ба таъбири имрӯза, мавзуи «мақсаднок истифода бурдани даромад аз андоз аст». Ин ҳамаро як навъ ҳисоботи подшоҳ ҳам шумоидан мумкин аст. Ардашер мегӯяд, ки андози даҳяк ва божро «мақсаднок» истифода бурдааст.

Дар бахши дигар, ки «Андарз кардани Ардашер мардумонро» унвон дорад, Фирдавсӣ чанд пандро ба Ардашер нисбат додааст. Дар ин ҷо мо намунаи адабиёти андарзро метавонем бубинем, ки пандҳои вай ҳамоно аз даҳон намондаанд. Яке даъват ба тарсидан аз Худост. Дигар, донишро азиз доштан. Сеюм таъкид мешавад, ки сухан, шояд сухани шаръӣ бошад ё адабӣ, дар пеши доноён ҳаргиз куҳна намешавад. Чаҳорум, таъкид мешавад, ки ҷазои гуноҳ, шояд пеши Худованд, аз банду зиндони шоҳ фузунтар мебошад. Пас аз ин андарзҳо Фирдавсӣ боз чанд андарзи дигарро аз номи Ардашер ривоят мекунад. Яке аз

онҳо, ба таъбири мусулмонӣ, ноумед нашудан аз раҳмати Худо мебошад. Дар панди дигаре, дар фароварди подшоҳии Ардашер, Фирдавсӣ маънии зеринро таъкид кардааст:

Замоне маёсой аз омӯхтан,
Агар ҷон ҳамехоҳӣ афрӯхтан [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.268]

Ин қавли мансуб ба Ардашер ҳамоҳанги ҳамон маънии Фирдавсист:

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад [Фирдавсӣ Д.1964-7, с.18].

Ардашер боз талқин мекунад, ки:

Чу фарзанд бошад, ба фарҳанг дор,
Замона зи бозӣ бад-ӯ танг дор [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.269].

Мавзуи омӯзиш ва парвариш дар «Шоҳнома» ҳарчанд мавзуи чандон густарда нест, вале мавзуи бегона ҳам нест. Фирдавсӣ дар ҳамосаи миллӣ усулан ба мавзуи, ба истилоҳ, такмилаи офариниш ҳам даст мезанад ва ривоятҳои аз нигоҳи асрҳои миёна «таърихӣ», вале аз нигоҳи илмӣ асотирӣ меоварад, ки кадом подшоҳи асотирӣ ба монанди паямбарони тавротӣ чиро тасхир кард. Бино ба ривояте, ки Фирдавсӣ бевосита ба рукни асосии омӯзиш саводи навиштан овардааст, ҳунари навиштан дар замони подшоҳи афсонавӣ Таҳмурас – падари Ҷамшед аз девон ба инсон гузаштааст. Шояд аз ин тасаввур бошад, ки ҷойи ё ниҳоди аҳли навиштанро «девон» ҳам гуфтаанд. Девон, ки Таҳмурас асирашон гирифта буд, ба шарти озодӣ аз банд

Набиштан ба хусрав биёмӯхтанд,
Дилашро ба дониш барафрӯхтанд [Фирдавсӣ Д.1964-1, с.49].

Дар идомаи ҳамин байт Фирдавсӣ ба як бор ба таомул даромадани наздики сӣ хатро, аз қабили румию тозию порсию суғдию чинию паҳлавӣ қайд мекунад ва меафзояд, ки ин хатҳоро ҳам девон ба Таҳмурас омӯхта буданд.

Дар ҷои дигар аз ривояти Фирдавсӣ метавон чунин бардошт ҳам кард, ки Ардашер барои табақаҳои муайяни ҷомеа, ба таъбири имрӯза, тақрибан маълумоти ибтидоии ҳатмӣ ҷорӣ карда будааст:

Ҳамон кӯдаконро ба фарҳангиён

Супурдӣ, чу будӣ варо ҳанги он.

Ба ҳар барзане дар, дабистон будӣ,

Ҳамон ҷойи оташпарастон будӣ [Фирдавсӣ М 7 1966, с.179].

Бино ба нигориши Фирдавсӣ, чун Ардашер дар синни ҳафтоду ҳаштсолагӣ бемор мешавад, ба Шопур андарз медиҳад. Ин андарз, ки васиятро мемонад, дар матни интиқодии Душанбе дар 111 байт омадааст. Дар андарз Ардашер мегӯяд, ки ҷаҳонро ба шамшери адолат рост кардааст. Ардашер талқин мекунад, ки динро муътабар ва азиз дорад. Васияти Арадашерро дар бобати дин Фирдавсӣ ба ғояти жарфои маънӣ ифода кардааст [Фирдавсӣ Д 1966-7, с.274].

Ардашер изҳори ақида менамояд, ки тахти подшоҳонро се омил метавонад дучори буҳрон кунад. Яке, бедодгарии шаҳрёр, дигар, эътимод бастан ба шахсони бесалоҳият ва ҳирси беандозаи моли дунё.

Андарзи дигаре ки Ардашер талқин мекунад, он аст, ки подшоҳ ба хашму ғазаб дода нашавад. Ардашер ба Шопур ҳатто одоби шикору базмро ёдрас мекунад ва таъкид менамояд, ки беандоза нӯшидани май ба некӣ намерасонад. Дигар аз ҳикматҳое, ки Ардашер ба Шопур талқин мекунад, ҳамоно ҳикмати сари вақт анҷом додани корҳо мебошад:

Ба фардо мамон кори имрӯзро,

Бари тахт маншон бадомӯзро [Фирдавсӣ Д 1966-7, с.277].

Ин ҳикмат дар адабиёти классикии мо яке аз маъниҳои густурда ҳам шудааст. Ҳамон тавре ки дар аҷзи байти 585 омадааст, Ардашер ё аз номи Ардашер талқин мешавад, ки муқаррабони шахси аввал шахсони ахлоқан покиза ва босалоҳият бошанд.

Принсипи дигареро ки дар таҷрибаи давлатдории Ардашер амалӣ ҳам шудааст, шояд Фирдавсӣ дар байти зерин ифода карда бошад:

Ҳар он кас, ки пӯзиш кунад бар гуноҳ,

Ту бипзиру кини гузашта махоҳ [Фирдавсӣ Д 1966-7, с.278].

Маълум аст, духтари Ардавонро, ки Ардашер бино ба эътиборҳои салоҳи сиёсӣ ба занӣ гирифта буд, новобаста ба он ки он бону ба Ардашер заҳр ҳам доданӣ буд, на чандон исрор кард, ки кушта шавад. Зиёда аз ин, ба тақозои

тақдир, ки Ардашер фарзанди ё писари дигар гӯё надошт, писари ин бону – Шопури Ардашер валиаҳд мешавад ва сипас шоҳаншоҳ. Писари Шопур Урмузд, чунонки ишора хоҳад рафт, духтари ҳамон Меҳрак буд, ки дар набарди Ардашер бо Ҳафтвод ба Ардашер хиёнат карда буд.

Пеш аз фороварди андарз Фирдавсӣ аз қавли Ардашер пешгӯие мекунад, ки дар баъзе сарчашмаҳо тафсиле ё такроре гирифтааст:

Бар ин бигзарад солиён панҷсад,

Бузургӣ шуморо ба поён расад [Фирдавсӣ Д 1966-7, с.279].

Агар аз соли 224 ҳисоб кунем, тақрибан ҳамин хел ҳам мешавад. К.А. Иностранцев дар «Сасанидские этюды» ҳамин маъниро ба нақл аз «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф»-и Абуалии Масъудӣ таъкид намудааст. Ба тафсири К.А.Иностранцев, пешгӯии Зардушт буд, ки пас аз ҳазор соли даргузашти ӯ, дин ва давлати эрониён рӯ ба нобудӣ хоҳад ниҳод [Иностранцев 1909, с.19]. Аммо дар ин бобат муҳим шумори сол нест. Ба назари мо, муҳим он аст, ки чунин бовар дар эътиқоди аъёни эронӣ, аз ҷумла подшоҳон, вуҷуд дошт.

Ҳарчанд Тайсафунро (Мадоин) Саъд ибни Абиваққос соли 637 бе муқовимат гирифт ва соли 642 дар муҳорибаи Наҳованд лашкари Сосонӣ шикасту пароканда шуд, то солҳои бистуми асри VIII ғазавот натавонист саросари Эроншаҳро бигирад. Он ки Ардашер дар зиндагиаш, бино ба як дастхати монавӣ, ба забони юнонӣ подшоҳиро ба писраш Шопур додааст, тақрибан рӯзи 12 апрели соли 240 сурат гирифтааст [Википедия. Ардашир, с.23]. Пасон Ардашер хомӯш мешавад. Фирдавсӣ ҳеҷ шеване андар рисои Ардашер ба истиснои ду-се байт, ки хусусияти муҳокимаҳои фалсафӣ доранд, нагуфтааст.

Эпизоди XI. Бо баррасии ин эпизод нишон дода мешавад, ки дар сарчашмаҳо симои ин шоҳаншоҳ ҳамчун давлатмарди барҷаста ва сиёсатмадори намоён матраҳ шудааст.

Ардашери Бобакон дар сарчашмаҳои хаттии арабию мусулмонӣ, аз ҷумла, дар «Шоҳнома» ва «Ғурар»-и Саолибӣ, чун давлатмарди барҷасата ва поягузори шоҳаншоҳии Сосониён тасвир шудааст. Муаллифони ин сарчашмаҳо аз Ардашер, ки, воқеан, ҷанговари муваффақ буд, ба тадриҷ мутафаккиреро дар

бахши тафаккури давлатдорӣ ва умуман, сиёсат сохтаанд. Чунин образ тақрибан ба пуррагии нисбӣ дар «Шоҳнома», дар фароварди бахши «Подшоҳии Ардашер» инъикос шудааст.

Тафаккури давлатдории Ардашер бино ба пажӯҳишҳои навин, аз ҷумла дар бахши «Тарҷумаи осори ахлоқӣ»-и «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX»-и Н. Зоҳидов дар панҷ ёдгории хаттии мансуб ба поягузори сулолаи Сосониён таҷассум ёфтааст, ки ҳама дар тарҷума ё бозгӯи сарчашмаҳои арабизабон то замони мо матнҳошон ва ё номашон расидаанд: «Аҳд Ардашер», «Аҳд Ардашер ило ибниҳи Собур», «Андарзномаи Ардашер ба табақоти мухталифи ҷомеа», «Хитобаи Ардашер ба раият дар панду андарз» ва «Китобу мо амара Ардашер би истихроҷиҳи мин хазоин ал-кутуби-л-латӣ вазааҳо ал-ҳукамоу фӣ-т-тадбир» [Зоҳидов 2014, с.239-247].

Дар ин баршумор китоби «Аҳд Ардашер» (Васияти Ардашер) аз нигоҳи фарогирии мавзуи тадбири мамлакат ҷойгоҳи хоссае дорад. Аҳмади Тафаззулӣ ин ёдгориро дар боби «Рисолот дар оини давлатдорӣ» ба таҳлили фишурдае кашидааст [Тафаззулӣ 2000, с. 215-218]. Шояд аз ҳамин ҷиҳат Н.Зоҳидов тарҷумаи форсии матни «Аҳд Ардашер»-ро аз китоби «Таҷорубу-л-умам»-и Ибни Мискавейҳ, ки ба қалами Абулқосими Имомӣ тааллуқ дорад, дар бисту се банд овардааст [Зоҳидов 2014, с.240-242]. Дар пажӯҳиши Эҳсони Аббос ва таҳияи матни «Аҳд Ардашер», ки ӯ бо фарогирии сарчашмаҳои дигар омода кардааст, худи матн дар сию шаш банд омадааст [Аҳд Ардашер 1967, с. 49-84]. Зиёда аз ин, Эҳсони Аббос дар фароварди «Аҳд Ардашер» дар панҷоҳу шаш пора гуфтаҳои Ардашери Бобаконро аз бархе сарчашмаҳои муътабари арабӣ оварда, бо ин иқдом симои Ардашерро чун давлатмард ва соҳиби хиради сиёсӣ дар адабиёти арабу мусулмонӣ мукаммал ҳам кардааст.

Ҳоло боз чанд нуктаро аз андарзҳои Ардашер ё мансуб ба Ардашер зикр мекунем, ки дар «Шоҳнома» на чандон равшан инъикос ёфтаанд. Дар ин бобат мо аз сию шаш банди дастурҳои «Аҳд Ардашер» ҳамон бандҳоро ихтиёр кардем, ки ба назари мо, аҳаммияти худро то имрӯз ва ё то дерҳои дер нигоҳ доштаанд. Ардашер дар фароварди «Аҳд» андешае гуфтааст, ки метавон баёни арабии онро

аз падидаҳои ниҳояти балоғат шумурд: «Ба дурустӣ, ки ман чун наметавонистам бадани худро мерос гузорам, ба шумо андешаи худро мерос гузоштам» [Аҳд Ардашер 1967, с.82].

Ардашер ҳоло дар асри III талқин карда буд, ки «инқирози давлатҳо аз вогузоштани раият бе машғулятҳои маъруф ва корҳои маълум сар мешавад» [Аҳд Ардашер 1967, с.60-61]. Агар ин тезисро мо ба забони имрӯзаи сиёсӣ бихонем, ҳамон маъно ҳосил мешавад, ки ба ҷойи кор таъмин кардани аҳолӣ яке аз пояҳои суботи ҳокимиятҳо буд ва мемонад.

Ардашер шояд аз маъхазҳое, ки мо дидаем, яке аз аввалин давлатмардон бошад, ки ба нишебу фарози хешовандсолорӣ (Nepotism) дар салтанат эътибор зоҳир карда бошад. Непотизм дар сиёсат дардест азалӣ ва то дерҳои дер шояд боқӣ бимонад. Ардашер давои дарди хешовандсолориро саҳл медонад ва аз доираи идеализми замину замони худ берун намеравад: «Бидонед, ки ҳар подшоҳро пайванде بطانة (хешовандон ва муқаррабон) бошад. Ва ҳар мардеро аз пайванди ӯ пайванде ва сипас ҳар мардеро аз пайвандон пайванди худ бошад. Ва ин тартиб ҳама аҳли мамлакатро фаро бигирад. Ва агар подшоҳ тавонад кори пайвандони худро дуруст ба роҳ бимонад, ҳар марде ҳам кори пайвандони худро ҳамин гуна кунад, оммаи раият ба некуӣ фаро гирифта шаванд» [Аҳд Ардашер 1967, с.70].

Ардашер оид ба тариқаи заношӯии подшоҳон низ васияте дорад. Ӯ васият мекунад: «Подшоҳиро чунин кунед, ки ба ҷуз ба писарони подшоҳон аз духтарони амакҳошон нарасад. Ва аз писарони духтарони кӯтоҳақл ва ноқисулаъзои амакҳо шоистаи подшоҳӣ набошанд». Бояд гуфт, ки ин васияти Ардашер ба худи ӯ ва набераи ӯ татбиқ нашуда буд. Ӯ ҳарчанд чанд зан дошт, вале зане, ки ба ӯ писари валиаҳд – Шопури I-ро таваллуд кард, духтари Ардавон, душман ва ҳарифи асосии вай буд. Зиёда аз ин, чунонки пасон ишора хоҳад шуд, зани Шопур ҳам духтари Меҳраки Ҷаҳрамӣ буд, ки ба Ардашер хиёнат карда, ба қатл расида буд.

Ба баррасии васиятҳои дигари Ардашер мо дар боло даст зада будем. Инсофан, онҳо наметавонанд чандон дар кушодани симои ин давлатмард кӯмак

расонанд. Биноабр ин, салоҳ ба назар мерасад, бубинем, ки дар дигар китоби машҳури мероси адабӣ-сиёсии миёнаҳои замони Аббосиён «Китобу-т-тоҷ фӣ ахлоқи-л-мулук» («Тоҷнома») дар бораи Ардашер чӣ зикре омадааст? Хушбахтона, таҳлили пешаваронае, ки Н.Зоҳидов оид ба «Тоҷнома» кардааст, моро аз ворид шудан ба паҳлуҳои дигари мавзуъ бениёз мегардонад [Зоҳидов 2014, с.216-222]. Танҳо метавонем ишора кунем, ки аз соли 1914, соли нашри аввали «Китобу-т-тоҷ фӣ ахлоқи-л-мулук», ки ба заҳмати донишманди мисрӣ Аҳмад Закӣ Пошо сурат гирифтааст, муҳаққиқони араб ин китобро ба пайравӣ аз ин донишманд моли Абуусмони Ҷоҳиз медонанд. И.Ю. Крачковский соли 1910 ба забони басо фасеҳи арабӣ ва хатти хеле хонову бо ғояти лутфи таъбир роҷеъ ба муллифи китоб ба Аҳмад Закӣ Пошо навишта буд, ки месазад интизор шуд, то барои чунин қазоват далелҳои бештар пайдо шаванд. Сурати номаи И.Ю Крачковский дар пешгуфтори «Китобу-т-тоҷ» чоп шудааст [Китоб-ут-тоҷ 1914, с 67-68]. Бо ин ҳама, дар нашри дуюми китоби «Наследие Ирана» Р. Фрай «Китоб-ут-тоҷ»-ро асари Абуусмони Ҷоҳиз медонад [Фрай 2002, с.314]. Дар ин сарчашма, ки, бешубҳа, парварда ё илҳом аз тафаккури сиёсии эрониён мебошад, Ардашери Бобакон дар бисту се маврид зикр шудааст. Мо тарҷумаи чанде аз онҳоро меоварем ва то ҳадди имкон шарҳ ҳам медиҳем:

1. Муаллифи «Тоҷнома» дар боби (якум) «Оид ба бор ёфтан ба назди подшоҳон ва подшоҳро чӣ месазад кард, агар марде ба назди ӯ бор ёфта бошад», тартиби пазироиро вобаста ба дараҷаю мартабаи ба ҳузур расида муфассал баён мекунад ва меафзояд: «Рафтори подшоҳони Олӣ Сосон ва фарзандони онон ба чунин тартиб буд. Ва ба чунин сиёсат (тадбир) онҳоро Ардашер писари Бобак нигоҳ дошт, то ин ки Кисро (Хусрав) подшоҳ шуд ва дигар кард. Ва ин боисе шуд, то писараш Шерӯя ба ӯ душманӣ кунад» [Тоҷнома 1914, с.9].

2. Дар боби баёни одоби зиёфати подшоҳон, ки халифаҳои умавӣ ва ё аббосӣ дар назар аст, дар «Тоҷнома» омадааст: «Ва чунин буд одоби (зиёфати) подшоҳони Аҷам аз замони Ардашер писари Бобак то Яздгирд» [Тоҷнома 1914, с.15].

3. Дар боби «Ҳамнишинӣ (бо подшоҳон) чунин суханони Ардашер оварда мешавад: «Ҳеҷ чизе осебрасон ба ҷони подшоҳ бештар аз ҳамдамӣ бо беҳаё ва суҳбати дунон набошад. Зеро, чунонки ҷон аз суҳбати наҷиби бомаърифати асилзода ба салоҳ ояд, ҳамон қадар аз ҳамнишинӣ бо дуни фурӯмоя фосид шавад, то ин ки ин амр аз эътибори ӯ бикоҳад ва фазилати ӯро биравонад. Чунонки бод агар форам бивазад, бӯйи форам биоварад, ки ба ҷону ба аъзои бадан дармон шавад. Ва агар ба бӯйи бад бивазад, аз ин вазидан ҷон дард бикашад ва ба ҷойи ҷони инсон осеби тунд бирасад» [Тоҷнома 1914, с.24].

4. Хислати дигаре, ки ба Ардашер дар «Тоҷнома» нисбат дода мешавад, ин аст, ки ӯро ду ҷавони ҳушманд дар маҷлиси тараб пайваста ҳамроҳӣ мекарданд. Яке аз онҳо агар подшоҳ маст шавад, суханони ӯро боз мегуфту дигаре менавишт. Ва рӯзи дигар он навишта ба подшоҳ хонда мешуд. Подшоҳ агар носавобе карда ва ё гуфта бошад, худро уқубат мекарду мегуфт: «Имрӯз суруд ба ҷуз сари дастурхони нони ҷаву панир нашунавем. Ва ҳамон рӯз ба ҷуз ин ду тановул намекард [«Тоҷнома» 1914, с.27].

5. Дар ҷойи дигар муаллифи «Тоҷнома» Ардашерро «انبل – муътабартарин подшоҳи Банӣ Сосон» гуфтааст. Ва дар ҷойи дигаре меоварад, ки сухан гуфтан ба подшоҳон ба ҳамон сиғае бояд сурат гирад, ки «Ардашер писари Бобак дар «Аҳд»-аш ба подшоҳон таъкид карда буд» [«Тоҷнома» 1914, с.47 ва 89].

6. Маълумоти дигаре, ки оид ба подшоҳони Сосонӣ дар «Тоҷнома» омадааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онон бо ҳама ҳашамату азамат, аз таъмини комили амнияти худ дилпур набуданд: «Ардашер писари Бобак, Шопур, Баҳром, Яздгирд, Хусрави Анӯшервон ба ҳар подшоҳе аз онон чил рахти хоб дар чил ҷой омода мекарданд. Ҳеҷ касе рахти хоби подшоҳро наметавонист бубинад, магар ки аз дур ва ба танҳоӣ. Чунин мешуд, ки подшоҳ ҳеҷ аз ин рахтҳоро ихтиёр накунад. Чунин ҳам мешуд, ки ӯ дар нишасти канизакон хоб мекард. Ва ё оранҷи худро болин мекарду хоб мерафт» [«Тоҷнома»1914, с.124].

7. Роҷеъ ба карами подшоҳони Сосонӣ. Ардашер писари Бобак, Баҳроми Гӯр ва Анӯшервон дар ҷашнҳои Меҳргон ва Наврӯз дастур медоданд, хазинаро

бикушоянд ва либосҳо берун кунанд, то ба пайвандон ва муқаррабони подшоҳ, сипас ба пайвандони пайвандон, сипас аз рӯйи мартаба ҳадяҳо кунанд.

8. Дар ҷойи дигар оид ба як расми ҷашнҳои бузург омадааст: «Аз одоби подшоҳон аст, то мардум рӯзе дар Меҳргон ва рӯзе дар Наврӯз бинишинанд (кор накунанд). Ва дар ин ду рӯз (дарҳоро) набанданд, чи ба хурд ва чи ба калон ва чи ба нодону чи ба шариф» [«Тоҷнома» 1914, с.149 ва 159]. Ин ҷо месазад ишора кард, ки дар шариати мусулмонӣ ба ҳеҷ ривояте кор накардан дар рӯзҳои иди Рамазон ва иди Қурбон макруҳ нест. Боз ҳам ин ҷо ба назар мерасад, ки одати дастурхони дуою фотиҳа кушодани рӯзҳои иди Рамазон ва иди Қурбон шояд то ба замонҳои қадим бирасад. Хосса, одати дарҳои кушода барои «идгардак»-и кӯдакон, ки хеле файз ҳам дорад. Ба шаҳодати Бартольд В.В., то дерҳои дер бо ҳама подшоҳгардишҳо тартиби зиндагӣ (ба истисноли дин) ва тадбири ҳаёти ҳамарӯза дар ватанҳои мо, аз ҷумла тақсимоти маъмурию ҷуғрофӣ, дигар нашуда буд [Бартолд 1963, с.153].

9. Роҷеъ ба либоси подшоҳон дар «Тоҷнома» чунин омадааст: «Ардашер писари Бобак, Яздгирд, Баҳром, Хусрави Парвиз ва Хусрави Анӯшервон ва Қубод куртае мепӯшиданду шуста мешуд ва боз мепӯшиданд, то шуста шавад. Чун бори сеюм шуста шавад, ба шумори либоси ҳадя мегузоштанд, то ба писарон, наздикон, амак, писари амак, додар ва писари додар» медоданд. Ба ин муносибат, дар ҳамин сарчашма зикр шудааст, ки баъзе подшоҳони ғайрисосонӣ либосро як рӯз ва ҳатто як соат мепӯшиданд [«Тоҷнома» 1914, с.153-154]. Дар идомаи ҳамин мавзуъ муаллифи «Тоҷнома» овардааст, ки «Ардашер писари Бобак, Қубод писари Фирӯз писари Яздгирд, Хусрави Парвиз, Хусрави Анӯшервон ва аз подшоҳони араб Муовия ва Абдулмалик ва Валид ва Сулаймон ва Умар ибни Абдулазиз ва Ҳишом ва Марвон ибни Ҳамад, аз халифаҳои Аббосӣ Абулаббос ва Абуҷаъфар ва Маъмун, агар бӯйи накҳати атр аз либосашон нарафта бошад, атр намезаданд [«Тоҷнома» 1914, с.155].

10. Агар Ардашер ё Анӯшервон ба зиёрати вазире аз вазирон ё бузурге аз бузургон барои эҳтиром, на ғарази дигар бирававнд, форсиён он рӯзро ба таърих

мекашиданд. Ва китобҳо менигоштанд ва ба паҳнои мамлакат мефиристоданд [«Тоҷнома» 1914, с.158].

11. Ба ривояти «Тоҷнома» боз ҳам омадааст: «Аз рафтори подшоҳи хушбахт он аст, ки ҷӯяндаи ҳар пӯшидаю пинҳон бошад, то донистани моҳияти вай муяссар шавад». Идома медиҳад, ки «дар ин бобат асло подшоҳе шигифтангезтар аз Ардашер писар Бобак дида нашудааст.

12. Ӯ бедор мешуд ва огоҳ мешуд, ки шабро аҳли пойтахт ба чӣ хушию нохушӣ гузарониданд. Ва бегоҳ аз он чӣ рӯзона аҳолӣ кардаанд, огоҳ мешуд. Ва ҳар вақте мехост, бо меҳтарону фуқаро (раият) мегуфт: «Ин шаб туро чунину чунин буд ва меафзуд, ки то субҳ ба он (кас) чӣ рух додааст. Баъзеҳо гӯянд, ки ӯ (Ардашер) мегуфт, аз осмон ба назди ӯ фариштае меомад ва хабараш медод. Ва ин, албатта, ҷуз натиҷаи бедорхобиҳои ӯ ва масъулияти вай дар пеши корҳои раият набуд».

Фаришта, ки дар ақидаи пешиниён паёмовари яздонӣ тасаввур мешавад, илова ба фарри каён, ба Арадшери Бобакон, чунонки гуфта гузаштем, дар Табарию Балъамӣ, «Корнома» ва «Тоҷнома» се бор марҳамат кардааст. Яке дар Доробгирд пешгӯӣ дар хоби Ардашер кардааст, ки подшоҳ мешавад, дигаре (дар «Корнома») намегузорад, ки Ардашер қадаҳе, ки заҳр дошт, бинӯшад ва севум дар тадбири давлатдорӣ дар «Тоҷнома», ки зикраш омад. Пас аз ин муаллифи «Тоҷнома» меафзояд: «Бо ин ҳама салоҳият ӯ аз касоне буд, ки аз аҳли мамлакат дурӣ ихтиёр кард» [«Тоҷнома» 1914, с.167-168]. Ин ҷо чунонки гуфта шуд, сухан дар бораи аз подшоҳӣ канора гирифтани Ардашер меравад, ки дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳо раъйи муттафақун алайҳ ҳам шудааст.

13. Дар «Тоҷнома» омадааст: «Гӯянд, ки дар тамоми қавмҳо аз ибтидо то интиҳо, аз қадимон то навинон касе аз подшоҳони худ чунон натарсад, ки аз Ардашер писари Бобак аз подшоҳони Аҷам ва онон, ки аз пештар буданд, битарсад. Ва аз Умар ибни Хаттоб аз хулафои ислом» [«Тоҷнома» 1914, с.168]. Муаллифи «Тоҷнома» дар бораи аз аҳволи тамоми қаламрави ислом ба воситаи низоми касони «чашму гӯши подшоҳ» огоҳ будани ҳазрати Умар (р) навишта,

таъкид мекунад: «Ва раиятро бо сиёсати Ардашер писари Бобак дар бобати таҳқиқи розҳо идора мекард» [«Тоҷнома» 1914, с.168].

Нуктаи ҷолиб дар ин иқтибос он аст, ки муаллиф ҳазрати Умарро пайрави Ардашер дар давлатдорӣ донистааст. Ҳамин мазмун дар боби «Ҳушёрӣ التيقظ»-и китоби муосири устод Рӯдакӣ Иброҳим ибни Муҳаммади Байҳақӣ «ал-Маҳосин ва-л-масовӣ», ки онро ховаршиноси немис Фридрих Шавали (Friedrich Schawally) соли 1902 дар Гессен чопи интиқодӣ кардааст, низ оварда шудааст [Байҳақӣ 1902, с.137]. Аз бобате бо Арадашери Бобакон баробаргуна донистани ҳазрати Умар, ки метавонад иҷтиҳоди муаллифони то ҷое эронитабор ҳам бошад, ба назари мо, ба эътибори зерин сурат гирифтааст. Ардашер аз давлатакони пароканда империя сохт, ки беш аз чорсад сол арзи вуҷуд кард. Бунёди империяи исломиро, бешубҳа, ҳазрати Умар гузоштааст. Шикасти лашкари Сосониён (Мадоин соли 637, Ҷилавло соли 637 ва Наҳованд соли 642) ва Византия (Ярмук соли 636) дар замони хилофати Умар ибни Хаттоб (634-644) ба вуқуъ омадааст. Хилофати мусулмонӣ бо ҳама нишебу фарозҳо то соли 1258 беш аз ҳафтсад сол дар харитаи сиёсии асрҳои миёна нақше дошт.

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои боло маълум мешавад, ки сарчашмаҳои юнонию суриёнию арманию арабу мусулмонию «Шоҳнома»-ю «Корнома»-ю «Ғурар» ва ҳоказо дар бораи Ардашер маълумоти яксон намедиҳанд. Сарфи назар аз гуногуниҳо дар гузоришҳои сарчашмаҳо метавон хулоса кард, ки:

а) Ғояи барпо намудани империяи Сосонӣ ба Бобак тааллуқ дорад;

б) Сосон дар афсонагунаҳо, ки сарчашмаҳо ғолибан ҳақиқаташ медонанд, пайванде мебошад, то насаби подшоҳони Сосониро то ба подшоҳони Ҳахоманишӣ бирасонад. Инчунин, он мушкилро ҳам осон кунад, ки чун Ардашер хуни подшоҳӣ дорад, метавонад подшоҳ шавад ва подшоҳ бимонад;

в) Фазилати барпо намудани империяи Сосонӣ ба Ардашери Бобакон тааллуқ дорад. Ҳақиқате, ки дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳо мавриди ихтилоф мавриди шубҳа қарор нагирифтааст.

## 1.3. Сужаҳои вобаста ба образи Шопури Ардашер

Тасвири подшоҳии Шопури Ардашер дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар нашри интиқодии Душанбе дар 88 байт, нашри интиқодии Маскав дар 93 ва дар матни интиқодии Холиқии Мутлақ (ва Маҳмуди Умедсолор) дар 121 байт, дар «Таърих»-и Табарӣ дар чор саҳифа, дар тарҷумаи «Таърих»-и Табарӣ (Балъамӣ) дар панҷ саҳифа, дар нашри интиқодии «Ғурар»-и Саолибӣ, ки Зотенберг бо тарҷумаи фаронсавӣ анҷом додааст, дар ёздаҳ саҳифа, дар тарҷумаи форсии «Ғурар» дар панҷ саҳифа ва дар тарҷумаи арабии асримиёнагии «Шоҳнома», ки Фатҳ ибни Алии Бундорӣ кардааст, дар се саҳифа омадааст.

Мо чун аз Фирдавсӣ шуруъ мекунем, мехоҳем яқини худро таъкид кунем, ки дар «Шоҳнома», ба ибораи Саъдӣ, «ҳашв» тақрибан вуҷуд надорад. Шопур ба рӯзи тоҷгузорӣ аз рӯйи оини подшоҳӣ анҷумани аъёнро баргузор менамояд, то бо «хутбаи тоҷгузорӣ» баромад кунад.

Фирдавсӣ наовардааст, ки оё Ардашер ҳам дар ин анҷуман буд ё набуд, зеро мантиқан ӯ дигар намехост ва намебоист дар кори давлатдорӣ ва ин дунё умуман, дахле ва иштироке дошта бошад. Таъкиди Шопурро, ки: «Манам покфарзанди шоҳ Ардашер» Фирдавсӣ басо ба маврид овардааст, зеро Шопур писари духтари Ардавон буд ва Ардашер то вақте намедонист, ки ӯ чунин писар дорад. Ин қисса дар бахши Ардашер ба тафсил омадааст ва ниёзе ба такрор надорад.

Унсури меъёр, ки ба қавли Лосев А.Ф., модели асари бадеӣ мебошад, дар офаридани сарнавишти подшоҳон ҳам бетаъсир намондааст. Ҳоло хоҳем дид, ки на танҳо Шопур, ки «аз рӯи қоида» дар қаср, аз зани расмӣ таваллуд нашудааст, ба подшоҳӣ расидааст. Сипас дар хутбаи тоҷгузорӣ Шопур таъкиде мекунад, ки то ин ҷо дар 1335 байти подшоҳии Сосониёни «Шоҳнома» (чопи Душанбе) ба назар намерасад:

В-аз ин ҳар чӣ гӯям пажӯҳиш кунед,
Агар хом бошад, накӯҳиш кунед [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.284].

Аҷзи ин байт дар чопи Москва бо андаке таҳрир омадааст: «Агар хом гӯям, накӯҳиш кунед» [Фирдавсӣ. М.1968-7, с.195]. Бо ин таъкид, Шопур раво медонад, ки суханони ва шояд рафтори ӯ аз танқид берун набошанд. Таъкиде, ки дар асрҳои миёна назир надошт. Сипас Шопур ба тақозои жанр чанд андарз ҳам мегӯяд, ки хусусияти анаъанавӣ доранд. Чунончи, подшоҳ вазифадор аст, ки моликияти раиятро ҳимоя кунад, дастдарозӣ ба моли мардумро раво надонад ва ғайра.

Пасон Шопур изҳор мекунад, ки сиёсати шоҳ Ардашерро давом хоҳад дод. Дар бораи сиёсати андоз, ки ин ҷо, яқинан, хироҷ дар назар бояд бошад, Шопур мегӯяд:

Зи деҳқон нахоҳам ҷуз аз сӣ яке,
Дирам то ба лашкар диҳам андаке [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.285].

Ардашер барои хароҷоти лашкар ва «амнияти дохилӣ», ба шаҳодати Фирдавсӣ, ба миқдори даҳяк андози дигар дошт. Мо ин ҷо наметавонем бигӯем, ки Шопур андози хироҷро кам кардааст ё не. Мавзуи молиёт дар замони Сосониён чун мавзуъҳои таърихии дигари ин давра хуб омӯхта шудааст. Тақрибан муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ҳанӯз Абуабдулло Муҳаммади Ҷаҳшиёрӣ (ваф.942) дар «Китобу-л-вузаро ва-л-куттоб» оварда буд. Ҷаҳшиёрӣ навишта буд, ки подшоҳони Аҷам то Анӯшервон на бештар аз сеяк ва на камтар аз шашяк хироҷ мегирифтанд [Ҷаҳшиёрӣ 1938, с.3].

Хутбаи тоҷгузории Шопур чун хутбаи тоҷгузории Арадашер кӯтоҳ аст ва дар ҳамон «жанр»-е гуфта шудааст, ки Ардашер гуфта буд. Ба хутбаи Шопур ҳам, аз рӯи меъёр, аъёни давлат офарин мегӯянд. Меъёри дигаре, ки дар дар хутбаи Шопур ба мушоҳида мерасад, он аст, ки ба монанди Арадшер «Фиристод бар ҳар сӯе лашкаре» намекунад, вале фаъолияти корогаҳонро ҷонноктар менамояд:

Ба ҳар сӯ фиристем корогаҳон,
Биҷӯем бедор кори ҷаҳон [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.285].

Аз ҳамин ҷо, дар нигориши Фирдавсӣ, қайсари Рум Қайдофа, ки бояд яке аз сипаҳсолорон бошад, мехоҳад аз гузашти Ардашер истифода намуда, ба

қаламрави Сосониён ҳуҷум кунад. Абдулваҳҳоби Аззом дар таҳия ва нашри «Шоҳнома»-и Бундорӣ дар поварақи ин ҷойи муҳорибаи Шопури Ардашер, номи қайсарро Баронуш мегӯяд ва дар баробари ин гуфта мегузарад, ки Фирдавсӣ Баронушро яке аз муқаррабони қайсар медонад [Бундорӣ 1932-2, с.58]. Табарӣ номи қайсарро Алрайонус гуфтааст [Табарӣ 1979-2, с.5].

Муҳориба дар мавзее, ки Фирдавсӣ Болунааш мегӯяд, сурат гирифта бо шикасти лашкари қайсар тамом мешавад. Ҷониби румӣ уҳдадор мешавад, ки товони ҷанг супорад, то хунрезӣ давом накунад. Аз румиён, се ҳазор кушта ва ҳазору дусад нафар асир меафтанд. Товони ҷанг ба миқдори «даҳ анбони гов» зар зикр шудааст. Дар тарҷумаи Бундорӣ дар набарди Баронус бо Шопури Ардашер, Баронус бо ҳазору шашсад нафар асир меафтад ва сӣ ҳазор аз лашкари румиён кушта мешавад [Бундорӣ 1932-2, с.57]. Дар матни Фирдавсӣ ва тарҷумаи Бундорӣ, Баронуш аз эҳтироми Шопур бархурдор буд ва ба подоши сохтани пули Шустар озод мешавад [Бундорӣ 1932-2, с. 58]

Бино ба манбаъҳои таърихӣ, аз ҷумла катибаи Шопури Ардашер дар Каъбаи Зардушт, Шопур се бор ба Рум лашкар кашидааст ё Рум ба Эрон. Бори нахуст ба нақл аз Р.Фрай, қайсари Рум Гордиан ба муқобили Шопур лашкар мекашад, шикаст мехӯрад ва кушта ҳам мешавад [Катиба, сатрҳои 3-4; Фрай 2020, с.291]. Дар аҳди император Филиппи Араб лашкари шастҳазораи Рум дар муҳориба бо урдуи Шопур боз шикаст мехӯрад ва водор мешавад, ки ба сулҳ розӣ шавад. Дар замони император Валериан лашкари Рум боз шикаст мехӯрад ва Валеран асир меафтад. Дар сангнигораи Шопури I дар Бишопур, ки ба назари Луконин В.Г. аз ҷумла пирӯзии Шопурро дар ҷанги соли 260 бо Валериан инъкос мекунад, ин қайсари Рум дар банд (кишанг) ҳаккокӣ шудааст [Луконин 1969, с.22]. Ин мавзуъ дар таърихшиносии советӣ аз ҷониби Луконин В.Г таҳлили шоиста гирифтааст ва зарурате намемонад, ки мо низ ин корро кунем [Луконин 1969, с. 50-70]. Луконин аз он сар мекунад, ки соли 262 Шопури I ба подшоҳони кишварҳои ҳамсоя номаҳо мефиристад, ки дар ҷангҳо бо румиён дар муҳорибаҳои шаҳрҳои Карра ва Эдесса (ҷанубу шарқи Туркияи имрӯза) лашкари ҳафтодҳазораи румиёнро торумор кард, Сурия, Киликия ва Каппадокияро

(иқлимҳое дар Осиёи Хурд) сӯхт ва ғорат намуд, инчунин, императори Рим Валиранро бо аҳли рикоби ӯ асир гирифт.

Дар ин бора муаллифи румӣ Секст Аврелий Виктор (320-390) дар китоби «О цезарях» (Дар бораи қайсарон) менависад, ки Валериан (253-260) дар камини Шопури I асир меафтад ва шармандавор аз чароҳатҳои бисёр дар соли шашуми подшоҳӣ дар Шуштар ҳалок мешавад [Секст 1996, с. 31]. Кор ба ҷое расида буд, ки то таҳқир дарднoктар шавад, Шопур вақти нишастан ба асп аз пушти хамидаи Валериан савор мешуд. Қатли Валериан ба фармони Шопури I чунин сурат мегирад, ки гӯё ба гулӯи Валериан тиллои гудохта мерезанд. Сипас мефармояд, пӯсти Валерианро бикананду коҳ ва пору пур кунанду дар оташкадаи Шуштар ба намоиш гузоранд. Рехтани оҳан (мис, тилло)-и гудохта ба гулӯ як навъи қатл буд, ки, эҳтимол, дар Эрони ибтидои асрҳои миёнаривоҷе дошт. Масъалаи пӯст кандан шояд аз қавли Агафий гирифта шуда бошад. Агафий менависад, ки Хусрав подшоҳи форсиён фармуд: «Пӯсти гарданро чок кунанду ҳама пӯстро то ҳар ду пой бикананду аз бадан ҷудо кунанд. Даруни шикамбаро, ки аз варам ба машк монанд буд, фармуд, то ба харсанге биовезанд... Ба гумони ман, ба чунин иқдом бори аввал Сапори маъруф (Шопури Ардашер) ҷуръат карда буд, ки солҳо пеш аз Хусрав подшоҳи форсиён буд» [Агафий 1953, с.104].

Абуҳанифаи Диноварӣ дар «Ахбору-т-тивол» номи Валерианро Аляриёнус (اليريانوس) меоварад ва мақоми ӯро «халифаи соҳиби Рум» мегӯяд. Ба ривояти Диноварӣ, Валериан баъд аз сохтани пули Тустар (Шуштар) озод карда мешавад [Диноварӣ 1911, с.47]. Табарӣ эҳтимоли кушта шудани Валерианро меоварад, вале менависад, ки ба подоши бино намудани шодурвони (пул), дар тарҷумаи Балъамӣ: «Пас он малики Румро бинию лаби зерин бибурид ва даст боздошт» [Табарӣ 1979-2, с.15; Балъамӣ 2001-1, с. 489]. Ибн ал-Асир гуфтааст, ки Шопур қайсари Румро асир гирифту ба Мадоин овард, вале нагуфтааст, ки бикушт [Ибн ал-Асир 1965-1, с.387].

Шояд ба туфайли ҳамин пирӯзиҳо дар «Ғурару ахбор мулуки-л-фурси ва сиярихим» муаллиф дар бораи Шопур (Собур) меафзояд, ки «араб ӯро ба сабаби фузунии сипоҳ ва бартарии қудраташ «سابور الجنود – Шопури лашкардор»

мегуфтанд [Саолибӣ 1963, с.488]. Чунин лақаби Шопур дар чанд байти шоири тоисломии араб Аъшои Маймун ҳам омадааст [Саолибӣ 1963, с.93]. Чунончи:

اقام به شاهفور الجنو د حولين يضرب فيه القدم

(Шопури лашкардор он ҷо ду сол буд ва пофишорӣ мекард).

Ва:

وان و اين قبله سابور اين كسرى كسري الملوك انوشر

(Куҷост Кисро, хусрави хусравон Анӯшервон ва куҷост Шопур, ки пеш аз ӯ буд?).

Аъшои Маймун, ки ба девони Хусрави Правиз равуо дошт, тақрибан соли 629 вафот кардааст. Ҳарчанд ӯ муаллифи яке аз муаллақоти ҳафтгона нест, вале қудомо ӯро ба қатори муаллифони муаллақоти даҳгона дохил кардаанд. Яке аз донандагони ангуштшумори шеъри араб Абуубайда Маъмар ибни Мусанно (728-825), ба қавли Ибни Қутайбаи Диноварӣ дар «аш-Шеър ва-ш-шуаро» Аъшоро, чорумин аз «шуарои мутақаддимин» (тоисломӣ)-и араб донистааст [Ибни Қутайба 1964 – с.184].

Дар сатри якуми катибаи Шопур насаби ӯ чунин оварда шудааст: «ман... Шопур шоҳаншоҳ...пури Арадшер шоҳаншоҳ...пури Бобак шоҳ...». Дар сатри дуюм баршумори вилоятҳои мулки Шопур омадааст, ки дар он шумор вилоятҳои ин сӯи Ому ва Вароруд: Балосоғун, Пешовар, Кошғар, Суғд ва Чочистон низ омадаанд (Катиба, Википедия). Мо мувофиқати ин баршумори иқлимҳоро ба воқеияти илмӣ таъкид намекунем.

Дар мавзуи шикасти лашкари Ардашер ҳангоми бозгашт ба Миёнрӯдон (Месопотамия) аз юриши минтақаҳои шарқии империяи Рум, ки солҳои 260-262 рух додааст, сарчашмашмаҳои исломӣ ҳеҷ маълумоте надодаанд. Вале ба қавли Агафий амири араби Тадмур (Palmyre – Пальмира) воҳаи ободе дар бодияи Шом – Узайна (Аденат) ба лашкари Шопур ҳамла мекунад ва шикасти назаррасе ҳам ворид месозад [Агафий 1953, с.129].

Баъд аз ин Шопур ҳам ба расми Ардашер аз Рум ба Аҳвоз меояд, шорсони (шаҳри) Шопургирд ва дар Форс як шорсони дигар сохта, куҳандизи Нишопурро

бунёд мекунад. Зиёда из ин, ба маслиҳати Баронуш дар Шустар пуле ҳам месозад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.283-284].

Дар «Ғурар»-и Саолибӣ ҷанг ва пирӯзии Шопур дар фатҳи Ниссибин бо муҳосираи қалъаи вай бо истифода аз партофтани анбуҳи каждумҳо ривоят шудааст. Истифодаи ҳашароти зараррасон дар муҳосираҳо падидаи ба ҳадде нодир мебошад. Номи қайсари Румро Саолибӣ قسطنطين Қустантин гуфтааст, ки дуруст нест [Саолибӣ 1963, с.488]. Бояд Гордиани III ё Филиппи Араб бошад. Вале бояд ба инобат гирифт, ки Саолибӣ шоҳнома ба наср менавишт, на таърих. Чун сабаби лашкар кашидан ба Ниссибин, ки харобаҳои вай дар музофоти Мардини Туркия, дар наздикии сарҳад бо Сурия то ҳол мондааст, дар тарҷумаи хуби форсӣ ва таҳияи Н.Зоҳидов ба хатти имрӯза омадааст, ҳоҷат ба баёни дигарбораи вай вуҷуд надорад. [Зоҳидов 2014, с. 252]. Шояд месазад ишора кард, ки эпизоди истифодаи каждум дар муҳорибаи Ниссибин дар сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ низ мегузарад. Ва ҳамин Гардезӣ ба пайравӣ аз Саолибӣ ва ё сарчашмаҳои Саолибӣ номи қайсари Румро Қустантин гуфтааст [Гардезӣ 2014, с.72=73].

Ангеза ба супоридани бож водор кардани қайсари Рум ва тарсонидани подшоҳони дигар буд. Ба қавли Саолибӣ, Шопур дар роҳи Қустантания шаҳрак ва истеҳкоми соҳилии Тартусро (баҳри Миёназамин) ҳам фатҳ кард, аммо ҳадяҳои фаровони қайсар Шопурро аз юриш ба Қустантания, боздошт. Мусалламан, аз нигоҳи воқеияти таърихӣ, Қустантания, ки соли 324 чун шаҳр таъсис ёфтааст, чун истеҳкоми сипоҳи Рум аз асри VII пеш аз милод ҷое буд, вале на марказе.

Дар мероси жанри адаби арабу мусулмонӣ Қустантания ба замони Шопури Ардашер вуҷуд дошт, ба ҳадде, ки Шопур онро фатҳ мекунад. Ба қавли Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ дар «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф», «Шопури лашкардор Қустантанияро муҳосира намуд ва оташкаде бино кард. Ва вақти рафтан ба румиён шарт гузошт, ки нигоҳаш доранд. Ин оташкада ҳамоно то рӯзгори халифаи сеюми Аббосӣ ал-Маҳдӣ (775-785) қоим буд, сипас хароб шуд» [Масъудӣ. ат-Танбеҳ 1893, с.139].

Дар ривояти Гардезӣ, илова бар бино намудани оташкада, хабари дигаре мегузарад, ки дар сарчашмаҳои дигар ба назари мо нарасид. Сухан дар бораи китобҳои эрониён меравад, ки ба ривоятҳое онҳоро Искандари Македонӣ ба Рум бурда буд. Хабар чунин аст: «Ва китобҳое, ки Искандар ба Рум бурду тарҷума кард, он ҳама китобҳоро Қустантини малик ҷамъ кард ва бар сутурон бор кард ва ба наздики Шопур фиристод бар ваҷҳи ҳадя [Гардезӣ 2014, с.73]. Мусалламан, хабар хеле бори устуравӣ дорад. Лоақалл барои он ки аз истилои Искандар то ба сари қудрат омадани сулолаи Сосониён беш панҷсад сол гузашта буд.

Дар ривояти фатҳи Ҳатра, ки чунин истеҳком дар шимоли Байнаннаҳрайни Ироқ буд, қиссаи дил бастани духтари подшоҳи Ҳатра ба Шопур нақши асосӣ дорад. Духтар чун Гулнор канизаки Ардавон ба Шопур ошиқ мешавад. Номи духтар ба арабӣ Назира (نضيرة) омадааст, ки чандон хосси номҳои тоисломии араб ҳам нест. Ба Шопур муяссар мешавад, ба туфайли даромаде, ки Назира нишонаш дода буд, ба қалъа ворид шавад. Шопур подшоҳи Ҳатраро қатл мекунад ва духтари ӯ – Назираро ба занӣ мегирад. Шопур ҳамон корро дар ривояти Саолибӣ кардааст, ки Искандар карда буд ва Ардашер. Ба назари мо, дар ин ҳикоят низ унсури меъёри худойноманависӣ ҷой дорад, то агар меъёр ба қавли Лосев, маҳаки баҳои мусбат бошад, шоиста мебуд, то образи Шопур низ бо ҷузъиёте аз саргузашти подшоҳони муътарафи замони гузашта офарида шавад. Ҳатра – шаҳр-аморати араб соли 257 кушода мешавад. Ба ривоятҳое, кӯшиши Ардашери, ки соли 228 мехост Ҳатраро гирад, ба нокомӣ анҷом ёфта буд.

Фарҷоми заношӯии Шопуру Назира басо талх ва ноҷавонмардона мебошад. Чун Шопур аз назокати пӯсти бадани Назира тааҷҷуб мекунад, мепурсад, ки падарат ба ту чӣ хӯрданӣ медод? Ҷавоб чунин буд: «Мағз, сафедаи тухми мурғ, равғани зард, асал ва майи ноб». Ангезаи Ардашер чунин буд, ки чун духтар ба ҳамин гуна падар хиёнат кард, фармуд, то аз гесувонаш ба думи асп бибанданд ва ба замини хорзор аспро ронанд, то бадани духтар пора-пора шавад [Саолибӣ 1963, с.492]. Чунонки ишора рафта буд, ин гуна ваҳшатро Ардашер ҳам раво дида буд, аммо ба мард – ба Ардавон, ки душмани ашаддии ӯ буд.

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар оғоз суханро аз боби писари кӣ будани Шопури I сар кардааст. Мо дар ин хусус дар бахши Ардашер тафсиле дода будем. Дар Табарӣ қиссаи Шопур ва Назира бо ҳамон тафсиле, ки Саолибӣ овардааст, мушоҳида мешавад [Табарӣ 1979-2, с.16].

Хабари дигаре, ки Табарӣ овардаасту аз аҳаммият холӣ нест, он аст, ки дар замони Шопур Монӣ зуҳур кард, ки Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ зиндиқаш мегӯяд [Табарӣ 1979-2, с.16]. Истилоҳи «зиндиқ», ки дар шариати мусулмонӣ ғолибан маънои «муртадд»-ро дорад, яъне гузаштан ба кеши дигарро, аслан маънои муфассири Зандро дошт. Вале Монӣ муфассири Занд ҳам набуд, ки ба мавзуи мо дахле надорад. Он чи дахл дорад, ин аст, ки пас аз Табарӣ Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб» меоварад, ки Шопури I нахуст аз кеши муғон (маҷусия) ба мазҳаби Монӣ гузашт, вале пасон боз ба кеши муғон авдат кард [Муруҷ 1972-1, с.249]. Дар оғоз гаравидани Шопури I ба мазҳаби Монӣ ба эҳтимоли қавӣ пояе дорад. Чунин муаллифи ҳамадон, ки касе дар охир асри X аз фарозу нишеби осори хаттии уммати исломия ва гузаштагони онҳо чун ӯ огоҳие надошт, Муҳаммад ибни Исҳоқи ибни Надим (ваф.995) дар «ал-Феҳрист» ақида пешниҳод мекунад, ки «монавиён гӯянд: «Рӯзе, ки Шопур писари Ардашер ба тахт нишаст, ӯ (Монӣ) ба ӯ (Шопур) бор ёфт ва тоҷ бар сараш гузошт» [«ал-Феҳрист» 2003, с.583]. Мавзуи зуҳури Монӣ ба рӯзгори подшоҳии Шопури I-ро Гардезӣ ҳам зикр кардааст [Гардезӣ 2014, с.73] Он, ки тоҷро ба сари Шопур Монӣ ниҳодааст, метавонад мавриди баҳс бошад, аммо он, ки ба қавли В.Г. Луконин соли 243 ҳангоми маросими тоҷгузорӣ Монӣ ҳузур дошт, шубҳае дар доираи муҳаққиқони мавзуъ барнаангехтааст [Луконин 1987, с.74].

Дар «Шоҳнома» бахши подшоҳии Шопур бо андарзи ӯ ба писараш Урмузд дар шаш байт, ки хусусияти анъанавӣ дорад, тамом мешавад. Аммо дар мероси жанри адаби арабу мусулмонӣ аз Шопур низ подшоҳи соҳибтадбире сохтаанд, ки ба эҳтимоли қавӣ, маҳсули эҷодиёти бадеӣ мебошад, на инъикоси воқеияти таърихӣ. Ба ривояти Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар,» қайсари Рум ба Собур писари Ардашер навишт: «Аммо баъд, ман аз сиёсати ту ба сипоҳиён ва тадбири он чӣ зери итоати туст ва осоиши раияти мамлакат ба

шарофати тадбири ту, шунидам. Ва писанди ман афтод, бипурсам, чӣ роҳе пеш гирифтӣ, то ман ҳам ба он роҳ биравам». Шопур дар ҷавоб менависад: «Ин ҳамаро бо ҳашт хислат дарёфтам. Дар ҳеҷ амр (дастур) ва ё наҳй ҳеҷ шӯхӣ накардам, ҳеҷ ваъда ва ё ваидро (таҳдид) мухолифат нанамудам, барои ғанимат ҷангидам, на аз рӯи ҳавас, дили одамонро ба боварӣ на ба кароҳият ёфтам, на ба тарс ва на ба кина, уқубат аз барои гуноҳ кардам, на аз пайи ғазаб, ризқ арзонӣ доштам ва фузудаҳоро бибуридам» [Масъудӣ 1973, с.249].

Образи Шопури Ардашер чандон шахсияти барҷастаи сиёсӣ инъикос нашудааст. Вале моҷарои лашкари ӯ бо Узайна, амири Тадмур метавонад аз он гувоҳӣ диҳад, ки ҳануз аз нимаи дуюми асри III сипоҳиёни қабилаҳои араб аз лашкари овозадори Сосонӣ ҳарос надоштанд ё ҳароси андак доштанд. Фатҳи шаҳр-аморати арабии Ҳатра ба соли 257 шасти қабила ва ниҳодҳои арабро андаке гардонд, вале ба пуррагӣ нашикаст.

## 1.4. Сужаҳои вобаста ба образи Урмузди Шопур

Урмузди Шопур сеюмин шоҳаншоҳӣ Сосонӣ мебошад, ки ба ривояти Фридавсӣ, як солу ду моҳ подшоҳӣ кардааст. Қиссаи Урмузд дар матни интиқодии «Шоҳнома»-и чопи Душанбе дар навад байт, дар чопи Москва дар наваду панҷ байт, дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ ва Маҳмуди Умедсолор дар наваду як байт, дар «Таърих»-и Табарӣ дар камтар аз як варақ ва дар «Ғурар»-и Саолибӣ бо тарҷумаи фаронсавӣ дар ду варақ омадааст. Ба таври анъана, қисса дар «Шоҳнома» аз зикри тоҷгузории Урмузд ва хутбаи ӯ дар анҷумани аъён ва акобири давлат оғоз меёбад. Фирдавсӣ менависад, ки бо подшоҳии Урмузд оромӣ фаро расид, то ҷое, ки «Ба обишхӯр омад ҳаме мешу гург» [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.291]. Ӯ аз рӯйи анаъана сиёсати одилона, пайравӣ аз сиёсати подшоҳии падар ва нуктаҳои дигарро таъкид мекунад. Яке аз таъкидҳои ба назари мо ҷолиби Урмузд он аст, ки подшоҳ бояд. ба истилоҳи имрӯза, аз мардуми бесалоҳият дурӣ ихтиёр кунад:

Ҳар он кас, ки дониш наёбӣ бараш,

Макун раҳгузар, то зияд дар бараш [Фирдавсӣ. М.1968-7, с.201].

Дар ахбори Урмузд ба ҳаҷм ҷойи асосиро андарзи ӯ ба писараш Баҳром гирифтааст, ки дар чопи Душанбе дар шаст байт омадааст. Урмузд, ки ба поён расидани зиндагиро пай мебарад, ба писар ва валиаҳдаш лозим медонад, чунин нуктаҳо таъкид карда шавад: беозор будан дар муносибат бо раият; набахшидани гуноҳи ситамгорон; канора гирифтан аз гуфтори дурӯғ; канора гузоштани кинаву адоват; дурӣ гирифтан аз суханчинон ва бедонишон; муомила накардан бо бедонишон; эҳтиёт кардани номи нек; ба шитобзадагӣ роҳ надодан; душманро дӯст нагирифтан; ба фиреб дода нашудан; пазируфтани раъйи хирадманд; тарсонидани бадандешон бо лашкар; ба ситоишҳо муносибати андешамандона доштан ва ғайра [«Шоҳнома» Д. 1966-7, с.293-297]. Ин насиҳат, васият ва ё дастур навишта мешуд ва онро вазир манзури подшоҳ мекард:

Чу андарз бинвишт фаррухдабир,

Биёварду бинҳод пешаш вазир. [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с. 293-297].

Фирдавсӣ ба даргузашти Урмузд шеван намегӯяд, вале таъкид мекунад, ки азодорӣ чил рӯз давом дошт [Фирдавсӣ. Д.1966-7, с.298].

Дар ривояти Табарӣ симои модари Урмузд бо симои модари Шопур тақрибан дар як қолаб рехта шудааст. Урмузд низ духтари душмани Ардашер буд, ки дар дасти кишоварзе калон шудаст. Аммо ишқи Шопур ва камолу ҷамоли духтар ба ҷое расонд, ки Урмузд ба дунё омад. Ҳам Шопур ва ҳам Урмузд дар дарбор таваллуд нашудаанд. Урмуздро Ардашер ба ҳамон гуна шинохтааст ва ба дурустии фоли Кайди ҳиндӣ бовар намуда, чун Шопур эътироф кардааст, ки хуни подшоҳӣ дорад.

Бино ба Табарӣ, ки сифатҳои сипаҳсолории Урмуздро махсусан зикр кардааст, Урмузд ҳангоми подшоҳии падараш асосан гирифтори набардҳо дар Шарқи мамлакат ва хосса Хуросон буд. Дар ин росто, як рафтори Урмуздро Табарӣ меоварад, ки ба ҷавонмардии шоҳзода далолат мекунад. Чунонки ишора ҳам карда будем, вақте ғайбати муддаиён то ба Шопур мерасад, ки Урмузд қасди ғасб кардани подшоҳиро дорад, ӯ кафи дасти худро аз сарпанҷа ҷудо мекунад ва ба тариқае ба падараш мефиристад. Шопур, бар хилофи анъанаи подшоҳони эронӣ, ки подшоҳ набояд ҳеҷ нуқсони ҷисмонӣ дошта бошад, дар ҷавоб чунин менависад: «Агар ҳама андоми хеш лахт-лахт кунӣ, маро ҷуз ба ту валиаҳд нест» [Балъамӣ 2001-1, с.492-493]. Ин ҷо мо наметавонем бигӯем, ки Шопур эҳтироми анъанаро нодида гирифтааст. Эҳтимол, салоҳи сиёсӣ тақозо карда буд, ки шоҳаншоҳ ба чӣ эътиборҳое писари маъюби худро валиаҳд хонда бошад. Урмузд, ба қавли Табарӣ, ба замони падараш волии Хуросон буд ва бо далерию шуҷоату дурустии тадбири кори вилоят ном ҳам бароварда буд, то ин ки мавриди ҳасади бадхоҳонаш қарор нагирифт [Табарӣ 1979-2, с.17].

Дар корҳои давлатдорӣ ва хоссатан дар посбонии марзҳо ва идораи лашкар Масъудӣ тадбиреро ба Урмузди Шопур нисбат медиҳад, ки ба падараш низ тадбиреро аз ҳамин қабил муносиб дониста буд. Урмузд гӯё фармуда бошад: «Ба посбонии марзҳо, идораи лашкар, бароварданы фармонҳо ва давлатдорӣ марде шоиста мебошад, ки панҷ хислат дар ӯ ба ҳам омада бошанд: ҳушёрӣ (ҳазм), ки бо он тавонад дар оғози корҳо ҳақиқати ба миён омадани онҳоро муайян кунад,

дониш, ки аз беандешагӣ дар бархӯрд бо мушкилҳо то фаро расидани вақт боздорадаш, шуҷоате, ки ноомади пай дар пайи ниёзҳо камаш накунад, садоқат ба ваъда ва уқубат, то дар бовариҳо бошад ва карам, ки сарфи дороиро ба ҳақдорон осонаш кунад» [Масъудӣ 1973, с.250]. Дар нигориши саргузашти Шопур ва Урмузд метавон гуфт, ки илова ба офарин хондани анҷумани аъён ба хутбаи подшоҳ, боз се унсури меъёр истифода шудааст. Ҳар ду фарзандони духтарони душманони қаттоли Ардашер мебошанд. Ин ҷо боз як анъанаи гузидани валиаҳд – подшоҳи оянда риоя намешавад. Чи модари Шопур ва чи модари Урмузд аз нигоҳи хонадони Сосонӣ бону – малика набуданд. Ҳардуро Ардашер чун дар онҳо нишони хуни подшоҳӣ мебинад, эътироф мекунад. Чун Астиағ Куруши Кабирро, ки ба он ишора шуда буд. Ва чи Шопуру чи Урмузд ба туфайли буридани узве аз аъзои бадан аз эҳтимоли шубҳа раҳо меёбанд. Ёдовар мешавем, мӯбад мардинаи худро бурида буд, то Арадашер шубҳа накунад, ки Шопур аз камари ӯ намебошад.

## 1.5. Сужаҳои вобаста ба образҳои Баҳроми Урмузд, Баҳроми Нарсӣ, Баҳроми Баҳромиён, Нарсии Баҳром, Урмузди Нарсӣ

Подшоҳии Баҳроми Урмузд, чорумин шоҳаншоҳӣ Сосонӣ дар «Шоҳнома»-и чопи Душанбе дар чилу як байт, дар чопи Москва дар сию нӯҳ байт, дар матни Ҷалол Холиқии Мутлақ дар чилу панҷ байт, дар «Таърих»-и Табарӣ дар камтар аз як варақ ва дар «Ғурар»-и Саолибӣ бо тарҷумаи фаронсавӣ дар се варақ омадааст. Подшоҳии Баҳроми Урмузд, ба қавли Табарӣ, се солу се моҳу се рӯз буд [Табарӣ 1979-2, с.18].

Нуктаи ҷолибе, ки дар нигориши Фирдавсӣ дар бахши Баҳроми Урмузд омадааст, ишора ба одати бастани миён дар сӯгворӣ мебошад. Ин одат баробари одати чил рӯз мотам гирифтан, ки дар «Шоҳнома» борҳо зикр шудааст, масалан:

Чу Бахром дар сӯги Баҳромшоҳ,
Чиҳил рӯз нанҳод бар сар кулоҳ [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.302]

аз одатҳое мебошад, ки то имрӯз мондааст.

Дар фароварди бахши подшоҳии Баҳроми Урмузд Фирдавсӣ ба маъние рӯй овардааст, ки ҳамосӣ несту «сухани шоҳон» ҳам намебошад. Мазмуне дар ҳафт байт баён шудаасту як оҳанги эпикурӣ ҳам дорад, ки дертар, масалан, дар рубоиёти Хайём ё мансуб ба Хайём хеле садо ҳам додааст. Фирдавсӣ мегӯяд:

Агар марг дорад чунин табъи гург,
Пур аз май яке ҷом хоҳам бузург.
Яке сарвқаддеву симинбадан,
Дилорому хушхӯву ширинсухан,
Суманбӯву зеборуху моҳрӯй,
Чу хуршед дидору чун мушк бӯй [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.302].

Ин маънӣ дар суннати адабиёт, албатта, маънии бикр нест, лоақалл ба ҳукми ҳама «оянду раванду боз оянду раванд» такрор мешавад. Ғолибан таъсирбахш такрор мешавад, хосса шоир агар шоир бошад, на сӯфӣ. Сӯфӣ фалсафаи дигар дорад. Ба назари мо, ин маънӣ пештару беҳтар шояд дар муаллақаи Тарафат ибн ал-Абд ифода ёфта бошад. Дар бораи бӯйи хуши нозанин

дар адабиёти араб чун намуна қавли Имруулқайс далел оварда мешавад: وجدت بها طيبا و ان لم تطيب «Бӯйи хуше дар ӯ дарёфтам, ҳарчанд атре назада буд» [Завзанӣ 2013, с.61].

Абуҷаъфар ибни Муҳаммади Табарӣ ва Абумансури Саолибӣ бо тафсили бештар фарҷоми фоҷеабори Мониро ба рӯзгори Баҳроми Урмузд нисбат медиҳанд [Табарӣ 1979-2, с.18]. Дар «Шоҳнома» хабари даъвии нубувват кардани Монӣ ва кушта шудани ӯ дар бахши подшоҳии Шопури II Зулактоф омадааст, мо ба тафсили вай дар баррасии ҳамин бахш рӯй хоҳем овард. Саолибӣ вобаста ба зуҳури Монӣ ба рӯзгори подшоҳии Баҳроми Урмузд фасле бахшидааст. Ба қавли Саолибӣ, Монӣ, чунонки Табарӣ ҳам гуфта буд, ба рӯзгори Шопури I зуҳур мекунад. Ба рӯзгори Баҳроми Урмузд Монӣ мехоҳад бо истифода аз ҷавонии шоҳаншоҳ таблиғоти худро гузаронад, аммо дар музокира бо мӯбади мӯбадон пирӯз намешавад. Баҳром ба қатли ваҳшиёнаи Монӣ фармон медиҳад. Ҳамзамон, ба қавли Саолибӣ, дувоздаҳ ҳазор тан аз пайравони Монӣ низ кушта мешаванд [Саолибӣ 1963, с.501-503]. Мавзуи муносибати қавли Саолибӣ ба воқеияти таърихӣ дар қисмати вобаста ба Монии «Шоҳнома» баррасӣ хоҳад шуд. Шигифтии муносибати бадбинонаи Табарӣ, Саолибӣ ва муаллифони дигари арабу мусулмонӣ дар он аст, ки байни «зиндиқ»-и уламои ислом ва Монӣ фарқ намегузоранд. Оҳанги Саолибӣ метавонад аз он далолат кунад, ки гӯиё ба пуштибонии оини зардуштӣ баромад карда бошад.

Подшоҳии Баҳроми Баҳром (нуздаҳ сол) ва писари ӯ Баҳроми Баҳромиён (чор моҳ), писари ӯ Нарсии Баҳром (нӯҳ сол) ва подшоҳии Урмузди Нарсӣ (нӯҳ сол) дар чопи Душанбе дар наваду ду ва дар чопи Москва дар яксаду ҳафт байт омадааст.

Дар «Шоҳнома» дар бисту ҳашт байт танҳо хутба ва андарзи Баҳроми Баҳром омадааст. Маъние, ки дар хутба талқин шудаасту дар бахши подшоҳии гузаштагони ӯ чандон садо надода буд, ин аст, ки Баҳром ҷонибдор аст, ки раият сарват дошта бошад:

Мурувват наёбад киро чиз нест,
Ҳамон ҷоҳ назди касаш низ нест [Фирдавсӣ. Д.1970-7, с.211].

Талқини «Зи кори замона миёна гузин», андешаеро мемонад, ки ба маънии ҳикмати «خير الامور اوسطها « ҳамоҳанг аст. Ин ҳикматро то ба мартабаи ҳадиси шариф бардоштанӣ ҳам буданд, вале саҳеҳ будани вай исбот намешавад.

Қиссаи Баҳром дар «Шоҳнома» метавон гуфт, ки дар омади гап омадааст. Охир, нуздаҳ сол подшоҳӣ ҳам кардааст. Ба таъкиди В.Г.Луконин, ҳабдаҳ сол – солҳои 277-293 [Луконин 1969, с.44]. Ҳоло мо наметавонем бигӯем, ки чаро Фирдавсӣ Баҳромро ба фаромӯшӣ супурд. Вале тахмине дорем, ки бино ба сарчашмаҳои дигар, Баҳром шахси муътабар набудааст ва шояд донои Тӯс лозим надонистааст, ки чунин шахсе дар номаи шоҳон ба таври густарда зикр шавад. Ал-Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» ва пасон Саолибӣ дар «Ғурар» хабареро зикр кардаанд, ки Баҳроми Баҳромро بهرام الصلف (салиф) худсито, лофзан мегуфтанд.

Ӯро басо мутакаббир ва золим ҳам гуфтаанд. То ҷое, ки ба қавли Саолибӣ, Баҳром «аз кайфар додан, ҷуз гардан задан чизе намедонист. Пас наздикон диолзурда шуданд ва ҳамагон тарсону рамон гаштанд». Ин ҷо дар ҳар ду сарчашма тадбире оварда мешавад, ки онро метавон бо таъбири имрӯзаи «коршикании саросарӣ» ифода кард. Ба талқини мӯбадон мӯбад, касе аз муқаррабон пагоҳии рӯзе ба дарбор ҳозир намешаванд ва подшоҳро танҳо ва ҳаросон мегузоранд. Сипас мӯбадон мӯбад танҳо ҳозир мешавад ва мурочиат мекунад, ки: «Медонӣ, ту подшоҳи гурӯҳоне ҳастӣ, ки дар итоати туанд. Ва гурӯҳон итоатат накунанд, магар ба меҳрубонӣ ва идрок». Чун жанр жанри хабар аст, Баҳром ба сирати одамӣ бармегардад... [Муқаддасӣ 2015, с. 204; Саолибӣ 1963, с.504]. Албатта, тадбири мӯбадон мӯбад шояд афсона ҳам бошад. Вале афсонае, ки подшоҳонро метавонад ҳушёр кунад.

Подшоҳии Баҳроми Баҳромиён дар ривояти Фирдавсӣ ҳамагӣ чор моҳ будааст. Аз рӯзгори Баҳроми Баҳромиён Фирдавсӣ танҳо аз хутбаи ӯ, ки хусусияти анъанавии пандомез дорад, ёд кардааст. Масалан:

Ки хубию зиштӣ зи мо ёдгор
Бимонад, ту ҷуз тухми некӣ макор [Фирдавсӣ.Д.1966-7, с.305].

Дар фаровარди бахши подшоҳии Баҳроми Баҳромиён Фирдавсӣ боз ҳам бо руҷуъ ба маънии эпикурӣ, зикр мекунад, ки солаш ба шасту се расидааст:

Маи лаъл пеш ор эй рӯзбеҳ,

Ки шуд соли гӯянда бар шасту се [Фирдавсӣ. Д.1966-7, с. 306].

Нарсии Баҳром (293-302) ҳафтумин шоҳаншоҳи Сосонӣ дар «Шоҳнома» чун пресонажи эпизодӣ тасвир шудааст. Ӯ ду андарз мегӯяд, яке дар қолаби анъанавии хутбаи тоҷгузорӣ ва дигаре насиҳат ба писар ва валиаҳдаш Урмузди Нарсӣ [Фирдавсӣ. Д.1966-7, с.306-308]. Аз рӯи анъана, андарзҳо хусусияти пандомезӣ ва раҳнамоӣ доранд. Нарсии Баҳром, аз ҷумла, дар насиҳат ба Урмузд чунин мегӯяд:

Бад-ӯ гуфт, к-эй ноздида ҷавон,

Мабар даст сӯйи бадӣ то тавон...

Мабодо, ки тоҷ аз ту гирён шавад

Дили анҷуман аз ту бирён шавад [Фирдавсӣ. 1966-7, с.308].

Саолибӣ чун Фирдавсӣ меоварад, ки Нарсӣ писари Баҳроми II ва бародари Баҳроми III буд [Саолибӣ 1963, с.508]. Ин қавл, эҳтимол, ба воқеияти таърихӣ мувофиқат накунад, зеро А.Кристенсен меоварад, ки соли 293 Нарсӣ писари Шопури I ва амаки падари Баҳроми Баҳромиён бо талошҳое шоҳаншоҳ мешавад [Кристенсен 1980, с.170]. Нарсе дар катибаи Пойкулӣ, воқеъ дар ҷануби минтақаи Сулаймонияи Курдистони Ироқ, ки аз солҳои бистуми асри гузашта дар муомилаи илмӣ мебошад, мефармояд, ки ба санг чунин нависанд: «Баги маздопараст, худойгон Нарсӣ, шоҳаншоҳи Эрон ва Анерон, ки чеҳр аз Яздон дорад. Ӯ фарзанди баги маздопараст Шопури Якум, шоҳаншоҳи Эрон ва Анерон ва наводаи Ардашери Якум шоҳаншоҳ аст» [www.fa.wikipedia.org]. Он ки подшоҳони Сосонӣ худро бо осмонҳо наздик медонистанд, аз ҷумла додарони офтоб ва моҳ мешумориданд, дар сарчашмаҳо ҳам мегузарад [Дмитриев www.cyberleninka, с.14].

Нарсӣ дар таърих писари Шопури I буд. Аммо дар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ, дар «Шоҳнома» ва «Ғурар»-и Саолабӣ инъикоси хатти сюжети ин воқеият шояд вобаста ба моҷарои духтари Меҳрак ва Шопури I печи дигар

гирифта бошад. Дар ин сарчашмаҳо ва «Шоҳнома»-ю «Ғурар» набардҳои Нарсӣ бо Рум инъикос наёфтаанд.

Вобаста ба муносибатҳо бо Рум Аммиан Мартселлин менависад, ки Нарсе бино ба паймони соли 298 ба фоидаи Рум аз музофотҳои зерини Осиёи Хурд ё шимоли Байнаннаҳрайн – Аразнена, Моксоена, Забдитсена, Регимена ва Кордуэна гузашт кард. Дертар Шопури II бозпас додани ин музофотҳоро талаб карда буд [Аммиан 1996, книга XXV, главы 7; 9]. Боз ҳам бино ба маълумоти Аммиан Мартселлин, марзи ё доираи нуфузи қаламрави Рум ва шоҳаншоҳии Сосонӣ ба замони салтанати Юлиани Муртадд аз дарёи Хобур шохоби рости Фурот мегузашт. [Аммиан 1996, книга XXIII, главы 4 - 5].

Дар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ қиёми Нарсӣ барои поён додани қудрати беандозаи мӯбад Картир ва сиёсати динсолорӣ ба зарари ҳокимияти шоҳаншоҳ низ инъикос наёфтаанд. Саолибӣ дар «Ғурар» ишорае дорад, ки Нарсӣ «ба оташгоҳ намерафт. Ва чун дар ин бора пурсиданд, гуфт: «Бандагии Худованд маро аз бандагии оташ боздоштааст» [Саолибӣ 2014, с.261]. Ҳамин муаллиф як одати Нарсиро зикр мекунад, ки ӯ зимистон дар Истахр намемонд ва ба Мадоин мерафт. Ин одат пасон анъана ҳам шуда буд. Аз суханони Нарсӣ ё мансуб ба Нарсӣ Саолибӣ овардааст: «Бадтарин шоҳ он аст, ки гуфторе нек ва кирдоре бад дорад. Ва бадтар аз ӯ шоҳест, ки ошкораш мардумро шод кунад ва ниҳонаш ношод». Нарсӣ одатан як ҷомаро (либосро) як бор мепӯшид [Саолибӣ 2014, с. 261].

Подшоҳии Урмузди Нарсӣ, ки нуҳ сол будааст, дар «Шоҳнома»-и чопи Душанбе дар биступанҷ байт, дар чопи Москва дар сию нӯҳ байт, дар матни Ҷалол Холиқии Мутлақ дар чил байт, дар Табарӣ дар як банд ва дар «Ғурар» дар як саҳифа омадааст.

Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ менависад, ки мардум аз подшоҳии Урмузд, дуруштӣ ва зулми ӯ ба дод омада буданд. Чун дар афсонаи Баҳроми Баҳромиён, ба ӯ мерасонанд, ки мардум аз ӯ ба дод омадаанд, подшоҳи одил мешавад [Табарӣ 1979-2, с.18]. Аммо Балъамӣ корро то он ҷо намебарад. Ӯ менависад: «Ҳурмуз ибни Нарсӣ... бадхӯй ва туршрӯй буд. Ва мардумонро озарм

(эҳтиром) надошт. Ва нӯҳ сол ба мулк андар бимонд, пас бимурд [Балъамӣ 2001-1, с.494]. Ин характеристикаи Балъамӣ, яқинан, ба қавли Фирдавсӣ дар хутбаи Урмузд рост намегирад:

Ҳамеша дили мо пур аз дод бод,

Дили зердастони мо шод бод [Фирдавсӣ. Д.1966-7, с.309].

Тафсир метавонад чунин бошад, ки дар бахши Сосониён Фирдавсӣ то ин ҷо ҳеҷ подшоҳеро бад нагуфтааст. Дар хутба аз номи Урмузди Нарсӣ Фирдавсӣ қавлеро меорад, ки дар ҳама замонҳо актуалӣ буд, вале дар ҳама замонҳо касе аз рӯи он амал намекард:

Ситоянда к-ӯ бесипос аст низ,

Сазад гар надорад кас ӯро ба чиз.

Дар чопи Москва садри байт чунин омадааст:»Ситоянда гар носипос аст низ» [Фирдавсӣ. М. 1968-7, с.216]. Андаке дуртар равем, шеъри ҷоҳилии арабро, ки шояд худи Абуусмони Ҷоҳиз «хотираи араб» –ديوان العرب гуфта бошад, дар он шеър ситоиш ба маънои мадҳ набуд. Ҳикмати дигар, ки Фирдавсӣ аз номи Урмузд овардааст низ, агар тарҷумаи арабии «Ҷовидон хирад»-и Ибн Мискавейҳро гирем, ҳикмати ҷовидона – الحكمة الخالدة аст:

Дигар хештанро надорӣ бузург,

В-агар гоҳ ёбӣ, нагардӣ сутург [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.310].

Дар фароварди бахши Урмузди Нарсӣ Фирдавсӣ як одати сӯгвориро овардааст, ки чандон маъмул ба назар намерасад:

Чиҳил рӯз сӯгаш ҳамедоштанд,

Сари гоҳи ӯ хор бигзоштанд [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.311].

Ба сари дахма хор гузоштан, то ҷое, ки мо медонем, дар бахши Сосониёни «Шоҳнома», ҷуз дар ин байте, ки овардем, зикр нашудааст.

Подшоҳии Урмузд хутба дорад, вале васият надорад, зеро чун Урмузд вафот мекунад, ӯ валиаҳд надошт, ки васияташ кунаду андарзаш гӯяд. Мо намедонем, ки Сосониёни нахустин духтарро ба подшоҳӣ муносиб медонистанд ё не, вале медонем, чунонки ишора шуда буд, Ардашер ҳам, то зуҳури Шопур сахт озурда буд, ки писар надорад, то валиаҳдаш кунад.

## 1.6. Сужаҳои вобаста ба образи Шопури Зулактоф

Бахши подшоҳии Шопури Зу-л-Актоф, ки ҳафтоду ду сол будааст, дар «Шоҳнома»-и чопи Душанбе дар шашсаду шасту чор байт, дар чопи Москва ва Холиқии Мутлақ низ дар шашсаду шаст байт, дар Табарӣ дар се варақ ва дар «Ғурар» дар бист варақ (бо тарҷумаи фаронсавӣ) омадааст. Дар чопи интиқодии Муҳаммад-Нурӣ Усмонов сездаҳ байти бахши подшоҳии Шопури Зулактофи чопи Душанбе дар фароварди бахши подшоҳии Урмузди Нарсӣ омадааст, ки ба воқеияти инъикоси хабар дар Табарӣ ва Саолибӣ мувофиқати бештар дорад.

Сухан дар бораи ҳамли батни яке аз занони Урмузд меравад. Хулоса чунин аст, ки ба қавли Фирдавсӣ, бо иҷтиҳоди мӯбад маълум мешавад, ки дар шабистони шоҳ канизаки нозанине ҳомиладор будааст ва мӯбад он ҳамлро «бача» ҳам мегӯяд. Дар кадом асос мегӯяд, мо намедонем. Дар ин нукта диққати моро бештар истифодаи калимаи «бача» ба маънои «писар» ба худ кашидааст, ки то имрӯз ҳам дар чанде аз шеваҳои тоҷикӣ маҳз ҳамин маъниро дорад. Кӯдак ба дунё меояд ва мӯбад номи ӯро Шопур мегузорад ва дар чилрӯзагии кӯдак:

Чиҳилрӯза шуд рӯду май хостанд,
Яке тахти шоҳӣ биёростанд.
Чиҳилрӯзаро зери он тоҷи зар,
Ниҳоданд бар тахти фаррух падар [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.312].

Яъне, бачаи чилрӯзаро подшоҳ эълон мекунанд ва мӯбаде зимоми давлатдорӣ ва тарбияи кӯдакро ба зимма мегирад. Ин ҷо бояд ба мӯшикофии Фирдавсӣ эътибор дода шавад, ки одати баромадани чиллаи кӯдаки навзод ва, ба истилоҳ, чиллагурезонро низ ифода кардааст.

Шигифтии дигари рӯзгори подшоҳии Шопури II дар он ҳам ҳаст, ки ӯ ҳоло дар батни модар буд, ки подшоҳаш хонданд. Кор дар қиссаҳои жанри адаб то ҷое расида, ки чун ҳомила будани зане аз занони Ҳурмуз (Урмузд) муқаррар мешавад ва ба ҷӣ фоле бовар мекунанд, ки ҳамл писар аст, тоҷро рӯи шиками бону мегузоранд. Фирдавсӣ то ин ҳад нарасидааст.

Аз сарчашмашмаҳои дастраси мо Агафий, ки чандон эҳтироме ба таърихи Сосониён надорад, оид ба тоҷгузории Шопури Зулактоф таваққуфе кардааст. Ӯ менависад, ҳоло, ки ӯ дар батни модар буд, «қонуни меросбарии хонадони подшоҳӣ мефармуд, ки подшоҳ он бувад, ки бояд таваллуд шавад. Намедонистанд, меросбар кӣ хоҳад буд – писарак, ё духтарак». Агафий меафзояд, аъёни давлат ба муғон подоши гарон ваъда намуданд ва тақозо карданд, фол бинанд, ки кӣ таваллуд мешавад. «Муғон ба пеши анҷуман байтали шаборӯзро оварданду фол диданд... ва сипас гуфтанд, ки писар таваллуд мешавад... Ва аъёни давлат бе ҳеҷ таъхир тоҷро ба рӯи батни» модар гузоштанд [Агафий 1953, с.105-106].

Шигифтии дигар рӯзгори Шопур лақабаш мебошад, ки аз ибораи арабии ذو الاكتاف аст. Ба қавли Саҷҷоди Ойдинлу дар panҷоҳ ҳазор байти «Шоҳнома» 726 калимаи арабӣ шуморида шудааст. Ҷалол Холиқии Мутлақ шумори калимаҳои арабиро дар ҳудуди 500 калима ва ибора зикр кардааст. Маънии «зу-л-актоф» чандон равшан нест, вале маълум аст, ки ин лақабро ба ӯ арабҳо додаанд:

Ҳар он кас куҷо ёфтӣ аз араб,
Намондӣ, ки бо кас кушодӣ ду лаб.
Зи ду дасти ӯ дур кардӣ ду китф,
Ҷаҳон монд аз кори ӯ дар шигифт.
Уробӣ «зу-л-актоф» кардаш лақаб,
Чу аз муҳра бикшод кифти араб [Фирдавсӣ. М. 1968-7, с. 226].

Ҳамин мазмунро пеш аз Фирдавсӣ Ҳамзаи Исфаҳонӣ [Ҳамза 1844, с. 51-52] ва баъд аз Фирдавсӣ Саолибӣ дар «Ғурар» ифода кардаанд [Саолибӣ 1963, с.520]. Шояд, тавре ки Муҳаммади Руҳонӣ «зу-л-актоф»-ро аз Саолибӣ «шонашикоф» тарҷума кардааст, ба ҳақиқати маънии лақаб наздиктар бошад [Саолибӣ 2014, с.265]. Зеро ба қавли Ҳамза, «ӯро чунин гуфтанд, зеро ӯ чун арабҳоро ғазв кард, шонаи ононро меканд ва ду шонаро бо ҳалқае мебаст ва асирашон макард». Ҳамза илова мекунад, форсиён هويه سنبا номидандашу араб ذو الاكتاف [Ҳамза 1844, с.52]. Ҳамза бовар дорад, ки هويه ба ҳамон забони форсиён

«шона» мешаваду سنبا «шикофтан». Деҳхудо, ҳар чанд назари худро дар ин бора нагуфта, вале тафсири Ҳамзаро овардааст.

Бармегардем ба таҳлили шашсаду чанд байти «Шоҳнома», ки ҳашв надорад. Аз оғоз Фирдавсӣ кӯшидааст, шоҳзодаро бачаи ҳушманд тасвир кунад. Масалан, чун бачаи паҷсола вақти ғуруби офтоб дар Тайсафун ғиреве мешунавад, аз мӯбад мепурсад, ки ин чӣ ғирев аст? Мӯбад мегӯяд, ки пули рӯи Даҷла яктарафа мебошад ва мардуми бозору дучор ҳама мехоҳанд ба хонаҳошон тезтар бирасанд. Шопур мефармояд пули дигаре бисозанд:

Пуле дигар акнун бибояд задан,

Шуданро яке роҳи боз омадан [Фирдавсӣ. М. 1968-7, с.220].

Хабари сохтани пул дар ривояти Табарӣ низ мегузарад [Табарӣ 1979-2, с.19]. Эҳтимол, дар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ин пули болои Даҷла нахустин пуле (ва роҳе) буд, ки ҳаракати дутарафа дошт.

Барои Шопур омӯзгоронро ҳозир мекунанд:

В-аз ӯ шодмон шуд дили модараш,

Биёвард фарҳангҷӯён бараш.

Ба зудӣ ба фарҳанг ҷое расид,

К-аз омӯзгорон сар андар кашид [Фирдавсӣ. М. 1968-7, с.220,].

Чун дар садри байти иқтибоси мо сухан дар бораи модари Шопур меравад, шояд месазад, ки ишорае ба табори ин шаҳбону карда шавад. Дар таомули кишвардории Сосониён, ки дар «Шоҳнома» ҳам инъикос ёфтааст, шаҳбону ҳаққ дошт, ки то ба балоғат расидани фарзандаш ва инчунин дар муносибатҳои дигари муҳимми шоҳаншоҳӣ нақши то ҷое намоёне дошта бошад. Барои мисол, чунин ҳолатро мо дар рафтори модари Баҳроми Гӯр пас аз нопадид шудани Баҳром, модари Анӯшазод, писари Анӯшервон пас аз кушта шудани писар ва ғайра хоҳем дида ва таҳлилаш хоҳем кард. Роҷеъ ба табори модари Шопури Зулактоф баъзе сарчашмаҳо номи он бонуро ايفرا Ефро ва ба паҳлавӣ Фароя гуфтаанд. Ефро дар панҷ ҷойи Талмуд зикр шудааст. Ишорае ҳам шудааст, ки падари Ефро яҳудӣ буд. Шопур дар ҳафтсолагӣ расми майдондорию чавгонбозӣ меомӯзад ва дар соли ҳаштум ба Истахр омада, ба тахт менишинад [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.314].

Эпизоди I. Шопури Зулактоф. Ҳоло воқеият ва лаҳзаҳои муҳимми хатти сюжети вобаста ба образи Шопури Зулактофро бо табақабандӣ ба эпизодҳо баррасӣ мекунем. Муҳимтарин хатти сюжети вобаста ба образи Шопури Зулактоф бо омадани ӯ ба Истахр алоқаманд мебошад.

Пас аз муддате Шопур ба ҳуҷуми амири Ғассонӣ, ки Фирдавсӣ Тойираш мегӯяд, дучор меояд. Қиссаи Тойири араб ва Шопур аз эҷоди Фирдавсӣ аст, дар Табариву «Ғурар» ва сарчашмаҳои дигар ҷой надорад. Ба он далел, ки дар асри IV мелодӣ дар марзҳои Сосониён ва инчунин, дар ҷое дигар чунин аморат вуҷуд надошт. Ғассониён аз асри VI мелодӣ дар арсаи таърих чун гумоштагони Рум пайдо мешаванд.

Тойир бо сипоҳе зи андоза в-аз мар бурун Тайсафунро муҳосира ва ғорат мекунад. Ва аммаи Шопур Нӯшаро низ ба асорат мебарад. Нӯша аз Тойир духтаре таваллуд мекунад, ки номашро Молика мемонанд.

Чун Шопур, ба қавли Фирдавсӣ, бисту шашсола мешавад, ба Тойир бо «даҳу ду ҳазор» лашкари савора ҳуҷуми ҷавобӣ мекунад. Рақами «даҳу ду ҳазор» рақами бахосияте ҳаст, ки дар «Шоҳнома» борҳо мегузарад. Ин ҷо Фирдавсӣ ба нуктае ишора кардааст, ки лашкарро «Ба пеш андарун мард сад раҳнамун» роҳнамоӣ мекард. Нукта басо ҷолиб аст, зеро дар охирҳои асри гузашта ҳам дар ҷӯли Ироқу бодияи Шом ҳеҷ иҷозат намешуд, ки бе роҳбалад ба андаруни бодия бираванд. Хатари раҳгум задан, хатари воқеӣ буд ва мемонад. Ҳоло Саъдӣ як муламмаи шевои саъдиёнаи худро чунин сар карда буд: سل المصانع ركبا تهيم فى الفلوات- - Аз корвонҳо бипурс, ки дар биёбонҳо раҳгум задаанд». Фирдавсӣ дар ин қисса, чун дар қиссаҳои дигар, худро аз назокатҳои география озод медонад. Пас аз шикасти лашкари Тойир «Ҳисорӣ шуданд он сипаҳ дар Яман» (б.58) гуфтани Фирдавсӣ, аз муносибати озод ба география гувоҳӣ намедиҳад. «Яман» ҳамон Ҳира аст, ки амирони гумоштаи Сосониён – нахуст Лахмиҳо (Мунзириҳо), сипас Ғассониҳо маркази худ карда буданд. Ҳам Лахмиҳо ва ҳам Ғассониҳо табори яманӣ доранд.

Дар муҳосира хатти инкишофи сюжети ин эпизод печи дигар мегирад, ки эҳтимол бино ба муқтазои меъёри бадеӣ, офарида шудааст. Чунонки дар бахши

Ардашери Бобакон ва Шопури I гуфта шуда буд, Гулнор аз сари бораи диж Ардашерро мебинад ва ошиқаш мешавад. Маҳз Гулнор Ардашерро огоҳ мекунад, ки вақти гурез аз банди ифтихории Ардавон расидааст. Назира духтари амири Ҳатра (الحضر) низ ба як дидан ба Шопури I ошиқ мешавад ва рахнаи девори он истеҳкомро нишон медиҳад. Ба Молика низ чунин ҳолат рух медиҳад. Ӯ низ ба Шопури Зулактоф дил мебандад, ба дараҷае, ки, ба қавли Фирдавсӣ хобу оромашро аз даст медиҳа. Молика ба воситаи доя ба Шопури II мерасонад, ки:

Маро гар бихоҳӣ, ҳисор они туст,
Чу айвон биёбӣ, нигор они туст.

Ба мулоҳиза мерасад, ки дар баёни суханони Молика ҳам, то ҷое унсури меъёр роҳ ёфтааст. Чунонки пештар ишора карда будем, Таҳмина ҳам ба Рустам чунин суханонро гуфта буд [Фирдавсӣ Д. 1987-2, с.19].

Пеш аз он ки ба давоми баёни печи хатти сюжет гузарем, салоҳ мебошад ба як гӯиши мовароуннаҳрии Фирдавсӣ дар ин байт тавваҷӯҳ зоҳир карда шавад. Хабари номии «они туст»-у «они ман» хосси гӯиши Мовароуннаҳр аст, ки дар тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ ба гунаҳое ба мушоҳида мерасад.

Молика андаке рафтори дигар менамояд. Ӯ калидро гирифта, ҳамаро маст мекунад ва бо фармони ӯ пинҳонӣ дари дижро мекушоянд. Маст кардани тарафи дигарро дар «Шоҳнома» мо ҳоло дар ду ҷо медонем. Яке Манижа Бежанро аз ҳӯш равонда, ба қасраш мебарад [Шарифзода 2018, с.198], дигар Ардашери Бобакон посбонону ходимони Кирми Ҳафтводро маст мекунад, то бо Кирм танҳо бимонад, ки куштанаш осонтар шавад. Шопури Зулактоф дар бобати Тойир ба ҷаллод мефармояд, ки сарашро аз танаш ҷудо кунанд ва сипас ҷасади маййитро бисӯзонанд [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.322].

Мусаллам аст, ки дар оини Зардушт ба хок супоридан ва сӯхтани маййит раво нест. Чаро Шопур фармуд, ки ҷасади Тойирро бисӯзанд, мо намедонем. Шояд барои он ки Тойир зардуштӣ набуд? Баъд аз фатҳи диж Шопур бо шикофтани шонаҳо қатли ом мекунад ва ба назари Фирдавсӣ, аз ҳамон ҷо «Уробӣ Зулактоф кардаш лақаб». Инсофан, Шопур ҳамон қатли омро раво мебинад, ки Ардашер дар бобати Ашкониён раво дида буд. То ҷое, ки ҳатто чунин муаллифи

боэҳтиёт ба монанди Табарӣ дар бобати кушторҳои Ардашер гуфта буд « اسرف فی قتل الاشكانية – дар куштани Ашкониён зиёда рафт» [Табарӣ 1979-2, с.14].

Табарӣ менависад, ки чун хабари бе подшоҳ будани мамлакат паҳн мешавад, шоҳаншоҳӣ мавриди ҳуҷуми кишвар ва қавмҳои ҳаммарз, аз ҷумла қабилаҳои араб, қарор мегирад. Қабилаҳои араб, ба эҳтимоли қавӣ, тамаи ҳокимияти сиёсӣ надоштанд ва аслан ба ғорат машғул буданд. Ба қавли Табарӣ, «касе аз форсиён бо онон ҷанг намекард, зеро тоҷро ба сари тифле аз тифлон ниҳода буданд» [Табарӣ 1979-2, с.19]. Одати ғорат назди қабилаҳои араб географияи густардае доштааст. Э. Шефер дар «The Golden Peaghes of Samarkand (Золотые персики Самарканда)» менависад, ки чанде дертар соли 758 роҳзанони араб ҳатто шаҳри Гуанчжоуро (Кантон) , ки дар соҳили баҳри Ҷануби Хитой воқеъ мебошад, ғорат карда буданд [Шефер 1981, с.23].

Ба қавли Табарӣ, Шопур набардҳои кинахоҳиро аз қабилаҳои араб вақте сар кард, ки ба шонздаҳ расида буд ва якислоҳоте ҳам дар сафҳои сипоҳи марзбонӣ гузаронида буд [Табарӣ 1979-2, с.19]. Дар бобати оғози набард бо қабилаҳои араб, чунонки гуфтем, Фирдавсӣ синни бисту шашро гуфтааст. Шопур танҳо ҳазор савора (ба ривояти Балъамӣ – чор ҳазор) ихтиёр менамояд ва пешниҳоди аъёнро, ки дар ҷангҳо шахсан иштирок нанамояд, қотеона рад мекунад.

Шопур, ба ривояти Табарӣ ба сипоҳиён амр медиҳад, ҳар араберо, ки бубинанд, зинда нагузоранд, барои ғанимат андармон нашаванд. Дар тарҷумаи Абуалии Балъамӣ оид ба ғанимат чунин омадааст: «Ман хостаҳо ва ғаниматҳои эшон ба шумо ҳаром кардам, магар он чи ман диҳам шуморо...» [Балъамӣ 2001-1, с.496]. Шопур қабила ба қабила хоки арабҳоро мебезад ва то дигар сар набрдоранд, фармон медиҳад ҳамаи чоҳҳоро, ки пои сипоҳиён то он ҷойҳо расида буд, хок пур кунанд. Хок пур кардани чоҳҳо сахттарин уқубат буд. Дар биёбонҳои нимҷазираи Араб, ки ҳарорати ҳаво рӯзона аз 40 дараҷа гарм камтар намешавад, набудани об ба марг оварда мерасонад. Шопур то ба наздикиҳои Ясриб ҳам меравад, аммо даромадани ӯ ба Ясриб (Мадина) гуфта нашудааст [Табарӣ 1979-2, с.19].

Куштор ва ҳатто куштори саросарӣ барои сиёсати подшоҳони Сосонӣ бегона набуд. Чунончи, куштори Ардашер Ашкониёнро, ки ҳақиқат дорад, вале афсона ҳам дорад. Дяконов М.М. ба нақл аз Р. Гиршман дар бораи суқути Шуш (Шуштар) меоварад, ки пас аз шӯрише Шопур шаҳрро ба хок яксон кард ва ҳама аҳолии онро бикушт [Дяконов 1961, с.285]. Дар расонаҳои интернетии вобаста ба Шуш мехонем: «Шуш дар замони Шопури дувум ба иллати шӯриши масеҳиён ба тавре дучори вайронӣ ва оташсӯзӣ шуд, ки подшоҳи Сосонӣ бо эъзоми лашкаре шӯришро саркуб кард. Шаҳр пас аз ин воқеа дигар равнақи гузаштаи худро ба даст наовард» [www.shousha.ir]. Ба эҳтимоли қавӣ, ин кор аз соли 339 ба вуқуъ пайвастааст.

Дар «Ғурар» Саолибӣ вобаста ба ҷангҳои Шопур ба муқобили қабилаҳои араб ҳамон маълумотро тақрибан овардааст, ки дар Табарӣ дида мешавад. Табарӣ ваҷҳи лақаби Шопур – «Зулактоф»-ро мухтасар овардааст. Вале ишора кардааст, ки «Шопур дар куштори араб хунхорӣ мекард ва шонаҳои саркардагони онҳоро аз тан ҷудо мекард», бинобар ин «Зулактоф»-аш гуфтанд [Табарӣ 1979-2, с.20]. Ин ваҷҳ, чунонки ишора ҳам кардем, дар Саолибӣ низ омадааст.

Чун сухан аз боби пирӯзии арабҳо пас аз солиёни дароз меравад, месазад гуфт, ки ҳанӯз Ардашер ба ривояти Фирдавсӣ таъкид карда буд:

Бар ин бигзарад солиён панҷсад,<br>Бузургӣ шуморо ба поён расад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.279].

Куштори саросарии Шопур, ба ақидаи Саолибӣ, ба шеъри араб ҳам гӯё ворид шуда буд. Дар ду байт, ки ба ҳазрати Алӣ (599-661) нисбат медиҳанд, ба кушта шудани қабилаи бану Иёд дар Саводи Ироқ – номи қадимаи минтақаест, ҷанубтар аз Бағдод то Басра дар Байнаннаҳрайн – ба дасти Шопур ишора шудааст. Дар байти дигар, ки Абутаммом гуфтааст, ба назари Саолибӣ маънии амри Шопур ба сипоҳиён, ки ғанимат нагиред, гӯё ифода ёфтааст:

ان الاسود اسود الغاب همتها يوم الكريهة فى المسلوب لا السلبب

Ба ростӣ, шерон ҳамон шерони бешаанд, ки дар рӯзи набард хоставу кӯшишашон душман аст, на ғорат [Саолибӣ 2014, с.265].

Абутамом Ҳабиб ибни Авси Тоӣ (788-845) дар адабиёти форсу тоҷик шоири ошност. Ҳанӯз устод Рӯдакӣ дар қасидаи маъруф ба «Модари май» худро бо чанд шоири араб, аз ҷумла, Абутаммоми Тоӣ баробар донистааст: «В-арчи Ҷарирам ба шеъру Тоиву Ҳассон» [Рӯдакӣ 2015, с. 57].

Ишорае ба ҳамин куштор дар Бундаҳишн низ рафтааст. Овардаанд, ки: «Дар шоҳии Шопури Ҳурмуздон тозиён омаданду аввал Рӯдборро гирифтанду солҳое бас ба овору тозиш доштанд, то Шопур ба шоҳӣ омад, он тозиёнро сипухт. Шаҳрро нобуд карду бемарашонро афсор кард». Мо иқтибосро бо нишебу фарозе, ки дорад айнан овардем. Ва аз таҳиягарон намепурсем, ки феълҳои «сипухтан» ва «афсор кардан», то чӣ дараҷа истеъмол доштанд? Сипӯхтан дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳаст, аммо «афсор кардан» ба маънои «куштан» наомадааст [Бундаҳишн 2013, с.129].

Чунонки бармеояд, ҳангоми навиштани бахши интиқоми Шопур аз қабилаҳои араб Фирдавсӣ аз дигар сарчашма ва Табарию Саолибӣ аз дигар сарчашма истифода бурдаанд. Бино ба нигориши Табарӣ, қабилаҳои араб низ аз интиқом даст накшида будаанд. Ҳангоми юриши Юлиани Муртадд (361-363) ба муқобили Шопур, ба қавли Табарӣ, ба сафҳои лашкари ин қайсар яксаду ҳафтод ҳазор ҷанговар аз қабилаҳои араб гирд омада будаанд [Табарӣ 1979-2, с.20]. Рақами шумори лашкар, албатта, муболиғаи сахте дорад.

Теодор Нёлдеке дар «Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён» бар пояи маълумоти Табарӣ қиссаи Шопури II-ро вобаста ба мавзуи набардҳои ӯ ба қабилаҳои араб таҳлил кардааст. Ба назари Нёлдеке, он тафсиле, ки дар Табарӣ ва Саолибӣ омадааст, чандон ба воқеият мувофиқат намекунад. Ӯ меафзояд: «Ин, ки Шопур ба ҳамалот ва ғоратҳои араб аз роҳи дифоъ ва ҳамла посух додааст, сиҳат дорад» [Нёлдеке 1980, с.130]. Дяконов М.М. ҳарфе дар бораи ситези Шопур бо қабилаҳои араб наовардааст. Гиршман низ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳе накардааст. Дар «Мероси Эрон»-и Ричард Фрай низ ин мавзуъ мавриди ҳеҷ гуна таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст.

Эпизоди II. Шопури Зулактоф. Ин эпизод, ки дар «Шоҳнома» дар дусаду бист байт омадааст, ба сафари моҷароҷӯёнаи Шопури II ба Рум бастагӣ дорад.

Пас аз фол дидани ситорашинос, Шопур қарор мекунад, то ба сурати бозаргон ба Рум равад, то ба чашмони худ

Бубинад, ки қайсар сарафроз ҳаст,

Абo лашкару ганҷу нерӯи даст [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.324].

Дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар тағйири зоҳир кардани подшоҳон ва паҳлавонон ба як унсури меъёр (kanon) табдил ёфтааст. Чунончи, пас аз Шопури II, ба далолати Масъудӣ, Баҳроми Гӯр ҳам бо тағйири сурат ва барои донистани ахбори кишвар ба Ҳинд рафта буд [Масъудӣ 1973, с.261]. Аз оростани корвон то расидан ба дарбори қайсар хабар дар нуздаҳ байт омадааст. Шопур ба саволи солори бор, ки кӣ ҳастӣ, мегӯяд, ки тоҷир асту газвори шоҳӣ ва пахта овардааст. Масъалаи газвори шоҳӣ дар асри IV масъалаи бебаҳс нест. Пилла берун аз Хитой дар асри VI пайдо шудааст. Тасаллои хотир ҳамин аст, ки мо бо матнӣ бадеӣ кор дорем.

Солори бор пай бурда буд, ки ба қиёфа Шопур аз фуқарои мамлакат наметавонад бошад. Дар пазироии қайсар як марди эронитабор, ки шояд озурда ҳам буд, ба қайсар маълум мекунад, ки ин марди омада тоҷир нест, шоҳаншоҳ Шопур аст [Фирдавсӣ. М. 1968-7, с. 228].

Хулоса, рози Шопур ошкор мешавад, ӯро дастгир мекунанд, вале намекушанд. Дар вазъияти таҳқиролуд дар қисмати хонаҳои зани қайсар дар як хонаи тангу тор, дар даруни пӯсти хар нигоҳаш медоранд. Бону калидро ба дасти канизаки ганҷураш медиҳад, ки табори эронӣ дошт. Қайсар бо истифода аз фурсат ба Эрон ҳуҷум мекунад. Ва чун сипоҳи эронӣ намедонист, ки шоҳаншоҳ зиндааст ё мурда, эрониён шикасти сахт мехуранду рӯ ба гурез мениҳанд. Канизак Шопурро бо истифода аз фурсатҳое аввал аз пӯсти хар берун мекунад ва сипас, чунонки Гулнор ҳам нисбати Ардашер карда буд, ду аспи беҳтаринро аз саисхона гирифта, ба самти Эрон фирор менамоянд [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.331].

Дар тарҷумаи Бундорӣ ду посбон фирори Шопурро пай бурда, таъқиб мекунанд. Ва Шопур сари яке аз посбононро ба дасти рост, сари дигаеро ба дасти чап печонида, аз гарданашон ҷудо мекунад [Бундорӣ 1932, с.595]. Ин нуктаро,

ки дар Фирдавсию Саолибӣ нест, шояд Бундорӣ ба таъкиди нерӯи бозувони Шопур оварда бошад. Сипас, чунонки дар қиссаи фирори Ардашеру Гулнор ҳам дида будем, Шопур ва канизак бо мусоидати хайрхоҳе, ки боғбон буд, то ба марзи Эрон мерасанд. Мӯбад ва паҳлавонон аз расидани Шопур огоҳ мешаванд ва пас аз чанде нақшаи гирифтани қасосро мекашанд.

Қиссаи ба ҷосусӣ ба кишвари Рум рафтани Шопур шояд то нимаи якуми асри X дар доираҳои адабии хилофати Оли Аббос аз қиссаҳои густарда буд, ки Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб» боибораи «яке аз пешиниён (мутақаддмин) аз шоирони зодаи Форс» гӯяд гуфта, пораеро аз шеъре меоварад, ки ба ин моҷаро далолат мекунад. Чунончи:

اذ كان بالروم جاسوسا يجول به حزم المنية من ذى كيد مكار

Чун дар Рум ҷосус буду хатари марг аз тарафи ҳилагари маккор ӯро печонида буд [Масъудӣ 1973, с. 258].

Вақте корогаҳон аз Тайсафуну атрофи он ба Шопур маълумот пешниҳод мекунанд, қайсар ба айшу нӯш машғул асту андешаи корзорро надорад, Шопур ба урдуи қайсар шабехуни барқосо мезанад, қайсар ба асорат меафтад. Шопур мефармояд, ба атрофи мамлакат нома фиристанд, ки ҳама румиҳои фирорирo бикушанд, асир нагиранд.

Сипас, чун қайсари Румро ҳозир мекунанд, Шопур сахт накуҳиш мекунад, ки ту маро ба пӯсти хоми хар андохтӣ ва лашкар ба Эрон кашидӣ. Шопур шарт мегузорад, ки товон медиҳӣ, ҳама вайрониҳоро обод мекунӣ ва ҳар чӣ ба ғорат рафт, бозмегардонӣ. Шопур, ба ривояти Фирдавсӣ, шояд бовар надошт, ки ин кор мешавад, қайсарро:

Ду гӯшаш ба ханҷар ба ду шох кард,
Ба як ҷой биниш сӯрох кард.
Маҳоре ба бинии ӯ барниҳод,
Чу Шопур з-он чарми хар кард ёд.
Ду банди гарон барниҳодаш ба пой,
Бибурдаш ҳамон рӯзбон боз ҷой [Фирдавсӣ.М. 1968-7, с.243].

Тақдири қайсар чӣ мешавад, маълум нест, вале аз «Шоҳнома» маълум аст, ки Шопур ба Рум лашкар мекашад.

Дар ин бахши моҷарои Шопур бо қайсар мо метавонем ду зуҳури унсури меъёри бадеиро мушоҳида кунем. Дар ин бобат образи Шопури II ба пайравӣ аз образи Ардашери Бобакон офарида шудааст. Нахуст, Шопурро канизак наҷот медиҳад. Дар ин зуҳури унсури канон, ки метавонад «як ба як» набошад, канизак ба Шопур ошиқ намешавад ва фарри каён намерасад. Вале хайрхоҳи Шопур, ки полезбон мебошад, пай мебарад: «Ки пайдо шуд он фарри Шопуршоҳ» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.331]. Пештар он мард, ки сирри Шопурро дар пеши қайсар кушода буд ва гуфта, ки ин марди ба сурат тоҷир фар дорад. Дигар, дар силсилаи ривояти Фирдавсӣ ҷанги Ардашер бо Кирми Ҳафтвод пас аз кушта шудани Ардавон меояд. Яъне, Ардашер, чун Шопур шоҳаншоҳ буд ва то ба андаруни қалъашаҳри Кирм роҳ ёбад, худашро ба сурати тоҷири хуросонӣ даровarда буд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.225]. Ҳамин унсур ба сурати бозаргон ба истеҳкоми душман рафтан пештар дар хони ҳафтуми Исфандёр низ омада буд. Исфандёр ба истеҳкоми Рӯйиндиж, ки фатҳнопазир буд, ба сурати бозаргон меравад [Фирдавсӣ Д. 1965-6, с.248].

Тиҷорат дар ибтидои ҳазораи якуми мелодӣ дар паҳнои Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ ривоҷе дошт ва аз ҳимоятҳои амниятӣ бархурдор ҳам буд. Агар дар Осиёи Марказӣ Шоҳроҳи бузурги абрешим аз асрҳои II то мелод то асри X шукуфоие дошта бошад, дар нимҷазираи Арабу Шарқи баҳри Миёназамин Роҳи хушбӯиҳо (Путь благовоний) аз асри I мелодӣ чунин авҷеро дошт. Ва ҷуғрофиёни араб гузашти шоҳроҳҳои тиҷоратро дар охирҳои ҳазораи якуми мелодӣ аз Майяфориқин (наздикиҳои Диёрбакри Туркияи имрӯза) то ба қавли худашон اقاصي بلاد فرغانه –то каронаҳои сарзамини Фарғона фарсах ба фарсах навиштаанд.

Ин қисса дар ривояти Табарӣ низ бо тафсили камтаре омадааст. Дар ривояти Табарӣ унсури ба сурати тоҷир ба Рум рафтани Шопур ҷой надорад. Дар «Ғурар»-и Саолибӣ қисса ба тафсил нақл шудааст ва дар муқоиса бо «Шоҳнома» фарқҳое дорад. Ба қавли Саолибӣ, вақте қайсар «бори ҳамагонӣ дода буд», дар

ин базм Шопур дар кӯшиши ҷавоб ба саволи қайсар, ки кӣ мебошад, забонаш мегирад. Шопурро аз рӯи нигораи ӯ, ки дар соғаре буд, мешиносанд. Ба гузинаи Саолибӣ, Шопурро ба пӯсти гов медӯзанд ва қатори асирони дигари эронӣ зиндонаш мекунанд. Бо истифода аз набудани шоҳаншоҳ қайсар ба Эрон лашкар мекашад, куштор ва вайрониҳо мекунад. Дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома» омадааст, ки: «Онон, ки аз аҳли сарзамини Фурс аз куштор наҷот ёфтанд, маҷбурашон кард, то ба дини насронӣ бигараванд» [Бундорӣ 1932, с.594]. Аҳволи хомӯш кардани оташи оташкадаҳо, гаравидани фуқаро ба дини насронӣ ва бастани зуннорро боғбони хайрхоҳи Шопур ба ӯ мерасонад [Бундорӣ 1932, с.597]. Дар асли тоҷикии «Шоҳнома» ин маънӣ чунин омадааст:

В-аз эшон басо низ тарсо шуданд,
Ба зуннор пеши сакубо шуданд.

Ин ҷо «сакубо» гузинаи форсии «епископ» мебошад. Ба қайсар кушодани шаҳр ва дижи Гундишопур муяссар намешавад. Шопур дар шаби ҷашни салиб бо ҳилае бо кӯмаки асирони дигар аз пӯсти гов мебарояд. Ва боз худаш то дарвозаи Гундишопур дар як шаб расида, посбононро ба ном фарёд мекунад, то даричаро боз кунанд. Ин унсури сюжет дар Табарӣ низ ҳаст. Ба ин қавл танҳо метавон бовар кард, зеро бори ҳеҷ гуна мантиқро, ҳатто мантиқи афсонаҳоро намекашад. Аммо, агар ба гузинаи Табарӣ бовар кунем, ки қайсар Шопурро дар даруни пӯсти гов бо худ ба юриши эрон бурда буд, ангораи мантиқе пайдо мешавад [Табарӣ 1979-2, с.20]. Ҳамон шаб ба румиён шабохун мезанад ва онҳоро аз дами теғ мегузаронад. Вале фармон медиҳад, ки қайсарро накушанд. Қайсари асир ба ҳама шартҳои Шопур, то зинда монад, розӣ мешавад ва оқибат ба Рум савори хар бозпас фиристода мешавад [Саолибӣ 1963, с. 521-528].

Вале дар «Шоҳнома» ин хатти сюжет инкишофи дигар гирифтааст. Қайсар дар зиндон мемирад:

Саранҷом дар банди зиндон бимурд,
Кулоҳи меҳӣ қайсареро супурд [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.357].

Вафоти қайсар дар зиндони Шопур ва фиристодани тобути ӯ ба Рум дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома» низ таъкид шудааст [Бундорӣ 1932, с.600].

Вобаста ба муносибати подшоҳи ғолиб бар ҷасади подшоҳи мағлуб боз як унсури меъёри бадеӣ ба мушоҳида мерасад. Дуруст аст, албатта, ба қавли сарчашмаҳо, Ардашер ин корро накард ва ҳатто муносибати ваҳшиёна ҳам нисбат ба ҷасади Ардавон нишон дод. Вале, чунонки гуфта будем, Ардашер монеъ ҳам намешавад, ки яке аз ёрони ӯ – Табок мурдаи Ардавонро бишӯяд, дахмае созад, то ба манзили охираташ гузорад.

Сикандар баробари ҷон додани Доро аз захми қотили ду ҳоҷибаш, чун тобутро мебардоранд, пиёда ба пеши гузорандагони маросими дафн даромада, маййитро то сутудон гусел мекунад [Фирдавсӣ.Д. 1965-6, с.541-542]. Шопур низ лоақал дар нигориши бадеӣ наметавонист, муқтазои оини подшоҳони пешинро нодида гирад ва он рафторро ба душмани худ раво набинад.

Эпизоди III**.** Ин эпизод ба ҷангҳои Руму Эрон ва баъд аз он ба шаҳрсозиҳои Шопур бастагӣ дорад. Ҷангҳои Эрону Рум ва подшоҳии Шопури II дар ховаршиносии рус ҳам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Чунончӣ, соли 2003 дар Великий Новгород диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Аммиан Мартселлин ва форсҳо» ҳимоя шудааст, ки як боби вай ба рӯзгори Шопур бахшида мешавад [Димитриев 2003, с.53-115].

Сипас Шопур ба Рум лашкар мекашад ва бо як ҳайбате вориди он сарзамин мешавад. Ҳарифи Шопурро Фирдавсӣ бародари хурдии қайсар – Ёнус меномад, ки шояд ин ном шакли арӯзии Юлианус бошад. Бино ба мулоҳизаи муаллифони мақолаи «Нақши хонадони Меҳрон дар таҳаввулоти сиёсии Эрони бостон» Меренс, яке аз афсарони ин хонадон сипаҳсолори лашкари Сосониён дар ин набард буд. [Гелонӣ 2016, с.182] Хонадони Меҳрон ҳамон хонадон аст, ки аз он Баҳроми Чӯбин баромадааст ва бино ба назари академик А.А.Семенов дар мақолаи «К вопросу о происхождении Саманидов», (Роҷеъ ба табори Сомониён) Сомониён низ насаби худро то ба ин хонадон мерасониданд [Семенов 1954, с.8].

Дар тасвири Фирдавсӣ муҳорибаи шадиде сурат мегирад, то ҷое ки:

Бикуштанд чандон, ки рӯи замин,
Шуд аз ҷавшани куштагон оҳанин [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.349].

Ба ривояти Фирдавсӣ, дар чунин ҳолат дар Рум, ба таъбири имрӯза, табаддулоти аскарӣ сурат мегирад ва марди хирадмандеро ба номи Баронӯш сарвар таъйин мекунанд. Баронӯш ба Шопур бо номае ва аз тариқи фиристодани сафире оштӣ пешниҳод мекунад. Номаи Баронӯш шояд яке аз номаҳое дар «Шоҳнома» бошад, ки бо мантиқи басо қавӣ нигошта шудааст [Фирдавсӣ.Д. 1966-7, с.352-353]. Шопур дар ҷавоб аз «Ки меҳмон ба чарми хар андар кӣ дӯхт?» ёд карда, Баронӯшро даъват мекунад, ки ба назди ӯ ояд. Дар вохӯрӣ Баронӯш ҳама шартҳои Шопур, аз ҷумла, боз гардонидани Ниссибинро қабул мекунад. Аммо сипоҳиёни Рум бозгардонидани Ниссибинро намепазиранд. Дар тасаввури Фирдавсӣ шояд он вақт Ниссибин барои масеҳиён аҳаммияте дошт. Шопур аз дини масеҳӣ ошуфта мешавад:

Зи дини Масеҳо барошуфт шоҳ,
Сипоҳе фиристод бемар ба роҳ.
Ҳамегуфт пайғамбаре к-аш ҷуҳуд,
Кушад, дини ӯро нашояд сутуд [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.356].

Ситези Шопур ба муқобили масеҳиён руйдоди воқеӣ мебошад, тафсилоте дорад ва мавриди шубҳаи муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Фирдавсӣ ҳам ин руйдодро, то ҷое ки фазои қиссаи Шопур мебардорад, инъикос кардааст.

Ин эпизод бо баёни шаҳрҳое, ки Шопури II сохтааст, тамом мешавад. Шаҳрсозӣ низ дар тасвири образи подшоҳон хусусияти меъёрӣ дорад ва Шопур ва ё тасвири Шопур дар худойномаҳо наметавонист аз қоида берун биравад. Шопур дар Хузистон, мувофиқи номҳое, ки Фирдавсӣ овардааст, шаҳри Хуррамобод, дар Шом Пирӯзшопур ва дар Аҳвоз як шаҳри дигар барои асирон месозад.

Эпизоди IV. Ин эпизод ба зуҳури Монӣ ва даъвии пайғамбарӣ кардани ӯ бастагӣ дорад, ки дар «Шоҳнома» дар сию ду байт омадааст. Дар «Ғурар» зуҳури Мониро Саолибӣ ба аҳди Баҳроми Ҳурмуз вобаста медонад. Дар Табарӣ, дар «Муруҷ»-и Масъудӣ ва «Феҳрист»-и Ибни Надим зуҳури Мониро ба замони подшоҳии Шопури I нисбат медиҳанд. Чунонки гуфта гузаштем, ин мулоҳиза аз нигоҳи муҳаққиқон, аз ҷумла, В.Г.Луконин, ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқати

бештар дорад. Бе руҷуъҳо ба таърих таҳлили «Шоҳнома» душвориҳо хоҳад дошт. Вале чун кори мо ба равиши таҳлили адабю бадеӣ асос ёфтааст, Фирдавсӣ барои мо муътабар мемонад.

Омадани Монӣ ва эҳтимол, зодгоҳи Мониро Фирдавсӣ Чин мегӯяд, ки ба воқеияти таърихӣ рост намегирад. Дар нашрҳои интиқодии Душанбе, Москва ва Холиқии Мутлақ аз Чин омадани Монӣ бо эҳтиёт баён шудааст:

Биёмад яке мард гӯё зи Чин,

Ки чу ӯ мусаввир набинад замин [Фирдавсӣ. Д. 1966-7, с.358].

Шояд чунин тасаввур аз он хеста бошад, ки ба замони Фирдавсӣ дар Хитои имрӯзаи шимолу ғарбӣ (хосса, минтақаи Турфон) таълимоти Монӣ ва ё таълифоти Монӣ эътиборе дошт. Ӯро, чунонки зикраш омад, Фирдавсӣ мусаввири беназир ёд мекунад. Чунин образи Монӣ дар адабиёти мо сахт нишастааст, ки ҳоҷат ба далел надорад. В.В. Бартолд таъкид карда буд, ки Монӣ ба ҳунари суратгарӣ, ки эҳтимол аз Чин омӯхта буд, шуҳрат дошт [Бартолд 1963-2\1, с.223].

Ҳарчанд, ки Мониро Фирдавсӣ суратгар таъкид менамояд, вале худи Монӣ даъвои нубувват мекунад. Вақте Шопурро Монӣ хост ба даъвати худ ёр кунад, шоҳншоҳ ба мӯбадон мӯбад мефармояд, ки ба мунозира ворид шавад, то ба ҳақиқате бирасанд. Мунозира дар нигориши Фирдавсӣ сурат намегирад. Мӯбад чанде аз аҳкоми оини Зардуштро таъкид мекунад ва чун Монӣ ҷавобе гӯё гуфта наметавонад, Монӣ ба қатл расонида мешавад:

Биёвехтанд аз дари шорсон,

Дигар пеши девори беморситон [Фирдавсӣ. М. 1968-7, с.252].

Дар «Ғурар», дар бахши подшоҳии Баҳроми Ҳурмуз мунозира ҳаст. Вале натиҷа ҳамон, ки Монӣ ва «дувоздаҳ ҳазор тан аз пайравони ӯ» кушта мешаванд [Саолибӣ 2014, с.256-257]. Ҳамин нукта дар бахши подшоҳии Баҳром ибни Ҳурмузи Гардезӣ низ зикр шудааст [Гардезӣ 2014, с.73]. В.В.Бартолд иқрор мекунад, ки оини Монавӣ дар замони Сосониён аз Эрон ронда шуда буд [Бартолд М. 1966-6, с.214]. Ба хулосаи В.В. Бартолд, Монӣ ҳазрати Исоро на пайрави пайғамбарони тавротӣ, балки пайрави Буддо ва Зардушт ва худро «хотиму-н-

набиййин» медонист, ки дар ояти 26 сураи 15 «Инҷил»-и Юҳанно ба сифати «параклет» (оромбахш) зикр шудааст. Вақте Оромбахш, ки ман ӯро аз Падар ба шумо мефиристам, чун Рӯҳи ҳақиқат, ки аз Падар бармеояд, Ӯ аз ман гувоҳӣ хоҳад дод – Когда же приидет Утешитель, Которого Я пошлю вам от Отца, Дух истины, Который от Отца исходит, Он будет свидетельствовать о Мне. www.patriarchia.ru; [Бартолд 1966, с.86].

Абурайҳони Берунӣ аз қавли Монӣ меоварад, ки: «Пасон чунин ваҳй нозил шуд ва чунин нубувват омад дар ин замони дигар ба дасти ман – Монӣ расули Илоҳи барҳақҳ ба замини Бобул. Ва дар «Инҷил»-и худ зикр карда, ки: «Ӯ Фориқлит (параклет) аст, ки ҳазрати Масеҳо башорат дода буданд ва ӯ хотими пайғамбарон аст» [Берунӣ 1878, с.308]. Дар ҷои дигар Берунӣ аз забони ҳазрати Исо меоварад, ки он ҳазрат ба гаравидагони худ «Фориқлитро хоҳанд фиристод, ки ӯ рӯҳи муқаддас аст». Ва яке аз рӯзҳои якшанбе, ки иди **бантиқастӣ** аст, рӯзи нузули Фориқлит ва таҷаллии ҳазрати Масеҳо ба шогирдонашон хоҳад буд» [Берунӣ 1878, с.308]. Иди бантиқастӣ панҷоҳ рӯз пас аз иди Фасҳ ҳамасола таҷлил мешуд ва дар ибтидо рӯзи оғози дарави ғалладона буд. Ба ривояти дигаре, рӯзи хуруҷи яҳудиён аз Миср. Дар иқтибос аз Берунӣ нуктаи ҷолиб он ҳам метавонад бошад, ки ӯ маънои калимаи «Фориқлит»-ро тарҷума накардааст. Дар «Инҷил»-и Юҳанно чунонки гуфта гузаштем, ин корро кардаанд, Утешитель (оромбахш) гуфтаанд.

Роҷеъ ба дини монавӣ ҳаминро ин ҷо метавон гуфт, ҳарчанд асрҳо маркази ин таълимот Бобулистон буд (Ироқ), дар асри X, ба таъкиди В.В.Бартолд, монавиён ба Самарқанд кӯч бастанд [Бартолд 1963-2\2, с.216]. Дар сарчашмаи ҷуғрофии «Ҳудуду-л-олам», ки соли 982 ба забони тоҷикӣ таълиф ёфтааст, ишорае рафтааст, ки дар Самарқанд «хонақоҳи монавиён аст ва эшонро нағушок хонанд» [Ҳудуд 2014, с.69].

Эпизоди V. Чун ба қавли Фирдавсӣ, солиёни Шопур «ба ҳафтоду анд» мерасад, ба пеши худ дабир, мӯбадон мӯбад ва Ардашерро даъват мекунад, то тоҷи шоҳаншоҳӣ ва мӯҳрро ба Ардашер, бародари хурдии худ супорад. Ардашер, ба қавли Саолибӣ, як моҳ аз Шопури II хурд ва писари канизак буд [Саолибӣ

1963, с.532]. Пазируфтани ин пиндор ба назари М.М, Дяконов душвориҳои хронологӣ эҷод мекунад. Дяконов моил аст, кавли Ҳертсфелдро бипазирад, ки ин Ардашер аз шохаи ҷонибии шаҷараи Сосониён шояд бошад [Дяконов 1961, с.401]. Сабаби чунин сурат гирифтани кор шояд дар он буд, ки писари Шопур хурд буд.

Шарти вогузор кардани подшоҳӣ ба бародар чунин буд, ки чун Шопури хурдсол ба балоғат расад, ганҷу тахту сипоҳ ба ӯ супорида шавад. Маънии супоридани Шопури II мулкро ба бародараш дар Табарӣ ва Саолибӣ низ мегузарад. Вақте супоридани мулк сурат гирифта буд, умри Ардашери II аз ҳафтод гузашта буд. Сипас Шопури II ба насиҳат ва ё васият мегузарад, ки хусусияти анъанавӣ дорад. Дар васияти Шопур аҳаммияти адолат, худоҷӯӣ, бахшидани гуноҳҳо, донишу омӯзиш, канора гирифтани подшоҳ аз бедодгарӣ, омода будан ба ҷанги душман, доштани сипоҳ аз рӯи адолат, покизагии ботинӣ ва инсоф дар пардохтани музди зердастон таъкид карда мешавад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.363-366]. Анҷоми бахши подшоҳии Шопури II дар «Шоҳнома» шеван надорад. Ин бахш дар чопи Душанбе бо байте тамом мешавад, ки метавонад аҳаммияти тарҷумаиҳолӣ дошта бошад. Фирдавсӣ ба коста шудани шунавоӣ ва расидан ба синне ишора кардааст: «Чу шасту се солам шуду гӯш кар» [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.366].

Хулоса, дар замони подшоҳони Сосонӣ аз Ардашер то Шопури II Зулактоф ба ҳама ҳол империяи Сосонӣ ташаккули лозима гирифт ва ба яке аз ду қувваи ҷаҳонӣ дар минтақаи Осиёи ҷанубу ғарбӣ табдил ёфт. Ин раванд ба осонӣ сурат нагирифт. Лоақалл ба он далел, ки ягон подшоҳ баъди Ардашер ба таври табиӣ ба тахт нарасидааст ва модари ҳеҷ яке аз онон ба қавли Фирдавсӣ «бону» – шоҳдухтар набудаст.

Идеяи барқарор намудани шоҳаншоҳии Эронӣ пас аз панҷсаду чанд сол дар охирҳои асри II ва ибтидои асри III дар иқлими Форс пайдо шудааст. Худи идея ба Бобак нисбат дода мешавад. Барои барқарор намудани шоҳаншоҳӣ шахсе лозим буд, ки хуни подшоҳӣ дошта бошад. Бобак ҳамин гуна шахсро дар симои Сосон пайдо мекунад. Ардашери Бобакон дар тасвири Фирдавсӣ ва дар

«Корнома» писари Сосон аст, ки табори ӯ то ба Баҳмани Исфандёри Каёнӣ мерасад. Дар ҳамин пояи идеологӣ империяи Сосонӣ сохта мешавад.

Дар боби якум рӯзгор ва корзори нӯҳ подшоҳ баррасӣ шудааст. Азбаски дар сарчашмаҳо асосии мо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Ғурар»-и Саолибӣ ҳаҷми маълумот дар бораи подшоҳон фарқ мекунад, баррасиҳо низ вобаста ба ҳаҷми маълумот сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ сурат гирифтааст.

Шоҳаншоҳии Сосонӣ дар як муддати кӯтоҳ ба дуюмин империяи ҷаҳонӣ дар баробари империяи Византия (Рум) ташаккул меёбад. Фазилати чунин сурат гирифтани раванди ташаккули империя, бешубҳа, ба истеъдоди Бобак ва Ардашери Бобакон вобастагӣ дорад. Давлатдории шоҳаншоҳии Сосонӣ то дерҳои дер, то истилои муғул мавриди пайравӣ қарор гирифта буд. Ба ривояти сарчашмаҳо ва маълумоти муҳаққиқон поягузори ростини империяи исломӣ Умар ибни Хаттоб дар чанде аз корҳои давлатдорӣ аз сиёсати Ардашери Бобакон пайравӣ мекард. Ва дар доираҳои илмӣ шубҳае нест, ки низоми пул, андоз ва тақсимоти маъмурию ҷуғрофӣ дар Шарқи олами исломӣ ба пайравӣ аз давлатдории Сосониён гирифта шуда буд.

# БОБИ II

# СУЖАҲО ВА ОБРЗАҲОИ ПОДШОҲОН ВА ПАҲЛАВОНОН ДАР МАРҲАЛАИ МОБАЙНӢ ВА ПОДШОҲИИ ХУСРАВИ ҚУБОДОН – АНӮШЕРВОН (СОЛҲОИ 379-579)

Дар ин боби диссертатсия масъалаи баррасии таҳаввули сужаҳо ва симоҳои подшоҳону паҳлавонон дар марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусарави Анӯшервон, дар мисоли образҳои Ардашери Некукор, Шопур писари Шопур, Баҳром писари Шопур, Яздгирди Базаҳгар, Баҳроми Гӯр, Яздгирд писари Баҳроми Гӯр, Пирӯз писари Яздгирд, Балош писари Пирӯз, Қубоди Пирӯз ва Хусрави Қубодон – Анӯшервон сурат хоҳад гирифт**.** Дар чопи интиқодии Душанбе баёни мундариҷаи ин боб дар 8619 байт омадааст. Ин ҳаҷм ҳарчанд андаке кам аз ними байтҳои мавриди кӯшиши омӯзиши моро ташкил медиҳад, вале чун сужаҳои вобаста ба Баҳроми Гӯр (тақрибан 3200 байт) ва мундариҷаи бахши подшоҳии Анӯшервон (4536 байт) дарозоҳо дорад, метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки ҳаҷм наметавонад чандон нақши муайянкунанда дошта бошад.

## 2.1. Сужаҳои вобаста ба Ардашери Некукор ва подшоҳони дигар то Баҳроми Гӯр

Подшоҳии ёздаҳумин шоҳаншоҳи Сосонӣ Ардашер писари Ҳурмуз (Накӯкор) дар «Шоҳнома» дар шонздаҳ байт зикр шудааст. Лақаби «Накӯкор» дар сарлавҳаи матни интиқодии Душанбе ва матни интиқодии Москва мегузарад. Дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ ба сиғаи «Некукор» омадааст. Ба ривояти Фирдавсӣ ва дигарон, Ардашери II писари Шопури II мебошад. Бундорӣ ҳам дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома» лақаби Ардашерро «ал-муҳсин» гуфтааст [Бундорӣ 1932-2, с.72]. Дар «Таърих»-и Табарӣ подшоҳии Ардашер дар як банд омадааст, ки аз гузориши Фирдавсӣ ба моҳият фарқ мекунад. Абуалии Балъамӣ

ва Саолибӣ ба мазмун аз қавли Табарӣ пайравӣ кардаанд. Ба ривояти Фирдавсӣ, аз он ҷиҳат ба Ардашер лақаби Накӯкор додаанд, ки дар солҳои подшоҳии ӯ ғамхории бештаре ба раияти шоҳаншоҳӣ зоҳир ёфта, ба раият имтиёзҳои қобили мулоҳиза вогузор шудааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.367].

Ин образ дар «Шоҳнома» то ҳадде сатҳӣ тасвир шуда, танҳо Фирдавсӣ ваҷҳи «Накукор» лақаб гирифтани Ардашери II-ро, чунонки ишора шуд, гуфтааст. Аммо агар ба моҳияти нигориши Табарӣ, тарҷумаи Балъамӣ ва гузориши Саолибӣ дар «Ғурар» тааммул кунем, метавон гуфт, ки Ардашер ҳеҷ гуна «накукор» набуд. Ин ҷо лозим ба назар мерасад, ки тарҷумаи матни дахлдори Табарӣ оварда шавад: «Чун дар подшоҳӣ устувор шуд, аз меҳтарону соҳибони амр рӯй гардонид ва аз онон нафарони зиёдеро кушт. Мардум ӯро пас аз чор соли подҳшоҳӣ барканор карданд» [Табарӣ 1979-2, с.21]. Балъамӣ менависад: «Ва Ардашер бародари Шопур бад-он мардумони Аҷам кина дошт. Пас чун Шопур бимурд, ин Ардашер мулк бигирифт ва бисёре аз ҳар гурӯҳ гирд омаданд, зеро ки писарони Шопур хурд буданд. Чун бузург шуданд, меҳтарону мӯбадон гирд омаданд ва Ардашерро нахостанд, Ардашер бигурехт» [Балъамӣ 2001, с.501]. Саолибӣ дар «Ғурар» ҳамин андешаро чунин ифода кардааст: «Вале чун подшоҳияш устувор шуду фармонаш раво гардид, ба кинхоҳӣ аз бузургону сарон рӯй овард ва онҳоро барои он чи аз рӯзгори бародар ба дил дошт, мегирифт ва яке-яке мекушт, то ин ки бузургон ва марзбононро тарсонд, ки ба кӯтоҳ кардани дасташ ва бардоштани ӯ аз подшоҳӣ якдил шуданд ва ӯро пас аз чаҳор сол, ки аз подшоҳияш мегузашт, бардоштанд» [Саолибӣ 2014, с.271].

Ин се иқтибосе, ки овардем, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ардашер ҳамон корро кардааст, ки чанде пас Ҳурмузд писари Анӯшервон мекунад ва то ҷое Хусрави Парвиз. Куштани намоянгдагони меҳтарон (элита) ва аъёну ашроф (аристократия) агар дар матни сарчашмаҳо ба моҳият унсури меъёргароӣ (канон) ҷой надошта бошад, сиёсате будааст, ки бештари подшоҳони Сосонӣ амалӣ кардаанд.

Табарӣ ва Саолибӣ муддати подшоҳии Ардашери II-ро чор сол гуфтаанд [Табарӣ 1979-2, с.21; Саолибӣ 2014, с.271]. Бундорӣ овардааст, ки муддати

подшоҳии Ардашер даҳ сол буд [Бундорӣ 1932-2, с.72]. Ардашери II шояд нахустин шоҳаншоҳи Сосонӣ бошад, ки муборизаро ба муқобили нуфузи аъёну ашрофи мамлакат сар карда буд. Ардашер шояд ба сабаби солхӯрдагӣ дар ин мубориза мағлуб ва аз подшоҳӣ барканор мешавад. Он ки Ардашерро бо истифода аз абзори табаддулоти давлатӣ аз тахт мегиранд, ҷои шубҳа надорад. Нёлдеке ҳам таъкид мекунад, ки вазъи сиёсии дохилӣ дар ибтидои солҳои ҳаштодуми асри IV басо ошуфта буд [Нёлдеке 1980, с.118]. Ин ҷо як мулоҳизаи Дяконов шояд ба кушодани ин гireҳ кӯмак кунад, ки пас аз даргузашти Шопури II подшоҳон бозичаи дасти аъёну ашроф шуда буданд [Дяконов 1961, с.287]. Дар бораи он ки ин шоҳаншоҳ кушта мешавад ё не, мо хабареро дар сарчашмаҳо надидем. Танҳо Бундорӣ ишора кардааст, ки пас аз супоридани подшоҳӣ Ардашер вазир ва ройзани Шопури III буд.

Подшоҳии Шопур ибни Шопур (383-388). Ривояти Фирдавсӣ дар бораи Шопури III, ки подшоҳи дувоздаҳуми Сосонӣ мебошад, ба қолаби мухтасар рехта шудааст. Подшоҳии Шопури III панҷ солу чор моҳ будааст. Табарӣ ҳам муддати ин подшоҳиро панҷ сол гуфтааст [Табарӣ 1979-2, с.21].

Ривояти подшоҳии Шопури III, ки дар сию се байт омадааст, аз ду эпизод – хутбаи тоҷгузорӣ ва рафтани шоҳ ба нахчиргоҳ иборат аст. Дар оғоз Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки аз ба тахт нишастани Шопур на ҳама меҳтарони Эрон шод буданд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с. 367]. Дар хутба, ки хусусияти андарзро дорад, лейтмотив даъват ба ростгӯӣ ва парҳез аз дурӯғ мебошад. Ҳамчунин, Шопур, чун Баҳроми Баҳромиён, гузидани миёнаи корҳоро талқин мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с. 368]. Шопур, ба қавли Фирдавсӣ, дар соли панҷуми подшоҳӣ дар нахчиргоҳ ба сабаби шабона ба вақти вазидани боди тунд ба сараш афтидани чӯби сутуни хайма кушта мешавад. Табарӣ доир ба афтидани чӯби сутуни хайма ақида дорад, ки «бузургон ва аҳли хонаводаҳо» бандҳои хаймаро буриданд [Табарӣ 1979-2, с.21]. Саолибӣ аз ривояти Фирдавсӣ пайравӣ мекунад, вале меафзояд: «Бархе низ гуфтаанд, ки чун андешаи ӯ дигар шуда буд ва мехост бадрафторӣ биёғозад, Худованд бодро бар ӯ фиристод ва мардумро аз газанди ӯ осуда кард» [Саолибӣ 2014, с.272]. Роҷеъ ба даргузашти Шопури III мо ақида

метавонем дошт, ки ӯ кушта шудааст. Дарбориёни эронӣ, ки то ҳамин Шопур ҳам таҷрибаи тақрибан сесадсола доштанд, метавонистанд хаймае гузоранд, ки «аз боду борон наёбад газанд» ё тарзе кунанд, ки лоақалл чӯби сутун, дар ҳолати мабодо, ба сари подшоҳ наафтад. Агар гузинаи кушторро ҷонибдорӣ кунем, Шопури III эҳтимол аз нахустин подшоҳоне мебошад, ки аъёни шоҳаншоҳӣ куштандаш.

Дар се байти охирини ин бахши «Шоҳнома» Фирдавсӣ маънии зеринро, ки то ҳадде мазмуни эпикурӣ дорад, ба муносибати марги шоҳаншоҳ ифода кардааст. Фирдавсӣ талқин менамояд, ки инсон бояд хушнуд бошад, на озурда. Ба назари шоир, ситезаҷӯӣ ва шефтаи сарват шудан амали шоиста намебошад. Инсон фанопазир аст, бинобар ин, андешаҳо дар бораи рози зиндагӣ ба ҷое намерасонанд. Агар чизе ҳам аз донистани рози ҷаҳон муяссар шавад, оқибат дарду аҷал инсонро ба нобудӣ мебарад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с. 371]. Ин маънӣ пасон дар адабиёти мо яке аз маъниҳои густарда шудааст.

Подшоҳии Баҳром писари Шопур (388-399). Ин подшоҳӣ ҳарчанд, ба қавли Фирдавсӣ, чордаҳ сол давом доштааст, дар «Шоҳнома» ҳамагӣ дар сию як байт омадааст. Дар хутбаи тоҷгузорӣ Баҳром ғояҳои анъанавии адолат, ибодати Яздон ва саховатро талқин мекунад. Гузориши Фирдавсӣ аз нобасомониҳое дар хонадони Сосонӣ гувоҳӣ медиҳад. Баҳром подшоҳиро ба бародари хурдии худ месупорад ва ҷавон мемирад. Ба ривояти Табарӣ, гӯруҳе аз қотилон ба муқобили Баҳром қиём карданду ӯро куштанд [Табарӣ 1979-2, с.21]. Саолибӣ дар «Ғурар» ҳамин хабарро бо тафсили андаке бештар овардааст: «Чун ёздаҳ сол бар подшоҳияш баромад, мардумон бархе аз корҳои ӯро написандиданд ва бар ӯ шӯриданд. Марде тире ба сӯи ӯ андохт. Тир ба гулӯяш нишаст ва ӯро кушт. Куштори бист ҳазор кас натавонист ҷилави маргашро бигирад» [Саолибӣ 2014, с.273]. Дар ин поя метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки Баҳроми Шопур аввалин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки дар табаддулоти давлатие ё исёне кушта мешавад.

Фирдавсӣ одатан ҳеҷ подшоҳро ба бадӣ ёд намекунад. Муаллифони дигар баъзан аз ин қоида берун мераванд. Чунончи, муаллифи «Форснома» навиштааст, ки «марде буд ба хештан машғул. Ва ҳаргиз ба тадбире машғул

нагаштӣ» [Форснома 2007, с.73]. Муаллифи «Муҷмал-ут-таворих» назари муаллифи «Форснома»-ро бо оҳангҳои тундтар дар чанд сатр ифода кардааст. Чунончи: «Ва чун бимурд, ҳама номаҳо, ки аз навоҳиҳо омада буданд дар подшоҳии ӯ, ҳамчунон ба муҳр ниҳода буд. Ва ҳеҷ бок наёмадаш аз он» [Муҷмал 2013, с.98] Яъне, ҳеҷ гузориш ва аризаҳоро намехонд ва ҳатто намекушод. Ин муаллиф дар бораи кушта шудани Баҳром ба Табарӣ такя кардааст. Ӯ «Таърихи Табарӣ»-ро дар ин ҷо мухтасар «Таърихи Ҷарир» гуфтааст [Муҷмал 2013, с.99]. Зимнан, дар иқтибоси оварда падидаи луғавии ҷамъи ҷамъ дар мисоли «навоҳиҳо» омадааст, ки ба дерина будани ин шева дар забони тоҷикӣ метавонад далолат кунад.

Подшоҳии Яздгирди I (399-420). Ба подшоҳӣ расидани Яздгирди I, ки дар сарчашмаҳо бо лақаби Базаҳгар ҳам зикр мешавад, боз ҳам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар масъалаи ба мерос гузоштани подшоҳӣ баъд аз Шопури II чӣ набасомоние мушоҳида мешавад ва ин нобасомонӣ ба асри V низ мегузарад. Яздгирд, чунонки гуфтем, писари подшоҳи пешин набуд, бародари ӯ буд. Се подшоҳи пешин ҳам ба аҷали худ намурда буданд. Яздгирди I бо лақаби «Базаҳгар» омадааст. Ӯ нахустин шоҳаншоҳи Сосонӣ мебошад, ки дар сари хатти бахши подшоҳӣ бо лақаб манфӣ зикр шудааст. Табарӣ низ Яздгирдро «асим» мегӯяд, ки маънии «базаҳгар» – гунаҳкорро дорад [Табарӣ 1979-2, с.21]. Саид ибни Батриқ ҳам Яздгирдро ба ҳамин сифат ном мебарад [Ибн Батриқ 1658, с.78].

Қиссаи подшоҳии Яздгирди I, чаҳордаҳумин подшоҳи Сосонӣ дар «Шоҳнома» бо назардошти омехтагиҳои бо қиссаи Баҳроми Гӯр то подшоҳии Баҳроми Гӯр дар 685 байт омадааст. Қиссаи Яздгирд то кушта шудани ӯ то байти 370 канда-канда ҳикоят шудааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с. 373].

Сиёсати Яздгирд тағйир меёбад ва Фирдавсӣ бар хилофи услубе, ки дошт, то ҷое аз Яздгирд симои манфӣ меофарад. Нахуст, ба қавли Фирдавсӣ, Яздгирд тарсро дар дили мардум ҷой менамояд, хирадмандро хор мекунад ва ба оини давлатдорӣ эҳтиром намегузорад. Дар натиҷа аъёни давлат то ҷойе тарки ватан мекунанд ё коршиканӣ ва то ҷойе шоҳаншоҳро дар инзиво қарор медиҳанд. Дар

ниҳояти хутба, дар нигориши Фирдавсӣ бар хилофи анъана, касе ба подшоҳ офарин намегӯяд.

Эпизоди I. Эпизоди аввали бахши «Подшоҳии Яздгирди Базаҳгар» ба зодани яке аз қаҳрамонҳои асосии қисмати Сосониёни «Шоҳнома» ва умуман, адабиёти классикии форсу тоҷик – Баҳроми Гӯр ва марҳалаҳои тифлию ба воя расидани вай бастагӣ дорад. Фирдавсӣ менависад, ки сари соли ҳаштуми подшоҳии Яздгирд Баҳром ба дунё меояд. Ситорашиносони «дохилӣ» ва «хориҷӣ» фол мебинанд ва натиҷа мегӯянд, ки Баҳром подшоҳи ҳафт кишвар хоҳад шуд. Чун ситорашиносон мераванд, маслиҳат мешавад, ки тифл бояд тарбияи шоиста гирад ва аз пайи феълу хӯйи падар наравад. Барои ин мақсад ба ҳама кишварҳо ва вилоятҳо кас мефиристанд, то ба Баҳром мураббии шоиста пайдо кунанд. Оқибат пешниҳоди Мунзири Лахмӣ мегузарад ва Баҳром ба ӯ супорида мешавад.

Аморати Лахмиҳо аморате дар ҳошияи бодияи Ироқ, дар поёноби дарёи Фурот ҷойгир буд. Ин аморат аз соли 266 то соли 602 чун вассали шоҳаншоҳии Сосонӣ вуҷуд дошт. Маркази аморат шаҳри аз байн рафтаи Ҳира дар наздикиҳои соҳили рости Фурот, дар қарибиҳои Куфаи имрӯза буд. Роҷеъ ба Мунзир метавон гуфт, ки Фирдавсӣ нисбат ба ин шахси таърихӣ боз ҳам муносибати озодона кардааст. Шояд ин муносибат аз он сар зада бошад, ки сулолаи Лахмиҳо дар сарчашмаҳои исломӣ бештар бо номи Мунзириҳо шуҳрат дорад. Мунзир ҳангоми кӯдакии Баҳром амир набуд. То соли 428 амир Нуъмон буд. Ин қавл дар «Таърих»-и Табарӣ ошкоро зикр шудааст [Табарӣ 1979-2, с. 22].

Дар «Таърих»-и Табарӣ инкишофи хатти сюжет вобаста ба сабаби ба Нуъмон супоридани Баҳром печи дигар мегирад. Чун фарзандони Яздгирд дар кӯдакӣ пайи ҳам вафот мекарданд, шоҳаншоҳ барои Баҳром ҷоеро меҷӯяд, ки ҳавои солим дошта бошад. Бинобар ин, Ҳираро ихтиёр мекунад [Табарӣ 1979-2, с.22]. Ҳамин печи хатти инкишофи сюжет дар «Ғурар» бо тафсили андаке бештар омадааст [Саолибӣ 2014, с.274-275]. Масъудӣ дар «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф» низ қайд кардааст, ки Баҳром дар дасти амирони Ҳира парвариш ёфт [Масъудӣ 1893,

с.101]. Муаллифи «Форснома» ҳам бар ақидааст, ки Баҳромро барои «обу ҳавои дуруст» ба амири араб дода буданд [Форснома 2007, с.74].

Нёлдеке дар «Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён» ба гузинаи Табарӣ ва пайравони ӯ мувофиқат намуда, менависад, ки Яздгирдро «писаре зинда намемонд. Пас ба ҷустуҷӯи ҷойе баромад, ки дурусту созгор ва аз нохушиҳо дур бошад» [Нёлдеке 1980, с.147]. Дяконов бар хилофи Нёлдеке изҳори ақида мекунад, ки истиқомати Баҳром дар дарбори амирони Ҳира «бадарғаи ифтихорӣ» буд [Дяконов 1961, с.273]. А. Кристенсен ин ақидаро тасдиқ мекунад, вале эҳтимол мегузорад, ки «иқомати мумтадди ин шоҳзода дар кишвари муҷовир гӯё табъиде будааст» [Кристенсен 1980, с.199]. Р. Гиршман низ таъкид мекунад, ки дар овони кӯдакию наврасӣ Баҳром парвардаи амирони Ҳира буд [Гиршман 1994, с.358].

Нуъмони Мунзирӣ мефармояд, то чор дояи покгуҳар – ду тозӣ ва ду деҳқон зи тухми каён то чорсолагӣ ба Баҳром шири сина диҳанд ва Баҳром то ба дараҷае одат мекунад, ки ба душворӣ аз сина ҷудояш мекунанд. Мо ба ин нукта ба ду ваҷҳ ишора кардем. Яке, Фирдавсии огоҳ хостааст, таъкид кунад, ки Баҳроми Гӯр на танҳо шири синаи занони арабро макидааст. Ваҷҳи дигар – ҷанбаи маърифатии «Шоҳнома», ки Фирдавсӣ ҳатто ба одати ширини аз сина ҷудо кардани кӯдак ишора кардааст.

Баҳром чун ҳафтсола мешавад, ба Мунзир (Нуъмон) мегӯяд, ки ӯ дигар кӯдаки ширхора нест ва мехоҳад ба муаллимон супорида шавад. Мунзир се муаллим ҳозир мекунад, ки яке савод (дабирӣ), дигаре шикору чавгонбозӣ ва сеюмӣ кори шоҳаншаҳонро бо истифода аз маълумоти корогаҳон меибоист таълим диҳанд. Дар панҷ сол Баҳром дигар ҳунарҳои аз назари ӯ лозимаро низ меомӯзад. Сипас инкишофи ин хатти сюжет, ки ба омӯзишҳо бастагӣ дорад, то ҷое пече мегирад ва интихоби Рахшро ба ёд меорад. Баҳром мехоҳад асперо ихтиёр кунад, ки назираш набошад. Бино ба ривояти Фирдавсӣ, ҳамин корро Рустам ҳам карда буд. Илова ба сад асп, ки писари Мунзир Нуъмон пешниҳод мекунад, Баҳром ба дашт меравад, то интихоби васеътаре дошта бошад. Дар нигориши Фирдавсӣ, ранги аспе, ки Баҳром интхоб мекунад, бо калимаҳои

арабии «ашқар» (зард, малла) ва «кумайтӣ» (туруқ) ифода шудааст. Шояд чунин тасвир аз тозӣ будани асп сар зада бошад.

Дар «Ҳафт пайкар» Низомии Ганҷавӣ сифати «ашқар»-ро ҳамчун номи асп истифода бурдааст [Низомӣ 1983, с.114]. Мисли Рахш, ки, мантиқан, дар оғоз сифат буд. Аспи ало. Рахш дар нигориши Фирдавсӣ байтал мебошад. Ва мулоҳизае. Номи Рахш баробари номи Рустам дар қадимтарин пораи дастхатти номаи шоҳон, ки тақрибан дар асрҳои яки мелодӣ ба забони суғдӣ навишта шудааст, оварда мешавад [Юлдошев 2020, с. 4]. Ин ҷо мо метавонем кӯшиши то ҷое баробар кардани Баҳромро бо Рустам дар ҳамин печи хатти инкишофи сюжет мушоҳида кунем. Ба Рустам, бино ба ривояти Фирдавсӣ (ва Саолибӣ), аспе дошт намедод. Чун ӯ пушти аспро зер мекард, аз зарби зӯр шиками асп ба замин мерасид [Фирдавсӣ Д.1964-1, с.449]. Ба Баҳром низ чунин иттифоқ меафтад [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.384].

Баъд аз ин Баҳроми наврас аз Мунзир овардани панҷ-шаш канизакро тақозо мекунад, то як ё ду нафари онҳоро ихтиёр кунад ва фарзанд бинад. Чаро Баҳром тақозои дидани фарзандро аз озодагон накардааст, маълум нест. Вобаста ба фарзанд, принсипи «агар модари шоҳ бону будӣ», ки аз ҷумла дар ҳаҷвномаи мансуб ба Фирдавсӣ омадааст, чаро риоя нашудааст, мо намедонем. Ба Баҳром чил канизаки румӣ пешкаш мешавад. Ӯ ду канизакро интихоб мекунад, ки яке аз онҳо чангзан буд. Номи канизаки румиро Фирдавсӣ Озода гуфтааст. Саолибӣ Озодвор, Низомӣ дар «Ҳафт пайкар» Фитна мегӯяд ва чинӣ, муллифони дигар, ки аз Низомӣ пайравӣ кардаанд – Амир Хусрав дар «Ҳашт биҳишт» Дилором мегӯяд, Абдибеки Шерозӣ дар «Ҳафт ахтар» Ноҳид.

Баҳром ба айшу нӯши ҷавонӣ дода мешавад ва рӯзе танҳо бо ҳамон канизаки чангзан (Озода) ба шикор меравад. Мехоҳад, як ҷуфти оҳуро бизанад. Озода мехоҳад Баҳромро аз шикори оҳувон боздорад. Баҳром розӣ мешавад, вале сипас он ду оҳуро шикор мекунад. Озода гирёну нолон ба подшоҳ мегӯяд, ки ин кор мардонагӣ нест, девонагӣ мебошад. Баҳром дар ғазаб мешавад ва канизаки шутурсаворро аз аморӣ ба замин меафканад. Канизак зери пойи шутур ҷон медиҳад. Мухтасари ин ҳикоят дар «ал-Бадъ ва-т-таърих»-и Муқаддасӣ ҳам

омадааст [Муқаддасӣ 2015, с.206-207]. На Баҳром, на Фирдавсӣ марги канизакро шарҳ намедиҳанд.

Пораи қиссаи Баҳром ва канизаки румӣ, ки дар «Шоҳнома» дар сию чор байт омадааст, зоҳиран, ба ҷуз бори далолат ба тамомии айшу ишрат бори дигареро намекашад. Баҳроми наврас шикор (ва чавгон) дошт, бода дошт, канизак дошт ва сароянда. Ин пора дар «Ғурар» низ бо андаке дигаргунӣ дар бозгӯ омадааст [Саолибӣ 1963, с.541]. Агар фикри муҳаққиқонро ба инобат гирем, ки Баҳром пас аз ба балоғат расидан ҳеҷ не ба сабаби феъли басо печидаи падараш дар бадарға ҳам буд, ҳамон корро мекард, ки Ардашер пас аз солори охури асп муқаррар шуданаш мекард [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.183].

Далолати дигар ба назари мо нарасидааст. Аммо нуктае, ки диққати моро ба худ мекашад, он аст, ки чаро ҳамин пора дар санъат ва адабиёти гузаштаи мо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст? Дар санъати тасвирӣ, дар яке аз дастхатҳои «Шоҳнома» нигорае ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст. То мо лаълие омада расидааст, ки дар он шикори Баҳром ва Озода нақш шудааст. Лаълӣ дар асри V мелодӣ сохта шудааст. Ҳоло ин лаълӣ, ки 20,1 см. диаметр дорад, дар ШМА, дар галереяи Геннол нигоҳ дошта мешавад [Дашков 2008, с. 117]. Низомии Ганҷавӣ қиссаи канизак ва Баҳромро дар беш аз дусад байт тасвир кардааст. Ваҷҳи тасвири Низомӣ дар «Ҳафт пайкар» дигар аст. Вале он чи таваҷҷуҳи моро ба худ мекашад, он аст, ки Низомӣ аз 5130 байти достон беш аз дусад байтро ба ҳамин ҷузъи сюжети «Шоҳнома» бахшидааст, ки дар ҳамосаи миллӣ ҷойгоҳе надорад [Низомӣ 1983, с.114 ].

Қиссаи канизак ва Баҳроми Гӯр, ки дар «Шоҳнома» ва «Ғурар» фарҷоми фоҷиавӣ дорад, бино ба хулосаи Ҷалол Холиқии Мутлақ дар донишномаи маҷозии Iranicaonline, дар «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ оқибати хайр дорад, фоҷиавӣ намебошад. Бино ба пажӯҳиши Ҳусайни Зулфиқорӣ, «Муқоисаи достони Баҳроми Гӯр дар шикоргоҳ дар чор манзума», қисса дар «Ҳашт биҳишт»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва «Ҳафт ахтар»-и Абдибек Навидии Шерозӣ низ оқибати хайр дорад [Зулфиқорӣ 2007, с. 20].

Ба назари мо, ҳамин пора дар санъат ва адабиёти гузаштаи мо аз он мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, ки моҳияти қисса ба лақаби Баҳроми V, ки Баҳроми Гӯраш мегӯянд, далолат мекунад. Гӯрхари эронӣ – Persian onager ё Asiatic wild ass (Equus hemionus onager) вақтҳое дар бодияҳо аз ғарби Ҳинд то шарқи Шом саршумори фаровон дошт. Баҳром бо ҳунари шикори худ шуҳрат дошт ё аз Баҳром чунин сайёди моҳирро сохтанд. Дар нигориши Фирдавсӣ, «дигар ҳафта» Баҳром боз дар мурофиқати амир ва аъёни Ҳира ба шикор меравад ва дар шикор ҳунари шоистаи ҳайрати сайёдӣ нишон медиҳад. Мунзир пас аз шикор рассомонро мефармояд, ки сурати ин ҳунари Баҳромро ба рӯи газвори шоҳӣ кашанд [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.391].

Ба ривояти Фирдавсӣ, Баҳром дар сурат бо ёлу китф, савори шутур ва сайдҳое, ки ӯ задааст, тасвир шуда буд. Сурат ба Яздгирди I фиристода мешавад ва мавриди тааҷҷуби «ҳама номдорон» қарор мегирад. Ба нақл аз Балъамӣ, ки мантиқи бозгӯ ва тарҷумааш басо қавӣ мебошад, дар сурат манзараи зерин тасвир шуда буд. Баҳром «чун ба гӯр расид, шере дид худро ба гӯре афканда ва гардани ӯро ба дандон гирифта ва ӯро хост куштан. Баҳром тир бикушод, ба пушти шер зад. Тир аз шиками шер берун омаду ба пушти гӯр дарнишаст ва аз пушти гӯр ба замин андар муҳкам шуд то нима. Ва гӯру шер ҳарду биафтоданду бимурданд» [Балъамӣ 2001, с. 508].

Эпизоди II. Эпизоди дуюм ба моҳият ба оғози муносибатҳои Яздгирди шоҳаншоҳ бо писараш Баҳром, ки валиаҳдаш набуд, бастагӣ дорад. Яздгирд пас аз расидани номаи Мунзир тақозо мекунад, ки Баҳромро бубинад. Ба қавли Фирдавсӣ, Мунзир Баҳромро гирифта, бо корвони шоҳона ба Истахр меояд. Чаро Истахр, на Тайсафун маълум нест ва танҳо мулоҳизае ҳаст, ки ин амр шояд тобистон сурат гирифта бошад. Дар тобистон баъзан подшоҳони Сосонӣ, бино ба эътиборҳои боду ҳаво, ба Истахр кӯч мебастанд. Барои Баҳром шароити басо гуворои иқомат муҳайё месозанд, вале ӯ ба коре вазифадор карда намешавад. Пас аз чанде Баҳром ба парстори худ – Мунзир номае менависад ва аз вазъияти худ шикоят мекунад. Мунзир дар ҷавоб номае менависад ва аз Баҳром даъват мекунад, ки дар итоати падар бошад ва бо падар ҳеҷ ситез накунад. Номаи

Мунзир ва насиҳати ӯ ба Баҳром то ҷое насиҳати Бобакро ба Ардашер ба ёд меорад, ки Бобаки кордида аз писараш хоста буд, то бо Ардавон дар ситез нашавад. Мо дар ин ҷо боз ҳам бо зоҳир шудани як унсури дигари меъёр дар «Шоҳнома» дучор меомем. Бо ҳама шаҳомате, ки ҳамосаи миллӣ дорад, вай мебоист дар доираи қоидае суруда шавад, ки дар замонҳои пеш буд. Аз охирҳои ҳазораи якуми пеш аз мелод сар карда. Фирдавсӣ ҳам аз қоида берун набаромадааст.

Яздгирд, дар ривояти Фирдавсӣ ва Саолибӣ, шояд чун ба ҳама ба Баҳром низ муносибати дуруштро раво мебинад. Баҳромро вазифадор мекунад, ки дар маросим одоби маросими подшоҳиро рост истода ба ҷо биёрад. Дар қатори ҳама пешхидматон ва аҳли рикоб. Рӯзе дар чунин ҳолат Баҳромро, ба ривояти Фирдвсӣ ва тафсили бештари Саолибӣ, пинак пахш мекунад ва сараш ба дорафзини (панҷара) тахти шоҳаншоҳ бармехурад [Фирдавсӣ 1966-7, с.396; Саолибӣ 1963, с.546]. Яздгирд ғазаб мекунад ва ба ҷаллод мефармояд, ки Баҳромро «ҳабси хонагӣ» кунад. Дар ривояти Фирдавсӣ, Баҳром аз банд ба шафоати фиристодаи Рум озод мешавад. Ин маънӣ дар «Ғурар» ҳам ошкоро таъкид шудааст: «Бародари Қайсар, ки аз Рум пеши Яздгирд ба тақозои бастани паймони оштӣ омада буд, шафоат кард...» [Саолибӣ 1963, с.546].

Баҳром ба мулки Мунзир бармегардад ва басо бо эҳтиром пазируфта мешавад. Шигифтии қиссаҳои «Шоҳнома» ва маъхазҳои дигари арабу мусулмонӣ дар он аст, ки онҳо ба бедодиҳо ва хунрезиҳои Шопури II дар ситез бо қабилаҳои араб бовар мекунанд ва бо ин ҳама дар симои амирони Лахмӣ, хоссатан Мунзир ва падари ӯ Нуъмон, мардони хирадманд, сиёсатмадорони варзида ва хайрхоҳи шоҳаншоҳии Сосонӣ мебинанд.

Эпизоди III. Ин қисса аз рӯзҳои вопасини подшоҳии Яздгирди I ҳикоят мекунад. Вазъияти подшоҳии Яздгирд ба ифодаи Фирдавсӣ, ки оҳанги фалсафӣ дорад, чунин буд:

Бар ин низ чанде замон баргузашт,
Ба айвон падар, пури фаррух ба дашт [Фирдавсӣ Д.1966, с.398].

Ин ҷо «фаррух» ба маънои «нозанин» омадааст, зеро Баҳром на муборак буду на хушбахт. Яздгирд ба фикр фурӯ меравад, аз ҳар кишваре мӯбадонро гирд карда, ба ситорашиносон мефармояд, муайян кунанд: «Ки то кай бувад дар ҷаҳон марги ӯ». Мунаҷҷим фол мегӯяд, ки ба чашмаи Сӯ, агар наравад, фалокате рух нахоҳад дод. Яздгирд қасам мехӯрад, ки ӯ ҳаргиз ба чашмаи Сӯ нахоҳад рафт. Дар ин ҷо кулфате сар мезанад. Яздгирд хуни бинӣ мешавад ва табибон аз табобат оҷиз мемонанд. Мӯбад исрор мекунад, ки тавба кунад, ба чашмаи Сӯ равад ва ба Яздони пок ниёиш кунад, ки ба саволҳояш ҷавоб диҳад. Вақте ба оби чашмаи Сӯ сар мешӯяд, омадани хуни бинӣ бас мешавад.

Чун подоши манманӣ аждаҳое аз ҳавз ба сурати аспи обӣ мебарояд, касе ӯро наметавонад ром кунад. Аммо вақте ки худи шоҳаншоҳ ба асп наздик мешавад, асп гӯё ки ром мешавад ва ҳаракате намекунад. Яздгирд ба қафои асп мегузарад, то пордум гузаронад:

Биғурриду як ҷуфта зад бар сараш,
Ба хок андар омад сару афсараш [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.402].

Асп пас аз кушта шудани Яздгирд дар ҳавзи чашмаи Сӯ нопадид мешавад. Мӯбад бадани маййитро дарида, ба кофуру мушк пур мекунаду аз дебо кафан карда, ба тобуту зарин мегузорад. Тобутро ба тарафи Форс мефиристанд.

Дар ривояти Табарӣ ва бозгӯи Абуалии Балъамӣ унсури ба хуни бинӣ мубтало шудани Яздгирд оварда нашудааст. Вале он, ки ӯро асп зада мекушад, монанди «Шоҳнома» баён шудааст. Фирдавсӣ худдорӣ мекунад, Табарӣ, инчунин, ба нармӣ ишора менамояд, аммо Абуалии Балъамӣ рӯи рост менависад: «Ва мардумон гуфтаанд: Ин фариштае буд, ки Худои таоло фиристода буд, ки ҷаври вай аз мо бардошт ва моро аз зулми ӯ бираҳонид» [Балъамӣ 2001, с.503].

Табарӣ дар бештар аз сӣ сатре, ки ба Яздгирд бахшидааст, ҳеҷ сухани нағзе дар бораи ин шоҳаншоҳ нагуфтааст [Табарӣ1979-2, с.21-22; Балъамӣ 2001, с.503]. Ал-Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» шояд аз баҳои Табарӣ ба Яздгирд оид ба касофати подшоҳии вай пайравӣ карда, менависад, ки қаҳтие низ ба мамлакат расида буд [Ал-Муқаддасӣ 2015, с.207]. Абумансури Саолибӣ ба моҳият аз Табарӣ пайравӣ кардааст [Саолибӣ 2014, с.278]. Дар «Форснома» низ маълумоте

монанд ба маълумоти Табарӣ зикр шудааст [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.76]. Муаллифи беноми «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас», ки таълифи китоби худро соли 1126 ба анҷом расонидааст, ба Яздгирд баҳое додааст, ки шояд хулосаи назари муаллифони арабу мусулмонӣ ҳам бошад: «коре накард ҷуз ситамкорӣ... ва иморате ҳам накард» [Муҷмал 2013, с.99]. Сипас ин муаллиф тақрибан ва мухтасар ҳамон маълумотро медиҳад, ки Фирдавсӣ дар бораи қавли мунаҷҷимон, чашмаи Сӯ, хуни бинӣ шудани Яздгирд ва кушта шудани ӯ дар Тӯс дода буд [Муҷмал 2013, с.99].

Маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ, аз ҷумла Прокопий дар бораи Яздгирд чанде фарқ мекунад. Ӯ менависад, ки император Аркадий вақте ба ҷои худ писараш – Феодосийро валиаҳд таъйин мекунад, бо васияте «подшоҳи Форс Исдигердро падархонди ӯ ихтиёр мекунад ва дар ҳамон васият тақозо менамояд, ки вай ҳама тавоноӣ ва борикбинии худро истифода кунад, то салтанат ба Феодосий муқаррар шавад» [Прокопий 1993, с.9]. Яздгирд ба хоҳиши Аркадий муносибати шоиста мекунад ва ба сенати Рим паём мефиристад, ки ҳомӣ ва мураббии Феодосий бошад ва таъкид ҳам мекунад, ҳар тарафе, ки ба муқобили Феодосий иқдоме андешад, аз хатари ҷанг бо Яздгирд эмин намемонад. Дар бораи даргузашти Яздгирд, Прокопий менависад, ки шоҳнашоҳ аз бемории вафот кард [Прокопий 1993, с.9]. Дар ҳошияи нуктаи падархонди Феодосий будани Яздгирд таҳиягари матни «Война с персами» А.А.Чекалова назари дигар дорад. Ӯ қайд мекунад, ки «мурабии Феодосий Антиох ном марди форс буд [Прокопий 1993, с.459]. Дар бораи «писархонд қабул кардани Феодосий II аз ҷониби Яздгирд» А.А Чекалова менависад, ки шояд Прокопий ин маълумотро аз Приск Панийский мауллиф ва дипломати румии нимаи дуюми асри V гирифта бошад [Прокопий 1993, с.459]. Дар ин бобат наметавонад ишораи А.А. Чекалова дар бораи писархонд қабул кадани Феодосий таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ накашад. Мо ҳамин гуна муносибатро дар боби Анӯшервон ҳам хоҳем дид. Ба назари Прокопий, Қубод ҳам ба император Юстин мурочиат менамояд, ки писараш Анӯшервонро ба писархондагӣ қабул кунад [Прокопий 1993, с.32].

Дар адабиёти илмӣ, эҳтимол, шарқшиноси советӣ М.М. Дяконов ба рӯзгори Яздгирди I аз нигоҳи таърихпажӯҳӣ таваққуфи бештаре карда бошад. Назари Дяконов, ки муҳаққиқони дигар низ аз он пуштибонӣ мекунанд, он нуктаро таъкид мекунад, ки дар оғози асри V ва пасон бар асари гароишҳои ҷудоихоҳонаи заминдорони калон мубориза байни ҳокимияти марказӣ (подшоҳ ва девон) ва ашрофони заминдор, байни ҳокимиятӣ динӣ ва дунявӣ шиддат мегирдад. Ҳамин мубориза ба назари Дяконов, Яздгирдро такон медиҳад, ки ба насрониёни Эрон муваққатан бошад ҳам, такя кунад.

Дяконов мулоҳиза пешниҳод мекунад, ки Яздгирд дар Гургон (на Тӯс) кушта мешавад. Ӯ дар ин бобат аз қавли Нёлдеке пуштибонӣ мекунад, ки қиссаи аспро барои он роиҷ карда буданд, то куштори подшоҳро аз тарафи аъён дар музофоти дурдаст рӯпӯш кунанд [Дяконов 1961, с.271-272; Нёлдеке 1980, с.178]. Кристенсен дар бобати марги Яздгирди I мулоҳизаи Нёлдекеро тарафдорӣ кардааст [Кристенсен 1980, с.198-199]. Гиршман даргузашти Яздгирдро вафот намегӯяд, марг мегӯяд [Гиршман 1993, с.357]. Агар аз ин мулоҳизаҳои муҳаққиқони шинохта пуштибонӣ кунем, метавон эҳтимоле гузошт, ки шоҳаншоҳ Яздгирд низ кушта мешавад.

Ба мушоҳидаи Кристенсен, симои Яздгирди I дар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ ғолибан дар асоси ривояти зардуштиён ва назари аъёни мамлакат, ки бо шоҳаншоҳ дар ситези ошкор ё ниҳонӣ буданд, офарида шудааст. Дар сарчашмаҳои насронӣ мавзуъ ранги дигар гирифтааст. Як манбаи сириёнӣ, ки дар замони Яздгирди I навишта шудааст, ӯро «шоҳ Яздгирди накукор ва исавии раҳим ва муқаддастарини подшоҳон» хонда, мегӯяд, ки «ҳама рӯз нисбат ба фуқаро ва бенавоён эҳсон мекард» [Кристенсен 1980, с. 195].

Яздгирд ба ривоятҳое духтари қавми яҳудро ба занӣ гирифта буд. Ба назари Кристенсен, ин тоифа вазни сиёсӣ надошт. Ин духтар Shoshendukht буд [Кристенсен 1980, с.197]. Гиршман аз ин мулоҳиза пуштибонӣ мекунад [Гиршман 1993, с.356]. Resh galuta – номи мақоми сарвари дунявии тоифаи яҳудиён пас аз хароб кардани маъбади Байтулмуқаддас мебошад. Амнун Натсар, устоди Донишгоҳи ибрии Байтулмуқаддас дар мақолаи «Шоҳони Сосонӣ дар

Талмуд» ақида пешниҳод мекунад, ки номи Яздгирди I дар Талмуд ду бор зикр шудааст. Натсар ишора мекунад, ки ба ақидаи чанде аз муаррихон ҳамсари Яздгирд I духтари яҳудӣ будааст. Вале таъкид мекунад, ки дар Талмуд иишоре дар ин бора нарафтааст [Натсар www.ensani.ir]. Дар бораи симои Яздгирди I Шаҳроми Ҷалилиён мақолае бо номи «Се чеҳраи як подшоҳ: Гунаҳкор, пирӯзманд ё Куруши дигар» навиштааст. Ҷалилиён «рӯйи сиёҳи» Яздгирди I-ро то ҳадде натиҷаи ангезаҳои зардуштиён медонад, ки сиёсатҳои таҳаммулгароӣ ва то ҷое пуштибониҳои ӯро ба гаравидагони тоифаҳои насоро ва яҳудӣ чашми дидан надоштанд [Ҷалилиён 2017, с. 13-15].

## 2.2. Сужаҳои вобаста ба образи Баҳроми Гӯр

Достони Баҳроми Гӯр дар «Шоҳнома» чун достони Ардашери Бобакон дар ду бахш омадааст. Дар бахши подшоҳии Яздгирди I ва бевосита дар бахши подшоҳии Баҳроми Гӯр. Дар бахши подшоҳии Яздгирди I рӯзгори Баҳром дар матни интиқодии Москва дар 595 байт ва ҳикояти Яздгирд дар 98 байт нақл шудааст. Чунин таносуб наметавонад дар зеҳни хонада манзараи бахши подшоҳии Ашкониёнро намудор накунад. Он бахш, агар «Гуфтор андар ситоиши султон Маҳмуд»-ро (41 байт) истисно кунем, ҳамагӣ дар бист байт гуфта шудааст. Сипас ҳикояти Ардашери Бобакон сар мешавад.

Бахши бевосита подшоҳии Баҳроми Гӯр дар матни интиқодии Москва дар 2593, дар матни интиқодии Холиқии Мутлақ ва Маҳмуди Умедсолор дар 2591 байт омадааст. Ҳамин тариқ, дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ ба гуфтани қиссаи Баҳроми Гӯр 3188 байтро бахшидааст. Ин миқдор тақрибан андаке бештар аз шашяки қисмати Сосониёни ҳамосаи миллӣ мебошад. Танҳо достони Анӯшервон тафсили бештареро сазовор шудааст.

Муддати подшоҳии Баҳроми Гӯр (420-438), ки 18 сол буд, дар чопи интиқодии Душанбе шасту се сол зикр шудааст. Ин ҷо, эҳтимол, хатое гузаштааст. Вале Ҷалол Холиқии Мутлақ ҳам муддати подшоҳии Баҳроми Гӯрро шаст сол гуфтааст [Фирдавсӣ Т.2018-6, с.415]. Ин рақамҳо, яқинан, агар подшоҳии Яздгирди Базаҳгарро (399-420) ҳам ба ҳисоб гирем, ба воқеият далолат намекунанд. Дар матни интиқодии Москва муддати подшоҳии ин шоҳаншоҳ зикр нашудааст.

Эпизоди I. То ҷое ки шиносоии ҳадафмандона бо матни «Шоҳнома» имконият медиҳад, метавон гуфт, ки то Баҳроми Гӯр, яъне то ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» мавзуи меросбари подшоҳӣ муътадил тасвир нашудааст. Вақте Бобак фикри подшоҳӣ кард, ӯ чун сиёсатмадори варзида бо роҳи дуруст рафт ва тавонист пиндори Сосон ва писари ӯ Ардашерро ба афкори оммаи эронӣ ҷой кунонад. Ӯ аз Ардашер меросбари подшоҳии Ҳахоманиширо офарид. Ҳарчанд вақте мо ин ҷо Ҳахоманишӣ мегӯем, танҳо як далел дорем, ки зикри он

далел дар поёни ҳамин саҳифа хоҳад омад. Зеро подшоҳони Ҳахоманишӣ дар «Шоҳнома», ба истиснои Дорои III, чандон мартабае надоранд. Масалан, Куруши Кабир ва Дорои I дар «Шоҳнома» зикр нашудаанд.

Ҳамзаи Исфаҳонӣ табақабандии чоргонаи подшоҳони эрониро риоя мекунад ва менависад, ки Пешдодиён нуҳ подшоҳ буданд, ки нахустини онон Ҳушанг буд, сипас Таҳмурас, сипас бародари ӯ Ҷам, сипас Заҳҳок, сипас Фаридун, сипас Манучеҳр, сипас дувоздаҳ сол Афросиёби турк, сипас Зав, сипас Гаршосп якҷо бо Зав подшоҳӣ мекард. Муддати подшоҳии Пешдодиёнро Ҳамза дуҳазору чорсаду ҳафтод сол гуфтааст, ки ба маълумоти асотирии сарчашмаҳои дигар мухолифат намекунад. Баъд аз он табақаи Каёниён, ки даҳ подшоҳ буданд – Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав, Кайлуҳросп, Кайгуштосп, Кайбаҳман, шаҳбону Чеҳрзод (Ҳумой), Доро писари Баҳман ва Доро писари Доро, ки ҳафтсаду ҳаштоду ҳафт сол подшоҳӣ карданд. Ҳамза муддати подшоҳии Ашкониёнро 344 сол ва подшоҳии Сосониёнро, ки бисту ҳашт подшоҳ буданд, 429 сол гуфтааст [Ҳамза 1844, с.12-16]. Ду рақами охирин то ҷое ба воқеияти таърихӣ ҳамоҳанг мебошанд.

Гуфтем, ки дар «Шоҳнома» Куруши Кабир ва Дорои I зикр нашудаанд. Вале бо андаке эҳтиёт метавон мулоҳизае пешниҳод кард, ки дар хотираи таърихии худойноманависон бӯе аз Дорои I ба машом мерасида будааст. Чунончи, дар бахши «Подшоҳии Баҳроми Гӯр» номи кӯҳи Бесутун зикр шудааст: «Ба пой андар орӣ кӯҳи Бесутун» [Фирдавсӣ М.1968-7, с.353]. Маълум аст, ки Бесутун танҳо ба фазилати катибаи Бесутун шуҳрат дорад, на чун харсанги азим дар қаторкӯҳҳои Загрос. Зикри кӯҳи Бесутун ба ҳамин ном дар бахши подшоҳии Анӯшервон низ омадааст: «Замин шуд зи лашкар кӯҳи Бесутун» [Фирдавсӣ М.1968-7, с.190]. Ба далолате, ки аҷзи байт метавонад бидиҳад, ин ҷо ибораи «кӯҳи Бесутун» ба туфайли бузургдошти Дорои I ба азамати лашкари Анӯшервон ва шумори вай ишора намудааст. Аммо, ба таъкиди ҳамон мулоҳизае, ки андаке болотар гуфта шуд, Бесутун ин ҷо метавонад, нишоне аз нишонҳои хотираи таърихии замони Дорои Бузург ҳам бошад. Дар бахши

«Подшоҳии Хусрави Парвиз» дар бобати мунокишаи Баҳроми Чӯбина бо Хусрав зикри кӯҳи Бесутун низ омадааст:

Яке кӯҳ дорӣ ба зер андарун,

Ки гар бингарӣ бартар аз Бесутун [Фирдавсӣ М.1971-9, с.25].

Бо овардани ин иқтибос мо ҳамоно мехоҳем як нуктаро таъкид кунем: Доро нест, аммо катибаи Доро дар кӯҳи Бесутун аз хотираҳо зудуда нашудааст. Он далел, ба шаҳодати Геродиан, ҳамасри беишколи Ардашери Бобакон чунин аст, ки Ардашер «ҳама Осиёро мулки ниёгони худ дониста, мехост боз ба мамлакати Форс ҳамроҳ намояд ва таъкид мекард, ки аз замони Кир, ки бори аввал подшоҳиро аз модҳо ба форсиён гузаронд, то Доро охирин подшоҳи Форс, ки подшоҳии ӯро Искандари Македонӣ барҳам дод», ин сарзаминҳо аз эрониён буданд [Геродиан 1996, с.113-114].

Аҳаммияти ин далел, инчунин, дар зикри номи Куруши Кабир аз даҳони Ардашер ё ба замони Ардашер аст. Маълум аст, ки Куруш дар «Шоҳнома» зикр нашудааст. Ардашер аз подшоҳони Ҳахоманишӣ, чунонки дар бахши Ардашер гуфта будем, касеро ба ном намедонад. Агар зикр ва ё тасаввури Куруш намебуд, душвор мегардид, ки Бобаки сиёсатмадор аз Ардашер меросбари подшоҳии Ҳахоманишӣ офарад ва дар зеҳни аъёну ашроф, ки қудрат ва ҳуқуқҳои қобили мулоҳизае доштанд, ҷойгир кунонад. Ба тавре ки касе аз муаллифони сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ Ардашерро ғосиб нагуфтааст. Мафҳуми ғасбро вобаста ба гузаштани подшоҳӣ ба Сосониён муҳаққиқон, аз ҷумла, В.Г. Луконин, истифода кардаанд, ки аз ҳақиқати амр чандон дур нест [Луконин 1969, с. 29]. Эҳтимол, Луконин аз Нёлдеке пайравӣ карда бошад, ки моил буд, Ардашерро ғосиб гӯяд [Нёлдеке 1980, с.58]. Ардашер низ дарди саре бо меросбар дошт ва он дарди сар на ба тариқае гузашт, ки шоҳаншоҳ мехост.

Яздгирд, ки мемирад ва ё кушта мешавад, валиаҳд таъйин накарда буд. Аъёни шоҳаншоҳӣ, ки хорашон медошт, ба қавли Фирдавсӣ, «дар он шаҳр» анҷуман доир мекунанд. Фирдавсӣ он шаҳр гуфта, эҳтимол маркази Порс – Истахрро дар назар дорад ва аз панҷ нафари аъён ном мебарад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.403]. Яке аз онҳо, ки Фирдавсӣ Гушаспи дабираш мегӯяд, аз Яздгирд

бо маломат ёд мекунад, ки ӯ ба ҷуз куштану дарду ранҷ расонидан кори дигаре надошт ва аз ин подшоҳ нопоктар касе набудааст. Бинобар ин, қасам мехӯранд, ки аз ин тухма касеро ба подшоҳӣ, аз ҷумла Баҳрои Гӯрро, пешниҳод нахоҳанд кард.

Дар чунин вазъият ки, агар онро интихоби подшоҳ гӯем, собиқа надошт, ба қавли Фирдавсӣ, чанд нафар даъвои подшоҳӣ мекунанд. Ин даъвоҳо боиси ноормии кишвар мешавад. Аҷаб, ки дар талоши подшоҳӣ шоҳи (шоҳаки) Шуғнон низ иштирок дошт «Чу Беварду Шукнони зарринкулоҳ» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.404]. Месазад гуфт, ки то ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» танҳо як мавзеи миёндуоби Осиёи Миёна – Чоч дар оғози достони Ашкониён зикр шуда буд. Аммо мебояд гуфт, ки андаке пештар дар бахши подшоҳии Яздгирди I дар чопи Душанбе сифати бадахшӣ – сифати нигин, дар чопи Москва исми хосси Бадахшон ҳамчун макони баромади санги он нигин низ гузаштааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.386].

Хабари даргузашти Яздгирд, интихоби Хусрав ва азми сипоҳон, ки аз тухмаи Яздгирд подшоҳ нахоҳанд гузошт, то ба Баҳром, ки дар аморати Мунзириҳо буд, мерасад. Баҳром, ба ривояти Фирдавсӣ, як моҳ азо мегирад ва сипас ба Мунзир мурочиат мекунад ёрӣ диҳад, то ба подшоҳӣ бирасад. Мунзир сипоҳи анбӯҳе аз саворони араб ташкил мекунад. Ин сипоҳ раҳ то раҳи Тайсафун бедодиҳо ҳам мекунад.

Аз Фурот, ки мегузаштанд, ҳама чизе, мулке ва чорпое, ки буд, ғораташ мекарданд. Душманони беруна низ ба Эрон ба чашми адоват нигоҳ мекунанд. Аъёни мамлакат аз вазъият ба таҳлука меафтанду ба Мунзир фиристодае ва бо ӯ номае мефиристанд. Нақши фиристода ва ё ба таъбири Фирдавсӣ, «миёнҷӣ»-ро яке аз персонажҳои муътабар дар бахши «Подшоҳии Яздгирд» – гави Ҷувонӯй иҷро мекунад. Эрониён Мунзирро накӯҳиш мекунанд, ки сипоҳи ӯ даст ба ғорату тороҷ задааст [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с. 395].

Мунзир чун сиёсатмадори варзида чизе намегӯяд ва фиристодаро ба назди Баҳром равона мекунад. Фиристода аз ҳайбати Баҳром лол мемонад. Дар ҳар сурат мепурсад, ки ба номаи эрониён ҷавоб нависанд. Дар номаи ҷавобӣ

маслиҳат дода мешавад, ки подшоҳӣ ба Баҳром супорида шавад. Баҳром бо лашкари анбӯҳе ба Эрон раҳсипор мешавад.

Мунзир чун, ба гуфти Фирдавсӣ, ба Ҷаҳрам мерасад боз ба Баҳром пешниҳоди дурандешонае мекунад, ки масъала бо музокирот ҳал шавад. Мунзир таъкид мекунад, ки агар аъёни кишвар Баҳромро нахоҳанд, қиёмат қоим хоҳад кард: «Барангезам андар ҷаҳон растахез» [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.399]. Вобаста ба калимаи «растахез» дар муҳити тоҷикнишин, ки «қиёмат»-аш мегӯянд, шояд месазад гуфт, ибораи «қиёмат кардан» ба маънии дар ҳар кор аз ҳадд гузаштан имрӯзҳо ҳам дар ҳама гӯишҳои забони тоҷикӣ аз забонҳо намондааст.

Изҳороти Мунзир дар нигориши Фирдавсӣ, илова ба зоҳири баён ду далолати дигар дорад. Яке бухрони сиёсӣ, ки ба шахси подшоҳ бастагӣ дорад, Эроншаҳрро рӯ ба харобӣ ва парокандагӣ ниҳода буд. Дар тасвири «Шоҳнома» ҳамон ҳолат рух дод, ки дар оғози подшоҳии Шопури II зоҳир шуда буд. Чун Эронро беподшоҳ мебинанд, душманони берунӣ ва дарунӣ сар мебардоранд. Шигифтии кор дар он аст, ки сипоҳон – табақаи имтиёздори ҷомеаи Сосонӣ пеши роҳи саворагони ҷангии арабро намегиранд. Шояд барои он, ки подшоҳ надоштанд.

Баҳром ба маслиҳати Мунзир бо меҳтарони Эрон ба музокирот ворид мешавад, ки аз нигоҳи Фирдавсӣ чандон осон набуд. Музокирот се рӯз давом мекунад. Интихоби шаҳрёр натиҷа намедиҳад. Пас ба тартибе монанд ба овоздиҳии пинҳонӣ мегузаранд:

Навиштанд пас номи сад номвар,
Фурӯзандаи тоҷу тахту камар [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.401].

Аз ҷумла, номи Баҳромро низ. Сипас панҷоҳ муддаӣ мемонад, аз ҷумла Баҳром. Аз панҷоҳ номи сӣ нафар, аз ҷумла номи Баҳром мегузарад. Аз сӣ муддаӣ чор муддаӣ мемонад, ки Баҳром дар он қатор буд. Вале: «Чу танг андар омад зи шоҳӣ сухан», аъён бозиро мехоҳанд вайрон кунанд:

Нахоҳем гуфтанд Баҳромро,
Далеру сабуксору худкомро [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.401].

Ба саволи Мунзир, ки чаро Баҳромро намехоҳед, ҷавоби басо ногувор манзур мекунанд. Иқтибоси дароз шоистаи кори илмӣ нест, вале ин иқтибос аз доираи зебу зишт болотар метавонад истад:

Аз Эрон киро хаста буд Яздгирд,
Якояк бар он дашт карданд гирд.
Якеро бурида ду дасту ду пой,
Яке монда бедасту пояш ба ҷой.
Якеро ду дасту ду гӯшу забон
Бурида шуда чун тани беравон.
Якеро зи тан дур карда ду кифт,
Аз он хастагон монд Нуъмон шигифт.
Якеро ба мисмор канда ду чашм,
Чу Манзар бидид он, баровард хашм [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.402].

Баҳром, ба ибораи омиёна, дасту по мехӯрад, вале Мунзир Баҳромро водор мекунад, ки ҷавоб гӯяд, зеро ҷавоб нагуфтан ба шаҳрёр намезебад. Баҳром ҷавоби воқеӣ медиҳад. Ӯ аз падараш ҳимоят намекунад. Ёдрас мекунад, ки ӯ низ аз ҷабрдидагон буд. Зиндон ҳам шуда буд. Бинобар ин, ба «дашти Мунзир паноҳ» бурда буд. Баҳром чунин даъват мекунад:

Ки то ҳар чӣ бо мардумон кард шоҳ,
Бишӯем мо ҷону дил з-он гуноҳ [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.402].

Сипас Баҳром ба шоистагии худ ба тахти подшоҳӣ далелҳо меовард, ки қавитарин онҳо ҳамоно шаҷараи генеалогии ӯ мебошад. Қавли Фирдавсӣ, аз забони Баҳром, ки: «Зи модар набера Шимероншаҳам» метавонад муҷиби ҳадсҳо бошад. Мо ҳоло метавонем гуфт, ки бино ба хулосаҳои пажӯҳишгарони муътарафи таърихи замони Сосониён, Шошондухт будани модари Баҳром, ки яҳудӣ мебошад, тақрибан қабул шудааст.

Масъалаи шоҳаншоҳӣ дар сарчашмаҳо ва пеш аз ҳама дар «Шоҳнома» ба тариқае роҳи ҳал пайдо мекунад, ки ба қиссаҳои айёрӣ шабоҳат дорад. Ҳамон қисса (афсона), ки тоҷро ба миёна бимонанд, ду шери жаёнро аз ду тараф бубанданд ва ҳар кӣ тоҷро аз байни ду шер гирад, подшоҳ шавад. [Фирдавсӣ Т.

2018-6, с.404]. Аммо то он ки аз имтиҳони шерони жаён гузаранд, Баҳром меҳтарони Эронро даъват менамояд, то ба ин васила асосҳои сиёсати подшоҳии худро баён кунад. Чунончи, Баҳром арз мекунад, ки бикоҳам зи бедодию ҷусту ҷӯй. Ин ҷо ибораи «ҷусту ҷӯй» наметавонад мавриди таваҷҷӯҳ набошад. Сухан дар бораи назорати пинҳонӣ ва хабаркашиҳо меравад, ки дар замони Яздгирд низ афзоише доштааст. Ва оқибатҳои басо нохушоянд. Баҳром ақида пешниҳод мекунад, ки гунаҳкардаро нахуст панд медиҳем ва агар бори дигар кунад, бандаш мекунем.

Ин маънӣ, агар хато накунем, дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» бори аввал садо медиҳад. Ин ҷо тақрибан принсипи бахшидани гуноҳ барои бори аввал ва ё тарбияи ғалатрафтагон ифода ёфтааст. Дар қавли дигар Баҳром ду принсипи оини зардуштиро таъкид кардааст: пиндори нек, гуфтори нек. Бино ба хулосаи Фирдавсӣ, Баҳром то ҷое меҳтаронро қонеъ мегардонад ва онон мегӯянд, ки: «Ба шоҳӣ туӣ ҷони моро писанд» [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.408]. Вале бузургони қавм натавонистанд савганди худро ба Хусрав нодида гиранд. Ба таъбири Фирдавсӣ, «шерҷанг»-ро роҳи ҳалли масъала медонанд. Баҳром ба ин шарт розӣ мешавад, зеро шартро худаш гузошта буд.

Мусобиқаи гирифтани тоҷ аз миёни ду шер шуруъ мешавад. Хусрав ва Баҳром ба ҳомун мераванд, то аз имтиҳон гузаранд. Хусрав ба сабаби солхурдагӣ пешниҳод мекунад, ки аввал Баҳром бахти худро бисанҷад. Баҳром қабул мекунад. Кӯшиши мӯбадро, ки подшоҳӣ гуфта, ба дами марг наравад, рад мекунад. Хулоса, Баҳром ҳар ду шерро ба зарби гурз мекушад ва ҳамин тавр сазовори ба сар барниҳодани тоҷи шоҳаншоҳӣ мешавад. Хусрав подшоҳии Баҳромро эътироф мекунад.

Ин печи хатти инкишофи сюжет дар «Таърих»-и Табарӣ ба моҳият аз ривояти Фирдавсӣ тафовути ҷавҳарие надорад. Аз фиристодани Баҳроми ширхора ба «дашти Карбало» (ҷӯли Ироқ) то кушта шудани шерҳо Фирдавсӣ як ҳамоҳангии мундариҷавие бо Табарӣ зоҳир кардааст, ки кам андар кам то ин ҷои бахши Сосониёни «Шоҳнома» иттифоқ афтодааст. Дар тарҷумаи Абуалии Балъамӣ як рахе (штрих) ҳаст, ки дар ривояти Табарӣ ва «Шоҳнома» чандон

зоҳир нашудааст. Баҳром дар тафсили шартҳо мегӯяд, ки тоҷ ба дасти мӯбади мӯбадон аст ва агар ӯ аз уҳдаи подшоҳӣ набарояд: «Як сол дар мулк бинишинам. Агар ин сухани хеш вафо кунам ва шумо сирати ман бrandписандед, нек. Вагарна аз мулк берун оям ва тоҷ ба мӯбади мӯбадон боздиҳам, то ба сари ҳар кӣ хоҳад, ниҳад...» [Балъамӣ 2001, с.511]. Ишорае ба ҳикояти ба подшоҳӣ расидани Баҳром ба таври мухтасар дар «Муруҷу-з-заҳаб»-и Масъудӣ ва сарчашмаҳои дигари сари X низ ба назар мерасад [Масъудӣ 1973, с.260-261]. Саолибӣ дар «Ғурар» аз Табарӣ пайравӣ мекунад [Саолибӣ 2014, с. 280].

Муҳаққиқони мавзуи ба подшоҳӣ расидани Баҳром аз нуктаҳое, ки дар сарчашмаҳо омадаанд, дахолати амирони Ҳираро инкор намекунанд [Дяконов 1961, с.273]. Гиршман кушоду равшан менависад, ки дар талоши подшоҳӣ «Баҳроми панҷум (421-438) ба сабаби кӯмаки низомии амири араби Ҳира аз ин мунозаа фотеҳ берун омад» [Гиршман 1993, с.357].

Эпизоди II (IV) Подшоҳии Баҳроми Гӯр (421-439). Дар «Шоҳнома» достони подшоҳии Баҳроми Гӯр дар чопи интиқодии Душанбе дар 2600, дар чопи интиқодии Москва дар 2593 байт, дар чопи интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ ва Маҳмуди Умедсолор дар 2591 байт омадааст. Достон бо андарз, яъне дастурҳо гуфтани Баҳром шуруъ мешавад, ки хусусияти меъёрӣ ҳам дорад. Дар андарзҳо унсурҳои зерини меъёр инъикос ёфтаанд: Баҳром, нахуст, ба Худованд шукр мегузорад. Сипас ба нуктае ишора мекунад, ки дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» то ин ҷо ба мушоҳида нарасида буд. Баҳром Худовандеро, ки ба ӯ тоҷу тахт додааст, ҳамчун офаринандаи бахт, яъне тақдир сифат кардааст, баъд аз ин Баҳром, ба ҳукми анъана, ба парастидани Яздон даъват мекунад.

Сохтори андарзгӯии Баҳром дар нигориши Фирдавсӣ фарқе дорад. Аз ин бахши достони Баҳром чунин бармеояд, ки шоҳаншоҳ ҳар рӯз дастуре гуфтааст. Табарӣ ва Балъамӣ зикр мекунанд, ки Баҳром пас аз расидан ба подшоҳӣ ҳафт рӯз бор дода буд [Табарӣ 1979-2, с.26; Балъамӣ 2001, с.512]. Чунончи, дар рӯзи шашум фармудааст, ки:

Шашум гуфт бар мардуми зердаст,
Мабодо, ки ҷӯем ҳаргиз шикаст [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.418].

Фарқи дигаре, ки мебинем он аст, ки шоҳаншоҳ, ба таъбири имрӯза, Ҷавонӯйро даъват мекунад ва мефармояд, ки ба меҳтарон, чи дар дохили кишвар ва чи дар хориҷ, номаҳо нависад. Ҷавонӯй дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ чун роҳандози муносибатҳо амал мекунад. Мазмуни номаҳо низ гуфта мешавад. Ғараз аз навиштани номаҳо барқарор намудани муносибатҳои дӯстона мебошад, ки дар аҳди подшоҳии Яздгирд басо коста шуда буданд. Дар номаҳо нахуст сифати Баҳром меравад, ки бар подшоҳӣ расидааст. Баҳром худро чун гузинанлаи роҳи ростӣ ва гурезанда аз кажживу костӣ ба қалам дода, таъкид мекунад, ки дар боби таъмин намудани адолат аз ниёгон болотар хоҳад буд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.432]. Баҳром, ҳамчунин, қавл медиҳад, ки оини зардуштиро пос хоҳад дошт. Ин маънӣ дар нашри интиқодии Душанбе чунин омадааст:

Бар он дини Зардушт пайғамбарам,
Зи ройи ниёгони худ нагзарам.
Ниҳем дини Зардушти пешин ба рӯй,
Бироҳим пайғабари ростгӯй [Фирдавсӣ  Д. 1966-7, с.432-433].

Аҷзи  байти якуми ин  иқтибос дар чопи интиқодии Москва ба гунаи «Зи роҳи ниёгони худ нагзарам» омадааст, ки муваффақтар ба назар мерасад. Ҳамчунини дар чопи Москва байти дигари ҳамин иқтибос  ба гунаи:

Нуҳум гуфт: «Зардушти пешин ба рӯй,
Бироҳим пайғамбари ростгӯй [«Шоҳнома» Т. 2018-6, с.419]

Дар нашри интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ ду байти мавриди назар, ки зикри ҳазрати  Иброҳим аст, ёд нашудааст, вале Зардуштро «Нуҳум пури пайғабари ростгӯй» гуфтааст, ки шояд ҳазрати Иброҳим дар назар бошад, ё номи Зардушт, ки Иброҳим ҳам будааст? [Фирдавсӣ Т. 2018-6, с.419]. Кулсуми Ғазанфарӣ дар мақолаи «Зардушт ва Иброҳим дар манобеи исломӣ» изҳори ақида мекунад, ки пайвастани Зардушт ва оини зардуштӣ ба динҳои сомӣ ва инчунин ба ҳазрати Иброҳим мавзуи чандон нодир намебошад. Дар байти иқтибос дар гузинаи Ҷалол Холиқии Мутлақ Фирдавсӣ Зардуштро писари

нуҳумини ҳазрати Иброҳим гуфтааст [Ғазанфарӣ 2016, с.6]. Яъне пушти нуҳум аз табори ҳазрати Иброҳим.

Сипас он меҳтарони мамлакат, ки ба сабаби сиёсатҳои Яздгирд ба муқобили ба подшоҳӣ расидани Баҳром баромада буданд, ба Мунзир муроҷиат мекунанд, то восита шавад, ки Баҳром гуноҳи онҳоро бубахшад. Баҳром ба пешниҳоди Мунзир, ки гуноҳҳоро бибахшад, розӣ мешавад ва се рӯз пайи ҳам, ба таъбири омиёнаи навин, «оши оштӣ» ҳам медиҳад. Баъд аз ин Нуъмону Мунзир бо иззату икроми тамом гусел карда мешаванд. Баҳром Хусравро, ки чанд гоҳ подшоҳ ҳам буд, низ мебахшад ва иззаташро ба ҷо меорад.

Аз ҳамин ҷойи «Шоҳнома» ҳикояти болоравии нуфузи Нарсе шурӯъ мешавад. Нарсеро Баҳром сипаҳсолор таъйин мекунад. Баъд аз ин Баҳром ду ақли мудаббири девон – Гушаспи дабир ва Ҷавонӯйро мефармояд, ки қарзи раиятро, ки аз насупоридани хироҷ ва андозҳои дигар ҳосил шуда буд, ҳисоб кунанд ва бибахшанд. Ҳамин тариқ, Баҳром дар рӯзҳои аввали подшоҳӣ ба фаҳми худаш корҳои мамлакатро рост мекунад ва баъд аз ин ба базму шикор дода мешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.438].

Дар натиҷа, ба қавли Табарӣ подшоҳони дигар ба мулки Баҳром ба чашми тамаъ нигаристанд. Ба таъбири Балъамӣ, «…худ ба лаҳв машғул шуд, то раияту мамлакат зоеъ шуд, маликони гирдогирди ӯ андар мамлакат тамаъ карданд» [Балъамӣ 2001, с.512]. Ба ин нукта Саолибӣ низ дар «Ғурар» ишора кардааст [Саолибӣ 2014, с.282]. Ҳамин тариқ, дар оғози бахши подшоҳӣ Баҳром чун симои ишратпараст низ тасвир мешавад.

Эпизоди III (V). Баҳроми Гӯр. Дар идомаи воқеаи боло Фирдавсӣ чеҳраи Баҳромро дар достонҳои хурд-хурд бозменамояд, ки ҳар кадом барои такмили шахсияти Баҳром ва тасвири характери хосси ӯ хизмат кардаанд.

1.Достони аввал дар бораи Ланбаки обкаш ва Бироҳими ҷуҳуд қисса шудааст, ки сюжети он чунин аст. Баҳром раҳи шикор аз атрофи шаҳре мегузарад ва дар ин ҷо пирамарде ба ӯ муроҷиат мекунад ва мегӯяд, ки дар шаҳри онҳо ду марде ҳастанд: «Яке бонаво, дигаре бенаво». Чаро ин ҳикоят ба Баҳром карда мешавад, ваҷҳ (мотиватсия) надорад. Яке яҳудии сарватманд, ки ахлоқи ҳамида надорад,

дигаре Ланбаки машкоб, ки ҷавонмард, меҳмоннавоз ва саховатпеша мебошад. Баҳром ба мунодие мефармояд, то ҷор занад, ки ҳеҷ кас оби Ланбакро нахарад. Сипас чун рӯз бегоҳ мешавад, худро ба сурати сипоҳие дароварда, тақозо мекунад, шабона сарпаноҳаш диҳад. Ланбак Баҳромро басо ба хубӣ меҳмоннавозӣ мекунад ва хоҳиш мекунад, ки як рӯзи дигар меҳмонаш бошад. Ланбак мехоҳад чанд машк об фурӯшад, вале касе оби ӯро намехарад. Ӯ чанде аз чизҳои худро мефурӯшад ва Баҳромро меҳмондорӣ мекунад. Рӯзи сеюм низ Ланбак баъзе чизҳои худро ба гарав мемонад, то Баҳромро меҳмоннавозӣ кунад. Ланбак мехоҳад, Баҳром рӯзи чорум ҳам меҳмонаш бошад, вале подшоҳ ин хоҳишро қабул намекунаду ба шикор меравад.

Бегоҳи рӯзи дигар пас аз шикор Баҳром ба хонаи Бироҳим кас мефиристад, то шабро он ҷо рӯз кунад. Бироҳим аввал ба ҳеҷ ваҷҳ Баҳромро қабул намекунад, сипас розӣ мешавад, ки подшоҳ ба хонааш дарояд. Вале бистар ва хӯрок намедиҳад. Инчунин шарт мегузорад, ки саргини аспашро низ пеш аз рафтан бирӯбад. Бироҳим мегӯяд:

Ба гетӣ ҳар он кас, ки дорад, хӯрад,

Чу хӯрдаш набошад, ҳаме бингарад [Фирдавсӣ  Д. 1966-7, с. 446].

Пас аз он, ки соҳиби хона май ҳам менӯшад, боз як ҳикмати амалиро ба Баҳром ёдрас мекунад:

Ҳар он кас, ки дорад, дилаш равшан аст,

Дирам пеши ӯ чун яке ҷавшан аст.

Касе к-ӯ надорад, шавад хушклаб,

Чунон чун тӯӣ гурсна ними шаб [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 446].

Рӯзи дигар Баҳром молу мулки Бироҳимро мусодира мекунад ва қисми зиёди онро ба Лабнак медиҳад.

Мо ин ҷо тасвири ба сурати шахси дигар даромадани подшоҳон ва паҳлавононро мебинем, ки дар «Шоҳнома» борҳо такрор шудааст ва як унсури меъёр ҳам мебошад.

2.Қиссаи дигар достони Баҳроми Гӯр бо Меҳрбандон мебошад. Ин қисса дар сию чор байт омадааст. Баҳром шикор меравад ва ба бешаи ҷаннатосое мерасад,

ки дар он ҷо на одамон буданду на чорпоён. Баҳром хулоса мекунад, ки ин ҷо ҷойи шерон аст ва ниҳоят, ду шерро мекушад. Аз даруни беша пирамарде мебарояд, ки аз дасти шерҳо ба дод омада буд. Баҳром он бешаро ба он пирамард мебахшад.

3.Қиссаи дигар достони Баҳроми Гӯр бо Кабрӯй аст. Хулосаи қисса чунин аст, ки меҳтаре дар базми шароб бештар май мехӯрад. Ба дашт мераваду аз мастӣ хобаш мебарад. Зоғи сиёҳе ӯро мурда гумон мекунад ва ду чашмашро кофта мегирад. Шоҳаншоҳ бар асари ин фалокат майро ҳаром эълон мекунад:

Ҳамон гаҳ баромад зи даргаҳ хурӯш,

Ки эй номдорони бо фарру ҳуш,

Ҳаром аст май дар ҷаҳон сар ба сар,

Агар паҳлавон аст, агар пешавар [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 455].

4.Қиссаи дигар достони кӯдаки кафшгар бо шер мебошад. Писари зангирифта наметавонад муҳри зани худро кушояд. Писар пас аз он, ки бо маслиҳати модар чанд ҷоми май менӯшад, кори худро бо занаш анҷом медиҳад. Чун ба берун мебарояд, мебинад, ки тифоқо, шере аз банд раҳо шудааст. Писар ба шер савор мешавад ва аз мастӣ хавфе намебинад. Баҳром чун аз модари писар тафсилоти воқеаро мефаҳмад, майро дубора ҳалол эълон мекунад. Ба андоза хӯрдани май ҳам таъкид карда мешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 458].

5. Сюжети дигар, ки ривоят мешавад, то ҷое бори «номаи шоҳон»-ро мекашад. Дар ин сюжет, ки дар наваду ду байт омадааст, сухан дар бораи вайрон шудани деҳе ва аз нав обод шудани вай меравад. Воқеа боз ҳам дар раҳи шикор мегузарад. Шикори Баҳром барор намегирад. Шоҳаншоҳ ба деҳи хурраме мерасад ва мехоҳад он ҷо фуруд ояд, вале даъваташ намекунанд. Баҳром боз тангдил мешавад ва ба мӯбад мегӯяд, ки ин деҳа:

Куноми даду доми нахчир бод,

Ба ҷӯй андарун обашон қир бод [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 459].

Мӯбад ба аҳли деҳа мегӯяд, ки шаҳаншоҳ Баҳром «Шуморо ҳама яксара кард меҳ». Хулоса, чун ҳама баробар мешаванду касе ба касе итоат намекунад, деҳа вайрон мешавад..

Соли дигар чун аз назди ин деҳ мегузаранду онро Баҳром харобу абгор мебинад, ба мӯбад дастур медиҳад, ки деҳаро обод кунад. Мӯбад чун аз пире дар ин деҳа мепурасад, чаро чунин вайронӣ шуд, пир ҷавоб медиҳад:

Биёмад яке бехирад мӯбаде,
Аз он номдорони бебар баде.
Ба мо гуфт: «Яксар ҳама меҳтаред,
Нигар то касеро ба кас нашмаред.
Ҳама яксара кадхудои деҳед,
Зану мард бар меҳтарон-бар меҳед.
Бигуфт ину ин деҳ пурошӯб гашт,
Пур аз ғорату куштану чӯб гашт [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 462].

Мӯбад он пирро меҳтар таъйин мекунад ва деҳа боз обод мешавад.

6. Боз ҳам дар раҳи шикор ҳикояти Баҳроми Гӯр бо чаҳор хоҳарон дар ҳафтоду ҳашт байт омадааст. Баҳром вақти бозгашт аз шикори бобарори нахчир ба деҳе меояд, ки фуқарои он деҳ оташе афрӯхта, ҷашне дар назди осиё доштанд. Чор духтар ба назди Баҳром мебароянд, ки ҳама номҳои покизаи эронӣ доранд: Мушкноз, Мушкинак, Нозёб, Савсанак. Ҳар чор духтари осиёбон буданд, ки дар шикори нахчир низ маҳорате дошт. Ба саволи аз воқеияти зиндагӣ, ки Баҳром медиҳад ва мепурсад, ки чаро духтаронро ба шавҳар намедиҳӣ, осиёбон ҷавоб медиҳад, ки ҷуфти муносиб надоранд ва дар ҷиҳезашон ҳам чизе андӯхта нашудааст. Баҳром розӣ мешавад, ки духтаронро бе ҷиҳез ба ӯ диҳад ва онҳоро ба занӣ мегирад.Ин ҷо метавонад тахмине ҳам ҷой дошта бошад, ки Баҳром метавонист духтаронро ба мақсади дигар ҳам гирад.

Дар солномаи сулолаи хитоии Бей Вей (386-534) дар бораи кишвари Боси – шоҳаншоҳии Сосониён – ишоре омадааст, ки «духтараконии хушрӯйро баробари ба даҳсолагӣ расидан подшоҳ ба дарбор мегирифт. Сипас онҳоро ба касоне, ки дар хидмат шоистагие доштанд, инъом мекарданд» [www. wikipedia.org].

7.Дар раҳи шикор ҳафтаи дигар пирамарде мехоҳад, ки шоҳаншоҳро бубинад ва аз мӯбад ҷавоби рад мегирад. Нафари маслиҳатгӯи Баҳром дар ҳама корҳо

мӯбад зикр шудааст. Чун ниҳоят пирамардро ба пеши Баҳром мебаранд, ӯ мегӯяд:

Ки бо ту сухан дорам андар нуҳуфт [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 473].

Мӯсафед мегӯяд, ки чун замини худро об медод, об ба замин ба сурохе фурӯ меравад. Тахмин мекунад, ки он ҷо бояд чизе бошад. Вақте замини даштро мекананд:

Зи кандан чу гаштанд мардон сутӯҳ,
Падид омад аз хок ҷое чу кӯҳ.
Яке хонае карда аз пухтахишт,
Ба соруҷ карда ба сони биҳишт [Фирдавсӣ  Д. 1966-7, с. 474].

Чун мӯбад ба даруни хона медарояд, хонаи паҳну дарозу баланде мебинад. Дар хона ду говмеши заринро ҳам мебинанд, ки ба охури зарин гӯё, ки бастаанд:

Забарҷад ба охур-дарун рехта,
Ба ёқути сурх андар омехта.
Чу ду гови гардун миёнаш тиҳӣ,
Шикамшон пур аз нору себу биҳӣ.
Миёни биҳӣ дурри хушоб буд,
Ки ҳар донае қатраи об буд.
Ҳамон говро чашм ёқут буд,
Зи пирӣ сари гов фартут буд.
Ҳама гирд бар гирди ӯ шеру гур,
Яке дида ёқуту дигар булур.
Тазарвони зарину товуси нар,
Ҳама синаву чашмҳошон гуҳар [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.474-475].

Вақте мӯбад ба Баҳром қиссаи ганҷро мегӯяд, подшоҳ мефармояд, ки ганҷ бояд ба номи касе бошад. Мӯбад:

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: Кардам нигоҳ,
Набиштаст бар гов Ҷамшедшоҳ.

Баҳром дар ин маврид мардонагие зоҳир мекунад, ки камтар назир дорад. Мефармояд, то ганҷро ба бенавоён тақсим кунанд, ба сипоҳ чизе аз ин ганҷ

нарасад. Хулоса, Баҳром аз гирифтани ганҷ худдорӣ мекунад, ки нишони ҷавонмардӣ мебошад. Пирамард, ки басо солхурда буд, дар базме ба Баҳром мерасонад, ки ин ганҷи Ҷамшедро «ганҷи Говон ҳамехонданд» [Фирдавсӣ Д.1966-7, с. 475]. Пир ба Баҳром сари таъзим фуруд меорад, ки шоҳаншоҳ ин ганҷро нагирифт, ба бенавоён дод. Ин афсона аз чанд ҷиҳат месазад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Аз нигоҳи рафтори Баҳром, аз нигоҳи тавсифи ганҷ, номи ганҷ ва ғайра. Дар ин ривоят воқеиятҳое инъикос ёфтаанд, ки афсона шудаанд. Масалан, пайкараи ду говмеш. Гов, ки дар баъзе оинҳо ҳайвони муқаддас ҳам шудааст, дар тамаддуни Байнананнаҳрайн ва дар китобҳои самовӣ мавқее ҳам дорад. Дар шаҳри бостонии Нимруд, ки дар сию ҳафт километрии шарқтари Мосули Ироқ ҷойгир аст, осоре аз он боқӣ мондааст, пайкараи бист махлуқ, ки ҷасади гов дораду сари инсон, то замони мо расидааст.

Боз ҳам дар шикор Баҳром, ки аз дарди шикам азият мекашид, бахонаи бозаргоне сипанҷ (меҳмони гузаро) мешавад ва панири куҳнаву мағзи бодом тақозо мекунаду пул ҳам медиҳад. Бозаргон ин корро намекунад ва ба ҷои панир мурғи бирён пешкаш менамояд. Ба ҷои бозаргон рӯзи дигар шогирди ӯ мурувват мекунад ва дастархони кироие мекушояд. Сипас Баҳром рӯзи дигар чун ба қароргоҳи худ мерасад, ба солори бор мефармояд, то бозаргон ва шогирди ӯро ҳозир кунанд. Бозаргонро якумра ғуломи шогирд таъйин мекунад. Ин ҳикоят ба андарзи накӯҳиши мумсикӣ тамом мешавад:

Бахилӣ макун эч, агар мардумӣ,
Ҳамоно зи ту кам кунад хуррамӣ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 483].

8. Баҳром ҳамоно бо майи равшану ҷому ромишгарону шикори подшоҳӣ мекунад. Дар яке аз шикоргоҳҳо дар илқлими Тур, ҳангоми шикори нахчир аждаҳоеро мебинад, ки ёл доштy ду пистон. Вақте ки Баҳром аждаҳоро мекушаду пора-пора мекунад, аз даруни шиками вай ҷасади марди барно намоён мешавад. Баҳром басо ба он мурда мегиряд, то ки чашмонаш тор мешаванд. Баҳром ташнаю аз хоб монда дар даште ба ҷои ободе мерасад ва ба хонае. Зани соҳиби хона ба тақозои Баҳром, ки сипанҷ диҳад, мегӯяд:

«Ту ин хона чун хонаи хеш дор» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 483].

Зан ҳатто сару рӯи Баҳромро: «К-аз он аждаҳо буд нотандуруст», мешӯяд, зеро «пири аблаҳ» – шавҳари ӯ чун меҳмон бирасад, аз пой мемонад. Як дастурхони тангдастона ҳам мекушояд, ки танҳо тара дошту сиркою нону мост. Пагоҳӣ ба «зишти ношустарӯй» – шавҳараш мегӯяд, ки барра бояд кушт, зеро ин савор бо нишонаҳо ва абзорҳое ба Баҳром монанд аст [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 487]. Дар ин лаҳзаҳои ривояти қисса беш аз ҳама баёни гуфтугузори зану шавҳар ҷолиби диққат аст, ки тақрибанн аз асри чор то имрӯз сари як мӯй дигар нашудааст. Занон ҳамеша бо рафтани умр эҳтроми худро ба шавҳарҳояшон коҳиш медиҳанд ва бештар аз истифодаи лексикаи ношоиста худдорӣ намекунанд. Шавҳар мегӯяд, ки ту чизе надорӣ, таънаи ҷовидон, ба болои ин зимистон дур нест. Аммо ба хости соҳибхоназан:

Бара кушта шуд ҳам ба фарҷоми кор,
Ба гуфтори он зан зи баҳри савор [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 487].

Дастурхони хубе ороста мешавад. Дар қатори хӯрданиҳо хоя низ буд, ки манзур аз он тухм аст. Майро зан дар каду пешниҳод мекунад. Фирдавсӣ, ки забони басе санҷида дорад, чун сухан дар бораи деҳот меравад, ҷом намегӯяд, зеро чунин таъбир дурӯғ мешавад. Каду мегӯяд, то манзара ба ростӣ инъикос ёбад. Чун Баҳром ба сухан гуфтан занро мехоҳад моил кунад, зан ҷовидона будани хадамоти хабаркаширо таъкид мекунад, ки боз ҳам аз фаросати Тӯс гувоҳӣ медиҳад. Зан мегӯяд, ки ин деҳа:

Ҳамеша гузори саворон бувад,
Зи девони шаҳ кордорон бувад.
Яке нома дуздӣ ниҳад бар касе,
Ки фарҷом аз он ранҷ ёбад басе [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 489].

Ин ҷо месазад ба истифодаи калими «дуздӣ» аҳаммият дод, ки ба маънои пинҳонӣ омадааст ва ҳоло ҳам дар баъзе шеваҳо ба ҳамин маънӣ ба кор бурда мешавад. Сипас зан чу мехоҳад говро бидӯшад, то меҳмондориро давом диҳад, дуое мехонад, ки хосси мусулмонон низ мебошад: Ба номи Худованди бе ёру ҷуфт.

Ҳикоят, ки печҳои дигар ҳам мегирад, оқибати хайр дорад ва подшоҳ ба роҳи рост ҳидоят мешавад.

9.Баҳром боз ба шикор меравад. Фирдавсӣ тафсилоти рикоби шикори подшоҳиро баён мекунад. Сесад савор аз бузургони Эрон, ҳар бузургро сӣ нафар парастанда, даҳ шутур бори нишастангаҳи шоҳ, ҳафт пил пеш-пеш, ҳар як теғзанро сӣ ғулом, сад шутур барои ромишгарон, саду шаст мурғҳои шикорӣ ва як мурғи сиёҳ, ки Туғро ном дошту ҳадяи Хоқон буд. Мо пасонтар ишора хоҳем кард, ки чунин хароҷотро хазинаи подшоҳӣ наметавонист ба осонӣ таҳаммул кунад. Ин хароҷот (ва хароҷоти ҷангҳо) шоҳаншоҳиро дар ҳолати ё арафаи ҳолати варшикастагии молиявӣ қарор медоданд. Баҳром ба тарафи соҳили баҳр меравад, ки пайваста ҳафт сол мерафт. Дар оби бахр мурғҳои обии зиёде буданд. Туғро уқоберо чанг мезанад ва парида нопадид мешавад. Баҳром бо чанд нафар ба тарафи парвози Туғро меравад ва ба боғе мерасад. Дар он боғ пирамардеро нишаста дар иҳотаи се духатаронаш мебинад. Туғро ҳам ёфт мегардаду Баҳром ҳам розӣ, ки меҳмони пирамард шавад. Базме ороста мешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с. 497].

Он се духтар, ки яке чомагӯ (шоир), дигаре чангзан ва дигаре раққоса буд, низ иштирок мекунанд. Номи духтаракон номҳои тоҷикона аст: Моҳофарид, Фаронак ва Шанбалид. Ба тақозои шоҳаншоҳ духтари чомагӯй дар сифати шоҳаншоҳ шеъре мегӯяд. Дар шеър, ки дар гузориши Фирдавсӣ, бешубҳа, нишонае аз шеъри давраи миёна метавонад бошад, подшоҳ – мардро «моҳрӯй» сифат мекунад. Чунин сифат ба шеъри классикӣ нагузаштааст. Сифати «моҳи фалак» ҳам дар шеъри классикӣ хосси мард намебошад. Сифате, ки хосси мард аст дар ин нишонаи шеър шоиста будани шоҳаншоҳ ба мақоми хусравӣ мебошад. Сифатҳои «ба дидор моҳ», «ба қомат соҷ», «миён танг», ба гулнор монанд будани чехраи шоҳ низ аз суннатҳои шеъри классикӣ намебошанд. Сутудани ҳунари сайёдӣ ва ҷанговарии шоҳаншоҳ, бешубҳа, аз фазилатҳои шеърофаринии адабиёти давраи миёна ва классикӣ мебошад. Баҳром ҳар се духтарро ба занӣ мехоҳад ва падари духтарон бо хурсандӣ розӣ мешавад. Ин қисса низ чандон

бори ҳамосаи шоҳонро намекашад, вале инсофан бояд гуфт, ки оғози салтанати Баҳром Гӯр дар тасвири Фирдавсӣ бештар айёшона аст, на шоҳона.

10.Дар шикори дигар, ба шумори Фирдавсӣ ҳаштум, Баҳром бо ҳазор савор ба дашт меравад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.502]. Дар шикор Баҳром боз ҳунари бемисл нишон медиҳад ва шоистаи таҳсини ҳамраҳон мешавад. Баъди шикор Баҳром ба бешае мерасад ва он ҷо ду шери жиёнро мебинад ва ҳар дуро нобуд мекунад. Сипас чӯпони гусфандонро мебинад ва аз ӯ мепурсад, ки ҷои соҳибони рамаро нишон диҳад. Чун аён мешавад, ки Баҳром духтари ягонаи соҳиби гусфандонро, ки гавҳарфурӯш ҳам буд, тақозо хоҳад кард, наздикони шоҳ аз чунин рафтори шоҳ изҳори нигаронӣ мекунанд. Гуфта мешавад, ки:

Шабистон мар ӯро фузун аз сад аст,
Шаҳаншоҳ ин гуна бошад, бад аст [Фирдавсӣ  Д.1966-7, с.506].

Муқаррабони дарбор афсус ҳам мехӯранд, ки:Табаҳ гардад аз хуфтухези занон, Ба зудӣ шавад суст чун бадтанон [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.507]. Фирдавсӣ дар овардани ҳамин маънӣ, яъне моҳияти маънии хуфтухез тасаввуреро талқин мекунад, ки дар доираҳои фарҳангии арабу мусулмонӣ роиҷ буд. Қавле мансуб ба Абумуслими Хуросонӣ машҳур аст, ки гӯё гуфта бошад: الجماع جنون و يكفى للانسان ان يتجنن مرة واحدة فى سنة «Ҳамхобӣ девонагист ва инсонро кофист, ки соле як боре девона шавад» [Ибн Халликон.1978-3, с.148].

Дар «Шоҳнома» мехонем:

Ба як моҳ як бор аз омехтан,
Гар афзун кунӣ хун бувад рехтан.
Ҳамин моя аз баҳри фарзандро,
Бибояд ҷавони хирадмандро [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.507].

Ба ин муносибат, метавон мулоҳизае пешниҳод кард, ки одати ҳарамдорӣ шояд дар оини подшоҳони эронӣ ва тобеони онҳо як одати муқаррарӣ ҳам будааст. Кристенсен ба нақл аз Плутарх оид ба Сурен, подшоҳи шохаи армании Ашкониён менависад, ки: «Ҳангоми лашкаркашӣ... дувист ароба махсуси ҳамли ҳамсарон ва ҳамхобагони ӯ буд» [Кристенсен 1980, с.8]. Ин печи хати инкишофи

сюжет низ ба муроди Баҳром анҷом меёбад ва шоҳаншоҳ он духтарро низ ба занӣ мегирад.

Дар ҳамин бахши ҳикояти Баҳром, Фирдавсӣ аз забони духтари гавҳарфурӯш, ки Орзӯяш ном ниҳодааст, чомаеро дар сифати Баҳром дар панҷ байт овардааст. Ин панҷ байт ҳам, ба ҷуз он ки дар оҳанги навои чанг суруда шудааст, дигар ба анъанаи шеърофаринии классикӣ намеғунҷад. Ба ривояти Фирдавсӣ, миёни Баҳром ба най, болои ӯ ба сарв, рухонаш ба гулнор монанд карда мешавад. Мо ин ҷо ҳамон манзараи гуфтани шеърро дар сифати мард мебинем, ки яке аз он се хоҳарони ҳикояти пешина дар бобати Баҳром намоиш дода буд.

11.Рӯзи дигар Баҳром боз сӯйи дашти нахчиргоҳ меравад ва дар ин нахчиргоҳ то як моҳ мемонад. Сипас ҳангоми бозгашт ба деҳе мерасад, ки меҳтари деҳ – Фаршедвард хонаи вайрона дошту гӯё сахт нодор ҳам буд. Хулоса, ки меҳтари деҳ Баҳромро ҳеҷ меҳмондорӣ намекунаду шоҳанҳоҳ баромада меравад. Чун Баҳром ҳангоми рафтан бо хоркане вомхӯрад, хоркан, ки Фирдавсӣ Дилафрӯзаш ном ниҳодааст, мегӯяд Фаршедвард марди бениҳоят сарватманд аст, аммо ҳеҷ сарфе намекунад. Дар ниҳояти ин ҳикоят Баҳром молу мулки Фаршедвардро ба фоидаи ниёзмандон мусодира мекунад.

Шоҳаншоҳи Сосонӣ Баҳроми V дар нигориши Фирдавсӣ боз ба шикори нахчир меравад. Ва рафти роҳ Баҳром анадке ба андешаҳои бебақоии рӯзгор дода мешавад. Чунончи, мегӯяд: «Кунун соли ман рафт бар сиву ҳашт» ва чун умри ҷавон ба чил бирасад: «Ғами рӯзи марг андар ояд ба дил». Вале ҳоло, ки ба чил нарасидааст, боз майю ромишу шикорро давом медиҳад. Баҳром бо шикори нахчир қаноат намекунад ва ба сайди шер мераваду бо шамшер ду шерро мекушад. Пеш аз ин Баҳром «Бипӯшид таркарда пашмин қабо» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.536]. Ин ишораи Фирдавсӣ, эҳтимол, пайванде ба палангина ва ё бабри ниё либоси ҷавшангунаи қадимиён дошта бошад. Ҳамон либос, ки Рустам дар ягона пораи ба забони суғдӣ расидаи худойномае дар ҷанге бо девон пӯшида буд [Юлдошев 2020, с.4].

Дар фароварди ин ҳикоят Баҳром шояд дар таъсири андешаҳои «фалсафӣ» як андарзе ҳам мегӯяд:

Мабодо ҷуз аз некуӣ дар ҷаҳон,
Зи ман дар миёни кеҳону меҳон [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.539].

Баҳром сахт таъкид мекунад, агар касе ба моли касе даст дароз кунад, ба уқубати сахт гирифтор мешавад:

Агар асп дар киштзоре кунад,
В-ар оҳанг бар мевадоре кунад,
Зи зиндон наёбад ба соле раҳо,
Савори сарафроз гар бебаҳо [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.540].

Шояд дар натиҷаи андешидани чунин тадбирҳо ҳатто дар дашт фаровонӣ ҳосил мешавад. Биёбон чу бозори Чин шуд зи бор. Мо ҳоло наметавонем ба кунҳи ин ташбеҳ фурӯ равем. Далелҳои воқеӣ камтар дорем. Вале, агар ба инобат гирем, ки нахустин корвони Шоҳроҳи бузурги абрешим соли 121 пеш аз милод аз водии Фарғона гузашта, рӯ ба Ғарб, аз ҷумла ба паҳноҳои Эроншаҳр, ниҳода буд, дар асри IV милодӣ дар худойномае пайдо шудани чунин ташбеҳ эҳтимоли қавитаре пайдо мекунад. Хосса, ки Шоҳроҳи бузурги абрешим аз асрҳои аввали ҳазораи якуми мелодӣ ба роҳи асосии тиҷорати ҷаҳонӣ табдил ёфта буд.

Ҳикоят бо ҳунар намудани Баҳром дар нахчиргоҳ тамом мешавад. Баҳром дар шикори гӯр ҳунаре нишон медиҳад, ки каси дигаре наметавонист нишон диҳад. Бо ҳамин нигориши умумии бахши «Подшоҳии Баҳроми Гӯр» печи дигар мегирад.

Эпизоди IV (VI). Баҳроми Гӯр. Дар ин эпизод сюжет аз он оғоз меёбад, ки ба ақидаи Фирдавсӣ, кишварҳои муқтадири атрофи шоҳаншоҳии Сосонӣ: Чину Турку Руму Ҳинд аз вазъи подшоҳии Баҳром огоҳ мешаванд:

Ки Бахромро дил ба бозист бас,
Касеро ба гетӣ надорад ба кас.
Талоя наю дидбон низ на,
Ба марз андарун марзбон низ на [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.540]

ва ба шоҳаншоҳӣ ҳар яке ҷудогона гӯиё лашкар мекашанд. Чунонки гуфта гузаштем, ба чунин рӯйдоди воқеӣ ва ё пиндорӣ Табарӣ, Абуалии Балъамӣ, Абумансури Саолибӣ ва дигарон низ ишора кардаанд [Балъамӣ 2001, с.512; Саолибӣ 2014, с.282].

Бино ба мақолаи Алӣ Акбарӣ Ҷаъфарӣ ва Ҳамидризо Пошозонус پاشازانوس «Чин дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» вожаҳо ва ибораҳои зерини вобаста ба Чин дар асоси нашри интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар ҳамосаи миллӣ зикр шудаанд: бозори Чин, бозаргонони Чин, тароифи Чин, хомаи Чин, қиртоси Чин, дебои Чин, аспони Чин, бути Чин, бутхонаи Чин, дарёи Чин, хоқони Чин, фағфури Чин, солори Чин, шоҳи Чин, шоҳаншоҳи туркон ва Чин, солори туркон ва Чин, гурдони Чин, бузургони Чин. Чунончи, вожа ва ибораҳои: Чин дар давраи асотирӣ 16, дар давраи ҳамосӣ 200 ва дар давраи таърихӣ 196 бор; хоқони Чин дар давраи асотирӣ наомадааст, дар давраи ҳамосӣ 83, дар давраи таърихӣ 230 бор; фағфури Чин дар давраи асотирӣ наомадааст, дар давраи ҳамосӣ 18, дар давраи таърихӣ 32 бор; Мочин дар давраи асотирӣ наомадааст, дар давраи ҳамосӣ 15, дар давраи таърихӣ 3 бор зикр шудаанд [Ҷаъфарӣ 2008, с.1-16]. Чунонки гуфта гузаштем, ибораи «бозори Чин» дар бахши подшоҳии Баҳроми Гӯр низ омадааст [Фирдавсӣ  Д. 1966-7, с.540].

Дар нигориши Фирдавсӣ, аз пайи огоҳ шудан аз вазъияти подшоҳии Баҳром хоқони Чин гӯё ба Эрон лашкар мекашад. Чун аъёни шоҳаншоҳӣ воқиф мешаванд, ки душман аз чанд тараф ба Эрон лашкар кашидааст, ба Баҳром суханҳои носазо мегӯянд ва изҳори ақида мекунанд, ки шоҳнашоҳӣ метавонад дучори шикаст шавад. Баҳром дар ҷавоб изҳори бим намекунад ва мегӯяд. ки чун Додори гетӣ ёвари ӯ мебошад, ин хатарро бартараф хоҳад кард. Зеро Баҳром, эҳтимол, аз сипоҳ дилаш пур буд. Ӯ ба таври сахт пиҳонӣ ғами лашкарро хурда буд. Бо ин ҳама, аъёни мамлакат умедашонро аз Баҳром мекананд. Баҳром бо эътимод ба сарлашкарону амирони минтақаҳо, ки Фирдавсӣ якояк ном мебарад:

Гузин кард аз эрониён шаш ҳазор,
Хирадманду шоистаи корзор [Фирдавсӣ  Д. 1966-7, с.549].

Баҳром подшоҳиро ба бародарашу вазир Нарсе вогузор намуда, ба сӯи Озарбодагон равон мешавад. Ва чун аз Порс «лашкари фаровон» намебарад, аъёни мамлакат хулоса мекунанд, ки Баҳром аз ҷанг гурехта, ба оташкадаи Озаргушасп, ки хосси подшоҳон ва сипоҳиён буд, рафт. Вайронаҳои ин оташкада, ки яке аз се оташкадаи муҳимми замони Сосониён буд, ҳоло дар атрофи мавзеи Тахти Сулаймон, дар шимолу ғарби остони Озарбойҷони Эрон воқеъ мебошад. Дар чунин ҳол, қайсари Рум фиристода равон менамояд, ки ӯро Нарсе қабул мекунад. Сипоҳиёни ранҷидаву аъёни мамлакат ба назди мӯбадон мӯбад омада, дар ҳузури Нарсе машварат мероянду хулоса мекунанд, ки вақте ба назари онҳо: «Чу аз хона овора шуд кадхудой», ба назди хоқони Чин фиристода равон кунанд, зеро:

Ки пеш аз баду ғорату тохтан

Зи ҳар гунае бояд андохтан [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.550].

Ба эътирози Нарсе, ки ҳаргиз ин корро нахоҳад кард, ба таъбири Фирдавсӣ, «эрониён» мӯбадеро фиристода интихоб мекунанд ва номаи таслим ҳам менависанд:

Сари нома гуфтанд мо бандаем,

Ба фармону роят сарафкандаем.

Зи чизе, ки бошад ба Эронзамин,

Фиристем бо пӯзишу офарин [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.552].

Фиристода ба хоқон, ки Фирдавсӣ шоҳи Тӯронаш ҳам мегӯяд, арз мекунад, ки Баҳром бо сипоҳи андаке аз Эрон фирор кард. Дар натиҷаи ин сафорат, хоқони Чин аз он, ки «чархи гарданда» «овард беҷанг Эрон ба чанг» изҳори хурсандӣ мекунад. Дар ҷавоб номае менависад, ки бо ситодани боҷ:

Ба Марв ояму з-остар нагзарам,

Нахоҳам, ки ранҷ ояд аз лашкарам [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.553].

Хоқон дар Марв нигарони боҷи эрониён ба «шикору маю маҷлису ною чанг» дода мешавад. Баҳром аз аҳволи хоқони Чин огаҳӣ дошт, зеро корогаҳон хабар медиҳанд, ки Хоқон куҷост ва чӣ лашкар дорад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.554]. Фирдавсӣ агар дар ин ривоят байни хоқони Чину хоқони Турк чандон

фарқе нагузошта бошад, дар тасвири кашидани хатти сайри ҳаракти лашкари Баҳром аз ҷое бо номи Озарбодагон то Марв роҳи воқеӣ тақрибан дуруст инъикос шудааст. Баҳром аз Омули Табарстон (на Омули лаби Ому – Чорҷӯ) мегузарад ва аз Гургону Нисо, то роҳи Марвро пеш гирад. Баҳром «роҳбаладди порсое» мегирад ва ба кӯҳу биёбон аслан шабона ҳаракат мекунад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.554].

Инсофан, дар биёбонҳои Қароқуму Қизилқум, ки агар тӯфон набошад, дид то даҳҳо километр аст, лашкар наметавонист ноаён ба Марв наздик шавад. Баҳром ҳоло дар назди оташкадаи Озаргушасп ба саворон фармон дода буд, ки ҳар савор ду аспи бебор гирад. Наванде (аспи тезрав) аз корогаҳон мерасаду хабар мерасонад, ки хоқон дар шикоргоҳ асту дар айшу тараб [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.554]. Истифодаи корогаҳон боз ҳам далели он аст, ки Баҳром истеъдоди ҷангии казоӣ дошт. Далели бо аспҳои тезрав таъмин будани корогаҳон низ аз ҳамин мулоҳиза гувоҳӣ медиҳад. Баҳром ба шикоргоҳ ҳуҷуми барқосо мекунаду Хоқони ноҳушёр асир гирифта мешавад. Ба қавли Фирдавсӣ, сесад тани дигар аз номдорони Чин низ ба асорат меафтанд. Дар Марв Баҳром қатли оми сипоҳиёни чинро анҷом медиҳад. Ҳар кӣ аз сипоҳиён рӯ ба гурез ниҳода буд, низ дар пайи таъқиб кушта мешавад. Ва боз як рахе, ки сирати писандидаи Баҳромро аз нигоҳи муаллифи асрҳои миёна таъкид мекунад:

Зи пирӯзии Чин чу сар барфарохт,
Ҳама комгорӣ зи Яздон шинохт [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.556].

Ба эҳтимоле, дар нигориши Фирдавсӣ Баҳром худотарс ҳам буд. Вагарна дар ибтидои таҳдиди хатарҳои беруна ба самти муқобил ба Озарбойҷон намерафт. Ба назари мо, рафт то аз раҳмати Парвардигори оташкадаи Озаргушасп шафоат пурсад.

Мулоҳиза. То ин ҷойи қисмати Сосониёни «Шоҳнома» Омулу Нисову Марв пас аз Чочу Шуғнон аз мазеъҳои Осиёи Миёна ва миёндуоби Мовароуннаҳр мебошанд, ки зикрашон гузаштааст.

Эпизоди V (VII). Баҳроми Гӯр. Баҳром баъд аз он ки чанд рӯзе дар Марв меосояд, аз роҳи Бухоро аз гузаргоҳи Фароб, ки на чандон дуртар аз Омул

(Чорҷӯ) воқеъ аст, Омуро мегузарад. Агар ба афсонагунаи гузаштани Кайхусрав аз Ҷайҳун бовар кунем [Фирдавсӣ Д. 1964-3, с.338], Баҳроми Гӯр дуюмин шоҳаншоҳи эронӣ мебошад, ки ба хоки миёндуоби Мовароуннаҳр ворид мешавад. Дар ҳамин роҳ Баҳром подгони турконро дар Моймурғ шикаст медиҳад. Мардуми бумӣ, ки Фирдавсӣ турконашон мегӯяд, зорӣ мекунанд, ки Баҳром хуни бегуноҳон нарезад. Шоҳаншоҳ, ба қавли Фирдавсӣ, «Ба дасти хирад чашми хашмаш будӯхт» ва ба хунрезӣ дар ин мавзеъ хотима гузошт. Сипас Баҳром ба Фароб бармегардад.

Дар Фароб Баҳром бо ҳайъати меҳтарони Чин ба истилоҳи сарҳадбонию сарҳаддории имрӯза, делимитатсияи хатти сарҳад ва ё доираи нуфузи шоҳаншоҳии Сосонию туркону Чинро мегузаронад. Ба таъбири Фирдавсӣ, мил мебарорад, яъне аломат мегузорад:

Баровард миле зи сангу зи гач,
Ки касро ба Эрон зи турку халач.
Набудӣ гузар ҷуз ба фармони шоҳ,
Ҳамон низ Ҷайҳун миёнҷӣ ба роҳ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.558].

Ба ривояти Абуҳанифаи Диноварӣ дар «ал-Ахбору-т-тивол», он аломат дар шакли манорае гузошта шуда буд [Диноварӣ 1911, с.58]. Калимаи «мил» ба маънои «сутуни марз» дар «Фарҳанги форсӣ ба русӣ»-и Ю.А. Рубинчик ҳам мавриди истифода қарор гирифтааст.

Бо он ки доираи нуфуз ба табъи Баҳром муайян карда мешавад, туркон итоатро ба шоҳаншоҳӣ ба гардан мегиранд. Шоҳаншоҳ амире ҳам ба ин паҳноҳо таъйин мекунад, то аз болои ситодани боҷ назорат кунад. Дар «Шоҳнома» Баҳром то Бухоро намеравад.

Ҳамин тавр, бори аввал дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» таъкид мешавад, ки бо хости ҷониби эронӣ хатти доираи нуфузи империяи Сосонӣ ва қаламрави қабилаҳои турк аз рӯди Ҷайҳун мегузарад. Месазад ишора намуд, ки корзори Баҳром ба урдуи Чин набуд, бо қабилаҳои турк буд, ки ҳанӯз даҳҳо сол пеш аз таъсис ёфтани Хоқонии ғарбии Турк (Западно-тюркский каганат) рӯ ба

ҷанубу ғарби даштҳои худ ниҳода буданд. Ҳамин мулоҳиза дар номаи Баҳром ба Нарсӣ ва эрониён ҳам таъкид шудааст, ки зикраш хоҳад омад.

Эпизоди VI (VIII). Баҳроми Гӯр. Пас аз анҷоми корзор бо туркон (ё хоқони Чин) Баҳром ба Нарсӣ нома менависад. Сари нома, ба қавли Фирдавсӣ, ба ҳамди Худованд бахшида мешавад. Сипас гирандаи нома – бародари шоҳаншоҳ ва бузургони эрониён номбар мешаванд. Дар нома сифати муҳорибаи хунин ва, аз ҷумла, асир афтодани хоқон, таъкид меёбад. Менависад, ки бадхоҳони мо супоридани боҷро ба зимма гирифтанд. Нома бо шутурони тезрав фиристода мешавад.

Баробари расидани нома бархе аз аъён, ки баробари таҳдиди «хоқони Чин» аз Баҳром рӯй гардонида буданд: «Ба пӯзиш ба наздики мӯбад шуданд», ба Нарсӣ илтиҷо кардаанд, ки:

Чу посух кунӣ нома аз хубу зишт,
Ҳамин пӯзиши мо бибояд навишт.

Нарсӣ илтҷоро қабул мекунад ва ваъда медиҳад, ки кинаро аз дили шоҳаншоҳ берун кунад. Дар ҷавоби нома Нарсӣ менависад, ки эрониён на аз душманию кин, балки аз ночорӣ ба хоқони Чин паноҳ бурданд ва акнун пӯзиш мехоҳанд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.561]. Чун фиристодаи Баҳром, ки Фирдавсӣ Бурзмеҳр меномад, номаро месупорад, Баҳром қабул мекунад, ки гуноҳи гунаҳкорон бахшида шавад.

Сипас як анбӯҳе бо ҳадяҳою барсам роҳи оташкадаро пеш мегиранд. Аҷаб, ки дар ин анбӯҳ мубадони «чағониву хатливу балхию, бухорию ғарча» низ буданд:

Чағониву хатливу балхӣ радон,
Бухориву аз ғарчагон мӯбадон .

Вобаста ба ҳамин байт гумон меравад, ки устод Муҳаммад Нурӣ Усмонов дар овардани калимаи дуюми садри байт чандон муваффақ набудаанд:

Чағонию чиглию балхӣ радон,
Бухорию аз ғарчагон мӯбадон [Фирдавсӣ М.1968-7, с.395].

Мантиқан, чун номгӯи мавзеъҳои як минтақа меравад, агар «чиглӣ» ба Чигил ҳам нисбат дошта бошад, пас Чигил ба ин минтақа намеғунҷад.

Месазад ишора кард, ки дар ин пораи ривояти Баҳром Бухорою Моймурғу Чағониёну Хутталу Балху кӯҳистони тоҷикнишин зикр шудаанд. Роҷеъ ба кӯҳистони тоҷикнишин, агар ба В.В. Бартольд такя кунем, одате буд, нахуст Ғарчистони болооби Марғобро (оби Марв) дар назар медоштанд ва сифати нисбии «ғарча»-ро ҳам ба ҳамин мавзеъ нисбат медоданд [Бартольд М. 1963-2\1, с.157]. Сипас ҳамин муаллиф бо руҷуъ ба «Китобу-л-ансоб»-и Абдулкарими Самъонӣ меоварад, ки Ғарчистони Самарқанд низ будааст [Бартольд М. 1963-2\1, с.197-198]. Пасон дар «Таджики. Исторический очерк» ва дар мақолае барои Энсиклопедияи ислом – «Таджики», маънои дар асрҳои миёна васеътар доштани этноними «ғалча\ғарча» зикр гардида, дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва пажӯҳишҳои олимони этнографи асри XIX мулоҳиза пешниҳод мекунад, ки ин этноним нисбат ба ҳама тоҷикони кӯҳистон ба кор бурда мешуд. Аз ҷумла, тоҷикони болоби Зарафшон, болооби Вахш, болооби Панҷ ва ғайра [Бартольд М.1968-2\1, с.458-459]. Ба В.В. Бартольд ҳеҷ не аз нигоҳи фарогирии сарчашмаҳо ва таҳлили пешаваронаи маълумоти онҳо метавон такя кард. Беҳуда нест, ки таълифоти ӯ, махсусан «Туркестан в эпоху монгольского нашествия», ба забонҳои халқҳои шарқ ва ҳатто ба забони арабӣ ҳам тарҷума шудаанд.

Бинобар ин ва мулоҳизаҳои дигар мо метавонам тахмине пешниҳод кунем, ки «ғарча»-и Фирдавсӣ, ба эҳтимоли қавӣ, ҳамон тоҷикони кӯҳистон ҳастанд. Чун дар матни байт «ғарча» пас аз Бухорою Чағониёну Хуттал омадааст, мантиқан аз эҳтимол дур нест, ки сухан дар бораи тоҷикони кӯҳистони миёндуоби Осиёи Миёна меравад, на Ғарчистони болооби Марғоби Марв. Аҷаб ҳам нест, ки чунин бошад, зеро дар ҳамин ривояти Баҳроми Гӯр аз Шуғнони болооби Панҷ ёд шудааст, ки шубҳае надорад. Агар ин тахмин то ба ҳадди хулосаи илмӣ бирасад, пас метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки тоҷикони кӯҳистони миёндуоби Осиёи Миёнаро ҳам «Шоҳнома» ва ҳам манбаъҳои вай фаро гирифтаанд.

Баҳром ва аҳли рикоби ӯ оташкадаи шояд Озаргушаспро дар Озарободагон мантиқан ба шукри пирӯзӣ аз болои «хоқони Чин» зиёрат мекунанд. Бо ҷавоҳироте, ки дар тоҷи «хоқони Чин» буд, мефармояд, деворҳои оташкадаро ороиш диҳанд. Сипас бо ғаниматҳои ҷанг ба Истахр – пойтахти тобистонаи Сосониён раҳсипор мешавад. Баҳром ба маблағҳои ғанимат мефармояд пулҳои вайронро обод кунанд, ба бенавоён, занони беваю кӯдакони ятиму пирони бетадбиру мусофирони берӯзӣ инъомҳо мекунад. Пас аз ин Баҳром роҳи Тайсафунро пеш мегирад ва сазовор пешвоз гирифта мешавад. Дар Тайсафун Баҳром чанде аз зиндониёнро озод ҳам мекунад. Ба муносибати бозгашт базм ҳам ороста мешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.564].

Эпизоди VII (IX). Баҳроми Гӯр. Рӯзи сеюми тантанаҳо ба муносибати бозгашти Баҳром «базми радон сохтанд» ва шоҳаншоҳ нависандаро даъват намуда, ба кордорони худ номаи андарз – дастур менависад [Фирдавсӣ Д.1968-7, с.564]. Ин ҷо бо ёдоварӣ аз он хулосаи пазируфтаи илмӣ, ки халифаҳои исломӣ, хоссатан аббосӣ, гунаи давлатдорӣ, аз ҷумла «номенклатураи» вазифаҳои давлатиро аз Сосониён гирифтаанд, метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки «омил»-и عامل халифаҳои аббосӣ ба маънои ҳокими як мавзеъ ҳамон «кордор»-и Сосонӣ мебошад.

Нома аз ҳамди Парвардигор сар мешавад. Пас аз ин байтҳо мурочиати Баҳром ба кордорон, ки онҳоро ба сифати «сарафрозу ҷангӣ саворони ман» ёд мекунад, шуруъ мешавад, ки дар оғоз як оҳанги итоб ҳам дорад: «Бинолад, набинад ҷуз чоҳу дор». Андарз нуктаҳои зеринро фаро гирифтааст: «Бикӯшед, то ранҷҳо кам кунед»; «Беозориву дод ҷӯеду бас». Сипас дар чанд байт таъкид мешавад, ки ҳамин гуна сиёсат Баҳромро бо «андак сипоҳ» аз болои душманони худ, аз ҷумла «хоқони Чин» пирӯз кард. Албатта, ба инояти Яздони пок. Сипас Баҳром андешаи асосии сиёсии худро таъкид мекунад:

Ба ҷуз бандагӣ пешаи ман мабод,
Ҷуз аз дод андешаи ман мабод [Фирдавсӣ Д. 1968-7, с.566].

Чунин таъкид, ки дар хутбаҳо ва андарзҳои подшоҳони сосонӣ нуктаи анъанавӣ мебошад, эҳтимол барои Баҳром аҳаммияте дошт. Хоссатан Яздони

зардуштиро парастидан ё ҷою беҷо изҳор кардан, ки шоҳаншоҳ худоҷӯю худотарс мебошад. Симои аҳримании падари Баҳром – Яздгирдро, чунонки ишора карда будем, бино ба хулосаҳои пазируфтаи илмӣ, асосан мӯбадон кашидаанд, ки Яздгирди Базаҳгар бо онон рӯйи хуш нишон намедод. Баъд аз ин бевосита Баҳром як изҳороти сиёссии дигар мекунад, ки аз он бӯйи, ба истилоҳи замони мо, популизм меояд:

Нахоҳам хироҷ аз ҷаҳон ҳафт сол,
Агар зердасте бувад, гар ҳамол [Фирдавсӣ Д. 1968-7, с.566].

Мантиқан Баҳром, ки нав аз ҷанг омада буду ҳокимияташ қариб аз даст рафта, наметавонист аз хироҷи мамлакат даст кашад. Чи аз онон, ки таҳти итоати подшоҳӣ ҳастанд, чи аз ҳамгинон (ҳамол). Ҳатто барои як сол, агар ба инобат гирем, ки дар «Шоҳнома» ҳафт чандон рақами воқеӣ ҳам нест. Фирдавсӣ вобаста ба ҳамин мавзуъ дар характеристикаи кордорон сифати худкома истифода бурдааст: Ба ҳар кордореву худкомае, Навиштем бар паҳлавӣ номае, ки маънои имрӯзаи тоталитариро дорад.

Пасон Баҳром ба як навъ эълон кардани, ба истилоҳи муосир, сиёсати иҷтимоӣ мегузарад. Нахуст таъкид мешавад:

Ки бо зердастон ҷуз аз расми дод,
Надоранду аз бад нагиранд ёд [Фирдавсӣ Д. 1968-7, с.566].

Маъно басо маъмулӣ аст ва пеш аз ин ҳам подшоҳон ҳамин нуктаро таъкид кардаанд. Дигар, фармон мешавад, ки рӯихатти дарвешонро (гадоёнро) тартиб диҳанд, то ҳоҷати онҳо бароварда шавад [«Шоҳнома» Д. 1968-7, с.566]. Дигар, ба асилзодагони ниёзманд низ як навъ кӯмак пешбинӣ карда мешавад. Зиёда аз ин, қарзи қарздорон, ки дасташон паст рафтааст, низ пешбинӣ мешавад, ки дар девонҳо сабт карда шавад ва аз ҳисобе пардохт шавад. Баҳром боз мефармояд:

Касе, к-аш бувад мояву санги он,
Диҳад кӯдаконро ба фарҳангиён.

Ин ҷо пайравӣ аз Ардашери Бобаконро мебинем, ки қариб, чунонки гуфта гузашта будем, «маълумоти ҳатмии ибтидоӣ» ҷорӣ карда буд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.566]. Андарз, ки рӯйи вароқи шоҳӣ навишта мешавад, онро муҳр мезананду

ба марзбонону фармонбарону доноёну «ҷанги сарон» бо наванду ҳаюн мефиристанд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.568].

Дар бораи бариди (почта) асримиёнагӣ ду сухан гуфтан шояд ҳашв набошад, зеро ин абзор то баромадани телеграфу поезду автомобил дар миёндуоби Осиёи Миёнаю паҳноҳои Хуросону Эрону Арабистон басо пешаварона кор мекард. Ҳатто дар замони хилофати Оли Аббос вазифаи «давлатие» буд, ки номаш صاحب البريد و الخبر (соҳиб-у-л-барид ва-л-хабар) буд. Убайдулло ибни Хурдодбеҳ (820-913), яке аз фозилони замон ва ҷуғрофии муътабар соҳиби бариди (начальник почты) яке аз музофоти хилофат буд. Вақте номаи Баҳром ба «ҷиҳатҳои дахлдор» мерасад, гирандагон хулоса мекунанд: «Ки ҳаст ин ҷаҳондор яздоншинос». Пасон мамлакат, дар тасвири Фирдавсӣ, ба базм дода мешавад.

Эпизоди VIII (X). Баҳроми Гӯр. Ин эпизод ба баъзе паҳлуҳои сиёсатҳои дохилӣ, аз ҷумла «кадрӣ» ва хориҷии Баҳром бастагӣ дорад. Баҳром як тағйироти муҳимми «кадрӣ» мегузаронад. Нарсӣ – бародари ӯ, ки басо вазн ва нақши сисёсии муҳим дошт ва давлатро бевосита идора мекард, ба Хуросон – каронаи шимолу шарқии мамлакат, ба истилоҳи аҳди ислом, чун волӣ фиристода мешавад. Баҳром аз Нарсӣ биме ҳам дошт, ки дар «Шоҳнома» инъикос нашудааст. Танҳо таъкид шудааст, ки:

Чу Нарсӣ бишуд, ҳафтае баргузашт,
Дили шоҳ аз андеша пардахта гашт [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.570].

Пасон Баҳром ба мавзуи фиристодаи (сафири) Рум рӯ меоварад, зеро ба ақидаи Баҳром, шаҳаншоҳи Рум:

Бузург асту аз Салм дорад нажод,
Ки тоҷаш Фаридун ба сар барниҳод [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.571].

Бинобар ин, ба пиндори Баҳром бо равон кардани фиристода:

Кунун мардумӣ карду фарзонгӣ,
Чу хоқон наёмад ба девонагӣ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.571].

Ин ҷо месазад ишора кард, ки муаллифони манбаъҳои «Шоҳнома», агар бовар кунем, ки онҳо аз рӯи гунаҳои ривояти Донишвар кор мегирифтанд, дар

асри VII ҳам бовар доштанд, ки ниёи онҳо Фаридун дар бобате манзалати ҳазрати Нуҳи набиро дошт. Чунонки гуфта гузашта будем, ба далолати Фирдавсӣ Фаридун ҳам одаму оламро ба се писараш, аз ҷумла Салм, бахш карда буд [Фирдавсӣ Д. 1964-1, с.137]. Баҳром ба мӯбад мефармояд, ки ба фиристодаи Қайсар иҷозати бор дода шавад.

Фирдавсӣ ҳоло то набарди Баҳром бо хоқони Чин ишора карда буд, ки он фиристода омада буд. Маълум нест, ин ҳама вақт, ки шоҳаншоҳ дар Тайсафун (ё Истахр) набуд, чаро сафири Рум бозгашт накард. Маълум нест, ки ӯ чиро интизор буд ва чаро? Баёни ин нукта дар «Шоҳнома» наомадааст. Баҳром ройи худро, ки чаро сафири Румро қабул мекунад, чунин ваҷҳ менамояд: Зи мардум наям дар ҷаҳон бениёз [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.571], ба густариши муносибатҳо ниёз ҳаст ва боқӣ мемонад.

Дар нигориши Фирдавсӣ, сифатҳои зерини сафири Рум зикр шудаанд: марди солхӯрда, соҳибмаслиҳат, боодоб, сухандон, хушовоз, хирадманду донишманд аст ва аз нажоди асилзодагон [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.570]. Вақте меҳтарони Эрон пас аз пойтахтро ба самти оташкадаи Озаргушасп тарк кардани Баҳром ба хоқони Чин номаи таслими подшоҳӣ менависанд, мӯбади «хирадманду бодонишу покрой»-ро сафир интихоб карда буданд, то номаро бирасонад. Фирдавсӣ ҳатто истоди (поза) сафири Румро, ки ба одоби ташрифоти асримёнагии дарборҳо мувофиқат мекард, огоҳона инъикос кардааст:

Ба каш кард дасту сар афканда паст,
Бари тахти шоҳӣ ба зону нишаст [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.572].

Ин ҷо калимаи «каш» метавонад ҷолиби диққат бошад, зеро имрӯз ҳам ин калима дар шеваҳои ҷануби Тоҷикистон ба маънои «оғӯш, бар, сина, бағал» истифодаи фаровон дорад.

Сипас Фирдавсӣ, ба истилоҳи имрӯза, сабти суҳбати подшоҳро бо сафир меоварад, ки наметавонад боиси тааҷҷуб набошад. Баҳром дар оғоз як навъ ваҷҳ ҳам мекунад, ки дар пазируфтани сафир таъхир шуд. Дар дипломатия одатан дар чунин ҳолатҳо узр намепурсанд ва худи ҳамин ваҷҳ кардан одоброро қоим медорад ва ба ҷои узр мегузарад. Сипас Баҳром изҳори омодагӣ мекунад, ки: «Сухан ҳар

чӣ гӯӣ ту, посух диҳам» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.572]. Умуман, сӯҳбат чунин оғоз мешавад, ки гӯё Баҳром хеле хайрхоҳ аст ва тақрибан аз рӯи принсипе, ки шайх Саъдӣ андаке кам аз ҳазор сол пас басо рехта ифода карда буд: «Бо он, ки дари сулҳ занад, ҷанг маҷӯ», амал мекунад.

Фиристода аз ситоиши подшоҳ шуруъ мекунад ва ба тақозои вазифааш худашро низ фаромӯш намекунад, то баробарӣ риоя шавад. Мантиқан фиристода аз номи қайсари Рум мебоист сухан гӯяд ва назари ӯро ба Баҳром расонад. Пас аз ситоиш, фиристода дуруди қайсарро ба шоҳаншоҳ мерасонад ва арз мекунад, ки ӯ супориш дорад, то ба ҳафт савол ҷавоб бипурсад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.573].

Баъд аз ин дар композитсияи ин ҳикоят як кӯтоҳие ба назар мерасад. Инсофан, давоми ҳикоят бори зикр ё бозгӯи суҳбати подшоҳро бо фиристодаи қайсари Рум намекашад. Ин ҷо мавзуъ аз доираи «муносибатҳои дуҷониба» тамоман берун меравад. Фиристода, эҳтимол, мехоҳад озмояд, ки муқаррабони подшоҳ то чӣ дараҷа донишманд ва бофаросат ҳастанд. Ӯ мепурсад, ки дарун чисту берун чист, зер чисту забар чист, бекарон чизу хор чист, ки номаш фаровон бибаранду ба фармонаш итоат кунанд [«Шоҳнома» Д. 1966-7, с.574]. Ҷавоб чунин ифода шудааст, ки дарун ҳаво, берун осмон, забар фарри Яздон, ки чун биҳишт аст, зер дӯзах ва «хирад дорад эй пир, бисёр ном» ва чизи бекарон осмони баланд аст [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.574].

Ба назари мо, Фирдавсӣ мехоҳад таъкид кунад, кишваре, ки дар он хирад ҳоким аст, равост, ки аз кишварҳои дигар, ки чунин нестанд, бож тақозо кунад. Вале ин чанд байт, ки бозгӯ кардем, наметавонад далели кофӣ бошад. Зиёда аз ин мо намедонем, ки санҷидани донишу фаросати кишвари дигар чӣ суде дорад. Аз тарафи дигар, мо ҳоло дар асоси матне, ки то ин ҷо таҳлил кардем, наметавонем бигӯем, ки Фирдавсӣ бо овардани ҳикояти саволу ҷавоби фиристодаи қайсару мӯбади Баҳром чӣ ҳадаферо мехост ифода кунад. Ё мулоҳизаи дигар ҳам метавон пешниҳод кард, ки аз суҳбати сафири Рум бо Баҳром ҳамин қадар то манбаи «Шоҳнома» ва худи Фирдавсӣ расидааст. Вале ба ҳар ҳол чунин «жанр» – «жанри пурсишу посух» ба адабиёти паҳлавӣ бегона

набуд. Назари гузарое ба осори расидаи паҳлавӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки чанд ёдгорӣ, аз ҷумла «Додистони динӣ», «Пурсишниҳо», «Хусрави Қубодон ва ҷавони наврас» ва ғайра дар жанри пурсиш ва посух нигошта шудаанд [Тафаззулӣ 2008, с.150-156].

Эпизоди IX (XI). Баҳроми Гӯр. Дар ин эпизод асосан нуқтаҳои назари Баҳроми Гӯр дар бораи ин ё он масъала баррасӣ хоҳанд шуд. Пеш аз ин Баҳроми Гӯр, ба қавли Фридавсӣ чи парешоние аз кори сипоҳ дошт, ки ин масъала бо пардохтани хизматонаи сипоҳиён ҳал карда мешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.574]. Сипас дар «Шоҳнома» бахше дар панҷоҳу чор байт омадааст, ки баёнгари назарҳои шоҳаншоҳ мебошад. Баҳром анҷумане мероояд ва назарҳои худро баён мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки бадкирдориҳои подшоҳон, аз ҷумла падараш, ҷой доштанд. Зеро падараш «Ба оби хирад ҷони тира нашуст» , дар натиҷа:

Ҳама зердастон печон шуданд,

Фаровон зи тундиш беҷон шуданд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.580].

Баҳром як омурзиши Парвардигорро барои падараш – Яздигурди I тавалло мекунад:

Зи мо бод бар ҷони ӯ офарин,

Мабодо, ки печад равонаш зи кин [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.581].

Мавзуи таваллои омурзиши гузаштагон, ки ба роҳи дуруст нарафта буданд, дар адабиёти исломӣ чанд мисоли басо машҳур дорад. Аз ҷумла, пурсидани ҳазрати Иброҳим омурзиши падари худ – Озарро [Қуръон, сураи «Тавба», ояти 114], гӯё пурсидани ҳазрати Муҳаммад омурзиши Абутолиб амаки худро [Сураи «Тавба», ояти 113] ва ғайра. Баҳром сабаби ба некию додгустарӣ рӯй овардани худро ваҷҳи дигар ҳам мекунад:

Агар бадкуниш буд падар Яздгирд,

Ба подоши ӯ дод кардем гирд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.583].

Умеде мебандад, ки худованд, Яздгирдро биёмурзад:

Бубахшад магар кирдгораш гуноҳ,

Зи дӯзах ба мину намояд-ш роҳ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.583].

Ба ҳама ҳол дар китобҳои самовӣ мавзуи аз Офаридгор пурсидани омурзиши гуноҳи гузаштагон, ки ба дини он пайғамбарон набуданд, ҷой дорад. Ва шояд гарде аз ин ақида ба оини зардуштӣ ҳам расида бошад.

То ба дараҷаи унсури сиёсати дохилӣ бардоштани оини мудоро – ҳалли мусолиматомези тамоми масъалаҳо – аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Баҳром мехоҳад роҳи додгустариро пеш гирад. Ҳеҷ не барои он ки пас аз мурдан номи ӯро ба бадӣ ёд накунанд. Ҳамон принсип, ки дар адабиёти исломӣ ҳам мақоми шоистае гирифтааст.

Пораи дигари ҳикояти Баҳром то ҷое мазмуни муҳокимарониҳои фалсафӣ ҳам дорад. Баҳром талқин мекунад, ки:

Шумо ҳамчунин чодари ростӣ,
Бипӯшед шуста дил аз костӣ [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.581].

Маънӣ дар маънавиёт ва адабиёти исломӣ ҳам чун мабдаъ (принсип) таъкид мешавад, аз اهدنا السراط المستقيم ояти мубораки сураи «ал-Фотиҳа» сар карда, то «Кас надидам, ки гум шуд аз раҳи рост»-и шайх Саъдӣ ва ғайра. Дар ростои муҳокимарониҳои фалсафӣ Баҳром ақида пешниҳод мекунад: «Ки ҷуз маргро кас зи модар назод». Бинобар ин ба назари ӯ зарур аст, ки:

Ҳама дасти покиву некӣ барем,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарем [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.583].

Баҳром мегӯяд кордоре, ки андаке ҳам зарараш ба фуқаро расад ё сӯхта мешавад, ё ба дор овехта [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.582]. Меафзояд, агар дузде палоси дарвешеро дуздад ва ё гусфандеро аз рама, товонашро подшоҳ аз хазина медиҳад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.582]. Шояд Баҳроми Гӯр яке аз нахустин подшоҳони эронӣ бошад, ки ғами маҷруҳони ҷангро хӯрда бошад:

Фиристам-ш яксола ганҷе дирам,
Надорем фарзанди ӯро дижам [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.582].

Сипас дар се байт раво ё нораво будани забҳ кардани говро аз рӯйи шариати зардуштӣ ёдрас мекунад. Чаро говро ва чаро маҳз дар ин ҷо маълум нест. Метавон чунин падидаро костагӣ дар композитсияи ҳамин бахш ҳам гуфт. Ё чунин донист, ки барои шоҳаншоҳ нигоҳ доштани говҳои барз чун воситаи

асосии киштани замин ва говони борбардор (ароба, аз ҷумла) чун воситаи асосии «нақлиёти» кишоварзӣ» басо муҳим буд.

Ҷомеаи Сосонӣ аз нигоҳи иқтисодӣ кайҳо ҷомеаи кишоварзӣ шуда буд. Баҳром ёдрас мекунад, ки рехтани «хуни говони варз» (барзаговҳо) нанге дар андаруни тамоми қаламрав мебошад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.583]. Куштани чунин гов он вақт раво, ки: «Зи пирӣ магар гов бекор гашт»-а бошад. Инчунин, куштани «гови раҳӣ» – гови борбардор ҳам хосият надорад. Фарраҳии мулк бардошта мешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.583].

Баъд аз ин таҷрибаеро талқин мекунад, ки:

Ба пирӣ ба мастӣ маёзед даст,

На неку бувад пири бодапараст [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.583].

Ин маънӣ ҳама вақт актуалӣ буд ва дар адабиёти форсу тоҷик хеле инъикос ҳам ёфтааст.

**Эпизоди X (XII). Баҳроми Гӯр**. Дар ин эпизод сухан дар бораи муносибат бо подшоҳи Ҳинд, ки Фирдавсӣ Шангулаш мегӯяд, меравад. Вазир Баҳромро огоҳ мекунад, ки подшоҳи Ҳинд аз адолат сар печида ва боис шудааст, ки мулк ошӯбзада шавад. [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.584]. Вазир ба Баҳром маслиҳат медиҳад, ки дар бораи ҳамин вазъият андеша кунад. Баҳром бо шунидани ин маълумот ба андеша фурӯ меравад ва ба қарор меояд, ки худаш шахсан ба Ҳинд, дар қабои фиристода равад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.585]. Ба ин муносибат, азбаски Баҳром мехоҳад дар қабои фиристода равад, номае ҳам омода мекунанд. Нома аз ҳамди анъанавӣ сар шуда, сипас ба накудошти хирад мегузарад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.585].Дар нома баъд ба Шангул ёдрас карда мешавад, ки:

Ниёи ту моро парастанда буд,

Падар пеши шоҳони мо банда буд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.586],

ки андак бӯи ҷанг ҳам мекунад. Сипас, оҳанги нома дурушттар мешавад, то ҳадде, ки аз номи Баҳром гуфта мешавад:

Туро бо далерони ман пой нест,

Ба Ҳинд андарун лашкаророй нест [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.586],

Дуруштии оҳанги нома то ба ҷое мерасад, ки Баҳром ба пиндори риоя нашудани шарте ба Шангул ҷанг эълон мекунад:

Агар бож бифрист, агар ҷангро

Биёроиву сахт кун тангро [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.587].

Дар охири нома таъкид мешавад, ки номаро «Ҷаҳондор Баҳроми яздонпараст» навиштааст, ки ба ғайр аз ҳама фазилатҳо, ки ин ҷо зикр нашудаанд, ӯ «Ситонандаи божи Суқлобу Рум» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.588]. низ ҳаст. Сақлоб ба маънии марзу буми славянҳои қадим дар ду чопи интиқодӣ – Москваю Душанбе як хел зикр шудааст. Бо гузоштани арҷ ба заҳмати омодакунандагони ҳар ду чоп, мо наметавонем рафъи шубҳа кунем, ки Сақлоб дуруст зикр шуда бошад. Ҳоло мо барои аз Дарбанд (Доғистони имрӯза) ва умуман, аз фарози шимолии қаторкӯҳҳои Кавказ ба самти шимолу ғарб фаротар рафтани географияи «Шоҳнома» далел надорем.

Баҳром номаро ба подшоҳи Ҳинд мерасонад. Дар расидан ба дарбори Шангулу бор ёфтан, Баҳром (фиристода) дучори ҳеҷ душворие намешавад. Пас аз хондани нома ҳарчанд подшоҳ ошуфта мешавад, ӯ аз фиристода изҳори хоҳиш мекунад, ки тундӣ накунад. Сипас ошкоро таъкид мекунад, ки Ҳиндустон божгузор нахоҳад шуд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.591]. Пасон ба таърифи имкониятҳои молиявию иқтисодию аскарии кишвараш мегузарад. Шангул пас аз таърифҳо ба таҳдид мегузарад ва таъкид мекунад, ки:

Гар оин будӣ ҳеҷ озодаро,

Ки куштӣ ба тундӣ фиристодаро.

Саратро ҷудо кардаме аз танат,

Шудӣ мӯягар бар ту пироҳанат [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.593].

Баҳром ҳам даъват мекунад, ки Шангул тундӣ накунад. Шоҳаншоҳ баъзе шартҳо ба миён мегузорад, то аз баҳри даъвои боҷ гузарад. Чунончи:

Гузин кун зи Ҳиндустон сад савор,

Ки бо як тан аз мо кунад корзор.

Нахоҳем бож андар он марзи ту,

Чу пайдо шавад мардиву арзи ту. [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.594].

Ҳарчанд Шангул ба фиристода мегӯяд: «Ки рои ту бо мардумӣ нест ҷуфт [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.594]», яъне фиристодаро солимулақл ҳисоб намекунад, бо ин ҳама фиристода ба базми навбатӣ даъват карда мешавад. Дар ин бобат метавон афзуд, дар нигориши бахши «Подшоҳии Баҳроми Гӯр» ва офаридани образи ин шоҳаншоҳ унсурҳои адабиёти ҷавонмардӣ ва айёрӣ бори дуюм аст, ки истифода шудаанд. Баҳром ба таври муқаррарӣ ба сари қудрат наомада буд.

Дар базм, бо фармони подшоҳ ба гуштӣ медароянд. Баҳром (фиристода) пас аз хӯрдани чанд ҷоми май аз Шангул хоҳиш мекунад, ки иҷозат диҳад, камар бубандад ва ба майдон дарояд. Шангулро ханда мегирад ва мегӯяд: «Агар зер оварӣ хуни эшон бирез». Баҳром, мусалламан, дар гӯштӣ ғолиб мебарояд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.596].

Рӯзи дигар дар чавгонбозӣ ҳам Баҳром ҳунаре нишон медиҳад. Шангул гумон мекунад, ки ин мард фиристодаи оддӣ нест [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.597]. Баҳром эътироф мекунад, ки ӯ на бародари шоҳи Эрон асту на меҳтари дигари воломақом ва илтимос мекунад, ки Шангул ба вай иҷозати рафтан диҳад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.598]. Шангул розӣ намешавад ва кӯшиш мекунад, ки Баҳром дар Ҳинд бимонад. Ҳатто ба воситаи дастури худ изҳори омодагӣ мекунад, ки Баҳромро сарлашкари хеш таъйин кунад. Баҳром боз розӣ намешавад ва мегӯяд:

Ҳар он кас, ки печад сар аз шоҳи хеш,

Ба бархостан гум кунад роҳи хеш [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.600]. Аз дастур хоҳиш мекунад, ба Шангул ин суханро расонад ва илтимос кунад, ки ба фиристода иҷозати бозгашт ба ватан диҳад. Шангул меранҷад ва аз пайи фикри нобуд кардани фиристода мешавад.

Шангул нахуст ба Баҳром пешниҳод мекунад, каркадани бешаро, ки ҳамаро, аз ҷумла ҳайвоноти дарандаро сар ба гурез ниҳода буду мардумони атрофро ба дод оварда, бикушад. Баҳром сарфи назар аз зинҳори ҳамраҳони эронияш, ки худро ба куштан надиҳад, розӣ намешавад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.603]. Баҳром аввал каргаданро аз «камони каёнӣ» тирборон менамояд ва сипас бо ханҷар сари ҳайвонро аз тан ҷудо мекунад. Ҳама ба Баҳром офаринҳо

мехонанд, магар Шангул, ки ҳеҷ намехоҳад, ки чунин марди паҳлавони далер ба Эрон баргардад. Ин дафъа Шангул куштани аждаҳоро мехоҳад. Баҳром ба куштани аждаҳо меравад. Ӯ аждаҳоро ҳамон тавре мекушад, ки каркаданро кушта буд. Ва боз ҳама, ба ғайр аз Шангул, офарин мехонанд

Шангул анҷумане мекунад ва маслиҳат мепурсад, ки агар: «Фиристодаро сар зи тан барканам» чӣ мешавад? Фарзонагон қотеона маслиҳат намебинанд, ки Шангул ба чунин кор, ки «Бари меҳтарон зиштномӣ бувад» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.609] даст занад. Сипас рӯзи дигар Шангул фиристодаро даъват мекунад ва дар сӯҳбати танҳо ба танҳо то Баҳром дар Ҳинд бимонад, мегӯяд, ки омодааст, духтарашро ба Баҳром ба занӣ диҳад. Баҳром чанде ба андеша меравад ва сипас яке аз се духтарони Шангул – Сапенудро ихтиёр мекунад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.610].

Эпизоди X (XII), а**.** Баҳроми Гӯр. Хабари корнамоӣ ва қаҳрамониҳои Баҳроми Гӯр дар Ҳинд то ба Фағфури Чин мерасад. «Фағфур» калимаи паҳлавӣ мебошад, ки маънои «писари молик ё Худо»-ро дорад. Ин ҷо бино ба луғатҳои муътабари тафсирӣ, «фағ» маънии «худо» ва «фур» маънии «писар»-ро ифода мекунад. Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ тақрибан ҳама подшоҳони Румро «қайсар», сарони туркро «хоқон» ва подшоҳони Хитойро «фағфур» гуфтааст. Фағфур мехоҳад, ки чунин паҳлавонро дар зери итоат ё назораташ дошта бошад. Чунонки дар бахши «Подшоҳии Анӯшервон» хоҳем дид, паҳлавононе чун Баҳром дар муҳорибаҳои ҳалкунанда чун қувваи асосӣ истифода мешуданд.

Фағфур ба «фиристодаи порсӣ» нома менависад ва Баҳромро даъват мекунад, ки ба Чин биёяд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.613] ва шароит хуб ҳам пешниҳод мекунад. Баҳром пешниҳоди Фағфурро намепазирад ва далел пеш меоварад, ки аз шоҳи Эрон дастуре ё иҷозате дар ин бора надорад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.615]. Чаро Фағфур фиристодаро дидан мехоҳад, маълум нест. Дар «Шоҳнома» баён нашудааст. Маълум нест, ки чаро бо напазируфтани даъвати Фағфур фиристода: «Ба полизи кина дарахте бикишт» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.614].

Дар ин ҳикоят як костагии композитсионӣ мушоҳида мешавад. Географияи ҳикоят низ басо озодона – бадеӣ баён шудааст. Каннуҷ, агар ҳамин Каннуҷи имрӯза – мавзее дар штати Уттар Прадеши Ҳинд бошад, аз қаламрави Сосониён дар масофаи дуртар ҷойгир буд. Маълум аст, ки аз қаламрави Чини воқеӣ ба қаламрави Ҳинди воқеӣ роҳи рост набуд. Сафоратҳо ё зиёратгарони Чин ба Ҳинд аз Уйғуристони таърихӣ, ағбаҳои Тёншону водии Фарғона то Самарқанду Тирмиз ва сипас аз роҳи Балх мерафтанд [Сюань-цзан 2012, с.10] Нуктае, ки дар ин ҳикоят сазовори диққат аст, он аст, ки дар ҳикоят шумори ҳайати фиристода баён шудааст. Сӣ нафар, агар сиро рақамаи воқеӣ ҳисоб кунем.

Эпизоди X (XII), б. Баҳроми Гӯр. Дар ин ҳикоят, ки ба мундариҷа ва қолаби нигориш фирори Шопури II Зулактофро аз банди қайсари Рум мемонад, Сапенуд, духтари Шангул розӣ мешавад, ки ба гурехтани фиристода – Баҳром аз асорати ифтихории подшоҳи Ҳинд мусоидат кунад. Дар нигориши Фирдавсӣ рафтори Сапенуд рафтори канизаки румиро нисбати Шопури Зулактоф мемонад. Сапенуд ҳам чун он канизаки румӣ мегӯяд, ки:

Яке ҷашнгоҳаст з-эдар на дур,
Ки созад падар-м андарон беша сур [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.617].

Ёдовар мешавем, канизаки румӣ ҳам ба Шопур гуфта буд:

Яке ҷашн бошад ба Рум андарун,
Ки марду зану кӯдак ояд бурун [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.330].

Чун рӯзи рафтан ба ҷаншгоҳ фаро мерасад, Баҳром ва Сапенуд ба он ҷо намераванд. Онҳо фирор мекунанд. Ба наздикии дарё Баҳром бо бозоргонони эронӣ вомехурад. Бозаргонон Баҳромро мешиносанд, вале Баҳром мефармояд, ки розро ошкор накунанд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.619]. Ҳамин тавр, онҳо то ба дарё мерасанд ва Бахром завраќе созонда, аз об бо Сапедун мегузарад. Шангул вақте ки огоҳ мешавад, аз пайи дастгир кардани Баҳром мебарояд. Шангул аз ин тарафи об духтарашро накуҳиш ва таҳдид мекунад. Баҳром ҷавоби муносиб медиҳад. Дар ҳамин ҷо иқрор мешавад, ки: «Шаҳаншоҳи Эрону Тӯрон манам» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.622]. Ваъда медиҳад, ки чун Сапенудро ба ман додӣ:

Ба Эрон ба ҷои падар дорамат,

Ҳам аз божи кишвар наёзорамат [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.622].

Шангул бо Баҳром оштӣ мекунад. Ин ҳикоят бо бастани паймони сулҳ ба анҷом мерасад:

К-аз ин пас дил аз ростӣ нашканем,

Ҳаме бехи кажжӣ зи бун барканем [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.623].

Эпизоди XI (XIII). Баҳроми Гӯр. Баҳром дар Эроншаҳр бо тамоми иззату икром пешвоз гирифта мешавад. Ба ин муносибат шаҳру кӯчаҳоро зинат ҳам медиҳанд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.624]. Рӯзи дигар ӯ анҷуман меорояд ва дар анҷуман хутбаи созгор эрод мекунад. Дар хутба пас аз ҳамди Парвардгор ба раият талқин мекунад, ки аз подшоҳ натарсанд:

Зи мо кас мабошед аз ин пас ба бим,

Агар кӯҳи зар дораду ганҷи сим [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.625].

Баҳром боз додгустариро ситоиш мекунад ва мегӯяд:

Яке ганҷ хоҳам ниҳодан зи дод,

Ки бошад равонам пас аз марг шод [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.626].

Сипас шоҳаншоҳ ба зиёрати оташи Озаргушасп меравад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.627]. Дар ин эпизод бори дигар додгустарии Баҳром ва худопарастию худотарсии ӯ инъикос ёфтаанд.

Эпизоди XII (XIV). Баҳроми Гӯр. Шангул чун аз гирубидори Баҳром огоҳ мешавад, ба воситаи мукотибаи дипломатӣ изҳори хоҳиш мекунад, ки ба Эрон сафар кунад. Фиристодаи Ҳинд бо ҷавоби хаттии мусбат ба кишвараш бармегардад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.628]. Подшоҳи Каннуҷро (Ҳинд) ҳафт подшоҳи дигар ҳамроҳӣ мекунанд: шоҳи Кобул, Синдшоҳ, Ҷӯгиёншоҳ, шоҳи Сандал, шоҳи Ҷандал, шоҳи Кашмир ва шоҳи Мултон [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.629].

Подшоҳи Ҳинд ва ҳамраҳони ӯ бо шукӯҳу шаҳомати хосса берун аз пойтахт, дар мавзеи Наҳравони наздики Тайсафун (Мадоин) пешвоз гирифта мешаванд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.630]. Шангул, ки асосан барои дидани духтараш ҳам омада буд, ду моҳ мемонад ва ҳама ин ду моҳро шоҳаншоҳи Эрон

бо меҳмони олимақом дар шикори нахчир мегузаронад. Пас аз муроҷиат, иҷозати бозгашт ба Ҳинд дода мешавад. Баҳром Шангулро се манзил гусел мекунад.

Эпизоди XII а. (XIVa). Баҳроми Гӯр. Ин эпизод ба хабари лашкар кашидани Баҳром ба империяи Рим бахшида шудааст. То ҷое ки мо медонем, ин хабар дар сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ ва «Шоҳнома» инъкос наёфтааст. Муаллифи юнонӣ Прокопий менависад, ки чун Феодосий ба ҷавонӣ расид, подшоҳи форсиён Варaран (Баҳроми Гӯр) бо лашкари анбӯҳе ба замини Рум ворид шуд. Вале ӯ ҳеҷ осебе нарасонд ва ба сабаби зерин ба кишвари худ баргашт. Феодосий ба назди форсиён чун сафир стратиги Шарқ Анатолийро бе ҳеҷ гуна мурофиқат фиристод. Вақте Анатолий ба наздики лашкари эрониён расид, аз асп пиёда шуд ва тарафи Баҳром равон шуд. Чун Баҳром мепурсад, ки кӣ ба назди ӯ омада истодааст, ҷавоб медиҳанд, ки сарлашкари румӣ. Баҳром эҳтироми фиристодаи Румро нисбат худ қадр мекунад, ва аспи худро мегардонаду роҳи ватанро пеш мегирад. Дар ниҳояти кор Баҳром сафири Румро қабул мекунад ва бо шартҳое, ки сафир пешниҳод мекунад, паймони сулҳ ҳам имзо менамояд. Як шарти пайймони сулҳ ҳамин буд, ки тарафҳои ҳампаймон дар наздикии марзҳои якдигар истеҳком ва қалъаҳои нав бунёд накунанд [Прокопий 1993, с. 9-10].

Эпизоди XIII (XV). Баҳроми Гӯр. Ин эпизод ба анҷоми рӯзгори Баҳром бастагӣ дорад. Ӯ ба фоли ситорашумар бовар дошт, ки гуфта буд:

Ки бошад туро зиндагонӣ се бист,
Чаҳорум зи маргат бибояд гирист [Фирлавсӣ Д. 1966-7, с.635].

Баҳром бист солро ба «шодӣ кардан» ҷудо карда буд, бист соли дигарро барои ободии мулк ва зиндагии раият:

Савум бист бар пеши Яздон ба пой,
Бибошам, магар бошадам раҳнамой [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.635].

Баҳром пас аз шунидани «ҳисоботи» вазир дар бораи вазъияти хазина ва бино ба фоли ситорашумар, ба поён расида истодани умр, гӯё аз баҳри гирифтани хироҷ мебарояд [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.636]. Кори дигаре, ки Баҳром дар поёни зиндагӣ мекунад, аз он сар шуда буд, ки мардони бенаво шикоят мекарданд, ки

чун тавонгарон наметавонанд май бо созу наво хӯранд. Баҳромро аз ин маълумот ханда мегирад ва ҳамин ҳам бошад, ба Шангул нома менависад, ки:

Аз он лӯриён баргузин даҳ ҳазор,
Нару мода бар захми барбат савор [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.641].

Пас аз омадани лӯриён Баҳром мехоҳад, ки онҳо ба кишоварзӣ ҳам машғул шаванд:

Ба ҳар як-яке гов доду харе,
Зи лӯрӣ ҳамехост барзигарӣ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.642].

Пас аз як соли таҷриба, ки натиҷае намедиҳад, Баҳром ба хулосае меояд, ки лӯриён дар Эрон ҳам дарбадар мешаванду ба гадоӣ рӯз мебинанд. Баъд аз ҳикояти хироҷу қиссаи лӯриён ба сари сол вазир хабари нохушояндро ба Баҳром арз мекунад:

Ки шуд ганҷи шоҳи бузургон тиҳӣ,
Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.643].

Баҳром ба ҷуз «Ҷаҳонро бад-он боз ҳил, к-офарид» [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.643] ҷавоби дигаре намегӯяд.

Баҳром, ба ақидаи муҳаққиқон, аз ҷумла Дяконов, чандон кишварро идора ҳам намекард ё намемондандаш, ки кунад. Ҳокимият феълан дар дасти вазир (вазург фраматар) Нарсе тамаркуз гирифта буд [Дяконов 1961, с.273]. Пагоҳи рӯзи дигар дар ҳузури аъёни мамлакат ва сипоҳиён Баҳром тоҷи подшоҳиро ба писараш Яздгирд ҳавола мекунад, зеро ба андешаи Фирдавсӣ:

Парастидани Эзид-ш омад рой,
Бияндохт тоҷу бипардохт ҷой [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.643].

Шаби ҳамон рӯз Баҳром дар бистари хобаш ҷон медиҳад. Чун одати тоҷикон:

Чиҳил рӯз сӯги падар дошт шоҳ,
Бипӯшид лашкар кабуду сиёҳ [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.644].

Ҳамин тариқ, ба ривояти Фирдавсӣ, Баҳром аз подшоҳони Сосонӣ подшоҳи дувум аст, ки дар зиндагиаш тахтро ба меросбари худ – писараш супоридааст. Вале мо намедонем, ки Фирдавсӣ ин фаразияро бар пояи чӣ гуфтааст. Зеро сарчашмаҳои таърихӣ ва ёдгориҳои адабӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд,

ки Баҳроми Гӯр дар шикор ба чоҳи бетаге афтидааст. Ба ривояти Абуҳанифаи Диноварӣ ва Табарӣ, Баҳром дар ботлоқе фурӯ меравад. Ҳама маблагузорӣ ва пофишориҳои модари ӯ, ки ҷасади Баҳромро пайдо кунанд, натиҷа намедиҳад [Диноварӣ 1911, с.58; Табарӣ 1979-2, с.26]. Назари бархе аз муҳаққиқон чунин аст, ки Баҳроми Гӯр ҳам эҳтимол кушта мешавад [Дашков 2008, с.120].

Низомии Ганҷавӣ дар «Ҳафт пайкар» фарҷоми зиндагии Баҳроми Гӯрро бо тафсили бештар овардааст. Чунончи, ӯ меоварад, ки:

Ҳафт мӯбад бихонд мӯбадзод,
Ҳафт гунбад ба ҳафт мӯбад дод,
Дарзад оташ ба ҳар яке ногоҳ,
Яъне он шуд, ки кардаш оташгоҳ [Низомӣ 1983, с.322].

Тасвири бадеии Низомӣ ишколе надорад, магар ин ки Баҳромро «мӯбадзод» гуфтани шоир ба қолабҳо намеғунҷад. Яздгирд мӯбад набуд. Маълум аст, ки қиссаи ҳафт гунбад дар «Шоҳнома» зикр нашудааст. Пасон Низомӣ менависад, ки чун Баҳром ба синни шастсолагӣ мерасад, аз сари сидқ худопараст мешавад [Низомӣ 1983, с.322]. Як байт пештар Низомӣ Баҳромро бо истиораи сарвбун сифат мекунад, ки он бӯе аз шеъри тоисломии ниёгони моро дорад. Сипас дар ривояти Низомӣ, Баҳром рӯзе ба шикор меравад ва мехоҳад ба танҳоӣ шикор кунад. Дар канори дашт оҳуеро мебинад ва:

Шоҳ донист, к-он фариштапаноҳ,
Сӯйи минӯш менамояд роҳ [Низомӣ 1983, с.322].

Баҳром аз паи он оҳӯ асп меронад ва чун оҳу ба ғоре паноҳ мебарад, Баҳром аз паси оҳу ба он ғор ворид гашта, нопадид мешавад. Кӯшишҳои лашкар ва модари Баҳром, ки мефармояд, чил рӯз ғору атрофи ғорро биканаанд, натиҷа намедиҳад. Ҷасади Баҳром ёфт намешавад.

Низомӣ таъкид мекунад, ки он мавзеъро «шиносандагон» «Ғори Баҳроми Гӯр хонандаш» [Низомӣ 1983, с.324]. Хулосаи ҳикояти дарозе, ки Низомӣ дар бораи нопадид шудани Баҳром овардааст (148 байт) шояд ҳамон аст, ки Баҳромро он фаришта ба осмонҳо бурд. Ҳамин тавр, дар ин бахши «Ҳафт пайкар» ду нукта таъкид мешавад. Яке он ки Баҳроми Гӯр дар шикор ҷон додааст.

Дигар он ки аз оҳанги нигориши Низомӣ Баҳром маргро ба ихтиёри худ гузидааст.

Баҳроми Гӯр шахсияти аз нигоҳи фарҳангӣ боистеъдод буда ва ё чунин ба қалам дода шудааст. Чунончи, Мутаҳҳари Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» дар симои Баҳром забондонеро ҳам тарошидааст. Муқаддасӣ менависад, ки Баҳром забонҳои «арабӣ, туркӣ, дарӣ ва ҳиравӣ»-ро медонист. [Муқаддасӣ 2015, с.206]. Баҳром, бешубҳа, забони арабиро медонист, зеро парвардаи муҳити арабӣ буд. Забони туркиро донистани Баҳром ниёз ба далелҳо дорад, зеро танҳо муҳориба бо Ҳайтолиён дар Пайканди Бухоро наметавонад далели туркидонии шоҳаншоҳ бошад. Забони дарӣ дар замони Баҳром ташаккул наёфта буд. Забони ҳиравӣ, эҳтимол, гӯиши мардуми Ҳирот мебошад. Ин ишора из нигоҳи инъикоси воқеият ҳамон пораи шеъриеро ба забони тоҷикӣ мемонад, ки Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» ва Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб» ба Баҳром нисбат дода буданд ва Баҳромро аз нахустин шоирони порсигӯй шуморида:

Манам он шери гала, манам он пили яла,

Номи ман Баҳроми Гӯр, кунятам Буҷабала» [Авфӣ 1957, с.21; Шарифзода 2011, с.3]. Х. Шарифзода дар бораи ин шеър, аз ҷумла, навиштааст, ки бар асоси ба вазну қофия ва муроoти назири он дур набудан, «гӯяндаи шеъри асил касе метавонист бошад, ки шеъри арабӣ ва қавонини шеърии аз он бархостаро бидонад. Баҳром дар миёни арабҳо тарбият ёфт, шеъри арабӣ мегуфт. Ва нахустин шеъри порсиро ба ӯ нисбат додан мулоҳизаи мантиқии дуруст аз ин мавқеи назар аст» [Шарифзода 2011, с.10].

Ҳамин тавр Баҳроми Гӯр шояд нахустин подшоҳи Сосонӣ бошад, ки ба мусоидати бевоситаи тарафи дигар – амирони Ҳира, ба тахт нишаст. Муваффақиятҳои Баҳром дар коррҳои подшоҳӣ чандон барҷаста инъикос наёфтаанд. Вале он ки Баҳром ҳуҷуми турконро ба андаруни Эроншаҳр дар ибтидои асри V нигоҳ дошт, дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳо таъкид мешавад. Рафъи ин хатар, агар ҳақиқати ҳолро гӯем, барои шоҳаншоҳии Сосонӣ чандон фоидаовар набуд. Баҳром розӣ мешавад ва созишномае ҳам имзо мекунад, ки нуфузи шоҳаншоҳӣ ба тарафҳои соҳили рости рӯди Ому дигар паҳн намешавад.

Тарафҳо мувофиқат мекунанд, ки оби Ому ҳамчун сарҳади шоҳаншоҳии Сосонӣ ва даштҳои зери нуфузи туркон эътироф карда шавад.

Дар охири подшоҳии Баҳром, чунонки зикраш омад, хазинаи подшоҳӣ холӣ мемонад.

## 2.3. Сужаҳои вобаста ба Яздгирд писари Баҳроми Гӯр ва подшоҳони дигар то Қубоди Парвиз

Дар «Шоҳнома» подшоҳии Яздгирд писари Баҳроми Гӯр, ки ба ҳисоби Фирдавсӣ ҳаждаҳ сол будааст, дар чопи интиқодии Душанбе ҳамагӣ дар бисту шаш байт омадааст. Ин бисту шаш байт танҳо як мавзуъ – андарз кардани шоҳаншоҳро бо бузургони қавм дар бар гирифтааст. Яъне, дар «Шоҳнома» танҳо хутбаи тоҷгузории Яздгирд инъикос ёфтааст, ки мусалламан, хусусияти анъанавӣ дорад. Дар хутба Яздгирди II ҳарчанд, албатта дар нигориши Фирдавсӣ, аз анъана берун нарафтааст, вале чанде аз маъниҳо ба гунаи дилчасптар ва гӯшнавозтар баён шудаанд. Чунончи:

Мар он чиз, к-онат наёяд писанд,
Макун ҳеҷ касро бад-он дардманд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.5].

Ин маънӣ ҳикмати мардумии тоҷиконаро ба ёд меорад, ки «кордро ба худат зан, дард накунад, ба олам зан». Яздгирд орзу дошт, тариқаи одилона ва покизаи давлатдориро ба раҳ андозад. Вале ин кор ӯро муяссар намешавад. Дар соли ҳаждаҳуми подшоҳӣ Яздгирд расидани аҷалро пай мебарад ва тахтро дар ҳузури «бузургону донандагон» ба писари дувумаш – Ҳурмуз вогузор мекунад. Чаро ин корро мекунад, дар «Шоҳнома» ваҷҳ нашудааст, вале назари Яздгирд оварда шудааст, ки:

Зи Ҳурмуз ҳаме ёбам оҳистагӣ,
Хирадмандию шарму шоистагӣ [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.7].

Пас аз як ҳафтаи супоридани подшоҳӣ Яздгирд вафот мекунад.

Табарӣ ва Балъамӣ дар бораи Яздгирд як нуктаеро ҳам овардаанд, ки ба муносибатҳо бо Рум бастагӣ дорад. Баробари ба подшоҳӣ расидани Яздгирд, ба қавли Балъамӣ, «малики Рум хироҷ аз вай бозгирифт ва вай Нарсиро бифиристод бо сипоҳ чунонки падараш фиристода буд, то малики Румро бо латофат бозоварад» [Табарӣ 1979-2, с.28; Балъамӣ 2001, с.518]. Натиҷа чӣ мешавад, дар «Таърихи Табарӣ» инъикос наёфтааст.

Подшоҳии Ҳурмуз писари Яздгирд (457-459). Подшоҳии Ҳурмуз, ба қавли Фирдавсӣ, як солу як моҳ давом кардааст. Ҳикояти подшоҳии Ҳурмуз дар «Шоҳнома , дар чопи интиқодии Душанбе дар бист байт омадааст ва дар ин бист байт сухан кунҳан аз талоши бародари калонии Ҳурмуз – Пирӯз барои гирифтани подшоҳӣ меравад.

Пирӯз аз шоҳи Ҳайтол мусоидат мехоҳад, то ба тахт соҳиб шавад. Фирдавсӣ маснади шоҳи ҳайтолиёнро «чағонишаҳ» мегӯяду номи подшоҳро Фағониш [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.8]. Дар ривояти Фирдавсӣ, Фағониш бар ивази ба ихтиёри ӯ вогузор намудани Тирмиз ва Висагирд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.8], ба ихтиёри Пирӯз лашкари иборат аз сӣ ҳазор нафарро вогузор мекунад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.8]. Ҳурмуз наметавонад чандон муқовимат кунад. Ҳурмуз, дар ривояти Фирдавсӣ, ба тақдир тан медиҳад ва ҷон ба саломат мебарад.

Аммо дар ривояти Табарӣ, ки хабари ба назди подшоҳи Ҳайтолиён рафтани Пирӯз таъкид мешавад, номе аз он подшоҳ зикр нашудааст [Табарӣ 1979-2, с.28]. Зикри мавзеъҳое, ки дар «Шоҳнома» омадааст, дар Табарӣ ҷой надорад. Аз мавзеъҳо танҳо Толиқон зикр шудааст, ки имрӯз низ ҳамин номро дорад [Табарӣ 1979-2, с.28].

Ба ривояти Табарӣ, Фирӯз (Пирӯз) бародари худ (Ҳурмуз) ва се нафарро аз хонадони ӯ ба қатл мерасонад [Табарӣ 1979-2, с.28]. Ба ин тариқ, дар ривояти Табарӣ, агар куштани Ардашер бародарони худро ба назар нагирем, қатли Ҳурмуз метавонад нахустин рӯйдоди бародаркушӣ дар таърихи подшоҳии Сосониён ба шумор равад.

Абуалии Балъамӣ дар хусуси рӯй ба мулки Ҳаётила ниҳодани Фирӯз ба забони равони тоҷикӣ менависад: «Чун Яздҷирд бимурд, аз паси ҳаждаҳ сол, ин Ҳурмуз бародари кеҳтар, ки пеши падар буд, мулк бигирифт. Ва он писари меҳтар, аз Сиистон ба сӯи мулки Ҳаётила рафт, ба Ғарчистону Тахористону Балх… Ва номи малики Ҳаётила Хушнавоз буд…Пас малики Ҳаётила Фирӯзро сипоҳ бидод ва Фирӯз бо Ҳурмуз – бародараш ҷанг кард ва Ҳурмузро бикушт бо се тан аҳли байти вай» [Балъамӣ 2001, с.518].

Ба тахти подшоҳӣ расидани Пирӯз, ки ба туфайли пуштибонии Ҳайтолиён сурат гирифтааст, тақдири бобояш Баҳроми Гӯрро ба ёд меорад, ки ӯ низ ба фазли пуштибонии амирони Ҳира ба тахт соҳиб шуда буд.

Ба мулоҳизаи М.М. Дяконов, пуштибонии подшоҳони аҷнабӣ амирони сосониро, ки мехостанд соҳиби тахт шаванд, барои империяи Сосонӣ оқибатҳои фалокатбор доштааст [Дяконов 1961, с.276]. Вале Саолибӣ дар «Ғурар» ҳикояти бо пуштибонии подшоҳи аҷнабӣ ба подшоҳӣ расидани Фирӯзро наовардааст. Саолибӣ бо зикри сар аз тан ҷудо шудани Ҳурмуз ва се тан аз хонаводаш, як манзараи риққатовареро тасвир мекунад, ки «ду бародар бо ҳам меҷангиданд ва мегиристанд. Ва боз ба ҳам тир мезаданду хун мерехтанд ва ашк меафшонданд» [Саолибӣ 2014, с.290; Саолибӣ 1963, с.574-575]. Ба назари М.М. Дяконов, вақте Ҳурмузи III дар Рай бо бародараш Фирӯз дар майдони набард буд, подшоҳиро модари онҳо Динак идора мекард [Дяконов 1961, с.276]. Фирӯз ба марги бародар мотам мегирад ва ҷасади ӯро то ба дахма гусел мекунад. Ин ҷо Фирӯз одоби ашрофони гузаштаро риоя менамояд. Мурдаи меҳтаронро, ки агар душман ҳам буданд, хор намекрданд. Чунонки, бино ба ривоятҳо, Искандар мурдаи Дороро, Табоки Ҷаҳрамӣ мурдаи Ардавони Ашкониро ва ғайра.

Он ки Фирдавсӣ шоҳи Ҳайтолиёнро дар Чағониён ҷой медиҳад, наметавонад мавзуи гуфтугузори ин таҳқиқ бошад. Дар ин бобат дар ин ҳикоят зикр шудани номи ду мавзеи соҳили рости Омӯ метавонад холӣ аз аҳаммият набошад. Тирмиз ҳоло ҳам ба ҳамин ном маъруф аст, аммо Висагирд тағйири ном кардааст. Вайрониҳои ин шаҳраки қадим дар ноҳияи Файзободи Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Подшоҳии Пирӯз (Фирӯз) писари Яздгирд (459-484). Подшоҳии Пирӯз, ки ба қавли Фирдавсӣ, беш аз ёздаҳ сол давом кардааст, дар «Шоҳнома», дар чопи интиқодии Душанбе, дар як саду сию ҳашт байт омадааст. Дар «Таърих»-и Табарӣ зикр шудааст, ки Фирӯз бисту ҳафт сол подшоҳӣ кард [Табарӣ 1979-2, с.28]. Дар адабиёти илмӣ тақрибан қабул шудааст, ки Фирӯз аз соли 459 то соли 484 подшоҳӣ кардааст [Ғафурӣ 2015, с.24]. Дар «Шоҳнома» Пирӯз чун аз бародараш Ҳурмуз хотирҷамъ мешавад, хутбаи анъанавии тоҷгузорӣ эрод

мекунад. Маъние, ки дар хутбаи Фирӯз то ҷое нав аст, он аст, ки ӯ аз Худованд умри дароз металабад.

Эпизоди I. Фирӯз. Дар оғози подшоҳии Фирӯз ба мамлакат, бар асари хушксолиҳои паёпай қаҳтӣ меояд. Ба ривояти Фирдавсӣ, соли чорум ҳам хушкӣ мешавад. Фирӯз аз пайи андешидани чораҳо меафтад. Чунончи ӯ фармон медиҳад, ки хироҷу навъи дигари андоз – газид гирифта нашавад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.10]. Боз фармон медиҳад, чи ғаллае, ки ҳаст, ба фурӯш бароварда шавад. Ва гову гусфандро ҳам «Ба нархе фурӯшад, ки ӯро ҳавост» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.11]. Яъне, Фирӯз нархро озод мегузорад. Ва таҳдиди ҷиддӣ мекунад:

Касе, к-ӯ бимирад зи ноёфти нон,
Зи барнову пирмарду занон,
Бирезам зи тан хуни анбордор... [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.11].

Бо ин ҳама, хушкии фарогир ҳафт сол давом меёбад ва танҳо дар соли ҳаштум боридани абри фарвардин вазъиятро дигар мекуна [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.12]. Дар хотираи таърихи халқҳои эронӣ он хушкӣ чунон монда будааст, ки ба ниҳоят расидани онро то дерҳои дер ҳар сол ҷашн мегирифтаанд. Ризо Ғафурӣ ба нақл аз «Осору-л-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ менависад, ки замони баргузории ин ҷашн ҳар сол рӯзи сиюми баҳманмоҳ буд [Ғафурӣ 2015, с.188]. Аммо бино ба матни интиқодии «Осору-л-боқия», ин ҷашн ба рӯзи сиюми даймоҳ рост меомада будааст [Берунӣ 1878, с.239]. Месазад зикр кард, ки Берунӣ одати обрезонро ба дурҳо, то ба замони ҳазрати Сулаймон ҳам бурдааст [Берунӣ 1878, с.215].

Муаллифи «Муҷмалу-т-таворих» менависад, ки: «Ва ҳафт сол қаҳт афтод дар аҳди ӯ ва борон наёмад. То Худои азза ва ҷалла раҳмат карду борон дод. Ва фарохӣ пайдо шуд. Ва он рӯз аз хуррамӣ оби борон ба якдигар ҳамерехтанд. Ва онро ид карданд. Ва ҳанӯз ба кор доранд. Он аст, ки дар тақвим нависанд «саббу-л-мои». Таҳиягари матни чопии «Муҷмалу-т-таворих» Алиризои Каёнӣ дар повароқи ҳамин иқтибос менависад, ки «Онро ба форсӣ «обрезон» гӯянд ва ин ҷашн то аҳди шоҳ Аббос (1588-1629) дар Табаристон ва Гелон барқарор буд» [Муҷмал 2013, с.101].

Маълум аст, ки дар фарҳанги мусулмонӣ оини талаби борон як нақши устувор дорад. Ба ҳукми ҳадиси саҳеҳ ба ривояти имом Бухорӣ ва имом Муслим ҳазрати Пайғамбар намози талаби боронصلوة الاستسقاء гузорида буданд [wikipedia.org 06.02.23].

Гузоридани намози истисқо дар ватанҳои мо ҳам расм шудааст. Мо ба гузоридани чунин намоз далели камтар дорем, аммо худоӣ дар талаби борон одате мебошад, ки ниёз ба далел надорад. Ба ҳукми шариат гузоридани чунин намоз барои занон ҳам нораво нест, агар аз паси мардон ин ибодатро анҷом диҳанд, на ба танҳоӣ. Дар ватанҳои мо занон шояд салоти истисқо намегузориданд. Далел надорем. Вале занони калонсол дар яке аз деҳаҳои машҳури Тоҷикистон – Далёни Боло то чанде пеш, агар борон наборад, обрезон (обпошак) мекарданд, то Парвардгор неъмати боронро арзонӣ дорад. Ва ин одатро «сусхотун» мегуфтанд. Дар болооби Вахшу минтақаи Дарвозу кӯҳистону кӯҳдомани Кӯлоб чунин одат, агар сол хушк биёяд, низ вуҷуд дошт ва дорад. Дар ин минтақаҳо номи ин одатро «ашагулон» мегуфтанд [Мухтасар 2016, с.27-28].

Табарӣ ҳафт сол будани хушксолиро таъкид менамояд ва меафзояд, ки ба туфайли сиёсати дурусти Фирӯз дар ин солҳои қаҳтӣ танҳо як нафар аз гушнагӣ ҳалок шудааст [Табарӣ 1979-2, с.28]. Дар бораи талоши Фирӯз ба муқобили қаҳтӣ Абуалии Балъамӣ менависад, Фирӯз фармуда буд, ки «таом аз шаҳре ба шаҳре мабаред. Ва агар ба шаҳр андар касе аз гуруснагӣ бимирад, ба бадали ӯ тавонгареро бикушед» [Балъамӣ 2001, с.518]. Саолибӣ дар «Ғурар» тақрибан ҳамин маъниро овардааст [Саолибӣ 2014, с. 290-291]. Муҳаққиқон, аз ҷумла, М.М. Дяконов, ба балои хушксолии тулонӣ гирифтор шудани подшоҳиро инкор намекунанд [Дяконов, с.276].

Эпизоди II. Фирӯз. Пирӯз пас аз растагорӣ аз он рӯзҳои танг ду шаҳристон месозад, ки якеро Фирдавсӣ Райи замони худ ва дигареро Ардабил ном мебарад. Бино ба ривояти Фирдавсӣ, аз Яздгирди I то Фирӯз подшоҳе аз подшоҳонӣ Сосонӣ ҳеҷ шаҳристоне насохта буд. Дар ривояти Табарӣ, Фирӯз се шаҳр месозад [Табарӣ 1979-2, с.29]. Балъамӣ ва Саолибӣ меоваранд, ки Фирӯз пас аз қаҳтӣ се

шаҳр сохта буд. Ромфирӯз дар ҳудуди Рай, Равшанфирӯз дар ҳудуди Гургон ва Ромфирӯзи дигар [Балъамӣ 2001, с.520; Саолибӣ 2014, с.291-292].

Ба ривояти Табарӣ, ки дар чанде аз ҳикоятҳо бо қиссаҳои «Шоҳнома» ҳамовоз нест, хабаре омадааст, ки метавон ба шумори сюжетҳои сайёр дохилаш кард. Чун ҳайбат ва воҳимаи ҳуҷуми лашкари Фирӯз Ихшунвор (Хушнавоз) ва атрофиёни ӯро фаро мегирад, яке аз муқаррабони Ихшунвор мехоҳад худро фидо кунад. Ӯ ба подшоҳ мегӯяд, ғами зану фарзандони ман ба зиммаи ту бошад, ту дасту пойи маро бибур ва маро дар раҳгузори лашкари Фирӯз гузор, то Фирӯз бовар кунад, ки ту ба ман зулми сахт кардӣ ва лашкар ба роҳе барад, ки ман нишон медиҳам. Ҳамин тавр ҳам мешавад. Он фидоии маъюб лашкари Фирӯзро ба баҳонаи бо роҳи наздик то ба қаламрави Ихшунвор бурдан, аз роҳи биёбонҳои беоб мебарад. Дар биёбон, ки ташнагӣ бештари лашкариёнро ба ҳалокат мерасонад, Фирӯз аз сирри фиреби он маъюб огоҳ мешавад. Вақте Фирӯз то ба мавзеи Ихшунвор бо боқимондаи андаки лашкар мерасад, ба Ихшунвор сулҳ пешниҳод мекунад [Табарӣ 1979-2, с.29]. Ҳамин ривояти Табарӣ дар тарҷумаи Абуалии Балъамӣ нисбат ба асли арабии сарчашма то ҳадде муфассалтар омадааст [Балъамӣ 2001, с.521-522]. Саолибӣ дар «Ғурар» ба моҳияти ривоят дар бораи ҳалокати лашкар дар биёбон ишора кардааст ва оварда, ки «Роҳнамоён роҳро гум карданд ва бештари сипоҳиён мурданд» [Саолибӣ 2014, с.292].

Ин ривоят дар нигориши Табарӣ ва Балъамӣ, ки дар зеҳнҳо ҷонфидоии Шеракро ба ёд меорад, дар «Шоҳнома» наомадааст. Шояд барои он ки дар «Шоҳнома» достони Дорои I, гузорандаи катибаи Бесутун ҷой надорад. Маълум аст, ки он чӣ Шерак карда буд, бо Дорои I ва лашкари ӯ карда буд. Омадани ин ҳикоят дар «Таърих»-и Табарӣ аз он метавонад гувоҳӣ диҳад, ки дар баъзе аз маъхазҳои Табарӣ, аз ҷумла баъзе аз худойномаҳо, достони Дорои I низ эҳтимол ривоят шуда бошад. Бино ба қавли Б. Ғафуров, қиссаи Шерак ва Дороро таърихнигори юнонӣ Полиэн нақл кардааст [Таджики 1972, с.72]. Полиэн дар «Стратегмаҳо» ҳамон гиреҳбандию гиреҳкушоии сюжети вобаста ба фидоии сакоӣ Шеракро овардааст, ки ягон шашсад сол пас, Табарӣ вобаста ба сюжети фидоии ҳайтолӣ оварда буд. [Полиэн 2002, с.235-236]. Ибни Мискавейҳ

(ваф.1030) ҳам дар «Таҷорубу-л-умам ва таоқубу-л-ҳимам» мазмунан ҳамон ривоятро овардааст, ки Табарӣ саду чанд сол пештар оварда буд [Ибни Мискавейҳ 2002-1, с.121-122].

Месазад ишора кард, ки бино ривояти Геродот пеш аз Шерак ҳам чунин ҷонфидоӣ будааст. Боз ҳам ба замони подшоҳии Дорои I ҳахоманишӣ ҳангоми муҳосираи Бобул сипоҳие бо номи Зопур гӯшу бинии худро мебурад, то бо ҳамин ҳила ба тарафи бобулиҳо гузарад ва сипас дарвозаи шаҳрро барои лашкари Доро кушояд. Дар ҳамин ривоят як нуктаи дигар мегузарад, ки наметавонад диққати муҳаққиқро ба худ накашад. Бобулиҳо, менависад Геродот, то хурду хӯрокро сарфа кунанд, ҳама занҳои худро, ба истснои як зан ба ҳар марде, куштанд [Геродот 1972, с. 214]. Маълум аст, ки дар ояти 151 сураи «ал-Анъом»-и Қуръони карим Худованд куштани аёлро аз хафви нарасидани хӯрду хурок маҳкум кардааст. Ба ин муносибат, метавон мулоҳизае пешниҳод кард, ки шояд ба замони то зуҳури ислом одати куштани занону фарзандон аз хавфи нарасидани ғизо одати густурдае дар байни қавмҳои сомӣ, аз ҷумла арабҳои ҷоҳилия, буда бошад.

Фирӯз бо паймони хаттие мувофиқат мекунад, ки лашкар ба қаламрави Ихшунвор накашад, тамае ба заминашон накунад, лашкар ҳам ба сарзамини онҳо нафиристад ва байни ду қаламрав сарҳаде муқаррар кунад [Табарӣ 1979-2, с.29]. Ба назари таърихдонони имрӯз, ин шикаст ва сулҳи нангини Фирӯз соли 469 сурат гирифтааст [Ғафурӣ 2015, с.188]. Эҳтимол, ҳамчун кафолати иҷрои паймони сулҳ, Хушнавоз (Ихшунвор) Қубод, хоҳараш ва мӯбади мӯбадонро гаравгон нигоҳ доштааст [Ғафурӣ 2015, с.189].

Фирӯз чанде пас, бино ба ривояти Фирдавсӣ, бо ташаббуси худаш ба ҷанги туркон меравад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.13]. Эҳтимол меравад, туркон сарҳадеро, ки ҳоло Баҳроми Гӯр муқаррар карда буд, гузашта бошанд. Хулосаи он амали Баҳроми Гӯрро дар бобати сарҳад Фирдавсӣ дар ҳикояти Фирӯз равшантар ифода кардааст. Ёдовар мешавем, сухан дар бораи тақсими доираи нуфуз мерафт, ки хатти тақсим аз дарёи Ому мегузашт.

Фирӯз чун «аломати марзӣ»-ро, ки Бахром гузошта буд, мебинад, мехоҳад он аломатро, чунонки аз ривояти Фирдавсӣ мантиқан бармеояд, аз соҳили рости Омӯ фаротар барад ва манорае бисозаду бигӯяд, ки ин манораро Баҳром гузошта буд. Хушнавоз ин икдоми Фирӯзро шикастани паймон мехонад. Дар чунин вазъият, ки аз он бӯйи хун меомад, Хушнавоз ба Фирӯз номае ба лаҳни дурушт менависад. Дар нома, аз ҷумла, мегӯяд, ки:

Чу паймони озодагон бишканӣ,

Нишони бузургон ба хок афганӣ.

Маро низ паймон бибояд шикаст,

Ба ночора бурдан ба шамшер даст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.14].

Хушнавоз таҳдиди кушоду равшан мекунад, ки аз паймон мебарояд. Фирӯз, дар навбати худ, дар ривояти Фирдавсӣ, чӣ мегӯяд, чандон равшан нест. Нахуст ӯ гӯё чак (ҳуҷҷат) мефиристад, ки «то пеши рӯди Тарак» қаламрави Хушнавоз аст. Тарак, ки дар чопи интиқодии Москва «Барак» омадааст, ки шояд дурусттар бошад ва ба оби Чирчиқи имрӯза далолат кунад:

Бигӯяш, ки то пеши рӯди Барак

Шуморо фиристод Баҳром чак [Фирдавсӣ М.1970-8, с.13].

Барои тақвияти ин мулоҳиза мо ду далел дорем. Дар матни Фирдавсӣ поёнтар сухан дар бораи Чоч ҳам меравад. Барак, ки тоҷикон оби Фаркат мегуфтанд, рӯде буд ва ҳаст, ки Тошкандро шодоб мекард. Дар байти дигар Фирӯз изҳори қаноат наменамояд ки:

Кунун то лаби руди Ҷайҳун турост,

Баландию пастию ҳомун турост.

ва таҳдид, ки: «Ман инак биёрам сипоҳе гарон» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.15].

Мукотибаи «дипломатӣ» ба нокомӣ наздик мешавад. Хушнавоз паймонро бо Баҳроми Гӯр асос шуморида, боз фиристодае бо номаи дигар равон мекунад, ки Фирӯз аз паймон набарояд. Дар охир таъкид мекунад, ки: «Аз ин пас нахоҳам фиристод кас» . Фирдавсӣ ҳолати равонии Фирӯзро пас аз хондани номаи охирини Хушнавоз чунин тасвир кардааст: «Пур аз хашм шуд шоҳи

гарданфароз» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.17]. Ӯ ба воситаи фиристода чунин таҳдид баён мекунад:

Гар аз Чоч як пай ниҳӣ пеши руд,
Ба нуки синонат фиристам дуруд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.17].

Ин ҷо, агар «Чоч»-и Фирдавсӣ ҳамон Чоч бошад, агар гӯем, ки ин ҷо муносибати озодонаи Фирдавсӣ ба географияи таърихӣ зоҳир нашудааст, пас сухан дар бораи мавзее меравад, ки дар минтақаи соҳили рости Сайҳун воқеъ мебошад. Он, ки туркон дар мантиқан фаротар аз минтақаи миёндуоби Мовароуннаҳр (дашти Қипчоқ) дар асрҳои IV-V ҳам бодиянишин буданд, чандон баҳсбарангез нест.

Хушнавоз бо ниёиш ба Худованд ба ҷанг омода мешавад. Ин ҷо ба назар мерасад, ки таъкиди Фирдавсӣ дар бораи Фирӯз – «Надидам набудаш касе раҳнамой» – пурра тасдиқ мешавад. Фирӯзи бетаҷриба аз як ҳилаи Хушнавоз, ки дар роҳи сипоҳи Фирӯз хандақ канда буд, ба ҳалокат мерасад. Чун сипоҳи Хушнавоз ба дурӯғ рӯ ба гурез медиҳанд, Фирӯз ва тамоми лашкар, ба ривояти Аҳмади Яъқубӣ (ваф.897), ба хандақ меафтанд [Яъқубӣ 1883, с.184-185]. Шоҳаншоҳ бо ҳафт нафар аз солорони сипоҳ сарозер меравад ва ба ҳалокат мерасад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.19].

Аз шаҳзодагон танҳо Қубод зинда мемонад. Дар «Шоҳнома» Хушнавоз, чунонки одати эрониён буд, ба мурдаи меҳтарони душман ҳеҷ эҳтироме намегузорад. Ба пои Қубоди ярадор завлона мезананд, ки ин амр то ҷое боиси тааҷҷуби Фирдавсӣ ҳам шудааст: «Зи тахту нажодаш накрданд ёд» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.20]. Аммо Табарӣ менависад, ки Хушнавоз, ба ҳар ҳол мурдаҳоро, аз ҷумла мурдаи Фирӯзро, ба тобутҳо мегузорад [Табарӣ 1979-2, с.30]. Аз ин ҷо метавон бо эҳтимоли бештаре хулоса кард, ки Хушнавоз одоби дафни ҷанозаи меҳтаронро ба ҷо овардааст.

Ба ривояти Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар» гӯё Анӯшервон ба Мовароуннаҳру Балху Хатлон лашкар кашида, подшоҳи Ҳайтолиён Ухшунвозро ба қасоси хуни бобояш – Фирӯз кушта бошад [Масъудӣ 1973, с.267].

Зиёда аз ин, Хушнавоз мехоҳад духтари Фирӯзро, ки Табарӣ Фирӯздухташ мегӯяд, ба занӣ гирад, вале духтар ин хоҳишро ӯро рад мекунад. Ғафурӣ ба нақл аз «Таҷорубу-л-умам» ва «Ниҳояту-л-араб» меоварад, ки гӯё дар ҷавоби хоҳиши Хушнавоз Фирӯздухт гуфта бошад, ки: «Дев бо одамӣ чӣ гуна ба ҳам меояд?». Гӯё ин ҷавоб боиси ғазаби Хушнавоз шуда бошад ва ӯ фармуда, ки духтарро шиканҷа кунанд [Ғафурӣ 2015, с.194]. Бо ҳамин қиссаи Фирӯздухт тамом намешавад. Кристенсен менависад, ки он духтар ба ҳарами Хушнавоз фиристода шуда буд [Кристенсен 1980, с.212].

Ёдовар мешавем, ки дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои арабӣ подшоҳони ғолиб духтарони подшоҳони мағлубро ба занӣ мегирифтанд ва духтаре ҳам муқовимат намекард. Шояд расм чунин буд. Ҳамин корро ба ривояти Фирдавсӣ, чунонки ишораҳо ҳам карда будем, Искандар, Ардашери Бобакон ва Шопури Ардашер кардаанд. То ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» Фирӯз нахустин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки дар ҷанги душман кушта мешавад.

Подшоҳии Балош писари Пирӯз (484-488). Подшоҳии Балош, ки ба қавли Фирдавсӣ, беш аз панҷ сол давом кардааст, дар «Шоҳнома», дар чопи интиқодии Душанбе дар яксаду наваду як байт омадааст. Подшоҳӣ аз хутбаи анъанавии тоҷгузорӣ сар мешавад. Маъние, ки дар ин хутба нав ба назар мерасад, ҳамоно таъкиди Балош аст, ки сиёсати оштиро гӯё пеш гирифтааст. Балош мегӯяд ҳатто касони баде, «ки хоҳад шудан шоҳи худро ҳамол», аввал бояд бо насиҳат ба роҳи рост андохт, сипас, агар нашавад «Чу напзирад аз хунаш афсар кунем» мерасад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.21]. Маънӣ чандон нав ҳам нест.

Сипас хитобе ба сипоҳиён мекунад, ки агар зердасте аз онҳо шикоят кунад, гунаҳкор ба ҷазои сахт гирифтор хоҳад шуд [Фирдавсӣ М.1970-8, с.18]. Балош ё аз забони Балош таъкид карда мешавад, касе даъво нанамояд, ки доно шудааст, ғалат мекунад. Агар чунин кунад, ӯро метавон нодонтарин инсон гуфт. Ба ҳукми анъана аъёни давлат ба ӯ офаринҳо мехонанд, яъне хутбаи тоҷгузории ӯро, ки ба таъбири навин баромади барномавии подшоҳи ҷавон мебошад, ба хубӣ мепазиранд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.22].

Эпизоди I. Балош. Дар ҳамин ҷойи бахши подшоҳии Балош ба бофти ривоят қаҳрамони нав – Суфарой ворид мешавад. Суфарой, вақте ки Фирӯз ба ҷангҳои Ҳайтолиён мерафт, дар пойтахт мемонад ва сарпарасти Балоши наврас буд. Илова бар ин, сипаҳбуди шерозӣ, ба қавли Фирдавсӣ, марзбони Кобулистону Зобулистону Бусту Ғазнин ҳам буд [ Д.1990-8,с.23]. Ин қавли Фирдавсӣ чандон ба мантиқи воқеияти тақсимоти маъмурии давлати Сосониён дар охирҳои асри V мувофиқат намекунад, вале дар ҳар се матни интиқодии мавриди истифодаи мо як хел омадааст. Дар бораи Суфарой муаллифи ин сатрҳо мақолае чоп карда буд [Юлдошев 2020, с.146-152]

Чун ба Суфарой хабари марги Фирӯз мерасад, ӯ ва сипоҳиёни ӯ як моҳ мотам мегиранд. Дар нигориши Фирдавсӣ мотам ҷое чил рӯз ва ҷое як моҳ давом мекунад. Дар тасвири азодории Суфарой илова бар ҷома даридан (ва сиёҳу кабуд пӯшидан), як нуктаи дигар – зи сар баргирифтан кулоҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.23; б.30] сурат мегирад, ки то ин ҷойи бахши Сосониён ба назар нарасида буд. Зиёда аз ин дар тарҷумаи Бундорӣ омадааст, ки азодории Суфарой бо акобири Зобулистон сари луч ва пои луч сурат гирифта буд [Бундорӣ 1932, с.111]. Шояд месазад ишора кард, сари луч ва пойи луч гирифтани мотам ба одат табдил наёфтааст ё инъикосе дар «Шоҳнома» надорад.

Барои подшоҳи ҷавон – Балош масъалаи асосии сиёсии ӯ хостани кини падараш – Фирӯз шуда буд. Суфарой бо дастури подшоҳ ба гирд овардани лашкар шурӯъ мекунад. Бо дарназардошти паҳлӯҳои бадеии «Шоҳнома», бояд бовар кард, сарфи назар аз шароити дар остонаи варшикастагии молиявӣ қарор доштани шоҳаншоҳии Сосонӣ [Ғафурӣ 2015, с.189], ба Суфарою Балош муяссар мешавад, ки то сад ҳазор лашкар гирд кунанд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.23]. Агар «сад ҳазор»-ро рақами воқеӣ ҳам нашуморем, ин кор ҳаргиз кори осон набуд. Чи гуна «дирам доду он лашкар обод кард» маълум нест, зеро ҳоло, чунонки гуфта гузашта будем, дар рӯзҳои охирини подшоҳии Баҳроми Гӯр вазир ба шоҳаншоҳ арз карда буд, ки хазина холӣ мебошад [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.643].

Сипас Суфарой, ба назари Ғафурӣ, ҳарчанд ба Балош муроҷиат мекунад, то иҷозати ҷанг диҳад, аммо мувофиқати подшоҳро интизор нашуда, ба ҷанги

Хушнавоз меравад [Ғафурӣ 2015, с.196]. Кин ё қасос дар оини пешиниёни мо зарурате таҷовузнопазир буд. Хулосаи илмии хрестоматие ҳаст дар бораи кини Сиёвуш, ки бори охирин шояд Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» соли 940 зикр карда бошад, ки чӣ гуна ба замони ӯ мардуми Бухоро ёди қасоси Сиёвуш мекарданд. Пеш аз ин, андаке бештар аз сесад сол Борбад ёди қасоси Сиёвуш мекард. Вобаста ба кини Сиёвуш метавон ба тариқаи масъалагузорӣ арз кард, ки чун одате монанд ба маросими Ошуро (бахши хостани кини саййиду-ш-шуҳадо) дар халқҳои дигари сомӣ ба мушоҳида нарасидааст, шояд ин маросим ба зоҳир пайванде ба маросими кини Сиёвуш дошта бошад

Суфарой бо лашкар то ба Марв мерасад ва номае ба Хушнавоз менависад. Оҳанги нома, ки дар сездаҳ байт омадааст ва шояд яке аз номаҳои калон дар «Шоҳнома» буда, басо қасосхоҳона аст. Нома таҳдидҳои ҷиддиро фаро мегирад. Ҳувайдост, ки номаро сипоҳӣ гуфтааст. Дар байтҳои нахустин таҳқири мухотаб ҷой дорад, ки ба мукотибаи дипломатӣ хос намебошад Хушнавоз то чанде оқилона ҷавоб менависад. Ӯ ба тарс аз Худой даъват намуда, зикр мекунад номаҳое, ки ӯ ба Фирӯз навишта буд, таъсир накарданд, дар натиҷа шоҳаншоҳ кушта мешавад. Дар охир ба оҳанги нармтар таҳдиди ҷиддӣ ҳам мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.27].

Дар «Шоҳнома», дар ҳамин гуфтугузор як ишораи бааҳаммият ҳам рафтааст. Масофаи байни Марв ва мавзеи Хушнавозро як ҳафтаина роҳ гуфтааст, ки фиристода бо нома тай кардааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.27]. Ин масофа имкон медиҳад, мулоҳиза пешниҳод кунем, ки аз нигоҳи Фирдавсӣ Хушнавоз дар куҷо буд.

Суфарой, чунонки одати марди сипоҳӣ мебошад, баъди хондани нома, «ба дашном бикшод гӯёзабон» ва омодагӣ гирифт, ки ҷангро сар кунад. Агар дуруст бошад, ки ҷойи ҷангро Хушнавоз Пайканди Бухоро муқаррар карда буд: «ба Пайканд шуд, размгоҳе гузид», вале гуфта нашудааст, ки лашкари Суфарой Омӯро аз куҷо гузашт. Пайканд, бино ба маълумоти ҳама ҷуғрофиёни араб охирин мавзее буд, дар поёноби Зарафшон, поёнтар аз Бухоро. Дар атрофи

Пайканд Зарафшон дар рег нопадид мешуд. То Ому пас аз милод ва шояд пештар ҳам Зарафшон ҳаргиз нарасидааст.

Маъракаи Пайканд бо баромадани офтоб бо риояи ҳама тартиби сафоройӣ (маймана, майсара, қалб, талоя) сар мешавад. Маъракаро Фирдавсӣ басо хунин тасвир мекунад:

Замин шуд зи хуни сарон обгир...

Ба ҳар сӯ, ки дидӣ тале кушта буд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.29].

Суфарой аз қалбгоҳ ба майдон медарояд. Хушнавоз, ки аввал «бичунбиду омад ба тундӣ фароз» пасон аз ҳайбати Суфарой рӯ ба гурез мениҳад:

Бидид он, ки шуд рӯзгораш дурушт,

Инонро бупечиду бинмуд пушт [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.29].

Суфарой аз паси Хушнавоз асп меронад, вале Хушнавоз муваффақ мешавад, ки ба куҳандиж паноҳ барад. Фирдавсӣ бо лаҳни ҳамоса манзараи корзорро ҳунармандона тасвир кардааст. Суфарой ҳама ғаниматро ба сипоҳ мебахшад. Ӯ хулоса мекунад, ки имрӯз кор, ба ҳукми тақдир, ба коми дили мо буд ва вазифа мегузорад, ки:

Ба кини шаҳаншоҳи Эрон шавем,

Бар ин диж ба кирдори шерон шавем [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.30].

Аммо пагоҳи рӯзи дигар боз аз Хушнавоз фиристода меояд ва шарти сулҳ пешниҳод мекунад. Шарт бозгардонидани тамоми асирон ва ғаниматҳои ҷанг бо Фирӯзро пешбинӣ мекард. Хушнавоз уҳдадор мешавад, ки ба Эрон лашкар накашад. Ҳамчунин, шарт гузошта мешавад, ки тарафи эронӣ аз паймоне, ки бо ҳайтолиён дар бораи сарҳад ва ё доираи нуфуз дошт, берун наравад. Суфарой танҳо қарор қабул намекунад. Мефармояд, то фиристода номаро ба лашкар бихонад. Пас аз машварат Суфаро қарор мекунад, ки:

Фиристодаро нағз посух диҳем,

Бад-ин оштӣ ройи фаррух диҳем [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.30].

Дар ҷавоб боз қавл медиҳад, ки:

Зи Ҷайҳун ба рӯзи даҳум бигзарем

В-аз он пас ҳаме хокро наспарем [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.33].

Эпизоди II. Ин эпизод зоҳиран бастагӣ ба бозгашти Қубод, фарзанди калонии Фирӯз дорад, ки дар асорати Ҳайтолиён буд. Ба моҳият эпизод, ки дар чопи интиқодии Душанбе дар сию нӯҳ байт омадааст, аз афзудани нуфузи Суфарой ҳикоят мекунад, ки дертар ба таъбири имрӯза, табаддулоти давлатӣ ҳам гузаронида буд.

Нахуст, дар базме, ки Балош ба муносибати бозгашти Қубод меорояд, ҳама сарояндагон Суфароро ситоиш мекунанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.36]. Дигар, Суфарой дар давоми чор сол нуфузи бемонанд дошт:

Набудӣ ҷуз он чиз, к-ӯ хостӣ,
Ҷаҳонро ба рои худ оростӣ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.36].

Вақте чунин вазъият сурат мегирад, ӯ «ба чарбӣ бипардахт гоҳ аз Балош» Ин мисраъ чунин маънӣ дорад, ки табаддулот бо роҳи осоишта бе хунрезӣ гузашт. Суфарой муқаррар менамояд, ки Балош лаёқати подшоҳӣ надорад, ӯро барканор мекунад ва ба ҷойи ӯ бародараш Қубодро ба тахт мешинонад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.36]. Тақдири ояндаи Балош чӣ мешавад, дар «Шоҳнома» наомадааст. Вобаста ба табаддулоти давлатии Суфарой метавон бори дигар дурустии мулоҳизаи эроншиноси советӣ Дяконовро таъкид кард, ки навишта буд, пас аз Шопури II подшоҳон бозичаи дасти аъёни давлат шуда буданд [Дяконов 1961, с.287].

Роҷеъ ба Балош, чунонки Ғафурӣ қайд мекунад, дар сарчашмаҳо ҳамоҳангӣ нест. Масалан, Саолибӣ менависад, ки Балош дар ҷавонӣ бо аҷали худ мемирад. [Ғафурӣ 2015, с.198]. Саолибӣ як байти шоири тавонои араб Абутаммомро меорад, ки аҷзи вай чунин аст:رايت الكريم الحرليس له عمر «Бидидам ҷавонмарди озодаро, ки умр намебинад» [Саолибӣ 2014, с.296].

Балош, ҳамин тавр, нахустин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ аз тахт барканор шудааст.

## 2.4. Сужаҳои вобаста ба образи Қубоди Парвиз

Подшоҳии Қубоди Пирӯз, ки ба қавли Фирдавсӣ, чил сол будааст, дар «Шоҳнома – чопи интиқодии Душанбе дар се саду ҳаштоду панҷ ва дар чопи интиқодии Москва дар се саду ҳаштоду нуҳ байт омадааст.

Нахуст Қубод идораи подшоҳиро аз Истахр ба Тайсафун мегузаронад. Хутбаи тоҷгузории Қубод анъанавӣ буда, нуктаҳои зеринро фаро гирифтааст:

а) подшоҳ тақозо мекунад, ки аз ӯ чизеро пинҳон накунанд. Яъне, подшоҳ бояд огоҳ бошад, ки дар шоҳаншоҳӣ чӣ мегузарад;

б) подшоҳ эълон мекунад, ки ҳамрӯза омодааст, бузургони қавм ва раиятро бипазирад ва дарди онҳоро шунавад;

в) подшоҳ салоҳ медонад, ки раият ростгӯ бошанд ва дурӯғ нагӯянд. Маънӣ басо густарда аст ва дар китобҳои муқаддас ҳам чун ҳукми шаръӣ зикр шудааст;

г) подшоҳ талқин мекунад, ки ғазабро фурӯ нишонанд ва бахшанда бошанд;

д) подшоҳ таъкид мекунад, ки адолатро аъёни давлат бипазиранд ва қадр кунанд;

е) подшоҳ мегӯяд, ки кинаҷӯӣ накунанд ва кинахоҳ набошанд;

ё) Қубод мегӯяд, ки агар подшоҳ дурӯғгӯ бошад, дурӯғ ба ҷанг мекашад ё ҷангро мехезонад;

ж) Қубод мегӯяд, ба ҳар сухан бояд гӯш дод ва суханро шунид;

з) Ӯ мегӯяд, агар донанда тамаъкор бошад, дониши ӯ бор намедиҳад;

и) Қубод мегӯяд, ки доно набояд шитоб кунад;

к) Қубод мегӯяд, ки доно бояд дили лашкариро ҳам ёбад ва дар накӯҳиш кардан хоксорӣ нишон диҳад;

л) Қубод сахтдастиро (мумсикиро) накӯҳиш мекунад;

м) Қубод таъкид мекунад, ки агар фурӯмояе даъвои бузургӣ кунад, чунин даъворо девонагӣ бояд донист;

н) Қубод мегӯяд донистани айби худ фазилат аст, ҳеҷ не ки айби дигарон нахоҳанд ҷуст;

о) Қубод чунин мегӯяд, ки «сутуни хирад» бурдборӣ (сабр) мебошад. Шитоб ва ё тезӣ кардан ба хорӣ мебарад;

п) Қубод мегӯяд, агар ба доди Худой хурсанд шавӣ, тавонгар ҳам мешавӣ;

р) Қубод талқин мекунад, ки: Тани марди беранҷ беҳтар зи ганҷ. Ба назари мо, дар чунин хутбаҳо бори аввал аст, ки аҳаммияти саломатӣ таъкид мешавад;

с) Қубод фазилати саховатро таъкид мекунад ва мегӯяд, агар тани саховатпеша ҳам бимирад, номаш ҳаргиз намемирад;

т) Қубод даъват мекунад, ки ҳама некӣ кунанд, то ҷаҳонро ба бад насупоранд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.37-38].

Чун қоида ва ба ҳукми меъёр, ҳама меҳтарон офарин мехонданд. Ба ҳама ҳол мо аз Ардашер то Қубод ҷое надидем, ки аъёни давлат ба хутбаи тоҷгузории подшоҳе муносибати дигар баён карда бошанд. Ба истисной хутбаи Яздигурди I, ки Фирдавсӣ ва сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба ӯ чандон рӯи хуш нишон надодаанд.

Эпизоди I. Қубод. Рози аз тарафи Суфарой ба подшоҳӣ шинондани Қубодро Фирдавсӣ, ки то ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» ҳеҷ касеро, ба истисной Яздгирди I маломат накардааст, андаке ба оҳанги таассуф кушодааст. Ӯ менависад:

Ҷавон буду солаш се панҷу яке,
Зи шоҳӣ варо баҳра буд андаке [Фирдавсӣ  Д.1990-8, с.38].

Чун кори ҷаҳон Суфарой мебурд, ба қавли Фирдавсӣ, ки талхтар баромадааст: «Қубод андар Эрон набуд кадхудой» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.39]. Ва боз бо оҳанги таассуф дар нигориши Фирдавсӣ омадааст, ки ба номи Қубод як ҳокимияти худкомае ҷорӣ шуда буд:

На мӯбад буд ӯро на фармонраво,
Ҷаҳон буд ба дастурии Суфаро» [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.30].

Чун Қубод дар чопи Душанбе бисту як, дар чопи Москва бисту сесола мешавад, Суфарой иҷозати бозгашт ба Шероз мепурсад. Маълум нест, ки ба иҷозат рафт, вале маълум аст, ки ба қавли Фирдавсӣ, хеле бо шукӯҳу шаҳомат рафт ва ӯро: «ҳама буд ҷуз тахти шоҳаншаҳӣ». Суфарой одат накарда буд, ки

тахти фармони касе бошад. Рафтори Суфарой ҳасади ҳарифони ӯро бедор менамояд ва онҳо ба Қубод талқин мекунанд, ки чорае бояд биҷӯяд. Қубод мегӯяд, ки ӯ сарлашкаре надорад, ки бо сипоҳ ба муқобили Суфарой биравад. Фарзонае маслиҳат медиҳад, ки подшоҳ метавонад ба Шопури Розӣ эътимод кунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.41].

Қубод чун боварӣ ҳосил мекунад, дар мамлакат солоре ҳаст, ки метавонад ҳисоби Суфаройро ёбад, дастур медиҳад, фиристода ба Рай равад ва Шопурро даъват кунад, то ба даргоҳи подшоҳ ҳозир шавад. Фиристода, ба таъбири Фирдавсӣ, дуаспа ба Рай равона мешавад. Ин таъбир, ки маънии раҳ то раҳ савори аспи чорхез будани фиристодаро дорад (дар ҳар дави асп одатан аспи дигаре меистод, то фиристодаро бо ҳамон суръат ба сӯи манзил бибарад), ба монанди калимаи хусур дар достони Баҳроми Гӯр аз ҳамон лексикони Фирдавсӣ аст, ки то имрӯз дар ватанҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба ҳамон маънӣ ба кор бурда мешаванд.

Ҳарифони Суфарой ба подшоҳ бесабаб Шопури Розиро маслиҳат надода буданд. Ба нигориши Фирдавсӣ таъкид мешавад, ки Суфарой душмани Шопур буд. Шопур бо лашкари худ ба Тайсафун равон мешавад. Қубод ба Шопур шикоят мекунад, ки ӯ ба ном шоҳ аст ва Суфароро дар назар дошта, тақозо менамояд, ки:

Бибояд гусаст аз ҷаҳон ранҷи ӯ...
Ҳама Порс чун бандаи ӯ шуданд,
Бузургон парастандаи ӯ шуданд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.40].

Вале Қубод аз фиристодани сипоҳ ба Шероз то пайдо шудани Шопур дар муодилаҳои сиёсӣ худдорӣ мекунад, то масъала ба ҷанг напечад. Шопур пешниҳод мекунад, ки як номае ба Суфарой бо лаҳни дурушт бояд навишт. Шопур номаи подшоҳро бо лашкаре мебарад. Суфарой ҳам бо лашкари муносиб Шопурро пешвоз мегирад. Дар нома тақозо шуда буд, ки Суфарой ба ҳабс гирифта шавад. Суфарой камоли мардӣ зоҳир мекунад ва мегӯяд, агар подоши хидматҳояш банд бошад, ӯ муқовимат намекунад. Тақдири минбаъдаи Суфарой

ба маслиҳати мӯбад ҳал карда мешавад. Чун чи дар Тайсафун ва чи берун аз он Суфарой тарафдорони бешумор дошт, мӯбад таъкид мекунад, ки:

Гар ӯ андар Эрон бимонад дуруст,

Зи шоҳӣ бибояд туро даст шуст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.45].

Бинобар ин мӯбад маслиҳат медиҳад, ки: «Бадандеши шоҳи ҷаҳон кушта беҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.45]. Ҳамин тавр ҳам мешавад.

Ин сюжет дар нигориши Табарӣ ва Балъамӣ аз нигоҳи ҷузъиёт печи дигар дорад. Дар маҷлиси Қубод сипаҳбуд Шопур гулӯи Суфароро (дар навишти Табарӣ Сухаро) бо банд мепечад ва кашон-кашон то ба зиндонаш мебарад. Рӯзи дигар Суфаро ба қатл расонида мешавад [Табарӣ 1979-2, с.32]. Ба қавли Балъамӣ «Қубод аз Суфарой бираст ва кори мулк ба худ гирифт» [Балъамӣ 2001, с.530]. Саолибӣ роҷеъ ба Суфарой (дар навишти Саолибӣ ҳам Сухаро) бо андаке камиву костӣ ҳамон ривоятро овардааст, ки дар «Шоҳнома» омадааст [Саолибӣ 2014, с.296-297].

Қатли Суфарой, дар ривояти Фирдавсӣ ба исёни саросарӣ ва ниҳоят ба банд кардани подшоҳ ба анҷом мерасад. Подшоҳи бандиро ба салоҳдиди писари Суфарой – Размеҳр, ки Фирдавсӣ аз ӯ ба некӣ ёд мекунад, месупоранд, то агар хоҳад қасоси падарашро гирад. Размеҳр ин корро намекунад. Аъёни мамлакат ба ҷойи Қубод бародари кеҳтари ӯ – Ҷомаспро ба тахт мешинонанд. Фирдавсӣ, ки аз подшоҳон ғолибан ба некӣ ёд мекунад, дар бораи подшоҳи нав аз забони пайравони Қубод бо таассуфе менависад:

Биёрем Ҷомаспи даҳсоларо,

Ки бо дурр ҳамто кунад жоларо [Фирдавсӣ Д.1990-8, с. 52].

Писари Суфарой ба Қубод имконият медиҳад, ки бигурезад. Қубод бо ҳафт нафар аз ёрони худ ба самти марзи Ҳайтол раҳсипор мешавад. Дар роҳи Ҳайтол Қубод дар Аҳвоз ба духтари деҳқоне хонадор ҳам мешавад ва нигинеро ба ёдгор ба духтар ҳадя мекунад.

Қубод аз подшоҳи Ҳайтол, ки ҳамоно Хушнавоз мебошад, ёрии низомӣ тақозо мекунад. Хушнавоз ба шарте ки лашкари Эрон аз марзи воқеӣ ё пиндории шоҳаншоҳӣ ҳеҷ гузар накунад, ба қавли Фирдавсӣ, сӣ ҳазор ҷанговар ҷудо

менамояд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.51]. Қубод, ки илоҷи дигар надошт, боз як шарти Хушнавозро қабул мекунад. Мувофиқи ин шарт шоҳаншоҳи Эрон аз Чағониён даст мекашад ва ин музофотро дар ихтиёри Ҳайтолиён вогузор мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.51]. Чунин сурат гирифтани гуфту гузорро пеш аз Фирдавсӣ Абуҳанифаи Диноварӣ ҳам зикр кардааст: [و شرط ان يسلم له حيز الصغانيان] Ва шарт гузошт, ки паҳноҳои Сағониёнро бисупорад [Диноварӣ 1911, с.66].

Бино ба ривояти Табарӣ, Қубод ба назди хоқон меравад ва мехоҳад аз ӯ ёрии низомӣ ба муқобили бародараш – Балош гирад. Меҳмонии маҷбурии Қубод дар назди хоқон чаҳор сол давом мекунад. Қубод бо шафоати малика иҷозати бозгашт ва ёрии низомӣ мегирад [Табарӣ 1979-2, с.31].

Роҳи лашкар аз ҳамон деҳе мегузарад, ки он ҷо Қубод хонадор шуда буд. Ба Қубод хабари таваллуди писарро мерасонанд. Қубод, дар нигориши Фирдавсӣ, ба писар номи Кисро мемонад. Чаро гӯиши арабии номи Хусрав истифода шудааст, мо намедонем. Ба шаҳодати Колесников А.И. дар ҳар ду таҳрири номаи ҳазрати Пайғамбар ба «азими Форс» номи шоҳаншоҳ на Хусрави Парвиз балки Кисро гуфта шудааст [Колесников 1967, с.74-83].

Лашкар чун ба Ктесифон наздик мешавад, аъёни мамлакат аз баҳри Ҷомасп мебароянд ва Қубодро боз ба маснади подшоҳӣ мешинонанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.53]. Қубод, дар навбати худ, идораи подшоҳиро ба Размеҳр писари Суфарой, ки кушта будаш, месупорад. Дар ин нукта мулоҳизае, ки метавонад шоистаи эътибор бошад, ҳамон аст, ки аъён дар баъзе ҳолатҳо (дар ин ҷо Размеҳр) бар ивази мавқеи сиёсӣ аз қасос даст мекашанд. Дар ин миён Кисро калонак мешавад ва мактаб ҳам меравад. Размеҳр мамлакатро ба дурустӣ идора мекунад.

Эпизоди II. Қубод. Ин эпизоди бахши «Подшоҳии Қубоди Пирӯз» ба зуҳури Маздак бастагӣ дорад. Ба қавли Абуҳанифаи Диноварӣ зуҳури Маздак дар соли бистуми подшоҳии Қубод сурат гирифтааст [Диноварӣ 1911, с. 65]. Фирдавсӣ Маздакро бо сифатҳои «Сухангӯю бодонишу рою ком» тасвир мекунад. Қубод чанде зери таъсири ақидаҳои Маздак мемонад ва ӯро ҳатто вазири худ таъйин мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.54].

Боз ба мамлакат хушксолӣ меояд. Чун раият аз гуруснагӣ дод мехоҳанд, Маздак эҳтимол ба сифати дастур аз номи Қубод ваъда медиҳад, ки шоҳаншоҳ шуморо ноумед нахоҳад кард. Ин ҷо Фирдавсӣ як саволу ҷавоби Маздакро бо Қубод дар сиғаи тамсил меорад, ки агар соҳиби позаҳр ба моргазида тарёк надиҳад, чӣ ҷазо бояд гирад? Қубод мегӯяд, ки сазои чунин мард куштан аст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.55].

Бо шунидани чунин ҷавоб Маздак фарёдхоҳонро бовар мекунонад, ки «то бомдоди пагоҳ» ҳалли масъалаи гуруснагиро пайдо хоҳад кард. Боз бо истифода аз тамсил Маздак аз Қубод мепурсад, касе ки нон дошта бошаду надиҳад, чӣ мешавад? Хосса, ки гуруснае бимирад. Қубод дар ҷавоб дар бораи соҳиби нон мегӯяд: «Ки нокарда, хун аст дар гарданаш» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.56]. Маздак дастур медиҳад, ҳама гандумро тақсим кунанд. Дар натиҷа, анбори мамлакат тороҷ ва холӣ мешавад. Корогаҳон ба пеши шоҳ рафта, Маздакро ба тороҷи хазина ва анборҳои ғалла муттаҳам мекунанд. Маздак дар ҷавоби истинтоқи Қубод мегӯяд, ки ин кор ба фотиҳаи подшоҳ шудааст ва маънии он ду масалро ёдовар мешавад.

Қубод дарк менамуд, ки таълимоти Маздак бо таълимоти пайғамбарону мӯбадон мувофиқат намекунад. Сипас Фирдавсӣ чанде аз нуктаҳои доктринаи Маздакро баён мекунад. Нахуст, тавонгар ва тиҳидаст, шояд аз нигоҳи ҳуқуқӣ, баробар мебошанд. Дигар, Маздак моликияти хусусӣ ва зани хонаро моли ҳама медонад. Зиёда аз ин, ба амри Маздак моли касе гирифта мешуд ва ба каси ниёзманд дода мешуд. Бо ин ҳама Қубод ба таълимоти Маздак дода мешавад. Сипас, аз нигориши Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки Қубод бозичаи дасти Маздак ҳам шуда буд.

Рӯзе Маздак, ки тарафдорони зиёд ҷамъ карда буд, мехоҳад Қубодро водор кунад, то Кисро (Анӯшервон) ба таълимоти Маздак бигаравад. Фирдавсӣ боз як ҳукми Маздакро ин дафъа равшантар баён мекунад:

Зану хоста бояд андар миён,
Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён,
Бад-ин ду бувад рашку озу ниёз,

Ки бо хашму кин андар ояд ба роз.

Ҳаме дев печад сари бихрадон,

Бибояд ниҳод ин ду андар миён [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.61].

Кисро (Анӯшервон) шаш моҳ вакт тақозо мекунад, то мавқеи худро ба оини Маздак муайян намояд. Сипас дар ҳузури Қубод музокирае бо ташаббуси Кисро байни Маздак ва мӯбад сурат мегирад. Мӯбад Маздакро муттаҳам мекунад, ки:

Яке дини нав сохтӣ дар ҷаҳон,

Ниҳодӣ зану хоста дар миён.

Чӣ донад писар, к-аш кӣ бошад падар,

Падар ҳамчунин чун шиносад писар? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.64].

Музокираи мӯбад ва Маздак ба сохтор музокираи мӯбад ва Мониро дар нигориши Фирдавсӣ мемонад. Мӯбад Маздакро муттаҳам мекунад, ки аҳкоми мазҳаби Маздак қобили қабул нест. Мӯбад нораво медонад, ки кеҳтару меҳтар баробар бошанд. Мӯбад ақида дорад, ки таълимоти Маздак ҳамаро ба дӯзах мебарад. Қубод аз мӯбад пуштибонӣ мекунад ва тақдири Маздаку пайравони ӯро ба Кисро ҳавола менамояд. Ба Маздак, ҳамчунон ки бо Монӣ рух дода буд, ҳуқуқи ҷавоб гуфтан ва ҳимоя кардани худашу пайравонашу таълимоташ дода намешавад. Маздак ва пайравони ӯ ваҳшиёна кушта мешаванд. Ибни Батриқ менависад, ки чун Маздак Қубодро аз раият дур кард, Баразмеҳр бо гурӯҳе аз меҳтарони Форс қиём мекунад ва Маздаку анбӯҳи пайравони ӯро ба қатл мерасонад [Ибн Батриқ 1658, с.178].

Мутаҳҳар ибни Тоҳири Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» куштори маздакиёнро ба замони подшоҳии Анӯшервон нисбат медиҳад ва меоварад, ки чун Анӯшервон ба тахт нишаст «Ҳаштод ҳазор нафар аз маздакиёнро дар як рӯз бикушт» [Муқаддасӣ 2015, с.208]. Абуҳанифаи Диноварӣ низ дар «Ахбору-т-тивол» куштори маздакиёнро ба замони Анӯшервон нисбат медиҳад ва мегӯяд, Маздакро «бикушт, чормехаш кард ва ҳам ҳама гаравидагон мазҳаби ӯро низ бикушт» [Диноварӣ 1911, с. 68]. Ибн ал-Балхӣ дар «Форснома» менависад, ки Анӯшервон Маздакро шахсан мекушад. Бино ба муаллифи «Форснома», Анӯшервон медонист, ки Маздак ва тарафдорони ӯ ба қувваи қобили мулоҳизае

табдил ёфтаанд ва ақида дошт, ки «ин мард табааи бисёр ва шавкати тамом дорад ва ӯро ҷуз ба макр ҳалок натвон кард» [Ибн ал-Балхӣ 2007, с. 89]. Куштори Маздак дар маросими зиёфати рӯзи Меҳргон сурат гирифта буд. Куштани меҳмони зиёфат, албатта, ба эътибори шоҳаншоҳ халале ворид мекунад. Вале Ибн ал-Балхӣ раво дидааст, ки маҳз ҳамин сиға пешниҳод карда шавад [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.90].

Чунонки гуфтем, «Шоҳнома», сарчашмаҳои арабизабон ва тоҷикӣ ошкору зери парда куштори «ҳаштод ҳазор маздакиён»-ро ба фармони Анӯшервон вобаста медонанд. Он ки ҷунбиши Маздак саркӯби қотилона карда мешавад, ҷойи шубҳа надорад. Вале дар китобе, ки ба Анӯшервон нисбат медиҳанду пораҳое аз он дар тарҷума ё бозгӯи Ибни Мискавейҳ дар «Таҷорубу-л-умам» ва ягон сесад сол пас дар энсиклопедияи Шаҳобиддини Нувайрӣ «Ниҳоят-ул-араб» омадааст, кӯшише шудааст, ки аз Аншӯрвон подшоҳи ҳадди ақалл таҳаммулгаро созанд, ки гуногунандешонро, ба ҳар ҳол, намекушад. (Ногуфта намонад, ки Ибни Мискавейҳро пас аз Ибни Сино муаллими солис ҳам гуфтаанд). Мо ба ин маънӣ дар фароварди бахши Анӯшервони рисола руҷуъ хоҳем кард.

Эпизоди III. Қубод. Ин эпизод аз муносибати ҳамсоягони араб ба шоҳаншоҳӣ ва шоҳаншоҳ ҳикоят мекунад. Мазмуни ҳикоят дар «Шоҳнома» вуҷуд надорад. Ин ҳикоят ба тафсили бештар дар «Таърихи Табарӣ» омадааст ва як далеле (воқеӣ ё пиндорӣ) ҳам мебошад, ки қабилаҳои араб гӯё аз ҳайбату азамати шоҳаншоҳӣ ҳаросе надоштанд. Агар нахустин шаккокии арабҳо, чунонки гуфта гузаштем, ба замони подшоҳии Ардашери Бобакон ва Шопури Ардашер сурат гирифта бошад (ҳуҷуми амири Тадмур (Палмира) ба лашкари Шопур), андаке дертар, танҳо дар нигориши Фирдавсӣ, ба замони бесоҳибии мамлакат то ба балоғат расидани Шопури II қабилаҳои араб хоки минтақаҳои ҳаммарзи Эронро бо ғоратҳои паёпай бод карда буданд.

Ба қавли Табарӣ, чун Ҳорис ибни Амр аз амирони сулолаи Кинда Мунзир ибни Нуъмон – ҳампаймони подшоҳони Сосониро мекушад, Қубод шояд аз андешаи он, ки амири араб аз созиш ва паймонҳо бо шоҳаншоҳӣ набарояд, изҳори хоҳиш мекунад, то бо Ҳорис ибни Амр мулоқот дошта бошад. Бо баёни

ин нукта Табарӣ баъзе аз хусусиятҳои Қубодро меоварад. Чунончи: «Қубод зиндиқе буд накукор. Хунрезиро намеписандид. Ва бо душманон мудоро мекард. Дар замони ӯ ҳавоҳо афзуданд. Ва мардум ӯро нотавон шумориданд» [Табарӣ 1979-2, с.32]. Мулоқот дар сари пули Файюми Ироқ аз болои дарёи Фурот сурат мегирад. Агар ҳикояти тановули хурморо ба назар нагирем, дар вохӯрӣ ҳеҷ бартарии Қубод инъикос нашудааст. Ҳорис розӣ мешавад, ки саворагони араб (ал-хайёла) аз Фурот нахоҳанд гушашт. Аммо Ҳорис чун нотавонии Қубодро пай мебарад, ба ёрони худ мефармояд, Фуротро гузаранд ва дар паҳноҳои Савод (миёндуоби Байнаннаҳрайн) даст ба ғорат зананд. Ҳамза менависад, ки Қубод «Ҳорис ибни Амрро подшоҳи араб кард» [Ҳамза 1844, с.57]. Ҳорис ба подшоҳи Яман менависад, ки: «Ман оҳанги подшоҳи Аҷам кардам. Аз ӯ шаш тассуҷ (ноҳияро) гирифтам. Сипоҳ гирд кун ва биё. Зеро подшоҳи онон чизе надорад. Подшоҳи онон гӯшт намехӯрад, рехтани хунро раво намедонад, зеро зиндиқ аст» [Табарӣ 1979-2, с.32]. Дар ривояти Табарӣ, сарлашкари ҳимярӣ (яманӣ) ба Эроншаҳр лашкар мекашад ва то Хуросону Суғду зиёда аз ин, то Чин мерасад.

Дар сиёқи афсонаи расидани сарлашкари яманӣ Шаммар Зу-л-Ҷиноҳ (Shammar) то Суғд ва то Самарқанд Табарӣ ва Абуалии Балъамӣ ривоятеро меоваранд, ки пояи воқеӣ надорад, вале чун пиндоре хеле дар зеҳнҳо нишаста будааст. Кор ба ҷое расида буд, ки як варианти этимологияи халқии топоними «Самарқанд»-ро то ба Шаммар расонида буданд. Яъне, «Шаммар канд» ба маънои хароб кард. Дар ривоят, вақте Шаммар ба Самарқанд мерасаду муҳосира мекунад, як сол наметавонад шаҳрро бигирад. Ӯ мардеро аз дарбонони қалъаи Самарқанд даст мегирад ва аз ӯ подшоҳи шаҳрро мепурсад. Он мард дар ҷавоб мегӯяд, ки «подшоҳи шаҳр аблаҳтарини одамон аст. Ӯ ба ҷуз нӯшидану хӯрдан ғами дигаре надорад. Ӯро духтаре ҳаст, ки кори мардумонро расидагӣ мекунад». Шамар ба воситаи он мард ба духтари подшоҳ ҳадяи арзанда мефиристад ва ба духтар мерасонад, ки ӯ аз Яман омадааст, то духтарро ба никоҳи худ дарорад. Ва меафзояд, ки ман чор ҳазор сандуқ зар дорам, мехоҳам онро ба ту бисупорам ва роҳи Чин пеш гирам. Шоҳдухтар розӣ мешавад... Шаммар ба даруни ҳар сандуқ ду марди ҷангиро ҷой мекунад... ва шаҳрро мегирад.

Ба қавли Балъамӣ: «Ва Шаммар бо сипоҳ ба шаҳр андар омад. Ва шамшер баровsecuranд ва то ба рӯз ҳамекуштанд, то хун чун ҷӯй бирафт. Ва маликро бикушт ва духтарашро бигирифт ва як сол он ҷо бимонд» [Табарӣ 1979-2, с.33; Балъамӣ 2001, с.535-536]. Дар ин ривоят, ки дар нигориши Балъамӣ нисбат ба асли арабии Табарӣ расотар баромадааст, ду унсури меъёрии баёни воқеа риоя шудааст. Нахуст рафтори духтари подшоҳи Самарқанд (агар танҳо замони Сосониёнро гирем) ба рафтори Гулнор (канизаки Ардавон) ва духтари ҳокими Ҳатра мантиқан монанд аст. Духтари подшоҳи Самарқанд чун духтари Ардавон, чун духтари Меҳрак бе ҳеҷ муқовимат зани қотили падараш мешавад. То ҷое ки мо ишора карда будем, то ин ҷо танҳо духтари Пирӯз аз ба шавҳарӣ қабул кардани подшоҳи ғолиб ба лаҳни дурушт рӯй метобад.

Нёлдеке ақида дорад, ки ривояти лашкар кашидани яманиҳо ба Эроншаҳрро Табарӣ аз сарчашмаҳои ғайриарабӣ гирифтааст [Нёлдеке 1980, с.322]. Ба мушоҳидаи мо, ин печи хатти сюжет дар сарчашмаҳои дигари арабу мусулмонӣ наомадааст. Бар пояи маълумоти пажӯҳишҳои таърихӣ, Яман ва подшоҳони вай ба замони Қубод ва ибтидои подшоҳии Анӯшервон тавони ҳеҷ ҳуҷум надоштанд. Онон аз дасти истилои Наҷҷошӣ подшоҳи Ҳабаш ранҷ медиданд. Дар ниҳояти кор, бо дахолати низомии Анӯшервон аз истилои Ҳабаш халос шуданд ва ба итоати Сосониён сар фаровsecuranд.

Ба назари мо, Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ба нақл аз поягузори адабиёти таърихӣ ва ҷуғрофии арабу мусулмонӣ Ҳишом ибни Муҳаммади Калбӣ (738-813), ки табори эронӣ дорад, бо овардани баёни пиндори тавони аскарии қабилаҳои араб мехост таъкид кунад, ки чанде пас ба замони нузули ваҳй ва дертар пирӯзиҳои аскарии бесобиқаи урдуи араб решаҳое дошт. Масалан, дар маъракаи Зиқор соли 609 – шикасти нахустини урдуи Сосонӣ ва шикастҳои паёпайи вай дар маъракаҳои Қодисия, Ҷилавло ва Наҳованд. Ин ки Баҳроми Гӯрро Мунзири Лахмӣ бо намоиши тавони «сӣ ҳазор» ҷанговар ба сари тахт овард, ҳақиқатест, ки ҳама таърихнигорон ва таърихпажуҳон эътироф кардаанд.

Эпизоди IV. Қубод. Ин эпизод, ки ба ҷавҳар эпизоди меъёрист, ба анҷоми подшоҳии ин ё он подшоҳ бастагӣ дорад. Ба шарте ки подшоҳ ба аҷали худ

бимирад ва ӯро муяссар шавад, ки валиаҳд ҳам таъйин кунад. Мундаричаи эпизод ғолибан аз унсурҳои зерин иборат мешавад. Нахуст, бо расидани умр ба ҷое ё тайи чанде аз солҳои салтанат дили подшоҳи ҳоким гувоҳӣ медиҳад, ки рӯзҳои башумораш мондааст. Дигар, подшоҳ ё ошкоро валиаҳд таъйин мекунад, ё мефармояд васиқае дар ин хусус тартиб диҳанд. Ба ҳисоби Фирдавсӣ, дар соли чилуми подшоҳӣ Қубод бо васиқае Кисро Анӯшервонро ҷойгузин – валиаҳди худ таъйин мекунад. Васиқа ба мӯбад, ки Фирдавсӣ Ромбарзинаш мегӯяд, супорида мешавад.

Табарӣ меоварад, Қубод Кисроро валиаҳди хеш таъйин кард ва дар ин бора васияте ҳам навишт [Табарӣ 1979-2, с.32]. Қубод, зоҳиран, бо пайравӣ аз фармудаи Ардашери Бобакон дар бораи таъйин намудани валиаҳд амал мекунад, ки мо дар ин бора истода будем. Ҳикмати навиштани васиқа ва пӯшида доштани вай то ниҳояти мотами подшоҳ, ба эҳтимоли қавӣ, аз фармудаи Ардашер бармеояд. Мусалламан, мо даъвӣ пеш намеорем, ки «Аҳд Ардашер» суханони Ардашер аст. Вале метавонем ҷонибдори мулоҳизае бошем, ки «Аҳд Ардашер» аз баҳри андарзҳои сиёсии сосонӣ, бешубҳа, баҳрае гирифтааст. Хосса, ки дар адабиёти тоисломии араб чунин навъи андарз ба мушоҳида нарасидааст.

Дигар, даргузашти подшоҳ ба қалам дода мешавад. Ин унсури меъёр одатан ба шоир имконе фаро меоварад, ки андешаҳои худро дар бораи марг баён кунад. Баёни андешаҳо гузинаҳои гуногун дорад. Дар бобати марги Қубод Фирдавсӣ се байт гуфтааст, ки мазмуни яке аз онҳо дар китобҳои адабӣ ё то Фирдавсию манбаи ӯ вирди забон будааст ё пасон ба сюжети басо сайёр табдил ёфтааст. Сухан дар бораи ба ном васияти Искандар меравад, ки ҳангоми бурдани тобути ӯ дасти ӯ берун аз тобут бошад. Фирдавсӣ ин маъниро чунин овардааст:

Зи гирд овmaридан кӣ ёбад беҳӣ,
Ки мерафт бояд ба дасти тиҳӣ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.67].

Дар чопи интқодии Москва ва яке аз дастхатҳои Ганҷинаи дастхатҳои Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин байт оварда нашудааст.

Чаҳорум тартиби ба тариқаи оини зардуштӣ омода намудани маййит ва гузоштани ӯ ба дахма оварда мешавад, ки низ аз хусусияти меъёрӣ бархурдор

мебошад. Дар бобати мотами Қубод Фирдавсӣ ишорае дорад, ки метавонад ба солори мотами подшоҳ (соҳибмурда) будани мӯбад далолат кунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.68].

Хондани нома – васияти Қубод дар ҳузури аъёни мамлакат ба маросими ба тахт шинонидани валиаҳад далолат мекунад. Дар нигориши Фирдавсӣ дар ҳамин маросим ба шоҳаншоҳ Кисро номи Анӯшервонро мегузоранд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.68].

Дар фаровади бахши подшоҳии Қубод чӣ дар чопи Душанбе ва чӣ дар чопи Моска чанд байте дар маънии «шикоят аз пирӣ» оварда шудааст. Ин байтҳо мусалламан ба «номаи шоҳон» пайванде надоранд. Фирдавсӣ, ки ба қавли худаш, ҳангоми ба риштаи назм кашидани қиссаи подшоҳии Анӯшервон шастсола будааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.70], аз ногузир ба ранҷҳои пирӣ гирифтор шудани инсон изҳори таассуф мекунад. Ин таассуф ҳам хусусияти меъёрӣ дорад ва чун шеър чандон аз маъниҳои шабобу машиб, ки ба шеъри классикии мо, ки аз адабиёти араб гузаштааст, фарқ намекунад.

Таваҷҷуҳи моро дар ин «шикоят аз пирӣ» муроҷиати шоир ба худаш кашидааст:

Ало эй дилорой сарви баланд,
Чӣ будат, ки гаштӣ чунин мустаманд? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.69].

Мусалламан чунин муроҷиат, ки мардро бо сифатҳои дар адабиёти классикӣ хосси занон тасвир мекунад, аз адабиёти араб наомадааст. Мардро ба сарв монанд накардаанд ва ӯро дилоро ҳам нагуфтаанд. Фирдавсӣ ба назари мо, «қоидаро вайрон» накардааст. Дар шаъни мардон бо сифатҳои дар адабиёти классикӣ «занона» шеър гуфтан, бино ба шаҳодати худи Фирдавсӣ, дар шеъри тоисломии мо будааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.499].

## 2.5. Сужаҳои вобаста ба Анӯшервон ва шахсияти ӯ

Қиссаи подшоҳии Анӯшервон, бисту дуюмин подшоҳи Сосонӣ, ки чилу ҳашт сол будааст, дар чопи интиқодии Душанбе дар чор ҳазору панҷсаду сию шаш, дар чопи интиқодии Москва дар чор ҳазору чорсаду шасту ҳашт, дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар чор ҳазору панҷсаду ҳабдаҳ байт омадааст. Ба шумори байтҳо ин калонтарин қиссаи подшоҳӣ мебошад, ки дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» гуфта шудааст.

Насаби Анӯшервонро Табарӣ ба гунаи Кисро Анӯшервон ибни Қубод ибни Фирӯз ибни Яздгирд ибни Баҳроми Гӯр овардааст, ки ба ҳақиқати маълумоти сарчашмаҳо ва хулосаи илмии пешаварони таърихи Сосониён мухолифат намекунад [Табарӣ 1979-2, с.33].

Маънии номи Анӯшервонро (анӯша равон) «равони ҷовид, намиранда» тафсир кардаанд, ки ба далолатҳои этимологӣ мухолифат наменамояд. Анӯшервон, бешубҳа, шоҳзода аст ва ба принсипи «агар шоҳро шоҳ будӣ падар» пурра мувофиқат мекунад. Модари Анӯшервон аз хонадони ашрофон аст, ки Фирдавсӣ аз Аҳвоз ва баъзе сарчашмаҳо аз Ардистони назди Исфаҳон гуфтаанд.

Ба ривояти Фирдавсӣ, чунонки гуфта гузашта будем, Қубод раҳи гурез ба қаламрави Ҳайтолиён духтари деҳқони Аҳвозро ба занӣ мегирад ва аз ин заношӯӣ Анӯшервон ба дунё меояд [«Шоҳнома» Д.1990, с.51-52]. Ривояти Фирдавсӣ бо ривояти Абуҳанифаи Диноварӣ дар «Ахбору-т-тивол» ҳамоҳанг аст. Диноварӣ менависад, ки он деҳа дар сарҳади Аҳвозу Исфаҳон ҷойгир буд [Диноварӣ 1911, с.66]. Яъқубӣ дар «Китобу-л-булдон» бо ибораи «гӯянд» меоварад, ки Анӯшервон дар Ардистони наздики Исфаҳон таваллуд шудааст [Яъқубӣ 1860, с.52]. Муаллифи «Муҷмалу-т-таворих» аз ҳамин гузина пайравӣ мекунад ва меафзояд, ки Қубод «сӯи малики Шикинон ва Ҳайотила бозгаштанд ба ёварӣ хостан» [Муҷмал 2013, с.102].

Месазад гуфт, ки муллифони арабу мусулмон, аз ҷумла Фирдавсӣ, на як бор аз Шуғнон (Шикинон) ном мебаранд. Чунончи, вақте пас аз марги нобаҳангоми Яздгирди I мулк беподшоҳ мемонад, подшоҳони чанд иқлим, аз

ҷумла иқлими Шуғнон ҳам, талоши шоҳаншоҳӣ мекунанд. Шуғнонро ҷуғрофиёни араб медонанд.

Ин ривоят ягона нест. Чунончи, Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар сиёқи гурехтани Қубод ба паҳноҳои Ҳайтолиён менависад, шоҳи сарнигун раҳи гурез дар Абаршаҳр (Нишопур) истода буд ва духтари қадраси яке аз меҳтарони ин шаҳрро ба никоҳи худ даровард, ки аз ин заношӯӣ Анӯшервон ба дунё омад. Табарӣ мақоми ин меҳтарро муқаррар намекунад. Танҳо яке аз «узамо»-и шаҳр мегӯяд. [Табарӣ 1979-2, с.32]. Саолибӣ, ки ба ин нукта таваҷҷуҳи нисбатан бештаре зоҳир кардааст, модари Анӯшервонро аз духтарони деҳқони Исфароини Нишопур медонад [Саолибӣ 1963, с.591-593]. Ибни Мискавейҳ дар «Таҷорубу-л-умам ва таоқубу-л-ҳимам» зодгоҳи Анӯшервон ва модари ӯро низ Абаршаҳр (Нишопур) гуфтааст [Ибни Мискавейҳ 2003, с.124]. Шояд А.А. Чекалина ягона муҳаққиқе бошад, ки мақоми падари модари Анӯшервонро таъкид кардааст. Ӯ дар ҳошияи «Ҷанг бо форсҳо»-и Прокопий менависд, ки: «Хусрав писари хоҳари испаҳбуд буд» ва шарҳ медиҳад, ки испаҳбуд сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ буд ва ваколати имзо намудани паймонҳои сулҳро ҳам дошт [Прокопий 1993, с.468].

Инсофан бигӯем, Қубод, ки аз Мадоин гурехта буд ва ба сӯйи миёндуоби Мовароуннаҳр бо тағйири сурату сират ҳаракат мекард, метавонист танҳо аз шоҳроҳи Мадоину ниҳояти Хуросон (-и Бузург) ҳаракат кунад. Хати гузашти ин шоҳроҳ аз Мадоин (Бағдод) то ниҳояти иқлими Фарғонаро ҷуғрофиёни арабу мусулмон фарсах ба фарсах навиштаанд. Дар нигориши Ибни Хурдодбеҳ роҳ аз Бағдод то Қасри Ширин...то Ҳамадон... то Сова... то Рай.. то Нишопур... ва ҳамин тавр то ниҳояти иқлими Фарғона тӯл мекашид [Ибни Хурдодбеҳ 1889, с.24-36]. Мантиқан Қубоди гурезон наметавонист ба Аҳвоз биравад ё ба Исфаҳон, ки оқибатуламр боз ӯро лозим меомад ба шоҳроҳи Хуросон баргардад. Хулосаи мо бо пайравӣ аз Нёлдеке: модари Анӯшервон исфароинӣ (нишопурӣ) буд, тоҷик буд. Нёлдеке, зимнан, гузинаи Нишопурро тарафдорӣ мекунад ва бе нишон додани маъхаз номи бонуро Невондухт (نیواندخت) зикр менамояд [Нёлдеке 1979, с. 212 ва 239]. Бо ҳама сипос ба арвоҳи донишманд Нёлдеке, ба назар мерасад,

ки Невондухт эҳтимол номи бону нест. Ин ҳамин маънии «духтари Невон»-ро дорад. Чун номи модари Баҳроми Гӯр Шешондухт ва номи хоҳари Қубод (аммаи Анӯшервон) Фирӯздухт буд.

Қиссаи бозовардани Анӯшервону модараш ба Тайсафун ду вариант дорад. Нахуст ин, ки Қубод раҳи бозгашт аз паҳноҳои Ҳайтолиён зану фарзандашро бе ҳеҷ шубҳа ва дудилагӣ мегирад. Дигар, Анӯшервони чандсола (на кӯдаки ширхора) бо модарашу бобояш ба Тайсафун меоянд. Қубод чанде шубҳа ҳам мекунад. Шоҳаншоҳ Анӯшервони хурдсолро имтиҳон мекунад, то аз байни чанд нафар, ки ба Қубод монанд буданд, Қубодро шиносад. Ин ривоят дар «Форснома» омадааст. Анӯшервон падари худро бе душворӣ мешиносад [Ибн ал-Балхӣ 2007, с.86]. Ин ҷо метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки эҳтимол оғози кори Анӯшервонро дар баъзе худойномаҳо, ки сарчашмаи «Форснома» будаанд, ба гунаи оғози зиндагии Куруши Кабир ва Шопури I сохта бошанд.

Мусаллам аст, ки Анӯшервон, ба иттифоқи оро, писари сеюм аз чаҳор писарони Қубод буд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки интихоби Анӯшервон ва устувор шудани ӯ дар мақоми шоҳаншоҳӣ бе ситези бародарон ва хунрезиҳо нагузаштааст. Вале маълум ҳам ҳаст, ки шояд бо назардошти эътибори воқеӣ ё пиндории Анӯшервон дар фарҳанги мусулмонӣ, аз ҷумла фарҳанги сиёсии мусулмонӣ, сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ ин паҳлуи масъаларо ногуфта гузоштаанд.

Дар бораи ситез ва талоши бародарон барои подшоҳӣ, новобаста ба васияти Қубод, асосан, сарчашмаҳои юнонӣ, аз ҷумла Прокопий, маълумот медиҳанд. Прокопий чанд бандеро аз боби XXIII китоби худ ба ситези бародарон ба муқобили подшоҳии Анӯшервон бахшидааст. Бино ба маълумоти Прокопий, аъёни мухолифи подшоҳии Анӯшервон хостанд Замро (Ҷом) ба подшоҳӣ гузинанд. Чун медонистанд Зам, ки якчашма буд ва бино ба оини гузидани подшоҳ, наметавонист шоҳаншоҳ бишавад, писари ӯ – Қубоди хурдсолро интихоб намуданд. Ҳамзамон қарор карданд, ки то ба балоғат расидани Қубод зимоми давлатдорӣ ба дасти Зам хоҳад буд. Вале сирри андешаи табаддулот кушода мешавад ва «Хусрав чӣ худи Зам ва чӣ бародарони дигари худ ва ҳама

бародарони Замро бо авлоди мардина ба куштан медиҳад... Вале ӯ наметавонист ҳеҷ Қубод писари Замро бикушад». Ривояти канда-кандаи тақдири Қубод дар сарчашмаҳои юнонӣ ба назари муҳаққиқон, ба эҳтимоли қавӣ, аз анъанаи эронӣ гирифта шудааст. Мо низ дар ҳамин рисола ишора карда будем, ки тақдири Куруш дар сарчашмаҳои юнонӣ ва тақдири Шопури I дар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ дар як қолаби тасвир кашида шудааст [Прокопий 1993, с.33].

Ба ривояти Прокопий шоҳаншоҳи Сосонӣ Қубод (488-531) чун аз ҷараёни талоши подшоҳӣ пас аз марги қайсар Анастасий (491-518) дар Рум огоҳ мешавад, ӯро андешаи такрори чуни аҳвол дар шоҳашоҳӣ пас аз марги ӯ фаро мегирад. Аъёни мамалакат медонистанд, ки Қубод ба яке аз се писарони худ мулкро ба мерос хоҳад гузошт. Ва ин азми шоҳаншоҳ чандон писанди аъён набуд. Ба ҳукми анаъана подшоҳӣ мебоист ба Қобус писари калонӣ вогузор шавад. Аммо Қубод намехост ки чунин амр сурат гирад. Анъана монеъ буд, ки подшоҳӣ ба писари дуюми Қубод – Зам вогузор шавад, зеро нуқси ҷисмонӣ дошт. Зам якчашма буд. Прокопий менависад, ки бино ба «таомули эрониён. якчашма ва ё касе, ки нуқси дигари ҷисмонӣ дорад», наметавонад подшоҳ шавад [Прокопий 1993, с.31].

Прокопий давом медиҳад, ки Қубод меҳри бештаре ба Хусрав дошт, ки аз хоҳари испаҳбуд ба дунё омада буд [Прокопий 1993, с.468]. Қубод ба андеша мефтад, ки чун эрониён ба Зам ба фазли шуҷоати ӯ эҳтироми бузург доштанд, ба муқобили Хусрав қиём накунанд ва ба ин тариқа зарари ҷубронnопазире ба хонадон ва подшоҳӣ нарасонанд [Прокопий 1993, с.32]. Қубод ба нигоҳи Прокопий, ба хулосае меояд, ки беҳтар мебошад ҷангро бо румиён қатъ кунад ва ҳама сабабҳои ҷангро аз байн бибарад, ба шарте ки Хусрав чун писархонди қайсар Юстин (518-527) қабул карда шавад. Қубод гумон мекард, ки танҳо дар чунин аҳвол подшоҳии Хусрав боэътимод хоҳад шуд [Прокопий 1993, с.32]. Чунонки дар бахши подшоҳии Яздгирди I ишора карда будем, қайсари Рум Аркадий ҳам аз шоҳаншоҳи Сосонӣ – Яздгирд тақозо мекунад, ки писари ӯ Федосийро ба писархондагӣ қабул кунад.

Қубод ба ҳузури қайсар сафорат мефиристад ва номае низ менависад. Мо лозим медонем, ки матни номаро ба пуррагӣ биёварем, то намунае аз номаҳои

шоҳонро ба хонанда пешниҳод кунем. Мо, албатта медонем, ки нома, нома агар маҳсули хаёли Прокопий набошад, аз паҳлавӣ бояд ба юнонӣ тарҷума шуда бошад ва аз юнонӣ ба русӣ. Нома дар нигориши Прокопий унсурҳои маросимиро фаро нагирифтааст. Муроҷиат надорад, оғоз ва хотима ҳам надорад. Ва инак: «Он чӣ мо аз зулми румиҳо чашидем, ту худат ҳам медонӣ. Ман қарор кардам, ҳама озорҳои шуморо ба пуррагӣ фаромӯш кунам. Эътиқод дорам, ғолибони ростин ҳамон одамон мебошанд, ки ҳарчанд ҳақҳ ба ҷониби онҳост, ба зарари худ ихтиёран ба дӯстон гузашт мекунанд. Дар баробари ин, ман аз ту як марҳаматеро илтимос мекунам, ки он на танҳо худи моро, балки ҳама раияти моро бо пайвандҳои хешовандӣ муттаҳид мекунад ва метавонад ҳама неъматҳои сулҳро ба фаровонӣ ба мо арзонӣ дорад. Ман ба ту пешниҳод мекунам, писари ман Хусравро, ки меросбари ман дар подшоҳӣ хоҳад буд, чун писархонди худ қабул кунӣ» [Прокопий 1993, с.32].

Қайсар ин пешниҳодро ба хушнудӣ қабул мекунад, вале квестори (ҳуқуқдон) ӯ Прокл дар ин пешниҳод нияти ба тариқаи осоишта ба даст гирифтани ҳокимиятро мебинад ва маслиҳат медиҳад, ки пешниҳод рад карда шавад. Дар ҳамин асно аз Қубод номаи дигар меояд. Дар нома пешниҳод мешавад, ки Қубод намояндагони аъёни кишварро мефиристад, то паймони сулҳ ба имзо расад ва мавзуи писархонда қабул шудани Хусрав ифодаи хаттӣ ёбад [Прокопий 1993, с. 33]. Прокл боз бо исрори бештар зид мебарояд ва пешниҳод мекунад, ки паймони сулҳ ҳар чӣ тезтар баста шавад. Барои ин ба император месазад, ки аз муқаррабони худ ҳайате ба ҳузури Қубод фиристад. Ва агар пурсанд, ки расми писархондагӣ чӣ мешавад, ҷавоб бояд гуфт, ки қайсар омодааст, ин кор аз рӯйи одати барбарон сурат гирад. Барбарон, давом медиҳад Прокл, писархонадагиро аз тариқи мубодилаи номаҳо намекунанд. Онҳо ба писархонд силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ тақдим мекунанд.

Бо ҳамин қайсар Юстин (518-527) сафирони Қубодро гусел мекунад ва мегӯяд, ки ба наздики сафорати бонуфузи Рум ба ҳузури шоҳаншоҳ фиристода хоҳад шуд, то масъалаи сулҳ ва масаъалаи писархондагиро ҳалл кунад [Прокопий 1993, с.34]. Сипас фиристодаҳо ихтиёр карда мешаванд. Аз ҷониби

Эрон ду нафар ва аз ҷониби Рум ҳам ду нафар ихтиёр мешаванд. Ҷониби эрониро Сеос (Сиёвуш) ва Мевод (Моҳбуд) намояндагӣ мекунанд. Сиёвуш дӯсти наздики шоҳ ва артишдоронсолор ба таъбири Артур Кристенсен, вазири ҷанги Эрон [Кристенсен 1980, с.254] ва Моҳбуд аз хонадони ашконии Суран – бонуфузтарин намояндаи ин хонадон буд [Прокопий 1993, с.34].

Ҳайатҳо дар хатти сарҳди ду кишвар мулоқот меороянд, то масъалаҳои мавриди баҳсро ҳал намуда, сулҳи устувор барқарор кунанд. Хусрав низ ба каронаи рӯди Даҷла меояд, ки аз он ҷо то Нисибис (Ниссибин шаҳри маъруфи қадима дар Байнаннаҳрайн дар ҷанубу шарқи Туркияи имрӯза) масофаи дурӯза роҳ буд. Ӯ умедвор буд, ки чун мавзуи сулҳи устувор ҳал шавад, ба Рум равад [Прокопий 1993, с.34].

Музокирот сари мавзуъҳои мавриди баҳс хеле давом мекунад. Сиёвуш таъкид мекард, ки Румиён ба зӯрӣ ва бе ҳеҷ гуна ҳуқуқ заминҳоеро гирифтаанд, ки аз қадим зери итоати форсиён буд. Сухан, аз ҷумла, дар бораи Лазика ва Колхида мерафт. Лазика ном қадимаи Колхида қаламравҳое дар Гурҷистони имрӯза аз соли 474 таҳти итоати Сосониён буд, вале соли 522 дини насрониро қабул намуда, ба тасарруфи Рум даромад.

Румиён иддаои Сиёвушро қабул наменамоянд. Вақте румиён дар бораи тариқаи писархондагии Хусрав пешниҳод мекунанд, эрониён ии пешниҳодро таҳқир медонанд, зеро ба назари ҳайати Сосонӣ, чунин муносибат таомули бародариро байни ду империя вайрон мекард. Бино ба ривояти таърихнигори асри VI румӣ Менандр шоҳаншоҳ Анӯшервон ба император Юстиниан (527-565) бародар гуфта муроҷиат карда буд [Прокопий 1993, с. 468]. Ҳамин нукта дар «Ҷанг бо форсҳо»-и Прокопий низ ифода ёфтааст. Фиристодагони Юстиниан ба ҳузури Анӯшервон қайсарро бародари шоҳаншоҳ сифат мекунанд [Прокопий 1993, с.113].

Чун гуфтушунид ба нокомӣ анҷом меёбад, ҳайатҳо пас мегарданд. Ин нокомӣ Хусрави Анӯшервонро водор мекунад, ки дар оянда қасоси худро аз румиён барои ин таҳқир бигирад [Прокопий 1993, с.34].

Муҳаққиқони таърихи Эрони сосонӣ ситези Анӯшервон бо бародарон ва талоши ӯро барои подшоҳӣ инкор намекунанд. Аз ҷумла, Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад: «Дуруст аст, ки салтанати Хусрав бо хунрезиҳои шадид оғоз шуд. Ва, махсусан, чун тавтиаи бародаронаш Ковус ва Ҷом, якчанд тахту тоҷро дар хатар афканд, ночор бародарон, бародарзодагон ва ҳатто ҷадди модарии хешро... ҳалок кард» [Зарринкӯб 1999, с. 494].

Ба ҳукми анъана ривояти подшоҳии Анӯшервон аз баёни эрод намудани хутбаи тоҷгузорӣ сар мешавад, ки дар чопи Душанбе унвони «Андарз кардани Анӯшервон сардорони Эронро» ном гирифтааст. Дар бораи эрод намудани хутбаи тоҷгзорӣ яке аз муҳаққиқони насли навини шоҳномашиносӣ Тӯраҷи Дарёӣ дар мақолаи «Ногуфтаҳои импротурии Сосониён» мегӯяд: «Ҳукмронон шоҳ-файласуфоне муаррафӣ шудаанд, ки ҳангоми ҷулус бар тахт суханрониҳои муфассале эрод мекарданд, ки маъмулан дар бораи додгарӣ ва дар ситоиши Парвардгор ба шукронаи эътои мавҳабати салтанат буд. Мурод аз овардани нутқҳои шоҳона ҳам бознамоёнидани маниш ва ниёти шоҳон буд» [Дарёӣ 2013, с.4]. Андарз – дастурҳои сиёсии подшоҳ дар панҷоҳу ду байт омадааст. Дар андарз ба ҳукми анъана Анӯшервон:

а) ситоиши Офаридгор мекунад ва қавл медиҳад, ки «Зи рою зи фармони ӯ нагзарем;

б) мефармояд, ки подшоҳ бояд ба адолат (дод) хурсанд бошад, зеро:

Ҳар он кас ки андешаи бад кунад,
Ба фарҷом бад бо тани худ кунад;

в) ақидаи маъмули подшоҳӣ баён мекунад, ки: «Аз андешаи дил кас огоҳ нест», бинобар ин, «Зи мо ҳар чӣ хоҳед посух диҳем»;

г) сипас аз забони Анӯшервон ҳикмати зерин оварда мешавад:

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Кӣ донад, ки фардо чӣ гардад замон?

д) ва як панди рӯзгор:

Бад-он гаҳ ки ёбӣ танат зӯрманд,
Зи беморӣ андешу дарду газанд;

е) ва як ҳикмате, ки мо дар қисмати Сосониёни «Шоҳнома» дучор наомадем:

Чу чира шавад бар дили мард рашк,

Яке дардманде бувад бе пизишк;

Рашк ё ҳасад дардест, ки оинаи рӯзгорро басо тира ҳам мекунад. Ва, эҳтимол ба ин сабаб иродаи Парвардгор тақозо карда бошад, ки ба бандагон фармояд, то аз балои ҳасади (рашки) ҳасуд ба Ӯ паноҳ баранд [сураи, ал-Фалақ, ояти 5];

ё) ба назари Анӯшервон, бекорию бисёргӯӣ эътибори мардро мешиканад, дурӯғгӯӣ зиндагиро табоҳ мекунад ва мефармояд ба ҳар коре, ки пеш гирифтаанд, набояд «кундию сустӣ» кунанд;

ж) Анӯшервон аҳаммияти ҳамарӯза тандуруст ва аз душман эмин будани подшоҳро таъкид мекунад;

з) боз аҳаммияти адолат ва бахшояндагии подшоҳро зикр менамояд;

и) Анӯшервон аҳаммияти мақоми дастурро (вазирро) таъкид мекунад: «Баду нек бе ӯ наёяд падид» ва меафзояд, агар касе ба сабаби мавқеи дастур ба подшоҳ бор наёбад:

Набошам зи дастур ҳамдостон,

Ки бар ман бипӯшад чунин достон ;

к) Анӯшервон таъкид мекунад, ки дар бобати хароҷоти сипоҳ ишколе намешавад: «Зи рӯзӣ бар эшон надорем танг». Аммо, чунонки зикраш хоҳад омад, дар яке аз набардҳо бо румиён сипоҳ комилан бе маблағ мемонад;

л) андарз бо чанд байт дар ситиоши Парвардгор тамом мешавад [«Шоҳнома»Д.1990-8, с.71-75]. Аз рӯи меъёри хутбаҳои тоҷгузорӣ, ки дар қисмати Сосониёни «Шоҳнома» аз Ардашери Бобакон сар мешавад:

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,

Бар ӯ офарине нав оростанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.75].

Дар «Таърихи Табарӣ» подшоҳии Анӯшервон аз нома навиштани шоҳаншоҳ ба фармонравоёни (падоспан فاذوسبان) ҳар чаҳор иқлими шоҳаншоҳӣ сар мешавад. Табарӣ нусхаи номаро ба фармонравои Озарбойҷон ё дар тарҷума

овардааст, ё бозгӯ намудааст, зеро аз он, ба истиснои басмала, ҳеҷ бӯйи номаҳои арабӣ намеояд: «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Аз подшоҳ Кисро Анӯшервон ибни Қубод ба Ворӣ писари Нахирҷон (?) падоспани Озарбойҷону Армения ва қаламрави онҳо ва Дунбованду Табаристон ва қаламрави онҳо. Ва пеш аз ин салом. Он чӣ мардум ба ҳақ бояд аз он битарсанд, фуқдони касе аст, ки аз фуқдонаш заволи неъмат ояд ва фитна зояд ва бадӣ рух намояд ба ҷону ходимону молу азизони онон. Ба назди мо ваҳшате ва фуқдоне бартар аз фуқдони подшоҳи солеҳ нест» [Табарӣ 1979-2, с.33-34]

Ҳикмати бо чунин нома сар кардани Табариро мо намедонем, вале метавон тахмин кард, бо чунин таъкид, ки дар ҷумлаи охирин ифода ёфтааст, дабирони Анӯшервон ба волиёни ҳар чаҳор вилоят ҳушдор додаанд, ки подшоҳро азиз доранд.

Диноварӣ дар «Ахбору-т-тивол» аз ин нома ёде намекунад, Муқаддасӣ инчунин ҳатто Ибни Мискавейҳ, ки ба подшоҳии Анӯшервон муфассал таваққуф кардааст ин номаро намедонад. Яъқубӣ дар «Таърих», чунонки Нёлдеке ҳам ишора карда буд, аз чунин нома ба таври умумӣ мегӯяд, ва менависад, ки:»Сипас Анӯшервон ибни Қубод ба подшоҳӣ расид ва ба аҳли мамлакат навишт ва дар он зикр кард, ки Қубод вафот кардааст. Ва ваъда медиҳад, аз ӯ хайр хоҳанд дид» [Нёлдеке 1980, с.305; Яъқубӣ 1883, с.186]. Нома гуфтем, ки «арабӣ» нест. Агар номаҳои қадимии суғдиро, ки хушбахтона то замони мо расидаанд, ба ёд орем, «номаи Табарӣ» ба онҳо ҳам ҳеҷ шабоҳате надорад. Нома то ҷое номаҳои ҳазрати Пайғамбарро мемонад, ки дар онҳо ҷуз баёни мақсад чизи дигаре навишта нашудааст [Колесников 1967, с.11].

Сипас Табарӣ ба баёни густариши мазҳаби маздакия ва оқибат саркӯб шудани ин ҳаракат ба замони Анӯшервон мегузарад. Дар ниҳояти кор, ба қавли Табарӣ, Анӯшервон: «бидъати онҳоро (Зардушт ибни Харкон ва Маздак ибни Бомдод) барҳам зад ва халқи бисёре, ки аз онҳо пайравӣ карда буданд, бикушт» [Табарӣ 1979-2, с.34]. Танҳо пас аз ин Табарӣ ишораи кӯтоҳе ба маънии ба ислоҳоти маъмурии Анӯшервон мекунад, ки дар поёнтар зикраш хоҳем кард. Ба ҷавҳар, маълумоти Табарӣ аз нигориши Фирдавсӣ фарқ намекунад.

Эпизоди I. Хусрави Анӯшервон. Ин эпизод бештар ба баёни ислоҳоти андоз ва маъмурии Анӯшервон бастагӣ дорад. Бино ба ривояти Фирдавсӣ, қарор дар бораи ислоҳоти маъмурӣ ба таври коллегиалӣ ва бо иштироки мутахассисон (донандагон) қабул шуда будааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.75]. Анӯшервон ҷаҳон, дурусттараш қаламрави подшоҳии Сосониёнро, ба чаҳор баҳра (қисмат) тақсим мекунад. Баҳраи якум аз Хуросон иборат буд. Дар «Шоҳнома» тафсилоти маъмурию ҷуғрофии ин баҳра оварда нашудааст. Ба баҳраи дуюм Фирдавсӣ Қум, Исфаҳон, Озарбодагон, Армения то Ардабил ва даромади Гелонро ворид кардааст. Ба баҳраи сеюм Порс, Аҳвоз, марзи Хазар аз шарқ то ғарб дохил шудааст. Баҳраи чорум Ирокро то даромади қаламрави Рум фаро мегирифт.

Сипас, ба ривояти Фирдавсӣ, Анӯшервон чӣ ёронаҳое ба бенавоёни ин марзҳо (воҳидҳои маъмурӣ) инъом мекунад ва ба гузаронидани ислоҳоти андоз даст мезанад. Тафсили ин ислоҳот дар бисту панҷ байт омадааст. Фирдавсӣ ривоят мекунад, ки баҳраи шоҳ то Қубод аз сеяк то чоряк буд. Қубод баҳраи подшоҳиро то даҳяк поён мебарад. Анӯшервон ба ҷои ин гуна андоз хироҷ ҷорӣ мекунад. Моҳияти ислоҳоти андози Анӯшервон дар он аст, ки ӯ ба ҷойи андози натуралӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ, андози пулӣ ҷорӣ мекунад, ки вобаста ба масоҳати кишту навъи ҳосилу шумори дарахтони меваю ангур ситонида мешуд. Касоне, ки деҳқон набуданду пул доштанд, аз онҳо ба қавли Фирдавсӣ, соле аз даҳ то чор дирам андоз гирифта мешуд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.77]. Бино ба далолати Ибни Мискавейҳ, даромади хазинаи шоҳаншоҳ Хусрави Парвиз аз хироҷ ва гунаҳои дигари доройӣ ба соли ҳаждаҳуми подшоҳии ӯ баробари шашсад ҳазор ҳазор дирҳам буд [Ибн Мискавейҳ 2003, с.164]. Мо ба дурустии рақам муносибат баён намекунем. Вале мехоҳем гуфт, ки шояд муболиғае сахте роҳ ёфта бошад.

Дар замони Сосониён мо намедонем, вале дар замони Аббосиён дирҳам аз нуқраи Кӯҳи Сим, яке аз фарозҳои тарафи тоҷикстонии қаторкӯҳҳои Қурама (Оҳангарон) сикка зада мешуд. Чунин низоми андозро халифаҳои Аббосӣ низ сармашқи сиёсати андози худ қарор дода буданд. Дар фаровардии ҳамин пора

(пораи андоз) Фирдавсӣ ба нақши корогаҳон (разведка) ишораи ба нигоҳи мо ҷолибе мекунад:

Пароганда корогаҳон дар ҷаҳон,

Ки то неку бад з-ӯ намонад ниҳон [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.780].

Ин ишора ба он ҳам метавонад далолат кунад, ки Анӯшервон мамлакатро дониста идора мекард. Инчунин, ба он ҳам метавонад далолат кунад, чунонки дар яке аз саргузаштҳои айёшонаи Баҳроми Гӯр омадааст, ҳунари корогаҳӣ ва паҳлӯи ба ҳадде торики ин ҳунар – суханчинию хабаркашӣ ҷовидона будааст [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.488]. Ҳамин тариқ, Анӯшервон бо ислоҳоти андозу маъмурӣ, аз нигоҳи Фирдавсӣ, адолатро саросарӣ ва ҳама вайрониҳоро обод мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.78].

Сипас Анӯшервон мефармояд то ба кордорони худ номаи сиркулярие нависанд, ки сазовори баҳои баланди Фирдавсӣ ҳам гаштааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.78]. Ин иқдоми Анӯшервон зоҳиран дар сиёқи навгониҳои сиёсати дохилӣ омадааст. Нома дар шасту ҳафт байт нигошта мешавад ва шояд яке аз дарозтарин номаҳо дар «Шоҳнома» бошад.

Нома, хоссатан оғози вай, аз нигоҳи сохт номаҳои суғдии қадимро мемонад, ки солҳои 312-313 навишта шудаанд ва онҳоро Аурэл Стейн соли 1907 дар мавзеи Дунхуани музофоти Гансуи Хитой пайдо карда буд. Чунончи, дар матн нависандаи нома, гирандагони нома ва арзи эҳтиром зикр шудааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.78-79].

Сипас дар нуҳ байт ситоиши Офаридгор омадааст, ки хусусияти анъанавӣ дорад. Чун анъана даъват ба амал оварда шудааст, ки кордорон аз доираи адолат берун нараванд. Таъкид карда мешавад, ки агар ба як дирам (баробари 4 грамм нуқра) бедодӣ зоҳир шуда бошад, гунаҳкор кушта мешавад. Дар нома ҳамчунин дар бобати ситонидани андоз аз заминҳое, ки аз малах ва хушкӣ осеб дидаанд, имтиёзҳо пешбинӣ карда мешавад. Анӯшервон дастур медиҳад, аз заминҳое, ки борон надида бошанд, ҳамон сол хироҷ гирифта нашавад. Ишораи Фирдавсӣ дар бораи офати малах наметавонад таъкиди бештари эҳтиромро ба соҳиби ҳамосаи

миллӣ бедор накунад. Офати малах ҳаргиз аз офати хушксолӣ камтар набуд ва имрӯз ҳам аз ин офат роҳӣ халосӣ пайдо нашудааст.

Баъд аз ин Фирдавсӣ як достоне дар ҳафтоду ҳафт байт меоварад, ки мебоист оид ба ислоҳоти аскарии Анӯшервон маълумотеро фаро мегирифт. Дар нигориши Фирдавсӣ мавзуъ чунин баён шудааст. Нахуст Анӯшервон девони арзу сипоҳро ба шахсияти динӣ месупорад, ки Бобак ном дошт. Девони арз ба маънӣ баробари маънии сохтори вазорати ҷанг ва умури лашкар буд.

Рӯзи аввал ва дуюм ба даъвати Бобак дар назди кохи шоҳанҳшаҳӣ бо аспу силоҳи худ анбӯҳе аз хоҳишмандон гирд меоянд, то ба ивази подош ба хидмати аскарӣ бипайванданд. Ба ҳадде, ки ҳаво аз гарди саворон сиёҳ мешавад. Бо вуҷуди чунин издиҳом, ба сабаби ҳузур надоштани худи подшоҳ ва ду рамзи лашкари подшоҳӣ – яке дирафш, дигаре тоҷи шоҳаншоҳ намоиши хоҳишмандони хидмати аскарӣ пазируфта намешавад.

Рӯзи сеюм худи Анӯшервон бо хафтону миғфару дирафши бузургӣ ба майдон медарояд ва ҳунарҳои ҷангӣ намоиш медиҳад. Анӯшервон, дар ривояти Фирдавсӣ, масъалаи маблағгузории хароҷоти лашкарро дуруст ҳал мекунад, зеро «Нагардад силоҳ анҷуман ҷуз ба ганҷ» [«Шоҳнома» Д.1990-8, с.89]. Дар нашри интиқодии Москва садри ин байт «Нагардад сипоҳ анҷуман ҷуз ба ганҷ» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.65] омадааст, ки, бешубҳа, муваффақтар ба назар мерасад. Сипас Анӯшервон даъватро ба хидмати аскарӣ ҷорӣ мекунад. Ба фармони хаттии Анӯшервон мебоист ҳар фуқарои мамлакат писари калонии худро ба хидмати аскарӣ супорад. Дар давоми чил рӯз шоҳаншоҳ ташкили коррҳои лашкарро ба муддаои худ ба анҷом мерасонад.

Дар фароварди ҳамин эпизод, ки онро шартан масъалаи ислоҳоти Анӯшервон метавон номид, Фирдавсӣ дар сию панҷ байт боз хутбаи дигар шоҳаншоҳро бозгӯ мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.90-93]. Дар ин хутба пас аз ситоиши Яздони пок Анӯшервон ба расми подшоҳони пешин таъкид мекунад, ки ӯ ҳамеша омодаи шунидани арзу ниёзи раият аст ва супориш медиҳад, ки:

Ба хобу ба бедорию ранҷу ноз,
Аз ин боргоҳ кас надоред боз [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.91].

То

Магар орзуҳо ҳама ёфта,

Махуспанд як тан зи ман тофта [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.91].

Дар чопи интиқодии Москва садри ин байт аҷзи байт шудааст ва садри байт ба гунаи «Махуспид як тан зи ман тофта» омадааст [Фирдавсӣ М.1970-8, с.91]. Ба назари мо, чунин хондани байти иқтибос муваффақтар ба назар мерасад. Зиёда аз ин Анӯшервон боҷу хироҷи солҳои гузаштаро афв мекунад. Хутба ба ҳукми анъана сазовори офарини аҳли дарбор мешавад. Ва ин пора, ки ба моҳият, хулосаи ё натиҷаи ислоҳоти Анӯшервон мебошад, бо тасвири манзараи идеалии ҳаёти осуда ва шукфоии мамлакат ба поён мерасад.

Эпизоди II. Хусрави Анӯшервон. Ин эпизод ба баррасии сафарҳои дохилии Анӯшеровон бахшида мешавад. Анӯшервон ба мақсади кушода кардани корҳои ниҳон сафарҳои «шиносоӣ бо мамлакат»-ро оғоз менамояд. Дар сафар, ба гузориши Фирдавсӣ, лашкаре ӯро ҳамроҳӣ мекунад ва гашту гузори сипоҳ мувофиқи оини лашкаркашии сосонӣ сурат мегирад. Ибораи «оини Сосон», ки дар байт омадааст ба, эҳтимоли қавӣ, шояд маънии оини лашкаркашии сосониро дошта бошад, на Сосонро. Лоақал бар он далел, ки ба солҳои зиндагии Сосони таърихӣ (падар ё бобои Ардашери Бобакон) Сосониён тоби лашкаракашӣ надоштанд.

Анӯшервон нахуст аз Хуросон дидан мекунад. Ӯ ба ҳар ҷое, ки мерасид, мунодӣ меандохт, то нидо кунад:

Ки эй зердастони шоҳи ҷаҳон,

Кӣ дорад газанде зи мо дар ниҳон.

Махуспед ноэмин аз шаҳрёр,

Мадоред аз андеша ҷонро низор [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.94].

Сипас ба Гургон ва аз он ҷо бо Сориву Омул (-и Табаристон) меравад. Дар сари баландие дар Омул Анӯшервон, як марди савораи тозиро мебинад. Марди тозӣ ба шоҳаншоҳ аз ғоратгариҳои туркон шикоят мекунад, ки одатан аз роҳи Хоразм тохту тоз мекарданд. Он мард аз подшоҳ тавалло мекунад, ки балои тохту този турконро рафъ кунад [«Шоҳнома» Д.1990-8, с.95].

Дар нигориши Фирдавсӣ, Анӯшервон аз шикояти он фарёдхоҳ хеле мутаассир мешавад ва дар ниҳояти кор мефармояд бо даъвати устоёни «Ҳинду Рум» ва ҷойҳои дигар борае бисозанд ва дари оҳанине ҳам дар ин бора бигузоранд. Ин ҷо эҳтимол сухан дар бораи Дарбанди Доғистони имрӯза меравад, ки дар асри VI чун истеҳкоми мудофиавӣ ва фортификатсионӣ сохта шуда буд. Сарпарастии сохтмони истеҳкомро Анӯшервон ба «яке пир мӯбад» супориш медиҳад.

Дар бораи нажоди марди фарёдхоҳ, ки Фирдавсӣ «тозӣ»-яш гуфтааст, метавон бо боварӣ мулоҳиза пешниҳод кард, ки ин «тозӣ» ба ҳеҷ ваҷҳ араб ба маънои бадавӣ (кӯчманчӣ) намебошад. Ба он далел, ки то замони Анӯшервон ва ба замони Анӯшервон арабҳо ба самти шимолу шарқ ва шимолу ғарб фаротар аз Саводи Ироқ нарафта буданд. Худи Саводи Ироқ – заминҳои ба долу дарахту боғу роғи миёндуоби Байнаннаҳрайн дар охирҳои ҳазораи якуми пеш аз мелод ва ҳазораи якуми мелодӣ маркази Эроншаҳр буд ва ба қавли Убайдулло ибни Хурдодбеҳ Саводро «подшоҳони фурс «дили Эроншаҳр»-аш мегуфтанд [Ибни Хурдодбеҳ 1889, с.6]. Агар ба мулоҳизаи В.В.Бартолд эътибор бидиҳем, ки «ба сифати марзи ғарбии истиқомати тоҷикон хатти байни Астаробод (Гургон) ва Язд оварда мешавад» [Бартолд.1963-2\1, с.470], метавон ҳадс зад, ки дар ин ҷо «тозӣ»- и Фирдавсӣ шояд ба маънии этноними «тоҷик» омада бошад. Шарқтар аз хати рости Астаробод (Гургон) дар соҳили ҷанубии баҳри Хазар ва Язд, ки дар маркази ҷуғрофии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷойгир аст, ба ақидаи В.В. Бартолд дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX минтақаи истиқомати қавми тоҷик дониста мешуд.

Ва дар кадом поя метавонем гуфт, ки дар асри VI (асри салтанати Анӯшервон) дар ин паҳно қавми дигар зиндагӣ мекард? Хосса қавми араб? Хосса он «тозӣ»- и Фирдавсӣ, агар кӯчманчиаш гӯем, аз қавми турк, ки низ кӯчманчӣ буд, аз Анӯшервон дод хостааст. Дар ин бора мо низ мақолае дар мавзуи «Оид ба як тобиши маъноии калимаи «тозӣ» дар «Шоҳнома-»и Фирдавсӣ» навиштаем [Юлдошев 2020, с.40-47].

Эпизоди III. Хусрави Анӯшервон. Ин эпизод бастагӣ ба талошҳои Анӯшервон барои ба итоат даровардани се қавм – алонон, балуҷон ва гелониён дорад ва дар ҳафтоду ҳашт байт омадааст. Дар миёни ин ривоят ҳикояти сафари Анӯшервон ба Ҳинд ҳам дар панҷ байт гуфта шудааст.

Ҳаким Фирдавсӣ ҳангоми тасвири тадбири Анӯшервон чунин овардааст, ки шоҳнашоҳ мехост алонон – қабилаҳои скифу сарматии эрониро, ки дар шимоли қаторкӯҳҳои Кавказ ҳаёти кӯчӣ ба сар мебурданд, бо роҳи осоишта ба итоат дароварад.

Аз тарафи дигар, Фирдавсӣ Анӯшервонро чун подшоҳи тарафдори ободонӣ ба қалам додааст. Анӯшервон вақте дар роҳи паҳноҳои алонон марзи вайрони бекорро мебинад, чунин ҳолатро нанг медонад. Агар пештар подшоҳони Сосонӣ ободониро дар бино кардани шаҳрҳо ва роҳҳо медонистанд, Анӯшервон, яқинан, масъаларо фарохтар гузоштааст. Чунин муносибат дар фармони Анӯшервон ба алонон, ки зикраш бевосита хоҳад омад, низ зоҳир шудааст.

Анӯшервон то кор ба ҷанг накашад, ба назди саркардагони алонон аз шумори лашкариён фиристодае мефиристад. Сипоҳи алонон, ба қавли Фирдавсӣ, чун тохтан (ғорат) пешаашон буд ва дар пояҳои фурутари ахлоқӣ қарор доштанд, ба марзи Эрон хатари ҷиддӣ эҷод карда буданд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.98]. Вақте ки фиристода пайғоми шоҳи ҷаҳонро ба онон мерсонад, намояндагони тарафи алонӣ тавба мекунанд ва бо ҳадяҳо ба ҳузури Анӯшервон мерасанд. Шоҳаншоҳ тавбаи онҳоро қабул мекунад ва супориш медиҳад, ки вайрониҳоро обод кунанд, ба зудӣ шаҳристоне бино намоянд ва онро бо девор бипечонанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.99-100].

Фирдавсӣ меоварад, ки Хусрави Анӯшервон бо лашкар ба Ҳиндустон меравад ва он ҷо чанде мемонад. Ҷониби ҳиндӣ пеши роҳи рӯёрӯии аскариро бо ҳадяҳои зиёд мегирад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.100]. Аз юриши Ҳинд Анӯшервон ба қавли Фирдавсӣ, бо «диле шод» бармегадад. Ин пора, ки аз шаш байт иборат аст, дар ин ҷо мантақан чандон ба мавқеъ наомадааст. Шояд пора як инъикоси номуфассале аз муносибатҳои Ҳинду Эрон бошад, ки дар замони салтанати Анӯшервон қоим буданд, вале аз нигоҳи копозитсионӣ дар ҷои худ наомадааст.

Аммо агар гӯем, ки Балуҷистон як пораи қаламрави Ҳинди таърихӣ буд (Кветта маркази Балуҷистони имрӯза), Анӯшервон метавонист, аз хоки музофотҳои дигари Ҳинд ҳам гузарад.

Дар роҳи бозгашт хабари ошӯбҳо дар паҳноҳои балуҷҳо ва дар минтақаи Гелонро ба подшоҳ мерасонанд. То ҷое, ки матни Фирдавсӣ имконият медиҳад, метавон гуфт, чун балуҷон қавми саркаш буданд, Анӯшервон дар Балуҷистон қатли оми сахте гузаронидааст:

Аз эшон фаровону андак намонд,
Зану марди ҷангию кӯдак намонд...
Бибуд эмин аз ранҷи эшон ҷаҳон,
Балуҷе намонд ошкору ниҳон.
Чунон шуд, ки бар кӯҳи эшон гала
Будӣ бенигаҳбону карда яла [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.102].

Ин қатли ом, агар дар сарчашмаҳои дигар низ гузарад, ба эътибори Анӯшервон, метавонад ғубори тунде бинишонад. Агар ба назар нагирем, ки ин тасвир ба эҳтимоле метавонад тасвири меъёрӣ ҳам бошад. Чунонки ишора карда будем, Ардашери Бобакон ҳам чунин корро дар шаъни курдони саркаш карда буд.

Дар сарчашмаҳо, аз ҷумла дар «Ғурар»-и Саолибӣ, гӯё ҳадиси Сарвари оламиёнро меоваранд, ки фармуда будаанд:ولدت فى زمن الملك العادل «Ба рӯзгори подшоҳи одил зода шудаам». Бевосита пеш аз овардани ин ҳадис Саолибӣ менависад « فكان عليه السلام يفتخر به ويقول» Алайҳи-с-салом бо ӯ фахр мекард ва мегуфт...» [Саолибӣ 1963, с.605-606]. Андаке дертар яке аз ситорагони фикри исломӣ имом Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (1058-1111) дар «ат-Тибру-л-масбук фӣ насиҳати-л-мулук» ҳамин қавли Саолибиро таъкид кардааст. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар бобати саҳеҳ будани ҳадис шубҳае баён нанамудааст [Ғаззолӣ 1988, с.45-46]. Чанде пештар аз Саолибӣ Абуалии Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб» навишта буд, ки «Кисрои Анӯшервонро подшоҳи хайр мегуфтанд» [Масъудӣ 1973, с.268].

Дар ин бобат метавон гуфт, ки дар зеҳни мардуми тоҷик ба забони тоҷикӣ тасаввури адолати Анӯшервон шояд дар асри IX-X ташаккул ефта бошад. Чун аз ин ду аср осори хаттии камтаре (ба истиснои «Шоҳнома») то мо расидааст, метавон бо дили пур таъкид кард, ки адолати Анӯшервон дар асри XI дар зеҳнҳо нағзакак нишаста буд. Муште аз хирвор, Абулфараҷи Рунӣ овардааст, ки:

Ҳаво бар сирати Заҳҳоки золим,

Гузид оини Нӯшервони одил [Кадканӣ 1997, с.594].

Ба рӯзгори Саъдӣ Анӯшервон аллакай таҷассуми хайр буд:

Зиндаст номи фаррухи Нӯшервон ба хайр,

Гарчӣ басе гузашт, ки Нӯшервон намонд [Саъдӣ 2008, с.16].

Подшоҳи одил наметавонист чунин кунад, ки «зану марди ҷангию кӯдак» намонад. Зиёда аз ин саҳеҳ будани ин ҳадисро уламои ҳадис, хоссатан уламои замони навин, ба як овоз инкор мекунанд. Мо дар ин бобат намехоҳем мавқее дошта бошем. Фақат мехоҳем таъкид кунем, ки пайвастани Анӯшервон аз ин ё он ҷиҳат ба рӯзгори ҳазрати Пайғамбар дар сарчашмаҳои адабӣ сюжети густардае мебошад. Бузургони Аҷам дар симои Хусрави Анӯшервон мехостанд шахсеро бубинанд, ки аз меҳри  Пайғамбар бархурдор буд, то боз як шаҳомате ба гузаштаи тоисломии худ бубахшанд.

Сипас Анӯшервон ба Гелону Дайлам лашкар мекашад. Ва дар ин ду минтақа низ Анӯшервон хурду бузургро аз дами теғ мегузаронад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.75]. Бешубҳа, ин гуна рафтор, агар ҷой дошта бошад, боз ҳам тирагие ба намои адолати Анӯшервон ворид месозад. Эҳтимол, месазад ишора кард, ки аҳли Дайлам бо мардуми Форс шояд чандон муносибати беғубор надоштанд. Масалан, маълум аст, ки дар набарди  Қодисия ба соли 637 сипоҳи Дайлам аз тарафи сипоҳи шоҳаншоҳ Яздгирд ба ҷанг ба муқобили лашкари араб ворид намешавад [Юлдошев 2022, с.107-113].

Дар чунин вазъяти хуношом ин ду минтақа итоати Анӯшурвонро қабул мекунанд ва шоҳаншоҳ бо гирифтани дусад гаравгон ва гузоштани яке аз паҳлавонони худро ба сифати волӣ, Гелону Дайламро тарк мекунад. Вале, ба ривояти Ибни Мискавейҳ, дар тарҷума ё бозгӯи «Зиндагиномаи Анӯшервон»

шоҳаншоҳ изҳори ақида мекунад: «Худованд ҳама мардумони подшоҳиро аз душманон наҷот бахшид. Аз онон танҳо ду ҳазор дайламиён монданд, зеро ба сабаби печидагии роҳи гузари кӯҳистони атроф фатҳи қалъаи онон душворӣ овард» [Ибн Мискавейҳ 2003, с.135; Мишин 2014, с.606].

Агар Фирдавсӣ дар бораи се қавми ё минтақаи ошӯбгар сухан гуфта бошад, Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ минтақаҳои бештарро ном мебарад, ки аз итоат баромада буданд. Чунончи, Синд, Буст, Рухак, Зобулистон, Тахористон, Дурдистон (?), Кобулистон. Мегӯяд: «Куштори бузурге байни қавми бориз» (?) анҷом дод. Ва қавми дигареро, ки Табарӣ сул мегӯяд, ҳамаро бикушт, ба истиснои «ҳаштод тан аз гурдон», то аз онҳо дар набардҳо истифода кунад [Табарӣ 1979-2, с.33].

Сипас Табарӣ ба тасвири моҷаро бо Хоқони турк мегузарад, Фирдавсӣ ба тасвири моҷаро бо қайсари Рум даст мезанад.

Эпизоди IV. Хусрави Анӯшервон. Ин эпизод ба воқеаи моҷарои Анӯшервон бо қайсари Рум бастагӣ дорад. Ривояти моҷаро бо қайсари Рум дар чопи интиқодии Институти шарқшиносии Тоҷикистон дар сесаду ҳаждаҳ байт омадааст.

Мунзири Лахмӣ аз Анӯшервон дод мехоҳад, то аз зӯроварии қайсари Рум пуштибонӣ кунад. Анӯшервон қарор мекунад, ки Лахмиҳоро ҳимоя хоҳад кард. Зӯроварии румиён ба муқобили амороти Лахмиҳо чандон равшан нест, аммо он ки вассали Рум амири Киндаи араб Ҳорис ибни Амр соли 502-и мелодӣ аморати вассали Сосониён аморати Лахмиҳоро торумор карда буду новобаста ба қасоси Лахмиҳо соли 528. байни солҳои 540-547 набардҳои Лаҳмиҳо ва амирони Кинда давом доштанд, дар назди таърихшиносон шубҳае надорад.

Анӯшервон, ба қавли Фирдавсӣ, яке аз сипоҳиёни забондонро интихоб мекунад, то бо паёми шифоҳӣ ӯ ба назди Қайсар биравад. Паёми шифоҳӣ ба ҳадде оҳанги таҳдид, таҳқир ва тунд дорад ва дар даҳ байт гуфта шудааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.105-106]. Ростӣ мазмуни паём ба сирати адабӣ-таърихии Анӯшервон, ки шояд пасон сохта бошанд, ҳамоҳангӣ намекунад. Ба назар

мерасад, ки ин ҷо принсипи «Душман натавон ҳақиру бечора шумурд» ба инобат гирифта нашудааст.

Қайсар фишори Анӯшервонро писанд намекунад ва маслиҳат ҳам медиҳад, ки Анӯшервон ба суханони Мунзир бовар накунад. Ӯ таҳдид ҳам мекунад, ки дашти Найзаваронро (сарзамини асотирӣ дар «Шоҳнома», ки ба паҳноҳои иқомати қабилаҳои араб дар он сӯи Байнаннаҳрайн далолат мекунад) ба хок яксон менамояд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.106].

Анӯшервон бо он ки бо шунидани посухи шифоҳии Қайсар то ҷое ба эҳсосот дода мешавад, фармон ҳам медиҳад, ки лашкар ороста шавад ва ба ихтиёри Мунзир сӣ ҳазор саворони шамшерзанро мегузорад, то «сипоҳе... аз ҷангҷӯён ба Рум» бибарад, вале лозим медонад, ки боз аз абзори дипломатӣ истифода кунад.  Чунин иқдоми шоҳанҳош аз хиради сиёсии ӯ метавонад гувоҳӣ диҳад, зеро ҳукми присипи «Бо он, кӣ дари сулҳ занад, ҷанг маҷӯй» аз оғози оғозҳо пеши подшоҳони соҳиби андеша қоим буд. Нома, ки дар дувоздаҳ байт омадааст, номаи шаклан меъёрӣ мебошад. Соҳиби нома эҳтироми гирандаи номаро ба ҷо овардааст:

Ба наздики қайсар сарафрози Рум,
Нигаҳбони он марзи ободбум [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.108].

Сипас мувофиқи қоида се байти ҳамди Офаридгор меояд. Анӯшервон маслиҳат медиҳад:

Ту гар қайсарӣ, Румро меҳтарӣ,
Макун беш бо тозиён доварӣ

ва таъкид мекунад, ки:

Ту з-он марз як раш мапоймой пой,
Чу хоҳӣ, ки паймон бимонад ба ҷой [Фирдавсӣ М.1970-8, с.79-80].

Паймоне, ки Фирдавсӣ зикраш кардааст, бино ба далолати сарчашмаҳои румӣ, воқеияти таърихӣ дорад. Бино ба маълумоти Прокопий Кессарийский, ба соли шашуми подшоҳии Юстиниан (527-565), соли 532 байни шоҳаншоҳии Сосонӣ ва империя Византия паймони «сулҳи доим» ба имзо расида буд. Прокопий таъкид мекунад, ки ин сулҳро Анӯшервон ба шарти пардохтани

ҷониби румӣ яксаду даҳ кентинарий тилло имзо кард. [Прокопий 1993, параграф XXII/3, с.19]. Ба ин муносибат метавон мулоҳиза пешниҳод кард ки Анӯшервон тавонистааст, манфиатҳои молиявии шоҳаншоҳиро низ дар назар дошта бошад. Хотирасон мекунем, ки як кентинарий (қинтор) иборат аз 7200 тангаи тилло буд ва ҳар як танга 4,4 грамм вазн дошт.

Нома ҳарчанд таъкиди тавони аскариро дарбар мегирад, бо изҳори умеди оштӣ ба поён мерасад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.109]. Бо гирифтани нома, дар гузориши Фирдавсӣ, қайсар ошуфта мешавад ва вокуниши ғайриоштихоҳона нишон медиҳад. Номаи қайсар, ки аз понздаҳ байт иборат аст, низ се байти ҳамд дорад. Сипас қайсар ба «ҳуҷум» мегузарад ва ба Анӯшервон мегӯяд ба девон мурочиат кунад ва бипурсад, ки оё Рум ба Сосониён ягон вақт бож додааст? Қайсар худро баробари шоҳаншоҳ медонад ва дар давоми ҳуҷум изҳор мекунад, ки:

Бихоҳам кунун аз шумо божу сов,
Кӣ дорад ба пархош бо Рум тов? [Фирдавсӣ Д. 1990, с.110].

Қайсар изҳор мекунад, ки хоки дашти Найзаваронро хоҳад бехт. Нома бо наҳ задани Анӯшервон ва баёни муносибати сард бо фиристода тамом мешавад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.110].

Анӯшервон баробари хондани номаи ҷавобӣ, бо мӯбадону радону ройзану паҳлавонони лашкаршикан машварат доир мекунад ва дар рӯзи сеюм қарор қабул мекунад, ки ба Рум лашкар кашад. Роҷеъ ба як одати лашкар кашидан ба муқобили ҳариф, шояд овардани як назари Прокопий аз фоида холӣ набошад. Прокопий менависад: «Форсиён одате доранд: вақте онҳо ба муқобили душмане мераванд, подшоҳ дар тахт менишинад ва дар назди ӯ сабадҳои зиёде гузошта мешаванд. Ин ҷо сарлашкар низ меистад, ки ба ӯ фармондеҳии лашкар дар ин юриш ба муқобили душман супориш шудааст. Тамоми сипоҳиён танҳо-танҳо аз назди подшоҳ мегузаранд ва ҳар яке аз сипоҳиён як тири камон ба он сабадҳо мепартояд; сипас он сабадҳо, ки бар онҳо мухри подшоҳ зада шудааст, нигоҳ дошта мешаванд. Вақте лашкар аз ҷанг ба Форс бармегардад, ҳар сипоҳӣ аз он сабадҳо як тири камон (хаданг) мегирад. Хадангҳои мондаро шуморида, онҳо ки

вазифадори ин кор ҳастанд, ба подшоҳ арз мекунанд, чӣ шумор аз сипоҳиён бар нагаштаанд. Ҳамин тариқ, шумори куштагон дар ин юриш муайян карда мешавад. Ин одати форсиён аз қадим муқаррар шудааст» [Прокопий 1993, с. 60-61].

Дар бораи оростани машварат метавон гуфт, ки дар нигориши Фирдавсӣ ин бори дуввум аст, ки Анӯшервон қарори коллегиалӣ қабул мекунад. Бори нахуст, чунонки гуфта гузашта будем, чунин қарор дар бобати ислоҳоти маъмурӣ қабул шуда буд. Бешубҳа, чунин муносибат аз фазилати сиёсии Анӯшервон гувоҳӣ медиҳад ва ба он метавонад далолат кунад, ки ӯ гӯё подшоҳи худкома набуд ё камтар буд. Дар нигориши ин пораи матн Фирдавсӣ ишораи гузарое дорад, ки шояд аҳаммияти назарие дошта бошад. Ӯ менависад:

Ба ором андар набудаш диранг,
Ҳаме аз пайи ростӣ ҷуст ҷанг [Фирдавсӣ М.1970-8, с.81].

Мо намегӯем, ки Фирдавсӣ мавзуи «ҷанги одилона»-ро таъкид кардааст. Аммо аҷзи байте, ки ҳоло овардем, тафсири дигареро таҳаммул ҳам намекунад. Сипас ҳайбату азамати лашкар ба таври тақрибан анъанавӣ тасвир мешавад.

Дар раҳи Рум Анӯшервон аз оташкадаи Озаргушасп мегузарад ва истода ибодат мекунад. Баҳроми Гӯр ҳам чунин корро карда буд. Анӯшервон дар назди оташкада хайма мезанад ва ба дабир матни номаеро «Сӯи марзбонони Эронзамин» баён мекунад. Матни нома дар гузориши Фирдавсӣ чандон дароз нест, ҳамагӣ аз чор байт иборат мебошад. Ӯ марзбононро ба тарс (аз Худо ва шояд аз подшоҳ), ҳушёрӣ, доштани тавон барои ҳимоя аз душман, миршабону паҳлавононро ба адолат дар муносибат бо зердастон ва марзбононро бо доштани сипоҳ ба ҳадде, ки бадандеш ибо кунад, даъват менамояд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.113].

Дар ривояти Табарӣ подшоҳии Анӯшервон аз фиристодани нома ба марзбонон сар шуда буд. Чун маърака бо румиён нахустин набарди шоҳаншоҳ бо душмани хориҷӣ буд, шояд бе ҳикмат набошад, ки Анӯшервон ёддошти ҳушдоромезе ба ҳар чаҳор марзбон фиристодааст. Сипас Фирдавсӣ ба як оҳанги тантанавӣ, ки низ аз унсурҳои меъёр холӣ нест, менависад, ки чӣ гуна иқдоми

Анӯшервон пуштибонӣ гирифт, ба ҳадде ки: «Зи гурдон бару бум шуд нопадид» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.113]. Чун ба ҷои разм наздик мешаванд, шоҳаншоҳ додани подошро ба сипоҳ анҷом медиҳад.

Ба туфайли ин пораи «Шоҳнома» мо ду чизро метавонем донист. Яке ба сипоҳ кай подош медоданд ва дар ин маърака «сипаҳдор» – фармондеҳ Шерӯи Баҳром, гуфта мешавад, ки ба қавли Фирдавсӣ дар ҷанг бо рою ором буд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.114]. Се бахши сафҳои лашкар – майсара, маймана, қалб – ба се нафар вогузор мешавад. Талоя ба гурди дигар. Аҷаб, ки ҳар чаҳор истилоҳи сафороии лашкар дар ҳама ҷои «Шоҳнома» аз лексикони сафороии лашкари араб гирифта шудааст. Мо бо ин огоҳие, ки ҳоло дорем, ба ин савол ҷавоб дода наметавонем. Подшоҳони эронӣ, ки маъмулан ё дар разм буданд, ё дар базм, мебоист терминологияи ҷангии худоро медоштанд. Аҷаб, ки бо ин қадар забони покизаи тоҷикӣ, дар «Шоҳнома» истилоҳҳои асосии сафороии лашкар арабӣ мондааст.

Сипас, шояд пеш аз муҳориба, Анӯшервон корогаҳонро ба кор медарорад ва дастури лашкарро ба ибораи навин «тасдиқ» мекунаду ба мунодигаре мефармояд, ки ин дастурро ба ҳар хаймаву хиргоҳ бирасонад. Дар дастур, дар баёни Фирдавсӣ, Анӯшервон мефармояд, ки:

а) агар касе аз хатти кашидаи ман барояд;

б) агар ба фуқаро ва тавонгароне, ки ганҷ доранд, озоре расонад;

в) агар киштзореро поймол кунад;

г) «в-агар пеши лашкар биҷунбад зи ҷой» (бе фармон, албатта);

д) «гар оҳанг бар мевадоре кунад»;

е) «в-агар нописадида коре кунад»,

кушта хоҳад шуд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.115]. Анӯшервон эълон мекунад, ӯ ҳам дар талоя аст, ҳам дар қалб ҳам дар ақибгоҳу ҳам дар майманаву майсара ва ҳам дар хушкиву ҳам дар об. Яъне, аз ҳама аҳволи лашкар хабар дорад.

Анӯшервон бо кори мунодӣ қаноат нанамуда, гирд-гирди лашкар ҳам мегардад. Дар ин пораи матн нуктаи дигари ҷолиби диққат он аст, ки шоҳаншоҳ

мефармуд, сипоҳии мурдаро хор накунанд, дахма кунанд ва бо чизу чорааш ба дахма гузоранд.

Шоҳаншоҳ, дар тасвири Фирдавсӣ, пеш аз ба ҷанг ворид шудан боз ҳам роҳи мусолиматомези масъаларо меҷуст, сафире интихоб мекард, то рағбати Анӯшервонро ба душман расонад. Дар ҳолати сар тофтан аз гуфтушунид душманро ҳолати ногуворе интизор буд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.117].

Ба назар мерасад, ки тартиби ақлонӣ ва адолатро аз рӯи тасаввури худашон барқарор кардани подшоҳони Сосонӣ, дар «Шоҳнома» ба гунаи унсури як меъёр инъикос ёфтааст. Чунонки гуфта гузашта будем, поягузори сулола Ардашери Бобакон низ даъво дошт, ки «Ҷаҳон рост кардам ба шамшери дод»[Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.274].

Ҷанг аз кушодани истеҳкомҳои душман сар мешавад. Нахуст, муҳорибаи кушодани қалъае сар мешавад, ки Фирдавсӣ онро Шӯробаш мегӯяд. Дар тасвири қалъа Фирдавсӣ баландии девори вай ва аён набудани ҷои дарвоза ишора шудааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.118]. Маълум набудани ҷойи дарвозаи истеҳкомҳо дар «Шоҳнома» як тасвири маъмулӣ ҳам ҳаст. Чунонки гуфта гузашта будем, Шопури Ардашер низ ҷойи даромади қалъаи Ҳатраро ба осонӣ наёфта буд. Қалъаро бо истифода аз манҷаниқ фатҳ мекунанд, қалъа хароб ва тақрибан размадагони вай ҳама кушта мешаванд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.118].

Қалъаи дигареро, ки Анӯшервон кушодааст, Фирдавсӣ Ороиши Румаш мегӯяд ва ишора мекунад, яке аз ганҷинаҳои қайсар дар ин қалъа буд. Қалъа ва шаҳрро Анӯшервон фатҳу тороҷ мекунаду оташ ҳам мезанад. Бештари ҷанговарони румӣ кушта мешаванд. Аммо вақте ки «кӯдаку марду зан» (аҳолии осоишта) зинҳор мехоҳанд, Анӯшервон:

Бифармуд, то кас накуштанд низ,
Бар эшон бубахшид бисёр чиз [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.119-120].

Ин фармон, бешубҳа, метавонад чун рахе ба симои Анӯшервон чун фармондеҳ ва подшоҳи одил далолат кунад.

Эпизоди IVа. Хусрави Анӯшервон. Дар ҳамин печи хатти инкишофи сюжет, эҳтимол, мо ба кулминатсия мерасем, зеро: «Наванде зи гуфтори

корогаҳон» ба подшоҳ мерасад, ки қайсар ба муқобили лашкари Сосониён лашкар фиристодааст. Дар нигориши Фирдавсӣ, Анӯшервон аз шунидани ин хабар ҳеҷ ҳаросон намешавад. Ҷанг чӣ гуна ҷараён мегирад, тасвир нашудааст, вале Фирдавсӣ якбора менависад, ки: «Ба ҳар сӯ зи румӣ тале кушта буд» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.121]. Ҷанг ба фоидаи сипоҳи Сосонӣ давом мегирад ва лашкари Анӯшервон боз як дижи дигар, ки Фирдавсӣ Қолиниусаш мегӯяд, фатҳ мекунад. Шоҳаншоҳ рафторе зоҳир менамояд, ки ба назари мо, аз хиради сиёсӣ ва дурандешии ӯ метавонад гувоҳӣ диҳад. Ӯ бо қатъияти шоҳона пеши роҳи тороҷ кардани шаҳрро мегирад. Фармон медиҳад, ки сипоҳ аз шаҳр ба дашт берун шавад ва огоҳ мекунад, ки агар шикояте расад, гунаҳкор кушта мешавад. Боз чун «Зану кудаки хурд бо марди пир» зинҳор мехоҳанд, Анӯшервон на танҳо ба онҳо амон медиҳад, балки «басе хоста пеши эшон» ҳам мемонад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.120].

Сипас дар се муҳориба дар ду рӯз Анӯшервон яке аз шаҳрҳои басо қадимаи намиранда – шаҳри Антокияро (Антиохия) ҳам мегирад ва фармон медиҳад, ки дар Эронзамин шаҳре як ба як ба монанди Антокия бисозанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.124-125]. Антокия қадима, ки ҳоло дар ҷанубу шарқи Туркия аст, дар асри VI то мелод таъсис ёфта буд. Ба қавли Табарӣ, ин шаҳрро дар наздики Мадоин месозанд ва номашро Румия мегузоранд [Табарӣ 1979-2, с.35]. Дар мавзуи Антокия Диноварӣ боз ба як нукта ишора мекунад, ки басо ҷолиб ба назар мерасад. Анӯшервон «қоим би аъмол» – сарварии корҳои шаҳрро ба марде месупорад, ки яке аз насрониёни Аҳвоз буд. Бино ба нигориши Абуҳанифаи Диноварӣ дар «ал-Ахбору-т-тивол», то он ки Анӯшервон Антокияро бигирад, дар болооби Байнаннаҳрайн шаҳрҳои Доро, Руҳо, Қиннисрин, Манбиҷ ва Ҳалабро ҳам мегирад. Дар муҳорибаҳа ба тақозои одати подшоҳони Сосонӣ худи Анӯшервон бевосита иштирок мекунад [Диноварӣ 1911, с.69].

Чун сарлашкари румиён, ки Фирдавсӣ Фарфурнусаш мегӯяд, ба қайсар авзои корзор ва тавони лашкари Анӯшервонро арз мекунад, қайсар ҳаросон мешавад ва машварат доир мекунад. Хулосаи машварат чунин аст, ки қайсар ба назди Анӯшервон сафорат мефиристад. Сафир бо риояи расонидани қоидаҳои

паём мегӯяд, ки агар ҷанг барои ғанимат бошад, ӯ «ҳама ганҷи Рум»- ро овардааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.129]. Анӯшервон бо сафирон муомилаи шоиста мекунад ва мувофиқат менамояд, ки агар Рум ҳамасола «динор даҳ чарми гов», «бо ҳадяву бо нисор» фиристад, пас шоҳаншоҳ сипоҳро қафо мегардонад. Бо расидани мувофиқати қайсар ба шарти Анӯшервон, шоҳаншоҳ сипаҳро пас мегардонад, Шерӯяи Баҳромро муваккал мекунад, ки масъули божи Рум бошад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.129-130].

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва хулосаи муҳаққиқон, новобаста ба «сулҳи ҷовидон» аз соли 540 то соли 545 набардҳо миёни империяи Рум ва шоҳаншоҳии Эрон давом доштанд ва шаҳри Антокияро сипоҳи эронӣ, дар ҳақиқат, соли 542 фатҳ карда буд.

Эпизоди V. Анӯшервон. Ин эпизод аслан аз ошӯби Нӯшзод писари Анӯшервон ҳикоят мекунад, ки дар чопи интиқодии Институти шарқшиносии Тоҷикстон дар дусаду бисту чор байт, дар чопи интиқодии Москва дар дусаду бисту ҳашт байт ва дар матни Холиқии Мутлақ дар дусаду сию ҳафт байт омадааст. Сюжети ситези писарон бо падарон дар «Шоҳнома» борҳо вомехурад. Чунончи, Исфандёр кушоду равшан подшоҳиро аз падари зиндааш талаб карда буд:

Писарро бинеҳ тоҷ акунун ба сар,
Чунон чун ниҳодат ба сар-бар падар [Фирдавсӣ Д. 1965-6, с.291].

Тавре ишора карда будем, дар бораи Урмузди Шопур низ дасисаҷӯёни дарбор чунин даъворо паҳн карда буданду Урмузд бо камоли ҷавонмардӣ ин даъворо рад намуда буд.

Нӯшзод писари Анӯшервон аз модари насронӣ буд ва ба нигориши Фирдавсӣ, дини зардуштиро қабул намекард. Ба ин сабаб гӯё ба ҳабси хонагӣ маҳкум шуда буд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.132].

Шоҳаншоҳ пас аз юриш ба Рум, аз куфти роҳ сахт нотоб мешавад. Ба Нӯшзод хабар медиҳанд, ки Анӯшервон бимурд [Фирдавсӣ М.1970-8, с.96]. Нӯшзод аз шунидани ин хабар шод мешавад. Фирдавсӣ чунин муносибати шоҳзодаро дар шонздаҳ байт ба як сӯзи таассуфбори шоиронае маҳкум мекунад

[Фирдавсӣ Д.1990-8, с.133-134]. Нӯшзод ба бовар, ки падараш мурдааст, ё ночор шудааст, сипоҳ гирд мекунад. Ба ӯ гаравидагони дини насронӣ, аз ҷумла ҷосалиқон (католикос) ва сакубоҳо (епископ) ҳамроҳ мешаванд. Тараддуди Нӯшзодро модараш маблағгузорӣ мекунад:»Ҳамедод модар варо хоста» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.135]. Ба қавли Фирдавсӣ Нӯшзод «сӣ ҳазор» ҷанганда фаро меорад ва ба қайсар нома ҳам менависад. Дар «Шоҳнома» мавзуи нома инъикос наёфтааст.

Анӯшервон мефармояд, то кор аз кор нагузарад, ба Ромбарзин нигаҳбони марзи Мадоин (пойтахт) нома нависанд, ки Нӯшзодро дастгир кунад. Ин номаи Анӯшервон аз номаҳои дигари Сосониён, ки зикрашон кардем ё кӯшиши таҳлил, шояд барои он ки «пурдоғу дард» буд, то ҷое фарқ мекунад. Чунончи:

а) нома ба ҳаҷм то ҳадде калон аст, дар чопи Душанбе дар ҳаштоду ҳашт байт омадааст;

б) ҳамди Офаридгор дар нома дар чаҳор байт омадааст, ки андаке (як байт) бештар аст;

в) Анӯшервон бо алам мегӯяд, ки чун ҳама мемиранд, Нӯшзоду ҳаводорони ӯ низ метавонанд кушта шаванд. Дар ёд бигирем, ки сухан дар бораи писараш меравад;

г) сипас дар нома маънии «эй хок, агар синаи ту бишкофанд» ба ҳадде шоиставу созгори қалами Фирдавсӣ дар чанд байти сара ифода ёфтааст:

Замин гар кушода кунад рози хеш,
Намояд саранҷому оғози хеш.
Канораш пур аз тоҷдорон бувад,
Бараш пур зи хуни саворон бувад.

д) шоҳаншоҳ таъкид намуда, ки: Ба марги писар шод набвад басе гурӯҳи ёрони Нӯшзодро душман медонад, ки марги подшоҳро мехоҳанд. Агар Нӯшзод фитна намеангехт, пас аз даргузашти Анӯшервон подшоҳӣ ба ӯ мерасид;

е) Анӯшервон аз он ки кеши Нӯшзод дигар аст ва аз он ки Нӯшзод бо қайсар ҳамкеши худ робита пайдо кардааст, сахт азият мекашад;

ж) Анӯшервон мегӯяд, ки ҳарчанд Нӯшзод рафтори ношоиста мекунад, ӯро набояд озор дод ва таҳқир кард;

з) ба Ромбарзин мефармояд, ки ҷанг оғоз кун, вале мудоро ҳам кун, тундӣ накун, асираш бигир. Вале агар саркашӣ кунад: «Ту аз куштани ӯ мадор эч бок»;

и) ёдрас мекунад, ки агар Нӯшзод асир афтад, ӯро набояд озор дод ва уқубат кард. Нӯшзод дар банд набояд ҳеҷ душворие дар ҷойи нигоҳ доштан ва хурду хӯрок дошта бошад;

Дар нома Анӯшервон яқинан марги писарро намехоҳад, вале ҷуз ҷанг чандон илоҷи дигар ҳам надорад. Фоҷиаи инсон, ки новобоста ба мақомаш писараш душмани ҷони ӯ шудааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.136-144].

Кор то ба ҷанг мерасад. Ҳушдори Пирӯз – яке аз гурдони солдидаву корозмӯдаи Ромбарзин ба Нӯшзод, ки: «Макун ҷанг бо лашкари шаҳриёр», таъсир намекунад. Дар ҷавоб Нӯшзод мегӯяд, ки аз дини масеҳӣ барнамегардад. Ҷанг сар мешавад ва дар тирборон Нӯшзод захмӣ мешавад. Нӯшзод «сақаф»-ро даъват намуда дарди дил мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.145-149]. Нӯшзод ба расми насоро ба хок супорида мешавад. Ба қавли Фирдавсӣ, ҳама масеҳиёни Ҷундишопур азо мегиранд. Тобутро то се фарсанг дасти ба даст мебаранд. Модари Нӯшзод чодари худро партофта, аз қафои тобут пиёда меравад. Вокуниши Анӯшервон ба марги Нӯшзод дар «Шоҳнома» инъикос наёфтааст.

Дар нигориши Абуҳанифаи Диноварӣ дар «ал-Ахбору-т-тивол» ҳам Анӯшервон пас аз муҳорибаҳо бо Рум бемори сахт мешавад ва дар Ҳимс муддате мемонад. Як нуктаи ҷолиби дигаре, ки Диноварӣ ишора кардааст, он мебошад, ки то сиҳат ёфтани Анӯшервон қайсари Рум ҳама хароҷоти истиқомати лашкари шоҳаншоҳиро ба зимма гирфта буд [Диноварӣ 1911, с.61]. Нёлдеке шубҳа мекунад, ки Анӯшервон давоми муддати беморӣ дар Ҳимс монда бошад [Нёлдеке 1980, с.711]. Сипас Диноварӣ бо калимаи туфайлии «қолу» (гӯянд) меоварад, ки Хусрави Анӯшервонро писаре буд Анӯшзод. Модари ӯ насронӣ буд ва ҷамоли расо дошт. Анӯшервон борҳо хост, ки ӯро аз дини насронӣ ба дини зардуштӣ бигардонад, шаҳбону қабул накард. Чунин рафторро писараш – Анӯшзод низ раво медонад ва бар хилофи иродаи падар дар дини насронӣ

мемонад. Анӯшервон ӯро ғазаб мекунад ва дар Ҷундишопур ба зиндонаш меандозад. Вақте хабари бемории Анӯшервон то ба Анӯшзод мерасад, ӯ зиндониёнро аз роҳ мезанад ва бо ҳамдастии насрониён омилони падарашро аз ноҳияҳои Аҳвоз аз вазифаҳо мегирад. Нӯшзод хабари вафоти падараш – Анӯшервонро паҳн мекунад ва роҳи Ироқро пеш мегирад. Хабари қиёми Нӯшзодро ҷойнишини Анӯшервон дар Тайсафун ба шоҳнашоҳ менависад. Анӯшервон фармон медиҳад, ки барои пеш гирифтан ва барҳам додани қиёми Нӯшзод чӣ кор кунанд. Ин рахи сюжет чӣ дар матни Диноварӣ ва чӣ дар матни «Шоҳнома» монанд мебошад. Дар гузориши Диноварӣ, Нӯшзод асир гирифта мешавад, кушта намешавад [Диноварӣ 1911, с. 70-71]. Нёлдеке ба нақл аз Прокопий изҳори ақида мекунад, ки Нӯшзодро кӯр мекунанд [Нёлдеке 1980, с.712]

Ошӯби Нӯшзод, ки гӯё ангезаи динӣ ҳам дошт, севумин пас аз Монӣ ва пас аз Маздак қиёми гаравидагони динҳо ва ё мазҳабҳои дигар ба муқобили оини зардуштӣ буд. Аз тарафи дигар, қасди Нӯшзод, ки падарашро бикушад, якумин чунин ҷиноят дар замони Сосониён мебошад.

## 2.6. Сужаҳои вобаста ба образи Бузургмеҳр

Зуҳури образи Бузургмеҳр ба давраи подшоҳии Анӯшервон рост меояд. Аз ин рӯ, ин образ дар муносибат бо образи Анӯшервон баррасӣ мегардад.

Эпизоди VI. Бузургмеҳр. Аз ҳамин ҷойи «Шоҳнома» чи дар чопи Душанбе ва чи дар чопи Москва Бузургмеҳр ба саҳнаи тасвир ворид мешавад. Дар ибтидои ин бахш Фирдавсӣ муносибати худро ба хоб баён кардааст, ки шояд нишоне аз эътиқоди ӯ бошад:

Нигар, хобро беҳуда нашмарӣ,
Яке баҳра донаш зи пайғамбарӣ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.153].

Ин муносибат вобаста ба хоб дидани Анӯшервон баён шудааст. Анӯшервон хоб мебинад, ки дар пеши тахт дарахти мубораке рустааст. Шоҳаншоҳ «маю рӯду ромишгарон» мехоҳад ва чунин менамояд, ки дар он базм як «гурози тездандон» бо ӯ нишастааст ва ҳаракат мекунад, май аз ҷоми Нӯшинравон» бинӯшад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.153-154]. Анӯшервон бо парешонӣ аз хоб бедор мешавад.

Дар таомули подшоҳон (-и Сосонӣ) одате буд, ки таъбири хобро гузорандаи хоб дар ҳузури аъён (радон) мегуфт ва ё маъзарат мехост. Гузоранда аз таъбири ин хоб оҷиз мемонад. Фирдавсӣ гузорандаро аз ин ҳолати ногувор «наҷот» медиҳад, зеро гузоранда надонист, ки нагуфт:

Ба нодонӣ он кас, ки хусту шавад,
Зи фоми накӯҳанда як сӯ шавад [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.111].

Ростӣ, ин байти Фирдавсӣ маънии нозукеро ифода кардааст. Шояд ин маъниро борҳо ифода карда бошанд ва мо иқрор мешавем, ки намедонем... ва лизо худамонро аз фоми, яъне таънаи накӯҳанда озод медонем.

Сипас Анӯшервон маблағи калон ҷудо мекунад (ба ҳар бадрае дирам даҳ ҳазор) ва мӯбадонро ба ҳар сӯ мефиристад. Яке аз мӯбадон ба Марв меояд ва як кӯдаки меҳтареро пайдо мекунад, ки дар тасвири Фирдавсӣ Авасто меомӯхт, фарҳангӣ (мактабхон) буд . Он кӯдак, ки номаш Бузургмеҳр буд, пас аз чанде аз «мубодилаи афкор» бо фиристодаи Анӯшервон аз Марв ба роҳ мебарояд. Дар роҳ

ҳангоми тасвири истироҳати равандагон Фирдавсӣ ҳикояти мори сиёҳ ва Бузургмеҳрро меорад, ки ба рахти хоби Бузургмеҳр медарояд, вале зараре нарасонида, нопадид мешавад. Ангезаи падид омадану нопадид шудани мори сиёҳ дар «Шоҳнома» кушода нашудааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.153-158].

Фиристода ба шоҳаншоҳ арз мекунад, ки кӯдакро аз мактаб ёфтааст ва ҳикояти мори сиёҳро низ нақл мекунад. Анӯшервон кӯдакро қабул мекунад ва хобашро ба ӯ мегӯяд. Бузургмеҳр хобро таъбир мекунад ва мегӯяд, ки дар шабистони подшоҳ ҷавоне ҳаст, ба либос ва сурати зан даромадааст. Чун канизакони шабистон аз пеши подшоҳ мегузаранд, ошкор мешавад, ки дар миёни ҳафтод канизак ҷуфте буд, яке аз он ду нафар – писар. Анӯшервон фармон медиҳад, ки он ҳар дуро бикушанд. Бузргмеҳрро подшоҳ ба дарбор мепазирад ва шароити созгоре ҳам ба ӯ муҳайё ҳам мекунанд [«Шоҳнома» Д. 1990-8, с.158-162].

Эпизоди VI. а. Нӯшервон баъд аз ин ба оростани силсилабазмҳо бо иштироки Бузургмеҳр ва ҳузури аъён иқдом мекунад. Ҳикмати оростани ин базмҳо чӣ мебошад, маълум нест. Чандон маълум нест, ки ба дарбори Сосонӣ чӣ зарурат пеш омада буд, ки ниёзе ба панди ҷавони наврасе дошта бошад. Албатта зиндагиномаи Бузургмеҳри Бахтакон вариантҳои дигар ҳам дорад, вале Фирдавсӣ ва ё манбаи ӯ ҳамин гузинаро ихтиёр кардааст. Дар базми якум Бузургмеҳр аввал сухани ҳама доноёнро гӯш мекунад, сипас ба сухан гуфтан оғоз менамояд. Баъд аз ин Бузургмеҳр дар чил байт панд мегӯяд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.164-168]. Дар ин панд:

а) ситоиши анъанавии шоҳаншоҳ дар якуним байт омадааст;

б) Бузурмеҳр мегӯяд, ки доно, агар пеши подшоҳ сухан кунад, ҷойи накӯҳиш нест, то ҷое сухани нав аст;

в) Бузургмеҳр: Дигар гуфт: «Равшанравон он касе, / Ки кӯтоҳ гӯяд ба маънӣ басе. Ва чанд нуктаи дигар дар бораи сухан, балоғат ва баён, ки агар бо хеле эҳтиёт моли асри VI нагӯем, маънии тозае надорад;

г) боз як ҳикмати маъмулӣ:

Ҳама рӯшаниҳои ту ростист,

Зи ториву кажжӣ бибояд гирист [Фирдавсӣ М.1970-8, с.117].

Ҳикмати дигар:

Ҳар он кас, ки дар кор пешӣ кунад,

Ҳама ройу оҳанги бешӣ кунад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.118]

ба назар сиғарезии қонунмандии рафторӣ мебошад, ки ҳоҷат ба мисолу исбот надорад. Ҳикматҳои «Ба ноёфт ранҷа макун хештан», «Зи нерӯ бувад мардро ростӣ» ҳикматҳои маъмулӣ мебошанд;

д) ҳикмати «Тавонгар бувад ҳар киро оз нест», «Мудоро хирадро бародар бувад» дар адабиёти баъдина ифодаҳо ёфтаанд ва ҳикмати «Чу доно туро душмани ҷон бувад,/Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад, ҳатто зарбулмасали халқӣ ҳам шудааст;

е) ҳикмате, ки борҳо пас Бузургмеҳри пиндорӣ ё воқеӣ Фирдавсӣ гуфтаасту ҳеҷ риоя ҳам нашудааст:

Ҳар он кас, ки дониш фаромӯш кунад,

Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.

ж) як ҳикмати дигаре аз забони Бузургмехр баён шудааст, ки ҳоло низ метавонад барои ҳар кас аҳаммияти амалӣ дошта бошад:

Ҳазина чунон кун, ки бояд-т кард,

Нашояд гушоду набояд фишард [Фирдавсӣ М.1970, с.118].

Панд бо дуо тамом мешавад. Аҳли маҷлис ҳама дар ҳайрат меафтанд ва подшоҳ мефармояд, ки номи Бузургмеҳрро дар «дафтари рӯзидеҳон» дар аввал нависанд. Бузургмеҳр дар ҷавоби баъзе саволҳо чанд сухани дигар мегӯяд, ки маънии вай аслан аз итоат ба амри подшоҳ иборат мебошад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.167-168].

Эпизоди VI.б. Ҳафтаи дигар боз базми подшоҳ бо иштироки Бузургмеҳр ва «ҳакимону донандаву ҳушманд» ороста мешавад. Ба қавли Фирдавсӣ касе, ки «фарзонатар» буд: «Бипурсид аз ӯ аз қазову қадар». Ҷавоби Бузургмеҳр ба ин савол, ки дар чор байт омадааст, чунин аст, ки фарохии ризқу рӯзӣ ба кӯшиши «ҷӯяндамард» чандон вобаста нест: «Чунин аст расми қазову қадар». Вале ба саволи «бешӣ киро дархӯр аст», ҷавоб медиҳад, ки муносиби»кӯшандатар»

мебошад. Ба саволи «аз мо чӣ некутар аст»?, ҷавоб чунин мешавад: «... оҳистагӣ, Каримиву родиву шоистагӣ». Саволи дигар чунин аст, ки ҳунари марди хирадманд «ҳангоми нангу набард» чӣ бояд бошад?, ҷавоб ҳамин аст: «... он кас ки оҳуи хеш, Бубинад, бигардонад оину кеш». Ҷавоб чандон фаҳмо нест, вале дар ду чони интиқодӣ – Душанбе ва Москва – ҳамин матн омадааст. Саволи дигар дар зистан: «Чӣ созӣ, ки камтар бувад ранҷи тан», ҷавоб медиҳад, ки чора сабр аст, покизагӣ дар муомилаи доду ситад ва агар комгор бошад, гуноҳ бубахшад ва шитоб накунад. Мепурсанд, ки дар байни анҷуман, кӣ худро беҳтар идора мекунад, Бузургмеҳр ҷавоб медиҳад, он кас, ки пас аз расидан ба орзу аз саховату хӯи нек рӯй натофтааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.170]. Мепурсанд, «аз бахшишу хӯи нек» чи писандидатар аст, то дар ду ҷаҳон нафъ бубинад. Ҷавоб: касе, ки бе такаллуф: «Ба бахшиш кунад ҷонаш ороста». Мепурсанд, бар мард пероя (зеб) чист ва аз некӯиҳо гаронмоя кадом аст? Ҷавоб: Саховат ва бахшандагӣ [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.171]. Мепурсанд, «к-андар сарои сипанҷ» чӣ кунем, то некном шавем ва фарҷоми нек дошта бошем? Ҷавоб: аз гуноҳ дур бошед. Мепурсанд, сазои ситоиш кист? Ҷавоб: Касе, ки ба Яздони пок умед дорад ва худотарс ҳам ҳаст [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.172]. Мепурсанд, дар дунё рӯзгори кӣ хуштар аст? Ҷавоб: касе, ки дар амон асту муҳтоҷ нест [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.172]. Мепурсанд, кадом дониш дар дунё ба шодкомӣ мебарад? Мегӯяд, дониши касе, ки бурдбор аст, пеши ӯ марди бешарм хор аст ва ӯ газанди касе наҷӯяд [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.124]. Мепурсанд, хирадмандро чӣ писанд бошад? Мегӯяд, агар ғами он чӣ мегузарад, нахӯрад, агар каси арҷмандеро ба хок супорад, ба ғам дода нашавад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.124]. Мепурсанд, барои подшоҳ чӣ бад бошад? Мегӯяд, подшоҳро чаҳор нуқсон бошад, дар ҷанг тарсидан аз душман, дигар дилаш барои омурзиш танг бошад, сеюм рои хирадмандро рӯзи нангу набард напазирад ва чаҳорум шитобозада бошад. Мепурсанд, «беайб кист» ва озодагон аз чӣ накӯҳиш кунанд? Ҷавоб: Аз фусуну дурӯғ ва «ба кажживу бедод чустан фурӯғ» ва озурдани дили порсоён. Мепурсанд: «Ки андар ҷаҳон чист он бегазанд» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.125]. Ҷавоб: нахуст ба Худо такя кардан, дигар иродаи хешро «Супурдан ба фармони

шоҳи ҷаҳон», парваридани тан худ, ғамхори ба наздикон ва зиёдтар кардани тӯшаи бенавоён, додани фарзанди хурд ба фарҳанг (мактаб), чун фарзанд калон бошад, падар муомилаи некро дареғ надорад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.126]. Мепурсанд, ки назди падар ҷойгоҳи фарзанди рост куҷо мебошад? Ҷавоб: фаррухписар чу ҷон азиз аст, зеро пас аз марг номбардори падар мешавад. Мепурсанд, ки аз хостаҳо (неъматҳо) чӣ дилро ороста медорад? Мегӯяд, мардум ба чиз азиз асту бе чиз хор. Зеро хоста ба орзуҳо мерасонад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.175]. Мепурсанд, ки кадом аз тоҷдорон судманд мебошанд. Мегӯяд, шаҳрёре, ки аз ӯ мардуми худоҷӯ дар амон бошанд ва аз овозу овозаҳои бад ҳаросон нашавад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.175]. Мепурсанд, ки инсон тавонгар ба чӣ мебошаду дарвеш кист? Ҷавоб медиҳад, тавонгар он, ки рӯзии худовадӣ ӯро басанда ато шудааст ва дарвеш касе, ки бахт насиби ӯ нашудааст [Фирдавсӣ М.1970-8, с.126]. Ва чун ҳусни хотимаи ин бахш:

Аз ӯ номдорон фурӯ монданд,
Ҳама ҳамзабон офарин хонданд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.176].

Эпизоди VI. в. Базми сеюми Нӯшервон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадону доноён бо бароварду фуроварди дар ҳаштоду панҷ байт омадааст. Он чи доноён мегӯянд писанди шоҳаншоҳ намешавад ва ӯ ба Бузургмеҳр мефармояд: «Ки аз чодари шарм бикшой чеҳр» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.176]. Лутфи ин таъбир мусалламан набояд шубҳае барангезад. Бузургмеҳр суханро чун қоида аз ситоиши шаҳрёр сар мекунад, ки дар як байт омадааст. Дигар ҳикматҳо ва ё ба ном ҳикматҳои ӯ баён мешаванд. Чунончи: Мардум ҳамон вақт ба баландиҳо мерасанд, ки аз газанд рӯй битобанд. Барои афзудани дониш зарур аст, ки сухан ёфтанро омӯзанд. Ном ҷустан аз далерӣ сар мешавад. Замона аз баддил безор аст. Барои тахт ҷустан ҳунар зарур аст. Гуҳар («баромади иҷтимоӣ») нописанд ва хор аст. Сипас меафзояд, ки:

Тавонгар ба бахшиш бувад шаҳрёр,
Ба ганҷи нуҳуфта наӣ пойдор [Фирдавсӣ М.1970-8, с.127].

Таъкид нағз аст, вале чун маънӣ борҳо пеш аз ин ҳам гуфта шудааст. Хирадманд фурӯтан мешавад. Анӯша касе, к-ӯ бувад бурдбор [Фирдавсӣ Д. 1990-

8, с.177]. Касе, ки бартарӣ меҷӯяд, бояд ҳунарҳо дошта бошад. Барои ин андеша ва дониш зарур аст. Дигар, таҷрибаи дуруст бигирад. Сеюм, корҳо чи неку чи бад, бояд ҳисоб дошта бошанд. Чаҳорум, дили покиза ва холӣ аз «кажживу костӣ» зарур мебошад ва ҳоказо. Мегӯяд «хӯи марди доно» панҷ нишона дорад, аз ҷумла аз он чӣ мегузарад, ғамгин намешавад, ба чизҳои «нобуданӣ» умед намебандад; аз он чӣ ба дасташ наомадааст, шодӣ намекунад ва ғайра. Сипас ҳафт хислати марди нодонро баён мекунад. Яке бе сабаб хашм меоварад, дигар барои шахс сазовор нест, ки дари ганҷро мекушояд, ба Худо носипосӣ мекунад, ба суханҳои бефоида худро азоб медиҳад, умеди беасос мебандад ва дуруғ мегӯяд.

Сипас ба шаҳрёр мурочиат мекунад ва мегӯяд, ки аз панд касе озор надидааст. Аз ҷумла, боз мегӯяд, аз шунидани «донои гӯянда» тан тӯша мегираду «дил рою ҳуш» ва боз подшоҳро дуо ҳам мекунад. Дуо андаке оҳанги густохна ҳам дорад:

Ҳамеша дили шоҳ Нушинравон,
Мабодо зи омӯхтан нотавон,

зеро чунин таъбир ниёзи подшоҳро ба омӯхтан низ ифода мекунад [«Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.180]. Баъд аз ин мӯбад чанд савол медиҳад ва ҷавоб мегирад. Чунончи:

а) « андар ҷаҳон чист зебову нағз», ки мардро «зи ранҷи замона раҳоӣ диҳад, ҷавоб медиҳад ки, ин чиз хирад аст [Фирдавсӣ М.1970-8, с.130];

б) ба саволи агар хирад набошад, ки доди худованд аст, ҷавоб медиҳад, ки пас бояд мард доно бошад, зеро «чу доно бувад бар меҳон-бар меҳ аст»;

в) ба саволи агар «на дониш пажуҳад, на оину дин», ҷавоб медиҳад, ки пас нағзаш бимирад;

г) ба саволи чӣ бояд кард, ки аз боғи мевадори доно бар (мева) хӯрем, мегӯяд, ки ҳар кас ки забонашро аз бадгӯӣ бидорад, касеро ба гуфтор озор надиҳад, «ҳама кори душвораш осон шавад»;

д) ба саволи ҳар кӣ аз роҳи газанд гашта бошад, «бузург асту ҳам арҷманд»?, мегӯяд кирдори бад чун дарахтест, ки меваи бад дорад, агар инсон

сухани нарм гӯяд, сухани дурушт ба гӯшаш нахоҳад расид, меафзояд ранҷи мардум аз забон аст. Марди нексиришт «наёзад ба коре, ки нокарданист» ва ғайра. Ин базми саволу ҷавоб ҳам ба ҳукми анъана ба дуои подшоҳ хотима меёбад ва албатта, мӯбадон ба ӯ офарин ҳам мехонанд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.176-183].

Эпизоди VI. г. Пас аз ду ҳафта шоҳаншоҳ чун аз «кори сипоҳ» озодтар мешавад, «мӯбадону радону бихрадонро» ба айвон даъват мекунад ва ба онҳо сухан карданро мефармояд. Ва боз:

Чу ҳар кас ба андозаи донишаш,

Сухан ронду н-омад аз он ромишаш [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.177],

ба Бузургмеҳр мефармояд:

Ки рахшанда гавҳар барор аз нуҳуфт [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.177]

Бузургмеҳр пас аз ин ба подшоҳ муроҷиат намуда, дар чилу чор байт андарз мегӯяд. Чунончи, Бузургмеҳр мегӯяд: подшоҳ парҳезгор бошад, вақти доварӣ кардан аз Яздон битарсад, аз ғазаб канора биҷӯяд, андешаи шаҳрёр писанди Худо бошад, ҳама хубу бадро аз Худо донад, ростгӯ бошад, равшандилу одил бошад, зердастони подшоҳ шикаст набинанд, ҳамон вақт тоҷи подшоҳ шукӯҳ мегирад, ки доно пеши ӯ азиз бошад, ҳеҷ касе озурда нахобад, муомила бо зиндониён низ мувофиқи гуноҳ сурат гирад ва ғайра, ки дар муқоиса бо андарзҳои пештараи Бузургмеҳр нуктаи наве надорад. Шояд ба истиснои муносбат ба фарзанд ва хосатан фарзанди ноқобил. Дар боби писар мегӯяд:

Агар душманӣ ёбӣ андар дилаш,

Хаве бошад, аз бӯстон бугсилаш [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.186].

Ба ин муносибат мо намгӯем, ки ин ҷо ишорае ба ошӯби Нӯшзод бошад ё не. Ин базм низ чун се базми дигар бо дуои подшоҳ ва офарин хондани анҷуман ба Бузургмеҳр тамом мешавад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.183-188].

Эпизоди VI. д. Базми панҷуми сухан дар нигориши Фирдавсӣ боз пас аз як ҳафта бо мубадону хирадманд пирону гӯяндагон доир мешавад ва андаке аз базмҳо дигар фарқ мекунад. Ба дастури подшоҳ, ки аз дониши ниҳони шумо дини Яздон ба нерӯ шаваду ҳамон тахти шоҳӣ беоҳу шавад, нахуст мӯбади мӯбадон

сухан мекунад. Ӯ мегӯяд, ки аз адолати подшоҳ тоҷу тахт дурахшон мешавад. Подшоҳро ба саховатпешагӣ талқин мекунад. Хулоса менамояд, ки бо доду саховат, подшоҳӣ дар амон мебошад. Кеҳтари гунаҳкор, агар тавба кунад, подшоҳ бояд бубахшад. Подшоҳ ба ходимони тахт лутф кунад. Дили подшоҳ аз омӯхтан сер нашавад.

Сипас Яздгирди дабир ба сухан медарояд ва мегӯяд ки: «Абар шоҳ зишт аст хун рехтан». Шоҳаншоҳ бояд бурдбор бошад. Подшоҳ бояд аз тамаъ болотар истад ва ғайра. Бузургмеҳр ин ҳикматҳоро шунида, ба сухан медарояд. Аввал, азиз доштани хираду дониш таъкид мешавад. Пас аз ин чанд кори накӯҳидаро зикр мекунад. Яке довар дурӯғгӯ бошад, дигар ин, ки аз сипаҳбуд сипоҳӣ ранҷ бинаду сар аз фармон битобад, дигар донишманде аз гуноҳ, агар гуворо бошад, натарсад, пизишки ранҷур низ кори ношоиста аст, дигар дарвеше, ки ба андак чиз аз худ биравад, дигар, хирадманде, ки ба хашм меояд, дигар раҳнамо интихоб кардани нодон. Ин базм ҳам бо дуои подшоҳ тамом мешавад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.188-192].

Эпизоди VI. е. Ҳафтаи дигар боз нишаст ороста мешавад, ки ба шумор шашум мебошад. Дар нишаст «мӯбад, ки будаш вазир», Яздгирди дабир ва аъёни дарбор гирд омада буданд. Подшоҳ мефармояд, ки Бузургмеҳр сухан кунад. Суҳбат дар қолаби саволу ҷавоб сурат мегирад. Мӯбад аз Бузургмеҳр мепурсад, чист, ки бисёр бошад, бигудозад ва кам бошад, фузунӣ биоварад? Ҷавоб: Камтар хӯрдан. Яздигурд мепурсад, ки се айб чӣ бошад, ки доранду ба он ниёз надоранд? Ҷавоб: Дил аз ҷустани айб бояд шустан, дигар касе дар ин ҷаҳон беайб нест, суханчину дурӯя будан, беҷо сухан гуфтан. Сипас мӯбади мӯбадон мепурасд, ки барои ба орзу расидан кадом роҳ саҳлтар асту кадоме мушкил? Ҷавоб медиҳад, ки яке роҳи «бебокию пурбадӣ», «дигар раҳ накукориву бихрадӣ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.194]. Баъд аз ин дар чанд байт ситоиши хирад меравад то ҷое, ки мегӯяд ба гувоҳии Худованд «хирад ҷони ҷон аст». Дигар, мегӯяд бо касе дӯстӣ кун, ки дар сахтӣ дасти ту бигирад. Дигар, ба баёни рафтор дар набард мегузарад. Дигар, кам хӯрдану май ба андоза нӯшиданро талқин мекунад. Ва даъват менамояд, то худоҷӯй бошанд. Ихтиёр намудани миёнаи корҳоро маслиҳат

медиҳад ва боз накукор буданро. Маслиҳат медиҳад, ки фарзандро дабирӣ биомӯзанд ва ситоиши дабирӣ мекунад: «Дабирӣ расонад ҷавонро ба тахт» ва «Дабирист аз пешаҳо арҷманд» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.198]. Талқин мекунад, ки дабир балоғат ва хушнависиро бояд донад. Ин дафъа шоҳаншоҳ ба Бузургмеҳр хилъат мепӯшонад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.192-199].

Эпизоди VI. ж. Боз баъди ҳафт рӯз нишасти дигар ва охирин ороста мешавад. Ин бор дар фармони Анӯшервон чизе ҳаст, ки наметавонад мавриди тавачҷӯҳ набошад. Маънии:

Суханҳо сабук гӯю баста магӯй

Макун хом гуфтор бо рангу бӯй [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.199], мағзи нағзе дорад ва агар моли асри VI бошад, маънии бикр ҳам мебошад. Дар ин андарз Бузургмеҳр нуктаҳои зеринро таъкид кардааст: подшоҳро танҳо худоҷӯй метавонад парастад; фармони подшоҳ бояд бе таъхир иҷро шавад; касе, ки душмани подшоҳ аст, ёри Аҳриман аст ва ба ҳамин тартиб ситоиши бавоситаи шоҳаншоҳ меравад. Бузургмеҳр чунон суханҳои писанди шоҳ мегӯяд, ки Анӯшервон се-чор баробар бештар подоши накдаш медихад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.199-203].

Андарзи Бузургмеҳри Бухтакон як қабати адабиёти андарзи ниёгон аст ва илова ба иқтибосҳо дар сарчашмаҳои жанри адаби арабӣ, масалан, «Ҷовидон хирад», матни паҳлавии ин асар то замони мо бо номи «Ёдгори Бузургмеҳр» дар ҳаҷми дусаду шасту се панд, ки дар қолаби саволу ҷавоб гуфта шудааст, низ расидааст. Кристенсен ин ёдгориро қадим намедонад. Ба назари ӯ ин асар дар асри IX навишта шудааст [Кристенсен 2007, с.36].

Хушбахтона тарҷумаи тоҷикии ин асар низ бо шарҳу поварақу муқоисаи «Ёдгор» бо «Шоҳнома» дастрас мебошад ва он бо кӯшишу ҳиммати Моҳёри Навоӣ сурат гирифтааст [«Ёдгори Бузургмеҳр» 2013, с.302-333]. Андарзҳои Бузургмеҳр дар «Шоҳнома» дар қисмати «базмҳо» дар чопи Душанбе бо бароварду фуровард дар сесаду наваду ҳашт байт омадааст..

Зиёда аз ин, боз дар ҷое Бузургмеҳр Анӯшервонро дар дусаду бисту ҳашт байти дигар панд мегӯяд. Ҳамин тариқ аз 4536 байти бахши Анӯшервони

«Шоҳнома» 626 байт ба мавзуи андарзҳои Бузургмеҳр бахшида шудааст. Фирдавсӣ, ки бино ба як ишораи Холиқии Мутлақ: «аз ба поён расидани кор (бахши пандҳои Бузургмеҳр) эҳсоси раҳоӣ ва изҳори шодмонӣ мекунад» [Мутлақ 2008, с.11] дар фароварди панди «алоҳидаи» Бузургмеҳр ин эҳсосро чунин ифода кардааст:

Сипос аз Худованди хуршеду моҳ,
Бирастам зи Бузарҷмеҳру зи шоҳ,
Чу ин кор дилгират омад ба бун,
Зи шатранҷ бояд, ки ронӣ сухун [Фирдавсӣ М. 1970-8, с. 206].

Пандҳо пастию баландиҳо доранд ва Фирдавсӣ, ки ба қавли Холиқии Мутлақ «амонатдор буд», наметавонист он чи дар «матни мудавван» буд, назм накунад. Ба назари мо ҳам ҳамин ҳукми ба амонат хиёнат накардан шоирро водор карда буд, ки ҳама пандҳои Бузургмеҳрро (ва матнҳои дигарро) бурдборона ба риштаи назм кашад. Вагарна масалан, ин байт: «Ба кори база чанд ёбӣ маза, Бияфган маза, дур бош аз база» [«Шоҳнома» Д.1990-8, с. 290], ки дар чопи Душанбе омадааст, ба назари мо, ҳеҷ ба қаламри Фирдавсӣ намезебад.

Эпизоди VII. Маҳбуд. Агар даромади ин бахшро (даҳ байт), ки умдатан ба таъкиди фоидаи дониш бахшида шудааст, ба назар нагирем, ин пораи «Шоҳнома» аз рӯзгори дастури Анӯшервон – Маҳбуд ҳикоят мекунад. Маҳбудро Фирдавсӣ дар оғоз сифат мекунад (дар се байт) ва сипас менависад, ки ӯ ду писар дошт. Анӯшервон дар баъзе муносибатҳо танҳо ба Маҳбуд бовар мекард: Нахӯрдӣ ҷуз аз дасти Маҳбуд чиз [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.205]. Чунин мартабаи Маҳбуд рашки баъзе ҳасудон, аз ҷумла, Зарвон ном ҳоҷиби шоҳро бедор мекунад. Кӯшишҳои Зарвон, ки подшоҳро аз Маҳбуд хунук кунад, натиҷа намедиҳанд. Тифоқо, яҳудие ба шарти суд аз Зарвон дирам мегирад ва пасон бо ҳоҷиб наздик мешавад. Зарвон ба ҷуҳуд дарди дил менамояд, ки чӣ гуна мартабаи Маҳбудро паст кунад. Ҷуҳуд, ки ба дарбор пайваста бо Зарвон рафтан мегирад, ранги наҳории Анӯшервонро, ки писарони Маҳбуд тақдим менамуданд, дида, ҷоду мекунад. Зарвон баробари тақдим шоҳро огоҳ мекунад, ки хӯрокро заҳролуд кардаанд. Ҳарду писари Маҳбуд бо ғояти ҳайрат аз шири наҳорӣ

мечашанд ва ҳамон ҷо ҷон медиҳанд. Ба фармони Анӯшервон, Маҳбуд ва ҳама пайвандони ӯ кушта мешаванд. Пасон дар мавриде дили Анӯшервон ба Маҳбуд месӯзад.

Дар роҳи шикор, то раҳ кӯтоҳ шавад, ба Анӯшервон хеле ҳикоятҳо мекунанд, аз ҷумла дар бораи афсуну ҷоду. Зарвон мегӯяд, ки ҷоду ҳаст, ҷодуро «марди ҷодупараст» медонад ва ӯ агар ба шир назар афканад, шир заҳр мешавад. Анӯшервон ин сухани Зарвонро ба хомӯшӣ мешунавад. Дертар Зарвон иқрор мешавад ва ҷуҳуд ҳам тан мегирад, ки ба тақозои Зарвон хӯрокро заҳролуд карда буд. Сипас Анӯшервон ба машварат бо «раду мӯбаду марзбон» Зарвону ҷуҳудро ба дор мекашад. Молу мулки ин ду танро ба андак касе, ки аз хешони Маҳбуд монда буданд, медиҳад. Шоҳаншоҳ ба Худо зорию тавалло мекунад, хайру садақаҳо мекунад, то Парвардгор гуноҳашро биёмурзад, ки Маҳбуду хешону ӯ бегуноҳ кушта шуданд. Дар ин ривоят, ки Фирдавсӣ назм кардааст, ду хусусияти рафтори инсонӣ таҷассуме ёфтааст. Яке ҳасад ва дигаре тавба пеши Офаридгор, ки хуни бегуноҳ рехта шуд. Хусусияти тавба, ки ба Анӯшервон нисбат дода мешавад, рахи дигари ба симои худотарсии шоҳаншоҳ метавонад кашад.

Этноними «ҷуҳуд» то ин ҷои бахши Сосониёни «Шоҳнома» чор бор истифода шудааст. Яке вобаста ба ҳазрати Мӯсо [Фирдавсӣ  М.1968-7, с. 17], дигаре бо ҳазрати Исо [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.356], дар ҷои дигар дар сиёқи ҳикояти Ланбаки обкаш дар бахши Баҳроми Гӯр [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.439], ва дар ҳикояти Маҳбуд муқарраби Анӯшервон. Дар ду мавриди охирин Фирдавсӣ чӣ Иброҳими яҳудӣ (аз Ланбаки обкаш) ва чӣ яҳудии беномро дар ҳикояти Маҳбуд чандон бо меҳр ёд намекунад. Метавон қайд кард, ки ҳарду ин образи эпизодӣ, чун симоҳои манфӣ офарида шудаанд. Дар «Шоҳнома» яҳудӣ будани модари Баҳрои Гӯр инъикос нашудааст.

Баъд аз ин Фирдавсӣ дар ин бахш манзараи ҳаёти осоишта ва осударо ба рӯзгори Анӯшервон дар чордаҳ байт ба қалам медиҳад. Сипас тафсилоти сохтани шаҳре бо ҷалби устоёни ҳар кишвар ва асирон меояд. Дар атрофи шаҳр Анӯшервон деҳаҳо месозад ва асиронеро, ки аз ҷумла, аз Гелон гирифта буд, ба ҳама хонаю замин дода, ба таъбири навин, ба ҷойи кор таъмин ҳам мекунад: «В-

аз ин ҳар якеро яке кор дод» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.218]. Номи он шаҳру шаҳристонро Анӯшервон Сурсон мемонад, яъне исти сур.

Эпизоди VIII. Анӯшервон. Эпизоди дигар бастагӣ бо хоқони Чину Ҳайтолиён дорад, ки дар шашсаду бисту чор байт омадааст. Дар тасвири Фирдавсӣ, хоқони Чин пас аз Анӯшервон дувумин подшоҳи рӯи ҷаҳон буд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.219]. Ба қавли Фирдавсӣ, «пойтахти» хоқони Чин: Ба Гулзарриюн буд аз он сӯи Чоч [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.219]. Гулзарриюн номи шаҳр намебошад. Хулоса имрӯз ҳамин аст, ки Гулзарриюн номи дигари Сирдарё буда, хиргоҳҳои хоқони Чин, ки хоқони Чин нест, хоқони турк аст ё дар даромадҳои дашти Қипчоқ буд, ё дар дашти Қипчоқ шимол ё ғарбтар аз Шош. Он ки Гулзарриюн номи дарёст, сухани Фирдавсӣ ҳам исбот мекунад: «Чу гул шуд ба ранг оби Гулзарриюн» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.221]. Доираи нуфузи хоқон «то лаби рӯди Ҷайҳун»-ро фаро мегирифт.

Чун номи Анӯшервон: «Пароганда буд дар миёни меҳон» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.219], хоқон изҳори хоҳиш мекунад, ки бо шоҳаншоҳ робитаи дӯстӣ барпо кунад. Агар хато дар манбаи Фирдавсӣ нарафта бошад, дар «Шоҳнома» хоқони Чин, ки бутпараст буд ё дин умуман надошт, барои амалӣ намудани «ин кор «аз раду мӯбадон рой» меҷӯяд. Хоқон ҳадяҳои шоиста, аз қабили аспони чинию дебои Чину ва ҳоказо дар даҳ уштур мефиристад Дар интихоби сафир ду фазилати ӯ ба инобат гирифта мешавад. Хирадманду гашта ба гирди ҷаҳон [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.220]. Раҳи сафорат аз қаламрави Ҳайтол мегузашт, ки эмин набуд. Аз Суғд (ба эҳтимоли қавӣ, Самарқанд бояд дар назар бошад) то ба Ҷайҳун ҳама ҷо сипоҳиёни шоҳи Ҳайтол меистоданд. Сарлашкари онҳо гаве бо номи Ғотифар буд. Ғотифар вазифа мегузорад, ки чун дӯстии Чину Эрон ба зарари мост:

Бибояд яке тохтан сохтан,
Ҷаҳон аз фиристода пардохтан [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.221].

Ҳамин тавр ҳам мекунад. Коре басо ношоиста ва хеле хатарнок. Сафиронро намекушанд. Хоқони Чин ба қасос лашкар мекашад ва «Сипаҳро ба Қочорбошӣ» меронад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.158] ва аз он ҷо то Чоч. То ин ҷойи бахши

Сосониёни «Шоҳнома» топоними Қочорбошӣ ягона калимаи туркӣ мебошад, ки мегузарад. Ғотифар омодагӣ мегирад ва:

Зи Балху зи Шукнону Омӯю Зам,
Силеҳу сипаҳ хосту ганҷу дирам,
Зи Сумону аз Тирмизу Висагирд,
Сипоҳӣ баромад зи ҳар сӯй гирд [Фирдавсӣ М. 1970-7, с.238].

Ин ҷо Сумон ҳамон Шумон аст, ки дар даромади водии Ҳисор буд ва Висагирд (Файзобод) дар баромади водӣ. Бевосита пас аз ҳамин байт Фирдавсӣ иборае овардааст, ки аз ҷузъан «халқии мовараннаҳрӣ» ҳам будани забони «Шоҳнома» гувоҳӣ медиҳад:»Биҷӯшид лашкар чу мӯру малах» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.222]. Ибораи «мӯру малах», ба ақидаи мо, ибораи ин сӯйи рӯди Ҷайҳун бояд бошад.

Хоқон аз рӯди Барак мегузарад, пасон ба Бухоро наздик мешавад, ки ба қавли Фирдавсӣ: «Лашкаргаҳи шоҳи Ҳайтол буд» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.222]. Рӯди Барак ҳамин шохоби рости Сирдарё мебошад, ки имрӯз Чирчиқаш мегӯянд. Манзараи мудҳиши корзор дар ҳудуди бист байт омадааст. Ғотифар маъракаро бой медиҳад ва қарор мекунад, ки аз даргоҳи Анӯшервон паноҳ ҷӯяд ва ба итоаташ дарояд. Дар ин миён, бузургони Ҳайтол «интихоботе» доир менамоянд ва Фағониш ном ҷавони паҳлавони чағониро подшоҳи худ «интихоб» мекунанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.225].

Чун огоҳӣ аз натиҷаи корзор, шикасти Ҳайтолиён ва ба сари қудрат омадани Фағониш ба Анӯшервон мерасад, ӯ бо аъёни дарбор мавшварат доир мекунад ва ахборот ҳам медиҳад, ки Ҳайтолиён бо ҳама ҳайбату қудрате, ки доштанд, шикаст хурданд. Сарлашкари онҳо аз шоҳаншоҳӣ пуштибонӣ хостааст. Хоқон аз ин пирӯзӣ болида: «Ба ҷуз марзи Эрон набинад ба хоб», маслиҳат мепурсад, ки бо «турку Хоқони Чин» чӣ кор кунем?

Дар ҷавоб аъёни дарбор хеле Ҳайтолиёнро сиёҳ мекунанд ва ёдовар мешаванд, ки ҳайтолиён шоҳаншоҳ Фирӯзро кушта буданд ва маслиҳат намедиҳанд, Анӯшервон «сӯйи Хуросон» лашкар равона кунаду равад, зеро чун

Тайсафун беподшоҳ монад, «Замон то замон лашкар ояд зи Рум» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.229]. Анӯшервон дарк мекунад, ки аз байни «бихрадон»:

Касеро набуд размро орзӯ,

Ба базму ба ноз андарун карда хӯ [Фирдавсӣ Д.1990 – 8, с.229].

Анӯшервон мефаҳмад, ки аъёни давлат ба базм хӯ гирифтаанд, вале чун на Ҳайтол мехоҳад, на хоқони Чин, қарор мекунад, ки ба сӯи Хуросон лашкар бикашад. Ҳарчанд ин қарор қарори худи шоҳаншоҳ буд, вале месазад таъкид кард, ки он ҳам ба тарви коллегиалӣ қабул карда шудааст.

Ба ин муносибат метавон мулоҳизаи хрестоматиро дастгирӣ кард, ки подшоҳони қадим (ва оғози ислом) ду хел рӯз мегузарониданд. Ё дар разм буданд, ё дар базм бо шикору бозии чавгон. Масалан, бино ба ривоятҳои афсонаомез, ки аз ҳиқиқат чандон орӣ ҳам нестанд, Баҳроми Гӯр гӯё ҳафт сол дар базму шикор буд ва танҳо хатари таҳдиди ҷиддии хоқони Чин (турк) ӯро ба ҳуш овард. Чунин анъана эҳтимол то дерҳо будааст. Чунончи, шоири тавонои нимаи аввали асри XI Фаррухии Сиистонӣ дар сифати яке аз кохҳои султон Маҳмуди Ғазнавӣ (998-1031) навиштааст:

Нигорида бар чанд ҷо мар мусаввар,

Шаҳи Шарқро андар он кох пайкар,

Ба як ҷой дар разму дар даст зубин,

Ба як ҷой дар базму дар даст соғар» [ganjoor.net, Фаррухӣ, қасидаи 31] Унусурмаолӣ Кайковус шикору чавгону базмро кори муҳташамон гуфта буд, ки мо ба ин нукта ишора ҳам карда будем.

Аз нигоҳи Фирдавсӣ, чун Анӯшервон, бо сипоҳи Мадоин ба самти Хуросон лашкар мекашад, чунин нукта ҳам аз қабили «сафарбарии саросарӣ» берун намондааст. Ба қавли Фирдавсӣ, «Яздгирди дабир, або ройзан мӯбади Ардашер» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.164.] ба ҳар кишваре нома менависанд, аз ҷумла бо номдорону меҳтарони он ҷойҳо, ба ин мазмун, ки шумо ҳам аз базм даст кашед [Фирдавсӣ М.1970-8, с.165-166].

Эпизоди IX. Анӯшервон. Лашкар аз Мадоин ба сӯи Гургон меравад ва подшоҳ: «Биёсуд чанде зи баҳри шикор» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.231]. Хоқон, ба

қавли Фирдавсӣ, дар Суғд буд (миёноб ва поёноби Зарафшон). Анӯшервон боз бо сипоҳ машварат доир мекунад. Дар ин миён Фирдавсӣ ба овардани қавли Хоқон мепардозад, ки ӯ то ҳаракати лашкари Сосонӣ ба самти Хуросон хеле ҳавои баланд дошт. Чунончи, ӯ изҳор мекунад:

Ҳама хоки Эрон ба Чин оварам,

Ҳама тозиёнро ба дин оварам [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.232].

Ин ҷо нуктае, ки метавонад то ҷое ҷолиб бошад, он аст, ки хоқони Чин ҳама эрониёнро мехоҳад ба дин оварад. Хоқони Чин (турк) эрониёнро тозиён мегӯяд, ки бе ҳеҷ ваҷҳ қавми арабро дар назар надорад. Ва қавми араб дар нимаи дуюми асри VI ҳеҷ нақше дар сиёсатҳои туркон надоштанд. Он, ки ин ҷо сухан дар бораи тоҷикон меравад, мантиқан шубҳае надорад. Хосса, «даши»-и хитоӣ, ки аз он «тоҷик» хестааст, маънои «ҳамсоя дури ғарбӣ»-ро дорад.

Дар ин байт масъалаи дин ба мо душворӣ эҷод кардааст. Хоқон, агар хоқони Чин ҳам бошаду на турк, кадом динро дар назар дорад, маълум нест. Байт дар ду чопи интиқодӣ – Москваю Душанбе вуҷуд дорад. Зеро ҳарду дини «калон» надоштанд. Дини буддоӣ ба Чин дар асри VIII омада буд. Туркон, ба шаҳодати таърих, то султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои дин лашкар накашидаанд.

Чун хабари лашкар кашидани Анӯшервон ба Хоқон мерасад, ӯ мехоҳад пешдастӣ кунад ва ба ҷанг аввал биравад. Аммо яке аз мушовирони ӯ, ки Фирдавсӣ шояд аз рӯи одат мӯбадаш мегӯяд, маслиҳат намедиҳад, ки Хоқон ба ҷанг дарояд. Ба яқин, ин ҷо Фирдавсӣ «мӯбад» гуфта, «вазир» мақоми сиёсиро дар назар дорад, на мақоми диниро. Қарор мекунанд, ки масъаларо ба сатҳи «дипломатӣ» бибаранд, нома нависанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.237].

Эпизоди IX а. Анӯшервон. Хоқон сафорате иборат аз даҳ марди сипоҳии шоиста мефиристад, ки сазовор пешвоз гирифта мешаванд. Номаи Хоқонро, ки ба чинӣ буд, Яздгирди дабир «хондан гирифт», ба ҳадде, ки «Аз ӯ анҷуман монд андар шигифт» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.235]. Дар ин байт шакли феъли замони гузаштаи давомдор «хондан гирифт» метавонад аз аҳаммияти илмӣ холӣ набошад. Ин шакли феъл дар аксарияти шеваҳои тоҷикони ин тарафи Омӯ истифодаи фаровон дорад.

Сафорат як моҳ мемонад. Муддати мондани сафоратҳо метавонад ҳар хел бошад, вале дар ҳадди маъқул. Танҳо дар замони подшоҳии Баҳроми Гӯр, бино ба ривояти Фирдавсӣ, фиристодаи Рум наздики ду сол интизори қабули шоҳаншоҳ буд, ки ба ҷанги Хоқон рафта буд. Ростӣ, дар тасвири Фирдавсӣ, чунонки ишора карда будем, он фиристода сухани гуфтанӣ ҳам надошт. Дар ин муддат Анӯшервон имкониятҳои аскарӣ, захира ва намудҳои аслиҳаи худро намоиш ҳам медиҳад, ки ғараз аз ин кор, яқинан, нишон додани бартарии шоҳаншоҳӣ ва шоҳаншоҳ низ буд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.237].

Анӯшервон мефармояд, номаи ҷавобӣ нависанд. Нома, ки дар бисту як байт омадааст, чун қоида аз се байти ҳамди Офаридгор сар мешавад, ки хусусияти анъанавӣ доранд. Анӯшервон дар бораи муносибат бо Ҳайтолиён ба Хоқон менависад, ки чун онҳо:

Ба бедод-бар хира хун рехтанд,

Ба доми ниҳода худ овехтанд [Фирдавсӣ М.1970-8, с.170].

Шоҳаншоҳ пирӯзии Хоқонро бар Ҳайтолиён бетарафона қабул мекунад. Ғайр аз ин Анӯшервон ҳеҷ гуна худситоӣ ба молу ба ҷоҳу ба силоҳи подшоҳони дигар, аз ҷумла Хоқонро, қабул намекунад ва таъкид менамояд, ки дар ин бобат ӯ ҳамто надорад. Анӯшервон дӯстӣ хостани Хоқонро мепазирад, зеро: «Наҷӯяд хирадманд ҳаргиз набард» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.240]. Дар фуроварди нома, ба ҳукми меъёр, Хоқонро дуо ҳам мекунад:»Туро ёр бодо Ҷаҳонофарин» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.240].

Вақте фиристодаи Анӯшервон бо номаи ҷавобӣ ба ҳузури Хоқон мерасад, пазироии лозима мебинад ва вақти ҳолпурсиҳо аз Анӯшервон Хоқон, аз ҷумла, дар бораи шумори сипоҳ ҳам мепурсад. Дар ҷавобҳо фиристода Анӯшервонро беҳамто сифат мекунад ва дар бораи сипоҳ мегӯяд, ки сипоҳ ба даштҳо намеғунҷад, силоҳ басо коро аст ва бинобар ин:

Ҳар он кас, ки сер ояд аз рӯзгор,

Шавад тезу бо ӯ кунад корзор [Фирдавсӣ  Д.1990-8, с.243].

Эпизоди IX б. Анӯшервон. Чун Хоқон аз чунин аҳвол воқиф мешавад, «дилаш з-он суханҳо пур аз бим»[Фирдавсӣ Д.1990-8, с.243] мегардаду аз

мушовирон маслиҳат мепурсад, вале ҷавоби корагаре намегирад. Хоқон маслиҳат мебинад, ки беҳтар аст, «бо шоҳ хешӣ кунем» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.243]. Чунин муносибати хоқон, яъне хешӣ ҷустан бо подшоҳи ҳариф ё душман ба анъанаҳои деринаи хитоӣ мухолифат намекунад. Дар Хитои қадим то кор ба ҷанг накашад ва ё кафолатҳо барои пойдории паймонҳои сулҳ муҳайё кунанд, як навъ паймонҳое имзо мекарданд, ки номи он паймонҳо «Паймон дар бораи сулҳ ва хешӣ» буд [Баринова 2012, с.97]. Аъёни давлат ин маслиҳатро дастгирӣ мекунанд. Хоқон се нафар фиристодаро аз хешовандони худ ихтиёр мекунад ва ба дабир мазмуни номаро мефаҳмонад.

Дар нома, ки дар понздаҳ байти омадааст, се байтро ҳамди Офаридгор ташкил медиҳад. Пас аз ин дар чор байт дуруд ба шоҳи Эрон ва ситоиши ӯ меравад. Сипас гуфта мешавад, ки фирстодагони Хоқон пас аз бозгашт дар бораи шоҳаншоҳ ба ӯ басо суханҳои нек расониданд. Ва Хоқон салоҳ медонад: «Ки бошем дар сояи парри ту» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.174], яъне Анӯшервон. Дар ин иқтибос ташдид гирифтани калимаи «парр» имкон дорад на танҳо ба тақозои вазн шуда бошад. Дар хеле гӯишҳои тоҷикӣ калимаи «парр» бо ташдиди «ро» талаффуз мешавад. Ва Хоқон духтари худро ба занӣ ба шоҳаншоҳ пешниҳод мекунад, то ба ин тариқ «Набошад ҷудо марзи Эрон зи Чин» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.246].

Вақте фиристодагони Хоқон ба ҳузури Анӯшервон мерасанд, онҳоро «ба чинизабон офарин» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.246] мехонанд. Он забон чинӣ буд ё ягон забони туркӣ, муҳим ин аст, ки дар дарбор донадагони забонҳо, аз ҷумла забони чинӣ, буданд. Рӯзи дигар Анӯшервон анҷуман бо иштирокдорони анъанавӣ меорояд ва мефармояд, ки он номаро бихонанд. Яздгирди дабир номаро мехонад:

Чу донист хоқон, ки ӯ тови шоҳ

Надорад, ба пайванди ӯ ҷуст роҳ [Фирдавсӣ М.1970-8, с.175]

ва анҷуманро моил месозад, ки Анӯшервон маслиҳати хоқонро қабул кунад.

Дар ин бобат анҷуман боз он нуктаро ба инобат мегирад, ки: «Зи чин то Бухоро сипоҳи ваянд» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.248]. Яъне, лозим мебошад, ки

тавони аскарии хоқон ба эътибор гирифта шавад. ки ин ҳам кори андаке нест. Анӯшервон пешниҳоди хоқонро дар бобати фарзанди ӯ қабул мекунад ва касеро ба Чин мефиристад, то аз шабистони хоқон духтареро интихоб кунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.249].

Эпизоди IX в. Анӯшервон. Анӯшервон ба хоқон номаи ҷавобӣ менависад, ки дар дувоздаҳ байт омадааст. Дар ин нома ҳамд аз «қоида» бештар, дар шаш байт гуфта мешавад. Сипас шоҳаншоҳ шодии худро аз пайвастан ба хоқон ба воситаи «пӯшида фарзанди ӯ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.250] баён намуда, меафзояд, ки барои ин кор касеро мефиристад.

Ин кор ба «пире хирадманду род», ки Меҳронситод ном дорад, супорида мешавад. Меҳронситод мебоист духтареро ихтиёр кунад ва Анӯшервон шарт мегузорад, ки духтар «парасторзода» (духтари канизак аз камари хоқон) набошад. Барои ихтиёри дӯшиза чор парастандаро (канизакро) хоқон ба Меҳронситод медиҳад, то дастёраш бошанд. Меҳронситод духтареро мегузинад, ки дар шабистон миёни панҷ нозанин, ки ба сарҳошон тоҷ доштанду ороиш, тоҷу ороиш надошт, зеро ба қавли хотун – модари духтар, «кӯдаке норасида» буд. Ситорашиносону кундоварон фол мегӯянд:

К-аз ин духти хотун ва з-ин пушти шоҳ,
Биёяд яке шоҳ зебои гоҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.256]

Бо ҳамин Меҳронситод аз «саҳна» намеравад. Ин персонаж дар ҷое дигаре ҳам зуҳур мекунад, ки зикраш хоҳем кард.

Эпизоди IX г. Анӯшервон. Духтарро ба сафар омода мекунанд. «Бори духтар» иборат буд: аз хелҳои ҷавоҳирот, «маҳди (гаҳвора) пирӯза», «тахти оҷ», «уди ҳиндӣ, «сад аспу сад уштур бо зину бор» «чиҳил тои дебои зарбафтгун», сад уштур зи густарданӣ, сесад парастанда, ки «Ба оини Чин бо дирафше ба даст» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.256-257]. Ин ҷои калимаи «той» наметавонад диққати хонандаи мовароуннаҳриро ба худ накашад, зеро то ҳол низ фаровон истифода мешавад. Зиёда аз ин, ба «кӯҳаи пил тахт» мениҳанд. Духтари хоқон бо «сесад парастор» бо роҳ медарояд. Қофилаи духтарро сипоҳе ҳамроҳӣ мекунад. Хоқон, чун омода кардани духтар ба сафар ба анҷом мерасад, ба дабир мефармояд, то ба

Анӯшервон номае нависад. Нома дар дувоздаҳ байт омадааст, ки дар он ҳамди Офаринанда ду байтро ташкил медиҳад. Сипас ситоиши Анӯшервон дар ҳафт байт ва «дуои падарона», ки духтарро фиристодам, то «паси пардаи шаҳрёр» хизмат кунад. Хоқон қофилаи духтарро то Ҷайҳун гусел мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.259].

Аз сиёқи баёни Фирдавсӣ, чун Анӯшервон бо Хоқон пайванди оилавӣ пайдо мекунаду сулҳ қоим мешавад, бо пешвои ҳайтолиён Фағониш низ сулҳ мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.265].

Анӯшервон ва лашкар бо тантана роҳи Тайсафунро (Мадоин) пеш мегиранд ва раҳораҳ сазовори пешвози басо шоиста ҳам мешаванд. Ҳама фармонравоёни вилоятҳои зердаст ба пешвоз баромада, итоати худро таъкид мекунанд. Ҳатто фиристодаи қайсар божи Румро дар роҳ мерасонад, ки божи сесола буд. Бинобар ин: «Зи динор пур карда даҳ чарми гов» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.268], Анӯшервон аз оташкадаи Озаргушасп гузар намуда, ибодати шукр ба ҷо меорад. Дар роҳи Мадоин Анӯшервон мефармояд, то ба бенавоён садақаҳо кунанд. Баъд аз он ки Анӯшервон ба тахт менишинад ва ба қавли Фирдавсӣ:

Ҷаҳон чун биҳиште шуд ороста,

Зи доду зи хубӣ пур аз хоста [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.270] – сулҳ барқарор мешавад. Муносибатҳои тиҷоратӣ ривоҷ меёбанд ва аз ин рӯ: «Ба Эрон забонҳо биомӯхтанд» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.271], то тавонанд бо бозаргонон «Зи Ҳинду зи Чину зи Турку зи Рум» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.271] робита дошта бошанд. Таъкиди омӯхтани забонҳои хориҷӣ барои мақсадҳои амалӣ на бори аввал аст, ки дар «Шоҳнома» мегузарад, вале ин ҷо равшантар садо додааст.

Ба қавли Фирдавсӣ, ҳар рӯз пас аз баромадани офтоб аз даргоҳи шоҳаншоҳ хурӯше мехест, ки он муроҷиате ба раият буд. Дар муроҷиат гуфта мешуд, ки фуқаро дар дилашон бадиро надоранд, агар коре ба подшоҳӣ карда бошанд, музди онро ба воситаи солори бор бигиранд, агар каси тиҳидасте қарздор бошад, набояд аз соҳиби пул озор бинад. Ганҷур қарзро аз хазина пардохт мекунад. Таъкиди як меъёри густардаи ахлоқӣ, ки бисёр ҷолиб аст:

Касе к-ӯ кунад бар зани кас нигоҳ,

Чу хасмаш биёяд ба даргоҳи шоҳ.

Наёбад ба ҷуз чоҳу дори баланд... [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.271].

Дар он хурӯш, дар фаровард, таъкид мешавад, ки :

Ҳар он кас, ки напсандад ин роҳи мо,

Мабодо, ки бошад ба даргоҳи мо [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.273].

Эпизоди Х. Бузургмехр. Бахши подшоҳии Анӯшервони «Шоҳнома» боз бо панди Бузургмеҳр идома меёбад, ки дар дусаду бисту ҳафт байти дигар омадааст. Бузургмеҳр дар оғоз мегӯяд, ки сухане чанд навиштаасту ба ганҷур супоридааст. Эҳтимоле ҳам метавонад равад, ки сухан шояд дар бораи рисолае бо номи «Ёдгори Бузургмеҳр» бошад ва чунонки ишора карда будем, нусхаи андаке дертари вай (асри IX) то замони мо расидааст. Аз ҷумла, андарзи Бузургмеҳр чунин аст:

1) ба муаммо монанд будани рози даҳр;

2) ҳикмати дигар, ки дар шаш байт баён шудааст, ба он далолат мекунад, ки агар мард (подшоҳ) ба ҷойи базм ҷонро ба каф гирифта, ба разм раваду «заминро бипардозад аз душманон», оқибати хайр хоҳад дошт: «Шавад коху айвонаш ороста» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.274];

3) вале агар бенаво дар подшоҳии вай озурда бошад, чанде моле нағундорад, аз дунё меравад ва:

Шавад хоку бебар шавад ранҷи ӯ,

Ба душман бимонад ҳама ганҷи ӯ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.274];

4) мегӯяд, ки дар ҷаҳон ду чиз ҷовид мемонад: яке «сухан гуфтани нағз», дигаре парҳезкорию шарм;

Сипас андарзҳо ба гунаи саволу ҷавоб сурат мегиранд. Анӯшервон мепурсад, ки:

а) марди хушбахт кадом аст? Ҷавоб: Касе, ки бегуноҳ мебошад;

б) мепурсад, ки роҳи дев кадом асту роҳи Худо кадом? Ҷавоб: Дар фармони Худо будан, нашунидани сухан аз марди афсунгар, сифла касеро донистан, ки аз Худо тарс надорад;

в) мепурсад, ки аз кеҳтарон кӣ метавонад баробари меҳтарон бошад? Ҷавоб: касе, ки донотар асту метавонад ба ҳар орзу бирасад;

г) мепурсад, ки доно кадом аст, зеро дониш пӯшида аст, намоён нест. Ҷавоб: Касе, ки ба васвасаи дев дил аз роҳи Худо наканад ва меафзояд, ки даҳ дев ҷону хирадро ба замин мезананд.

д) Кисро мепурсад, ки он даҳ дев чист? Ҷавоб: Озу ниёз (тамаъ, муҳтоҷӣ), хашм, рашк, нанг, кин (қасос), наммомию (ғайбат) дурӯӣ (мунофиқ), носипосӣ;

е) кадоме аз ин даҳ пургазандтар аст? Ҷавоб: Оз (тамаъ), дуюм ниёз, сеюм рашк, чорум нанг, панҷум кин, шашум суханчин, зеро:

Миёни ду тан ҷангу кин афканад,

Бикӯшад, ки пайвастагӣ бишканад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.278]; дигар носипосӣ, нарасидан ба қадри некиҳо;

ж) мепурсад, агар дев васваса кунад, Худо ба банда чӣ додааст, ки дасти девро кӯтаҳ кунад? Ҷавоб: Хирад;

з) мепурсад чиҳо ба сӯи некӯӣ мебарад? Ҷавоб: Роҳи хирад, хӯи нек;

и) мепурсад, аз ҳунарҳо чӣ беҳтар, ки соҳибҳунарро ба баландиҳо бирасонад? Ҷавоб: Дониш;

к) мепурсад, нерӯи хасм чист? Ҷавоб: Кирдори бад;

л) мепурсад, фарҳанг беҳтар аст ё гуҳар? Ҷавоб: Фарҳанг;

м) мепурсад, ҷонро ба чӣ мезудоянд, покиза мекунанд? Ҷавоб: Бо хирад ва ҳунар;

н) мепурсад, бузургӣ ба кӯшиш аст ё ба бахт (толеъ)? Ҷавоб: Ба бахту ҳунар. Мегӯяд:

Ба кӯшиш бузургӣ наояд ба ҷой,

Магар бахти некаш бувад раҳнамой [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.274];

о) мепурсад, назди доно сутуда кӣ мебошад? Ҷавоб: Подшоҳе, ки аз толеъ зӯр ёбад ва додгар бошаду некном;

п) мепурсад, ки мустаманду бадрӯзи беҳуда кӣ мебошад? Ҷавоб: Дарвеши зишт, ки на дар ин дунё ва на дар он дунё рӯз намебинад;

р) мепурсад, ки бадбахт кист? Ҷавоб: Марди доно, ки рафтори бад, рӯйи зард дорад;

с) мепурсад, ки хурсанд кист? Ҷавоб: Касе, ки ба кори чархи гардун меҳр набастааст;

т) мепурсад, барои мо кӣ шоистатар? Ҷавоб: Он кас, ки оҳистатар;

у) мепурсад, кӣ оҳиста аст? Ҷавоб: Касе, ки шарм дораду мулоҳиза ва шитоб намекунад;

ф) мепурсад,»аз мардумон кист уммедвор»? Ҷавоб: Он кас, ки кӯшотар асту дониш металабад;

х) мепурсад, ки неку бади ниҳон чӣ гуна аст? Ҷавоб: Он ки хеле кажж асту боз мағзаш тиҳӣ;

ч) мепурсад, ки шаҳри обод кадом аст? Ҷавоб: Шаҳре, ки ба адолати подшоҳ пойдор аст

ш) мепурсад, кӣ бедортару ҳушёртар аст? Ҷавоб: Донои пир, ки таҷриба ҳам дорад;

э) мепурсад, ки ромиш (роҳат) насиби кист? Ҷавоб: Онро, ки аз бим дар амон асту зару сим ҳам дорад;

ю) мепурсад, моро ба чӣ ситоиш кунанд ва писандида кист? Ҷавоб: Он аст, ки ниёз, рашк ва тамаи худ ошкор накунад;

я) мепурсад, марди шикебо кист? Ҷавоб: Касе, ки бахташ баргаштааст, вале ба кори бузург даст мезанад;

ғ) мепурсад, ғам дар дили кӣ бештар аст? Ҷавоб: Касеро, ки аз тахт афтидаасту аз толеъ хушбин нест;

қ) мепурсад, аз мо (подшоҳ) кӣ дар дил дард дорад? Ҷавоб: Касе, ки хирдманд нест, тавонгаре, ки фарзанд надорад;

ҷ) мепурсад, кӣ ба курм (ғам) гирифтор шудааст? Ҷавоб:

Бад-ӯ гуфт: «Бо донише порсо,

Ки гардад бар ӯ аблаҳе подшо» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.201];

Ин ҳикмат то ҳадде аҳаммияти ногузаро дорад, ки порсоёну подшоҳон маҷбур мебуданд, то дар зери итоати подшоҳии аблаҳе кор ва зиндагӣ кунанд. Ба

қавли шайх Саъдӣ, дар замони хилофати Ҳорунаррашид вақте барзгарон шикоят пеши волии Миср мебаранд, ки ба сабаби бевақт омадани борон «пунба талаф шуд», волӣ ҷавоб медиҳад, ки: «Пашм боистӣ коштан» [Саъдӣ 2008, с. 54]. Ҳукми Фирдавсӣ дар бораи Ҷомаспи подшоҳи Сосонӣ: «Ки бо дурр ҳамто кунад жоларо» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.52], ки ба он ишора карда будем, аз ҳамин қабил мебошад.

Ин пурсишу посух давом дорад, ки мавзуъҳои ба мазмунҳои дар боло оварда монандро фаро мегирад. Гуфта будем, ки Фирдавсӣ шукри худо мекунад, ки аз «Бузарҷмеҳру шоҳ» раҳоӣ ёфтааст. Зеро, ба қавли худи Фирдавсӣ, ин кор, яъне, ба назари мо, андарзҳои дарози Бузургмеҳр, «дилгират омад ба бун». Бо ҳамин пандҳои Бузургмеҳр ба ниҳоят мерасанд, вале қиссаи худи Бузургмеҳр ба ниҳоят намерасад

Эпизоди XI. Анӯшервон. Ин бахши подшоҳии Анӯшервони «Шоҳнома» ба шатранҷ бахшида мешавад. Иродаи Фирдавсӣ ҳам гӯё, ки ҳаминро тақозо мекунад:

Чу ин кор дилгират омад ба бун,

Зи шатранҷ бояд, ки ронӣ сухун [«Шоҳнома» Д. 1990-8, с.290]. Ҳикояти шатранҷ, агар аз шатранҷ таскини дил ҷустани модари Талҳандро ҳам ба ҳисоб гирем, дар 714 байт омадааст, бо ҳикояти нарду ситези ду шаҳзодаи Ҳинд, ки писарони як модар аз ду падар буданд.

Ҳикояти шатранҷ аз боҷ фиристодани подшоҳи Ҳинд оғоз мегирад. Фиристодагони подшоҳи Ҳиндро бо сипоҳ пешвоз мегиранд, ки нишонаи эҳтиром хосс ҳам буд. Дар номаи подшоҳи Ҳинд таъкид ҳам мешавад, ки ӯ шатранҷ фиристодааст. Дар нома номи муҳраҳои шатранҷро Фирдавсӣ меоварад, ки то имрӯз ҳам бо ҳамон номҳо ёд мешаванд: пиёда, сипоҳӣ, рух, асп, фил, фарзин ва шоҳ.

Подшоҳи Ҳинд меафзояд, ки агар эрониён ин бозиро ёд бигиранд, боҷ ҳамасола фиристода хоҳад шуд. Дар акси ҳол фиристодани боҷ қатъ мешавад:

В-агар номдорони Эрон гурӯҳ,
Аз ин дониш оянд яксар сутӯҳ.

Чу бо дониши мо надоранд тов,

Нахоҳанд аз ин буму бар божу сов [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.293].

Анӯшервон як ҳафта вақт мехоҳад, то бозии шатранҷро ёд гиранд. Боз ҳамон Бузургмеҳр подшоҳро аз вазъияти ногувор, ки метавонист гӯё шоҳаншоҳиро аз боҷи Ҳинд маҳрум кунад, наҷот медиҳад. Ба чунин ривоятҳо метавон танҳо бовар кард, зеро инҳоро наметавон ба паллаҳои тарозуи мантиқ гузошт. Бузургмеҳр бозиро аз худ мекунад.

Дар посух Бузургмеҳр бозии нардро месозад ва Анӯшервон ӯро бо корвони ҳадяҳои гарон ба Ҳинд мефиристад. Анӯшервон дар номае, ки ба Ройи Ҳинд менависад, хабар медиҳад, ки бозиро яке аз мӯбадони мо ёд гирифт. Ва акнун мо бозии нардро мефиристем. Ба ҳамон шарт, ки агар бозиро натавонанд, як товон баробари ҳадяи мо бифиристӣ. Чун бозии нард ба Рой пешниҳод мешавад, доноёни Ҳинд аз донистани тариқати бозӣ оҷиз мемонанд. Бузургмеҳр бо ҳадяҳои фаровон ба дарбори Анӯшервон бармегардад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.302-305].

Эпизоди XII. Гав ва Талҳанд. Пас аз фасли шатранҷу нард дар «Шоҳнома» достони Гав ва Талҳанд дар 547 байт суруда шудааст, ки аз рӯзгори ду шаҳзодаи Ҳинд ҳикоят мекунад. Ин ҳикоят чандон ба бофтаи бахши подшоҳии Анӯшервони шоҳаншоҳи Сосонӣ ва умуман амосаи миллӣ, намеғунҷад. Хосса, ки рӯйдодҳои достон берун аз марзи шоҳаншоҳии Сосонӣ ва бе ҳеҷ бастагӣ ба рӯзгори Анӯшервон мегузарад. Чунонки ишора ҳам карда будем, Анӯшервон дар оғозҳои подшоҳӣ гӯё, ки сафаре ҳам ба Ҳиндустон карда буд.

Аз подшоҳи Ҳинд, ки Фирдавсӣ Ҷамҳураш мегӯяд, аз зане солеҳа фарзанде ба дунё меояд, ки Гав номаш мекунанд. Пас аз андаке Ҷамҳур мемираду мулк беподшоҳ мемонад. Ба ҷои ӯ бародари вай Мойро ба тахт сазовор медонанд. Мой модари Гавро ба занӣ мегирад ва аз ин заношӯӣ фарзанди дигар ба дунё меояд, ки Талҳандаш ном мемонанд. Пас аз андаке Мой низ мемирад. Аъёни кишвар бону – модари Гаву Талҳандро подшоҳ ихтиёр мекунанд. Баъд аз чанде талоши ду бародар аз барои тахти подшоҳӣ оғоз меёбад. Оқибат талошу ситези ду бародар ба ҷанг мекашад ва дар ҷанг Талҳанд кушта мешавад. Модари Талҳанд

мотам мегирад. Модар, ки бозии шатранҷро ёдаш медиҳанд, худро ба шатранҷ андармон мекунад ва то ҷое гӯё таскин ҳам меёбад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.306-350].

Эпизоди XIII. Анӯшервон. Аз ин ҷойи бахши Анӯшервони «Шоҳнома» ба бофтаи матн персонажи дигар – Барзу ворид мешавад. Фирдавсӣ дар бораи донишмандонро ба дарбор фаро хондани шоҳаншоҳ сухане гуфта, яке аз ин донишмандонро ном мебарад ва ӯро чун пизишк, сароянда, пири ботаҷриба ва донишманди комил сифат мекунад.

Дар яке аз пазироиҳои шоҳаншоҳ он донишманд, ки Барзу буд чунин арз мекунад. Мегӯяд дар «дафтари ҳиндувон» хондааст, ки дар «кӯҳи Ҳинд» гиёҳе мерӯяд. Агар он гиёҳро донишманд ҷамъ кунаду аз он дору омода кунаду ба мурда бипошад, мурда зинда шавад. Барзу аз шоҳаншоҳ иҷозат мепурсад, ки ба он ҷой биравад. Анӯшервон бовар намекунад, вале ҷоиз медонад, ки ривоят санҷида шавад:

Бад-ӯ гуфт шоҳ: Ин нашояд будан,

Магар к-озмунро бибояд шудан [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.352].

Анӯшервон бо номае ба Рой ва ҳадяҳои фаровон Барзуро ба Ҳинд мефиристад. Рой баъд аз шиносоӣ бо нома ҳама шароитро ба Барзу муҳайё мекунад. Аз ҷумла, ҳама «пизишкони донандаро» фаро мехонад, то мусоидат кунанд. Барзу: «Пиёда ҳама кӯҳсорон ба пой» паймуда, хеле гиёҳҳоро ҷамъ мекунаду доруе месозад. Доруро ба мурдаҳо мепошанд, вале:

Яке мурда зинда нагашт аз гиё,

Ҳамоно, ки суст омад он кимиё [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.354].

Барзу ноумед мешавад. Вале доноёни он ҷо мегӯянд, пире ҳаст, ки:

Ба солу хирад ӯ зи мо меҳтар аст,

Ба дониш зи ҳар меҳтаре беҳтар аст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.355].

Бо хоҳиши Барзу доноёни Ҳинд ӯро ба назди он пир мебаранд. Он пир ба ҳолати Барзу ошно шуда, воқеияти ривоятро дар бораи он дору чунин нақл мекунад:

Гиё чун сухан дону дониш чу кӯҳ,

Ки ҳамвора бошад мар-ӯро шукӯҳ.

Тани мурда чун марди бедониш аст,

Ки доно ба ҳар ҷой бо ромиш аст [Фирдавсӣ М.1970-8, с.251].

Ӯ меафзояд, ки номи он гиёҳ китоби «Калила» аст, ки сар ба муҳр дар ганҷи шоҳ нигоҳ дошта мешавад. Рой аз хоҳиши Барзу, ки китобро ба ӯ диҳанд, ошуфта мешавад, вале дар ниҳояти кор мувофиқат мекунад, китобро ба шарте диҳанд, ки Барзу пеши ҳиндувон онро бихонаду аз худ кунад. Барзу, ба қавли Фирдавсӣ, на танҳо китобро меомӯзаду аз ёд мекунад, балки «Дарӣ аз «Калила» набиштӣ ниҳон» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.357], яъне «Калила»-ро пинҳонӣ ба «дарӣ» тарҷума ҳам мекунад. Ин ҷо истилоҳи «дарӣ» чандон исмун ало мусаммо намебошад. Ба фикри мо Фирдавсӣ «дарӣ» гуфта, шояд забони дарборро дар назар дошта бошад.

Барзу аз Рой иҷозати рафтан мегирад ва бе шикасту рехт то ба Мадоин мерасад. Аз Ҳинд ба фазли кӯшишҳои Барзуя овардани «Калила ва Димна» -ро Абурайҳони Берунӣ низ таъкид кардааст. Аммо қавли Берунӣ, ки боби Барзуя дар «Калила»-и паҳлавӣ набудаасту бофтаи тарҷумонон, аз ҷумла Абдулло ибни Муқаффаъ мебошад, дар илми арабшиносӣ пазируфта нашудааст [Берунӣ 1995, с.166; Крачковский 1956-2, с.433-437].

Пас аз овардани варианти «Калила» Барзу аз шоҳаншоҳ изҳори хоҳиш мекунад, то ба Бузургмеҳр супориш диҳад,

Ки бинвисад ин нома Бузарҷмеҳр,

Кушояд бар-ин ранҷ Барзуй чеҳр [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.359].

Бо амри Анӯшервон Бузургмеҳр «Калила»-ро ба забони паҳлавӣ бармегардонад, зеро: «Набуд он замон хат ба ҷуз паҳлавӣ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.360]. Вобаста ба калимаи «хат» ба маънии забон месазад гуфт, ки ин калима ба ҳамин маънӣ дар «Ҷомеу-т-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳ (1247-1318) ҳам омадааст.

Сипас Фирдавсӣ дар бораи тарҷумаи «Калила» ба арабӣ сухан гуфта, сурат гирифтани ин корро ба замони халифа ал-Маъмун (813-832) нисбат медиҳад, ки ба воқеияти илмӣ мувофиқат намекунад. Вале дар се матни интиқодии

«Шоҳнома», ки мавриди истифодаи мо қарор дорад, нисбат додани тарҷумаи «Калила» ба забони арабӣ ба замони хилофати Маъмун такрор мешавад. Хабаре ҳам ҳаст, ки бино ба назари баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Низомиддин Зоҳидов, ба нақл аз «Табақоту-ш-шуаро»-и Ибн ал-Муътазз, халифаи сездаҳуми сулолаи Аббосиён (861-908), ки як рӯз соли 908 халифа будааст, Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (ваф. 815) дар 5 ҳазор байт, вале ба ривояти Абубакри Сулӣ (ваф.946) дар «Китобу-л-авроқ» «Калила» ро дар 14 ҳазор байт ба арабӣ тарҷума кардааст [Зоҳидов 2014, с. 108-109]. Аз тарҷумаи Абони Лоҳиқӣ то замони мо чизе нарасидааст. Ба ривояте, Рӯдакӣ соли 320-и ҳиҷрии қамарӣ баробари 932-и мелодӣ ба дастури вазир Абулфазли Балъамӣ ба тарҷумаи «Калила» ба тоҷикӣ шуруъ кардааст. Аммо дар бобати замони тарҷумаи «Калила» аз арабӣ ба тоҷикӣ ва муаллифи тарҷума Фирдавсӣ ва манбаи ӯ ғалат накардаанд. Фирдавсӣ мегӯяд, «Калила»- ро ба замони аморати амир Наср (914-943) Абулфазли Балъамӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ки ғалат нест. Сипас устод Рӯдакӣ ин асарро ба назм кашидааст. Лоақалл ба он далел, ки:

Гузорандаро пеш биншонданд,

Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.361].

Дар фароварди ин ҳикоят дар матни интиқодии Душанбе байте бахшида ба Султон Маҳмуд оварда шудааст:

Дил аз шоҳ Маҳмуд хуррам шудӣ,

Агар роҳи бадгавҳарон кам шудӣ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.361], ки чандон дар ҷойи худ наомадааст. Ба назари мо, Рустам Алиев муваффақтар будааст, ки ин байтро дар матни интиқодии Москва наовардааст. Дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ низ ин байт оварда нашудааст.

Эпизоди XIV. Бузургмеҳр. Бузургмеҳр, ки аз оғоз аз меҳрубонии Анӯшервон бархӯрдор буд, дар ин эпизод гирифтори мусибат мешавад:

Фароз оваридаш ба хоки нажанд,

Ҳамон кас, ки бурдаш ба абри баланд [Фирдавсӣ М.1970-8, с. 255].

Ҳангоми шикори шоҳаншоҳ Бузургмеҳр ӯро, ба қавли Фирдавсӣ: «Зи баҳри парастиш ҳам аз баҳри меҳр» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.362] ҳамраҳӣ мекунад.

Анӯшервон дар шикор ба марғзоре мерасад ва хоб меравад. Бозубанди ӯ, ки «пургуҳар» буд кушода мешавад. Мурғи сиёҳе ба бозубанд нӯл зада, онро медаронад ва ҳама донаҳои ҷавоҳиротро мехӯрад. Бузургмеҳр парешон мешавад. Анӯшервон чун бедор мешавад, гумон мебарад, ки ҷавоҳиротро Бузургмеҳр талаф кардааст. Ба Бузургмеҳр «саг» гуфта, хитоб ҳам мекунад:

Бад-ӯ гуфт, к-эй саг, туро ин кӣ гуфт,

Ки полоиши табъ битвон нуҳуфт? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.362].

Агар, марвазӣ ва мулоҳизаи фарҳангӣ (мактабхон) дар Марв будани Бузургмеҳрро, ки Фирдавсӣ овардааст, на чандон ба бовар гирему ақида пешниҳод кунем, ки ба ҳама ҳол солҳо вазири Анӯшервон Бузургмеҳр фарзанди Размеҳр ва набераи Суфарой буду маншаи шерозӣ дошт, ба чунин шахс «саг» гуфта мурочиат кардани шоҳаншоҳ зеби он симои Анӯшервон нест, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик, аз ҷумла дар «Шоҳнома», офаридаанд. Размеҳр писари Суфарой арбоби сиёсие буд, ки Қубодро аз зиндон раҳонд ва сари роҳи гурез ба Хуросон ӯро ба модари Анӯшервон ҷуфт ҳам кунонд, то аз ин заношӯӣ Хусрави Қубодон ба дунё биёяд.

Анӯшервони ғазаболуд, нахуст: «Фуруд омад аз бора чанде жакид» [Фирдавсӣ М.1970-8, с. 257] ва сипас фармон дод, ки Бузургмеҳро зиндон кунанд, вале дар кох. Ба ин муносибат, шояд шоҳиди чунин падида мешавем, ки амалияи «ҳабси хонагӣ» истифода шудааст. Дигар, мавриди таваҷҷуҳ бояд калимаи «жакидан» қарор гирад, ки дар шеваҳои тоҷикӣ то имрӯз мондаасту фаровон ба кор ҳам бурда мешавад. Дар матни интиқодии Душанбе ва Ҷалол Холиқии Муталақ ин байт наомадааст.

Дар зиндон яке аз парастандагони Анӯшервон, ки ба назди Бузургмеҳр иҷозати омадан дошт, вазифадор буд, ки баъзе гуфтаҳои Бузургмеҳрро ба подшоҳ бирасонад. Чунончи, ӯ вақте қавли Бузургмеҳрро: «Ки рӯзи ман осонтар аз рӯзи шоҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.366] ба подшоҳ мерасонад, Анӯшервон ӯро уқубати сахт мекунад. Чун пас аз чанде парастанда мепурсад, ки ба подшоҳ чӣ гӯям, Бузургмеҳр ҷавоб медиҳад: «Ки рӯзам беҳ аз рӯзи Нӯшинравон» [Фирдавсӣ Д.1990-8,с.367]. Анӯшервон дигареро мефармояд, ки бипурсад, оё Бузургмеҳр

рост мегӯяд? Ҷаллодро ҳам ҳамроҳи он мард мефиристад, ки агар Бузургмеҳр натавонад ваҷҳ кунад, ӯро бикушад. Ҷавоби Бузургмеҳр чунин аст, ки чун ҳама мирандаанд:

Зи сахтӣ гузар кардан осон бувад,

Дили тоҷдорон ҳаросон бувад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.368].

Анӯшервон бо шунидани ин ҷавоб, ки ҳикмати бебаҳс дорад, Бузургмеҳрро боз дар ҳолати «ҳабси хонагӣ» барқарор мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.367-368]. Аммо бино ба як мулоҳизаи В.В. Бартольд дар «Китобу-л-маҳосин ва-л-масовӣ»-и Иброҳими Байҳақӣ ва «ал-Маҳосин ва-л-аздод», ки ба пири удабои араб Абуусмони Ҷоҳиз нисбат медиҳанд, хабари кушта шудани Бузургмеҳр низ истисно карда намешавад [Бартолд 1974-7, с 404-405]. Чунончи, Иброҳими Байҳақӣ менависад: «Вақте Бузургмеҳрро барои куштан меоваранд, ба ӯ мегӯянд: «Ту дар охири вақт аз вақти ин дунё ва дар аввали вақт аз вақти охират ҳастӣ, сухане гӯй, ки дар ёдҳо бимонад». Ӯ мегӯяд, чӣ гӯям, ки сухан бисёр аст. Агар тавонӣ, кори неке бикунӣ, бикун» [Байҳақӣ 1902, с.202]. Дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» як ҳикмати Бузургмеҳр оварда шудааст ва инчунин, қавли зарини Анӯшервон: «Подоши кори ӯ тақозо мекард, ки кушта нашавад. Ва ман пушаймон ҳастам, ки чунин шуд» [ал-Маҳосин 2017, с.129]. Бино ба ҳамон мулоҳизаи В.В. Бартолд мувофиқи хабари Абулфазли Байҳақӣ дар «Таърихи Байҳақӣ», Бузургмеҳр ба замони Анӯшервон ва ё бино ба сарчашмаи дигар ба замони Ҳурмузди IV кушта мешавад [Бартолд 1974, с. 405].

Эпизоди XV. Бузургмеҳр. Ин эпизод низ ба Бузургмеҳр то ҷое бастагӣ дорад. Қайсари Рум бо ҳадяҳо ва нома ба даргоҳи Анӯшервон фиристодае мефиристад. Дар қатори ҳадяҳо «Яке дурҷу қуфле бад-ӯ устувор» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.369] низ буд. Қайсар изҳори хоҳиш мекунад, ки доноёни Анӯшервон дурҷро даст накофта бигӯянд, ки дар даруни вай чӣ ниҳон аст? Шарт мегузорад, ки агар тавонанд ҷавоби дуруст гӯянд, Рум додани боҷро давом медиҳад, вагарна боҷ қатъ мешавад. Анӯшервон як ҳафта муҳлат мепурсад, то ҷавоб омода шавад. Доноёни Анӯшервон наметавонанд ҷавоби дуруст гӯянд. Шарти қайсари Рум то

ҷое шарти подшоҳи Ҳиндро дар бобати шатранҷ мемонад, ки, мусалламан, боз яке аз падидаҳои унсури меъёргарої дар нигориши «Шоҳнома» мебошад.

Шоҳаншоҳ ба Бузургмеҳр кас мефиристад ва бо як навъ узре Бузргмеҳрро ба кушодани он муаммо даъват мекунад. Бузургмеҳр розї мешавад, аммо ҳаросе дошт, ки дар он ранҷҳо чашмони ӯ тира шудаанд.

Дар роҳ аз хона Бузургмеҳр зани хубчеҳреро меҷӯяд. Ба ӯ мегӯянд, ки зани нахустин шӯй дорад ва зан ҳам таъкид мекунад: «Ки шӯй асту ҳам кӯдак андар нуҳуфт». Зани дигареро, ки вомехурад, мегӯяд, ки «шӯй асту бача нест». Зани сеюм, ки вомехӯранд, мегӯяд, ки шӯй надорад ва «Нахоҳам, ки бинад маро рӯй шӯй» [Фирдавсї Д.1990-8, с.372].

Бо гуфти Бузургмеҳр анҷумане даъват мешавад аз «бихрадону мӯбадону» фиристодаи Қайсар. Бузургмеҳр изҳор намуда, ки «Агар чашм шуд тира дил равшан аст» [Фирдавсї Д.1990-8, с.373], шояд бар пояи фоли вохӯрии ӯ бо он се зан, мегӯяд, ки дар даруни дурҷ се дурри рахшон аст. Яке суфта, дигаре нимсуфта ва сеюмї норасида. Чун фиристодаи қайсар дурҷро бо калид мекушояд, дурустии ҷавоби Бузургмехр таъкид мешавад [Фирдавсї Д.1990-8, с.374-375].

Эпизоди XVI. Ин эпизод ба тавқеъҳои Анӯшервон бахшида мешавад. Фирдавсї 34 ё 37 тавқеи Анӯшервонро овардааст. Дар адабиёти баъдина шумори тавқеъҳои Анӯшервонро то ба 173 тавқеъ расонидаанд. Эпизод, эҳтимол, эпизоди сирф адабї аст ва тавқеоти Анӯшервонро фаро гирифтааст. Тавқеоти Анӯшервон дар шакли савол ва ҷавоби шоҳаншоҳ омадааст, ки ба мазмун ҳамон андарз ё дастури подшоҳї мебошад. Дар «Шоҳнома»-и чопи Душанбе тавқеот бо андаке бароварду фаровард дар яксаду ҳафтоду нӯҳ, дар чопи интиқодии Москва дар яксаду панҷоҳу панҷ байт омадааст.

Фирдавсї меоварад:

Чунин буд то гоҳи Нӯшинравон,
Ҳам ӯ буд шоҳу ҳам ӯ паҳлавон.
Ҳам ӯ буд ҷангию мӯбад ҳам ӯ,
Ҳам ӯ буд ҳирбад, сипаҳбуд ҳам ӯ,
Ба ҳар ҷой корогаҳон доштї,

Ҷаҳонро ба дастур нагзоштӣ.

Зи бисёру андак зи кори ҷаҳон

Баду нек з-ӯ кас накардӣ ниҳон [ Фирдавсӣ Д.1990-8, с.377-391].

Дар ин чор байт низоми идораи давлати Сосониёнро дарёфтан мумкин аст, ки ба таъбири навин, монархияи мутлақ будааст. Агар ба тасвири Фирдавсӣ бовар кунем, шоҳаншоҳ аз аҳволу давлату раият тақрибан огоҳии нисбатан комил доштааст. Ба воситаи шабакаи корогаҳон, ки вазифаашон аз расонидани маълумоти сазовори аҳаммият ба шоҳаншоҳ иборат буд.

1.Яке аз корогаҳон арз мекунад, ки гоҳе аз баъзе гуноҳон чашм мепӯшанд ва номи касро ба бадӣ намехонанд. Ҷавоб: Он кас, ки иқрори гуноҳ мекунад, чу бемор асту мо пизишк, аз дору мегурезаду ашк мерезад. Ӯ ба як доварӣ дуруст намешавад, вале мо ҳам «Зувон аз пизишкӣ нахоҳем шуст» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.267]. Чунин тавқеъро Холиқии Мутлақ ҳам овардааст [Фирдавсӣ Т. 2018-7, с.391. Дар матни интиқодии Душанбе ин байт оварда нашудааст. Дар ин ҷавоб, ба назари мо, бӯе аз принсипи тарбияи «вайронкунандагони қонун» меояд. Аз нигоҳи луғавӣ сиғаи «зувон»-и калимаи «забон» дар гӯишҳои забони тоҷикӣ истеъмолҳо дорад. Чунончи, дар шеваи тоҷикони таҳҷоии Оҳангарон «зувон» маънии дашномро ҳам дорад.

2. Мӯбади дигар, ки корогаҳ ҳам буд, арз мекунад, сипаҳбуди Гургон ба беша даромад ва андаке хоб рафт, ки либоси ӯро рабуданду ӯ бараҳна монд. Ҷавоб: Мо аз чунин сипоҳӣ бениёз ҳастем. Агар хуро посбонӣ карда натавонад, чӣ гуна сипоҳро идора кунад? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.378].

3. Мӯбади дигар менависад, яке моядоре ҳаст, ки: «Ганҷаш зи ганҷи ту афзунтар аст» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.378]. Ҷавоб: Раво бошад. Ман нигаҳбони ганҷу равонаш мебошам ва мекӯшам, ки онро афзун кунам.

4. Дигаре менависад, ки асирони румӣ басе кӯдаки ширхора ҳам доранд. Ҷавоб: Кӯдаконро аз модаронашон ҷудо накунед ва аз хостаҳо бениёз гардонед [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.378].

5. Боз менависанд, ки сад «моявар»-и румӣ мехоҳанд хешонашонро аз асорат бихаранд. Ҷавоб: Агар харанд, ба нархи як коса бода фурӯшеду қимат накунед: «Ки мо бениёзем аз эшон ба чиз» [Фирдавсӣ  М.1970-8, с.268].

6. Менависанд, ки ду бозаргон ба шаб аз мастию овози чангу рубоб хоб намераванд. Ҷавоб: Ин ранҷ намебошад:

Ҳама ҳамчунон шоду хуррам зиед,

Беозор бошеду беғам зиед [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.379].

7. Менависанд, шоҳи Яман мегӯяд, чаро Анӯшервон мурдагонро бисёр ёд мекунад? Ҷавоб: Ҳар кӣ пушт ба пушт хирадманд аст, аз мурдагон ёд мекунад. Ҳар он кас, ки мурдагонро фаромӯш мекунад: «Набошад варо некуиҳо дуруст» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.268], яъне корҳои савобаш на чандон савоб мебошад.

8. Менависанд, ки писарони хурдӣ чун падар одил нестанд ва заминро ба нархе мехаранд, ки «фурӯшандаи ӯ дижам» (андӯҳгин) мемонад. Ҷавоб: Чунин кор раво намебошад,»зеро баҳо дар замин ҳам фурӯшандарост» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.380].

9. Менависанд, ки диле «пур зи шарм» доштӣ, чаро чунин бешарм шуд? Ҷавоб: Хурд будему ширхора ва акнун, ки дандон баромад: «Ҳаме гӯшт ҷӯям чу гаштам дурушт» [Фирдавсӣ  Д.1990-8, с.380].

10. Менависанд, ки чӣ гуна аз шоҳаншаҳон гузаштӣ? Ҷавоб: Зеро ки «Ҳушу донишу рой дастури мост» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.380].

11. Менависанд, ки рӯзи шикор бози подшоҳ уқоберо гирифтааст. Ҷавоб: Бозро бояд укубат кард, ки ба меҳтари худ дуруштӣ кард.

12. Корогаҳе менависад, ки солор охири шаб бо сипоҳ баромад. Ситорашиносе сари роҳ мегӯяд бо ин гуна «лашкаре гашну ин гуна соз», агар аз даргоҳи шаҳрёр рӯй гардонад, «Набинад кас ӯро бад-ин рӯзгор». Ҷавоб:

Ба Барзини солору ганҷу сипоҳ,

Нагардад табаҳ ахтари хуру моҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.381].

13. Мӯбаде менависад, ба рӯзгоре чунин расм буд, ки шаҳрёр мардеро аз покизанажодон муваккали адолат мекард ва меафзояд, ки Гушаспи дабир сазовори чунин мақом аст. Ҷавоб:

Касеро гузинед, к-аз ранҷи хеш,

Напарҳезаду бошадаш ганҷи хеш» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.381].

14. Менависанд, «солори холигарон» аз шоҳу аз меҳтарон менолад, ки ҳар чӣ мехоҳанд мепазаду коса ба чор тараф мемонад. Аммо онҳо на мечашанд ва на даст дароз мекунанд. Ҷавоб: Аз хӯрдани бисёр орзуи онҳо ба дард табдил ёфтааст.

15. Менависанд, шаҳаншоҳро накӯҳиш мекунанд, ки бе «лашкари гашн» берун меравад ва ин боиси парешонии дӯстон шудааст, ки мабодо душмане нобакорие накунад. Ҷавоб:

Агар додгар чанд бекас бувад,

Варо посбон ростӣ бас бувад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.270].

16. Менависанд, аз номи солори Хуросон, ки чаро «Гарзоспро боз кард ӯ зи кор»? Ҷавоб: Фармони моро нагирифт, ки ба бенавоён «Кушояд дари ганҷи суду зиён» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.383], яъне дари хазинаи даромаду хароҷотро. Зеро мансабдоре, ки саховат надорад, фарраи подшоҳиро тира мекунад.

17. Менависанд:

Парастори дерина Меҳрак чӣ кард,

Ки рӯзиш андак шуду рӯй зард?

Ҷавоб:

Биёмад ба даргоҳу биншаст маст,

Ҳамеша ҷуз аз май надорад ба даст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.383]. 18. Мӯбади корогаҳе менависад, чаро дар набардҳо бо қайсар подшоҳ танҳо эрониёнро ба ҷанг мефиристад? Ҷавоб: Зеро «...он душманӣ, Ба табъ асту пархош оҳарманӣ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.383].

19. Менависад, чун сипоҳи подшоҳ фарқ мекунад, марди ҷангӣ чӣ гуна бояд бошад? Ҷавоб: Аз корзор сер наояд, дар рӯзи равшану шаби торик дар базм ё разм як хел бошад, ҳангоми костани нерӯ аз бисёру андак дижам нашавад.

20. Менависанд, аз Нисо ходиме буд. Чун дар девон ҳисоб карданд, сесад ҳазор дирам камомад ёфтанд.

Бинолид ҳаме, к-ин дирам хӯрда шуд,

Бар-ӯ меҳтару кеҳтар озурда шуд [Фирдавсӣ М.1970-8, с.271].

Ҷавоб: «Бифармуд, аз хӯрда манмой ранҷ». Ба болои ин Анӯшервон ба он ходими ҳисоб чанде накдина ҳам медиҳад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.384].

21. Менависанд, «ҷангисаворе» дар ҷанг бо румиён ҷароҳат гирифт. Бо ин ҳол ӯ: «Ба пеши сафи румиён ҳамла бурд» ва... кушта шуд. Аз ӯ чаҳор кӯдак ятим монданд. Ҷавоб: Номи кӯдаконро ба девон нависед ва ба кӯдакон ҳар сол чор бор «дирам дод бояд ҳазор» [«Фирдавсӣ Д.1990-8, с.385].

Ин рақам ёрона, ки Фирдавсӣ овардааст, агар ҳатто ба ҳар чор кӯдак ҳам ҳисоб кунем, шояд аз муболиға холӣ набошад. Дирҳами сосонӣ – сиккаи сим, ки дар дарозои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим ҳам дар муомилаи фаъол буд, 4,4 г. вазн дошт. Бино ба маълумоте, дар васиқаи суғдии хариду фурӯши канизак ки шубҳа надорад, [Согдийская купчая 1992, с.5] омадааст, ки дар ибтидои асри VII нархи канизак дусад дирҳам, аспи даванд ҳамин қадар, гови дӯшоӣ 11 дирҳам буд.

22. Менависанд, дар Марв сипоҳии паҳлавоне дирами фаровон гирд карду нахӯрду надод ва аҳолию сипоҳиёни дигар аз он марз бирафтанд. Ҷавоб: Он сарват: «Ки аз шаҳр мардум кунад коста», ба касоне бозгардонида шавад, ки паҳлавони ситамгор аз онҳо гирифта буд. Он:

Ситамгорро зинда бар дор кун,

Ду пояш забар, сар нигунсор кун [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.385].

23. Менависанд, раият адолати подшоҳро ситоиш ва ӯро дуо мекунанд. Ҷавоб: Шукри Яздон: «Ки аз мо яке нест андар ҳарос» ва «Фузун кард бояд бар эшон нигоҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.385].

24. Менависанд: «Ҷаҳон шуд зи шодӣ пур аз ною най» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.386] ва ҳамин рӯзӣ тавонгарону зердастонро баробар фаро гирифтааст. Ҷавоб: Кеҳону меҳон аз мо шод бимонанд.

25. Менависанд, шоҳаншоҳ беандоза ганҷ мебахшад, вале дар гирд овардани ганҷ ранҷ надидааст. Ҷавоб: Ганҷи мо насиби бенавоён ҳам ҳаст, агар боз гирам: «Ҳама суд фарҷом гардад зиён» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.386].

26. Менависанд: «Ҷуҳудону тарсо туро душмананд». Ҷавоб: «Шоҳи сутург, Абе зинҳорӣ набошад бузург» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.386]. Дар ин тавқеъ, ба

назари мо, моҳияти таҳаммулпазирӣ дар паҳноҳои Ховари Миёнаву Мовароуннаҳр инъикос ёфтааст. Гарвидагони динҳои дигар дар итоати подшоҳи гаравидаи дини расмӣ метавонистанд чун паноҳанда зиндагӣ кунанд. Ифодае, ки дар байти Фирдавсӣ баён шудааст, то ҷое метавонад ба чизе монанд ба аҳкоми аҳлуззиммаи исломӣ далолат кунад.

27. Менависанд, ки дар хазина сесад ҳазор маблағи зиёдатӣ ҳаст. Ҷавоб: Ин ҳам ба фоидаи мост. Ҳамин савол дар матни интиқодии Москва наомадааст.

28. Менависанд, ки аз бахшиданҳо хазина холӣ шудааст. Ҷавоб: Дасти кушод «ҳаме мардро нав кунад баргу шох» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.387].

29. Менависад, солоре ба зӯрӣ сесад ҳазор дирам аз Балху Бомиён бисутуду мо онро ба хазина гузоштем. Ҷавоб: Моро дираме, ки касеро меранҷонад, шоиста нест. Маблағи ситударо боз пас гардонед. Аз девони ман номи он солорро хат занед.

30.Чаро аз Ҷамшеду Ковус басе ёд мекунӣ? Ҷавоб: «...то аз паси марги ман, Нагардад ниҳон афсару тарги ман». [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.388].

31. Менависанд, чаро аз Баҳмани меҳтар подшоҳ роз пинҳон дошт? Ҷавоб: Ақли ӯ баргаштааст.

32. Менависанд, чаро подшоҳи фуқаропарвар чунин «дерёз» шудааст? Ҷавоб: Зеро бо бихрадону, мӯбадон як хел муносибат дорад.

33. Менависанд:

Ки бе дин ҷаҳон беҳ, ки бе подшо,
Хирадманд бошад бар ин бар гуво [Фирдавсӣ М.1970-8, с.275].

Дар ҷавоб Анӯшервон ба чунин мулоҳиза мувофиқат мекунад. Дар идомаи ҷавоб мулоҳизаеро Фирдавсӣ ба Анӯшервон нисбат медиҳад, ки шояд оғози ҳама ошкорбаёниҳоро ифода карда бошад:

Зи гуфтор вайрон нагардад ҷаҳон,
Бигӯй он чи роят бувад дар ниҳон [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.389].

34. Менависанд, ту гуфтӣ, ки: «...замона манам, Баду неки ӯро баҳона манам». Ҷавоб: Дуруст, зеро: «Ки тоҷи замона сари подшост» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.389].

35. Менависанд, панҷ рӯз аст, ки мӯбади мӯбадон назди ту намеояд. Ҷавоб: Ин боиси парешонӣ нест: «Ки ӯ ҳаст машғул дар кори ман» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.389].

36. Менависанд, касе ҷӯяндаи дод аст, намедонем озори ӯ аз чист? Дар Ҳиҷоз ӯро ғорат кардаанд ва ман аз хазина ба ӯ ҷуброне додам, аз он дар дари даргоҳ дошта истодаам, то дузде биёяду он мард duздро шиносад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.390]. Ин саволу ҷавоб ҳам дар матни интиқодии Москва нест.

37. Менависанд, аз замони Каюмарс чун ту подшоҳе анъанаи каёнро пос надоштааст. Ҷавоб: Шукри Худо. Ин саволу ҷавоб ҳам дар матни интиқодии Москва нест.

Ба назар мерасад, ки Фирдавсӣ аз ба поён расидани «тавқеи Нӯшинравон» изоҳори хушнудӣ мекунад. Чунонки аз ба поён расидани андарзи Бузургмеҳр. Фирдавсӣ мегӯяд:

Маро табъ нашкуфт, агар тез гашт,

Ба пирӣ чунин отаъномез гашт [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.390].

Фирдавсӣ ҳалолу покиза, ба қавли Холиқии Мутлақ, «матни мудавван», яъне «Шоҳонома»-и Абумансуриро ба риштаи назм кашидааст. Матн матни ҳаргиз гуворо нест, чун андарзҳои дарозо дарози Бузургмеҳр ба таъбири боз ҳамон Холиқии Мутлақ, «малоловар» аст.

Дар фароварди ин эпизод Фирдавсӣ чор байт дар ситоиши султон Маҳмуд гуфтааст. Як байти ин пора сад дар сад ҷузъе аз воқеияти таърихиро инъкос мекунад, ки он чунин аст:

Ҷаҳон бистуд аз бутпарастони Ҳинд,

Ба теғе, ки дорад чу румӣ паринд [Фирдавсӣ М.1970-8, с.279].

**Эпизоди XVII. Анӯшервон**. Ин эпизод ба панд гуфтани Анӯшервон ба писараш Ҳурмузд бахшида шудааст, ки бо бароварду фаровард дар матни интиқодии Душанбе дар шасту ду, дар матни интиқодии Москва дар шасту се байт дар шакли нома омадааст [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.391-396].

Дар оғоз Анӯшервон изҳор мекунад, чунонки Қубоди падараш карда буд, ӯ низ ба сари Ҳурмузд тоҷи заррин мегузорад:

Ниҳодем бар сар туро тоҷи зар,

Чунон ҳам, ки мо ёфтем аз падар [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.276];

Сипас Анӯшервон Ҳурмуздро чунин насиҳат мекунад:

а) «хирадманду роду беозор бош»;

б) «ба дониш физою ба Яздон гарой»,»ба дониш бувад шоҳ зебои тахт»;

в) огоҳ мекунад, ки:

Мабодо, ки бошӣ ту паймоншикан,

Ки хок аст паймоншиканро кафан [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.392];

г) бегуноҳонро уқубат накун;

д) ба суханони бадгӯй гӯш мадеҳ;

е) ҳама корро одилона анҷом деҳ;

ж) дурӯғ магӯ;

з) ба ганҷи зердастон чашм ало накун, зеро: «Ки чизи касон душмани ганҷи туст»;

и) ёдовар мешавад, ки дунё сипанҷ (гузаро) аст;

к) боз таъкид мекунад, ки дониш биҷӯяд. Мегӯяд, чун ба подшоҳӣ расидӣ, дар наздат «яке донишӣ пеш дор»;

л) таъкид мекунад, «Бузургону бозаргонони шаҳр» ҳамаро адолат бояд фаро гирад;

м) мегӯяд: «Мадеҳ марди беномро сози ҷанг». Ӯ метавонад, ки он силоҳро рӯзи ҷанг ба муқобили ту истифода барад;

н) гуноҳи мардуми мустамандро бубахш;

о) ба дин бигарав ва динро ҳимоят кун;

п) чун подшоҳони одили гузашта бош;

р) ҳатто дар ҷанг бикӯш, ки хуни бисёр рехта нашавад;

с) таъкид мекунад, ки: « Ба рӯзу шаб ин номаро пеш дор» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.395];

Эҳтимол ин нома васиқаи гузидани валиаҳд буда бошад, зеро: «Чу бинвишт биспурд онро ба ганҷ» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.396];

Дар фароварди ин пора боз панҷ байт дар ситоиши султон Маҳмуд гуфта шудааст. Байтеро аз ин ҷумла метавон намунаи дурахшони яке аз маъниҳои шеъри мадҳ ҳам гуфт:

Кунун лоҷарам ҷуд мавҷуд гашт,

Чу шоҳи ҷаҳондор Маҳмуд гашт [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.396].

Эпизоди XVIII. Анӯшервон. Ин эпизод боз ҳам аз як тамоюли устувори манбаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, ки сарчашмаи асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад, гувоҳӣ медиҳад. Тамоюли бузургдошти суханҳои ҳикматомези подшоҳону хирадмадон. Ин эпизод дар чопи Душанбе «Пурсиши мӯбад аз Нӯшинравон ва посухи ӯ» ном дорад, дар дусаду ду ва дар чопи Москва дар 196 байт омадааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с. 396-412].

Мӯбад аз Анӯшервон мепурсад, ки:

1) Он чист, ки банда аз Худо пинҳонӣ зорию тавалло мекунад? Ҷавоб: «Ки хоҳиш зи Яздон ба андоза хоҳ».

2) Мепурсад, некӣ киро лоиқ аст ва бузургӣ киро мезебад? Ҷавоб дар ҳар ду матн чандон ба савол мувофиқат намекунад. Ҷавоб чунин аст. Ҳар кас, ки нобурда ранҷ ганҷ ёфту набахшид, сазовори тахт нест: «Набахшад, набошад сазовори тахт».

3) Мепурсад, ки бунёди хирад чист ва аз хирад кӣ шод аст? Ҷавоб: Шод доно мебошад ва шарти дигар, касе ки шарми авлодӣ дорад.

4) Мепурсад, дониш киро судманд аст ва бедонишу бегазанд кадом аст? Ҷавоб: Касе, ки хирадро парвариш мекунад, ҷонро мепарварад. Аз бешии хирад ҷон судманд аст, аз камии вай «тимору дарду газанд».

5) Мепурсад, дониш беҳ аз фарри шоҳ асту фарру бузургӣ зебои гоҳ? Ҷавоб: Фарр ва дониш ҷаҳонро зери пар мегирад ва давлатмардро «Хирад бояду ному фарру нажод»;

6) Мепурсад, аз шоҳон кӣ зебандаи тахт асту кӣ аз қисмат ношод? Ҷавоб: Нахуст ёрӣ «Бибояд зи шоҳи ҷаҳондор чуст», дигар бахшишу риояи расму оин, шашум, касеро меҳтарӣ диҳад: «Ки бошад сазовор аз беҳтарӣ», ҳафтум суханҳои

неку бад аз ӯ пинҳон надоранд, ҳаштум «Беозорӣ аз шаҳриёрон накуст», агар ҳамин хислат набошад: «Бимонад пас аз марги ӯ номи зишт».

7) Мепурсад, мардуми хушрафтору бадрафтор кӣ бошанд? Ҷавоб: Озу ниёз (тамаъ ва муҳтоҷӣ) ду деви бадгавҳаранд. Агар орзуҳои зиёд кунанд, деви бад ба онҳо хӯ гирад.

8) Мепурсад, ки гуфтор «чанд асту чист», ки метавонад ба гиря расонад? Баҳри (ҳиссаи) дигар «ганҷ асту тоҷ асту ном», ки яке мустаманд мегардонаду дигаре шодком. Ҷавоб: «Нахустин сухан гуфтани судманд», дигар, паймонро сухан донистан, сеюм, ба мавқеъ сухан гуфтан боиси обрӯ мешавад, дигар, доно сарояндаро марди соҳиби андеша медонад, ки суханро барабт мегӯяд, панҷум сухангӯи писандида ба забони ширин ва овози нарм сухан гӯяд, агар сухан барабт бошад, гӯяндаро ба коми дил мерасонад.

9) Мепурсад, «дониш кай ояд ба бун»? Ҷавоб:

Ба дониш нигар, дур бош аз гуноҳ,
Ки дониш гиромитар аз тоҷгоҳ.

Ҷавоб чандон ба дарди савол намехӯрад, вале чунин омадааст.

10) дар мавзуи омӯхтан мегӯяд:

Нагӯяд касе, к-ӯ ба ҷое расид,
Ки низаш зи доно набояд шунид

Ҷавоб:

Чунин дод посух, ки аз ганҷ сер,
Кӣ ояд, магар хокаш орад ба зер?
Сухан монад аз мо ҳаме ёдгор,
Ту бо ганҷ дониш баробар мадор.

Дар ин пурсишу посух маънӣ ҳунармандона ифода шудааст.

11) Мепурсад, марди пир метавонад доно шавад, агар «омӯзишӣ» – (талаба) бошад? Ҷавоб: Марди пир бо дониш ҷавон мешавад.

12) Мепурсад, чаро ҳангоми зикри номи шоҳаншоҳон оҳи сард мекашӣ? Ҷавоб: Чунин набуд, ки ин таомулро ман биписандам. Оҳ аз он аст, ки ҳарчанд бо шамшери адолат ин ҷаҳонро доштанд, вале рафтанду «хор бигзоштанд».

13) Мепурсад, пештар бештар бо ҳар кас сухан мегуфтӣ, чаро акнун ё намегӯӣ, ё кам мегӯи? Ҷавоб: «гуфтор бас, ба кирдор ҷӯям ҳаме дастрас».

14) мепурсад вақти  намоз пештар дар пеши оташ дер намеистодӣ? Ҷавоб: То Яздони пок ин бандаро «зи дарду зи сахтӣ раҳо» кунад.

15) Мепурсад, чун ба шаҳрёрӣ расидӣ: «Сипосат фузун чист аз кирдгор» Ҷавоб: Барои он ки рӯзгори беҳин рӯзӣ кард.

16) Мепурсад, дар ҷанги Ховар «тезчангу диловар будӣ» чаро дар ҷанги Бохтар ба оҳистагӣ шикебоӣ пеш гирифтӣ? Ҷавоб: Марди ҷавон аз дарду ранҷ наҳаросад, вале чун сол аз шаст мегузарад, ба пеши мудоро бибояд нишаст.

17) Мепурсад, шоҳони гузашта дароз сухан мегуфтанду роз ошкор медоштанд, ту сухан кам мегӯию роз бисёр дорӣ. Ҷавоб: Ҳар шаҳрёри худоҷӯ тани хешро дар дарду ранҷ надорад, зеро:

Надорад тани худ дар ранҷу дард,

Ҷаҳонро нигаҳбон ҳамон кас, ки кард.

18) Мепурсад, имрӯзҳо дили шаҳрёрро пурандеша мебинам, чаро? Ҷавоб: Бими газандро мардуми ҳушманд дар дил намедоранд.

19) Мепурсад, шоҳони гузашта аз базм ҷонро ба андӯҳи разм наозурданд. Ҷавоб: Онҳо дар майпарастӣ ҳаргиз ёди ном накарданд. Барои ман эътибори ном бар эътибори ҷом ғолиб омадааст.

20) Мепурсад, шоҳон буданд, ки тани хешро «ба доруву дармону кори пизишк» мепарвариданд. Ҷавоб: чу вақти аз ин дунё рафтан фаро расад, «дору наёяд ба кор».

21) Мепурсад, мо туро ситоиш мекунем, вақте ки подшоҳ шодмон набошад: «Баандеша дорад ҳамеша равон». Ҷавоб: Он андеша нест, он ки ситоиш мегӯяд, эҳтимол аз тарси мо дуо мекунад ва: «Ситоиш набояд фузун з-он, ки ҳаст».

22) Мепурсад, «шодӣ зи фарзанд чист»? Ҷавоб: Агар мард бимирад, «кам бувад дарди ӯ» .

23) Мепурсад, ҷаҳон барои кӣ осуда аст, кирдори неку барои кӣ пушаймонӣ меорад? Ҷавоб: Марди худотарс ба гирифтани инони замон

намекӯшад, агар ҳирс надошта бошад, осуда мешавад. Кирдори нек барои он кас пушаймонӣ оварад, ки некӣ сиголид бо носипос.

24) Мепурсад, он кас, ки бад карду мурду номи ӯ аз девон сутурда шуд ва касе, ки некӣ кунаду бигзарад ҳам рӯзи башумор дорад. Пас «Чу марг омаду неку бадро дуруд? Дар матни Москва низ калимаи «дуруд» оварда шудааст. Холиқии Мутлақ, инчунин, «Чу марг омаду неку бадро дуруд» гуфтааст. Ба назари мо, калимаи «дуруд» шояд шакли феъли замони гузашта аз калимаи «даравидан – дурудан» бошад. Ҷавоб: Кирдори нек ҳама ҷо писандида аст. Он ки неккирдор аст, намурда аст, ҷонро ба Худо супурда аст. Аммо касе, ки дар замона аз ӯ номи бад мондааст, дар он дунё ҳам осуда нахоҳад буд.

25) Мепурсад, бадтар аз марг нест, чӣ чора кунем? Ҷавоб: Чун аз дунё меравед, ба ҷойи пок меравед, касе ки дар тарсу ғам зист, ба зиндагии ӯ бояд гиря кард. Чи шоҳ, чи гадо ҳама мемиранд.

26) Мепурсад, аз ду ҳолат кадоме бадтар аст? Ҷавоб: Ба гетӣ ҷуз андӯҳ настуҳ нест, яъне зишттар.

27) Мепурсад, аз инҳо чӣ гуна метавон растан? Ҷавоб: Бо дониш.

28) Мепурсад, аз мо кӣ сарватмандтар аст? Ҷавоб:Он кас, ки беранҷтар.

29) Мепурсад, аз айбҳо кадоме зишттар ва дуртар аз аҷру биҳишт аст? Ҷавоб: Аз занон зани бешарму бо овози дурушт, аз мардон марди нодон.

30) Мепурсад, аз мардон кӣ зишттар аст? Ҷавоб: Он, ки ғами камтар дорад, ба пеши Худо бо тани пургуноҳ равад.

31) Мепурсад, аз одамон кадоме росттар аст? Ҷавоб: Он кас, ки дар муомилаи суду зиён иқдоми бад накунад.

32) Мепурсад, кадом хислати одамон некӯтар аст? Ҷавоб: Агар мард бурдбор бошад, афсун ба ӯ корӣ накунад, агар аз бадӣ суд наҷӯяд, сеюм, ҷустани роҳи Худо, ки аз ҷони пок ояду хирадмандӣ.

33) Мепурсад, дар дил ҳарос аз чӣ бештар аст? Чунин ҷавоб гуфт, ки аз ранҷи кирдори хеш.

34) Мепурсад, кадом бахшиш беҳтар аст? Ҷавоб: Бахшиш ба бенавоён.

35) Мепурсад, аз кори ҷаҳон кадоме писанд бояд бошад? Ҷавоб: Ин чархи пир тақозо мекунад, ки аз оин дур нараванд, ҳамон чизе мешавад, ки тақдир ҳукм кардааст.

36) Мепурсад, аз дард ба чӣ ранҷ аст ба тан, ки сарои сипанҷи ҷон аст? Ҷавоб: Ранҷ ба тан аст, то вақте ки ҷон дорад.

37) Дар боби парҳез мепурсад, озу ниёзро аз кӣ бояд пинҳон дошт? Ҷавоб: Беҳтар аст, ки хирадманд озу ниёз надошта бошад. Аз оз ҳамеша ранҷ мебинӣ ва аз ганҷ сер намешавӣ.

38) Мепурсад, аз шаҳрёрони куҳан киро медонӣ, ки пас аз маргаш ситоиш кунем? Ҷавоб: Он подшо бояд фуқаропарвар ва порсо бошад, шукри Худо кунад, касе аз ранҷи ӯ наҳаросад, дили некмардонро пурумед дораду «дили бадкунишро «пур аз биму дард», сипоҳро аз дороии хеш нигоҳ дорад, бадрафторонро муҷозот кунад.

39) Мепурсад, ибодат ба чист ва ба меҳрубонии Худо кӣ гаравида мебошад? Ҷавоб: Нахуст он, ки донад, ки Худо ҳаст ва якто мебошад, аз Худо дар амон бошаду аз ӯ битарсад. Агар некдил бошиву худоҷӯ, соҳиби эътибор шавӣ ва агар бадкуниш, ба дӯзах равӣ, ба тақдир густохӣ накун, ба дин гарвида бошӣ, хирад омӯзгори дили ту бошад, баробари ғами ин ҷаҳон ғами он ҷаҳон низ бихӯрӣ, ҳамнишини хирадмандон бошӣ, сухан аз андоза берун нагӯӣ, рӯзгор мастат накунад, аз ҳар чизе, ки ношуданист, дил биканӣ, аз дӯст он чи дорӣ, дареғ надорӣ, дар байни дӯстон коре бошад, миёнҷӣ набояд бошад, ба марди бадхоҳ нишинӣ, чунон кун, ки ӯ ба ту зарар нарасонад, роҳи баландиҳо аз ҳунару шарму оҳистагӣ мегузарад, забон аз ҳунар ғолибтар набошад, бузургӣ танҳо ба чиз намешавад, агар бадгумоне забон кушояд, тезӣ накун, агар ӯ туро заиф донаду аз андоза гузарад, ту сухан ба андоза гуй, суханҳои нағз, агар шарм надорӣ, оқибат пушаймон шавӣ, агар бекор бошӣ, ба роҳат дода нашав, зеро абгор хоҳӣ шуд, ба коре даст назан, ки пушаймонӣ оварад, мардуми бенаворо бубахш, хирадманд агар бурдбор бошад, дар назди Худо хор нашавад, ҳамон мардро Худо уқубат накунад, ки ҳарчанд сарваташ кам шавад, аз раҳи рост нагардад. Ва хулоса, ки:

Ҳамин аст рою ҳамин аст роҳ,

Ба яздон гирою ба яздон панох» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.412].

Дар фароварди ҷавоб ба пурсиши 39 Фирдавсӣ чор байт овардааст, ки хулосаи вай чунин аст, ки агар подшоҳ одил бошад, номи ӯ дар ҷаҳон боқӣ мемонад. Анӯшервон кайҳо хок шудааст, вале то абад ба арвоҳи ӯ дуо мехонанд.

Эпизоди XI. Пас аз андарзшунавию андарзгӯиҳои дуру дароз дар ин бахши «Шоҳнома» Анӯшервон зоҳиран ба сиёсат бармегардад. Мо аз дарки ҳикмати «шикорномаҳо»-и бахши подшоҳии Баҳрому Гӯру «андарзномаҳо»-и бахши подшоҳии Анӯшервон оҷиз мондаем. Маълум нест, ки муаллифони худойномаҳо чаро садҳо ва ҳатто беш аз ҳазор байтро ба мавзуъ ва маъниҳое, ки чандон тоза ҳам намебошанд, бахшидаанд. Фирдавсӣ чун амонатдор ҳама ин мавзую маъниҳоро ба риштаи назм кашидааст. Агар таъкиди Ҷалол Холиқии Мутлақро дар мусоҳибае бо Пуриё Гулмуҳаммадӣ дар саҳифаҳои фаслономаи «Рӯдакӣ» ба эътибор гирем, ки «Шоҳнома» барои эрониён таърих аст, на афсона», мо дар ин анадарзу шикорномаҳо на таърихеро ва на афсонаеро натавонистем мушаххас кунем. Ҷалол Холиқии Мутлақ мулоҳизае дорад «Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки Фирдавсӣ танҳо шоир нест, балки муаррих низ ҳаст» [Мутлақ 2001, с.1-4].

Анӯшервон ба писари қайсар нома менависад. Нома мантиқан ба муносибати вафоти қайсар навишта шудааст. Бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки сухан шояд дар бораи император Юстиниан меравад, ки соли 565 вафот карда буд. Ин эпизод дар матни интиқодии Душанбе дар шасту се байт, дар чопи интиқодии Москва дар панҷоҳу нуҳ байт омадааст.

Анӯшервон, ба қавли Фирдавсӣ, аз вафоти қайсари Рум чанде парешон мешавад. Ӯ қарор мекунад, ки сафире бо номае ба назди писари қайсар бифиристад. Нома дар «Шоҳнома» дар ҳафт байт навишта шудааст. Дар оғози нома, ки хусусияти изҳори таъзия дорад, Анӯшервон менависад, ки аз марг ҳеҷ кас чорае надорад, чи қайсар, чи хоқон... ва дар фароварди нома ёрии низомӣ ҳам пешниҳод мекунад.

Қайсар ба фиристодаи Анӯшервон чандон эҳтиром нишон намедиҳад, зеро, ба қавли Фирдавсӣ, «навнишаст» ҳам буд. Фиристодаро дуртар мешинонад ва ба номаи шоҳаншоҳ нигоҳ ҳам намекунад. Қайсар як ҳафта машваратҳо доир

менамояд, то номаи ҷавобӣ омода шавад. Мазмуни нома чунин аст, ки қайсар бартарии шоҳаншоҳи Сосониро эътироф намекунад:

Бад-ӯ гуфт қайсар на ман чокарам,
На аз Чину Ҳайтолиён кеҳтарам [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.294].

Чунин нишони беҳурматӣ ба сафири Анӯшервон дар риоя нашудани «одоби ташрифот» ҳам зоҳир мешавад:

Варо носазо хилъате сохтанд,
Зи бегона айвон бипардохтанд [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.416].

Ин дувумин сафорати Анӯшервон ба қайсари Рум буд. Монанди дафъаи якум ин сафорат низ наметавонад идомаи муносибатҳои ду империяро дар фазои осоишта нигоҳ дорад. Чун дар муносибат бо Юстиниан Анӯшервон ба қайсар ҷанг эълон мекунад.

Дар ривояти Фирдавсӣ, қайсар низ омодагӣ ба ҷанг нишон медиҳад, лашкари қайсар ба шумори «сесад ҳазор» аз Аммурия – шаҳри қадимаи румие дар Осиёи Хурд – бармехезад ва ба самти Ҷанубу Шарқ равона шуда, омада шаҳри Ҳалабро муҳосира мекунад. Давоми манзараи набард чандон равшан нест. Он чи равшан аст, ин аст, ки румиён дар роҳи ҳаракати лашкари Сосониён хандақе мекананду об пур мекунанд, ба ҳадде ки: «Фурӯ монд аз ҷанг шоҳу сипоҳ». Сабаби дигари «фурӯ мондан» шояд он ҳам буд, ки Анӯшервон дар маблағгузории маърака дучори душворӣ мешавад, зеро: «Сипаҳро дирам бояду дастгоҳ» [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.296]. Чун «дабирону дастури шоҳи ҷаҳон» ба назди «рӯзидеҳон» – маблагузорон мераванд, ба назар мерасад, ки маблағи зарурӣ муяссар намешавад:

Аз андозаи лашкари шаҳрёр,
Кам омад, дирам тунг сесад ҳазор [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.296].

Дар чопи интиқодии Душанбе ба ҷои «дирам» «динор» навиштаанд, ки чандон ба воқеият мувофиқат намекунад. Шоҳаншоҳ аз чунин ҳолат парешон мешавад. Ӯ ба Бузургмеҳр муроҷиат мекунад. Ба назар мерасад, ки Бузургмеҳр як мушкилкушоест, ки ҳамеша ҳаст. Чунонки дар эпизоди XV бахши Анӯшервони ҳамин боб гуфта гузашта будем, мебоист дар ин лашкаркашии

Анӯшервон Бузургмеҳр нобино мебуд ё тирачашм. Ба ҳар ҳол, Анӯшервон ба Бузургмеҳр изҳори парешонӣ мекунад ва мефармояд, ки корвонҳо биорояд ва «ҳаюнони бухтӣ»-ро (шутурони тезрави балхиро) ба роҳ барорад. Боз мефармояд, ки аз Мозандарон сад (ҳазор) бор кун, ки бештар динор бошад.

Бузургмеҳр бо камоли одоб сухани подшоҳро мегардонаду мегӯяд, ки раҳи Эрон дур аст, бинобар ин: «Тиҳидасту бекор монад сипоҳ» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.416]. Аммо дар шаҳрҳои атрофи мо сарватмандоне ҳастанд, ки метавонанд моро аз ин ҳолати ногувор наҷот диҳанд.

Бад-ин шаҳрҳо гирди мо-дар кас аст,

Ки сад як зи молаш сипаҳро бас аст [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.420].

Пешниҳод мекунад, ки шоҳаншоҳ аз бозаргонону деҳқонон барои маблағгузории маърака вом бипурсад. Дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» ин бори аввал аст, ки абзори маблағгузории маърака тасвир мешавад ва бори аввал аст, ки ба шоҳаншоҳ гирифтани қарзро тавсия мекунанд. Анӯшервон изҳори мувофиқат мекунад.

Бузургмеҳр фиристодаи «хирадманди шодондилу хубчеҳр»-еро ихтиёр мекунаду мегӯяд «дуаспа бирав» ва аз бозаргонону деҳқонон барои сипоҳ вом бипурс ва бигӯ, ки ин вом: «Ба зудӣ бифармояд аз ганҷ шоҳ» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.429]. Фиристода ба шаҳре, ки наздик буд, мерасад. Моядорони он шаҳр ҷамъ мешаванд ва як кафшгари «мӯзафурӯш» сухани фиристодаро шунида мепурсад, ки чӣ миқдор дирҳам лозим шудааст? Фиристода мегӯяд: «Чиҳил мар дирам ҳар маре сад ҳазор» [Фирдавсӣ Д.1990-8,с.420]. Кафшгар мегӯяд, ки ин маблағро танҳо худи ӯ медиҳад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.426]. Ба ивазаш илтимос мекунад, ки Бузургмеҳр расонад:

Агар шоҳ бошад бад-ин дастгир,

Ки ин пок фарзанд гардад дабир [Фирдавсӣ М.1970-8, с.299].

Пас аз он ки Бузургмеҳр натиҷаи корро арз мекунад, Анӯшервон ҳам аз ҳал шудани масъалаи қарз ва ҳам аз он хурсанд мешавад: «Ки дар кишвари ман яке мӯзадӯз» метавонад ҳамин қадар маблағ дошта бошад ва ҳатто мефармояд: «чу вомаш битӯзӣ», яъне бозгардонӣ, сад ҳазораш изофа бидеҳ. Аммо вақте ки

Бузургмеҳр илтимоси кафшгарро мерасонад, ки писарашро дабир кунанд, шоҳаншоҳ Бузургмеҳрро итоб мекунад ва мегӯяд, ки туро «дев» аз роҳ задааст. Намепазирад, ки «бозаргонбача гардад дабир». Ва фармон медиҳад, ки шутуронро бо бори дирҳам ба кафшгар пас гардонад ва мегӯяд, ки: «Дирам хоҳу аз мӯзадӯзон махоҳ» [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.299].

Анӯшервон дар ҳолати парешонӣ мемонад, талояро бар гирди дашт пароканда мекунаду худ: «Ҳама шаб ҳаме гирди лашкар» мегардад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.424]. Дар чунин вазъият кушоише дар кори Анӯшервон ҳосил мешвад. Пагоҳӣ талоя аз лаби хандақ хабар мерасонад:

Ки пайғоме аз қайсар омад ба шоҳ,

Пур аз дарду пӯзишкунон аз гуноҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.424].

Садри ин байт дар матни Москва чунин омадааст: «Ки пайғамбари қайсар омад ба шоҳ», ки чандон муваффақ ба назар намерасад, зеро дар лексикони шоирони исломӣ калимаи «пайғамбар» истифодаи маҳдуд дошт. Фиристодаи қайсар бо «чиҳил файласуфони румӣ», ки ҳар яке, ба қавли Фирдавсӣ, «сӣ ҳазор динор», «Нисор овариданд, бари шаҳриёр», ба қароргоҳи Анӯшервон мерасанд, шоҳаншоҳ онҳоро бо навозиш пешвоз мегирад.

Фиристода ба оҳанги маъзарат мегӯяд, ки «қайсар ҷавон асту нав», таҷриба ҳам надорад. Бо ин ҳама, мо «ҳама сар ба сар бождори туем» ва эътирофе, ки одатан набояд ошкоро кунанд: «Парастору дар зинҳори туем», яъне дар паноҳ ва итоати туем. Ҳатто мегӯяд, ки: «Туро Рум Эрону Эрон чу Рум». Таъкид мекунад, ки: «Ҳама божи Румон чӣ буд, аз нахуст», хоҳем супурд. Анӯшервон ин пешниҳодро мепазирад ва аз ин рӯ:

Ҳама ҳушмандони искандарӣ

Сутургӣ гирифтанду кундоварӣ [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.426].

Шоҳаншоҳ якеро аз сипоҳиён, ки донадандаи шумору навишту сутурд буд, масъули ситонидан ва ба хазина расонидани божи Рум мегардонаду роҳи Тайсафунро пеш мегирад. Дар тасвири Фирдавсӣ Анӯшервонро бо тантана пешвоз мегиранд.

Эпизоди XX. Дар ин эпизод бахши подшоҳии Анӯшервон рӯ ба таназзул мениҳад ва ин эпизод ба валиаҳд кардани шоҳаншоҳ писари худро бахшида шудааст. Эпизод, ки дар матни Душанбе дар дусаду ёздаҳ байт омадааст, аз нигоҳи мундариҷа аз се қисмат иборат аст.

Қисмати якум бо як муқаддимаи худи шоир сар мешавад. Дар ин муқаддима дар бисту ду байт Фирдавсӣ андешаҳои худро оид ба ногузир будани марг баён намудааст, ки хусусияти анъанавӣ дорад. Ва агар байти 4334 матни Душанбе ҳақиқатеро ифода кунад, Фирдавсӣ ҳангоми ба риштаи назм кашидани ин қисмат шасту як сол доштааст.

Ба қавли Фирдавсӣ, чун Анӯшрвон ба ҳафтоду чор мерасад, андешаи охири охирон мурдан ӯро низ фаро мегирад ва ӯ аз ба хулосае меояд, ки: «Ҷаҳонро ҳаме кадхудое» биҷӯяд. Агар қавли Фирдавсӣ ҳақиқатеро инъикос кунад, ин кор соли 575 сурат гирифтааст. Он кадхудо, яъне соҳиби мамлакат, аз нигоҳи шоҳаншоҳ, бояд одил бошаду меҳрубони бенавоён ва беозор. Фирдавсӣ мегӯяд, ки Анӯшервон шаш писари шоиста дошт ва Ҳурмузд меҳтари онон буд. Шоҳаншоҳ ба корогаҳон мефармояд, ки Ҳурмуздро биомӯзанд ва ба подшоҳ арз кунанд.

Абӯҳанифаи Диноварӣ дар «ал-Ахбору-т-тивол» шояд сабаби ихтиёри Ҳурмуздро воқеитар кушода бошад. Ӯ менависад: «Кисрои Анӯшервон чанд писар дошт, ки ҳамаи онон писарони фуқаро ё канизакон буданд, магар Ҳурмузд писари Кисро, ки баъд аз сари ӯ подшоҳ шуд. Модари ӯ духтари хоқони Турк буд. Модари модари ӯ шаҳбону буд [Диноварӣ 1911, с.74].

Сипас Анӯшервон ба Бузргмеҳр, ки ин ҷо низ ҳаст, рози дил мекунад ва мегӯяд, ки чун ӯ аз ҳафтод гузаштааст: «Ҷаҳонро бибояд яке кадхудой». Сифатҳои «кадхудо» такрор мешаванд. Он чи меафзояд, ин аст, ки валиаҳд аз «меҳри ганҷ» парҳез кунад, яъне чандон ба ҳирси моли дунё дода нашавад ва ба дунёи гузарон чандон дил набандад. Анӯшервон ҳарчанд майли худро ба ихтиёр намудани Ҳурмузд баён мекунад, вале ба Бузургмеҳр мефармояд, ки мӯбадону радону донишмандонро даъват намуда, «ба дониш варо озмоиш кунед» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.472].

Эпизоди XX а. Қисмати дуюм ба озмоиши Ҳурмузд бахшида шудааст, ки дар матни Душанбе дар ҳаштоду чор байт омадааст. Озмоиш ба тариқаи саволу ҷавоб мегузарад. Вале ин саволу ҷавоб аз саволу ҷавобҳои маъмулии бахши Анӯшервони «Шоҳнома» фарқ ҳам мекунад. Озмоиш дар ҳузури Анӯшервон доир мешавад. Бузургмҳр мепурсад:

1) Чист, ки аз вай ҷони поку хирад равшан шаваду тан осояд? Ҷавоб: Нахуст дониш сипас, тоқату карам;

2) Чист, ки фоида дорад ва қадри мардро баланд мекунад? Ҷавоб: Нахуст шарм, дигар, наранҷондани дили касе, сеюм, дод (адолат);

Сипас Бузургмеҳр мегӯяд, ҳама саволҳои маро ба ёд гир ва мепурсад:

– аз фарзанд чӣ барои падар шоиставу бегазанд аст?

– барои бахшидан кӣ сазовор асту ба дарди кӣ месазад шарик шуд?

– кӣ аз кирдори нек пушаймон мешавад?

– киро месазад накӯҳиш кард?

– куҷо дар ин дунё месазад гурехт ва дар кадом ҳолат «растахез» қоим мешавад?

– дар ин рӯзгор аз кӣ шод бошем ва аз гузашта чӣ сабақ гирем?

– кадом замонаро мебояд ситоиш кард?

– гаронмоятар дӯст кист?

– киро бештар дӯстон бошанд, ки аз ӯ шод бошанд?

– киро бештар душмани бадгумон бошад?

– куҷо месазад оромӣ ҷустан, то қомати ҷаҳондор рост шавад?

– дар дунё кори зараровартарин чист, ки пушаймонӣ биёрад?

– чӣ чизе ҳаст, ки мардум парваранду зуд гузарад?

– ситамгори бешарм кист?

– табоҳии дунё аз гуфтори кист?

– чи чизе ҳаст, ки боиси нанг мешавад?

Ба қавли Фирдавсӣ, Бузургмеҳр то фаро расидани шаб беист савол медиҳад, ба ҳадде ки ҳама хаста мешаванд ва ҳатто Анӯшервон ҳам «ғамӣ» мешавад. Ҳурмузд ба по мехезад ва дар чанд байт подшоҳро ситоиш намуда,

«сухан ҳар чӣ ӯ гуфт, посух диҳам» – гӯён, ба ҷавоби саволҳо мегузарад. Ҳурмузд мегӯяд:

– Падар он вақт аз писар розӣ мемонад, ки писар ғам надиҳад, меҳрубон бошаду накӯкор ва одил. Саховатпеша бошад;

– бузурге, ки бахташ бармегардад, ба носазоворе банда мешавад. Боиси таассуф аст, ки «нопорсое бар-ӯ подшо» мешавад;

– ҳар кас ба мардуми носипос некӣ кунад, пушаймон мешавад;

– аз подшоҳи золим бояд гурехт, зеро дар мулки вай хирадманд наметавонад зиндагӣ кунад;

– душман касерост, ки густох бошаду забони бад дошта бошад;

– душвор он аст, ки ҳамнишине бадгӯву бадрафтор дошта бошӣ;

– ҳамон гувоҳӣ рост аст, ки аз озмоиш гузарад;

– зиёнкортар чиз он аст, ки аз рӯи ҳавою ҳавас кор кунӣ;

– ситамгор он аст, ки рафтори каж дорад ва дурӯғ мегӯяд;

– табоҳӣ аз гуфтори марди суханчину дурӯяву бекор мебошад;

–ҳамон кас аз гуфта пушаймон мешавад, ки сухани газофу муболиғаомез гӯяд ва лоф занад;

Ҷавобҳои Ҳурмузд писанди Анӯшервон мешаванду мақбули анҷуман. Баъд аз ин аҳде ба фармони шоҳ менависанд: «Ки Ҳурмуздро дод тахту кулоҳ» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.472]. Нусхаи асли аҳд дар ҳузури аъёни дарбор ба мӯбад супорида мешавад. Роҷеъ ба вараќи аҳд Фирдавсӣ мегӯяд, ки вай ба «қиртоси чинӣ» навишта шуда буд. Мо намедонем, ки Фирдавсӣ қиртоси чинӣ гуфта чиро дар назар дорад. Аммо агар сухан дар бораи коғаз мерафта бошад, ба назар мерасад, ки ин ҷо воқеияти асри Х ба замони Анӯшервон гузаштааст. Қоғази чинӣ то шикасти лашкари Чин дар муҳорибаи Талас, то соли 751 то ба паҳноҳои Мовароуннаҳру Эрон раҳ наёфта буд. Қоғазро дар паҳноҳои исломӣ ба фазли пирӯзии Абумуслими Хуросонӣ дар Самарқанд асирони чинии ҳамон муҳориба сохта буданд [ Фирдавсӣ Д.1980, с.432-437].

Эпизоди XX. б. Анӯшервон. Фирдавсӣ бо байти муқаддамотии:

Бипайвандам ин аҳди Нӯшинравон,

Ба пирӯзии шаҳрёри ҷаҳон [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.439] ба овардани тафсилоти аҳд мегузарад, ки дар матни интиқодии Душанбе дар ҳафтоду панҷ байт омадааст.

Пас аз ду байти андешаҳо дар бораи гузароии дунё, боз ҳафт байти дигар дар боби тавба ба замони пиронсолӣ гуфта шудааст. Бо байтҳои гурезе дар бораи навишта шудани аҳд (чор байт), ки Фирдавсӣ номааш ҳам мегӯяд, худи матни ё мазмуни «панди пури Қубод» ба риштаи назм кашида шудааст.

Анӯшервон аз таъкиди бевафоии ин дунё сар мекунад: «Бидон, эй писар, к-ин ҷаҳон бевафост» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.441]. Маънии бевафоии дунё дар се байт гуфта шудааст. Сипас мегӯяд, ки чун мо «Биҷустем тоҷи каиро саре», маро шаш писар буд. Ман «Туро баргузидам, ки меҳтар будӣ». Меафзояд, маро Қубод дар ҳаштодсолагӣ валиаҳд карда буду ман ҳафтоду чор сол дорам. Анӯшервон умед мекунад, ки Ҳурмузд: осоиши дудмонро ба дод таъмин намояд; ҳушёр ва фарҳангҷӯй бошад; ба гирди дурӯғ наравад; шитоб накунад, зеро: «хирад бо шитоб андар ояд ба хоб»; ба некӣ гаравад ва дар ҳар баду нек ба панди доно гӯш диҳад; бо бадон нанишинад; ба Яздон паноҳ бараду худоҷӯ бошад; ҷаҳонро ба адолат обод дорад; агар некӣ кунанд, подош кунад; «ҳунармандро шоду наздик» дораду ба бадандешон рӯйи хуш надиҳад; ҳама корро бо маслиҳати доно кунад, хирадманд ба даргоҳи ту роҳ ёфта бошад, зердастонро магузор, ки бенаво бимонанд; бузургону озодагони шаҳр аз некии ту баҳра гиранд; ба фурӯмоя некӣ накун, ба бедодгар коре насупор; ғами дарвешро ғами худ бидон; аз бенавоён ганҷ дареғ надор; агар душман дӯст шуданӣ бошад, бовар накун, «Ба шӯразамин тухми некӣ макор» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.439-443].

Сипас шаҳрёр изҳори умед мекунад, ки Ҳурмузд панди падар мешунавад ва ба дуо мегузарад. Васият мекунад, ки агар ман бимирам, маро кохе бино кун. Кох набояд дар раҳи гузар бошад. Айвони баланде бисоз, ки дараш дар баландӣ бошад. Мефармояд, ки чӣ гуна дафнаш кунанд, аз ҷумла:

Ҳамон ҷомаи пок зарбафта панҷ,
Биёред нокордида зи ганҷ.
Бипӯшед бар мо ба расми каён,

Бар оини шоҳони Сосониён [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.444].

Дар бораи макони мақбараи Анӯшервон ё осори вай мо маълумоти дақиқе натавонистем пайдо кунем. Вале дар чанд сарчашма, аз ҷумла «Қобуснома»-и Унсурулмаолӣ Кайковус, «Насиҳату-л-мулук»-и имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва «Ҷовидон Хирад» як ривояте дар бораи мақбара ва мақбараро зиёрат кардани халифаи аббосӣ писари Ҳорунаррашид аз канизаки эронӣ ал-Маъмун (813-833) омадааст.

Аз ҷумла, Унсурулмаолӣ Кайковус дар боби ҳаштуми «Қобуснома», ки «Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ» ном ниҳодааст, менависад, таваҷҷуҳи халифаро бештар катибаи рӯи девори дахма ба худ кашида буд. Маъмун, ба қавли Унсурулмаолӣ, фармуда буд, паҳлавихоне биёранд, то он катибаро хонаду ба арабӣ тарҷума кунад. Матни катиба дар тарҷумаи Унсурулмаолӣ аз арабӣ ба забони тоҷикӣ чунин мебошад:

«То ман зинда будам, ҳама бандагони Худо аз ман баҳраманд буданд. Ва ҳаргиз ҳеҷ кас ба хидмати ман наёмад, ки аз раҳмати ман баҳра наёфт. Акнун чун вақти оҷизӣ омад, ҳеҷ чора надоштам ба ҷуз аз он ки ин суханҳо ба девор навиштам, то агар касе вақте ба зиёрати ман ояду ин лафзҳоро бихонаду бидонад, ӯ низ аз ман маҳрум намонад. Ва ин суханҳо ва пандҳои ман пойранҷи он кас бувад» [Унсурулмаолӣ 1934, с.35-36].

Бевосита пас аз ҳамин матн дар «Қобуснома» боби «Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони одил» омадааст, ки дар он Унсурулмаолӣ 57 панди Анӯшрвонро овардааст. Мо намегӯем, ки пандҳо дар девори мақбара китобат шуда буданд ва онҳоро Анӯшервон гуфтааст [Унсурулмаолӣ 1934, с.36-39]. Вале метавон мулоҳиза пешниҳод кард, ки дар солҳои 1082-1083 дар соҳилҳои ҷанубу шарқии баҳри Хазар ва хосса, дар минтақаи Гургон ақидае роиҷ буд, ки он пандҳо суханони Анӯшервон мебошанд. Унсурулмаолии Кайковус шашумин (ва охирин) намояндаи сулолаи ниммустақили Зиёриён (927-1090) буд, ки дар Табаристону Гургон ҳукумат мекарданд.

Саду чанд сол пештар аз Унсурулмаолии Кайковус Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар «Синӣ мулуки-л-арзи ва-л-анбиё» ишорае ҳам карда буд, ба чунин маънӣ, ки

Анӯшервон дар дами марг фармуда буд, ба мазораш нависанд: «Он чи аз накӯи карда будем, ба назди касест, ки савобро нодида нагирад ва он чи аз бадӣ ба мо расида буд, ба назди касест, ки натавонад аз уқубат дар амон бошад» [Ҳамза 1844, с.60].

Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар «Насиҳату-л-мулук» менависад, вақте Маъмун гӯри Кисро Анӯшервонро ёфт, тобути ӯро кушод ва бидид, ки сурати маййит дигар нашудааст. Либоси маййит ҳам кӯҳна нашудааст. Дар нигини хотами ӯ нақше буд: <u>بـه مـَه نـه مـَه بـه</u>Маънии ин навиштаро чунин бозгӯ кардаанд: «Он кас, ки шоистагӣ дорад, бузург аст. Ва ин гуна нест, ки ҳар кас бузургзода бувад, шоиста аст» [Ғаззолӣ 1988, с.66].

Ба қавли Фирдавсӣ, баъди ихтиёри валиаҳд Анӯшервон дере нагузашта вафот мекунад: «Пас аз аҳд як сол Кисро бизист». Мо намегӯем ин ҷо воқеияти таърихӣ халалдор шудааст. Анӯшервон соли 579 дар ҳафтоду ҳаштсолагӣ вафот кардааст. Шояд «як сол»- и Фирдавсӣ зуҳуроти бадеӣ мебошад, ки, эҳтимол, ба ҳафтоду чорсолагӣ валиаҳд ихтиёр кардани шоҳаншоҳ бастагӣ дорад. Фирдавсӣ дар вафоти Анӯшервон сӯгворие нагуфтааст.

Ба ривояти сарчашмаҳо, Анӯшервон чун Ардашери Бобакон аз худ гӯё мероси таҳририе – Зиндагинома – (Сират Анӯшервон) ҳам гузоштааст, ки дар маъхазҳои андаке ва ҳатто хеле деринтари арабӣ омадааст.

Мо ба банди аввали ин Зиндагинома дар бахши Ардашери Бобакон ишора ҳам карда будем. Мо таъкид намекунем, ки «Сират Анӯшервон» таълифи Анӯшервон аст, вале мехоҳем қайд кунем, ки дар срчашмаҳои адабӣ ва ё таърихномаҳои асримиёнагии араб чунин китоберо ба Анӯшервон нисбат медиҳанд. Хушбахтона порае аз ин китоб дар тарҷумаи арабӣ ва инчунин «Хутбаи Анӯшервон» дар «Таҷорубу-л-умам»-и Ибни Мискавейҳ ва «Ниҳояту-л-араб»- и Нувайрӣ омадааст. Ҳамин пора дар гунаи муқоисавӣ ба забони русӣ ҳам тарҷума шудааст. Инчунин, рисолаи начандон калоне ба забони тоҷикӣ зери унвони «Гуфтор дар бораи Анӯшервон», ки ба мулоҳизаи А.Колесников дар асри XI навишта шудааст, низ дар бораи Анӯшервон ривоят мекунад. Қисса ё гуфтор тарҷума аз арабӣ намебошад.

Дар банди дуи «Гуфтор дар бораи Анӯшервон» як далели таҳаммулпзирии Нӯшервон ба намоиш гузошта шудааст. Анӯшервон ононро, ки аз дини зардуштӣ баромада буданд ва дар ҳимояи эътиқоди худ ҳатто дар рӯёрӯи марг истодагарӣ мекунанд, намегузорад кушта шаванд. Пеш аз ин ба саволи Анӯшервон ба пешвои фирқа, ки оё ман эътиқоди шуморо напазирам, метавонед маро ҳам кушед, пешво ҷавоб дода буд, ки хоҳанд кушт [Мишин 2014, с.599-600; Ибни Мискавейҳ 2003, с.132].

Банди сеюм аз ҳиммати Анӯшервон, ки мислаш, ҳадди ақалл дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» наомадааст, ривоят мекунад. Чун қайсари Рум аз паи шикаст сулҳ меҷӯяд, моле мефиристаду супоридани хироҷ ва фидяро ба гардан мегирад, Анӯшервон ба «бенавоёни Рум ва кишоварзони варшикастаи» он кишвар» даҳ ҳазор динор садақа мекунад [Мишин 2014 – с. 600; Ибни Мискавейҳ 2003 – с. 133].

Банди чаҳорум, ки дарозтар ҳам ҳаст, аз он ҳикоят мекунад, ки Анӯшервон чи тадбире андешидааст, то мусибатҳои раият, зулмеро, ки раият мекашад, осонтар бигардонад ва бори сангини андозро сабуктар намояд. Анӯшервон баъзе аз рафтори подшоҳони пешинро ёдовар мешавад, ки агар аз раият хироҷи як ё дусола ситуда нашавад ва ё кам карда шавад, ин амр рағбату ғайрати ононро барои машғулияти кишоварзӣ зиёд мекунад. Шоҳаншоҳ омилон ва гирдоварандагони хироҷро даъват мекунад, то ин корро кунанд ва ба девони шоҳаншоҳӣ маълумот пешниҳод намоянд [Мишин 2014, с.601-602; Ибн Мискавейҳ 2003, с.133-134].

Дар банди панҷум сухан аз мулоҳизаи ташвишовари мӯбадон мӯбад меравад, ки ба шоҳаншоҳ расонида буд, қавме аз аъён, ки баъзе аз онон дар дарбор ҳам ҳастанд, ташвиқи динӣ мебаранд. Ин ташвиқ хилофи дини анъанавӣ буда, пояи давлатро суст месозад ва раиятро ба гумроҳӣ мебарад. Анӯшервон мефармояд, ки он гуногунандешонро ҳозир намуда, ба мубоҳиса ворид шаванд, то ба ҳақиқате бирасанд. Сипас фармон медиҳад ҳама гуногунандешони мазҳабиро «аз шаҳр, вилоят ва шоҳаншоҳӣ» биронанд [Мишин 2014, с. 602; Ибн Микавейҳ 2003, с.134].

Банди шашум ба муносибат ба туркон, ки дар каронаҳои шимоли шоҳнашоҳӣ мебошанд, бастагӣ дорад. Туркон менависанд, сахт муҳтоҷӣ мекашанд ва агар Эрон дасти ёрӣ дароз накунад, маҷбур мешаванд, ки ба шоҳаншоҳӣ ҳуҷум кунанд. Туркон тақозо мекунанд, ки ононро ба сипоҳи худ қабул кунем, маоше ҳам пешбинӣ намоем ва заминҳои Баланҷаро дар ихтиёрашон гузорем, то зиндагӣ кунанд.

Анӯшервон то тавон ва ҳашамати сипоҳ ва шоҳаншоҳиро ба туркон намоиш диҳаду аз аҳволи истеҳкомҳои онҳову кишоварзони турк бохабар шавад, ба тарафи Дарвозаи Чора ва мулки подшоҳии Хазар лашкар мекашад. Подшоҳи Хазар тааҷҷуб мекунад ва менависад, ки пайваста мехост бо Анӯшервон дӯст бошад ва бахти худ медонад, ки аз тобеони шоҳаншоҳ бошад. Анӯшеровон подшоҳи Хазарро ҳамроҳ бо саворагони вай мепазираду истеҳкоме ҳам ҷудо мекунад. Намозгоҳе барои ҳаммазҳабони худ барпо менамояд. Шоҳаншоҳ меафзояд, ки дар он мулк ободиҳо низ кардааст. Ва оқибат корҳо ба хушӣ анҷом мегиранд [Ибн Мискавейҳ 2003, с. 134; Мишин 2014, с. 604-605].

Анӯшервон дар банди ҳафтум меафзояд, ки чун бисту ҳашт сол аз подшоҳии ӯ мегузарад, ӯ боз ба корҳои шоҳаншоҳӣ, пойдор намудани адолат барои раият, таҳқиқи зулму тааддӣ ва ҳалли одилонаи вай мепардозад. Мефармояд, мӯбадони ҳама гузаргоҳҳои сарҳадӣ, шаҳр, русто ва сипоҳ дар бораи аҳволи раият ба шоҳаншоҳ маълумот пешниҳод кунанд.

Ӯ боз мефармояд, ки намоиши сипоҳиён дар пойтахт, дар ҳузури шоҳаншоҳ, дар марзбониҳо ва вилоятҳо дар ҳузури пойгоспан (подуспон) гузаронида шаванд. Анӯшервон меафзояд, ки ман ба ҳама ҷо шахсони босалоҳият ва боэътимодро фиристодам, то ба аҳволи мардуму авзои корҳо шинос шаванду ба ман ҳақиқати амро арз кунанд [Ибн Мискавейҳ 2003, с. 135; Мишин 2014, с. 606].

Анӯшервон дар банди дигар мегӯяд, пас аз фаро расидани амонӣ дар мамлакат чунин ҳисобидем, ки аз аҳволи раият ва кордорон, ки фармуда будем бо супорандагони хироҷ бо инсоф бошанд, бохабар шавем. Ба Анӯшервон маълумот расида буд, ки ғайрати кишоварзон коҳиш ёфтааст.

Шоҳаншоҳ ба қозии ҳар ноҳия бе огоҳ намудани омили он ҷо мефармояд, аз кишоварзон бипурсанд, ки чӣ ҷабре ба онҳо расидааст? Анӯшервон таъкид мекунад, маҳбубтарин кордорон ва ходимони мо онҳое хоҳанд буд, ки ба фақирону бенавоён одилона рафтор кардаанд. Онон, ки ба бенавоён зӯроварӣ ва истибдод мекунанд, ҳамин рафторро ба муқобили мо мекунад [Мишин 2014, с.607-608].

Шоҳаншоҳ дар ниҳоят менависад, ки бо гузашти сию ҳафт соли подшоҳии ӯ чаҳор қабилаи туркон аз мулки Хазар навиштанд, ки мехоҳанд ба мо бипайванданд ва дар қаламрави мо макон ихтиёр кунанд. Анӯшервон ба ҳудуди панҷоҳ ҳазор туркону хонаводаашон чунин иҷозатро раво медонад [Мишин 2014 – с. 608-611].

Ба ин бахши қисмати Сосониёни «Шоҳнома» метавон чунин хулосаҳо пешниҳод кард:

Ардашери Некукор пас аз вафоти Шопури Зулактоф, ба қавле, ноилоҷ ба тахт менишинад, то ба балоғат расидани Шопур писари Шопур мулк бе подшоҳ намонад.

Симои Яздгирди Базаҳгар падари Баҳром Гӯр ба рангҳои тиратар офарида шудааст. Чунонки ишора карда будем, Яздгирд асосан дар адабиёти зардуштӣ чунин омадааст. Сарчашмаҳои насронӣ ба ин подшоҳ баҳои дигар додаанд.

Модари Баҳроми Гӯр, яке аз подшоҳони машҳури Сосонӣ яҳудӣ буд. Баҳром дар муҳити арабӣ ба воя расидааст ва ба фазли пуштибонии амири Ҳира аз сулолаи Лахмиҳо ба подшоҳӣ расидааст.

Баҳром дар сарчашмаҳо камтар ба сиёсат машғул буд, аммо ӯ лашкари хоқони Чинро тавонист шикаст диҳад ва нагузорад, ки туркон ба паҳноҳои соҳили чапи рӯди Омӯ гузаранд. Бо ин ҳама, Баҳроми Гӯр водор мешавад, ки доираи нуфуз ё сарҳади империяи Сосонӣ ва турконро муқаррар кунад ва розӣ шавад, ки рӯди Омӯ ба сифати сарҳад шинохта шавад.

Баҳроми Гӯр ба монанди Шопури Зулактоф, ки ба Рум бо тағйири сурат рафта буд, ба Ҳинд меравад. Ин ҷо метавон боз ҳам як падидаи унсури меръёгароиро дар нигориши «Шоҳнома» мушоҳида кард.

Суфарой чун ягона паҳлавон то Баҳроми Чӯбина дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» амал мекунад ва ба қасоси куштори шоҳаншоҳ Пирӯз лашкари Ҳайтолиёнро шикаст медиҳад. Суфарой писари Пирӯз Қубодро тавассути табаддулоти осоиштаи давлатӣ ба татх мешинонад. Қубод падари Анӯшервон мебошад ва чандон подшоҳии осоишта ҳам надошт.

Қубод ҳам бар асари табаддулоти давлатӣ рӯ ба гурез мениҳад. Ӯ дар роҳи гурез ба паноҳи Ҳайтолиён ба бонуе, ба эҳтимоли бештар дар Нишопур, ҷуфт мешавад. Бону Хусрави Қубодон – Анӯшервонро таваллуд мекунад.

Анӯшервон ба чанд хислат дар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ нақш гирифтааст. Нахуст, ӯро чун подшоҳи одил ба қалам додаанд. Ҳатто одил будани ӯро то ба дараҷаи ҳадиси ҳазарати Пайғамбар расонидаанд. Дигар, ҳамин сарчашмаҳо моил шудаанд, ки ӯро ба қатори чанд нафари ғайримусулмон ворид кунанд, ки дар рӯзи Қиёмат аз раҳмати Парвардгор бархӯрдор хоҳанд шуд. Сеюм, шубҳае нест, ки ҳазрати Пайғамбар ба замони подшоҳии Анӯшервон ба дунё омадаанд. Ибораи Анӯшервони Одил дар забони тоҷикӣ шояд ҳанӯз дар асри X ташаккул ёфта бошад. Масалан, яке аз шоирони шинохтаи асри XI Абулфараҷи Рунӣ дар қасидае менависад:

Ҳаво бар сирати Заҳҳоки золим,
Гузид оини Нӯшервони одил [Кадканӣ 1997, с.594].

Анӯшервон чун подшоҳ аз рӯйи принсипи салоҳи сиёсӣ подшоҳӣ мекард. Борҳо шудааст, ки шоҳаншоҳ қатлҳои омро ҳам раво бинад.

Дар бахши «Подшоҳии Анӯшервон»- и «Шоҳнома» намунаҳои бештари андарзҳои паҳлавӣ оварда шудаанд. Ин намунаҳо ба гунаи андарзҳои Бузургмеҳр ва андарзҳои худи шоҳаншоҳ гуфта шудаанд.

# БОБИ III

# СУЖАҲО ВА ОБРАЗҲОИ ПОДШОҲОН ВА ПАҲЛАВОНОН АЗ ПОДШОҲИИ ҲУРМУЗДИ IV ТО ИНҚИРОЗИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН (СОЛҲОИ 579-654)

Ин боб ба баррасии сужа ва образҳои достони подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон (579-590), Хусрави Парвиз (590-590), Баҳроми Чӯбин (590-591), Хусрави Парвиз (591-628), Қубоди II (628-628), Ардашери III (628-629), Шаҳрбароз (629-629), Хусрави III (629-629), Бӯрондухт (629-630), Шопури Шаҳрвироз (630-630), Парвизи II (630-630), Озармидухт (630-631), Хусрави IV (631-631), Фаррухи Ҳурмуз (630-631), Ҳурмузи VI (630-631), Пурондухт (631-632) ва Яздгирди III (632-651) бахшида мешавад. Ин қисмати «Шоҳнома» дар чопи интиқодии Москва дар ҳафт ҳазору панҷсаду ҳаштоду шаш байт ба риштаи назм кашида шудааст, ки бештар аз сеяки бахши Сосониёни ҳамосаи миллиро ташкил медиҳад.

## 3.1. Сужаҳои вобаста ба образи Ҳурмузди Анӯшервон

Достони подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон, ки ба қавли Фирдавсӣ, чордаҳ сол буд, дар матни интиқодии Душанбе дар як ҳазору нуҳсаду сездаҳ, дар матни интиқодии Москва дар як ҳазору ҳаштсаду ҳаштоду ҳафт ва дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар як ҳазору нӯҳсаду бисту шаш байт омадааст. Мо намедонем, чаро таҳиягарони матни интиқодии Душанбе подшоҳии Ҳурмуздро чордаҳ сол гуфтаанд. Шояд агар ба мазмуни руқъаи даруни ҳуққа, ки зикраш хоҳад омад, эътибор медоданд ин саҳв рух намедод.
Ҳурмузди Анӯшервон бисту сеюмин подшоҳи сосонӣ буд. Мулоҳизае дар доираҳои илмӣ вуҷуд дорад, ки модари Ҳурмузд гӯё духтари хоқони турк буда бошад. Аммо Шопури Шаҳбозӣ дар мақолаи муфассали Sasanian Dynasty дар Encyclopaedia Iranica энсиклопедияи Iranicaonline ба дурустии ин мулоҳиза

шубҳа намудааст. Вале аз матни бахши подшоҳии Ҳурмузди «Шоҳнома» чунин бармеояд, ки Фирдавсӣ дар се ҷой ба туркӣ будани тарафи модарии Ҳурмузд ишора ҳам кардааст.

Ин бахш дар матни Душанбе бо як руҷуи лирикии ҳолияву ошиқона (дар чордаҳ байт) бо истифодаи маъниҳои васфи се фасли сол ба истисноии зимистон, сар мешавад, ки то ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» ба назар нарасида буд. Руҷуи лирикӣ дар матни Москва низ дар чордаҳ байт омадааст.

Бевосита достон аз ба тахт нишастани Ҳурмуздшоҳ ва андарз гуфтани ӯ оғоз меёбад. Фирдавсӣ қиссаи подшоҳии Ҳурмуздро, ба қавли худаш, аз ривояти марзбони Ҳирот – Моҳ, ки пири бамаърифате буд, ба риштаи назм кашидааст. Марзбон Моҳ ривоят карда буд, ки чун Ҳурмузд ба тахт менишинад, монанди ҳама подшоҳони гузаштаи Сосонӣ хутбаи тоҷгузорӣ эрод мекунад. Хутба дар чилу се байт гуфта шудааст.

Ҳурмузд мегӯяд, ки тахтро шуҳратёр хоҳад кард; мамлакатро чун падар аз рӯйи оин хоҳад дошт; гунаҳкоронро ҷазо хоҳад доду ҷабрдидагонро навозиш хоҳад кард; касе бад кунад, сабр кунем, чун ба ранҷ гирифтор шавад, ёрӣ кунем; «Сутуни бузургист оҳистагӣ»; «аз кирдгори ҷаҳон, баду нек ҳаргиз намонад ниҳон»; «Ба ҳар кишваре дасту фармон мothaрост»; Сари мояи шоҳ бахшошиш аст» ва ғайра.

Дар «Шоҳнома» вокуниш ба хутба андаке аз қоида берун тасвир шудааст. Ганҷдорону ситамгорон ба ҳарос меафтанд, хирадманду бенавоён шодӣ мекунанд. Офарини яковозаи анъанавӣ дар «Шоҳнома» инъикос наёфтааст [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.449-452].

Эпизоди I. Ҳурмузд чун чанде пас аз он ки ба мақоми подшоҳӣ ворид мешавад, ба қавли Фирдавсӣ:

Барошуфту хӯи бад овард пеш,<br>
Ба як сӯ шуд аз роҳи оину кеш [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.453].

Онон, ки ба замони Анӯшервон муътабар буданд, «Якояк табаҳ кардашон бегуноҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.453]. Аз ҷумла се мард аз дабирони муътабари Анӯшервон – Эздгушасп, Бузургмеҳр ва Моҳозар, ки дастур ё вазир буданд,

мавриди шубҳаи подшоҳ қарор мегиранд. Подшоҳ нахуст мӯбади порсо Эзадгушаспро зиндон мекунад ва дар шароити басо сангин, аз ҷумла надодани хӯрок, нигоҳ медорад. Эзадгушасп ба дӯсти мӯбаде паёме мефиристаду хоҳиш мекунад, ки чизе бифиристад. Мӯбад аз тарси подшоҳ нахуст истиҳола мекунад, вале сипас ба холигари худ мефармояд, ки ба зиндон хӯрок омода кунад. Нигаҳбони зиндон чун мӯбади савори аспи тозиро мебинад, наметавонад гӯяд, ки:»ба зиндон марав, Ки ин шаҳриёрест ҷӯшону нав» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.455]. Эзадгушасп ба мӯбади дӯст мегӯяд, ба Ҳурмузд расонад, ки аз Худо битарсад ва хидматҳои худро дар дарбори Анӯшервон ёдовар мешавад. Баробари рафтани мӯбад аз зиндон: «Зи корогаҳон рафт марде дамон», то шунидаашро яко як ба Ҳурмузд расонад. Ҳурмузд сахт ғазаб мекунаду ба зиндон кас мефиристад, то Эзадгушаспро бикушад.

Зимнан, дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» номҳои одамон ва мавзеъҳо, ки бо анҷомаи «-гушасп» сохта шудаанд, чандон кам нестанд. Луғатҳо дар тафсири маънои ин анҷома гуфтаанд, ки «гушасп» маънои «парстидан»-ро дорад. Чун «абд»-и арабӣ. Масалан, Эзадгушасп тақрибан бандаи Худо тарҷума мешавад.

Ҳурмузд сипас ҳаракат мекунад, ки мӯбади мӯбадон Зардуҳиштро низ бикушад. Подшоҳ ба холигари худ мефармояд, ки ниҳонӣ ба хӯроки Зардуҳишт заҳр андозад. Худи подшоҳ косаи заҳролудро ба мӯбади мӯбадон дароз мекунад. Мӯбад узр мехоҳад, ки сер шудаасту подшоҳ нафармоядаш, то бихӯрад. Ҳурмузд исрор мекунад, ки бихӯрад ва мӯбад ба фармони подшоҳ тан медиҳад. Мӯбад пас аз тановули он таом шитобон ба хонааш мераваду позаҳр мефармояд. Он позаҳр корагар намешавад. Ҳурмузд ба хонаи мӯбад кас мефиристад. Чашми мӯбад ба фиристодаи подшоҳ меафтаду мегӯяд:

Бад-ӯ гуфт: Рав пеши Ҳурмуз бигӯй,
Ки бахтат ба баргаштан овард рӯй [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.458].

Бо ҳамин подшоҳро ба Худо месупорад. Ҳурмузд андаке пушаймон ҳам мешавад, вале чорае намебинад, ки мӯбадро аз марг наҷот диҳад.

Эпизоди II. Ҳурмузд. Фирдавсӣ одатан подшоҳонро, ба истисноӣ Яздгирди Базаҳгар, кам носазо мегӯяд ва ё накӯҳиш мекунад, аммо дар бобати Ҳурмузд

андаке аз қоида берун рафтааст. Ӯ мегӯяд: «Ҷаҳондори хунрези носозгор... Миён танг хун рехтанро бубаст» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.459].

Ҳурмузд ба як нафари дигар даст дароз мекунад. Ба Баҳроми Озармеҳон. Баҳром шабона ба дарбор хонда мешавад. Ҳурмузд ӯро ба зону шинонда мефармояд, ки агар дар амон будан хоҳӣ, чун рӯз шавад, дар ҳузури аъёни давлат ба муқобили Симоҳбарзин (дар матни Москва: Симойбарзин) гувоҳӣ деҳ. Подшоҳ подош ҳам ваъда мекунад. Баҳром розӣ мешавад.

Пагоҳӣ аъёни давлат ба дарбор ҳозир мешаванд ва Ҳурмузд аз Баҳром мепурсад, ки Симоҳбарзин чӣ касе мебошад? Баҳром Симоҳбарзинро ба бадӣ ёд мекунад, то ҷое ки мегӯяд: «Ки вайронии буми Эрон аз ӯст» [Фирдавсӣ. Д. 1990-8, с.461]. Тааҷҷуби Симоҳбарзин аз чунин муносибат Баҳромро водор менамояд, ки рози ногуфтаниро ошкор кунад. Чунончи ӯ мегӯяд, вақте ки Анӯшервон марову турову аъёни давлатро хонда буд, то писари меҳтарро валиаҳд ихтиёр кунад, ҳама аз ҷой хеста будем: «Ки ин туркзода сазовор нест», Вале: «Ту гуфтӣ, ки: «Ҳурмуз ба шоҳӣ сазост» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.462]. Инак подоши ту.

Аз ин изтироб подшоҳ пажмурда мешавад ва ҳар дуро ба зиндон мефиристад. Рӯзи сеюм подшоҳ мефармояд, то Симоҳбарзинро бикушанд. Чун ин хабар ба Баҳром мерасад, ӯ ба подшоҳ паёме мефиристад. Дар паём ӯ аз подшоҳ мепурсад, ки қабулаш кунад ва пандашро шунавад. Ҳурмузд мепазирад ва Баҳромро ҳозир мекунанд. Шоҳаншоҳ мефармояд, ки сухан кунад. Баҳром мегӯяд, дар ганҷи шоҳ як сандуқи сиёҳе нигоҳ дошта мешавад. Дар даруни сандуқ ҳуққае ҳаст. «Ба ҳуққа дарун порсӣ руқъае». Руқъа ба хатти падарат аст ва дар он умеди эрониён гуфта шудааст. Ҳурмузд фармон медиҳад ва сандуқи сарбамуҳрро ёфта, манзур мекунанд. Сандуқ ва ҳуққаро мекушоянд. Дар руқъа ба хатти Анӯшервон навишта шуда буд, ки Ҳурмузд даҳ солу ду сол подшоҳӣ хоҳад кард. Бад аз ин ошӯбҳо мехезанд. Душман аз ҳар сӯ қиём мекунад, сипоҳ пароканда мешавад. Душман ӯро аз тахт мегирад, ду чашмонашро кӯр мекунад ва мекушад:

Ду чашмаш кунад кӯр хеши занаш,
В-аз он пас бароранд ҳуш аз танаш [Фирдавсӣ М. 1970-8, с.327].

Ҳурмузд мехоҳад Баҳромро сахт итоб кунад, аммо Баҳром саъй мекунад, то бо ҷавобҳои талхтар подшоҳро ҳушёр кунад. Чунончи, мегӯяд ту туркзод, ба хун рехтан шодӣ накун. Ҳурмузд то ҷое ба андеша фурӯ меравад, вале бо ин ҳама Баҳромро ба зиндон мефиристад. Ба фармони подшоҳ Баҳром ҳам кушта мешавад. Иқдомҳои Ҳурмузд ӯро аз маслҳатгарони босалоҳият маҳрум мекунанд. Ба қавли Фирдавсӣ:

Намонд он замон бар дараш бихраде,

Ҳамон раҳнамоеву ҳам мӯбаде [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.466].

Абуалии Масъудӣ дар «Ғурар» менависад, ки «Гӯянд, ӯ дар муддати подшоҳии худ сездаҳ ҳазор аз мардони меҳтари номдори Форсро кушт» [Масъудӣ 1973, с. 271]

Эпизоди III. Ҳурмузд. Зиндагонии Ҳурмузд баъд аз он бо ҳаросонӣ идома меёбад. Ӯ се моҳ дар Истахр, се моҳи тирамоҳ дар Исфаҳон, зимистон дар Тайсафуну баҳорон дар Арвандашт макони иқомат ихтиёр мекунад. Дар чунин ҳолати равонӣ Фирдавсӣ менависад, ки подшоҳ: «На хун рехт аз он пас, на бедод кард» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.467]. Гӯё Ҳурмузд аз бедод ба додгустарӣ рӯ мениҳад. Чунончи мунодигаре ҷор мекашид, ки агар киште помол шавад, агар «коранда» ошуфта гардад, агар асп ба киштзоре ё ба боғи меводоре дарояд, думу аспу гӯшаш бурида ва дузд ба дор кашида мешавад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.467]. Ба қавли Фирдавсӣ, бо гузашти рӯзгор додгустарии Ҳурмузд давом меёбад**.** Дар ин маънӣ, ки оварда шуд, падидаи меъёргароӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Аз ин ҷойи хатти инкишофи сюжет бори нахуст Хусрави Парвиз – писари Ҳурмузд ба саҳна ворид мешавад. Ба нигориши Фирдавсӣ, Парвиз аспи ҷавоне дошт ва он асп ба киштзоре медарояд. Соҳиби кишт шикоят мекунад ва талаб, ки думу гӯши асп бурида шавад. Ҳурмузд мувофиқат мекунад. Таваллои Парвиз, ки думу гӯши аспро набурранд, корагар намешавад. Асп «ҷазо» мегирад ва Хусрави Парвиз товони поймол шудани киштзорро ҷуброн ҳам мекунад. Одати буридани думи асп, эҳтимол, нишони мусибат ва ҷазо ҳам буд. Ба қавли Фирдавсӣ, чун Искандари Мақдунӣ мемирад, румиён дар бошишгоҳ оташ меафрӯзанд, думи аспҳоро мебуранд ва ба аспҳо нигунсор зин мезананд:

Заданд оташ андар сарои нишаст,

Ҳазор аспро дум бвуриданд паст [Фирдавсӣ Д. 1966-7, с.160].

Ҳурмузд ба шикори нахчир меравад. Дар нахчиргоҳ токзореро мебинанд. Саворе мефармояд чанд сари ғӯраи ангур бибуранду ба ошпазҳо диҳанд. Соҳиби токзор ба шикоят меояд. Он савор аз тарси расидани шикоят то подшоҳ камари гаронбаҳои худро ба соҳиби боғ пешниҳод мекунад. Буридани думи аспу ҷуброни чанд сари ғӯраи ангур ва даҳҳо мисолҳои дигар, ки маълуманд, аз он метавонанд гувоҳӣ диҳанд, ки шоҳаншоҳии Сосонӣ як сиёсати пуштибониро аз кишоварзон пеш гирифта буд.

Эпизоди IV. Ҳурмузд. Ин эпизод ба хатари лашкар кашидани хоқони турк – Совашоҳ ба ҷанги Ҳурмузд бастагӣ дорад. Номи ин хоқон дар сарчашмаҳои исломӣ ҳамин тавр омадааст. Дар навишти Табарӣ Шоба зикр шудааст [Табарӣ 1979-2, с.61]. Дар асли туркӣ ин номро муҳаққиқон Bagha Qaghan хондаанд. Месазад гуфт, ки «Сова» дар мифологияи эронӣ номи густардае ҳам будааст. Масалан дар қисмати подшоҳии Кайхусрав бахше омадааст, ки «Ҷанги Рустам бо Сова» ном дорад [Фирдавсӣ Д.1965-3, с.190]. Ба ривояти Фирдавсӣ бо гузашти даҳ соли подшоҳии Ҳурмузд: «Зи ҳар кишвар овози бадхоҳ хост» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.331]. Совашоҳ аз роҳи Ҳирот то ба Марв наздик мешавад ва ба Ҳурмузд номаи таҳдид менависад. Аз тарафи дигар, қайсари Рум низ лашкар мекашад. Аз роҳи Хазар низ лашкаре мехезад. Қабилаҳои араб низ ба ҷунбиш медароянду то лаби Фурот мерасанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.281-301]. Ҳурмузд чун ба маълумоти корогаҳон шинос мешавад, сахт пушаймон мегардад, ки ҳама мушовирони соҳибмаслиҳатро куштааст. Подшоҳ анҷумане «умумиэронӣ» даъват менамояд, то вазъиятро муҳокима кунад. Аъёни мамлакат подшоҳро таъна мезананд, ки ҳама мӯбадону дабиронро куштӣ, аз дину оин рӯй гардонидӣ. Мӯбади вазир мегӯяд, ки сипоҳи Хазару Руму араб хатари камтар доранд ва маслиҳат медиҳад, ки ба Совашоҳ таваҷҷуҳ кунад. Меафзояд, менабояд гузошт, ки лашкари туркон дарёи Ҷайҳунро гузарад. Ба саволи подшоҳ, ки чӣ мебояд кард, мӯбади вазир мегӯяд, ки «лашкар бисоз». Аразро, яъне солори девони ҷангро даъват менамоянд, ӯ аз рӯи «ҷарида» (дафтари нақдина, ки маънои

имрӯзаи ведемости бухгалтериро дошт) арз мекунад, ки то сад ҳазор сипоҳ метавон сафарбар кард, вале: «Пиёда басе дар миёни савор» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.474]. Мӯбади вазир мегӯяд, ки бо ин шумори сипоҳ метавон бо Совашоҳ ҷанг кард, агар подшоҳ кажживу костӣ накунад [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.474-475].

Сипас Ҳурмузд мегӯяд, ба қайсари Рум шаҳрҳоеро, ки гирифта будем, бармегардонем, то ҷанг накунад. Фиристодаи Ҳурмузд бо қайсар вомехӯрад ва румиён аз кашидани лашкар ба хоки Эрон худдорӣ мекунанд. Баъд аз ин, дар ривояти Фирдавсӣ, Ҳурмузд бо фиристодани лашкар тарафи Хазарро дар муҳорибаи сахте бехавф мегардонад: «В-аз эшон фаровон бикуштанд низ» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с.476]. Бо ҳамин танҳо Совашоҳ – хоқони турк мемонад, ки душмани андак ҳам набуд.

Эпизоди V. Ҳурмузд. Яке аз чокарони Анӯшервон – Настух, ба шоҳаншоҳ арз мекунад, падари пири кордидаи ӯ Меҳронситод, ки: «Ба кунҷе нишастаст бо Занду Уст», чун аз Совашоҳ ва ҳайбати лашкари ӯ гуфтамаш, гуфт ба шоҳи ҷаҳон дар ин бора гуфтаниҳо дорад ва «Агар пурсадам, боз гӯям ниҳон». Подшоҳ мефармояд, он пирро ҳозир кунанд. Меҳронситод аз хонадони маъруфи Меҳрон буд ва маҳорати баланди сафирӣ дошт. Ба қавли Фирдавсӣ Анӯшервон барои овардани духтари хоқони Турк (модариояндаи Ҳурмузди IV) маҳз Меҳронситодро ихтиёр мекунад:

Гузин кард пире хирадманду род,
Куҷо номи ӯ буд Меҳронситод [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.251].

Меҳронситод арз мекунад, ки модари туро аз Чин ман «хоҳандагӣ» карда будам. Падарат: «Маро гуфт ҷуз духти хотун махоҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.477]. Ва нақл мекунад, ки чӣ гуна модари Ҳурмуздро аз миёни панҷ духтар ихтиёр кардааст. Давоми қисса, ки мо дар эпизоди IX – подшоҳии Анӯшервон кӯшиши бозгӯ ҳам карда будем, зикр шуда буд.

Дар муқоиса бо матни подшоҳии Анӯшервон ин ҷо «ситорашумар» ба гуфти Меҳронситод пешгӯиҳои бештаре мекунад. Дар пешгӯӣ, аз ҷумла, лашкар кашидани душмане ба муқобили Ҳурмузд гуфта мешавад:

В-аз он пас яке шоҳ хезад сутург,

Зи туркон сипоҳе биёрад бузург [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.479].

Подшоҳи турк гӯё, ки Эрону шаҳри Яманро (Ҳира – атрофи Куфаро) саросар мегирад ва подшоҳи Эронро ба бало гирифтор мекунад. Вале шоҳи Эронро як зердасти тавоное мебошад. Он тавоно, дар тасвири Фирдавсӣ, хушкандом, ҷингиламӯй, қавиустухон, биникалон, сиёҳчарда, тундгӯ ва нирӯманд омадааст. Лақаби ӯ Чӯбина мебошад. Ҳамин паҳлавон:

Мар ин туркро ногаҳон бишканад,

Ҳама лашкарашро ба ҳам барзанад [Фирдавсӣ М.1970-8, с.337].

Ба қавли Меҳронситод:

Чу бишнид гуфти ситорашумар,

Надидам зи хоқон касе шодтар.

Ба Нӯшинравон дод пас духтараш,

Ки аз духтарон ӯ будӣ афсараш [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.480].

Дар охири қиссаи рафтан ба хостгории духтари хоқон Меҳронситод аз Ҳурмузд хоҳиш мекунад, ки он паҳлавонро биҷӯяд, зеро: «Ки пирӯзии шоҳ бар дасти ӯ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.480]. Дар тасвири Фирдавсӣ, ҳаминро мегӯяду Меҳронситод ҷон медиҳад.

Ҳурмузд фармон медиҳад, ки он паҳлавонро биҷӯянд. Солори охури асп – мирохур, ки Фирдавсӣ Зодфаррухаш мегӯяд ба ҳузури шоҳ меояду арз мекунад, бо нишонаҳое, ки гуфта шуд, бояд он паҳлавон Баҳроми Баҳром писари Гушасп бошад. Баҳром, бино ба матни Фирдавсӣ, марзбони Бардааю Ардабил ҳам буд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.481-482]. Ва ба қавли Гелонӣ Баҳром яке аз чаҳор испаҳбадони Эрон ба замони Хусрави Анӯшервон ва инчунин Ҳурмузд буд [Гелонӣ 2016, с.183]. Ҳурмузд мефармояд, ки Баҳром ба зудӣ ҳозир шавад, вале «Ба танҳо тани хеш бе кӯсу хайл» [«Шоҳнома» Д.1990-8, с.482], яъне бе саворону бе ҳеҷ дабдаба.

## 3.2. Сужаҳои вобаста ба Баҳроми Чӯбина ва шахсияти достонии ӯ

Аз ҳамин ҷойи бахши подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервони «Шоҳнома» қиссаи Баҳроми Чӯбина шуруъ мешавад. Роҷеъ ба як хусусияти нигориши қиссаи Баҳроми Чӯбина метавон ба қавли Нёлдеке ҳам ишора кард, ки гуфта буд: «Фирдавсӣ дар фасли Баҳроми Чӯбин мусалламан як матни насри форсӣ дар баробари худ доштааст, ки мустақиман аз паҳлавӣ тарҷума шуда буд [Нёлдеке 1980, с.717]. Боз ҳам Нелдеке қиём, корнамоиҳо ва сукути Баҳроми Чубинро чунин ба қалам додааст: «Дар тайи чанд сол ӯ аз сипаҳсолоре пирӯзманд ва ҳомии мамлакат ба саркаше хатарнок, ки хонадони чандинсадсоларо зери фишор гузошт, табдил ёфт. Ва баъд подшоҳе шуд, ки дар он воҳид ҳам бо раиси собиқи худ ва ҳам бо румиён вориди ҷанг шуд. Ва пас аз он асвории фирорие шуд, ки бо он, ки дар табъид буд, мояи ваҳшати ғолибон гардид. Ва саранҷом ногаҳон ниҳонӣ дар дуртарин нуқтаи шарқи мамлакат кушта шуд» [Нелдеке 1980, с.719].

Баҳромро подшоҳ ба ҳузур мепазирад. Ба нигориши Фирдавсӣ, дар мулоқот якбора аз масъалаи доғ сар мекунад:

Бипурсид аз он пас, ки бо Совашоҳ
Кунам оштӣ ё фирстам сипоҳ? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.483].

Баҳром ҷавоб медиҳад, ки бо Совашоҳ оштӣ намебояд кард. Агар Совашоҳ мехоҳад, ки ҷанг кунад: «Ҳазимат бувад оштӣ хостан» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.483]. Меафзояд, ҳангоми разм, агар гузинаи базмро ихтиёр кунӣ, ин қарор маънии таслим шуданро хоҳад дошт. Ба саволи Ҳурмузд, ки пас чӣ бояд кард, Баҳром ҷавоб медиҳад, ки: «Ту бо душмани бадкуниш разм ҷӯй» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.483]. Ва чун сипаҳсолори саҳроии нотарошида сухане мегӯяд, ки одатан ба подшоҳон намегӯянд:

В-агар худ дигаргуна бошад сухан,
Шаҳе нав гузинад сипеҳри куҳан [Фирдавсӣ М.1970-8, с.340].

Чунин гуфтан, албатта, дар тасвири Фирдавсӣ, метавонад аз он гувоҳӣ диҳад, ки шоҳаншоҳ ҳайбате дар назди сипаҳсолорон надошт ва Баҳром чандон

эҳтироме ба институти шоҳаншоҳии сулолавӣ. Сипас Баҳром ба услуби сипоҳиён, ки чӣ гуна ҷанг бояд кард ва пирӯз шуд, меафзояд:

Чу пирӯзии мо наёяд падид,
Дил аз некбахтӣ бибояд кашид [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.484].

Ҳурмузд суханони Баҳромро ба хушӣ қабул мекунад. Аммо аъёни дарбор:

Зи пеши ҷаҳондор берун шуданд,
Ҷаҳондидагон дил пур аз хун шуданд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.484].

Аъёни дарбор Баҳромро насиҳат ҳам мекунанд, ки дар ҷавоб ба подшоҳ «Чу пурсад туро, бас далерӣ макун» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.485]. Ва саъй менамоянд, ки Баҳромро бо зикри ҳайбати лашкари Совашоҳ ҳушёр кунанд:

Сипоҳ аст чандон або Совашоҳ,
Ки бар мӯру бар пашша бастаст роҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.485].

Баҳром дар ҷавоб бо риояи одоб мегӯяд, ки агар маро шоҳаншоҳ сарлашкар кунад, сипоҳи сазоворро ман месозам. Ва корогаҳон, ки ин ҷо бештар маънии суханчинонро дорад, ба назди шоҳ мераванду ҳама гуфтаҳои Баҳромро хабар мекашанд. Ва чунонки одати ин тоифа буду ҳаст  ба қавли Фирдавсӣ: «Ба ҳар як физоянда даҳ барфузуд» [Фирдавсӣ М.1970-8,  с.340].

Ҳурмузд Баҳроми Чӯбинаро сарлашкар таъйин мекунад. Баҳром ба ҳузури подшоҳ омада, иҷозат мепурсад, ки соҳиби девони аразро даъват кунад, то: «Бубинам, зи лашкар ҷангӣ кианд?» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.486]. Подшоҳ ихтиёрро ба дасти Баҳром вогузор менамояд. Баҳром аз эрониён лашкар ихтиёр мекунад. Ба фармони Баҳром, ки: «Чиҳилсолагонро навиштанд ном» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.486], «даҳу ду ҳазор» ҷанганда сафарбар мешавад.  Месазад ёдовар шуд, Баҳроми Чӯбина мантиқан ҳамон корро кардааст, ки Баҳроми Гӯр ҳангоми набард ба муқобили «хоқони Чин» карда буд:

Гузин кард аз эрониён шаш ҳазор,
Хирадманду шоистаи корзор [Фирдавсӣ Д.1966-7, с.549].

Баҳроми Гӯр танҳо дар набард бо «хоқони Чин» паҳлавон асту сарлашкару сиёсатмадор. Дар мавридҳои дигар дар «Шоҳнома» бузургии Баҳроми Гӯр чандон инъикос наёфтааст. Агар гӯем, ки образи Баҳроми Гӯр дар набард бо

«хоқони Чин» ва образи Баҳроми Чӯбина дар набард бо Совашоҳу ҷойгузинони ӯ аз рӯйи меъёре офарида шудааст, чандон хатое нахоҳад буд. Сипас Фирдавсӣ бо зикри сифатҳои далерию мардонагӣ номи се фармондеҳи Баҳроми Чӯбинаро зикр мекунад – Ялонсина (дар матни Москва Ялсина), Эзидгушасп ва Нардогушасп (дар матни Москва Пайдогушасп).

Шоҳаншоҳ аз пешниҳоди Баҳроми Чӯбина пуштибонӣ мекунаду дари ганҷро кушода, ба сипоҳ рӯзӣ медиҳад. Чанд гала аспони ҷангии яларо меоронад ва ба Баҳром мефармояд, ки чизе мехоҳад, бипурсад. Вале пеш аз ин тааҷҷуб мекунад, ки бо он лашкари баҳайбати Совашоҳ рӯзи набард бо ин «даҳу ду ҳазор» чӣ метавон кард? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.488]. Ҳурмузд чандон хушнудӣ намекунад, ки Баҳром:

Ба ҷои ҷавонони шамшерзан,

Чиҳилсолагон хостӣ з-анҷуман [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.488].

Баҳром дар ҷавоб мегӯяд, ки Кайковусро дар Ҳомоварон: «Бубастанд бо лашкари бекарон» ва Рустам бо «даҳу ду ҳазор» озодаш кард. Гударз низ: «Ба кини Сиёвуш даҳу ду ҳазор» сипоҳӣ гирифта буд. Исфандёр низ «даҳу ду ҳазор» ҷангӣ дошт. Ба назар мерасад, ки шумораи «даҳу ду ҳазор» метавонад чандон шумораи воқеӣ ҳам набошад. Ё чӣ хосияте дар замони бостон дошта будааст, ки чанде аз сипаҳсолорони номӣ ҳамин шумори лашкарро интихоб карда будаанд. Ваҷҳи Баҳроми Чӯбина, ки агар аз ин шумор лашкар зиёд бошад, сипаҳбуд идора карда наметавонад, низ метавонад эътиборе дошта бошад. Зиёда аз ин, ба ақидаи Баҳром, чилсолагон барои он ихтиёр шуданд, ки таҷриба доранд ва андешаи зану фарзандашон намегузорад, ки кори ношоиста кунанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.489]. Ҷавобҳои Баҳром шоҳаншоҳро қонеъ мегардонанд. Ва чун таъкиди боварӣ:

Биёвард пас шаҳрёрӣ дирафш,

Куҷо пайкари аждаҳо буд бунафш [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.490].

Дар матни интиқодии Москва ин байт чунин омадааст:

Биёвард пас шаҳриёр он дирафш,

Ки буд пайкараш аждаҳофаш бунафш [Фирдавсӣ М.1970-8, с.345].

Ҳурмузд таъкид мекунад, ки ин дирафш дирафши Рустам буд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.491].

Эпизоди VI а. Баҳроми Чӯбина. Баҳром ба ҷанги Совашоҳ меравад. Сипаҳбуд бо риояи одоб хоҳиш мекунад, подошоҳ: «Ки бо ман фиристад яке устувор» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.491]. Ин «устувор», яъне шахси боэътимод, мебоист номи ҳар ҷаговареро, ки корнамоӣ нишон медиҳад, нависад, то: «Раванда шавад дар ҷаҳон коми ӯй» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.492]. Подшоҳ ба мақоми чунин шахси «устувор» Меҳрони дабирро, ки ҷавони зираке ҳам буд, таъйин менамояд.

Пас аз он ки лашкар аз Тайсафун ҳаракат мекунад, подшоҳ мӯбадро ба машварат даъват намуда, мепурсад, ки оқибати кор чӣ мешавад? Мӯбад бо эҳтиёт Баҳромро пуштибонӣ намуда, изҳори парешонӣ ҳам мекунад, ки ба фарҷоми кор сар аз шоҳ бипечад. Ҳурмузд мулоҳизаи мӯбадро қабул намекунад. Зиёда аз ин, изҳороти бесобиқа менамояд, ки:

Чун ӯ гашт пирӯз бар Совашоҳ,

Сазад гар супорам бад-ӯ тоҷу гоҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.493].

Аз ин изҳороти бесобиқаи шоҳаншоҳ мӯбад: «Бипажмурду лабро ба дандон газид» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.493] ва сипас як роздореро, ки аз сиёқ аз шумори корогаҳон мебоист бошад, ихтиёр намуда, аз қафои Баҳром мефиристаду супориш медиҳад: «Бирав, то чӣ бинӣ ба ман барбихон» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.493]. Он роздор ҳунари фолбинӣ ҳам гӯё дошт.

Дар роҳ ба тарафи Совашоҳ Баҳром бо сари найза аз сабади сирфурӯше як сар сирро чолокона мегирад ва бозӣ доронида, мегӯяд: «К-аз ин сон бибуррам сари Совашоҳ» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.347]. Ин аҳволро дида, фиристодаи шоҳ ҳамон роздор фол мебинаду ба хулоса меояд, ки Баҳром: «Бипечад сар аз шоҳу гардад дурушт» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.494]. Ин мулоҳизаи худро фиристода ба подшоҳ мерасонад. Подшоҳ сахт ошуфта мешаваду фиристодаи ҷавоне ба назди Баҳром мефиристад. Ба фиристода супориш медиҳад, ба Баҳром бирасонад, ки баргардад, то ба танҳоӣ подшоҳ чанд панде ба ӯ гӯяд. Баҳроми Чӯбина:

Чунин дод посух, ки лашкар зи роҳ,

Нахонанд боз, эй хирадманд шоҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.495].

Ин бори аввал мешавад, ки Баҳром ба фармони шоҳаншоҳ итоат намекунад. Баҳрому лашкар бе зиён то кишвари хузиён мерасанд. Дар роҳи сипоҳ зане мебарояд, ки як ҷувол коҳ дошт. Саворе омада ҷуволро мегираду пулашро намедиҳад. Зан ба Баҳром шикоят мекунад. Он саворро меёбанд, Баҳром ӯро ба қатл мерасонад. Аз хаймаи сипаҳбуд ҷор мезананд, ки агар касе барги коҳи касеро ба зӯр бигирад:»Миёнаш ба ханҷар кунам бар ду ним» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.496]. Ин ҷо ҳамон маънӣ таъкид шудааст, ки борҳо дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» шудааст: Нораво будани таарруз ба моли раият ва хоссатан, ба моли кишоварзӣ ва кишоварзон.

Эпизоди VI б. Баҳроми Чӯбина. Ҳароси Ҳурмузд аз ду омил зиёда мешавад. Яке хатари Совашоҳу дигаре хавфи Баҳром. Шоҳаншоҳ Харроди Барзинро ба сӯи Ҳирот, бо пайғоми фиребанда ба Совашоҳ мефиристад. Мегӯяд, агар дар роҳ лашкареро бубинӣ, он лашкари Баҳром аст. Ба Баҳром бигӯ, ман бо нома махоҳам Совашоҳро ба дом андозам. Вақте фиристода ба қароргоҳи Совашоҳ мерасад, талояи лашкари вай аз наздик шудани лашкари Баҳром хабар медиҳад. Совашоҳ ба фиристода рӯирост мегӯяд, ки ту мехостӣ фиреб диҳӣ, дом созӣ. Харрод мегӯяд, ки ин сипоҳи андак шояд сипоҳи кадом марзбон бошад. Сипас шабона Харрод аз қароргоҳи Сова мегурезад. Баъд аз ин Сова Фағфур писари худро мефармояд, то ба лашкари Баҳром наздик шавад ва бифаҳмад, ки ин лашкар аз кисту солори вай кӣ мебошад?

Фағфур аз Баҳром мепурсад, ки магар ту хун рехтаӣ? Оё ту аз Порс бигрехтаӣ? Баҳром мегӯяд, ки не, ман аз Бағдод, ба фармони шоҳ омадам, ба ҷанги лашкари Сова омадам. Чун ин муколама ба Сова мерасад ва хабар медиҳанд, ки фиристодаи шоҳи Эрон ҳам гурехтааст, ӯ сахт ошуфта мешавад. Аз он ҳам ошуфта мешавад, ки талоя (авангард) чӣ гуна мондааст, ки лашкари Баҳром чунин наздик шавад?

Эпизоди VI в. Баҳроми Чӯбина. Сова, ки таҷрибаи бештар дошту корозмӯда буд, ба назди Баҳром фиристодае равон мекунад. Мефармояд, рафта бигӯяд: «Ки он подшоҳи ту марги ту ҷуст» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.501]. Баҳром

мазмуни аҷзи иқтибосро иғво медонад ва аз нияти худ, ки ҷанг кунад, даст намекашад. Сова боз фиристода равон мекунад ва ин бор мехоҳад дили Баҳромро аз ҷанг бо мол гардонад: «Зи мо орзӯ ҳар чӣ бояд, бихоҳ» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.353]. Баҳром ин пешниҳодро намепазирад ва боз огоҳ ҳам мекунад, ки Сова дар дашти Ҳарӣ шикаст хоҳад хӯрд.

Сова бори дигар фиристода мефиристаду мефармояд бигӯяд, ки ҷанги ӯ бо Баҳром аҳаммияте надорад, яъне ӯ ҳариф нест, зеро: «Чу шоҳи ту бар дар маро кеҳтар аст» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.503]. Сова пешниҳод мекунад, ки Баҳром зинҳор хоҳад. Баҳром ин қавли Соваро таҳқир медонад ва дар ҷавоб мегӯяд, ки сари Соваро хоҳад бурид ва ба шоҳаншоҳ хоҳад фиристод. Ҳамин тавр, кӯшишҳои Сова, ки ҷанг нашавад, натиҷа намедиҳанд ва ду тараф ба ҷанг омода мешаванд.

Эпизоди VI г. Баҳроми Чӯбина. Сова лашкар мекашад. Баҳром бо силоҳу лавозимоти зиреҳдор ба шаҳристони Ҳарӣ ҳуҷум мекунад. Сова тан медиҳад, ки шаҳристони Ҳарӣ аз даст рафт. Барои ислоҳи вазъият, Сова дар маймана чил ҳазор, дар майсара чил ҳазор ва аз паси онҳо боз чил ҳазор ҷангиро сафарбар менамояд. Вале, эҳтимол, релефи макони муҳориба имкон намедиҳад, ки Сова аз ин сипоҳи анбӯҳ истифодаи оқилона барад. Сова ба назди Баҳром боз фиристода мефиристад ва ба туфайли фиристода мехоҳад Баҳромро ҳушёр кунад. Дар чанд байт беназир будани подшоҳӣ, доройӣ ва сипоҳи худро таъкид мекунад. Ҳамчунин, даъват менамояд, ки Баҳром бо Сова пайвандад. Ваъда ҳам мекунад, ки духтарашро ба Баҳром ба занӣ медиҳад ва ҳамин, ки дар ҷанг Сова подшоҳи Эронро мекушад, тоҷу тахтро ба Баҳром вогузор менамояд:

Туро кадхудоию духтар диҳам,
Ҳамон арҷмандиву афсар диҳам [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.508].

Дар чунин муносибат мо, бешӯбҳа, метавонем мулоҳиза кунем, ки Совашоҳ, то ҷанг нашавад, омодааст паймонӣ хешӣ бубандад. Ҳамон тавре, ки чунин кор ба модари Ҳурмузд ҳам сурат гирифта буд. Дар ҷавоб Баҳром ба таҳқири ошкорои Сова мегузарад:

Касеро, ки ояд замонаш ба сар,

Зи мардум ба гуфтор ҷӯяд ҳунар [Фирдавсӣ М.1970-8, с.358].

Дар бораи он ки Сова Ҳурмуздро хоҳад кушту тоҷу тахтро ба Баҳром вогузор хоҳад кард, Баҳром бо овардани ҳикояте Соваро боз таҳқир мекунад. Мегӯяд ин қавли ту ҳамон қавли дарвешро мемонад, ки чун аз деҳа рондандаш: «Ба ҳар ҷой гӯяд, ки меҳтар будам». Таҳдид мекунад, ки саратро нӯги найза ба Ҳурмузд мефиристам [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.510].

Дар бораи ба занӣ гирифтани духтари Сова, Баҳром мегӯяд, вақти он гузашт, ки духтарро ба хурсандӣ гирад. Ӯ духтарро ба зӯр хоҳад гирифт. Ба ҳама пешниҳоди Сова, ки намехост ҷанг кунад, Баҳром ҷавобҳои дурушт ва ҷангҷӯёна медиҳад. Ҳатто Фағфур, ки Фирдавсӣ писари Соваaш медонад, кӯшишҳои оштихоҳонаи падарашро лоба мегӯяд. Фағфур қарор мекунад, ки ба ҷанг ворид шаванд. Вале Сова ба писараш мефармояд, ки: «Макун ҷанг то бомдоди пагоҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.512].

Сипас чун Баҳром дар хайма танҳо мемонад, шабона хобе мебинад. Дар хоб мебинад, туркон дар ҷанг ғолиб омадаанду сипоҳаш саросар шикаста шудаасту Баҳром танҳо мондааст. Баҳром он хобро ба касе намегӯяд. Ҳамон гоҳ Харроди Барзин, фиристодаи Ҳурмузд , ки аз қароргоҳи Совашоҳ гурехта буд, ба назди Баҳром меояд. Харроди Барзин, ки азамати лашкари Соваро дида буд, мегӯяд, ки дар вартаи доми оҳарманӣ қарор дорӣ ва «Мадеҳ ҷони эрониёнро ба бод»[Фирдавсӣ Д.1990-8, с.514]. Баҳром маслиҳати Барзинро нодида мегирад ва азми худро таъкид мекунад, ки ҷанг хоҳад кард. Ҳамзамон, Барзинро таъна ҳам мекунад, ки дар шаҳри ту ҳама моҳифурӯш ҳастанду домро дар ҳавзи моҳӣ дидаанд.

Эпизоди VI д. Баҳроми Чӯбина. Баробари баромадани офтоб Баҳром сипоҳро мeорояд. Дар матн тафсилоти омодагӣ ба муҳориба инъикоси кофӣ ёфтааст. Баҳром дар маймана се ҳазор, дар майсара ҳамин қадар сипоҳӣ мегузорад. «Паси пушти» инҳо фармондеҳи ботаҷрибае буд, дар қалб инчунин. Бо ҳар яке аз онҳо ҳазор ҳазор сипоҳӣ буд.

Сипас Баҳром фармони набардро мехонад. Аз ҷумла, мегӯяд:

Зи лашкар касе к-ӯ гурезад зи ҷанг,
Агар шер пеш оядаш гар паланг,
Ба Яздон, ки аз тан бибуррам сараш,
Ба оташ бисӯзам тан бебараш [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.515].

Дар роҳи эҳтимолии гурез фармон медиҳад, то ба баландии даҳ «раш» (газ) аз гил монеа ҳам созанд. Худи Баҳром дар миёни сипоҳ ҷой мегирад. Дар чунин ҳолат дабири бузург назди сипаҳсолор меояд ва мегӯяд:

Зи лашкар нигаҳ кун бад-ин размгоҳ,
Ки мӯйи сапедему гови сиёҳ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.515].

Яъне, сипоҳи мо як тори мӯи сафед асту сипоҳи туркон танаи гови сиёҳ. Сипаҳсолор ба дабир ҷавоби тунд медиҳад:

Туро аз давот асту қиртос бар,
Зи лашкар кӣ гуфтат, ки мардум шумар [Фирдавсӣ М.1970-8, с.363].

Он дабир ба назди Харроди Барзини фиристодаи шоҳ меояд ва ба таъбири имрӯза мегӯяд, ки Баҳром девона шудааст: «Ки Баҳромро нест ҷуз дев ҷуфт» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.516]. Ин ду пир ба баландие худро мегиранд, то бубинанд, ки Баҳром чӣ мекунад? Баҳром дузону мезанад ва аз Яздон пирӯзӣ металабад.

Эпизоди VI е. Баҳроми Чӯбина. Дар ҳамин ҷойи сюжети гирубидори Баҳром бо Совашоҳ унсури ирратсионалӣ зуҳур менамояд. Ба фармони Совашоҳ ҷодугарон дар ҳаво оташ бармеангезанд ва аз он абри оташ сипоҳи эрониёнро тирборон мекунанд. Баҳром фармон медиҳад, ки аз ҷодуиҳо чашм пӯшед ва ба ҷанг дароед. Чун ҷоду кор намедиҳад, Сова ба майсара ҳуҷум мекунад ва пас аз шикаст додани ин ҷузъи лашкар ба қалб, ки Баҳром он ҷо буд, рӯ мениҳад. Чанде аз сипоҳиёни Баҳром рӯ ба гурез мениҳанд ва сипаҳсолор маҷбур мешавад, се тан аз онҳоро бикушад. Рӯҳияи Баҳром новобаста ба ноомадҳои кор шикаста намешавад ва ӯ бо истифода аз зиреҳ лашкарро ба ҳуҷум даъват мекунад.

Дар чунин вазъият Совашоҳ фармон медиҳад: «Ки пилон биёред пеши сипоҳ» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.519]. Баҳром ба андеша меафтад, вале фармон медиҳад, ки «камонҳои чочӣ» бигиранд ва филҳои душманро тирборон кунанд.

Филҳо чун аз хартумашон ҷароҳатҳои сахт мегиранд, ба қафо сипоҳи худашонро поймолкунон бармегарданд. Совашоҳ сахт парешон мешавад.

Баҳроми Чӯбина аз парешонии Сова фоли нек мебинад ва фармон медиҳад, ки бо теғу камон ба ҳуҷум гузаранд. Худи сипаҳсолор ба тале мебароядад, ки Сова он ҷо буд ва мебинад, ки хоқон савори аспе: «Ҳаметохт тарсон зи бими газанд» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.367]. Баҳром бо тири камон Совашоҳро ба ҳалокат мерасонад. Фирдавсӣ дар ҳалокати Сова дар ду байт дар мавзуи анъанавии бебақоии дунё марсияе ҳам гуфтааст. Баҳром ба рӯйи Сова «хоки тира» мекашад ва сари хоқонро аз тан ҷудо мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.523].

Чун аз пирӯзӣ бар Совашоҳ нӯҳ рӯз мегузараду ба қавли Фирдавсӣ: «Надиданд зинда яке бадгумон» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.523], Баҳром ба Харроди Барзин супориш медиҳад, ҳисоб кунад, ки аз сипоҳиёни эронӣ чанд тан кушта шудаанд. Мефармояд, гави Баҳромро ҳозир кунанд, ки аз тухмаи Сиёвуш буд. Хушбахтона, пас аз чанде он Баҳром:

Або сурх турке бад-ӯ гурбачашм,

Ту гуфтӣ дил озурда дорад ба хашм [Фирдавсӣ М.1970-8, с.369]

пайдо мешавад. Садри ҳамин байт дар чопи интиқодии Душанбе ва Ҷалол Холиқии Мутлақ «Або сурх турке, баде гурбачашм» хонда шудааст, ки муваффақтар ба назар мерасад.

Месазад ишора кард, ки дар тасвири Фирдавсӣ турк ҳамон хеле нигошта шудааст, ки яқинан буд. Сурх ва бо чашмони кабуди гурба. Ин ҷо таҳқире нест. Инъикоси дурусти воқеият ба мушоҳида мерасад. Одатан дар «Шоҳнома» таҳқири инсон ба иллати табор хеле кам дида мешавад.

Вақте он туркро Баҳром мепурсад, ки: «Чӣ мардию ному нажоди ту чист?» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.369], ӯ ҷавоб медиҳад, ки ҷоду будааст. Ҷоду «ҳунарҳо»-и худро номбар мекунад. Аз ҷумла: «Ба шаб чизҳое намоям ба хоб» ва он хоби бади туро ман карда будам. Ҷоду аз Баҳром зинҳор мепурсад, ки накушадаш, то хизматаш кунад. Баҳром андаке дудила мешавад ва дар ниҳоят ба хулоса меояд, ки: «Ҳама некӯиҳо зи Яздон шинос» ва мефармояд, ки сари ҷодуро аз тан ҷудо

кунанд. Пас аз ин ҳам ҷоду ба пой мехезад ва чанд сухан дар ситоиши Баҳром мегӯяд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.526].

Эпизоди VI ж. Баҳроми Чӯбина. Ин эпизод, ки ба фиристодани сари буридаи Совашоҳ ба Тайсафун бастагӣ дорад, ҳарчанд то чанде эпизоди мудҳиш ҳам ҳаст, бо як байти латифи лирикӣ сар мешавад:

Шаби тира чун зулфро тоб дод,

Ҳамон тоби ӯ чашмро хоб дод [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.527].

Баҳром анҷуман доир мекунад ва мефармояд, ҳар касе, ки аз меҳтарони турк кушта шуда бошанд, сарҳояшон бибурранд. Сипас асирону сарҳои буридаро ба ҷое меорад ва дабирро супориш медиҳад, то рӯйхат кунад. Сари Совашоҳро ба нӯги найза мегирад ва «Сарони бузургони Тӯронзамин»-ро ба нӯги чӯбе ва мефармояд, то бо шутурони тездав ба назди Ҳурмузд фиристанд. Баҳром асиронро низ мефиристад. Инчунин мепурсад, шоҳаншоҳ фармояд, ки ба ҷанги Пармуда равад ё не. Ҳурмузд мефармояд, ки: «В-аз он пас ту пайкори Пармуда соз» [Фирдавсӣ  Д.1990-8, с.532].

Баробари расидани хабари пирӯзии Баҳром бар Совашоҳ, ки андаке ба таъхир меояд, Ҳурмузд сад ҳазор дирам хайр мекунад: сеяк ба бенавоён, ҳамин қадар ба оташкадаҳо ва сеяки дигар барои обод кардани вайрониҳо ва хоссатан работҳои вайрон дар биёбонҳо. Зиёда аз ин гӯё, ки хироҷи чорсоларо низ мебахшад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.532]. Метавон ишора кард, ки дар ин хабар бори аввал ба таври ошкоро хайри подшоҳи Сосонӣ ба шукронаи пирӯзӣ баён шудааст.

Дар навбати худ, Пармуда машварат доир мекунад: «Бипурсид, к-ин лашкари бешумор» чаро шикаст хӯрд? Яке аз мушовирон ҷавоб медиҳад: «Ки мо доштем он сипаҳро забун», вагарна «Набуд лашкараш з-они мо садяке». Пармуда ошуфта шуда, сипас лашкари садҳазорaро ба наздикии рӯди Ҷайҳун равона мекунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.530].

Вобаста ба таъбири «ба наздикии рӯди Ҷайҳун» месазад ишора кард, ки дар ин маврид манбаи Фирдавсӣ ва худи шоир ба ҳақиқати воқеӣ наздиктаранд.

Мантиқан, ҷанги Баҳром бо Совашоҳ дар паҳноҳое дар соҳили рости рӯди Ҷайҳун метавонист доир шавад. На дар Ҳироту дашти Ҳирот.

Эпизоди VI к. Баҳроми Чӯбина. Ин эпизод ба разми Баҳроми Чӯбина бо Пармуда, писари Совашоҳ бастагӣ дорад. Фирдавсӣ лозим медонад, таъкид кунад, ки Пармуда як дижи хеле мустаҳкам дошт, ба номи Овоза. Сипоҳи Пармуда аз Ҷайҳун мегузарад ва ҷанг дар ҷое ду манзил дуртар аз Балх доир мешавад. Дар ривояти Фирдавсӣ ду лашкарро масофаи ду фарсах аз ҳам ҷудо мекард.

Рӯзи дигар Баҳром ба дидани лашкари Пармуда меравад. Азбаски шумори сипоҳаш падидор набуд, Баҳром ба андеша фурӯ меравад ва ҳатто мегӯяд, ки: Ҳам ин размро кас харидор нест [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.534]. Пармуда низ новобаста ба шумори ками сипоҳи Баҳром, қудрати ҷангии ин сипоҳро нодида намегирад.

Ситорашумаре ба Баҳром мегӯяд, ба чоршанбе иқдоми ҷангие накунад. Чаро чорашанбе? – баён нашудааст. Дар миёни ду лашкар боғе буд ва Баҳром рӯзи чоршанбе ба ҳамон боғ ба истироҳат меравад. Ба Пармуда хабар медиҳанд, ки Баҳром бо «маю ҷом ҷуфт» шудааст ва ӯ фармон медиҳад, то шаш ҳазор ҷанговари яккачин боғро шабона бечироғ иҳота кунанд. Ба Баҳром муяссар мешавад, ки девори боғро рахна кунад ва аз муҳосира раҳоӣ ёбад. Баъд аз ин Баҳром бевосита ба ҷанг ворид шуда, шабехун мезанад. Пармуда рӯ ба гурез мениҳад. Барои ҷон ба саломат бурдан, аз Баҳром амон металабад, то фурсате ёбаду ба диж паноҳ бибарад ва номае иншо кунад.

Дар чунин вазъият Баҳром ба муҳосираи сангини диж мегузарад ва фармон медиҳад, ҳар сипоҳии туркро, ки берун аз диж бинанд, бикушанд, то «магар шаҳрёр ояд аз диж бурун». Рӯзи чаҳоруми муҳосира Баҳром ба Пармуда паёме мефиристад. Паём аз таънаҳои талх иборат буд:

Нишастӣ бар ин бора-бар чун занон,
Пур аз хун дилу даст бар сар занон [Фирдавсӣ М.1970-8, с.382].

Баҳром пешниҳод мекунад, ки Пармуда аз шоҳаншоҳи Эрон зинҳор бихоҳад. Агар Пармуда он чи дар хазинаи кишвараш дорад, бифиристад, Баҳром

ваъда медиҳад, ки дар ин кор назди шоҳаншоҳ «миёнҷӣ» шавад, зеро «Ки бар шаҳри Эрон гавонҷӣ манам», яъне сипаҳсолор. Ҷавоби Пармуда то ҷое дар оғоз хусусияти насиҳат дорад. Вале дар ниҳоят Пармуда мувофиқат мекунад, ки таслим шавад.

Сипас Баҳром ба Ҳурмузд маншуре менависад ва арз мекунад:

Ки хоқони Чин зинҳорӣ шудаст,

Зи ҷанги дарозам ҳисорӣ шудаст [Фирдавсӣ М.1970-8, с.384].

Ҳурмузд бо хурсандӣ ин хабарро мепазирад ва ба дабир мефармояд, ки номаи ҷавобӣ нависад. Дар нома супориш медиҳад, ки Баҳром Пармударо бо лашкар ба Мадоин фиристад.

Пас аз расидани «номаи зинҳор» Пармуда «Ҳама хоста ҳар чӣ буд дар ҳисор» ба Баҳром месупораду, ба таъбири имрӯза, бо Баҳром хайру хуш нокарда, раҳи Мадоинро пеш мегирад. Баҳром аз ин иқдом озурда мешавад ва Пармударо аз роҳ бармегардонад. Пармуда ин иқдоми худро нописандӣ ҳисоб намекунад ва мегӯяд, ки чун подшоҳ ба ӯ паноҳ додааст, Баҳром набояд кордор шавад. Баҳромро бадкуниш ҳам мехонад. Баҳром наметавонад худдорӣ кунад ва Пармударо як тозиёна зада, фармон медиҳад, пояшро бубананд ва дар хиргоҳи танге ҳабсаш кунанд. Ба фазли миёнҷигарии Харроди Барзин ҳамон фиристодаи Ҳурмузд ва дабири бузург Пармударо озод мекунад. Харроди Барзин ба ақидаи худ дар бораи Баҳроми Чӯбина устувор мемонад:

Ба як парри пашша надорад хирад,

Азеро касеро ба кас нашмурад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.548].

Баҳром аз карда пушаймон мешавад.

Ҳарчанд Баҳром Пармударо бо иззату икром то ҷое гусел мекунад, Пармуда норизо меравад. Баҳром мегӯяд: «Ки озор дорӣ зи ман дар нуҳуфт» ва хоҳиш мекунад, ки: «Гарат ҳаст, бо шоҳи Эрон магӯй» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.549]. Пармуда, ки дар нигориши Фирдавсӣ дар гуфтору андеша нисбат ба Баҳром хирадмандтар менамояд, розӣ намешавад, ки ба шаҳрёр он кори Баҳромро нагӯяд. Баъд аз мунокишае байни Баҳром ва Пармуда, Баҳром ҳисс мекунад, ки Пармуда аз ӯ ҳамоно норизо мемонад. Дар чунин ҳол Баҳром мегӯяд:

Чу он ҷо расӣ, ҳарчи бояд, бигӯй,

Н-аз он мар маро кам шавад обрӯй. [Фирдавсӣ М.1970-8, с.389].

Дар ин мунокиша ду нукта наметавонад мавриди таваҷҷуҳ набошад. Яке эҳтироми Баҳром ба Пармудаи асир, ки наметавонад, ҳуқуқи ӯро нодида гирад. Дигар, муносибати шоҳаншоҳ Ҳурмузд ба Баҳром, ки барои сипаҳсолори пирӯзи набарди туркон ҳамоно аҳаммияте дошт.

Баҳром чун ба лашкаргоҳ бармегардад машварат доир мекунад. Ӯ ба Харроди Барзину дабири бузургу мӯбадон супориш медиҳад, ки ба шоҳаншоҳ дар бораи чараёни муомила бо Пармуда нома нависанд.

Пас аз ин Баҳром хашмгинона ба мӯбади мӯбадон мурочиат карда мегӯяд, ки ба он диж раванд ва ҳисобу ҳасаб кунанд, ки дар диж чӣ ҳасту чӣ мондааст. Дабирон бо ҳарос ба кор шуруъ мекунанд, зеро медонистанд, ки пеш аз ин: «Сияҳ шуд басе номҳо аз шумор» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.553]. Дар он диж, ба қавли Фирдавсӣ, аз замонҳои подшоҳони гузаштаи Эрону Турон хеле чавоҳироту молҳои арзанда нигоҳ дошта мешуд.

Баҳром тамоми чавоҳироту молҳоро ба истисноси ду бурди зарбафти ямонӣ ва ду гӯшвори мӯзашакл, бо ҳазор марди ҷангӣ дар сӣ корвон ба назди шоҳаншоҳ мефиристад. Ин ду ғанимат, ки ба сари Баҳром кулфатеро хоҳанд овард, ба рӯйхат ворид карда намешаванд.

Эпизоди VI л. Баҳроми Чӯбина. Ин эпизод ба расидани Пармуда ба даргоҳи Ҳурмузд ва гумони бад кардани шаҳрёр аз Баҳроми Чӯбина бастагӣ дорад. Шоҳаншоҳ Пармударо сазовор пешвоз мегирад ва пас аз баромадани «ранчи роҳ» дар рӯзи ҳаштум Ҳурмузд базме меорояд. Дар он сур шоҳаншоҳ мефармояд, бори шутурҳоро: «Ба пушт андар оранд пеши сарон». Ба гуфти Фирдавсӣ: «Аз Овоза сад ганч шуд орста» [«Шоҳнома» Д.1990-8, с.557]. Дар ҳамин асно ба шоҳаншоҳ аз дабири бузург номае мерасад. Шоҳак, номабари дабир арз мекунад, ки як бурди ямонӣ ва як гӯшворро Баҳром нафиристод.

Ҳурмузд ба Пармуда мефармояд, савганд хӯрад:

Ки чун бозгардӣ, напечӣ зи ман,

На аз номдорони ин анчуман [Фирдавсӣ М.1970-8, с.396].

Рӯзи дигар бо тамоми иззату икром Пармударо то ду манзил роҳ ба маконаш гусел мекунад. Баҳром раҳораҳи бозгашти Пармуда шароит муҳайё менамояду аз хоқон пӯзиш ҳам мекунад. Аммо Пармуда: «Напазруфт аз ӯ ҳар чӣ оварда буд». Ба қавли Фирдавсӣ:

Ҳамеронд Баҳром бо ӯ ба роҳ,

Накард эч хоқон бад-ӯ бар нигоҳ [Фирдавсӣ М.1970-8, с.396].

Баҳром ҳамин тавр се манзил Пармударо ҳамроҳӣ мекунад. Ба манзили чорум хоқон кас мефиристад, ки Баҳром баргардад. Баҳром, дар ривояти Фирдавсӣ, рӯ ба сӯйи Балх мениҳад.

Дар чунин инкишофи печи сюжет, ки мебоист тантанаи Ҳурмуздро чун давлатмард таҷассум кунад, шоҳаншоҳ дар мадди аввал масъалаи озурдагии худро аз Баҳром – сарлашкаре, ки ӯро аз балои туркон наҷот дод, мегузорад.

Фирдавсӣ Ҳурмуздро ба ду баҳона аз Баҳром нохушнуд тасвир кардааст. Яке «озори хоқони чинӣ», дигаре шарм надоштани Баҳром аз шоҳаншоҳ. Шаҳрёр мефармояд ба Баҳром номае нависанд. Нома дар нигориши Фирдавсӣ дар шаш байт омадааст ва бо таҳқири Баҳром оғоз меёбад. Таҳқир, аз ҷумла, бо калимаҳои «эй деви носозкор» ифода ёфтааст. Таҳқирро ба Баҳром фиристодани хилъати занонаи сурху зард ва дӯкдон такмил медиҳад. Эҳтимол, рахи сюжети аз ҷониби шоҳаншоҳ ба Баҳром фиристодани хилъати занона инъикоси воқеияте буда бошад. Ҳамин хабар дар «Таърих»-и таърихнигори юнонӣ Феофилакт Симокатта (ваф. 630) ҳам мегузарад [Феофилакт 1957, с.80-81]. Абуалии Балъамӣ низ зикре дар бораи фиристодани дӯкдон ба Баҳроми Чӯбина овардааст [Балъамӣ 2001, с. 599].

Чун нома ва «инъоми» подшоҳӣ ба Баҳром мерасад, ӯ, ба таъбири Фирдавсӣ: «Шикебоию хомӯшӣ баргузид» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.562]. Баҳром дар чунин ҳол на аз подшоҳ, балки аз «бадандешагон» ва тақдир гила мекунад. Сипас Баҳром ҷомаи занонаро пӯшидаю дӯкдони сиёҳро ба пешаш гузошта, мефармояд, то ҳама фармондеҳони лашкарро даъват кунанд. Вақте ҳама аз «инъом»-и подшоҳ тааҷҷуб менамоянд, Баҳром таъкид мекунад: «Ҷаҳондор шоҳ

асту мо бандаем» ва маслиҳат мепурсад, ки: «Чӣ гӯем бо шаҳрёри замин?» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.563-564].

Лашкариён ба лаҳни дурушт мегӯянд, ки агар аҷри ту чунин бошад, пас бигузор дар боргоҳи шоҳ сагон хизмат кунанд. Қавлеро аз забони пире меоранд, ки гӯё Ардашер гуфта буд. Чун он қавл ва давоми вай аҳаммияти ҷавҳарӣ ба сарнавишти минбаъдаи шоҳаншоҳии Сосонӣ дорад, месазад онро пурра иқтибос кунем:

Нигар, то чӣ гуфт он хирадманди пир,
Ба Рай чун дилаш танг шуд з-Ардашер.
Ки безорам аз тахту аз тоҷи шоҳ,
Чу неку бади ман надорад нигоҳ [Фирдавсӣ  М.1970-8, с.399].

Дар матни Москва пас аз байти 1399 ду байти дигар дар қавсайн омадааст, ки мансуб будани қавли «безорам аз тахту аз тоҷи шоҳ»-ро ба Ардашери Бобакон тақвият медиҳад:

Саре пур зи кина диле пур зи дард,
Забону равон пур зи гуфтори сард.
Биёмад дамон то ба Истахри Порс,
Ки Истахр буд бар замин фахри Порс [Фирдавсӣ М.1970-8, с.399].

Аз «Корномаи Ардашери Бобакон» ва аз «Шоҳнома» маълум аст, ки бо руҳияи нахостани тахту тоҷи Ардавон Ардашер аз Рай ба Истахр омада буд.

Эпизоди VI м. Баҳроми Чӯбина. Ин эпизод бо оғози дигаргуниҳои ҷавҳарӣ дар сарнавишти шоҳаншоҳии Сосонӣ ва оғози фарҷоми сарнавишти сипаҳсолор Баҳроми Чӯбина бастагӣ дорад. Бо гузашти ду ҳафта Баҳром аз айвон мебарояд ва ба дашт меравад. Сари роҳ ба бешае мерасад ва дар марғзори он беша гӯреро мебинад. Баҳром мехоҳад он гӯрро шикор кунад. Роҳ танг мешавад. Чун Баҳром аз ин роҳи танг мегузарад, дар пешаш боз боғу дашт намоён мешавад. Дар дашт ӯ кохеро мебинад. Ҳамон гӯр пешопеши ӯ ва ҳамраҳи вай Эзадгушасп то кох мерасанд. Баҳром аспро ба Эзадгушасп монда, танҳо вориди кох мешавад.

Вақте Ялонсина ба назди кох мерасад, Эзадгушасп мефармояд, ки аз пайи Баҳром равад. Ялонсина дар назди айвони кох тоқи баландеро мебинад. Дар

тахти заррини тоқ зани зебои тоҷдоре нишаста буд. Баҳромро мебинад, ки бари ҳамон тахти заррин нишастааст. Чун он зан Ялонсинаро мебинад, ба канизаке мефармояд, бигӯяд, ки Ялонсина биравад.

Сипас ба Баҳром чӣ рух медиҳад, чандон равшан баён нашудааст. Ҳамин қадар дар гузориши Фирдавсӣ маълум мешавад, ки Баҳром бо руҳияи дигар аз назди он зан берун меояд. Ба касе намегӯяд, ки бо ӯ чӣ рух дод. Аз чашмони ӯ хун меборид, гуфтору рафтораш дигар шуда буд.

Ба назари мо, дар ин микроэпизод ва маъниҳои монанд ба ҳамин маонӣ талқине карда мешавад. Баҳроми Чӯбина чун аз анъанаи ҳазоронсолаи шоҳаншоҳии эронӣ огоҳии комил дошт, ки чун хуни подшоҳӣ надорад, наметавонад иддаои гирифтани мақоми подшоҳиро дошта бошад. Ӯро дар ин микроэпизод ҷоду (дев) ва соири қувваҳои аҳриманӣ бероҳ карда буданд. Баҳром, ҳарчанд ки як сол ба ҷойи Хусрави Парвизи ношуд подшоҳӣ ҳам карда буд, нағз медонист, ки аъёни дарбор ва аркони давлат ҳаргиз ӯро чун подшоҳ эътироф нахоҳанд кард. Рӯзи дигар Баҳром:

Нишасте биёрост шоҳаншаҳӣ,

Ниҳода ба сар-бар кулоҳи меҳӣ [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.569].

Аз ин рафтори Баҳром дабири бузург ва Харроди Барзин хулоса мекунанд, ки Баҳром аз итоати шаҳрёр баромадааст. Бинобар ин ҳарду шабона мегурезанд. Дабир дастгир мешавад, Баҳром ӯро мебахшад.

Аммо Харроди Барзин то ба ҳузури подшоҳ мерасад ва ҳама хабарро арз мекунад. Аз ҷумла, хабари гӯру роҳи тангу он зани соҳиби кохро. Шоҳаншоҳ ба фикр фурӯ меравад. Дар чунин ҳол ба ёди шоҳаншоҳ суханони кадом фолгӯе мерасад, ки гуфта буд, Баҳром аз тахти ту рӯй хоҳад тофт. Ҳурмузд кас мефиристад, то мӯбади мӯбадон ҳозир шавад.

Мӯбад ҳикояти гӯру роҳи тангу он кохи биёбонро шарҳ медиҳад. Ба таъбири мӯбад, гӯр деве мебошад, ки табдили сурат кардааст. Кох ҷодустон асту соҳибаи кох ҷодугар. Ҷодугар васваса мекунад ва Баҳромро аз раҳ мезанад. Хосса, ки шоҳаншоҳ сипаҳбудро бо фиристодани дукдону «хилъати носазо» сахт ранҷонда ҳам буд. То ҷое:

Ки эрониён з-он бупечидаанд,

Умед аз шаҳаншоҳ бубридаанд [Фирдавсӣ  Д.1990-8, с.573].

Мӯбад маслиҳат медиҳад, ки Ҳурмузд сипоҳро аз Балх бозхонад. Дар бораи зани ҷодугар Харроди Барзин мегӯяд, ки ба назари сипоҳ, он зан бахти Баҳром буд. Ин хабар подшоҳро боз ҳам озурда мекунад.

Ба болои ин Баҳром ба шоҳаншоҳ як «салла»-е пури ханҷар мефиристад. Ҳурмузд мефармояд, теғҳоро бишкананд ва даруни он сабад гузоранду боз ба Баҳром фиристанд. Сипоҳиёни Баҳром аз муносибати шоҳу Баҳром парешон мешаванд. Баҳром ба хулосае меояд, ки лашкар аз шоҳаншоҳ монда шудааст: «Дили лашкар аз тоҷвар хаста дид» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.407].

Баҳром ба рӯёрӯии эҳтимолӣ бо шоҳаншоҳ омодагӣ мегирад ва машварате доир мекунад. Дар машварат Баҳром «Бад-он лашкари тези гумкардароҳ» таъкид мекунад, ки шоҳаншоҳ беҳуда аз мо озурда шуд ва: «Чунин сар бипечид зи оину роҳ». Муроҷиат, ки чӣ метавон кард, зеро:

Ҳар он кас, ки пӯшид дард аз пизишк,

Зи мижгон фурӯ рехт хунин сиришк [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.576].

Сипас Баҳром ба баршумори хидматҳои худ пеши шоҳаншоҳ мегузарад ва аз ҷумла, мегӯяд, ки агар пирӯзии ӯ намебуду Совашоҳу Пармуда ба Эрон лашкар мекашиданд ва дар он ҳолат «Наярзид Эрон ба як муҳра мум». Баҳром хулоса мекунад, ки: «Ман аз роз пардахта кардам дилам» ва пешниҳод менамояд, ки лашкариён назари худро бигӯянд.

Дар ҳамин ҷои бахши подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон ва саргузашти Баҳроми Чӯбина ба саҳна зан ворид мешавад, ки хоҳари Баҳром – Гурдия буд. Гурдия чун аз паси парда ба сухан медарояд, ҳама хомӯш мешаванд. Гурдия ба сипоҳ муроҷиат карда мегӯяд: «Зи гуфтор хомуш чаро мондаед?» ва хитоб мекунад, ки: «Чӣ бозӣ ниҳед андар ин дашти хун» [Фирдавсӣ Д. 1990-8, с. 578]

Сипас Эздгушасп ба Баҳром муроҷиат карда мегӯяд, ки агар Баҳром ба муқобили Ҳумузд ба ҷанг ворид шавад, пуштибонӣ хоҳад кард. Дар навбати худ Ялонсина мехоҳад андаке Баҳромро аз иқдомҳои на чандон санҷида боз дорад. Баҳроми табори Сиёвуш ҳам мехоҳад, Баҳроми Чӯбинаро аз «ҷустани тахту

ганҷ» нигоҳ дорад, ки фарҷомаш «дарду ранҷ» аст, аммо Баҳром ин пешниҳодро ҳам қабул намекунад. Дар баробари ин Баҳроми Чӯбина иқрор мекунад, ки талоши тоҷи подшоҳӣ кори саҳле нест.

Дар ҳамин ҷой, бори аввал Баҳроми Чӯбина нияти худро барои гирифтани тоҷи шоҳаншаҳӣ ошкор кардааст. Сипас ӯ аз Кундогушасп (дар матни Москва «Пайдогушасп») рӯирост мепурсад, ки: «Бувад гоҳи шоҳӣ сазовори мо?». Кундогушасп ин нияти Баҳромро ҷонибдорӣ мекунад. Бо муроҷиати Баҳром дабири бузург ба андешаи сахт фурӯ меравад ва ҷавоби бетарафона медиҳад, ки ҳамон мешавад: «Зи чизе, ки бахшиш кунад Додгар»[ Фирдавсӣ Д.1990-8, с.580].

Дар ин миён Гурдия ҳамоно хомӯш мемонад ва нимашаб чун Баҳром мепурсад, ки: «Чӣ бинӣ ба гуфтори ин анҷуман?», Гурдия, ки «На аз рои он меҳтарон буд шод», ба Баҳром ҷавобе намедиҳад, аммо ба дабири бузург ба лаҳни таҳқир муроҷиат карда, мегӯяд, ки ин «тоҷу тахт»:

Зи гетӣ касеро набуд орзӯй,

Аз он номдорони озодахӯй? [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.581].

Дабири бузург аз мунокиша худдорӣ мекунад ва танҳо мегӯяд, ки «Бар он рав, ки дил раҳнамой оядат» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.412]. Сипас Гурдия дар чилу шаш байт «Бар оини шоҳони пешин равем» гӯён, таърихи пурмоҷарои шоҳон ва паҳлавонони пешинро аз Кайковус, ки бандаш мекунанд, Пирӯзи Яздгирд, ки дар ҷанги Ҳайтолиён кушта мешавад, сарлашкар Суфарой, ки Қубоди Пирӯз ноҷавонмардона мекушадаш ва худи Қубод, ки боре сарнигунаш ҳам мекунанд, то хуруҷи Совашоҳ ёдрас мекунад ва хулоса меномояд, ки чун Ҳурмузд ба некӣ подоши бад медиҳад, бояд донад, «ки бад бо тани худ» кунад [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.582-586].

Баҳром ва ҳама анҷуман хомӯш мемонанд. Ялонсина ба Гурдия муроҷиат намуда, мегӯяд, ки: «Бародар-тро шоҳи Эрон шумар». Сипас аз таҳқири Ҳурмузд, ки ба Баҳроми ял «дӯку памба» фиристода буд, ёдовар шуда, «Туфу бар чунон бевафо шаҳрёр» ҳам мегӯяд. Ин байт дар матни Москва вуҷуд надорад. Ва шояд барои он ҳам Бертельс А.Е. ворид накарда бошад, ки истифодаи нидои

«туфу» зеби услуби Фирдавсӣ намебошад. Дар бораи Ҳурмузд маслиҳат мебинад, ки:

Сухан бас кун аз Ҳурмузи туркзод,

Ки андар замона мабод он нажод [Фирдавсӣ Д.1990-8, с. 586].

Ялонсина меафзояд, ки Кайқубод кайҳо гузаштааст, «номи эшон мабар». Ва аз Хусрави Парвиз ҳам андеша накун: «К-аз ӯ ёд кардан наярзад ба чиз». Ин сарлашкар изҳори боварӣ мекунад, ки бародари Гурдия ба ҷои Хусрави Парвиз ба тахт хоҳад нишаст. Бояд дар ёд бигирем, ки чунин руҳия дар ҷангандатарин сипоҳи шоҳаншоҳ Ҳурмузд ҳамон вақт буд, ки Ҳурмуз ҳоло фармонраво буд ва Хусрави Парвиз аз худ дараке надода буд.

Гурдия дар ҷавоб ба Ялонсина эътирози сабук ҳам мекунад. Хулосаи эътироз ин аст, ки ба ташвиқи Ялонсина Баҳром ба талоши тахту тоҷ афтодааст. Гурдия аз он дар таҳлука аст, ки табори онҳо метавонад нобуд шавад. «Кунун роҳбар бош Баҳромро» гӯёну гирякунон аз анҷуман меравад. Дар чунин вазъият Баҳром қароре қабул мекунад, ки метавон гуфт, хосси ҳама сипоҳиён аст:

Бифармуд, то хон биёростанд,

Маю руду ромишгарон хостанд [Фирдавсӣ Д.1990-8, с. 588].

Қароре дар бораи ояндаи шоҳаншоҳии Сосонӣ ва тақдири подшоҳ Ҳурмузд дар фароварди он машварати дарозо дарози Баҳром дар ин қисмати «Шоҳнома» инъикос наёфтааст.

Эпизоди VI н. Баҳроми Чӯбина. Ин эпизод ба кӯшишҳои Баҳром, ки мехоҳад муносибатҳое бо рақибону ҳарифон барқарор кунад, бахшида шудааст. Рӯзи дигар Баҳром дабири бузургро даъват намуда, мефармояд, то ба хоқон номае нависад. Фирдавсӣ мазмуни номаро бозгӯ кардааст. Баҳром аз хоқон пӯзиш мехоҳад. Шояд барои он ки як тозиёна ӯро зада буд. Сабаби пӯзиш чист, чандон фаҳмо кушода нашудааст. Хосса, ки Баҳром падари хоқонро кушта буду лозим намедонист, ҳеҷ узре бипурсад. Дар нома ваъда медиҳад, ки ба марзу буми хоқон таҳдиде намекунад. Фирдавсӣ Пармударо хоқони Чин мегӯяд. Хоқон пешниҳоди Баҳромро мепазирад ва фиристодаи ӯро бо эҳтиром пазируфта, бо иззату икром гусел мекунад.

Чун хотири Баҳроми Чӯбина аз хатари хоқони турк ҷамъ мешавад, ӯ подоши сипоҳро пардохт намуда, ба таври ниҳонӣ саъйи, ба қавли Фирдавсӣ, соҳиб шуданро ба «ҷойи меҳӣ», яъне тахти подшоҳӣ мекунад. Сипас Баҳром гӯё, ки шоҳаншоҳ Ҳурмузд зинда набошад, яке аз сарлашкарони худро марзбони Хуросон таъйин мекунад. Пасон ӯ бо сад фикру хаёл аз Балх ба Рай меравад. Дар Рай Баҳром ба «сарои дирам» супориш медиҳад, ки тарҳи дирамро нав намуда, ба номи Хусрав сикка зананд. Таъйин намудани марзбони Хуросон ва фармудан, ки сикка ба ном Хусрав зананд, бешубҳа, аз он метавонад гувоҳӣ диҳад, ки Баҳроми Чӯбина дигар Ҳурмузди IV-ро чун шоҳаншоҳ эътироф намекунад. Баъд аз ин Баҳром ба бозаргони санҷидае мефармояд, ки ин дирамҳоро ба Тайсафун барад.

Эпизоди VI о. Баҳроми Чӯбина. Эпизод ба муроҷиати бевоситаи Баҳроми Чӯбина ба Ҳурмузди IV бастагӣ дорад. Дар сарнавишти рӯ ба костагиҳо ниҳодаи империяи Сосонӣ ин муроҷиат, албатта, дар перояи бадеӣ, шояд аҳаммияти ҳалкунанда дошта бошад. Баҳром ба Ҳурмузд номаи тунде менависад, ки дар матни интиқодии Душанбе дар понздаҳ байт омадааст. Нома на дар оғоз ва на дар анҷом маъниҳои таоруфро фаро нагирифтааст [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.591-592]. Дар нома Баҳром аз ҷанги худ бо Совашоҳу Пармуда ва аз ҷомаи занона ва дӯкдоне, ки Ҳурмузд ба Баҳром фиристода буд, ёдовар шуда, таъкид мекунад, ки шоҳаншоҳ дигар Баҳромро нахоҳад дид. Баҳром қавл медиҳад «Ҳар он гаҳ, ки Хусрав нишинад ба тахт», боз ба хидмати подшоҳӣ бар хоҳад гашт. Баҳроми Чӯбина бо таъкиди боварӣ, ки Ҳурмузд чун муҳри дирамро бубинад, ки ба номи Хусрав зада шудааст,»бупечад зи ғам», боз як изҳороти тақдирсоз мекунад:

Чу озармҳо бар замин барзанем,

Ҳаме бехи Сосон зи бун барканем [Фирдавсӣ М.1970-8, с. 420].

Ҳурмузд баробари расидани нома ва дирҳамҳо ба номи Хусрав сахт озурда мешавад ва аз пайи нобуд кардани писараш меафтад. Маслиҳатгари Ҳурмуздро Фирдавсӣ Оингушасп меномад. Ҳурмузд ба таъбири имрӯза ба қотили кироя фармон медиҳад, ки Хусравро бикушад. Қотили кироя аз хазинаи подшоҳ заҳр мепурсад, то ба Хусрав заҳр бидиҳад. То ҷое, ки мо медонем, дар бахши

Сосониёни «Шоҳнома» иқдоми Ҳурмузд нахустин иқдом мебошад, ки шоҳаншоҳ касди куштани писарашро кардааст.

Хусрав аз ин суиқасд огоҳ набуд. Ҳоҷиби ӯ огоҳ мешавад ва Хусрав ба торикии шаб аз Тайсафун мегурезад. Нияти Ҳурмузд, ки Хусравро бикушад, дар тасвири Фирдавсӣ шӯре бармеангезад ва чанде аз сарони минтақаҳо ба итоати Хусрав мегузаранд. Хусрав ба андеша меравад ва мегӯяд, ки агар сипоҳ ва аъёни кишвар дар дар маъбади Озаргушасп савгандҳои садоқат хӯранд, ӯ розӣ мешавад, то подшоҳиро бигирад. Дар чунин ҳол Ҳурмузд ду тағои Хусрави писараш – Густаҳму Биндӯй ва тамоми хешовандони модарии ӯро зиндон мекунад.

Эпизоди VII. Ҳурмузд. Ин эпизод ба кӯшишҳои Ҳурмузди IV, ки мехоҳад аз балоҳои расида наҷот ёбад, бахшида шудааст. Ҳурмузд таҳти фармондеҳии Оингушасп сипоҳе ба муқобили Баҳроми Чӯбина мефиристад ва мефармояд аввал бифаҳмад, ки агар меҳтарӣ ва тахту тоҷ наҷӯяд, ба ҷанг ворид нашавад.

Пеш аз ба роҳ баромадан Оингушасп аз подшоҳ озод намудани як зиндонии ҳамшаҳрашро тақозо мекунад, то дар ҷанг дасташ бигирад. Подшоҳ медонист, ки он мард дузду хунрез аст, аввал розӣ намешавад, вале дар ниҳояти кор пешниҳоди Оингушаспро қабул мекунад.

Вақте сипоҳ ба шаҳре, ки Фирдавсӣ Ҳамадонаш меномад, мерасад, Оингушасп ҷӯёи ахтаршиносе мешавад. Ба Оингушасп мегӯянд, ки пиразане ҳаст, ки фоли ӯ одатан рост мебарояд. Нахуст, ахтаршинос чун он марди дузди зиндониро мебинад, Оингушаспро огоҳ мекунад, ки ин мард балое ба сари ту хоҳад овард. Оингушасп он мардро бо номае пеши Ҳурмузд мефиристад ва дар нома аз шоҳаншоҳ хоҳиш мекунад, сарашро аз танаш ҷудо кунад. Он мард дар роҳ номаро мекушояд ва хеле қаҳр мекунад. Қасам мехӯрад, ки Оингушасп: «Бубинад кунун роҳи хун рехтан». Ниҳоят, ҳамон марди бадкора Оингушаспро мекушад ва сари ӯро гирифта ба назди лашкари Баҳром меравад. Баҳром чун мефаҳмад, ки ин сари бурида сари Оингушасп аст ва ӯ мехост: «Ки бо шоҳ моро диҳад оштӣ» , он қотилро ба дор мекашад. Сипоҳи Оингушасп қисме ба тарафи

Баҳром мегузарад ва қисме аз пайи Хусрави Парвиз меравад. Фирдавсӣ бо як гудозе мегӯяд:

Чунон шуд, ки аз бешубонӣ рама

Пароганда гардид ба рӯзи дама [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.603].

Эпизоди VIII. Ҳурмузд. Ин эпизод ба ниҳояти рӯзгори Ҳурмузди IV, фарзанди Анӯшервон аз бонуи турк бахшида шудааст. Чун ба шоҳаншоҳ хабари фарҷоми кори Оингушасп мерасад, ӯ ба ғам дода мешавад, дари борро мебандад ва: «Баромад аз орому аз хӯрду хоб» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с.603]. Ашроф ва аҳолии Тайсафун перешонӣ мекашанд ва муносибати худро ба подшоҳ дигар мекунанд:»Гузиданд нафрин пас аз офарин». Дар чунин вазъият ҳимояи шоҳаншоҳ хеле коста мешавад: «Сипоҳ андаке буд ба даргоҳ-бар» [Фирдавсӣ М.1970-8, с.429]. Зиндониён зиндонро шикаста ба озодӣ мебароянд. Дар чанд байти охири подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон оҳанги драматизми баланд садо додааст. Нахуст лашкаре, ки дар шаҳр буд: «Бимонданд бечора з-он доварӣ». Густаҳм лашкарро даъват мекунад, ки бо ӯ пайвананд ва аз шоҳ ҷудо шаванд.

Сипоҳиён дар нигориши Фирдавсӣ яксар даъвати Густаҳмро қабул мекунанду даромади айвони шоҳро оташ мезананд. Сипас вориди айвон шуда, тоҷро аз сари шоҳ мегиранду тахташро нигунсор месозанд. Чашмони подшоҳро кӯр мекунанд, вале ӯро намекушанд. Ҳурмузди IV нахустин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки бар асари инқилоби аскарӣ аз тахт маҳрум мешавад.

Бахши подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон дар «Шоҳнома» бо чор байти андеша дар атрофи зиндагӣ ва бебақоии рӯзгор хотима меёбад, ки хусусияти анъанавӣ дорад.

## 3.3. Шахсияти Хусрави Парвиз ва лаҳзаҳои достонии ҳаёти ӯ

Подшоҳии Хусрави Парвиз, ки ба қавли Фирдавсӣ, сиюҳашт сол буд, дар «Шоҳнома»-и матни интиқодии Душанбе дар 4125, дар матни интиқодии Москва дар 4083 ва дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар 4015 байт омадааст.

Эпизоди I. Лаҳзаи оғозин дар ҳама матнҳо бо андаке фарқ, ки хусусияти ҷавҳарӣ надорад, фарогири он чи бо Ҳурмузди IV гузашт, чун «ошӯби Бағдод» мебошад. Он ошӯб моҷарое буд, ки ба табаддулот монанд аст. Ҳокимият гирифта нашуд, вале бо куштори подшоҳ мулк бесоҳиб монд. Аз рӯи анъанаи садҳосолаи Сосонӣ (ва шояд Ҳахоманишӣ ҳам) саркардагони ошӯб медонистанд, ки ҳар чӣ подшоҳ ношоиста ҳам набошад, ғасби подшоҳӣ аз ҷониби касоне, ки хуни подшоҳӣ надоранд, дар назари аъёни мамлакат ҳаргиз қобили қабул наметавонад бошад. Густаҳму Биндӯй ба оташкадаи Озаргушасп, ба назди Хусрави Парвиз мераванд, ки дар нигориши Фирдавсӣ, ҳеҷ не аз замони Баҳроми Гӯр маъбади асосии зардуштиёни Эрон буд. Чун онҳо ба Хусрав арз мекунанд, ки чӣ шуд, Хусрав ба таҳлука ҳам меафтад. Аммо дар бораи гурехтани худ аз Мадоин изҳор мекунад, ки:

Валекин падар чун ба хун охт даст,
Аз Эрон накардам сарои нишаст [Фирдавсӣ М.1971-9, с.10].

Бо ин ҳама ӯ ҳеҷ гила аз падар намекунад. Хусрав ҳамроҳи сипоҳи анбуҳе роҳи пойтахтро пеш мегирад. Баробари ба Мадоин расидан ба назди падар меравад. Фирдавсӣ дар ҳафт байт як марсиягунае ҳам ба ин муносибат дар маънии гардиши айём гуфтааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.9].

Эпизоди II. Ин эпизод ба мавзуи ба тахт нишастани Хусрав бахшида мешавад ва ба ҳукми анъана хутбаи тоҷгузории ӯро низ фаро мегирад. Дар хутба, аз ҷумла, мегӯяд, ки: «Мабодо маро пеша ҷуз ростӣ». Хусрав ба аъёни дарбор рӯй оварда мегӯяд, ки се паймонро ба зимма гиранду накунанд:

Аз озурдани мардуми порсо
Ва дигар кашидан сар аз подшо.
Савум, дур будан зи чизи касон,

Ки дардаш бувад сӯи он кас расон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.10].

Боз ҳам ба ҳукми анъана аъёни дарбор офаринҳо мегӯянд. Баъд аз ин пеш аз дамидани субҳ Хусрав ба зиёрати падар меравад. Мегӯяд, ки агар ман назди ту мебудам: «Ба сӯзан нахастӣ кас ангушти ту», маслиҳат мепурсад, ки акнун чӣ кор кунад? Таъкид ҳам мекунад, ки метавонад ҳатто аз баҳри подшоҳӣ гузарад. Ҳурмузд андаке сарзаниши падарона ҳам мекунад ва мегӯяд, ки ман аз ту се чиз мехостам. Яке, ҳар бомдод маро ба чеҳраи шод шунавӣ, дигаре, яке марди савори размдидаро фиристӣ, ки ба ман аз корзору шикор қисса кунад, дигар:

Ҳамон низ дonанда марди куҳан,

Ки аз подшоҳон гузорад сухан,

Навишта яке дафтар орад маро,

Бад-он дарду сахтӣ сар орад маро [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.12].

Дар ин ҷо дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» бори аввал шояд сухан аз кадом худойнома ҳам рафта бошад. Ин мулоҳизаро яке аз матншиносони муосир Маҳмуди Умедсолор, ки дар ҳамкорӣ бо Ҷалол Холиқии Мутлақ дафтари шашуми матни интиқодии ҳамосаи миллиро ба чоп омода кардааст, низ тасдиқ мекунад [Умедсолор, www.cgie.org.ir; 05.03.23]. Бону Катоюни Маздопур дар гузориши расонаие таъкид мекунад ки китоби Авасто ва «Шоҳнома» дар доираҳои гаравидагони оини зардуштӣ мартабаи шоистае доштаанд. Аз ҷумла, ӯ дар бораи дастхатти қадимтарини мукаммали «Шоҳнома» – дастхати музеи Британия менависад, ки ин дастхатро соли 1848 яке аз зардуштиён аз Язд ба Шероз мебарад ва ба фурӯш мегузорад [www. rasekhoon.net; 05.03.23]. Ин дастхат соли 1267 мелодӣ китобат шуда буд.

Ҳурмузд тақозо мекунад, ки ҳарду тағои Хусрав кӯр карда шаванд. Хусрав ба ҳама шартҳои Ҳурмузд розӣ мешавад, вале бо назардошти хатари Баҳроми Чӯбина розӣ намешавад, ки ба Густаҳм дастдарозӣ кунанд.

Эпизоди III. Дар ин эпизод сухан дар бораи талоши Баҳроми Чӯбина барои ҳокимият меравад. Ба Баҳром чун хабари кӯр карда шудани Ҳурмузд ва ба тахт нишастани Хусрави Парвиз мерасад, Баҳром андаке андеша мекунад, вале сипас ба пайкори Хусрав миён мебандад. Хусрав корогаҳонро ба кор меандозад ва

фармон медиҳад, бубинанд, ки Баҳром дар чӣ мавқеъ ҷой гирфтааст: дар қалбгоҳ, пештар ё миёни сипоҳ. Оё майли шикор ҳам мекунад? Корогаҳон маълумоти воқеиро ба Хусрав арз мекунанд.

Дар ҳамин ҷойи бахши подшоҳии Хусрави Парвиз дар бораи фазилати Баҳроми Чӯбина гуфта мешавад, ки: «Ҳама дафтари Димна хонад ҳаме». Хусрав иқрор мешавад, ки Калила гӯё вазири ӯ шудааст. Ба ин муносибат метавон таъкид кард, дар доираҳои подшоҳӣ хондан ва баҳра гирифтан аз андарзҳои «Клила ва Димна» шояд як расме будааст.

Сипас Хусрав машварати фармондеҳон доир мекунад ва таъкид намуда, ки: «кунун ман ба сол аз шумо кеҳтарам» мепурсад, ки: «Бигӯед то чораи кор чист?». Мӯбад дар ҷавоб андешаеро дар бораи рӯзӣ будани хирад ба бандагон баён мекунад, ки чӣ рамзеро ифода мекунад. Мегӯяд аз офариниши дунё хирадро ба чор баҳр тақсим кардаанд. Ними хирад ба подшоҳон расидааст, қисме ба мардуми порсо, сипас ба парстандаи подшо ва пораи хурде ба деҳқон рӯзӣ шудааст. Шояд мӯбад мехост бигӯяд, ки подшоҳ бо ройи худ кор гирад.

Хусрав ба тариқи маслиҳат мегӯяд, ки чун ду лашкар баробар шавад, ӯ пеши рӯйи сипоҳ барояд ва ба Баҳром оштӣ пешниҳод кунад. Агар пазирад, хуб мешавад, напазирад шоҳаншоҳ омадааст, ки ба ҷанг ворид шавад. Ҳамин тариқ, Хусрав сипаҳро аз Бағдод ба самти муҳориба равона мекунад. Ин ҷо низ, чунонки борҳо гуфта будем, Бағдод нишонае мебошад барои шунаванда ва хонандаи замони Фирдавсӣ. Рӯёрӯии ду лашкар сар мешавад ва ба Баҳроми Чӯбина хабар медиҳанд. Баҳром пас аз шиносоӣ бо гурдону бо аҳволи сипоҳи Хусрав ҳамоно подшоҳро нодида мегирад ва таҳқиреро ҳам раво мебинад. Ӯ Хусравро бо истифода аз лексикони лашкариён «русапизода» мегӯяд. Ин дашном дар матни интиқодии Андрей Бертельс ва инчунин, дар матни Холиқии Мутлақ ҳам ба ҳамин сиға омадааст. Ба назари мо, дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» ин дашном, эҳтимол, ягона мисоли истифодаи лексикаи ғайриноримативӣ мебошад.

Чун ҷанг сар мешавад, Хусрав аз ҳамраҳон мепурсад, ки миёни ин саворон Баҳром кист? Ба ӯ мегӯянд, «к-ин дудранги дароз» Баҳром мебошад. Сипас ӯ ба Биндӯю Густаҳм муроҷиат мекунад ва мегӯяд, ки Баҳромро «наррадев» гумроҳ

кардааст. Бо ин ҳама, Хусрав омода мебошад, ки ба Баҳром оштӣ пешниҳод кунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.23]. Баҳром пешниҳоди оштии Хусравро қабул намекунад ва ба таҳдиди рӯирост мегузарад [Фирдавсӣ Д.1990-9, с.25]. Баҳром бо ишора ба шаҷраи авлодӣ худашро набераи Гургин эълон мекунад. Оини ё тартиботи Гургин чӣ буд, кушода нашудааст. Вай ба таърифи худаш мегузарад, ки дар шикаст додани Совашоҳ чӣ хидмате кард. Пас аз зикри шумори лашкари Совашоҳ ва ҳайбати вай Баҳром боз Хусравро таҳқир мекунад [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.38].

Хусрав дар ҷавоб мегӯяд, ки чаро дар Рай аз Гургин ёд накардӣ ва мегӯяд, ки туро Меҳронситод ба подшоҳ пешниҳод карду соҳиби ҷоҳу мақом шудӣ. Мепурсад:

Гар ин подшоҳӣ зи тухми каён,
Бихоҳад шудан, ту чӣ бандӣ миён? [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.39].

Хусрав фикри дурандешонае баён мекунад, ки эрониён бо эрониён ҷанг накунанд, «ҷанги дохилӣ» нашавад. Мепурсад, ба вақти Ораш шоҳ кӣ буд? Баҳроми Чӯбина ҷавоб медиҳад, ки Манучеҳр буд. Хусрав давом медиҳад, ки Ораш бандаи Манучеҳр буду Рустам ёвари Кайхусрав. Баҳром боз ба ҳуҷум мегузараду таҳқир: «Ки Сосон шубону шубонзода буд» [Фирдавсӣ, М. 1971-9, с.36], вале Хусрав ҳам паст намеояд ва мегӯяд, ки «Варо гуфт Хусрав: Чу Доро бимурд, На тоҷи бузургӣ ба Сосон супурд?» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.43].

Мунозира ва ё мунокишаи Хусрави Парвиз ва Баҳроми Чӯбина, ки дар матни интиқодии Душанбе дар 371 байт ва дар матни интиқодии Москва дар 376 байт омадааст, то ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома», агар андарзҳои дарозо дарози бахши подшоҳии Анӯшервонро истисно кунем, яқинан, дарозтарин мунозира мебошад. Мо ба мавзуи мунозираи пеш аз набарди Хусрави Парвиз ва Баҳроми Чӯбина таваққуфи нисбатан муфассале доштем, ки дар шакли мақолаи илмӣ чоп шудааст [Юлдошев 2022, с.1-12]

Эпизоди IV. Ин эпизод асосан ба таваллои Гурдия бародарашро, ки даъвои тахт накунад, бахшида шудааст. Хусрав гӯё ба ҳоли Баҳром механдад ва ба суйи лашкари хеш бармегардад. Дар ҳоли бозгашти Хусрав яке аз туркони Баҳром

каманде ба сари шоҳ мепартояд. Танҳо ҳушёрӣ ва вокуниши барқосои Густаҳм, ки камандро бо теғ мебуррад, Хусравро аз шармандагӣ ва марг наҷот медиҳад. Баҳроми Чӯбина аз рафтори он турк сахт мутаассир мешавад, ки ҳама қоидаро вайрон кардааст. Ҷанг ҳам одоб дошт. Масалан, Баҳром наметавонист дар пеши ҳариф рост наистад ё савор. Баробари подшоҳ Баҳром ҳам «равонаш пур аз дарду тан пургудоз» ба лашкаргоҳи худ бармегардад.

Гурдия чун аз омадани Баҳром огоҳ мешавад, бо «фармонбари чодараш» ба пеши бародараш меояд. Ӯ пурсон мешавад, ки дар мунокиша бо Хусрав чӣ гузашт ва маслиҳат медиҳад:

Гар ӯ аз ҷавонӣ шавад тезу тунд,
Магардон ту дар оштӣ рой кунд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.45].

Баҳроми Чӯбина дар бораи Хусрав ба Гурдия мегӯяд, ки ӯро зи шоҳон набояд шумурд. Гурдия бо таассуф мегӯяд, ки ту сухани ман намешунавӣ, дар ҷавоби ман факат «тундию бадхӯӣ» мекунӣ. Гурдия мақолеро меорад, ки тақрибан дар ҳамон сиға дар истеъмол мондааст: «Ки бошад сухан гуфтани рост талх». Хоҳар ба Баҳром зинҳор мекунад, ки «Макун ройи вайронии шаҳри хеш». Таъкид мекунад, ки: «Набуд аз таборат касе тоҷвар». Гурдия талқин мехоҳад кунад, ки Баҳром даъвои подшоҳӣ нанамояд. Аз Худою қиёмат ҳам метарсонад ва зорӣ мекунад, ки ба Хусрав носипосӣ накунад. Гурдия чун бонуи оқила дар бораи хуруҷи Ҳурмузди IV ба муқобили Баҳром тафсири худро дорад. Гурдия хулоса мекунад, ки соҳиби тахт касе мешавад, ки фарр дошта бошаду шаҷараи подшоҳӣ. Баҳром насиҳатро намепазираду мегӯяд: «Валекин кунун кор аз ин даргузшт» [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.48].

Эпизоди V. Ин эпизод ба мавзуи машварати Хусрав бо сипаҳдорону мӯбадон ва умуман, бо эрониён ва муҳорибаи ҳалкунандаи Хусрав бо Баҳром бахшида шудааст. Дар машварат Хусрав таъкид мекунад, ки ба лашкари Баҳроми Чӯбина шабехун хоҳад зад. Маслиҳати шабехунро бо Густаҳму Биндӯю Гурдӯй мекунад. Густаҳм пешниҳоди шабехунро қабул намекунад. Вале Гурдӯй розӣ мешавад, ки шабехун сурат гирад. Сарфи назар аз чораҳои пинҳон доштани шабехун, корагоҳони Баҳром хабар мерасонанд, ки Хусрав шабехун хоҳад кард.

Баробари расидани хабар Баҳром шаш ҳазор шамшерзан ихтиёр мекунад ва фармон медиҳад, ки «ба ҳангоми бонги хурӯс» ба ҷанг ворид шаванд. Дар қатори ҷанговарон се турки сарафрози пешрав ҳам буд.

Роҷеъ ба нуктадонии Фирдавсӣ месазад ангушти ҳайрат газид. Ҳакими Тӯс таъкид кардааст, ки «институти легионерҳо» ҳеҷ не дар замони Сосониён ҳам вуҷуд дошт. Он гурдони турк, ки асирони Баҳроми Чӯбина буданд, бо камоли омодагӣ дар тарафи Баҳром меҷангиданд. Гӯё, ки пеш аз ин дар тарафи Совашоҳ ё Пармуда ба муқобили Бахром ҷанг намекарда бошанд. Ин мисол то ин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» ягона аст. Вале дар сарчашмаҳои дигар чунин далолатҳо ба назар мерасанд. Ишора карда будем, ки Табарӣ навишта буд, ки Анӯшервон ҳама қавми сулро бикушт, ба истиснои «ҳаштод тан аз гурдон», то аз онҳо дар набардҳо истифода барад [Табарӣ 1979-2, с.33]. Ба гумони мо, образи легионерҳо дар адабиёти форсу тоҷик ба жанрҳои дигари адабӣ, аз ҷумла лирикӣ, ҳам гузашта, то дерҳо инъикос ёфтааст.

Ҷанги сахте доир мешавад ва дар ин муҳориба андаке монда буд, ки Хусрав кушта шавад, зеро:

Сипоҳаш ҳама пушт баргоштанд,
Ҷаҳонҷӯйро хор бигзоштанд [Фирдавсӣ М.1971-9, с.44].

Хусрав дар чунин ҳолати яъсовар аз он ба таҳлука меафтад, ки ҷавон асту фарзанд надорад ва агар кушта шавад, мулк бесоҳиб мемонад. Хусрав мехоҳад сипоҳе аз Тахор сафарбар шавад. Дар ҳамин асно Баҳром бо «аждаҳофаш дирафш» ба корзор медарояд. Чун сипоҳи Тахор мерасад, лашкари Баҳром ё ҷузъе, ки бо ӯ буд, шикаст мехӯрад. То ҳадде, ки аспи Баҳроми Чӯбина аз зарби тири камони Хусрав аз пой меафтад ва Баҳром таҳти хатари ҳалокат аз пули Наҳравон мегузарад. Хусрав пули Наҳравонро сар то сар пора мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.58]. Наҳравон шабакаи каналҳои обрасонӣ ва обёрӣ аз асри VI то асри X буд. Ин шабака обрасонии Бағдодро ҳам дар замони хилофати Аббосӣ бо об таъмин мекард.

Эпизоди VI. Ин эпизод ба гурехтани Хусрав ба Рум вобаста мебошад. Хусрав ба назди падар меояду аз ноомади кор шикоят мекунад. Арз мекунад, ки:

«Зи ман бозгаштанд яксар сипоҳ» ва «Ҳама шоҳ хонанд Баҳромро» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.59]. Барои ислоҳи вазъият ва наҷоти подшоҳӣ Хусрав маслиҳат мепурсад, ки ба тозиён мурочиат кунад. Ҳурмузд маслиҳат намедиҳад, ки ба арабҳо мурочиат шавад, балки маслиҳат медиҳад, ки ба назди қайсари Рум равад. Хусрав дар мурофиқати Густаҳму Биндӯй роҳи Румро пеш мегирад. Ин ду сарлашкар дар бораи ояндаи кор мегӯянд, ки Баҳроми Чӯбина ҳамин ки ба айвони шоҳ мерасад, тахту точро ба Ҳурмузд бармегардонад ва чун дастури ӯ мамлакатро идора мекунад. Ба қайсар аз номи шаҳрёр номае менависад, ки Хусрав гурехтааст ва: «Набояд, ки ором гирад ба Рум». Пешниҳод мекунад, ки румиён Хусравро асир гиранд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с. 62].

Дар нигориши Фирдавсӣ, Хусрав паймудани роҳи Румро танҳо давом медиҳад. Ҳамраҳони вай – Густаҳму Биндӯй ба айвони шоҳ тоб мехуранду нахуст бо тири камон Ҳурмуздро мекушанду сипас меовезанд. Фирдавсӣ дар чаҳор байт ба марги Ҳурмузд сӯгворӣ ҳам гуфтааст, ки хусусияти анъанавӣ дорад. Боз Густаҳму Биндӯй ба Хусрав ҳамроҳ мешаванд ва аз роҳи биёбон ба тарафи Рум ҳаракат мекунанд.

Баҳроми Чӯбина ба айвони шоҳ мерасад ва сипоҳи гузидае: «Зиреҳдору шамшерзан шаш ҳазор» сихтиёр намуда, таҳти фармондеҳии Баҳроми Сиёвуш аз паи шоҳаншоҳ мефиристад. Хусрав ва ҳамраҳони ӯро ба дайре, ба ибораи Фирдавсӣ, «яздонсаро»-е мерасонад, ки он ҷо ҳам сакубо (епископ) намоз мегузошту ҳам мутрон (архиепископ). Пас аз хӯроки серӣ бо майи хурмо, Хусрав мехоҳад андаке хоб равад. Вале ҳамин вақт, баромадани гарди сиёҳе, ки яқинан ба наздик расидани сипоҳи Баҳром метавонист далолат кунад, гурезагонро дар ҳолати номумедӣ мегузорад. Гурезагон дар рӯёрӯи хатари марг бечора мемонанд. Биндӯй дар чунин вазъ пешниҳод мекунад, ки Хусрав тоҷи зару камарбанду ҳама либоси шоҳонаро ба ӯ диҳаду худ гурезад.

Сипас Биндуй ба «сақаф» (епископ) мегӯяд, ки ба роҳибон ба тори кӯҳ паноҳ баранд ва худ дар даруни дайр либоси шоҳонаро пӯшида, дари оҳанинро сахт мекунад. Вақте Биндӯй бовар мекунад, ки он сипоҳ ӯро аз подшоҳ фарқ

накарданд, либоси худро пӯшида, ба болои боми дайр мебарояд ва мегӯяд, ки ман мехоҳам бо солори шумо пайғоми шоҳи ҷаҳонро расонам.
Солори сипоҳ, ки Баҳроми Сиёвуш буд, худашро шинос мекунад. Биндӯй чанд рӯз бо ваъдаҳо, ки подшоҳ ба назди Баҳроми Чӯбина хоҳад рафт, андармон менамояд ва ниҳоят эълон мекунад, ки Хусрав кайҳо ба Рум паноҳ бурдааст. Бо ин қавл ӯ худашро ба Баҳроми Сиёвуш таслим мекунад, то ба пеши Баҳроми Чӯбина барад. Баҳроми Чӯбина сахт дар ғазаб мешавад ва ниҳоят ба пойи Биндӯй завлона зада, чун асир нигоҳ медорад.

Баҳроми Чӯбина анҷумани машвартӣ доир мекунад. Мурочиати Баҳром ба аъён то ҳадде анъанавӣ нест. Масалан, ҳамд надорад. Ӯ якбора ба мавзуъ мегузарад ва мегӯяд, Заҳҳок бадтарини подшоҳон буд, ки аз баҳри шоҳӣ падарро кушт [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.73]. Дигар, мегӯяд, ки Хусрав падарро бикушту худ ба Рум паноҳ бурд, акнун касеро мебояд аз «тухми меҳон» ихтиёр кард, то: «Ба ҷой оварад роҳу расми каён» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с. 73].

Яке аз аъён, ки Фирдавсӣ Шаҳронгурозаш мегӯяд «номзадии» Баҳромро пешниҳод мекунад. Баъд аз ӯ сипаҳбуди Хуросон сухан мегирад ва мегӯяд, ки бо ҳама хидматҳои Баҳром яке «достон аст нағз», ки Зардушт дар Устову Занд гуфтааст. Моҳияти қавл ҳамин, ки ҳар кас, ки аз Кирдгори баланд бипечад, ба як сол пандаш диҳед [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.74]. Сипас Фаррухзод ба тарафдории Баҳром раъй медиҳад. Хазарвони Хусрав вазнро ба палаи дигари тарозу мегузорад. Мегӯяд:

Зи кори гузашта ба пӯзиш гарой,
Суйи тахт густох манмой пой,
Ки то зинда бошад ҷаҳондор шоҳ,
Сипаҳбуд набошад сазовори гоҳ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.74-75].

Меҳтари дигар, ки Фирдавсӣ Родфаррухаш мегӯяд, мехоҳад аз сухан гуфтани меҳтарон хулосаҳое кунад. Хулосаи якум ин аст, ки шаҳрёр шудани паҳлавоне қобили қабул нест, зеро ки: «Хирадманд напсандад ин гуфтугӯй» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.76]. Ӯ ақидаи Хазаровони Хусравро пурра пуштибонӣ мекунад: «Ки гуфтори ӯ бо хирад ёр буд».

Баҳром аз чунин суханҳо ошуфта мешавад ва дар ин асно «ҷаҳондида Синор» ба сухан медарояд ва инсофан гузинаеро пешниҳод мекунад, ки метавонист қобили қабул бошад. Ӯ мегӯяд, дар чунин вазъият то пайдо шудани «касе аз нажоди каён» беҳтар мебуд, то Баҳроми Чӯбина ба тахт нишинад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.77]. Баҳром пас аз шунидани ин ҳама мулоҳизаҳо дар атрофи подошоҳӣ теғ аз миён бармекашад ва:

Чунин гуфт: Аз тухми шоҳон зане

Агар боз ёбем дар барзане,

Бибуррам сарашро ба шамшери тез,

Зи ҷонаш барорам дами растахез.

Намонам, ки кас тоҷдорӣ кунад,

Миёни саворон саворӣ кунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.78].

Анҷуман чандон ба некӣ ба поён намерасад:

Пароканда гашт он бузург анҷуман,

Ҳама рух пурожангу дил пуршикан [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.79].

Эпизоди VII. Ин эпизод воқеаи ба тахт нишастани Баҳромро инъкос мекунад. Бо фаро расидани шаб Баҳром қаламу қиртос хоста, дабирро даъват мекунад ва мефармояд, ки «...аҳде зи эрониён, / Бибояд навиштан бар ин парниён» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.79]. Аҳд дар нигориши Фирдавсӣ ҳамагӣ дар ду байт омадааст. Дар байти якум мантиқан эрониён таъкид мекунанд:

Ки Баҳром шоҳ асту пирӯзбахт,

Сазовори тоҷ асту зебои тахт.

Дар байти дуюм Баҳром мантиқан ваъда медиҳад, ки:

Наҷӯяд ҷуз аз ростӣ дар ҷаҳон,

Чи бар ошкоро, чи андар ниҳон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.79].

Пагоҳи рӯз Баҳром ба тахт менишинад ва тоҷи каёниро ба сар мениҳад. Меҳоне, ки даъват шуда буданд, яксар гувоӣ навиштанд, ки «Баҳром шуд шаҳрёри ҷаҳон» ва мувофиқат намуданд, ки агар ҳазор сол ҳам гузарад, шаҳрёр аз тухмаи Баҳром хоҳад буд.

Ин рӯйдод, ба таъкиди Фирдавсӣ, дар моҳи озар рух дода буд. Сипас Баҳром, чунонки ба сарлашкар мезебад, чунин масъала мегузорад, ки агар дар миёни эрониён пархошу кин ҷой дошта бошаду бо Баҳром ҳамдостон набошанд, метавонанд то се рӯз дар Эрон бимонанд ва рӯзи чорум ба Рум, ба назди Хусрав биравaнд. Рафтору кирдори Баҳром ризои меҳтаронро ба миён намеоварад ва онҳо роҳи марзи Румро пеш мегиранд.

Эпизоди VIII. Дар ин эпизод боз яли хирадманди чорасоз Биндӯй, ки Хусравро аз марг наҷот дода буд, зуҳур мекунад. Биндӯй, ки зери назорати Баҳроми Сиёвуш дар зиндон буд, муваффақ мешавад, ки Баҳроми Сиёвушро низ фиреб диҳад. Нахуст ӯ талқин мекунад, ки аз шоҳи Эрон, яъне Хусрави Парвиз умедашро наканад. Биндӯй боз талқин мекунад, ки ба Баҳром Чӯбина тоҷу тахт дер насиб намекунад. Бар чӣ пояе мулоҳиза баён мекунад, ки то ду моҳ аз Рум сипоҳи анбуҳ ба ёрии Хусрав хоҳад расид. Баҳроми Сиёвуш ба суханони Биндӯй бовар мекунад ва ба тавалло меафтад, ки агар Хусрав омад, ту ҷони маро бихар, то ба хидмати ӯ гузарам. Биндӯй ба Устову Занд қасам мехурад, ки ин корро хоҳад кард.

Ҳамин тавр, Баҳроми Сиёвуш нахустин солори сипоҳи Баҳром мешавад, ки ба сарлашкар ва инчунин, шаҳрёри ҷаҳон, ки нухбагони Эрон қабулаш надоштанд, мехоҳад хиёнат кунад. Баҳроми Сиёвуш ҳатто мегӯяд, ки ӯ ба заҳроби шамшер дар базмгоҳ метавонад Баҳроми Чӯбинаро бикушад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.83]. Биндӯйи кордида мегӯяд, ки агар ту ба хидмати Хусрав гузаштан хоҳӣ, пойи маро аз банд озод кун. Баҳроми Сиёвуш ин корро мекунад. Ӯ сипас ба Биндӯй мегӯяд, ки имрӯз Баҳроми Чӯбина чавгон хоҳад зад. Ва мо панҷ ёрон андешидаем, ки сипаҳсолорро бикушем. Ба ривояти Фирдавсӣ:

Зане буд Баҳроми ялро на пок,
Ки Баҳромро хостӣ зери хок [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.84].

Мантиқан ин Баҳром Баҳроми Сиёвуш аст. Он зан хабари сӯиқасди Баҳроми Сиёвушро ба Баҳроми Чӯбина мерасонад. Дар чавгонбозӣ чун Баҳроми Чӯбина мебинад, ки Баҳроми Сиёвуш зери пироҳани чавгонбозӣ зиреҳ пӯшидааст, «шамшери кин» бармекашад ва ӯро ба қатл мерасонад. Бо шунидани

хабари кушта шудани Баҳроми Сиёвуш ҳама пайвандони ин паҳлавону Биндуй аз Мадоин фирор мекунанд.

Эпизоди IX. Ин эпизод ба тафсили фирори Хусрав ба сӯи Рум бахшида шудааст. Хусрав низ бо лашкаре аз роҳи биёбон меравад ва ба шаҳре мерасад, ки Фирдавсӣ Боҳала мегӯяд. Дар ин шаҳр ӯро бузургони шаҳр пешвоз мегиранд. Дар ҳамин асно «наванде» аз Эрон мерасад, ки аз Баҳроми Чӯбина номае ба меҳтари Боҳала дошт. Дар нома Баҳроми Чӯбина тақозо карда буд: «Ки гар лашкар ояд, макуншон яла», зеро ба зудӣ сипоҳи ман ба шаҳри ту хоҳад расид. Чун меҳтари шаҳр номаро ба Хусрав манзур мекунад, шоҳаншоҳ аз шаҳр меравад. Дар пеши оби Фурот бо корвоне дучор меоянд. Сорбон Хусравро мешиносад. Мегӯяд ман Қайс ибни Ҳорисам аз озодагони араб. Ба суханони Хусрав, ки ӯву ҳамраҳонаш хаста шудаанду тӯшаи роҳ ва бору буна ҳам надоранд, Қайс саховати хосси арабӣ мекунаду гов мекушад ва Хусраву ҳамраҳони ӯ: «Бихӯрданд бе нон фаровон кабоб» [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.90]. Чаро бе нон? Зеро одатан дар корвонҳо хамиру пухтани нон тақрибан маъмул набуд. Баъд аз ин Хусрав ба ҳамраҳони худ муроҷиат карда мегӯяд, ҳар касе ба мо умед дорад, хабараш диҳед, ки агар гуноҳе ҳам карда бошад, бахшида шудааст. Хусрав аз он марди тозӣ давоми роҳро мепурсад ва он марди тозӣ олиҳимматӣ ҳам мекунад, ки гӯшту оби сипоҳи Хусравро раҳ то раҳ таъмин хоҳад кард. Шутури тездавро ҳам ҷудо мекунад, ки савори шутур дар биёбон роҳро ба Хусрав нишон диҳад.

Дар роҳ боз бо корвони дигар рӯбарӯ мешаванд, ки аз Форс буд, аз Ардашерхурра. Хусрав аз ин бозаргон, ки номашро Фирдавсӣ Меҳронситод мегӯяд, низ тӯша тақозо мекунад. Пас аз тановули таом ва нӯшидани шароб Хусрав давоми роҳи сипоҳро мепурсад. Дар ҳамин печи сюжет Харроди Барзин боз падидор мешавад.

Вақте ки сипоҳ ба марзи Рум ворид мешаваду ба шаҳристоне мерасад, бошандагони шаҳристон дарвозаро мебанданд. Сипоҳу Хусрав се рӯз дар берун мемонанд. Рӯзи чорум Хусрав одам мефиристад, ки мо андак ҳастем, хатаре ба шумо таҳдид намекунад ва таом тақозо менамояд.

Дар ҳамин ҷойи ривоят боз як унсури ғайриоддие зуҳур менамояд. Боди сахте мехезаду борони сахт меборад, ки дар натиҷа як қисми девори шаҳристон фурӯ меравад. Ин ҳолат руҳониёни шаҳрро ба таҳлука меандозад ва онҳо баромада аз Хусрав узр мепурсанд. Хусрав чун ҷойи ободро пайдо мекунад, муддате меистад ва ба қайсар номае «Аз он боду борону абри сиёҳ» менависад. Сипас Хусрав ба шаҳристони дигар, ки Фирдавсӣ Монӯй мегӯяд, мерасад. Дар ин шаҳр «...ҳар кӣ бедор буд, хирадманду роду ҷаҳондор буд, аз ҷумла, сакубову (епископ) роҳибон аз подшоҳ гарм истиқбол мекунанд.

Аз Монӯй, ки Хусрав се рӯз мемонад, ба шаҳри Авреғ раҳсипор мешавад. Дар он ҷо ҳам чалепо (каниса) буду ҳам бемористон. Берунтар аз роҳ дайре буд. Хусрав ба наздики дайр омада, овоз медиҳад ва аз роҳиб хоҳиш мекунад, ки барояд. Роҳиб Хусравро мешиносад ва мегӯяд, ки ту аз тахти падар «зи дасти яке бадкуниш бандае» маҳрум шудаӣ. Хусрав иқрор намешавад ва мегӯяд: «Ки ман кеҳтареам зи эронсипоҳ» ва супориш дорам, то номаеро ба қайсар расонам. Роҳиб ба Хусрав таъкид мекунад, ки ту шоҳӣ ва накӯҳиш, ки:

Набояд дурӯғ эч дар дини ту,<br>На кажжӣ бувад роҳу оини ту [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.97].

Дар чунин печи сюжет Хусрав мехоҳад пӯзиш пурсад, вале роҳиб исрор мекунад, ки пӯзиш макун. Роҳиб толеи Хусравро мекушояд. Мегӯяд: «Ки Яздон туро бениёзӣ диҳад», қайсар бошад, духтарашро ба ту хоҳад дод. Душмани ту шикаст мехурад ва ниҳоят, ба фармони ту кушта мешавад. Хусрав мепурсад, ки кай подшоҳӣ ба ман боз хоҳад гашт. Роҳиб муддати бозгашти подшоҳиро ба Хусрав «даҳ бо ду моҳ» ва боз «даҳу панҷ рӯз» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.98] пешбинӣ мекунад. Ба саволи Хусрав: «...аз ин анҷуман кӣ кӯшад ба ранҷу ба озори ман», роҳиб ҷавоб медиҳад, ки ин мард Бастом аст, тағои ту мебошаду номашро Густаҳм кардааст. Густаҳм қасам мехурад, ки ҳамеша ба Хусрав содиқ хоҳад монд ва Хусрав ба ин пешгӯии роҳиб эътибор намедиҳад [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.98].

Эпизоди Х. Вақте Хусрав ба шаҳре, ки Фирдавсӣ Вареғаш мегӯяд, мерасад, саворе аз назди қайсар меояд. Савор паёми шифоҳии қайсарро мерасонад, ки

барои Хусрав ҳама шароитро фароҳам хоҳад овард. Хусрав як ҳайъате иборат аз Густаҳм, Болӯй, Андиён, Харроди Барзин ва Шопур ташкил намуда, супориш медиҳад, ки ба назди қайсар раванд, то вазъияти Хусравро фаҳмонанду суханони қайсарро шунаванд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.101]. Ба Харроди Барзин мефармояд, ки ба қайсар паёме омода кунад. Паём бояд «суханҳои кӯтоҳу маънӣ басе дошта бошад ва дар он «ёфае» роҳ наёбад. Ба Болуй супориш медиҳад, ки ба «паймону савганду пайванду аҳд», ки қайсар шояд ба миён гузорад, ҷавоби шоиста диҳад. Таъкид ҳам мекунад, ки: «Бад-он анҷуман ту забони манӣ» [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.103].

Ҳайати меҳтарони эронӣ бо риояи оини пазируфтани чунин ҳайатҳо, аз ҷумла фиристодани сипоҳ, пешвоз гирифта мешавад. Ҳайатро қайсар қабул мекунад. Харроди Барзин рост истода номаи Хусравро манзури қайсар менамояд. Нома дар нигориши Фирдавсӣ дар 14 байт омадааст. Дар нома пас аз ҳамди Офаридгор, агар офаридани Каюмарсро аз хок, ба карами Парвардгор расидани подшоҳӣ ба Фаридун, ташаккул ёфтани тухмаи каёниёну то ба сари Кайқубод расидани «тоҷи бузургӣ» ба инобат гирем, дар ҳашт байт омадааст [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.104-105]. Таъкид мешавад, ки то ин вақт ба сари ин дудмон ҳеҷ бадӣ наомада буд.

Ин ки беш аз панҷсад сол ин дуда пас аз юриши Искандар ва давлатддориҳои мулуки тавоиф ҳеҷ нишоне надошт, дар ин ҷойи «Шоҳнома» инъикос нашудааст. То ин, ки Бобак марзбони Форс пиндори Сосонро наофарид ва шаҷараи Сосони асри III-и мелодиро ба Баҳмани Исфандиёри нимафсонавӣ нарасонд. Шаҷараи Сосониён мантиқан ба Доро, ки Искандар кушт, наметавонад расад, вале дар хотираи таърихӣ «гузинаи» дигар нест. Муаллифони худойномаҳо, пасон Фирдавсӣ ва муаллифи «Корнома», муаллифони сарчашмаҳои ғайри арабӣ-мусулмонӣ, аз ҷумла Агафий ва Мовсес Хоренатси, шубҳа накардаанд, ки Сосон хуни подшоҳӣ дошт ва аз дудаи каёниён буд.

Сипас Барзин арз мекунад, бандае, ки сазовор нест, ба тахт нишастааст. Рӯирост ҳам мегӯяд, ки қайсар Хусраву тарафдорони ӯро аз балои Баҳром наҷот диҳад. Меафзояд, ки мо дар гирди ҷаҳон овора шудем. Қайсар аз шунидани

паёми Хусрав сахт ошуфта мешавад. Ин ҳолати равонӣ дар «Шоҳнома» тақрибан дар як қолабе тасвир меёбад. Рухсораи қайсар чун гули шанбалид мешавад, чеҳрааш пур аз жола мегардад, яъне ашк мерезад ва забону равонаш пур аз нола мегардад [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.104-105].

Дар ҷавоби Харроди Барзин қайсар таъкид мекунад, ки Хусравро аз хешовандонаш наздиктар медонад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.105]. Баъд аз ин дар 136 байт тафсилоти мукотибаи қайсару Хусрав меояд, ки оқибат ба аҳднома навиштани Хусрави Парвиз тамом мешавад. Аҳднома дар 52 байт омадааст.

Эпизоди XI. Дар номаи нахустини ин силсила, ки аз ҳафт байт иборат аст, қайсар Маврикий (582-602) ба Хусрав ҳам кӯмаки молиявӣ, ҳам кӯмаки низомӣ ва ҳам аслиҳа ваъда медиҳад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.107]. Сипас қайсар бо мӯбад танҳо мемонаду мегӯяд, ки ин додхоҳ, яъне Хусрави Парвиз мехоҳад аз паноҳи мо баҳравар бошад. Қайсар маслиҳат мепурсад, ки чӣ мебояд кард?

Месазад гуфт, ки «мӯбад» дар «Шоҳнома» вобаста ба қайсарони Рум ва хоқонони турк (Чин) маънии зардуштиро надорад. Мӯбад дар ин мавридҳо ба эҳтимоли қавӣ вазир аст. Ин мӯбад, ки Фирдавсӣ раҳнамояш ҳам мегӯяд, маслиҳат медиҳад, ки қайсар файласуфонро даъват кунад, то онҳо дар ҳалли масъала кӯмак расонанд. Чор нафар файласуфони пиру ҷавон ҳозир мешаванд ва мегӯянд, ки пас аз вафоти Искандар пайваста аз эрониён ранҷ мебинем. Онҳо ғорат мекарданд ва хуни бағайри ҳақҚ мерехтанд. Чун Яздони пок ба ивази кирдори бадашон рӯзи бад овардааст:

Яке хомӯшӣ баргузин з-ин миён,
Чу шуд кундрав бахти Сосониён [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.108].

Қайсар дар асоси маслиҳати ин мушовирон қароре қабул намекунад, вале номае ба Хусрав менависад. Нома, эҳтимол ба гузаштаи муносибатҳои Эрону Рум бахшида шуда буд, ки чун Хусрав бо он нома шинос мешавад, сахт ошуфта мегардад. Хусрав ба пайк мегӯяд, ба қайсар бирасонад, ки агар қайсар ба фарёди Хусрав нарасад, ӯ ба наздики хоқон кас хоҳад фиристод. Ба ҳамин мазмун номае ҳам менависад ва бо саворе, ки Тухор ном дошт, мефиристад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.108-110]. Қайсар пас аз хондани нома ба дастур мефармояд, то машварте

ороста шавад. Меафзояд, ки ба хоқон рӯй овардани Хусрав ба маслиҳати Рум намебошад. Ниҳоят, кор ба ахтаршиносон ҳавола мешавад. Ситорашумар фоли зеринро мегӯяд, ки Хусрав сию ҳашт сол подшоҳӣ хоҳад кард. Қайсар боз маслиҳат мепурсад, ки чӣ метавон кард ва боз таъкид менамояд, ки сӯйи хоқон рафтани Хусрав аз маслиҳат намебошад. Эрон душман мешавад. Маврикий салоҳ медонад, ки ганҷ сарф кунаду сипоҳ – ёрии низомӣ ба Хусрав фиристад, то аз ранҷ эмин бимонад. Ба ин маънӣ як номаи дарозе ҳам менависад. Номаи қайсар ҳамд надорад. Дар нома гуфта мешавад, ки қайсар дари ганҷҳоро мекушояд ва сипоҳи лозима ороста, ба ихтиёри Хусрав мегузорад. Дар баробари ин Маврикий, ба Хусрав якояк ёдрас мекунад, ки лашкари Эрон чӣ харобиҳое ба Рум овард. Бедодии сахтро раво дида буд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.113]. Баъд ба гузоштани шартҳо мегузарад. Нахуст, Хусрав бояд таъкид намояд, ки аз румиён бож талаб намекунад. Дигар, гузаштаро фаромӯш мекунем, аз ҷумла аз кини Эраҷ сухан намегӯем, то: «Аз он пас яке бошад Эрону Рум». Аммо пеш аз ин шарти асосие, ки Маврикий мегузорад чунин мебошад, ки ба тақозои вай аҳдномае баста шавад. Беш аз ин қайсар духтари худро ба Хусрав, мувофиқи оини насронӣ, манзур мекунад. Яке аз ҳадафҳои ин кор ҳамин аст, ки:

Бидон, то чу фарзанд қайсарнажод
Бувад, кини Эраҷ наёрад ба ёд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.115].

Ба ривояти Фридавсӣ, хоқони Чин (турк) ҳам духтари худро ба Анӯшервон манзур карда буд. Маврикий моҷарои Фирӯз ва Хушнавозро ҳам ёдрас мекунад, ки дар натиҷа Фирӯз кушта шуда буд. Номаи Маврикий дар фаровад чанд насиҳат ҳам ба Хусрав дорад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.116-117].

Баробари расидани номаи Маврикий Хусрав анҷуман меорояд ва хабар медиҳад, ки қайсар:

Ҳаме роҳ ҷӯяд, ки дерина кин
Бибуррад зи Руму зи Эронзамин [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.117].

Эрониён чунин мавқеи қайсарро сахт пуштибонӣ мекунанд. Сипас Хусрав танҳо дабирро даъват намуда, номае менависонад. Дар нома Хусрав «уҳдадор» мешавад, ки агар ӯ подшоҳ бошад, на аз дорандагони Рум бож хоҳад, на ба он

марзу бум лашкар фиристад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.116-118]. Дигар менависад, тамоми шаҳристонҳои Румро, ки Эрон гирифта буд, бозпас медиҳад. Ва инчунин, духтари қайсарро низ ба занӣ қабул мекунаду мегӯяд, ки бо сипоҳ ҳамроҳи Густаҳму Шопуру Андиёну Харроди Барзин бифиристад. Сипас дар нома Хусрав шаҷараи худро аз Каюмарс то Ҳурмузи IV канда-канда ёдрас мекунад. Номаи Хусрав ба Маврикий ба аъёни дарбор писанд меафтад[Фирдавсӣ Д.1966-9, с.121].

Эпизоди XII**.** Мазмуни ин эпизод ва эпизоде, ки пас аз ин меояд, то ҷое ба мазмуни эпизоди VIII (X) дар боби подшоҳии Баҳроми Гӯр ва эпизоди XV дар боби Анӯшервон монандӣ дорад. Ростӣ, то ҳол мо нафаҳмидем, ки ин ду эпизод, дар «номаи шоҳон» чӣ бори маъноӣ мекашад, вале мулоҳизае метавонем пешниҳод кард, ки чунин ба назар «содарафториҳо» дар сулуки подшоҳон, ки характери меъёрӣ (канон) ҳам пайдо кардааст, ҳикмате дорад.

Рӯзи дигар Маврикий ба «найрангсоз» мефармояд, то тилисме бисозад, ки кушодани он осон набошад. Мехоҳад бо ин роҳ эрониёнро биозмояд. Тилисм дар шакли зани нозанине сохта мешавад, ки гап намезанад, вале гоҳ-гоҳ даст ба мижгон мебараду дар ҳасрати ҳазрати Исо оби дида мерезад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.122].

Қайсар нахуст Густаҳмро даъват мекунад ва мегӯяд, ки ин зан духтари ман аст. Ба шавҳараш додам, вале шавҳараш бимурд, бинобар ин, ӯ гиря мекунад. Густаҳм аз кушодани тилисм оҷиз мемонад. Рӯзи дигар се нафари дигари сафирони Хусравро даъват мекунад ва онҳо низ аз гуфтани ҷавоб оҷиз мемонанд. Ниҳоят, Қайсар ба Харроди Барзин, ки ӯро чун «гузини сари тухмаи Ардашер» сифат мекунад, муроҷиат мекунад. Харрод пас аз муоинаи он пайкар дармеёбад, ки он тилисм асту ҷисми беҷон. Ба Қайсар арз мекунад, ки онро барои имтиҳони эрониён сохтаанд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.127].

Эпизоди XIII. Маврикий боз бо кушодани тилисми дигар мехоҳад Харроди Баризинро озмоиш кунад. Мегӯяд дар айвон яке хонае дорам:

Чу бинӣ надонӣ, ки он банд чист,
Тилисм аст ё кардаи эзадист [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.127].

Дар он хона пайкараи саворе истода буд. Харрод ба қайсар арз мекунад, ки ин аспу савор ба расми ҳиндувон муносибат дорад. Сипас дар ҷавоби қайсар Харрод чанд сухан дар бораи Ҳинд ва оини он мегӯяд. Қайсар ба нақли Харрод, ки гӯё ҳиндуён худсӯзӣ мекунанд, то ба покизагӣ бирасанд, тааҷҷуб мекунад ва чанд нуктае аз фазилати дини масеҳӣ, макорими ҳазрати Исо ва ношоистагиҳои оин ва рафтори эрониён зикр менамояд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.129-130]. Харрод дар ҷавоб оҷизӣ намекашад ва аз фазилати подшоҳони эронию оини зардуштӣ чанд нуктаро таъкид мекунад. Ин озмоиш бо инъом фармудани қайсар ба Харрод тамом мешавад.

Эпизоди XIV. Ин эпизод боз печи сюжетро ба рӯйдодҳои сиёсӣ бармегардонад. Маврикий «сад ҳазор» сипоҳиро интихоб намуда, ба ихтиёри Хусрав вогузор мекунад. Рақами «сад ҳазор» метавонад рақами воқеӣ бошад ва ё ба бисёр будани шумори сипоҳ далолат кунад. Ҳамроҳи сипоҳ, ки бо аслиҳа, маблағ ва аспони ҷангӣ таъмин буд, духтараш Марямро низ мувофиқи аҳкоми шариати насронӣ мефиристад. Масъулияти нигоҳубини Марям дар роҳ ба Густаҳм вогузор карда мешавад, то он бонуро ба «оини шоҳон» ба Хусрав супорад [Фирдавсӣ Д. 1966-9, с.132]. Сипас Маврикий мефармояд, то ба Хусрав номае нависанд. Дар нома, ки дар ҳафт байт омадааст, қайсар танҳо фазилати фиристодагони Хусравро таъкид кардааст. Баъд аз ин бо фоли ситорашумар то се манзил Марямро гусел менамояд ва дар манзили чорум чунин насиҳат ҳам мекунад:

Бад-ӯ гуфт, то марзи эрониён
Нигаҳ дору макшой банд аз миён.
Бараҳна набояд, ки Хусрав туро
Бубинад, ки коре расад нав туро [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.134].

Ҳамроҳи духтар бародараш Ниётусро низ чун сарлашкар мефиристад. Хусрав аз расидани сипоҳи Рум басе хурсанд мешавад. Сипас Ниётусро даъват менамояд, то тартиби лашкарро муқаррар кунанд. Ниётус ҳафтод мардро ихтиёр мекунад ва ҳар яке аз онҳоро фармондеҳи ҳазор «гузида саворони ханҷаргузор» таъйин менамояд.

Эпизоди XV. Ин эпизод ба оғози бевоситаи талошҳо барои бозгардонидани подшоҳӣ бахшида шудааст. Рӯзи ҳафтум ё ҳаштум лашкар ба тарафи Озарбодагон ҳаракат мекунад. Хусрав фармондеҳии лашкарро ба Ниётус месупорад. Дар мавзее аз миёни лашкар ду гурд, ки яке аз онҳо тағои Хусрав буд, ба саропардаи подшоҳ наздик мешаванд. Ба саволи Хусрав, ки ин ду гурд, кӣ бошанд, Густаҳм ҷавоб медиҳад, ки яке аз инҳо бародари вай Биндуй мебошад.

Ин ҷо Хусрав фоли роҳиби румиро ба ёд оварда, мехоҳад Биндӯйро бикушад. Вале чун Биндӯй нақл мекунад, ки барои наҷоти Хусрав чӣ корҳо кардааст, афв мешавад. Дар ин пора, дар матни Фирдавсӣ, чунин ба назар мерасад, ки ду ном омехта шудаанд. Роҳиби румӣ Густаҳмро бадхоҳи Хусрав гуфта буд. Сипас Хусрав аз роҳи дашт ба зиёрати оташкадаи Озаргушасп меравад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.140].

Дар ин миён Баҳроми Чӯбина чун аз бозгашти Хусрав хабар меёбад, ба Доропаноҳи дабир мефармояд, то ба «меҳтарони сутург» номаҳо нависад. Шумори меҳтарони сутург панҷ нафар зикр шудааст: Густаҳм, Биндуй, Гурдуй, Шопур ва Андиён. Баҳром даъват мекунад, ки ба ӯ пайванданд.

Номаҳоро Баҳром бо худи Доропаноҳ, ки Фирдавсӣ «фиристодае чораҷӯй» мегӯядаш, ба сурати бозаргон ба даргоҳи Хусрав мефиристад. Он фиристода аз ҳайбати лашкари Хусрав ба воҳима меафтад ва аз тарс ҳама номаҳоро ба худи Хусрав манзур мекунад. Хусрав як ҳилаи корагар ба кор мебарад ва мефармояд, ҷавоби номаҳоро нависанд. Дар номаҳо аз номи он «меҳтарони сутург» навишта мешавад, ки мо шарики Хусрав намебошем ва чун лашкари ту ба ин марзу бум расад:

Ҳама пок шамшерҳо баркашем,
Ба ҷанг андарун румиёнро кушем [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.145].

Хусрав бо ваъдаҳои калон ба Доропаноҳ мефармояд, то номаҳоро ба Баҳром бирасонад. Баҳроми Чӯбина ба доми ин фиреб меафтад. Баҳром насиҳати мушовиронро, ки ба замини бегона ба ҷанг наравад, қабул намекунаду лашкар мекашад. Чун лашкар ба ҷойи разм мерасад, фармондеҳони содиқи Баҳром – Ялонсинаву Эзадгушасп низ бо вазъияти аскарӣ шинос шуда, ба хулоса меоянд,

ки ҷанг ба фоидаи онҳо шояд набошад. Вале дер шуда буд, ҷанг сар мешавад. Баҳроми Чӯбина шахсан дар муҳориба иштирок мекунад. Аммо Хусрав ва ёрони ӯ: Ниётусу Биндӯю Густаҳм аз тори кӯҳе мавқеъ мегиранд ва набардро назорат менамоянд. Кӯт, яке аз гурдони румӣ аз миёни сипоҳ берун мешавад ва ба назди Хусрав омада даъво мекунад, чӣ гуна ҷанг карданро ба эрониён нишон медиҳад. Ялонсина Баҳромро огоҳ менамояд: «Ки омад яке дев чун пили маст». Баҳром ба ҷанги Кут ворид мешавад ва дар ниҳоят ин паҳлавони румиро мекушад. Аз кушта шудани Кут румиён то ҷое ошуфта мешаванд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.153].

Барои дигар кардани рафти муҳориба гурӯҳи даҳҳазораи сипоҳи Рум ба ҳамла мегузарад. Боз кори румиён омад намекунад ва тақрибан ҳамаи ин гурӯҳ кушта мешавад. Куштагонро боло болои ҳам мечинанд, ки дар натиҷа: «Тале гашт бар сони кӯҳи баланд». Он тали мурдагонро Баҳромчид номида буданд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.153].

Эпизоди XVI. Хусрав ба хулосае меояд, ки агар румиён чунин ҷанг кунанд, ҳама нобуд мешаванд. Аз ин рӯ, ба Саргис, яке аз саркардагони румӣ мефармояд, ки рӯзи дигар ҷангиёни румиро сафарбар накунад. Дар чунин вазъияти ногувор Хусрав чунин фармон содир мекунад:

Ба эрониён гуфт: фардо ба ҷанг
Шуморо бибояд шудан бедиранг [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.153].

Пас аз ин бевосита ҷанги сипоҳи эронии Хусрав бо лашкари Баҳроми Чӯбина шуруъ мешавад. Хусрав тартиби саф оростани лашкарро ба дасти худ мегирад. Баҳром чун румиёнро дар ҷанг намебинад, ҳолати равонии ӯ дигар мешавад. Баҳром савори пил то майманаи лашкари Хусрав ҳаракат мекунад, то бо яке аз паҳлавонони шоҳаншоҳ – Шопур вориди набард шавад. Чун Баҳром овози Хусравро мешунавад, танҳо савори пил ба қалби лашкар, ки шоҳаншоҳ он ҷо буд, равона мешавад. Сарфи назар аз тирборони сахт ва бекор шудани пил, дар тасвири Фирдавсӣ, Баҳром ғолиб меояд, то ба муҳорибаи паҳлавони дигар Гурдуй бирасад. Дар ниҳояти набард, Баҳром аз идомаи ҷанг бо Биндуй (Гурдуй) даст мекашад.

Хусрав мехоҳад бе ёрии сипоҳи румӣ Баҳромро шикаст диҳад ва вазифа мегузорад, ки кушта шудан беҳтар аст, то меҳтар будани як бандаро таҳаммул кунад. Худи Хусрав низ дар қатори он чордаҳ паҳлавон ба ҷанг ворид мешавад. Баҳроми Чӯбина бо як ғурур мегӯяд, ки ин сипоҳ аз бист тан беш нест ва бас аст, ки мо чор нафар бо онҳо ҷанг кунем. Вақте Хусрав Баҳроми Чӯбинаро мебинад, мегӯяд, ки бо Баҳром худи ӯ ҷанг хоҳад кард. Лашкари Рум таҳти фармондеҳии Ниётус ба баландие мебароянд, то корзорро назорат кунанд. Дар гирубидори ҷанг бо Баҳром Хусрав рӯ ба гурез мениҳад. Ба ҷое мерасад, ки: «Паси пушт шамшеру аз пеш санг». Хусрав тақдири худро ба Худо ҳавола мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.163].

Дар ҳамин печи сюжет, дар нигориши Фирдавсӣ, ба матни ҳамоса боз як унсури ирратсионалӣ ворид мешавад. Ин унсур Суруши фаришта, ки ҳамон Sraosha-и зардуштӣ мебошад. Аммо дар «Шоҳнома», бино ба пажӯҳиши Ғазанфарӣ вазифаи Суруш андаке дигар аст. Ӯ ғолибан паёмовар аст, чун ҳазрати Ҷибраил дар оини яҳудӣ, насронӣ ва мусулмонӣ [Ғазанфарӣ 2023, с.8]. Ҷавҳаран дар ин пораи матни «Шоҳнома» ин фаришта ҳамон нақшеро иҷро мекунад, ки «фарри каён» барои Ардашер карда буд. Мисле ки таваллои Хусрав ба осмонҳо расида бошад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.163].

Фирдавсӣ Сурушро савори аспи хинг тасвир менамояд ва меафзояд, ки фаришта Хусравро ба ҷойи бехатар мебарад ва мегӯяд, ки зораву лоба накунад. Суруш ба Хусрав чунин таъкид намуда, нопадид мешавад:

Ту з-ин пас шавӣ дар ҷаҳон подшо,
Набояд, ки бошӣ ҷуз аз порсо.
Бад-ин зудӣ андар ба шоҳӣ расӣ,
Бад-ин солиён бигзарад ҳашту сӣ.

Дар асли матни интиқодии Душанбе байти дувуми ин иқтибос оварда нашудааст. Аммо дар поварақи ҳамин иқтибос ин байт ба гунаи: «Бад-ин зудӣ андар ба шоҳӣ расӣ, / Бар ӯ солиён бигзарад бисту сӣ» ишора шудааст [Фирдавсӣ 1966-9, с.164]. Байт чандон муваффақ ба назар намерасад, зеро агар ба ибораи «бисту сӣ», ки мантиқан ба муддати подшоҳии Хусрав далолат мекунад, эътибор

дода шавад, муддати подшоҳиро гӯё Суруш панҷоҳ сол гуфта бошад. Чунин рақам дар матнҳои «Шоҳнома» ва ҳама сарчашмаҳои мавриди истифодаи мо зикр нашудааст.

Хусрав бо хотири болида ба назди румиён, ки маъюс шуда буданд ва Марям, ки рӯйканӣ ҳам карда буд, бармегардад. Баҳроми Чӯбина чун фариштаро мебинад, ба як ҳолати ошуфтагӣ меафтад, вале ба худаш қавл медиҳад, ки аз ҷанг даст намекашад. Хусраву Баҳром ҷангро идома медиҳанд. Баҳром «Ба хок афганам номи Нӯшинравон»-гӯён ба муҳориба ворид мешавад. Дар тасвири Фирдавсӣ, кори Баҳром омад намекунад. Бо пешниҳоди Биндуй, Хусрав мефармояд, «мунодигаре» ба миёни ду лашкар дарояд ва ҷор занад, ки ҳар кӣ аз сипоҳи Баҳром таслим шавад, гуноҳаш бахшида мешавад. Мурочиат таъсир мекунад, то ҷое ки ба тирашабон шумори қобили мулоҳизаи сипоҳи Баҳром ба тарафи Хусрав мегузарад.

Баҳроми Чӯбина ба қароре меояд, ки аз корзор ақибнишинӣ кунад. Хусравро фирори Баҳром хурсанд намекунад. Подшоҳ се ҳазор ҷангиёнро ихтиёр менамояд, то Баҳром ва сипоҳи андаки ӯро таъқиб кунанд. Баҳром ва ҳамраҳони ӯ «ба бероҳ» ҳаракат мекунанду ташнаву гушна ба хонаи пиразане мерасанд. Пиразан таоми кашкин ва май ҳам ба хоҳиши Баҳром медиҳад. Чун Баҳром аз хабарҳои атроф мепурсад, пиразан мегӯяд, ки атрофро хабари ҷанги Баҳром гирифтааст. Пиразан Баҳромро маҳкум мекунад, ки дев чашми ӯро хира кардааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.171].

Дар давоми роҳи гурез Баҳром ба найистоне мерасад, ки он ҷо: «Басе андар ӯ мардуми найдарав» буданд ва онҳо Баҳромро огоҳ мекунанд, ки: «Фаровон сипоҳ аст пеш андарун». Баҳром найистонро оташ мезанад, то сипоҳи Хусравро бисӯзад. Настуҳ, фармондеҳи сипоҳи Хусрав ба дасти Баҳром меафтад. Настуҳ зинҳор мехоҳад, ки Баҳром ӯро накушад. Баҳром ҳамин тавр ҳам мекунад ва мефармояд, ки: «Зи ман ҳар чӣ дидӣ, ба Хусрав бигӯй». Сипас Баҳром ба Рай мерасад ва пас аз чанде роҳи хоқони туркро пеш мегирад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.174].

Эпизоди XVII. Хусрав пас аз ошноӣ бо ҷойи ҷанг бо Баҳром намоз мегузораду шукри Яздон мекунад. Сипас чун ба пардасарои худ мерасад, ба «раҳнамой» (вазир) мефармояд, ки дабирро даъват кунад. Мефармояд, то ба қайсар дар бораи он разму размгоҳ нома нависад. Нома дар ҳафт байт омадааст. Хусрав мегӯяд, ки ниҳоят Баҳром шикаст хӯрду рӯ ба гурез ниҳод.

Чун нома ба қайсар мерасад, ӯ ба шукронаи пирӯзии Хусрав садақаҳо мекунаду мефармояд ба нома ҷавоб нависанд. Ин бор ҳам дар номаи қайсар ба Хусрав маъниҳои насиҳат инъикос ёфтаанд. Қайсар бо ҳадяҳои фаровон ба Хусрав сафорате мефиристад. Чун қоида дар сафоратҳои қайсар аз файласуфони румӣ чаҳор тан низ буданд.

Чун сипоҳи Рум қасди бозгашт мекунад, Хусрав ба Харроди Барзин мефармояд, ки аразгаҳ (ведемость) бисозу девонро талаб кун ва ба тамоми румиён ду баробар подош муқаррар гардон. Ба Ниётус хилъату аспи сазовору чанде гавҳар ҳам инъом мекунад. Инчунин:

Ҳар он шаҳр к-аз Рум бистуд Қубод,
Чи Ҳурмуз, чи Кисрои фаррухнажод,
Ниётусро доду бинвишт аҳд,
Бар он ҷоми ҳанзал пароганд шаҳд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.183].

Дар ин бора Хусрав паймоне ҳам менависад, зеро аз нигоҳи сиёсӣ ва низомӣ илоҷи дигар ҳам надошт.

Эпизоди XVIII. Хусрав ба даруни Эроншаҳр қадам мениҳад. Ӯ аз чанд масофа «Пиёда ҳамерафт дида пур об», то оташкадаи Озаргушаспро зиёрат кунад. Як ҳафта, ба қавли Фирдавсӣ, Устову Занд тиловат мекард, рӯзи ҳаштум чун ҷашни Сада фаро мерасад, Хусрав садақаҳо мекунад ва ба шаҳри Андев равон мешавад ва дар айвоне, ки Анӯшервон он ҷо бино карда буд, таваққуф менамояд. Мефармояд, то мӯбад ҳозир шавад ва ба расми гузаштагон як маншуре нависад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.184]. Ин корро ҳамон Биндуй кадхудоӣ мекард. Хусрав Хуросонро ба Густаҳм медиҳад. Доробгирду Истахр насиби Бурзмеҳр мешавад. Шаҳри Кирмонро ба Андиён медиҳанд. Ҷое, ки аз он Фирдавсӣ ном набурдааст, ба Гурдуй мерасад. Шаҳри Чоч ба Болуй дода мешавад. Маълум

нест, ки оё Чоч дар охири асри VI тахти итоати Сосониён буд ё не. Марде бо номи пури Тухоро хазинадори шоҳаншоҳӣ таъйин мешавад. Харроди Барзинро сарпарасти ҳама меҳтарон эълон мекунад. Бо лашкариён низ муруввате карда мешавад ва онҳо низ ба идораи марзҳое гумошта мешаванд. Сипас мунодигаре чанд дастурҳои Хусравро паҳн мекунад. Аз ҷумла, ба дод (адолат) содиқ будан, хуни бағайри ҳақ нарехтан ва ҳушдори анъанавӣ, агар касе аз лашкариён ранҷ бинад, дар ин дунё ба дор овехта мешавад, дар он дунё ба дӯзах меравад, ба ганҷури подшоҳии минтақаҳо фармон мешавад, ки ба бенавоён либосу хӯроквории бидиҳанд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.184-185].

Эпизоди XIX. Ин пораи «Шоҳнома» марсия аст ва чун тақрибан дусаду панҷоҳ байти ҳамосаи миллӣ, ки ҷой-ҷой дар ситоиши султон Маҳмуд гуфта шудааст (ба истиснои «Ҳаҷвнома»-и мансуб ба Фирдавсӣ), ба номаи шоҳон пайванди бевосита надорад. Марсияро шоир дар вафоти писари ҷавонмарги сиюҳафтсолааш гуфтааст. Он, ки Фирдавсӣ илова ба духтараш писаре ҳам дошт, ҳеҷ ҷойи шубҳа надорад. Ба иттифоқи орои муҳаққиқон, ин писар дар шасту панҷсолагии Фирдавсӣ вафот кардааст.

Марсия бидуни муболиғаҳои сӯзу гудоз, ки хосси ин жанр аст, гуфта шудааст. Ба ин маънӣ, ки шоир аз сабки шоҳномасароӣ набаромадааст. Хонанда дар ҳаждаҳ байт шоҳиди баёни рӯйдоде мешавад, ки воқеъбинона суруда шудааст. Шоир аз худованд металабад, ки равони писарро раҳмат кунад ва ҳама гуноҳҳои ӯро биёмурзад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.187-188].

Эпизоди XX. Фирдавсӣ пас аз марсия бе ҳеҷ «гурез» ба бозгуфтани достони Баҳроми Чӯбина бо хоқони Чин мегузарад. Чин дар гуфтори Фирдавсӣ ба маънии ҷуғрофии Хитой нест. Ва худи шоир ҳам гӯё ба ҳамин нукта таъкид мекунад. Ӯ дар бораи Баҳром менависад: «Ки чун ӯ суйи шаҳри туркон расид...» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.188]. Баҳромро даҳ ҳазор паҳлавонону меҳтарони турк, аз ҷумла писару бародари хоқону вазир, пешвоз мегиранд.

Дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» шумораҳо чун қоида ба рақами воқеӣ далолат намекунанд. Манзараи пешвоз гирифтани худи хоқон чунин тасвир шудааст: Хоқон аз ҷой мехезад, Баҳромро мебӯсаду рӯяшро ба дастонаш сила

мекунад. Баҳром дасти хоқонро ба даст гирифта, арз мекунад, ки аз таъқиби шоҳаншоҳ Хусрав ҷойи халосӣ нест. Пешниҳод мекунад, ки хоқон дасти ӯро бигираду Баҳром ёри хоқон шавад. Агар ин кор ба хоқон душворӣ кунад, Баҳром ба ҷои дигар меравад, масалан, ба Ҳиндустон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.189]. Хоқон ба Баҳром паноҳ ва имтиёзҳо медиҳад, ҷойи истиқомат ва шароити шоиста муҳайё мекунад. Аз ин ҷойи бахши «Подшоҳии Хусрави Парвиз»-и «Шоҳнома» моҷароҳои Баҳром дар Чин сар мешаванд. Ду эпизоди баъдина ба корнамоии Баҳроми Чӯбина бахшида шудааст. Баъд аз ин чор эпизоди дигаре меояд, ки тақрибан зиёда аз сесад байти он ба фарҷоми фоҷиавии Баҳроми Чӯбина ва кӯшиши ҳуҷуми вай ба Эронзамин робита мегирад. Саранҷом чунин ҳолат пеш меояд, ки Харроди Барзин Қулунро, ки аз тангдастиҳо раҳонида буд, ба куштани Баҳром моил месозад. Мегӯяд, ту ба Марв бояд равӣ, бо ҳамон либоси ҷандаи худ ва танҳо корде бо худ дошта бошӣ. Ба моҳе, ки хоҳӣ расид, баҳромрӯзро интизор шав, яъне рӯзи бистуми моҳро, зеро, Баҳром ин рӯзро рӯзи шум медонад, бинобар ин, мехоҳад танҳо бошад. Чун расидӣ, бигӯй, ки аз хотун паёме дорӣ ва ӯ фармудааст, ки он паёмро ба гӯшат гӯям. Агар чунин кор даст диҳад, корд бизану шиками Баҳромро чок кун. Қулун ба Баҳром корд мезанад ва бо ҳама шиканҷа намегӯяд, ки ба дастури кӣ кушт [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.223-225].

Эпизоди XXI. Дар ин эпизод, ки ҳолати назъи равони паҳлавони ростин, сарлашкари тавоно Баҳроми Чӯбинаро инъикос мекунад, шевани хоҳараш Гурдия ҷонгудозтар садо додааст. Гурдия рӯйкану мӯйкан мерасаду гиря оғоз мекунад. Пас аз гиряҳову нолаҳо Гурдия ба хулосае мерасад, ки:

Ғарибему танҳову бе дӯсту ёр,
Ба шаҳри касон-дар бимондем хор [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.225].

Сипас Гурдия ба маломат мегузарад, ки гуфта будамат, шохи вафодориро ба Сосониён аз бун макан. Баҳром дар ҳолати назъи равон дар ҷавоб иқрор мекунад, ки: «Маро низ бероҳ кард деви палид» ва таъкид, ки тақдир чунин будааст. Баҳром сипоҳро ба Ялонсина месупорад ва хоҳиш мекунад, ки Гурдияро зору танҳо нагузорад. Мефармояд, ки ба Хусрави Парвиз бипайванданд. Мегӯяд ба Гӯрдӯй расонед, ки кохи маро дар Рай вайрон кунаду:

«Маро дахма дар шаҳри Эрон кунед». Ба назари мо, ин ҷо бори аввал эҳтимол Рай ба сифати «шаҳри Эрон», яъне чун яке аз марказҳои боаҳаммият ва дорои нуфуз зикр шуда бошад.

Дар дами марг Баҳром мефармояд, дабир ҳозир шавад ва номае ба хоқон менависад. Дар нома аз хоқон илтимос мекунад: «Ту ин мондагони маро шод дор» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.229]. Сипас ба хоҳараш насиҳатҳо мекунаду ҷон медиҳад. Мурдаро ба оини зардуштӣ кафан мекунанду хушбӯиҳо мерезанд. Фирдавсӣ дар марги Баҳром сӯгворие намегӯяд.

Эпизоди XXII. Чун хабари кушта шудани Баҳром ба хоқон мерасад, ба қавли Фирдавсӣ, тамоми Чин мотам мегирад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.231]. Хоқон мефармояд, то аз пайи ҷустани гунаҳкорони ин фоҷиа шаванд. Нахуст, хоқон хонумони Қулун ва ду фарзанди ӯро месӯзонад. Хотунро ҳам, ки сабабгори фоҷиа низ буд, уқубат мекунад, вале намекушад. Сипас мефармояд аз пайи ҷустани Харрод шаванд. Харрод муваффақ мешавад, ки бигурезад ва то ба ҳузури Хусрав бирасад. Хусрав хабари кушта шудани Баҳромро аз дасти «пиртурке» ба аъёни мамлакат мерасонад ва инчунин, ба қайсар нома менависад. Ба марги Баҳром:

Ба як ҳафта маҷлис биёростанд,
Ба ҳар барзане рӯду май хостанд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.232].

Чунин иқдоми подшоҳи пирӯзро метавон танҳо чун таҳқири оини муқаддас тасаввур кард. Дар бахши Искандару Ашкониёну Сосониёни «Шоҳнома» мурдаро хор надоштаанд. Дар марги мурда то сӣ рӯзу чил рӯз сару по бараҳна, бо либоси сиёҳу кабуд азо мегирифтанд. Тӯю сури саросари мамлакат, ки Хусрави Парвиз дар мурдаи Баҳроми Чӯбина кардааст, ба назари мо, ба ҳеҷ доираи ахлоқ намеғунҷад.

Эпизоди XXIII. Хоқон ба подоши хидматҳои Баҳром раво мебинад, ки фарзанди ӯро, ки наберааш мебошад, ба парасторӣ гирад ва ба Гурдия нома ҳам нависад. Хоқон даъват мекунад, ки Гурдия кадхудои хона, яъне ҳамсари ӯ шавад. Гурдия дар ҷавоби нома вақтро сазовор намедонад ва барои посухи ниҳоӣ чор моҳ вақт мехоҳад, то азодорӣ кунад. Сипас Гурдия бо паҳлавонон дар Марв

машварат мекунад ва мегӯяд, ки хоқон ӯро хостааст ва меафзояд, ки Баҳром пас аз мурдани падар маро «ду даҳ сол» парасторӣ кард. Мегӯяд, ки ӯ аз ин пешниҳоди хоқон дилпур нест. Мисоле ҳам меорад, ки Сиёвуш чун бо Афросиёб пайваст, оқибат кушта шуд. Мулоҳизае мегӯяд, месазад, ки мо пинҳонӣ аз туркон ба Эрон бозгардем. Мегӯяд, ман ба Гурдуйи ял нома навиштам, ки бар шоҳаншоҳ нияти моро бирасонад. Ялону паҳлавонон ба фикри Гурдия мувофиқат мекунанд. Сипас Гурдия аразро даъват намуда, шароити молиявӣ дуруст мекунад ва ба қавли Фирдавсӣ, як ҳазору саду шаст ял интихоб намуда, мефармояд:

Бибояд, ки то сӯйи Эрон шавем,
Ба наздики шоҳи далерон шавем [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.239].

Зеро: «Ба Тӯрон ғарибему бе пушту ёр». Гурдия бо сипоҳи содиқи эронӣ аз анбӯҳи лашкари турк фирор мекунад. Хабари фирори Гурдия ва сипоҳи вай ба хоқон мерасад. Хоқон фармон медиҳад, ки аз пайи Гурдия шаванду корро ба хушӣ ҳал кунанд Агар нашавад, иҷозат медиҳад, фирориёнро нобуд кунанд. Сипоҳи шашҳазораи турк дар рӯзи чорум то ба сипоҳи Гурдия мерасад. Гурдия пешниҳоди фармондеҳи сипоҳи туркон Тувургро, ки аз Марв ҷое наравад, қабул намекунад. Ӯ либоси ҷангии бародарашро пӯшида, ба ҷанг ворид мешавад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.242]. Гурдия дар ҷанги тан ба тан Тувургро мекушад ва эрониён ҳама лашкари Чинро нобуд мекунанд. Сипас Гурдия ба Гурдуй, ки Фирдавсӣ бародараш мегӯяд, нома менависад ва мегӯяд, ки ба Хусрави Парвиз бирасонад, ки ӯ дар Омӯй ҷой гирифтааст. Гурдия изҳори умед мекунад, ки шояд толеаш баландӣ кунаду посухи подшоҳ биёяд. Ӯ бовар ҳам дорад, ки на ба ӯ ва на ба номвар меҳтарон, ки бо ӯ мебошанд, газанде нахоҳад расид.

Эпизоди XXIV. Пас аз кушта шудани Баҳроми Чӯбина осоиш ва оромие подшоҳиро фаро мегирад. Аммо ин оромии Хусрав дер давом намекунад. Рӯзе Хусрав бештар май менӯшаду мефармояд, ки ба қасоси куштани падараш – шоҳаншоҳ Ҳурмузди IV Биндуйро банд ва дасту пояшро:

Бибурред, то ӯ ба хуни каён
Чу бедаст бошад, набандад миён [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.246].

Биндӯй, тағои Хусрав, ки шоҳро ҳангоми гурез ба Рум аз марг наҷот дода буд, «пур аз хун равонаш ба Яздон супурд» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.246].

Сипас Хусрав фиристодаеро бо нома ба Хуросон, ба назди Густаҳм мефиристад ва мефармояд, ки ба дарбор ҳозир шавад. Густаҳм аз иҷрои фармон сар мепечад, зеро пай ҳам бурда буд, ки Хусрав ӯро: «Ба кини падар кард хоҳад табоҳ» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.247]. Густаҳм даст ба исён мезанад. Баъд аз ин сипоҳи Гурдия ва сипоҳи Густаҳм ба ҳам наздик мешаванд. Густаҳм дар вохӯрӣ бо Гурдия мегӯяд, ки Хусрав аз паҳлавонони ту – Эзадгушаспу Ялонсина қасос хоҳад гирифт, зеро онҳо ёрони Баҳроми Чӯбина буданд. Бинобар ин, изҳори ақида мекунад, ки:

Аз ӯ ҳар кӣ донад-ш парҳез беҳ,
Гулӯи варо дашнаи тез беҳ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.249].

Гурдия аз ин ақида ошуфта мешавад, вале бо пешниҳоди Ялонсина Густаҳмро ба шавҳарӣ қабул мекунад. Хусрав аз ҷуфт шудани Густаҳму Гурдия ба ташвиш меафтад. Подшоҳ мегӯяд, ки дили Гурдияро бояд ёфт. Ба Гурдуй мефармояд, номае нависанд. Дар нома подшоҳ мегӯяд, ки агар ту Густаҳмро аз байн бибарӣ, ман ҳама сипоҳи туро мебахшам ва ҳама кинае, ки байни мо буд, зудуда мешавад. Ба маслиҳати Гурдӯй номаро хоҳар ва зани ӯ ба Гурдия мебаранд. Гурдия, ки Фирдавсӣ нобокзанаш сифат мекунад, зани Гурдӯй ва маслиҳати подшоҳро хуш қабул мекунад. Шабона бо ёрии панҷ нафар Густаҳмро, ки ҳушёр набуд, мекушад.

Сипас Гурдия ба Хусрав номае менависад. Дар нома таъкид мекунад, ки фармони шоҳаншоҳро иҷро кардааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.256]. Гурдия бо сипоҳ ҳисобу китоб мекунаду ба наздикии шаҳри шоҳ, яъне Мадоин меояд. Ӯро сипоҳе истиқбол мекунад. Хусрав ба никоҳи зардуштӣ Гурдияро ба занӣ мегирад. Бо гузашти ду ҳафта Хусрав мефармояд, ки Гурдия ҳунари ҷангии худро намоиш диҳад. Гурдия асп ва ҳама абзори ҷангиро талаб мекунад. Ҳама ба тамошои ҳунарнамоии Гурдия мераванд.

Дар ҳамин ҷойи бахши Сосониён бори аввал номи Ширин зикр мешавад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.258]. Гурдия ҳунарҳои шоистаи ҷангӣ нишон медиҳад.

Ширин шояд ҳасад мебарад ва Хусравро огоҳ мекунад, нашавад, ки хуни бародараш ба ёдаш бирасад. Хусрав ин мулоҳизаро ҷиддӣ қабул намекунад. Хусрав Гурдияро нигаҳбони алоқа бо ҳар чор солор – амирони минтақаҳои шоҳаншоҳӣ таъйин мекунад.

Ширин, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик чун намунае ҷилвагар мешавад ва дар рисолаи паҳлавии «Моҳи фарвардин рӯзи хуршед» чун яке аз уъҷубаҳои дарбори Хусрави Парвиз ба қалам дода шудааст, дар рафтор чанде костагиҳо дошт, ки мо ба он баъдтар ишора хоҳем кард. Роҷеъ ба нажод ва эътиқоди динии Ширин мо аз фикри муллифони мақолаи «Баррасии зодгоҳи Ширин» пуштибонӣ мекунем. Онҳо ба хулосае омадаанд, ки Ширин ба нажод арманӣ буд, на эронӣ ва на румӣ. Ширин гаравидаи оини насронӣ буд [Покдил, 2015, с.17]. Насронӣ будани Ширин, эҳтимол, дар назди меҳтарони эронӣ хабари муҳаққақ буд. Бино ба нигориши Табарӣ, мутрони несторианӣи Марв дар бораи Яздгирди Шаҳрёр ақида дошт, ки Шаҳрёр падари Яздгирди III писари Ширин ва Ширин насронӣ буд [Табарӣ 1979-4, с.300].

Эпизоди XXV. Ин эпизод чандин далолатҳо дорад ва шояд пеш аз ҳама, аз он далолат кунад, ки шоҳаншоҳ то ҷое кинаҷӯ тасвир шудааст. Агар ду тағои худро ба хуни падараш Ҳурмуз кушта бошад, ин ҷо гӯё Хусрав ҳеҷ наметавонад таҳаммул кунад, ки номеву нишоне аз Баҳроми Чӯбина вуҷуд дошта бошад. Дар базме, ки Гурдия ҳам бо бихрадону бузургону размоварда радон май хӯрда буд, ҷоме меоранд, ки дар он номи Баҳром навишта шуда буд. (Ин нукта, ки Гурдия баробри «бихрадон», яъне аркони давлат ва аъёни дарбор май мехӯрад, боз ҳам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин бону, дар ҳақиқат, «нобокзан» будааст). Ба фармони Хусрав ҷомро пора-пора мекунанд. Ва чун Баҳроми Чӯбина зодаи Рай буд, подшоҳ мефармояд, ки бо пилони ҷангӣ:

Ҳама мардум аз шаҳр берун кунанд,
Ҳама Рай ба пай дашту ҳомун кунанд [Фирдавсӣ М.1971-9, с.190].

Вазир ин вайрониро маслиҳат намебинад, зеро Рай шаҳри бузурге буд. Хусрав мефармояд ба Рай марзбоне ёбанд, ки ба зиштрӯию зиштхӯӣ ва кӯтоҳназарӣ назир надошта бошад. Чунин шахсро меёбанд ва Хусрав ӯро

марзбон таъйин мекунад. Марзбон мефармояд, ҳама новдонҳоро бикананду ҳам гурбаҳоро бикушанд. Ичунин, ба табақаи дорои шаҳр тазйиқ меорад. Дар натиҷа, он шаҳри ободяксара хароб мешавад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.264].

Дар моҳи фарвардин, дар базме бар рӯйи сабза Гурдия гурбаи оростаеро меорад. Гурба бозиҳое мекунад, ки хандаи шоҳ мегирад. Подшоҳ мепурсад, ки ту бо ин кор чӣ мехоҳӣ? Гурдия тақозо мекунад, ки Хусрав Райро ба ӯ бахшад. Хусрав розӣ мешавад. Гурбаи оростаро дар ин эпизод метавон бо андак эҳтиёт бо он шарҳ дод, ки марзбони Рай ба иллати ғояти аблаҳӣ фармуда буд, ки ҳама гурбаҳоро низ бикушанд.

Эпизоди XXVI. Хусрав чун Анӯшервон ислоҳоти маъмурие мегузаронад, ки ба мустаҳкам кардани имкониятҳои мудофиавии марзҳои шоҳаншоҳӣ нигаронида шуда буданд. Пеш аз ин ӯ як сипоҳи сарҳадии корозмуда ихтиёр мекунад. Аз ин сипоҳ «даҳу ду ҳазор» ба марзи Рум, «даҳу ду ҳазор» сӯи Зобулистон, дувоздаҳ ҳазори дигар ба Бохтар ва боз ҳамин шумор сипоҳӣ ба сӯи Хуросон фиристода мешаванд. Дар тасвири Фирдавсӣ ва дигарон, Хусрави Парвиз ба тарафи биёбонҳои нопайдоканори соҳилҳои рости Фурот – макони зиндагии кӯчии арабҳо сипоҳе ҷудо намекунад. Он ки ба яқин пас аз соли 591 Хусрави Парвиз барои ҳимояи марзҳои ҷанубу шарқии шоҳаншоҳии Сосонӣ (нимҷазираи Араб ва Байнаннаҳрайн) сипоҳе ҷудо намекунад, бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин шоҳаншоҳ давлатмард набуд. Ӯ бо дастгоҳи садҳосолаи корогаҳон натавонист, нирӯи рӯ ба ташаккули арабро дар лаҳзаи ҳассоси таърихӣ пешбинӣ кунад.

Хусрав тартиби зидагии худро низ ба чаҳор бахш тақсим мекунад. Яке, маълумоти мӯбадро меомӯхт. Дигар, ба базм дода мешуд. Сеюм, ибодат мекард. Чаҳорум, бо ситорашиносон толеъ мешинохт. Хусрав моҳро ҳам ба чор тақсим карда буд. Яке чавгонбозию шикор, дуюм, шатранҷу нард, сеюм, донишмандонро даъват мекард, то «суханҳои дерина»-ро бихонанд, чаҳорум, фиристодагонро қабул мекард ва мефармуд ба номаҳои онҳо ҷавоб нависанд. Баъд аз ин корҳо Хусрав чанде хайру саховат мекунад ва боз куштани ҳама ёрони Биндую Густаҳму Зангуйро давом медиҳад.

Эпизоди XXVII. Ин эпизод бештар ба муносибатҳои Эрону Рум вобаста мебошад. Дар оғоз ривояти ба дунё омадани Ширӯя аз духтари қайсар ба риштаи назм кашида шудааст. Ба қавли Фирдавсӣ, духтари қайсар дар соли шашуми подшоҳии Хусрав писар таваллуд мекунад. Чун «набуд он замон расми бонги намоз», яъне ба гӯши кӯдак азон гуфтан расм набуд, вале, эҳтимол, дар оини зардуштӣ расме будааст, ки ба гӯши кӯдак падар як ном мегуфта ва номи дигар номи ошкорои кӯдак мебудааст. Ҳамин тавр, номи ниҳонии кӯдакро Хусрав Қубод ва номи ошкорои ӯро Ширӯя гуфтааст, [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.271].

Хусрав ба ахтаршиносон муроҷиат мекунад, то аз толеу тақдири кӯдак фол бубинанд. Ситорашумар фоли бад мегӯяд, чунончи: «Аз ин кӯдак ошӯб гирад замин [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.271]. Хусрав ба ситорашумар сахт таъкид мекуанад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ таъбири фолро, ки навишта шуда буд, ба ҳеҷ кас нагӯяд. Подшоҳ сахт ба андеша фурӯ меравад ва тақрибан тарки корҳои подшоҳӣ, аз қабили ба шикор рафтану базмҳо оростан мекунад. Меҳтарон ба мӯбад муроҷиат мекунанд, ки чӣ шуда бошад? Мӯбад ба ҳузури шоҳ иҷозат мегирад. Хусрав сирри таъбири фолро ба мӯбад ошкор мекунад. Мӯбад чун он навиштаро мебинад: «Дилаш танг шуд, хомӯшӣ баргузид», вале изҳор мекунад, ки подшоҳ ба Худо таваккул кунад [Фирдавсӣ М.1971-9, с.199]. Хусравро ин насиҳат қонеъ мекунад ва ӯ боз ба корҳои дунявӣ бармегардад.

Эпизоди XXVIII. Ин эпизод ба достони Хусрав ва Ширин бахшида шудааст. Оғози достон мантиқан ба муносибати шоир ба султон Маҳмуд бастагӣ дорад.

Фирдавсӣ ҳаҷми номаи бостонро чунин таъин кардааст:

Бувад байт шаш бор бевар ҳазор,
Суханҳои шоиставу ғамгусор [Фирдавсӣ Т.2018-8, с.210].

Дар чопҳои Душанбе ва Маскав ба ҷойи калимаи «байт» вожаи «бист» омадааст, ки, зоҳиран, саҳеҳ наменамояд. Бинобар ин, мо яқин дорем, ки Ҷалол Холиқии Мутлақ дар хондани садри байти иқтибос муваффақтар будааст, ки қавли ӯро интихоб кардем. Ин рақам, яъне шаст ҳазор байт дар ҷойи дигари «Шоҳнома» ва баъзе сарчашмаҳо ҳам мегузарад. Байти дигаре, ки пас ин меояд,

маънии «набишта ба абёт сад бор сӣ»-ро таъкид мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.286], ки то ҷое, эҳтимол, ба воқеияти достони Хусрав ва Ширин метавонад рост гирад.

Фирдавсӣ Хусравро чандон ба сифатҳои ҳамида тасвир накардааст. Чунончи:

Чу Парвиз нопок буду ҷавон,

Падар зиндаву пур чун паҳлавон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.287].

Ӯ ҳангоми зиндагии Ҳурмузд сарлашкаре буд, аммо аз занон: «Варо бар замин дӯст Ширин будӣ». Дар оғози подшоҳӣ чун Хусрав ба разми Баҳроми Чӯбина андармон буд ва шояд бино ба ҳамин сабаб «Зи Ширин ҷудо буд як рӯзгор». Ширин низ ба Хусрав сахт дилбастагӣ дошт: «Шабу рӯз гирён будӣ хубчеҳр» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.288].

Дар ҳамин ҷойи бахши Сосониёни «Шоҳнома» шояд тасвири чанде муфассалтари хароҷоти ба шикор рафтани шоҳаншоҳ омада бошад. Вақте хабари омадани сипоҳ дар шикоргоҳ ба Ширин мерасад, ӯ ба пешвози Хусрав худашро сахт зебу зинат медиҳад ва хеле гила аз ҷудоӣ ҳам мекунад. Хусрав мефармояд, ки Ширинро ба «мушкӯй» (ҳарамсаро)-и заррин баранд ва чиҳил ходими румиро гумошта ҳам мекунад, то дар хидматаш бошанд. Баъд аз як бори шикор Хусрав ба мӯбад мефармояд, ки «ба оини пешин» Ширинро ба никоҳи ӯ дарорад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.292].

Муаллифони сарчашмаҳо, аз ҷумла Саолибӣ, Ширинро олиҳаи ҳусн ба қалам медиҳанд [Саолибӣ 1963, с.691]. Бо ин ҳама, дар рафтори ӯ нишонаҳое зоҳир мешаванд, ки ба чунин тасаввур нуқс мегузоранд. Ширин наметавонад аз балои рашк худро бираҳонад. Чун Хусрав ба Марям, духтари қайсар эътибори бештар медиҳад, Ширин мушавваш мешавад. Аз ин рӯ, Ширин ба қавли Фирдавсӣ, ба Марям заҳр медиҳад ва Марям пас аз як соли дарду ранҷ вафот мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.296]. Саолибӣ низ инкор намекунад, ки ба Марям Ширин заҳр дода буд [Саолибӣ 2014, с.340].

Дар ин миён писари Марям – Ширӯя шонздаҳсола мешавад ва Хусрав ба мӯбаде мефармояд, ки ба тарбияи писар машғул шавад. Вале ба мушоҳидаҳои

мӯбад, дили Ширӯя ҳамеша ба бозӣ гарм буд ва дар ин бозиҳои нишонаҳои фоли мунаҷҷим дида мешуданд. Он мӯбад ин нишонаҳоро ба мӯбади мӯбадон мерасонад, то ӯ ба подшоҳ арз кунад. Хусрав қарор мекунад, ки бо омода намудани ҳама шароити айшу нӯш Ширӯя дар қасри худаш ба «зиндон» (ҳабси хонагӣ) гирифта шавад. Ба нигаҳбонии ин вазъи Ширӯя Хусрав чиҳил мардро гумошта ҳам мекунад. Дар чунин печи хати инкишофи сюжет бо баъзе фарқҳо тақдири Ширӯя тақдири писари Анӯшервон – Нӯшзодро ба хотир меорад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.296-298].

Эпизоди XXIX. Ин эпизод дар бораи бино намудани тоқи Дис ҳикоят мекунад. Хусрави Парвиз ҳаждаҳ хостаи нодир ва беназир дошт, ки подшоҳони дигар гӯё надоштанд. Дар нашри Меҳрии Боқирӣ аз ин хостаҳо нахуст номи Ширин меояд. Сипас, номи тахти тоқи Дис оварда мешавад. Севум, зикри аспи Хусрав – Шабдиз. Чорум, аз Накисо (Саркаш, Саргис) – хунёгари номии Хусрав ривоят шудааст. Панҷум. баъд аз Накисо сухан дар бораи Борбади Ромишгар меравад. Баъд аз ин шашум, ганҷҳои Хусрави Парвиз зикр мешаванд. Дар нигориши Фирдавсӣ, Хусрав соҳиби ганҷҳои зерин будааст: ганҷи Арӯс, ганҷи Хазро, ганҷи Бодовард, ганҷи Дебаи хусравӣ, ганҷи Афросёб, ганҷи Сӯхта ва ганҷи Шодурвони Бузург. Ҳафтум, кавалерияи (аспҳо ва филҳои ҷангии) Хусрав. Ҳаштум, муъҷизаи дигар «зердасти афшор» муште тилло буд, ки бе таъсири оташ шаклашро дигар мекард. Нуҳум, шабистони Хусрави Парвиз. Дар бештари сарчашмаҳо шумори бонуҳои озод дар шабистон се ҳазор, шумори канизакон дувоздаҳ ҳазор гуфта мешавад. Шабистонро гӯё ки шаш ҳазор мард посбонӣ мекард. Даҳум, Кадизод – фили сафед буд, ки аз подшоҳон танҳо Хусрав дошт. Ёздаҳум, кӯзаи абрӣ. Аз ин кӯза чанде об ё шароб нанӯшанд, моеи он гӯё, ки кам намешуд. Дувоздаҳум, Айвони Хусрав (Мадоин). Сездаҳум, дасторчаи озаршаб. Хусусияти ин дасторча (рӯймолча) дар он буд, ки пас аз чиркин шудан онро бар оташ меафканданд, оташ чиркро покиза мекард, вале ба рӯймолча таъсире намерасонд. Чордаҳум, зини мурассаъ. Ба маълумоти Боқирӣ, Мирхонд ва Хондамир миқдори зинҳои бо зару зевар оро ёфтаро се ҳазор гуфтаанд. Гардезӣ дар бораи чунин зинҳо чизе нагуфтааст, аммо зикр карда, ки дар ихтиёри Хусрав

сад ҳазор лаҷому абзори заррини асп буд [Гардезӣ 2014, с.25]. Понздаҳум, дасте оҷ, яъне аз устухони фил, ки панҷ ангушти кушода дошт. Вақте Хусрав мехост фарзанд ёбад, он панҷаро ба об мегузошт. Вақте фарзанд таваллуд меёфт, панҷаро аз об мегирифтанд ва ангуштҳо ба ҳам меомаданд. Шонздаҳум, шатранҷи Хусрав. Муҳраҳои ин шатранҷро аз ёқуту зумуррад сохта буданд. Ҳабдаҳум, нарди Хусрав. Муҳраҳои нард аз марҷону фирӯза сохта шуда буданд. Ҳаждаҳум, тоҷи Хусрави Парвиз. Дар бораи тоҷи Хусрави Парвиз хонум Меҳрии Боқирӣ ба нақл аз «Ғурар»-и Саолибӣ чунин меоварад, ки: «Тоҷи бузургест, ки шаст ман тиллои ноб дошта. Ва марворидҳое ба дурустии тухми гунҷишк. Ва ёқутҳое анориранг, ки шабро ба рӯз мубаддал мекард. Ва зумуррадҳое, ки дидаи афъиро кӯр мекард, бар он нишонда буданд. Занҷири тиллоӣ ба тӯли ҳафтод зироъ аз сақф овехта буд, ки тоҷро бад-он баста буданд, то бидуни заҳмат ва фишор ба сари подшоҳ тамос дошта бошад» [Боқирӣ 1979, с.1- 24].

Ҳикояти тоқи Дис ё тахти Дис воқеияти ҳақиқӣ ва ё пиндории солҳои нахустини асри VII-ро инъикос мекунад. То пош хӯрдани шоҳаншоҳӣ камтар аз сӣ сол монда буд. Шоҳаншоҳиро ҳам онҳо шикастанду барҳам заданд, ки Хусрав дар самти онҳо қувваҳои марзбонӣ нагузошта буд. Вагарна саҳобӣ ва сарлашкар Саъд ибни Абиваққос соли 637 ба Мадоини холӣ намедаромаду Хоқонӣ пас аз тақрибан панҷсад сол гудози худро дар «Хароботи Мадоин», аз ҷумла, бо маъниҳои оятҳои каримаи 25 ва 26-и сураи 44 «ад-Духон» ифода намекард. «Заррин тара ку бархон, рав «кам тараку» бархон» [Қуръони карим, сураи 44, оятҳои 25-26]. Ин ду ояти муборака дар тарҷумаи зоҳири маонии тоҷикии Муҳаммадҷон Умаров чунин омадааст: «Чӣ бисёр аз бӯстонҳову чаманҳо гузоштанд; ва киштҳову маҳалҳои гиромӣ» [Умаров 2007, с.497].

Агар даҳяке ҳам рост бошад, он шикори шоҳаншоҳ, ки хароҷоташро Фирдавсӣ «монда ношуд» овардааст, ҳеҷ аз огоҳии сиёсии Хусрави Парвиз гувоҳӣ намедиҳад. Хосса, ки ба қавли Фирдавсӣ, ӯ ва сипоҳи андаки ӯ дар роҳи гурез ба Рум ду бор гушна ҳам монда буданд. Агар мо ба байти нахустини «Достони Борбади ромишгар» эътибори воқеӣ диҳем, гирубидори бино кардани тоқ ва ё тахти Дис соли бисту ҳаштуми подшоҳии Хусрави Парвиз, яъне соли 618

анҷом ёфтааст. Хусрави Парвиз он тахтро дар мавзеи «аспрес ё аспарис», ки маънои майдони аспдавонӣ ва майдони ҷангро низ дорад, сохта буд. Таъбири «аспрес» дар достони Сиёвуш низ ба кор бурда шудааст: «Нишона ниҳоданд бар аспрес» [Фирдавсӣ Д.1964-3, с.129].

Тоқи Дис, дар тасвири Фирдавсӣ, яке аз рамзҳои ҳашамати давлатдории эрониён будааст. Тахтро бори нахуст гӯё барои Фаридун сохта будаанд. Сипас ҳар подшоҳи афсонавӣ ва ё нимафсонавӣ ба зебу орои он тахт чизе афзуда будааст. Ба қавли Фирдавсӣ, Ардашер он тахтро барқарор менамояд, вале эҳтимол, кори ӯ нотамом мемонад. Хусрав ба сохтани тахт ба камоли майл шуруъ мекунад. Барои сохтани тахт дуредгарон аз Руму аз Чину Мукрону Бағдоду эронзамин ҷалб мешаванд. Ҳар яке аз ин устоҳоро сӣ шогирд буд. Тахтро дар ду сол месозанд. Андоза ва сифати тахтро Фирдавсӣ чунин овардааст: баландии тахт «сад шоҳраш», бараш ҳафтод раш (қулоч), паҳнояш саду бист раш [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.302].

Ҳар моҳ, вақти бомдод фарши тахтро нав мекарданд. Вақте ки офтоб ба бурҷи бара (ҳамал) медаромад, аз паси тахт дашт кушода мешуду аз пеши вай боғ. Вақте офтоб ба бурҷи шер (асад) мегузашт: Мар он тахтро сӯйи ӯ буд пушт [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.302]. Фасли тирамоҳ, ҳангоми пухта расидани меваҳо тахтро: Суйи меваю боғ будиш рӯй. Ҳангоми сардии ҳаво:

Зимистон, ки будӣ гаҳи боду нам,
Бар он тахт бар кас набудӣ дижам [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.302-303].

Фазилатҳои дигари тахт (тоқ) боз ҳастанд, вале мо аз овардани онҳо худдорӣ мекунем. Дар чунин тахт сари сол Хусрави Парвиз ҷомаи нав мепӯшид, ки ба қавли Фирдавсӣ, ҳунарманде дар Чин: «Ҳамебофт он ҷомаро ҳафт сол» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.305]. Ба ҳангоми Наврӯз Саркаши ромишгар ҳунари сароядагӣ намоиш медод [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.305].

Эпизоди XXX. Борбади Ромишгар. Ин эпизод, ки аз рӯзгори Борбади ромишгар ҳикоят мекунад, дар бахши подшоҳии Хусрави Правиз дар 68 ва дар бахши подшоҳии Қубоди Парвиз (Ширӯя) дар 36 байт омадааст. Чун мо дар

бораи Борбад таълифе дорем [Юлдошев 2023] дар ин ҷо, асосан дар бораи нуктаҳое таваққуф мекунем, ки Фирдавсӣ таъкид кардааст:

а) номи хунёгарро Борбад мегӯяд. Дар сарчашмаҳои арабизабон, аз ҷумла, тарҷумаи мансури арабии «Шоҳнома», ки Бундорӣ дар асри XIII кардааст, ба истисноӣ Истахрӣ дар «ал-Масолик ва-л-мамолик», номи хунёгар ба сиғаи «Баҳлабад» ва гунаҳои он омадааст. Истахрӣ, ки соли 958 вафот кардааст, ромишгарро Борбад гуфтааст. Муаллифони форсигӯ, аз ҷумлаи Абуалии Балъамӣ дар тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», Низомӣ дар «Хусрав ва Ширин», Муҳаммад Авфии Бухорой дар «Лубоб», муаллифи беноми тарҷумаи «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ, ки дар асри XII сурат гирифтааст, номи хунёгар ба тариқаи Фирдавсӣ зикр кардаанд. Навои Борбадро ба арабӣ Абулфараҷи Исфаҳонӣ дар «Китобу-л-ағонӣ» ба таъбири «ал-ғиноу-л-фаҳлизӣ» ифода кардааст;

б) Борбад ба дарбори Хусрав ба соли бисту ҳаштуми подшоҳии ин шоҳаншоҳ, яъне соли 618 омадааст. Фирдавсӣ нагуфтааст, ки Борбад ба Мадоин аз куҷо омад;

в) бино ба мамониати сарвари хунёгарони Хусрав – Саркаш ва пора додани ӯ ба солори бор, Борбад наметавонад бемамониат ба ҳузури подшоҳ бирасад;

г) ба туфайли хайрхоҳии Мардӯй – боғбони Хусрав ва ҳилаи сурудани суруди «Додфарид» ва сипас «Сабз дар сабз» Борбад писанди шоҳаншоҳ мешавад ва то ба мартабаи «шоҳи ромишгарон» мерасад. Дар «Сӣ лаҳни Борбад»-и «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ суруде бо номи «Додофарид» наомадааст [Низомӣ 1983, с.183-187].

Пас аз сохтани тоқи Дис Хусрав мефармояд, то айвони Мадоинро бино кунанд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.312].

Эпизоди XXXI. Ин эпизод ба тасвири бузургӣ ва азамати Хусрави Парвиз бахшида шуда, ду байти даромад дорад ва чор байти анъанавӣ дар маънии бебақоии дунё. Азамати Хусравро Фирдавсӣ чунин тасвир кардааст: а) подшоҳони Тӯрону Чину Ҳинду Рум ба Хусрав бож месупориданд; б) сарватманд буд: «Зи динору ганҷаш карона набуд»; в) паранда ва дарандаҳои шикорӣ дошт;

г) ганҷҳои Хусрав ном ба ном чунин зикр шудааст: ганҷи арӯс, ганҷи бодовард, ганҷи дебаи хусравӣ, ганҷи Афросиёб, ганҷи сӯхта, ганҷи дурри хушоб, ки «хазро»-яш ҳам мегуфтанд; д) ду ромишгари беназир Саркашу Борбад; е) даҳу ду ҳазор канизак дар ҳарамсарой; ж) «пил буд ду ҳазору дувист»; з) «аспи ҷангӣ даҳу ду ҳазор»; и) «даҳу ду ҳазор уштури боркаш... [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.319-321].

Пеш аз Фирдавсӣ Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар «Таърих синӣ мулуки-л-арзи ва-л-анбиё» ба ҳамин маъниҳо ишора карда буд. Чунончи, ӯ менависад, ки дар ҳарами Хусрав се ҳазор бонуи озода, дувоздаҳ ҳазор канизак барои ромишгарӣ, дилхушӣ ва корҳои дарбор, дар посбонии Хусрав шаш ҳазор мард, ҳашт ҳазору панҷсад асп, нӯҳсаду шаст фил, дувоздаҳ ҳазор хачир ва бист ҳазор шутур буд [Ҳамза 1844, с.60-61].

Дар фароварди ин пора Фирдавсӣ боз чор байт ба бебақоии рӯзгор бахшидааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.321].

Эпизоди XXXII. Ин ривоят аз ношоистагиҳои рафтори Хусрави Парвиз ва пайомадҳои он ҳикоят мекунад. Паёмадҳо аз талоши сарлашкарон барои сарнигун кардани Хусрав далолат мекунанд. Ба қавли Фирдавсӣ, Хусрав натавонист бори азамати тоҷи шоҳаншоҳиро бардорад. Фирдавсӣ се нафар аз саркардагонро ёдрас мекунад, ки ба бедодиҳо даст заданд ва аз итоати Хусрав рӯй тофтанд. Хатари бештар аз тарафи Гуроз таҳдид мекард. Гуроз, ба қавли Фирдавсӣ, бо қайсари Рум забон як мекунад. Ба мамлакат хатари воқеии ошӯб ва ҳатто инқилоби сипоҳиён таҳдид мекард. Дар чунин вазъият, шоҳаншоҳ қарор мекунад, ки ба Гуроз номаи «махфӣ» нависанд. Нома ҳилаи Хусрав буд, ки мехост ба як тир ду нишонро занад. Ба Гуроз гуфта мешуд, ки чун ман лашкар кашидам, ту низ ҳаракат кун. Ҳамин тариқ, мо метавонем ҳоли қайсар ва сипоҳи ӯро табоҳ кунем. Фиристодаи Хусравро яке аз битриқҳо (патриарх) пешвоз мегирад ва ба ҳузури қайсар мебарад. Қайсар аз фиристода рости гапро мепурсад, ки бигӯяд. Чун фиристода намехоҳад рози давлатиро ошкор кунад, қайсар мефармояд, ки ӯро бар хилофи ҳама урфи дипломатӣ, кофту ков кунанд. Дар натиҷа, номае, ки ба Гуроз навишта шуда буд, пайдо мешавад.

Вақте ки номаро мехонанд, Қайсар ба хулосае меояд, ки ин кори Гуроз аст, ки мехоҳад моро бо Хусрав ҷанг андозад. Сипоҳи қайсар, ба ҳар ҳол, ба тарафи Эрон ҳаракат мекунад. Гуроз дар чунин вазъият ба Хусрав нома менависад. Дар навбати худ, қайсар ба Гуроз нома навишта, хеле гила ҳам мекунад, ки ӯ хостааст, қайсарро ба Хусрав супорад. Хусрав ҳам ба Гуроз нома менависад ва мефармояд сипоҳе, ки моил ба хиёнат шудааст, бозпас фиристад. Гуроз «даҳу ду ҳазор» саворонро даъват мекунад, ки ба ҳеҷ иғвое дода нашаванд ва сипоҳ то ба наздикиҳои Мадоин ҳаракат мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.327-328]. Хусрав интизори чунин сурат гирифтани кор набуд. Ӯ ба Зодфаррух мефармояд, ки ба назди он лашкар биравад. Зодфаррух накӯҳиши шоҳаншоҳро мерасонад. Гуроз бо шунидани ин иттиҳом чанде парешон мешавад, вале оқибат ором шуда, ба Зодфаррух мефаҳмонад, ки қайсар фиреб додааст ва касе аз лашкар майли саркашӣ надорад. Вале ба ҳар ҳол нишонаҳои саркашии лашкар, аз ҷумла Зодфаррух, аз итоати шоҳаншоҳ дар чанд байти «Шоҳнома» зоҳир шудааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.331]. Зодфаррух чун пай мебарад, ки шоҳаншоҳ аз ӯ гумони бад кардааст, оҳиста-оҳиста коре мекунад, ки тамоми сипоҳ як-як аз фармони шоҳ сарпечӣ мекунанд. Аз байни сарлашкарон Тухор ҳамфикри Зодфарррух мешавад ва маслиҳат мекунанд, ки ба зиндон раванду Ширӯяро озод намоянд. Зиндонро сипоҳи шашҳазораи сипаҳбуд посбонӣ мекард. Кор ба ҷанг мекашад ва дар ҷанг сипаҳбуд кушта мешавад. Тухор Ширӯяро озод мекунад... Дар фароварди ин пора Фирдавсӣ дар ҳафт байт андешаҳои фалсафӣ дар бораи фарозу нишеби зиндагӣ ва гардиши айём гуфтааст, ки хусусияти анъанавӣ дорад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.337].

Дар эпизоди охирин дар ин бахш фарҷоми рӯзгори Хусрави Парвиз тасвир шудааст. Хусрав дар боғ чанде пинҳон мемонад. Чун гушнагӣ ба вай асар мекунад, пойкореро, ки подшоҳро намешинохт, гавҳари гаронбаҳое медиҳад, то пинҳонӣ рафта аз бозор хӯрданӣ биёрад. Пойкор чун он гавҳарро ба нонвой пешниҳод мекунад, нонвой мегӯяд, ки ин гавҳарро бояд ба пеши «гавҳарфурӯш» барем, то баҳо кунад. Гавҳарфурӯш он гавҳарро мешиносад, ки аз ганҷи Хусрав аст. Пойкорро дузд гумон карда, ба пеши Зодфаррух мебаранд. Зодфаррух ба

назди Ширӯя пойкорро мебарад ва Ширӯя мегӯяд, ки агар соҳиби гавҳарро нишон надиҳӣ, саратро аз танат ҷудо мекунам. Пойкор мегӯяд, ки дар даруни боғ зиреҳпӯшу камон ба даст марде ҳаст. Ширӯя барои дастгир кардани Хусрав сесад савор мефиристад. Саворон чун подшоҳро мебинанд, намхоҳанд ба хотири подшоҳӣ Хусравро озор диҳанд ва бармегарданд. Сипас бо чанде аз сипоҳ Зодфаррух ба пеши Хусрав мераваду мегӯяд, ки: «Ҳама шаҳри Эрон туро душманад» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.341].

Оқибат, Хусравро ба пиле савор намуда, ба фармони Ширӯя ба Тайсафун мебаранд ва ба ороми Моруспанд ҷойгир мекунанд. Ширӯя ҳазор саворро ба посбонии Хусрав гумошта мекунад. Дар «Шоҳнома» гуфта нашудааст, ки Ширӯя Хусравро мекушад. Танҳо зикр мешавад, ки: «Шуд аз шоҳияш сол бар сиву ҳашт»... «Қубод омаду тоҷ бар сар ниҳод» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.343]. Дар ривояти Фирдавсӣ мавзуи дахма омода кардан ва ба дахма гузоштани ҷасади Хусрав низ инъикос наёфтааст. Фирдавсӣ ишора мекунад, ки зиндагонии Қубод (Шерӯя) чун подшоҳ ҳафт моҳ буд.

Абӯалии Балъамӣ овардааст, ки бар асари пофишории сипоҳ Хусрав бо фармони Ширӯя кушта мешавад [Балъамӣ 2001, с.650]. Ал-Мутаҳҳар ал-Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» менависад, ки «Парвизро писараш кушт» [ал-Муқаддасӣ 2015, с.209].

Шояд ба гунаи хулосае оид ба фарҷоми фоҷиабори подшоҳии Хусрави Парвиз Теодор Нёлдеке дар «Таърихи Эрон ва арабҳо ба замони Сосониён» навишта буд: «Хусрав аз фаровонии хоставу гавҳарҳои гуногун ва колоҳову чорпоёни бисёр, ки гирд оварда буд ва аз шаҳрҳое, ки аз душман гирифта буд ва аз корҳое, ки ба коми ӯ баромада буд, саркаш шуду худро нашинохт... Ин мард мардумро сахт биёзурд ва ситамро аз андоза бигузаронид [Нёлдеке 1980, с.520]. Ин хулосаи Нелдеке басо воқеӣ мебошад ва ба маълумоти сарчашмаҳо такя мекунад.

## 3.4. Сужа ва образҳои марбут ба подшоҳон аз Қубоди Парвиз то Фаррухзод

Бахши «Подшоҳии Қубоди Парвиз» (Ширӯя) дар матни интиқодии Душанбе дар 595, дар матни интиқодии Москва дар 600 ва дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар 614 байт омадааст. Дар матни Душанбе номи ҳамин бахш «Подшоҳии Қубоди Парвиз аст», вале дар матни Москва А.Е. Бертелс номи бахшро «Подшоҳии Ширӯя» овардааст. Холиқии Мутлақ инчунин. Ба қавли ӯ ҳам, подшоҳии Қубод ҳафт моҳ будааст.

Эпизоди I. Ширӯя. Ба тахт нишастани Ширӯяро аъёни давлат муборакбод менамоянд ва дуо ҳам мекунанд, ки ин тахт аз ту ба фарзанди ту ҳам мерос монад. Аъёни давлат меписанданд, ки ҳангоми зинда будани Хусрави Парвиз писари ӯ ба мақоми подшоҳӣ бирасад. Хусрави Парвиз низ ҳангоми зинда будани Ҳурмузи IV ба мақоми подшоҳӣ расида буд.

Ширӯя дар хутбаи тоҷгузорӣ таъкид мекунад, ки: «Бибуррем кирдори оҳарманӣ». Ӯ мефармояд, паёме ба падар фиристанд ва бипурсанд, ки ӯ ба Яздон тавба кунад.

Ширӯя мурочиат менамояд, ки аъёни давлат ду нафарро ихтиёр кунанд, то ба назди Хусрав бираванд. Аштод ва Харроди Барзини пир интихоб мешаванд. Мефармояд, онҳо ба Тайсафун раванд ва ба Хусрав расонанд, ки ӯ аз некӯӣ рӯй гардонида буд. Кишварҳоро душмани Эрон кард. Номдорони далери подшоҳӣ тарки Ватан карданд.

Ширӯя Хусравро накӯҳиш мекунад, вақте қайсар дори Масеҳоро аз ту тақозо кард, надодӣ, ки боиси печидагии муносибатҳо шуд. Таъкид мекунад, ки ҳатто:

Зи бечорагон хоста бистадӣ,
Зи нафрин ба рӯйи ту омад бадӣ.
Дигар он ки фарзанд будат ду ҳашт,
Шабу рӯзи эшон ба зиндон гузашт [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.347].

Ширӯя ба падараш маслиҳат медиҳад, ки бояд тавба кунӣ ва ба ин ду фиристода бигӯӣ. Фиристодагон то зиндони Моруспанд мерасанд. Посбони Хусрав – Галинӯш фиристодагонро хуш мепазирад. Харроди Барзин мегӯяд, ки подшоҳӣ ба Қубод расид ва ин хабар дар Эрону Анерону Рум паҳн шуд. Мо паёме аз Қубод ба Хусрав овардем. Вақте Галинӯш ба Хусрав арз мекунад, ки Аштоду Харроди Барзин аз шоҳ паём овардаанд, Хусрав механдад. Дар бораи Қубод мегӯяд: «Гар ӯ шаҳрёр аст, пас ман киам»? , вале фиристодагонро қабул мекунад.

Дар болини Хусрав биҳие буд, мефтад. Аштод онро гирифта, мехоҳад ба Хусрав диҳад, вале Хусрав аз Аштод рӯй метобад. Биҳиро ба тахт мегузоранд. Аз ғелидани биҳӣ Хусрав фоли бад мегирад. Эпизоди биҳӣ, ки дар шаш байт омадааст, чӣ бори маъние ба ҷуз фоли бад мекашад, дар матн инъикос нашудааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.354].

Хусрав бо сифатҳои ношоиста аз Ширӯя ёд мекунад ва хулоса менамояд, ки дар натиҷаи рафтори Қубод тоҷу тахти Сосонӣ метавонад аз даст равад. Дар охир Хусрв ҳама гуфтаҳои Қубодро рад мекунад ва дар бораи Ҳурмуз мегӯяд:

Зи гуфтори бадгӯй бар мо – падар,
Биёшуфту шуд кор зеру забар [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.354].

Зикр мекунад, ки ӯ маҷбур шуда буд, то рӯ ба гурез ниҳад. Сипас аз гирубидори худ бо Баҳроми Чӯбина ёдовар мешавад. Роҷеъ ба ду бародарони модараш – Биндуй ва Густаҳм мегӯяд:

Чу хуни падар буду дарди ҷигар,
Накардем сустӣ ба хуни падар [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.355].

Меафзояд, ки чаро онҳоро ба қатл расонидааст. Хусрав рад мекунад, ки писаронашро дар зиндон медошт ё ҳабси хонагӣ, аммо он чӣ бо ту Ширӯя шуд, фоли ахтаршинос буд, ки дуруст баромад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.356].

Мегӯяд, вақте соли сию шашуми подшоҳии ман буд, аз Ройи Ҳинд нома омада буд ва дар он гуфта мешуд, ки подшоҳии ман сию ҳашт сол хоҳад буд. Хусрав рад мекунад, ки аз бечорагон хостае гирифта бошад. Ӯ Ширӯяро огоҳ

мекунад, ки атрофиёни вай хайрхоҳи ӯ нестанд. Мегӯяд, ганҷи мо аз он афзуд, ки: «Бибурдем бар душманон тохтан». Бинобар ин:

Чу дайҳими мо бисту шашсола гашт,

Зи ҳар гавҳаре ганҷҳо мола гашт [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.361].

Ин байт дар матни Холиқии Мутлақ ва матни Москва низ ҳамин гуна омадааст [Фирдавсӣ «Т.2018-8, с.342; Фирдавсӣ М.1971-9, с.267]. Яқинан, ибораи «мола гаштан», ки чаднон маъмул нест, ба маънои пур шудан далолат мекунад. Ба таъкиди Хусрав:

Бад-он сол то бож ҷустам шумор,

Чу шуд божи динор бар сад ҳазор [Фирдавсӣ  М.1971-9, с.267].

Мегӯяд:

Зи ҳар дар кашидем фаровон ранҷ,

Бад-он то биёганд аз ин гуна ганҷ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.362].

Таъкид мекунад, ки дувоздаҳ соли подшоҳӣ аз соли бисту шаш то сию ҳашт: «Ба ҷуз б-орзу чарх бар мо нагашт»[Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.362].

Дар ҷавоби Ширӯя Хусрав ӯро насиҳат ҳам мекунад. Масалан:

Чу беганҷ бошӣ, наёбӣ сипоҳ,

Туро зердастон нахоҳанд шоҳ [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.364].

Ва:

Ки Эрон чу боғест хуррамбаҳор,

Шукуфта ҳамеша гули комгор. [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.364].

Зинҳор мекунад: «Нигар то ту девори ӯ н-афганӣ», зеро: «К-аз он пас бувад ғорату тохтан», бинобар ин:

Зану кӯдаку буми эрониён,

Ба андешаи бад манеҳ дар миён [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.365].

Дар масъалаи муносибат бо сипоҳиён Хусрав ба Ширӯя ҳушдор медиҳад, дар андарзномаҳои Анӯшервон ва Қубод навиштаанд, касе, ки дар ҳамин кор саҳлангорӣ мекунад: «Ҳаме хештанро ба куштан диҳад» [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.365].

Дар борои муносибатҳо бо Рум Хусрав қабул надорад, чунонки Ширӯя даъво кардааст, ки онҳо печида шуда бошанд. Агар чунин мебуданд, қайсар Хусравро домод намекард. Сипас ёдрас мекунад, ки рӯзи набарди асосӣ бо Баҳроми Чӯбина на румиён, балки худи ӯ ва эрониён ҷангидаанд. Бо ин ҳама, ба тафсил ёд мекунад, ки Ниётус, сарлашкари румӣ бо чи подошу иззату икром гусел шуда буд. Дар бораи дори Масеҳо Хусрав мегӯяд, ман аз он дар тааҷҷуб будам, ки бо он ҳама:

Гар он дори бекор Яздон будӣ,

Сари моҳро урмузд он будӣ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.368].

Хусрав бо исрор пешниҳоди Ширӯяро, ки тавба кунад ва роҳи Яздон биҷӯяд, рад мекунад. Баръакс Ширӯяро бо сифатҳо ношоиста ёд мекунад ва бо ҳамин фиристодагонро ҷавоб медиҳад. Мегӯяд ҳама аз ҷумла Ҳушангу Таҳмурасу Ҷамшед мурданд, ман низ мемирам:

Фаришта биёяд яке ҷонситон,

Бигӯям бад-ӯ ҷонам осон ситон [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.371].

Ба назари мо чунин мерасад, ки ин ҷо метавонад ишорае ба малакулмавти зардуштӣ бошад, ки то ҷое ба ҳазрати Азроили исломӣ шабоҳат дорад.

Чун фиристодагон ба ҳузури Ширӯя мерасанд ва суханони Хусравро арз мекунанд, Ширӯя сахт пушаймон мешавад. Дар чунин вазъият сипоҳиён хулоса мекунанд, ки агар Хусрави Парвиз ба подшоҳӣ баргардад, онҳо ба қатл расонида хоҳанд шуд. Онҳо ба ҳузури Ширӯя мераванд ва намегузоранд, ки Хусрав дар мақоми подшоҳӣ барқарор шавад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.373].

Сипас дар матни «Шоҳнома» «Шевани Борбад бар Хусрав» меояд, ки аз нигоҳи композитсионӣ андаке беҷо омадааст. Аъёни давлат ба ҳузури Ширӯя мераванд ва арз мекунанд, ки ба як тахт наметавонад ду подшоҳ бинишинад. Ширӯя ба ҷустуҷӯи кушандаи падараш иқдом мекунад. Кушанда аз зердастони Зодфаррух буд ва андоми манфур ҳам дошт:

Ду чашми кабуду ду рухсора зард,

Тане хушку пурмӯву рух лоҷвард [Фирдавсӣ М.1971-9, с.281].

Ин мард, ки ба пуштибонии Зодфаррух ба куштани Хусрав меравад, Меҳр Ҳурмузд ном дошт. Хусрав барои кушта шудан худашро омода мекунад ва то рӯйи кушандаро набинад: «Яке чодари нав ба сар баркашид». Баъд аз кушта шудани Хусрав понздаҳ фарзанди ӯро ҳам, ки дар зиндон буданд, мекушанд:

Гиромӣ даҳу панҷ фарзанд буд,

Ба айвони шоҳ он ки бо банд буд,

Ба зиндон бикуштандашон бегуноҳ,

Бад-он гаҳ, ки баргашта шуд тахти шоҳ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.382].

Ба эҳтимоли қавӣ, сабаби иқдоми Шерӯя ба куштани понздаҳ бародарони худ метавонад як тафсир дошта бошад. Шерӯя шояд мехост, ҳеҷ даъвогаре ба маснади подшоҳӣ зинда намонад. То ҷое, ки мо медонем, сабаби кушта шудани бародарон дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар, ба истиснои як ишораи Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар «Синӣ мулуки-л-арз» ва «Таърихи император Иракл»-и муаллифи асри VII усқуфи арманӣ Себеос инъикос наёфтааст. Ҳамза менависад, ки Шерӯя аз бародарони худ кароҳате эҳсос кард ва ҳаждаҳ тан аз ононро бикушт. Дар қатори куштагон Ҳамза нахуст номи Шаҳрёрро овардааст [Ҳамза 1844, с. 61]. Себеос, ки муосири Хусрави Парвиз ва Ширӯя буд, менависад: «Дар бораи писарони Хусрав меҳтарон гуфтанд, ки «онҳо набояд зинда бимонанд, зеро онҳо метавонанд ошӯб бардоранд» Подшоҳ Қубод фармуд, ҳамаи онҳоро, ки 40 кас буданд, бикушанд» [Себеос 1862, с.107]. Бо ин ҳама, дар Феҳристи шоҳаншоҳони Сосонӣ, ки сомонаи www.fa.Wikipedia.org аз 30 ноябри соли 2022 омадааст, зикр мешавад, ки Ширӯя дувоздаҳ бародари худро кушта буд.

Эпизоди II. Ин ҷо сухан аз муносибати Ширӯя бо Ширин ва фарҷоми рӯзгори шоҳаншоҳ меравад, ки дар матни интиқодии Душанбе дар 122 байт омадааст. Бо гузашти панҷоҳу се рӯз аз кушта шудани Хусрав, Ширӯя ба Ширин паёми кӯтоҳи таҳдидомезе мефиристад. Ширӯя Ширинро: «Ба Эрон гунаҳгортар кас тӯӣ» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.384] мехонад ва мефармояд, ки ба айвон ҳозир шавад. Ширин оқибати таҳдиди Ширӯяро дуруст пай мебарад.

Ӯ дабиреро даъват намуда, ҳама дороии худро ба ӯ мефаҳмонад ва ба ҳар эҳтимол лахте заҳрро, ки дар сандуқаш буд, бо худ нигоҳ медорад. Сипас ба

Ширӯя ҷавоб мефиристад ва накӯҳиш мекунад, ки оҳанги паёми вай шоистаи подшоҳ нест ва ошкоро мегӯяд, ки: «Зи гуфтори чун ин сухан шарм дор» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.385]. Бо ин ҳама, Ширӯя исрор мекунад: «... к-аз омадан чора нест». Ширин шарт мегузорад:

Чунин дод посух, ки назди ту ман,
Наоям магар бо яке анҷуман.

Меафзояд:

Ки бошанд пеши ту донандагон,
Ҷаҳондидаву чиз хонандагон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.386].

Дар ҳар се матни интиқодӣ дар аҷзи байти дуюм калимаи «чиз» истифода шудааст, ки ба ҳукми ишораҷонишин дар ин ҷо маънии китоб ва ё, умуман, матни навиштаро дорад. Ширин либосҳои мотам мепӯшад:

Чу Ширин шунид он, кабуду сиёҳ
Бипӯшиду омад ба айвони шоҳ...
Нишаст аз паси пардаи подшо,
Чунон чун бувад мардуми порсо» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.386].

Бо гузашти ду моҳ Ширӯя тақозо мекунад, ки Ширин ҷуфти ӯ шавад Ширин мегӯяд, ки нахуст адолат кун ва Ширӯяро ба мунозира мекашад. Ширин гила мекунад:

Ту гуфтӣ, ки ман бадтану ҷодуам,
Зи покию аз ростӣ як суам [Фирдавсӣ М.1971-9, с.286].

Ширӯя ҷавоб медиҳад, ки «буд инчунин». Сипас Ширин ба озодагон муроҷиат мекунад ва мепурсад, ки шумо аз ман чӣ бадӣ дидед? Меҳтарон аз Ширин танҳо ба некӣ ёд мекунанд. Пас аз ин Ширин ба меҳтарон муроҷиат карда мегӯяд, занонро бояд се чиз бошад: «Ки бошанд зебои тахти меҳӣ». Нахуст, бо ҳаё бошанд ва сарватманд, дувум писари хубе таваллуд кунад ва:

Савум он, ки болову рӯяш бувад,
Ба пӯшидагӣ низ мӯяш бувад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.388].

Мегӯяд, чаҳор писар таваллуд кардам. Номҳои писарони Ширинро Фирдавсӣ чунин овардааст: Настур, Шаҳрёр, Фуруд ва Мардоншоҳ. Баъд аз ин

Ширин рӯяшро мекушояд ва таъкид мекунад, ки: «Маро аз ҳунар мӯй буд дар ниҳон». Ин ҷо маълум нест, ки чаҳор писари Ширин ҳам дар қатори понздаҳ фарзандони Хусрав дар қиёми Ширӯя кушта шуда буданд, ё не. Тафсилоти нн нукта дар матни «Подшоҳии Шерӯя» ҳам инъикос нашудааст.

Пеш аз он ки розӣ ба никоҳи Ширӯя шавад, Ширин ду шарт мегузорад. Тамоми моликияте, ки ман дар ин кишвар дорам, ба ман бояд дар пеши номдорони ин анҷуман бо имзои худ бисупорӣ. Ширӯя ин шартро иҷро мекунад. Ширин ба сарои худаш меояд ва ҳама бандагони худро озод мекунад ва: «Дигар ҳар чӣ будаш ба дарвеш дод». Чанде ба оташкада хайр мекунад ва чанде ба арвоҳи Хусрав, то сарою работҳоро обод кунанд.

Ширин ҳама бандагони худро ҷамъ мекунад ва мепурсад, чанд сол, ки ман бонуи Эрон будам: «Аз он пас чӣ пайдо шуд аз ман гуноҳ?». Ҳама ҷавоб медиҳанд, ки аз замони Ҳушанг то имрӯз касе чун ту набуд. Сипас Ширин бо як гудозе мегӯяд, ки он бадкуниш: «Падарро бикушт аз пайи тоҷу тахт» ва дуои бад ҳам мекунад: «К-аз ин пас мабинод шодию бахт». Ширин боз аз тақдиру Ширӯя гилаҳо мекунад. Чун ин хабар ба Ширӯя арз мешавад, ӯ мепурсад, ки Ширин боз чӣ мехоҳад? Ширин ҷавоб медиҳад:

Кушоям дари дахмаи шоҳ боз,
Ба дидори ӯ омадастам ниёз [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.392].

Ширин дар дахма заҳр мехӯраду ҷон медиҳад. Ба қавли Фирдавсӣ: «Бимурду зи гетӣ ситоиш бибурд» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.393]. Ба Ширӯя низ чанде пас заҳр медиҳанд. Кор ба ҷое мерасад, ки ба қавли Фирдвсӣ: «Ҷаҳонро зи шоҳон пур омад қафиз», яъне косаи сабри ҷаҳониён лабрез шуд. Дар шаъни Ширӯя ва марги ӯ Фирдавсӣ, ҳарчанд чунин одате надорад, сухани нек намегӯяд. Хулосаи Фирдавсӣ дар мавриди Ширӯя чунин аст, ки вай: «ба шумӣ бизоду ба шумӣ бимурд» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.393].

Подшоҳии Ардашери Ширӯя

Подшоҳии Ардашери Ширӯя дар матни интиқодии Душанбе дар панҷоҳу шаш байт, дар матни интиқодии Москва дар панҷоҳ байт омадааст ва ба ривояти Фирдавсӣ шаш моҳ будааст. Вале дар матни Холиқии Мутлақ муддати подшоҳии

Ардашери Шерӯя як сол зикр шудааст [Фирдавсӣ Т.2018-8, с.377]. Ардашер ҳам подшоҳии худро аз хутба дар маросими тоҷгузорӣ сар мекунад. Дар хутба, ки нисбатан кӯтоҳ аст, Ардашер таъкид мекунад, ки: «Ба оини шоҳони пешин равем; Ҳама кардану кори мо дод бод». Ардашер мавқеи наве намегӯяд. Ба мушоҳида мерасад, ки хутбаҳои тоҷгузории подшоҳони Сосонӣ қолабе ва як мундариҷае доштанд ва подшоҳи нав дар доираи ҳамон қолабу мундариҷа изҳори назар мекард. Дар ҳамин пора маълум нест, ки чаро Ардашер сипоҳро ба Пирӯзи Хусрав месупорад. Шояд барои он бошад: «Ки аз дод шод асту шодон зи шоҳ». Дар чопи Душанбе садри ин байт: «Ба Парвизи Хусрав супурдам сипоҳ» омадааст, ки чандон муваффақ ба назар намерасад.

Зиёда аз ин, дар чанд ҷо таъкид мешавад, ки дар қиёми Ширӯя ба муқобили падараш ҳама бародарони ӯро низ, ки зиндонӣ буданд, мекушанд. Хулоса, дар ин пора костагии мантиқӣ дар матни расидаи «Шоҳнома» раҳ ёфтааст, ки чандон падидаи нодир ҳам нест.

Ба тахт расидани Ардашерро яке аз сипаҳсолорон Фароин, ки Гуроз лақаб дошту фармондеҳи сипоҳе дар тарафи марзҳои Рум буд, напазируфт ва ба Пирӯзи Хусрав нома навишт, ки: «Аз ӯ бозгаштам ба фармонбарӣ» ва рӯирост мегӯяд, ки:»Нахоҳам, ки бошад чун ӯ шаҳрёр». Фароин таҳдид ҳам мекунад, ки:

Биёям кунун бо сипоҳи гарон,
Зи Руму зи Эрон гузида сарон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.396].

Маслиҳат ҳам медиҳад, ки: «Ҷаҳонро бипардозӣ аз Ардашер» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.397]. Пирӯзи Хусрав дар яке аз майгусории шабонгоҳӣ чун ҳама маст мешаванд, Ардашерро хафа карда, мекушад. Сипас ба Фароин нома ҳам менависад, ки Ардашер кушта шуд. Фароин бо лашкари бешумор ба Тайсафун мерасад ва подшоҳиро мегирад. Гурози Фароин хуни подшоҳӣ надошт. Ӯ пас аз Баҳроми Чӯбина дувуми сипаҳсолор буд, ки подшоҳиро аз хонадони Сосонӣ ғасб кард. Омоними Гуроз, ки маънии «хуки ёвоӣ»-ро дорад, шояд ба замони манбаи «Шоҳнома» маънои манфӣ надошт.

Подшоҳии Фароини Гуроз. Подшоҳии Фароини Гуроз, ки панҷоҳ рӯз буд, дар матни интиқодии Душанбе дар 45 ва дар матни интиқодии Москва дар 52

байт омадааст, бешубҳа, табаддуллоти низомӣ буд. Хутбаи тоҷгузории Фароин дар «Шоҳнома» наомадааст. Танҳо як таъкиди Фароин омадааст, ки: «Ҳамегуфт, шоҳӣ кунӣ як замон; Беҳ аз бандагӣ тӯхтан шаст сол». Писари калонии Фароин маслиҳат медиҳад, ки ғами хазинаро хӯрад ва писари хурдӣ инчунин, ки: «Сазовори шоҳӣ сипоҳ асту ганҷ» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.402].

Фароин акси маслиҳатро мекунад ва аразро даъват намуда, сипаҳро: «Шаби тираву рӯз динор дод». Ба дараҷае, ки ба қавли Фирдавсӣ дар давоми ду ҳафта дар хазина: «Намонд аз баҳоӣ яке парри тир» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.403]. Баъд аз ин Фароин ба мастӣ дода мешавад то ҷое, ки: «Дили меҳтарон пур шуд аз кини ӯ». Рафтори басо ношоистаи Фароин ба ҷое расид, ки: «Аз он пас барошуфт аз вай сипоҳ».

Шаҳрони Гуроз, яке аз сипҳсолорони Истахр бо машваратҳои ошкору пинҳонӣ вобаста ба тақдири Фароин эълон мекунад, ки: «Ман ӯро зи тахт андар орам ба хок». Шаҳрон ҳангоми бозгашти Фароин аз шикор ӯро бебокона тирборон мекунад. Сипас ҷанги сахте миёни тарафдорони Фароину Шаҳрон сурат мегирад, ки хеле кушта бар ҷой мегузорад. Чун рӯз мешавад, шӯришиён ба ҳоли шигифте дучор мешаванд. Ҳолате, ки:

Фаровон бимонданд бе шаҳрёр,
Наёмад касе тоҷро хостор.
Биҷустанд фарзанди шоҳон басе,
Надиданд аз номдорон касе [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.407].

Ин ҷо бе руҷуъ, вале бар пояи пажӯҳишҳои густарда дар бобати инқирози империяи Сосониён метавон таъкид кард, ки тақрибан аз солҳои бистуми асри VII ва хоссатан, пас аз ҳиҷрат фармудани ҳазрати Пайғамбар ба Мадинаи Мунаввара ва ташаккули тадриҷии нерӯи нави ҷаҳонии сиёсию низомӣ дар Ҳиҷоз хиради садҳосолаи сиёсии Сосонӣ бо ҳама шабакаи густурдаи корогаҳон ин падидаро надид ё нодида гирифт.

Мо, то ирратсионализм нашавад, гуфтанӣ нестем, ки чун Хусрави Парвиз номаи Сарвари оламиёнро, ки ислом ва оштӣ лутф карда буданд, пора-пора кард, дуои он Ҳазрат гирифта бошад. Сарвари оламиён гӯё гуфта бошанд, ки Хусрав

«мулки худро пора кард» (маззақа мулкаҳу) [Табарӣ 1979-2, с.228]. Дар матни Абуалии Балъамӣ ин вокуниши ҳазрати Пайғамбар ба беътиноии Хусрави Парвиз чунин тарҷума шудааст:»мулки хештан дарид», ки басо расо ба назар мерасад [Балъамӣ 2001, с.638]. Месазад гуфт, он ки чунин дуо буд, шубҳае дар байни уламои қудомо барнаангехтааст.

Ба ривояти Табарӣ, Хусрави Парвиз ба ҳузури муборaки ҳазрати Пайғамбар ду расул мефиристад ва ба яке аз онон мефармояд, ки он Ҳазратро ба даргоҳи Хусрав биёварад. Фиристода, ки номашро Табариӣ Бодон мегӯяду волии Яман аз тарафи Сосониён буд, таъкид мекунад, ки: «дар акси ҳол ӯ туро ва қавми туро ба ҳалокат хоҳад расонд». Маҷдудддин Ибн ал-Асир дар «ал-Мурассаъ» хабари омадани волии Яманро ба назди ҳазрати Пайғамбар чун фиристодаи Хусрави Парвиз таъкид мекунад [Ибн ал-Асир 1991, с.263].

Ҳазрати Пайғомбар ба фиристодагон меҳрубонӣ мекунанд, ки фардо ба назди ман ҳозир шавед. Табарӣ менависад: «Ба Расулу-л-уллоҳ салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам аз осмон хабар омад, ба дурустӣ, ки Оллоҳ бар Хусрав писараш Ширӯяро пирӯз гардонд. Ӯ падарашро дар моҳи фалон дар шаби фалон... кушт». Бо такя ба Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ (747-822) Табарӣ меафзояд, ки: «Ширӯя падари худ – Кисроро бо фаро расидани шаш соати шаби сешанбе, даҳуми моҳи ҷумодо-л-улои соли ҳафтуми ҳиҷрӣ бикушт» [Табарӣ 1979-2, с. 228-229].

Метавон таъкид кард, ки ҳоло то паси парда шудани ҳазрати Пайғамбар ин ҳама подшоҳгардиши гиряву хандаовари шоҳаншоҳии овозадори Сосонӣ сурат мегирифт. Аз соли 628 то ба подшоҳӣ расидани Яздгирди Шаҳриёр.

Подшоҳии Пӯрондухт. Подшоҳии Пӯрондухт, духтари Хусрави Парвиз, ки шаш моҳ буд, дар матни интиқодии Душанбе дар 24 ва дар матни интиқодии Москва 23 байт омадааст. Ин ном дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ ба сиғаи «Бӯрондухт» омадааст. Абурайҳони Берунӣ дар «ал-Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-холия» изҳори назар кардааст, ки «Пӯрондухт духтари Хусрав ва духтари Марям духтари қайсар» мебошад [Берунӣ 1957, с.125]. Дар ҳар ду матн Фирдавӣ як таассуфе ҳам мехӯрад, ки: «Чу зан шоҳ шуд, корҳо гашт хом» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.408]. Ба тахт нишастани Пӯрондӯхт хутбаи тоҷгузории

номукаммале дорад. Ӯ мегӯяд, ки дарвешонро тавонгар хоҳад кард ва «Зи кишвар кунам дур бадхоҳро» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.408].

Ӯ пеш аз корҳои дигар ба ҷустуҷӯи Пирӯзи Хусрав меафтад. Чун Пирӯзро ҳозир мекунанд, мефармояд, то ӯро ба аспи зиннадида мебанданду лаҷоми аспро бар даҳанаш сахт мекунанд. Асп ӯро борҳо аз пушти худ ба замин мезанад ва ба ҳамин тариқа Пирӯз: «Саранҷом ҷонаш ба хорӣ бидод» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.411]. Чунин тариқаи ваҳшиёнаи куштор моҳиятан куштори Назираро ба фармони Шопури II ба хотир меорад. Мо намедонем, ки чаро шаҳбону ин қатлро раво дидааст, вале шояд барои он бошад, ки Пирӯз Ардашерро кушта буд ва то замоне силсилаи подшоҳии Сосониёнро гусаста. Ба қавли Фирдавсӣ:»Ҳамедошт ин зан ҷаҳонро ба меҳр» , вале пас аз шаш моҳу як ҳафта ба аҷали худаш вафот мекунад. Сӯгворие, ки Фирдавсӣ дар як байт гуфтааст, ба маънӣ анъанавӣ мебошад, аммо дар баён содагие ба ҳадди саҳли мумтанеъ ва назокате дорад:

Чунин аст оини чархи равон,
Тавоно ба ҳар кору мо нотавон [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.411].

Ба ривояти Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, Пӯрондухт «чӯби салибро ба подшоҳи Рум ба воситаи католикос, ки Ишуаи ҳабаш мегуфтандаш, бозгардонд» [Табарӣ 1979-2, с.82]. Дар бозгӯи Абуалии Балъамӣ ин рӯйдод, ки барои олами насронӣ аҳаммияти бағоят муқаддас дошт, чунин омадааст: «Ва он чӯби чалипо, ки аз Рум оварда буданд ва Парвиз боз надода буд, онро ба малики Рум боздод» [Балъамӣ 2001, с.654]. Боз чун Балъамӣ менависад, ки: «Дар рӯзгори ӯ Пайғомбари мо Муҳаммади мустафо салавоту-л-лоҳи алайҳи аз дунё муфориқат кард», метавон мулоҳизае ҳам пешниҳод кард, ки бозгардонидани салиб соли 632 сурат гирифта бошад [Балъамӣ 2001, с.654]. Ин мулоҳиза моро водор мекунад, ба қавли қудомо мурочиат кунем ва бигӯем, ки во-л-лоҳу аълам би-с-савоб, зеро чунин муҳаққиқи варзидаи таърихи замони Сосониён, ба монанди Артур Кристенсен бо такя ба қавли Теодор Нёлдеке ақида дорад, ки бозгардонидани «дори Масеҳо» ба замони подшоҳии Озармдухт, соли 629 ба вуқуъ пайвастааст [Кристенсен 1980, с.357]. Бо ҳама эҳтиром, ки мо ба Абуалии Балъамӣ дорем, наметавонем бигӯем, ки Пӯрондухт то соли 632 подшоҳӣ мекард.

Дар бораи Пӯрондӯхт Табарӣ боз менависад, ки: «Ӯ ба Пайғамбар салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам, ҳадя фиристод ва ҳадя пазируфта шуд» [Табарӣ 1979-3, с.447].

Подшоҳии Озармдухт. Подшоҳии Озармдухт, духтари дигари Хусрави Парвиз, ки чор моҳ буд, дар матни интиқодии Душанбе дар 10 ва дар матни интиқодии Москва дар 11 байт омадааст. Ӯ дар хутбаи тоҷгузрӣ дар панҷ байт чанд изҳороти анъанавие мекунад, вале бо гузашти чор моҳ, чун сипаҳбуди Хуросон – Фаррух Ҳурмузд, ба фармони шаҳбону кушта мешавад, ба қавли Нёлдеке, писари ӯ Рустам ба чашмони шаҳбону мил мекашад. Ба ривояти дигар, Рустам ба Озармдухт заҳр медиҳад [Табарӣ 1979-3, с.447; Нёлдеке 1980, с.549]. Сабаби кушта шудани Фаррух Ҳурмузд рағбати ӯ буд, ки мехост шаҳбонуро ба занӣ гирад. Ба қавли Табарӣ, шаҳбону дар ин рағбат майли қонеъ кардани ҳиссиёти шаҳвониро мебинад ва бо ҳилае Фаррух Ҳурмуздро шабона ба айвон мехонаду ба посбони худ мефармояд, ки ӯро бикушад. Табарӣ ривояти худро дар бораи подшоҳии Озармдухт бо ҷумлаи «аз зеботарин занони онон буд», яъне Сосониён [Табарӣ 1979-3, с.82] тамом мекунад. Ва боз ҳам ҳамин муаллиф дар боби зикри рӯйдодҳои соли 13-уми ҳиҷрӣ дар бораи Озармидухт (ҳамин тавр дар китобати Табарӣ) менависад, ки ба таъбири Фирдавсӣ: «Шуд ӯ низу он тахт бе шоҳ монд» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.413].

Подшоҳии Фаррухзод. Подшоҳии Фаррухзод, ки як моҳ буд, дар матни интиқодии Душанбе дар 28 ва дар матни интиқодии Москва дар 15 байт омадааст. Подшоҳии Фаррухзод аз хутбаи тоҷузориии анъанавӣ сар мешавад. Пас аз як моҳи подшоҳӣ, ба қавли Фирдавсӣ: «Ба хок андар омад сари бахти ӯ» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.414]. Аз сиёқ ӯ ба ғуломе ба номи Сиёҳчашм дил мебандад ва чун ҷавоби рад мегирад, ғуломро зиндон мекунад. Сиёҳчашм пас аз пайвастан ба хидмати подшоҳ ба подшоҳ заҳр медиҳад. Фирдавсӣ дар марги Фаррухзод сӯгвории нисбатан дароз ҳам гуфтааст (ҳафт байт), ки хусусияти анъанавӣ дорад.

## 3.5. Сужаҳои вобаста ба образи Яздгирди Шаҳрёр ва фарҷоми шоҳаншоҳии Сосониён

Подшоҳии Яздгирд, ки шонздаҳ сол буд, дар матни интиқодии Душанбе дар 858, дар матни интиқодии Москва дар 865 ва дар матни интиқодии Холиқии Мутлақ дар 875 байт омадааст.

Яздгирдро маъмулан писари Шаҳрёр набераи Хусрав ва Ширин медонанд. Ба қавли Табарӣ: «Фирӯзон ва Рустам ба Пӯрон духтари Кисро гуфтанд, ба мо номи занони Кисро ва асилзодгони ӯро ва номи занони хонадони Кисро ва асилзодагони хонадонро навис. Ӯ чунин кард ва номае дар ин хусус ба онҳо фиристод. Ин ду тамоми занҳоро ёфтанд ва ҳозир намуданд. Ва онҳоро уқубат ҳам карданд, то ... ба номи писаре аз писарони Кисро далолат кунанд. Аммо натавонистанд байни ин занон писареро пайдо кунанд. Занон гуфтанд ё касе аз занон гуфт: «Касе ба ҷуз писаре, ки Яздгирд ибни Шаҳрёр гӯяндаш намонд. Модари ӯ аз мардумони Бодуриё буд... Ба Яздгирд кас фиристоданду оварданд ва подшоҳаш карданд... Ва ӯ бисту як сола буд» [Табарӣ 1979-3, с. 477- 478]. Чунонки мебинем, ин ҷо ҳам номи шоҳаншоҳи Сосонӣ ба гунаи арабӣ – Кисро омадааст, на Хусрав.

Ба далолати Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Шаҳрёр дар қатори он бародарон буд, ки Ширӯя кушта буд [Ҳамза 1844, с. 61]. Таъкид ҳам мешавад, ки чун тахт холӣ монд, Яздгирдро муносиби ин мақоми олӣ донистанд, ҳарчанд ӯ ҳоло шонздаҳсола ҳам набуд.

Муаллифи «Таърихи император Иракл» таърихнигор ва епископи арманӣ Себеос, ки дар нимаи якум ва ибтидои нимаи дуюми асри VII зиндагӣ ва эҷод кардааст, менависад: «Баъд аз ӯ Газкерт (Яздгирди III) писари Кават (Қубод), набераи Хусрав ба тахт нишаст. Ӯ бо ҳарос подшоҳӣ мекард, зеро сипоҳи форсиён бар асари ошӯбҳо ба се бахш тақсим шуда буд. Як бахш дар Персия (Эрон) ва кишварҳои ховар, дигаре, сипоҳиёни Хорем дар кишвари Ассирия ва сеюм, дар кишвари Озарбайҷон. Подшоҳии ӯ дар Ктесифон буд ва ҳама ба ӯ эҳтиром мегузориданд, омин» [Себеос 1862, с.110-111].

Аҳмади Яъқубӣ (ваф. 897) дар «Таърих» овардааст, ки модари Яздгирд «ҳаҷҷома буд. Хусрав бо вай ҷуфт шуд ва Яздгирд ба дунё омад. Ин амрро фоли шум диданд ва ӯро пинҳон карданд. Сипас, ноилоҷ буданду ӯро оварданд. Аҳволи шоҳаншоҳӣ парешон буд. Аҳли мамлакат ӯро наҷоти худ шумориданд» [Яъқубӣ 1883-1, с.198]. Он нукта, ки модари Яздгирд ҳаҷҷома буд, дар «Таърих»-и Табарӣ ҳам гузаштааст [Табарӣ 1979-3, с. 501].

Абуҳанифаи Диноварӣ (ваф.897) дар «Ахбору-т-тивол», ки дар бахши подшоҳии Яздгирд беш аз ҳама ба ҷангҳои эрониён бо лашкари ислом таваққуф кардааст, меоварад, ки «форсиён аз подшоҳии занон сер шуданд ва Яздгирд ибни Шаҳриёр ибни Кисрои Абарвизро подшоҳи худ ихтиёр карданд, ки ӯ ҷавони шонздаҳсола буд» [Диноварӣ 1911, с.119]. Балъамӣ менависад, ки Яздгирд чун ба подшоҳӣ расид, бисту як сол дошт [Балъамӣ 2001, с.994].

Аз ривояти Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (ваф. 923) бармеояд, ки бузургони Истахр Яздгирдро, ки аз куштори Ширӯя наҷот ёфта, ба ин шаҳр оварда шуда буд, меёбанд ва ӯро подшоҳ ихтиёр мекунанд. Яздгирдро дар отшкадаи Ардашер тоҷ мегузоранд ва сипас ба Мадоин меоваранд. Табарӣ менависад: «Чун ӯ наврас буд, бузургону вазирон тадбири кори подшоҳӣ мекарданд ва меҳтари онон сарпарасти хазина буд» [Табарӣ 1979-4, с.83].

Ҳамзаи Исфаҳонӣ (ваф. 980) менависад, ки Яздгирди наврас бо ҳилаҳое аз дасти Ширӯя наҷот ёфт ва ба каронаҳои подшоҳӣ паноҳ бурд. Чун ба подшоҳӣ расид, шонздаҳ сол дар ҷангҳои пайваста буд, то дар Марв ба соли сию якуми ҳиҷрат, ба соли ҳаштуми халофати Усмон ибни Аффон кушта шуд [Ҳамза 1844, с. 63]. Бундорӣ дар боби Яздгирд бо ишора ба ин ки «на соҳиби китоб (яъне Фирдавсӣ) гуфтааст», меоварад, писари калонии Хусрави Парвиз – Шаҳрёр ном дошт. Ширин ӯро ба парасторӣ гирифта буд ва сахт дӯстдорӣ мекард. Мунаҷҷимон ба Хусрав мегӯянд, аз баъзе писарони ту писаре зоида мешавад, ки боиси суқути ин хонадон ва инқирози давлати онон мегардад. Нишони ин писар иллате дар ҷое аз бадани ӯ хоҳад буд. Шаҳрёр ба балоғат мерасад ва шаҳвати ҷуфт шудан боло мегирад. Ба канизаке, ки Ширин фирстода буду ҳаҷҷомаи шаҳбону ҳам буд, ҷуфт мешавад ва Яздгирд ба дунё меояд.

Месазад ишора кард, ки рахи боло гирифтани шаҳвати ҷавони наврас дар мисоли Шаҳрёр бори дуюм аст, ки дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» ба мушоҳида мерасад. Парастор одатан ба ҳамон наврас канизак ё канизаконро пешкаш мекунад. Ҳамон тавре ки гуфта гузашта будем, Мунзири Лахмӣ ба Баҳроми Гӯри наврас чил канизак пешкаш карда буд. Фирдавсӣ дар зикри бузургиҳои Хусрави Парвиз меоварад, ки «даҳу ду ҳазор» канизак дар ҳарамсарой дошт. Табарӣ ҳам дар зикри рӯзи нахустини маъракаи Қодисия дар бобате Яздгирдро «писари ҳаҷҷома» гуфтааст [Табарӣ 1979-3, с.502].

Ширин писараки хурдакакро бо либосҳои оростаю пероста ба Хусрав нишон медиҳад. Хусрав низ ба кӯдак меҳр мебандад. Вале фоли мунаҷҷимон шоҳаншоҳро парешон мекунад. Чун кӯдакро урён мекунанд, Хусрав дар яке аз ронҳои ӯ ҳамон иллатро мебинад. Хусрав кӯдакро ба замин мемонаду ба Ширин мефармояд, ки дураш кунад, то ҳаргиз набинадаш. Ширин бо чанде аз доягон кӯдакро ба канораҳо мефиристад [Бундорӣ 1932, с.263-264].

Иззуддин ибн ал-Асир дар «ал-Комил фӣ-т-таърих» ҳамин хабарро овардааст ва афзуда, ки Ширин гумон надошт, ки канизак метавонад ҳомила шавад. Мегӯяд, ки Яздгирдро ба Систон, ба ривояти дигар, ба яке аз деҳҳои Саводи Ироқ, ки Хумония ном дошт, мефиристанд. Дар ҷои дигар Ибн ал-Асир ҳамон мулоҳизаи сарчашмаҳоро меорад, ки чун мамлакат бе подшоҳ мемонад, Яздгирдро дар Истахр пайдо мекунанд [Ибн ал-Асир 1965-1, с. 493-494; 501].

Оғози достони подшоҳии Яздгирд дар муқоиса бо достонҳои подшоҳони дигари Сосонӣ андаке аз қоида берун нигошта шудааст. Фирдавсӣ дар дувоздаҳ байт ҳамон маъниҳоро ба назм кашидааст, ки одатан дар фарҷоми кори подшоҳон ривоят мекард. Чунончи:

Агар чархи гардон кашад зини ту,
Саранҷом хиштаст болини ту [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.416].

Чун қоида, Яздгирд хутбаи тоҷгузорӣ эрод мекунад ва сазовори таҳсини бузургон ҳам мешавад. Яздгирд таъкид мекунад, ки: «Падар бар падар подшоҳӣ марост» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.417]. Дар хутбаи Яздгурд муфаззал будани

некномӣ садои бештар додааст. Сипас мавзуъ печи дигар мегирад ва шоҳаншоҳро дар рӯёрӯи ҳуҷуми лашкари ислом мегузорад

Эпизоди I. Қодисия. Дар ин эпизод сухан дар бораи нахустин набарди лашкари ислом бо сипоҳи овозадори Сосонӣ меравад, ки соли 636 дар мавзеи Қодисияи, воқеъ дар наздикиҳои Наҷафи имрӯза (дар атрофи Куфа) ба рӯзгори халофати Умар ибни Хаттоб, халифаи дуюми хулафои рошидин дар давоми чор рӯз сурат гирифтааст:

Умар Саъди Ваққосро бо сипоҳ,
Фиристод то ҷанг ҷӯяд зи шоҳ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.418].

Саъд ибни Абиваққос (595-674) шахси таърихӣ мебошад. Яздгирд ба муқобили лашкари Саъд ибни Абиваққос ба Рустам писари сипаҳбуди Хуросон – Ҳурмуз мефармояд, ки пеши роҳи ҳуҷумро гирад. Дар нигориши Фирдавсӣ, Рустам, ки сарлашкари хонда ва ситорашумар ҳам буд, дар давоми сӣ рӯз лашкар меорояд:

Бар ин гуна то моҳ бигзашт сӣ,
Ҳаме разм ҷустанд дар Қодисӣ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.420].

Чун Рустам шумори сипоҳи душманро яқин мекунад, ба хулосае меояд, ки: «Раҳи оби шоҳон бад-ин ҷӯй нест» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.420]. Рустамро як ҳолати ноумедӣ фаро мегирад. Ӯ пас аз ҳисобу ҳасаби мавқею гардиши ситораҳо номае ба бародараш менависад. Нома, ки дар наваду чор байт омадааст, шояд яке аз дарозтарин номаҳои «Шоҳнома» бошад. Нома, агар байти 33-ро ба инобат нагирем, ҳамд надорад. Рустам изҳори ақида мекунад: «Ки ин хона аз подшоҳӣ тиҳист» ва «К-аз ин ҷанг моро бад ояд шитоб», зеро мавқеи ситораҳо далолати хайр намедиҳанд.

Дар чунин вазъият Рустам ба нолаи ҷонкоҳе аз тақдири Сосониён медарояд, зеро, «К-аз ин пас шикаст ояд аз тозиён». Ва ҳамон ақидаро, ки ҳоло Ардашери Бобакон ҳам гуфта буд, таъкид мекунад;

Бар ин солиён чорсад бигзарад,
К-аз ин тухма гетӣ касе наспарад.

Сипас Рустам шартҳое, ки лашкари ислом барои аланга нагирифтани оташи ҷанг ниҳода буд, зикр мекунад. Арабҳо омода ҳастанд, заминро аз Қодисия то лаби рӯдбор (Фурот) ба ихтиёри шоҳаншоҳ боқӣ гузоранд, ба шарте дастгоҳи шоҳаншоҳ

В-аз он сӯ яке баркушоянд роҳ,

Ба шаҳре куҷо ҳаст бозоргоҳ [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.421].

Чун Наҷаф дуртар аз соҳили рости Фурот воқеъ мебошад, мо мехостем мулоҳиза пешниҳод кунем, ки ин «рӯдбор» шояд Фурот бошад. Ва Саъд ибни Абиваққос мегӯяд, ки: «Пазирем мо сову божи гарон», вале «Наҷӯем дайҳиму кундоварон». Яъне, мо даъвои ғасби подшоҳии шуморо надорем. Ва ҳатто пешниҳод мекунад, ки:

Шаҳаншоҳро низ фармон барем,

Гар аз мо бихоҳад, гаравгон барем [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.422].

Ба чунин шартҳо Рустам бовар наменамояд ва хулоса мекунад, зеро ба назари ӯ «чунин аст гуфтор, кирдор» не. Рустам ба бародараш маслиҳат медиҳад, ки бо меҳтарон машварат кун, ки маблағ ҷамъ кунанду сипоҳ биороянд. Сипас як руҷӯи риққатовар ҳам мекунаду мегӯяд, ба модарам саломҳо расон ва мабодо хабари нохуши ман расад, талқин кун, ки: «Мабош андар ин кор ғамгин басе». Рустам ноумедӣ мекунад ва изҳор, ки: «Раҳоӣ наёбам саранҷом аз ин», яъне ҷанг бо лашкари ислом. Ва чун шоҳпараст мегӯяд:

Чу гетӣ шавад танг бар шаҳрёр,

Ту ганҷу тану ҷон гиромӣ мадор [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.424].

Сипас оқибати футуҳоти исломиро пешгӯӣ мекунад. Чунончи:

Чу бо тахт минбар баробар шавад,

Ҳама ном Бӯбакру Уммар шавад» [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.424].

Байте, ки ба туфайли даҳои Фирдавсӣ вирди забонҳо ҳам шудааст:

Зи паймон бигарданду аз ростӣ,

Гиромӣ шавад кажживу костӣ» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.425].

Дар натиҷа:

Зиёни касон аз пайи суди хеш

Бичӯянду дин андар оранд пеш [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.426].

Ин баҳо баҳои Рустам аст ва эҳтимол, баҳои Фирдавсӣ ҳам шояд бошад. Ин байт, ки дар се матни интиқодии мавриди истифодаи мо ҳамин хел омадааст, метавонад муносибати шоири муслмонро ба кишваркушоии арабҳо ҳам ифода кунад. Фирдавсӣ ҳазор сол пеш ба тавре огоҳ ҳам карда буд, ки динро метавонанд «аз пайи суди хеш» ба кор баранд. Ҳамин аҳвол, ки имрӯз мо, мутаассифона, дар бархе аз минтақаҳои олами исломӣ мушоҳида мекунем. Нома бо мазмуни басо рӯҳафтодагӣ ба поён мерасад:

Ки ин Қодисӣ гӯргоҳи ман аст,

Кафан ҷавшану хун кулоҳи ман аст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.428].

Дар яке аз нусхаҳои мавриди истифодаи А.Е. Бертелс дар аҷзи байт ба ҷойи калиамаи «хун», «худ» (кулоҳи ҷангӣ) омадааст, ки шоистатар ба назар мерасад.

Эпизоди II. Қодисия. Ин эпизод ба мазмуни номаи Рустам ба Саъд ибни Абиваққос, музокироти осоишта ва ниҳоят ба ҷанг бахшида шудааст, ки дар сӣ байт омадааст. Нома чун номаҳои қадимаи суғдӣ пеш аз ҳамди анъанавӣ зикри номи нависанда ва гирандаро дорад:

Ба унвон бар аз пури Ҳурмуздшоҳ,

Ҷаҳонпаҳлавон Рустами некхоҳ.

Сӯйи Саъди Ваққоси ҷӯянда ҷанг,

Ҷаҳон карда бар хештан тору танг [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.428].

Ҳамд дар чаҳор байт омадааст. Сипас номаи Рустам оҳанги ҳавобаландӣ мегирад. Чунончи:

Ба пеш омад ин нописандида кор,

Ба беҳуда ин ранҷу ин корзор.

Мепурсад: «Ба ман боз гӯй ин, ки шоҳи ту кист?». Сипас дар нома андаке оҳанги таҳқир ба мушоҳида мерасад:

Ба ноне ту сериву ҳам гурсуна,

На пилу на тахту на бору буна [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.429].

Рустам пешниҳод мекунад, Саъд марди донишманде фиристад, то фаҳмонад, ки арабҳо чӣ мехоҳанд? Ваъда медиҳад, ки фиристодаи Саъдро ба

ҳузури шоҳ ҳам хоҳад фиристод. Бо оҳанги ҳавобаландӣ маслиҳат медиҳад, ки: «Ту ҷанги чунин подшоҳе маҷӯй» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.430].

Номаҳо навиштани Рустам ба бародараш ва Саъд ибни Абиваққос дар «Таъарих»-и Табарӣ ва тарҷумаи Балъамӣ инъикос наёфтааст. Аммо дар «Шоҳнома» Саъд ибни Абиваққос чун бо номаи Рустам шинос мешавад, вокуниши муътадил нишон медиҳад. Ӯ аз тавҳиду Қуръону ваъду ваиду биҳишту дӯзах ва ғайра ёд мекунад ва ҳамон хулоса, ки дар номаи ҳазрати Пайғамбар ба Хусрави Парвиз зикр шуда буд. Дар назми Фирдавсӣ:

Ки гар шоҳ бипзирад ин дини рост,
Ду олам ба шоҳию шодӣ варост [ Фирдавсӣ Д.1966-9, с.432].

Таҳдиде ҳам мекунад:

Ҳар он кас, ки пеши ман ояд ба ҷанг,
Набинад ба ҷуз дӯзаху гӯри танг [ Фирдавсӣ Д.1966-9, с.433].

Саъд номаро бо Шуъба ибни Муғира мефиристад. Ӯ шахси таърихист. Дар густариши ислом хидматҳои шоиста кардааст. Шуъба соли 670 дар Куфа ҳангоми паҳншавии касалии вабо мемирад. Шуъба ба иззату икроме, ки Рустам чун фиристода карданӣ мешавад, ҳеҷ эътиборе намедиҳад. Шуъба ба замин менишинад ва:

Ба Рустам чунин гуфт к-эй некном,
Агар дин пазирӣ, алайка-с-салом [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.434].

Рустам гузинаи пазируфтани дини исломро қабул намекунад ва мефармояд ба Саъд:

Бигӯяш, ки дар ҷанг мурдан ба ном,
Беҳ аз зинда душман бад-ӯ шодком [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.435].

Дар оғози рӯёрӯӣ ҷониби ислом, ба ривояти Табарию Балъамӣ, аз роҳи мусолиматомези ҳалли масъала канора намегирад. Чунончи Саъд ибни Абиваққос ҳайатро иборат аз чордаҳ тан аз меҳтарони араб ба ҳузури Яздгирд мефиристад. Ҳайат то ҷанг нашавад, ҳамон шартро мегузорад, ки дар ҳамон номаи муборaки ҳазрати Пайғамбар ба Хусрави Парвиз омада буд.

Фиристодагон, ба ривояти Балъамӣ, мегӯянд: «Акнун мо пеши ту омадем. Агар бигаравӣ ба дини мо, ин мамлакат ба ту даст боздорем. Агар нагарвӣ, ҷизят бидеҳ. Ва агар ин ҳарду накунӣ, ҳарбро биёрой» [Балъамӣ 2001, с.996]. Шарт пазируфта намешавад. Масъала ба ҷанг мепечад. Ҷанг чун шуруъ мешавад, чӣ дар «Шоҳнома»-ю чӣ дар маъхазҳои дигар се рӯз давом мекунад. Сипоҳи эронӣ ва аспони онҳо азоби сахти ташнагӣ мекашанд:

Чунон танг шуд рӯзгори набард,

Гили тар ба хӯрдан гирифт аспу мард [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.436].

Сипас Рустам ва Саъд ба ҷанги тан ба тан медароянд. Рустам ба як зарб аспи Саъдро сар мезанад. Рустам мехоҳад Саъдро бикушад, вале аз сиёҳии гарду чанг ӯро намебинад. Саъд пиёда шуда, теғе ба сари Рустам мезанад. Чун биноии Рустам аз хун коста мешавад, Саъд бо чанд зарби теғ Рустамро ба ҳалокат мерасонад. Лашкари исломи ғолиби ин набард, ки тақдири шоҳаншоҳии Сосониро ҳал карда буд, ба сӯи Мадоин, ки Фирдавсӣ Бағдодаш мегӯяд, ҳаракат мекунад.

Ҷанги Қодисия ба навъе рӯйдоди тақдирсоз буд. Бо ҳамин империяи Сосониён ва охирин давлати қавмҳои эронӣ, ки нуфуз ва аҳаммияти ҷаҳонӣ дошт, сукут мекунад. Огоҳони эронӣ, эҳтимол, пай бурда буданд, ки инқирози салтанат ва шикасти дини зардуштӣ гузир надорад. Шояд ба ҳамин хотир мӯбадон ба соли дуюми подшоҳии Яздгирди Шаҳрёр китоби муқаддаси «Авасто»-ро дар бисту як насх ба хатти паҳлавӣ китобат мекунанд. Ин кор  ба қавле соли 634 сурат гирифтааст [Кристенсен 1980, с.369].

Ҳамзамон, А. Кристенсен ба ақидае, ки «мутуни муқаддаси маздияснон то авосити қарни ҳафтуми мелодӣ сина ба сина ҳифз мешуда ва зардуштиён то солҳои охири салтанати Сосониён кутуби мазҳабии мудавван надоштаанд», мухолифат мекунад [Кристенсен 1980, с.369]. Яъне, ин китобат китобати нахустин набуд, китобати охирин буд, ки ба хатти паҳлавӣ навишта шуда буд.

Шояд яке аз сабабҳои китобати «Авасто» он ҳам бошад, ки ин китоб ҳам ба қатори китобҳои муқаддас, ки ислом эътирофаш мекунад, дароварда шавад. А.Кристенсен идома медиҳад, ки « баъдҳо дар қарни ҳаштуми мелодӣ алифбои

авастоиро ихтироъ ва мутунеро, ки соли 634 мелодӣ ҷамъоварӣ ва ба хатти паҳлавӣ навишта буданд, ба ин алифбои ҷадид нақл карданд» [Кристенсен 1980, с. 369].

Дар замони подшоҳии бухрономези Яздгирди III, инчунин, боз як нишони бемонанди хотираи фарҳангии қавмҳои эронӣ «Худойнома» таълиф шуда буд. Сухан дар бораи «Худойнома»-и деҳқони Донишвар меравад. Теодор Нёлдеке бо такя ба маълумоти муқаддимаи Бойсанқурии «Шоҳнома» менависад: «Дар замони Яздгирд – охирин шоҳи Сосонӣ...деҳқони Донишвар бо истифода аз нусхаҳои пешин як вақоеъномаи комиле аз шоҳони Эрон аз Каюмарс то Хусрави II таълиф кардааст» [Нёлдеке 1978, с.36].

Нёлдеке ба баъзе ҷузъиёти маълумоти муқаддимаи мазкур баҳои баланд намедиҳад, вале навишта шудани «Худойнома»-и комилро (аз Каюмарс то Хусрави II, яъне Хусрави Парвиз) дар замони Яздгирд инкор намекунад. Ҳасани Пирниё низ ақида дорад, ки: «Китобе мавсум ба Худойнома».... дар замони Яздгирди III роҷеъ ба таърихи Эрон таълиф шуда буд...» [Ҳасани Пирниё 2013-3, с. 2077].

«Шоҳнома»-и Бойсанқурӣ соли 1431 бо супориши шоҳзода Бойсанқур Мирзо, набераи амир Темур дар Ҳирот китобат шудааст. Ин дасхатти ҳамосаи миллӣ бештар бо нигораҳои худ шухрат пайдо кардааст. Аз нигоҳи дурустии матн ба ин дастхат камтар такя мекунанд. Чунончи, Ҷалол Холиқии Мутлақ ҳангоми омода намудани нашри интиқодии «Шоҳнома» дар байни дувоздаҳ дастхатти «Шоҳнома», ки аз ибтидои асри XIII то охири асри XV китобат шудаанд, аз ин дастхат истифода накардааст.

Эпизоди III. Фирори Яздгирд. Пас аз ин шикасти низомӣ яке аз сарлашкарон, ки Фирдавсӣ Фаррухзоди Ҳурмуздаш мегӯяд, ба ҳузури подшоҳ мерасад ва бо ситез маслиҳат медиҳад, ки подшоҳ ба бешаи Норвон равад. Пеш аз ин Фаррухзод дар муҳорибае лашкари исломро дар Бағдод шикаст медиҳад, то ҷое: «Ки аз найзадорон намонд эч гурд». Пас аз шунидани арзи Фаррухзод Яздгирд анҷуман доир мекунад. Аъёни давлат маслиҳати Фаррухзодро ҷонибдорӣ менамоянд. Вале Яздгирд гузинаи дигар пешниҳод мекунаду мегӯяд,

ки: «Ҳамон беҳ, ки сӯи Хуросон шавем». Ӯ изҳори умед мекунад, ки: «Бузургону туркону хоқони Чин» ва инчунин, волии (куноранг) Марв Моҳӯйи Сурӣ подшоҳро дастгирӣ хоҳанд кард. Ҳамчунин мегӯяд, ки духтари Фағфур хоқони Чинро ба занӣ хоҳад гирифт: «Або духти Фағфур хешӣ кунам». Дар бораи Моҳуй ақидаи подшоҳ чандон пуштибонӣ намеёбад.

Рӯзи дигар подшоҳ ба самти Хуросон ҳаракат мекунад. Аз рафтани подшоҳ эрониён хурсанд намешаванд. Яздгирд нахуст дар Рай таваққуф мекунад, сипас аз тариқи Гургону Буст роҳи Марвро пеш мегирад ва номае ба Моҳуи Сурӣ, ки волии Марв буд ва инчунин, ба марзбони Хуросон менависад.

Нома ба Моҳӯй дар нуҳ байт омадааст. Дар тасвирҳои Фирдавсӣ, подшоҳон бо он ҳама ҷоҳу ҷалол гиря мекунанд ва рангашон меканад. Ин ҷо низ ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад. Нома аз се байти ҳамд оғоз меёбад. Дар нома Яздгирд иқрор мекунад, ки: «В-аз ин подшоҳӣ бишуд рангу бӯй». Мегӯяд, Рустамро Саъди Ваққос, ки на ном дораду на мақом кушт ва: «Кунун то дари Тайсафун лашкар аст». Бинобар ин: «Ту бо лашкарат размро соз кун» [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.438-447].

Номаи дигарро Яздгирд ба волии Тӯс менависад, ки дар ҳаштоду нуҳ байт омадааст. Ҳолати шоҳаншоҳро ҳангоми фармудани нома Фирдавсӣ чунин тасвир кардааст: «Пур аз хун дилу рӯй чун сандарӯс». Сандарӯс шилми зардранги дарахте будааст, ки номи илмиаш Tetraclina articulate мебошад. Дар нома ҳамд дар панҷ байт омадааст. Сипас Яздгирд ба сифати худаш мегузарад. Ӯ бо ҳама шароити варшикастагии сиёсию низомӣ, ки дошту рӯ ба гурез ҳам ниҳода буд, худашро ҳамоно «шаҳрёри сутург» мешуморад. Инсофан месазад гуфт, ки шояд ин ҷо клише бошад, на инъикоси воқеят. Зеро Шаҳрёр ҳеҷ касе набуд ва Яздгирд ҳам чунонки гуфта гузашта будем, иллате дошт ва аз рӯйи оини подшоҳони Сосонӣ ҳатто шоистаи тахт набуд.

Сипас Яздгирд аз гӯё пуштибонии аҳли Хуросон аз Хусрави Парвиз ҳангоми мубориза бо Баҳроми Чӯбина ёдовар шуда, ваъда медиҳад, ки: «Ба подоши неку физоиш кунем».

Яздгирд баъд аз ин ба накӯҳиш ва ҳатто таҳқири қавми араб мегузарад. Чунончи:

Аз ин морхор аҳриманчеҳрагон,

Зи доноию шарм бебаҳрагон.

На ганҷу на тахту на ному нажод,

Ҳамедод хоҳанд гетӣ ба бод.

Чунин гашт паргори чархи баланд,

Ки ояд бад-ин подшоҳӣ газанд.

Аз ин зоғсорони беобу ранг

На ҳушу на дониш, на ному на нанг»[Фирдавсӣ Д.1966-9, с.449].

Ин чор байт ба истисноии як байте, ки афзуда мебошад, дар матни А. Бертелс низ чунин омадааст [Фирдавсӣ М.1971-9, с.340-341]. Дар матни Холиқии Мутлақ ҳам он байти афзуда, ки дар матни Душанбе наомадааст, чунин аст:

Басе ганҷу гавҳар пароканда шуд,

Басе сар ба хок оганда шуд [Фирдавсӣ Т.2018-8, с.443].

Ҳар се матни интиқодии иқтибос чӣ ба оҳанг ва чӣ ба маънӣ фарқи казоие надоранд.

Мо намегӯем, ки ин чор ё панҷ байтро бешакку шубҳа шоири мусулмон гуфтааст. Вале наметавонем иқрор ҳам кунем, ки байтҳоро Фирдавсӣ нагуфтааст. Бино ба қавли Холиқии Муталақ (ва Абулфазли Хатибӣ, ки дафтари VIII матни интиқодиро дар ҳамкорӣ таҳия намудааст), дар дувоздаҳ дастхатти «Шоҳнома», ки то охири асри XV китобат шудаанд, ин байтҳои арабситезона вуҷуд надоранд. Ба қавли муҳаққиқон, ин байтҳо бори аввал дар қиссаи мансури омиёнаи «Ҳамзанома», ки ба эҳтимоли ғолиб дар Ҳинд дар асри XV мелодӣ навишта шудааст, ба назар расидааст [www.wikipedia.org]. Дар китоби басо муфассал, ки бо тасҳеҳи Ҷаъфари Шиор соли 1983 дар Теҳрон чоп шудааст, байтҳое, ки дар боло иқтибос шуданд, ба чашм нарасиданд. [Қиссаи... Ҳамза 1984. – 633 с.]

Аммо худи маънӣ, яъне таъна задан ба арабҳо, ки сусмор мехӯрданду гӯсфанд мечаронидаанд, эҳтимол, дар адабиёт маънии нав нест. Шоири шуубие,

ки Иброҳим ибни Мамшод ном дорад ва замоне дар дарбори халифаи Аббосӣ ал-Мутаваккил ала-л-лоҳ (847-861) чун дабир дар Бағдод хидмат ҳам кардаасту сипас ба хидмати Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ (867-879) дар Сиистон гузаштааст, бо супориши Яъқуб ба унвони халифа ал-Муътамид ала-л-лоҳ (870-892) қасидаи тунде менависад ва дар байте аз он кушоду равшан мегӯяд:

فعودوا الي ارضكم بالحجاز لاكل الضباب و رعي الغنم

(Ба замини худ дар Ҳиҷоз баргардед,

Барои хӯрдани сӯсмору чаронидани гӯсфанд) [Мумтаҳан 1975, с.23].

Арабҳо, эҳтимол, на танҳо сусмор, мор ҳам мехӯрданд. Дар «Насиҳату-л-мулук»-и имом Муҳаммади Ғаззолӣ ҳикояте оварда шудааст, ки пиразани хайманишине то ҳоҷии хонаи Худоро, ки аз корвон монда буду раҳгум зада, аз гушнагӣ наҷот диҳад, ба шикори морон мебарад. Чанд морро шикор мекунаду бирён, то раванда аз гушнагӣ намирад [Ғаззолӣ 1988, с.61-62].

Вобаста ба зӯроварии лашкари араб, дар нома Яздгирд аз хоби Анӯшервон ҳам ёд мекунад, ки мо дар он бора пештар тавaққуф карда будем. Яздгирд дар бобати хоби Анӯшервон менависад:

Ҳам оташ бимурдӣ ба оташкада,
Шудӣ тира Наврӯзу ҷашни Сада.
Аз айвони шоҳи ҷаҳон кунгура,
Фитодӣ ба майдони ӯ яксара.

Бинобар ин менависад Яздгирд:

Ба сӯи Хуросон ниҳодем рӯй,
Бари марзбонони пархошҷӯй [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.450].

Баъд аз ин дар нома Яздгирд як навъ ҳисоботе медиҳад, ки дасти холӣ наомадааст, яъне дар сурати лашкар оростан aқибгоҳи лашкар то ҳадде таъмин мебошад. Мегӯяд, зару зевари хазина бо ӯст. Хӯрданиҳо, инчунин. Масалан, чил ҳазор гов «гурунҷ», «даҳу ду ҳазор» хирвор ва ҳатто сесад шутур «нафти сиёҳ» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с. 452] ва ғайра.

Эпизоди IV. Моҳуй. Моҳӯй – марзбони Марв аз Яздгирд зоҳиран ба тарви шоиста истиқбол мекунад. Яздгирд медонист, ки Моҳӯй асилзода нест. Иқрор шуда буд, ки:

Чу беарзро ном додем арз,
Кунорангию пилу мардони марз.
Агарчанд бемояву бетан аст,
Баровардаи боргоҳи ман аст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.443].

Фаррухзод, яке аз сарлашкарони шоҳаншоҳ ҳам Яздгирдро огоҳ карда буд, ки: «Ба бадгавҳарон-бар бас эмин машав». Аммо чун дар мурофиқати Яздгирд Моҳуйро мебинад, аз дидани ӯ изҳори хурсандӣ мекунад. Фаррухзод, ки мебоист бо фармони шоҳ ба Рай бозгардад, Яздгирдро ба амонати Моҳуй месупорад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.455].

Яздгирд дар бораи Рустам ва кушта шудани ӯ мегӯяд: «Зи дасти яке зоғсар кушта шуд» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.455]. Моҳуй суханони Фаррухзодро қабул мекунад, вале бо гузаштани чанде аз вақт Моҳуй ба муқобили Яздгирд фитна меангезад.

Моҳӯй ба Бежан, ки аз нажоди Тархон буд, нома менависад, то кини ниёгони худро аз Сосониён бигирад. Меафзояд, ки агар ин корро бикунӣ, подшоҳӣ ба ту хоҳад расид. Дастури Бежан ин коррро лоиқ ӯ намедонад ва маслиҳат медиҳад, ки ба ҷои худ Барсомро фиристад. Барсом бо даҳ ҳазор лашкар аз Бухоро ба Марв ҳаракат мекунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.458]. Месазад ёдовар шуд, ки минтақаҳои соҳили рости дарёи Омӯ, аз ҷумла Бухоро, бино ба тақсимбандии марз ё доираи нуфуз ба замони подшоҳии Баҳроми Гӯр, дар итоати подшоҳони Сосонӣ набуданд.

Расидани сипоҳи душман шоҳаншоҳро ғофилгир мекунад. Ба ӯ назари Моҳӯйро мерасонанд, ки:

Сипаҳдор хом аст фағфури Чин,
Сипоҳаш ҳаме барнатобад замин [Фирдавсӣ Д.1966-9,с.458].

Албатта, ин ҷо Фағфур ба маънои подшоҳ чандон бемавқеъ нест, аммо ӯро подшоҳи Чин гуфтан чандон мавқеъ надорад. Яздгирд лашкар меорояд ва

далерона меҷангад, вале хиёнати Моҳуй, ки ба тарафи душман мегузарад, мувозинати ҷангиро дигар мекунад. Яздгирд маҷбур мешавад, рӯ ба гурез ниҳад ва дар осиёбе пинҳон шавад.

Дар ҳамин ҷойи нигориши достони Яздгирд Фирдавсӣ ҳафт байти шӯрида дар маънии печу тоби тақдир ва бебақоии дунё гуфтааст. Чунончи:

Ниҳон шоҳ дар хонаи осиё,
Нишаст аз бари хушклахте гиё.
Чунин аст расми сарои фиреб,
Фарозаш баланд асту пасташ нишеб.

Хулоса мекунад, ки:

Хурӯше барояд, ки барбанд рахт,
Наёбӣ ҷуз аз тахтаи гӯр тахт [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.459-460].

Пагоҳи рӯзи дигар осиёбон, ки Фирдавсӣ Хусраваш мегӯяд, дари осиёбро кушода, аз ҳайъату ҳайбати Яздгирд ҳайрон мешавад ва мепурсад, ки кистӣ? Яздгирд дар ҷавоб мегӯяд ки аз эрониён асту аз сипоҳи Турон шикаст хӯрдааст [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.461].

Бо ҳама тангдастӣ осиёбон подошоҳро бо нони кашкин меҳмон мекунад. Яздгирд тақозо мекунад, ки барсам низ биёрад. Барсам як қабзаи шохакҳои нозуки дарахте мебошад, аз ҷумла анор, ки зардуштиён ҳангоми ибодат истифода мебаранд. Барсам, эҳтимол, ҳамон нақшеро дорад, ки дар таомули исломӣ тасбеҳ иҷро мекунад. Осиёбон ба талаби барсам ба назди меҳтаре меравад. Меҳтар дар ниҳояти кор осиёбонро ба ҳузури Моҳуй мефиристад, ки дар ҷустуҷӯи шоҳаншоҳ буд. Моҳуй яқин мекунад, ки он паноҳандаи осиёб Яздгирд аст. Моҳӯй ба осиёбон чунин фармон медиҳад:

Бад-ӯ гуфт: Биштоб аз ин анҷуман,
Ҳам акнун ҷудо кун сарашро зи тан.
В-агарна ҳам акнун бибуррам сарат,
Намонам касе зинда аз гавҳарат [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.463].

Вақте меҳтарон ва ҳама анҷуман ин фармони Моҳуйро мешунаванд, хашме ва ҳангомае мехезад. Яке аз мӯбадон, ки Фирдавсӣ Зорuяш мегӯяд, ба марзбон чунин муроҷиат мекунад:

Ба Моҳуй гуфт: Эй бадандеш мард,

Чаро дев чашми туро хира кард?!

Чунон дон, ки шоҳию пайғамбарӣ

Ду гавҳар бувад дар як ангуштарӣ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.464].

Ин ҷо мулоҳизае метавонад ҷой дошта бошад, ки подшоҳро бо пайғамбар баробар донистан бори аввал дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» мегузарад. Чун муғон як пайғамбар – Зардушт доштанд, метавон ҳадс зад, ки шояд Фирдавсӣ, агар ин байт илоҳоқӣ набошад, ин нуктаро аз маонии динҳои иброҳимӣ гирифта бошад. Аммо чун байтҳои иқтибос Душанбе дар матни Москва ва матни Холиқии Мутлақ айнан омадаанд, шубҳа кардан, ки байт илҳоқӣ аст, то ҳадде бепоя ба назар мерасад.

Ба тахмини мо, чунонки ишора рафта буд, Аҳурамаздо тоҷро бар сари Ардашери Бобакон гузошта буд. Ин бовар дар хотираи таърихии халқҳои эронӣ метавонад то ҷое ба он ҳам далолат кунад, ки подшоҳи зардуштӣ чун пайғамбари динҳои иброҳимӣ назаркардаи Худо буд.

Мӯбад оқибатҳои нохушоянди куштори шоҳаншоҳро барои Моҳуй ва насли ӯ зикр мекунад. Чунончи: «Ба зудӣ сари хеш бинӣ нигун». Марди дигаре, ки Фирдавсӣ Ҳурмузди Харродаш мегӯяду чун диндору яздонпараст сифаташ мекунад, бо суханҳои талх ба Моҳуй ҳушдор медиҳад, ки ин дунё ва он дунёи худро насӯзад. Марди дигаре, ки Шоҳруй ном дорад, дар ҳушдор медиҳад, ки Моҳӯй хуни шоҳонро нарезад. Меҳтаре, ки Меҳрнӯш ном дорад, дар анҷуман, ба таъбири навин, як «озодии сухане» нишон медиҳад, ки одатан дар шаъни подшоҳон намегӯянд. Ӯ Моҳуйро дар назди ҳама баднажод, берой (ақл), золим, бадтар аз дад мехонад [Шоҳнома» Д.1966-9, с.465]. Сипас ба овардани мисолҳои таърихи гузашта, аз оқибати кори Заҳҳок, ки Ҷамшедро, оқибати кори Тур, ки Эраҷро, оқибати кори Афросиёб, ки Сиёвушро, оқибати кори Арҷосп, ки Лӯҳроспро, оқибати кори Биндую Густаҳм, ки Ҳурмузди ҷаҳорумро кушта

буданд, ёдовар мешавад, то Моҳӯйро огоҳ кунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.473-474]. Маслиҳат медиҳад, ки аз шоҳаншоҳ узр пурсад. Боз мисол меорад, ки Баҳроми Розӣ (Баҳроми Чӯбина) бо сесад ҳазор сипоҳӣ чӣ шуд, Фароин ҳам, ки хуни подшоҳӣ надошт, ба хорӣ бимурд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.476]. Вале, ба қавли Фирдавсӣ, ки шубонзодаро хаёли тахт ба тамом фаро гирифта буд, панди мӯбадонро писанд ва қабул намекунад. Ҳакими Тӯс афсӯс мехӯрад, ки аз азал то қиёмат панд ба касе асар накардаасту намекунад. Ин хулосаи талхро Фирдавсӣ ба маҳорате гуфтааст, ки назир камтар дорад ё надорад:

Ҳама мӯбадон то ҷаҳон шуд сиёҳ,
Бар оини хуршед биншаст моҳ,
Ҳаме панд гуфтанд бо кинаҷӯй,
Набуд суд як мӯй аз он гуфтугӯй [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.469].

Моҳуй ба баҳонаи он ки шаб аз шаб гузашт, мӯбадонро рухсат мекунад ва мегӯяд, ки ӯ мехоҳад бо писараш ва намояндагони лашкар машварат кунад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.470]. Дар машварат Моҳуй мегӯяд, ки агар Яздгирд зинда монад, ман нобуд хоҳам шуд.

Яке аз хирадмандон дар ҷавоби чунин гузориш мегӯяд, ки куштани шоҳи Эрон танҳо ба зарари ту мебошад. Писараш мегӯяд, ки агар Яздгирд зинда монад, аз Мочину Чин лашкар метавонад оварад ва туро нобуд кунад. Моҳӯй аз рӯи суханони писараш амал мекунад ва ба осиёбон амр медиҳад, ки бо саворон раваду Яздгирдро бикушад [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.471].

Эпизоди V. Куштори Яздгирд. Ин эпизод ба куштори Яздгирд, охирин подшоҳи Сосонӣ бахшида шудааст. Моҳӯй аз пайи осиёбон зуд саворон мефиристад ва мефармояд, ки ҳангоми куштор «эҳтиёт» кунанд, ки ба ашрофзода будани марзбони Марв ҳеҷ наметавонад далолат кунад:

Бифармуд, к-он тоҷу он гӯшвор,
Ҳамон муҳру он ҷомаи шоҳвор
Набояд, ки яксар пур аз хун кунанд,
Зи тан ҷомаи шоҳ берун кунанд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.471].

Дар садри байти якум калимаи «гушвор» омадааст, ки бори аввал дар бахши Сосниёни «Шоҳнома» нисбати мард гуфта шудааст.

Осиёбон гирёну нолон ба Яздгирд корд мезанад. Шоҳаншоҳ оҳе мекашаду ҷон медиҳад. Фирдавсӣ бар асари ин фоҷиа панҷ байт дар бевафоии рӯзгор гуфтааст. Сӯгворӣ дар куштори Яздгирд дар ин бахши «Шоҳнома» инъикос наёфтааст. Саворони Моҳуй, чунонки фармон буд, ҷасади шоҳаншоҳро бараҳна мекунанд. Моҳуй амр медиҳад, ки ҷасади Яздгирд шабҳангом ба оби Марғоб партофта шавад [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.473]. Дар ривояти Аҳмади Балозурӣ Яздгирд ба оби Марғоб паноҳ бурда буд ва дар об бо банд буғияш мекунанду мекушанд. Як нуктаи ҷолиби дигар дар ривояти Балозурӣ он аст, ки Фирӯз, писари Яздгирд ба сӯи туркон ё Чин паноҳ мебарад ва он ҷо хонадор ҳам мешавад [Балозурӣ 1987, с.442-443]

Чун дар даруни об ҷасади Яздгирдро бараҳна мебинанд, яке аз онон, ки азо гирифта буданд: «Давон то дари хони роҳиб» мерасад. Сакубо (епископ – усқуф) ва ҳама роҳибон, ки азо гирифта буданд ба лаби об мешитобанд. Яке аз роҳибон бо овоз гиря мекунад, ки дар нӯҳ байт омадааст. Ин хели гиряро дар баъзе аз шеваҳои тоҷикӣ «овоз андохтан» ҳам мегӯянд.

Дар зерфасли «Гуфтор андар шеван кардани роҳибон бар Яздгирд» Яздгирдро роҳиб, аз ҷумла чунин сифат мекунад:

Дареғ он сари тухмаи Ардашер,
Дареғ он ҷавону сувори ҳажир [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.474].

Ин ҷо ибораи «сувори ҳажир», ба эҳтимоли қавӣ, маънии чобуксавори некандомро бояд дошта бошад. Роҳиб ба Моҳуй нафрат мехонад, Яздгирдро бо сифтҳои ҳамида ситоиш мекунад, ва чанд бор дареғо ҳам мегӯяд. Сипас епископ ва чор тани дигар ҷасади бараҳнаи Яздгирдро аз об берун бароварда, дар даруни боғ дахмае месозанду ҷасадро бо оини зардуштӣ бо хушбӯиҳо коркард менамоянд ва меороянд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.475].

Дар ҳамин ҷойи «Шоҳнома» як саҳнае тасвир шудааст, ки «сухан гуфтан»-и арбобони имрӯзро «дар митинг»-и пеш аз дафн ба ёд меорад. Деҳқони Марв ва

ҳафт нафари дигар сухани муносиби маросими дафни майийт мекунанд. Пас аз ин маросим тобутро мебардоранд ва ба дахма мегузоранд.

Дар фароварди ин гуфтор Фирдавсӣ дар се байт аз нобасомониҳои зиндагии худ изҳори гила кардааст:

Маро дахлу харҷ ар баробар будӣ,
Замона маро чун бародар будӣ.
Тагарг омад имсол бар сони марг,
Маро марг беҳтар будӣ аз тагарг.
Дари ҳезуму гандуму гӯсфанд,
Бубаст ин баroварда чархи баланд [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.478].

Ин се байт, бе ҳеҷ шубҳа, хусусияти шарҳиҳолӣ доранд. Ин гиларо шоир ба маъние тамом кардааст, ки нав нест, ҳанӯз дар муаллақаи Тарафа баръалоина ифода ёфта буд, вале Фирдавсӣ бо маҳорати бештаре гуфтааст:

Май овар, ки аз рӯзи мо бас намонд,
Чунин буд то буду бар кас намонд [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.478].

Ин маънӣ дар яке аз байтҳои муаллақаи ғаррои Тарафат ибн ал-Абд (543-569), ки аз 103 байт иборат асту бо баъзе эҳтиётҳо беҳтарин муаллақаи ҳафтгона шуморидаанд, чунин омада буд: «Фа ин кунта ло тастиу дафъа маниятӣ – Фа даънӣ убодирҳо би мо малакат ядӣ» – Агар натавонӣ, ки марги маро дафъ бигардонӣ, Бигзор маро бо он чӣ дорам, аз марг пешдастӣ кунам» [Завзанӣ 2013, с. 86].

Шахсияти Моҳавайҳ (Моҳуй) ва муносибати ӯ бо Яздгирд ва инкишофи давоми ҳамин хатти сюжет дар нигориши Табарӣ тоби дигартаре гирифтааст ва чунин омадааст: «Ба соли 31 ҳиҷрӣ чун Яздгирд ба Хуросон омад, бо ӯ Хуррамзодмеҳр, бародари Рустам буд. Ӯ ба Моҳавайҳ марзбони Марв гуфт: «Ман подшоҳро ба ту супоридам» ва ба Ироқ бозгашт. Яздгирд дар Марв иқомат кард ва хост Моҳавайро аз марзбонӣ барканор кунад. Моҳавайҳ ба туркон навишт ва аз шикасти Яздгирд хабар дод ва қавл дод, ки кӯмакашон хоҳад кард. Роҳро ба онон кушод» [Табарӣ 1979-4, с. 294]. Вақте ки туркон ба Марв ҳуҷум менамоянд, Яздгирд бо сипоҳи худ, аз ҷумла Моҳавайҳ ва саворони ӯ, ба душман

зӯри мекунад. Моҳавайҳ аз андешаи он, ки туркон мағлуб нашаванд, бо саворони худ ба тарафи туркон мегузарад. Сипоҳи Яздгирд шикаст мехӯраду кушта мешавад. Бегоҳи рӯз аспи Яздгирд низ аз пой меафтад.

Шоҳаншоҳ пиёда ва гурезон ба манзиле дар соҳили Мурғоб мерасад, ки он ҷо осиёб буд. Яздгирд он ҷо ду шаб мемонад. Пагоҳи рӯзи дуюм осиёбон ба осиёб медарояд ва Яздгирдро дида, аз ҳайати ӯ ба тааҷҷуб меафтад. Шоҳаншоҳ хӯрданӣ мепурсад. Сипас мегӯяд, ки «ман замзамагӯ ҳастам, ба ман чизе биёр, ки замзама кунам». Осиёбон ба назди саворае меравад ва мепурсад, ки олати замзама чӣ (барсам дар назар аст) мебошад?.

Чун ин хабар ба Моҳавайҳ мерасад, ӯ мегӯяд, ки он мард Яздгирд аст. Равед ва сарашро биёред. Мӯбад ва аъёни лашкар мухолифат мекунанд, вале Моҳавайҳ исрор мекунад, ки саворон раванд ва Яздгирдро бикушанд. Саворон аз куштани шоҳаншоҳ андеша мекунанд ва ба осиёбон мефармоянд, ки бикушад. Осиёбон сари шоҳаншоҳи хобро бо санг лат мекунад ва ҷасади Яздгирдро ба Марғоб меафканад. Гурӯҳе аз мардуми Марв ба по мехезанду осиёбонро кушта, осиёбро хароб мекунанд. Епископи Марв ҷасади Яздгирдро аз дарё берун мекунад. Ҷасадро ба тобут гузошта, ба Истахр мефиристанд [Табарӣ 1979-4, с.296].

Дар ҷойи дигар Табарӣ намегӯяд, ки тобут ба Истахр фиристода мешавад. Менависад, ки мутрони (метрополит, архиепископ) Марв ба тоифаи насорои шаҳр мегӯяд, ки Яздгирд писари Шаҳрёр писари Кисро буд. Шаҳрёр писари Ширин, гаравидаи дини насронӣ буд. Ин подшоҳ хуни насронӣ дорад. Бинобар ин, моро месазад, ки мотам гирем. Мутрон ҷасади Яздгирдро аз об берун мекашад, кафан мекунад, ба тобут мегузорад ва дар мақбара дафнаш мекунад. Табарӣ меафзояд, Яздгирд охирин подшоҳ буд аз дудмони Ардашер писари Бобак. Баъд аз ӯ подшоҳии арабҳо покиза шуд [Табарӣ 1979-4, с. 300].

Дар ин эпизод як нуктае ҳаст, ки дар ҳеҷ ҷои бахши Сосониёни «Шоҳнома» нагузаштааст. Ин ҳам бошад, хор доштан ва ё мавриди таҳқир қарор додани ҷасади маййит мебошад. Ҳарчанд Ардашер, чунонки гуфта гузашта будем, ҷасади Ардавонро азиз надошт, ҳеҷ монеъ нашуда буд, ки Табоки Ҷаҳрамӣ ҷасадро бо риояи тамоми одоби ба дахма гузоштани маййит ба дахма гузорад.

Аммо мавзуи муносибати насрониён нисбат ба ҷасади Яздгирд шояд андаке ниёз ба тавзеҳ дошта бошад. Дарёӣ изҳори ақида мекунад он маъбад, ки соли 769 Пирӯз дар Уйғуристон бино кард, на маъбади зардуштӣ, балки маъбади масеҳӣ буд. Ҳама сосониёни Чин гаравидагони дини масеҳӣ буданд [Дарёӣ 1986, с.8].

Назари Дарёӣ асосҳое дорад. Чунончи А.И. Колесников дар «Иран в начале VII века» овардааст, пас аз он ки дар асри V дар империяи Византия аз нигоҳи калисои расмӣ бидъати несторианӣ ба таъқиб гирифтор омад, ин бидъат дар паҳноҳои империяи Сосониён пуштибониҳо пайдо намуд. Дини масеҳӣ дар фирқаи несторианӣ, аз ҷумла, аз шафоати шоҳаншоҳ бархӯрдор буд. Дар охирҳои салтанати Сосониён дар аксарияти музофот ва минтақаҳои Эроншаҳр, аз ҷумла дар Марву Сиистон, усқуфияҳои несторианӣ фаъолияти мазҳабӣ доштанд [Колесников 1970, с.73].

Зиёда аз ин, дар ибтидои асри XX дар ёдгориҳои хаттии Турфон (Уйғуристони Хитой) дар харобаҳои як дайри несторианӣ адабиёти қобили мулоҳизаи масеҳӣ, аз ҷумла, бахшҳои муайяни «Таврот» ба забонҳои суғдӣ ва сириёнӣ пайдо шуда буданд. Ин дастхатҳо ҳоло дар музеи Берлин нигоҳ дошта мешаванд [Wikipedia.org. 10.10.2021].

Эпизоди VI. Моҳӯй. Ин эпизод ба мавзуи ба тахт нишастани Моҳуй бахшида мешавад. Ба Моҳуй хабари дахмаи бузург кардан барои Яздгирд, инчунин, мотам гирифтани руҳониёни насронӣ, аз ҷумлаи кашишу роҳибон мерасад ва ғазаби ӯро бармеангезад. Ӯ фармон медиҳад, ҳар он касро, ки дар сохтани дахма даст доштанд, бикушанд ва моликияти онҳоро ба тороҷ диҳанд [«Шоҳнома» Д.1966-9, с.479].

Сипас ӯ чун дар гирду печ ҳеҷ меросбари тахти каёнро намебинад, мехоҳад подшоҳ бишавад. Ба ин муносибат анҷуман ҳам меорояд. Моҳӯй ба дастур дарди дил мекунад, ки ӯ на нажод дорад, на ном. Эрониён ӯро чун подшоҳ эътироф намекунанд. Андаке изҳори ҳасрат мекунад, ки беҳуда Яздгирдро кушт.

Ройзан мегӯяд, ки он чи шуд, гузашт. Ту пирони кордидаро даъват кун ва бигӯй, ки шаби ҳуҷуми туркон тоҷ ва ангуштариро Яздгирд ба ман дод, зеро

писар надошт. Духтари ягонааш аз дасти арабҳо сар ба гурезу пинҳон шуда буд. Бинобар ин, ман агар ба тахт нишинам, ба фармони шоҳ менишинам. Ройзан меафзояд:

Бад-ин чора деҳ кори бадро фурӯғ,

Кӣ донад, ки ин рост аст аз дурӯғ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.481].

Моҳӯй ба ин ҳила бовар ва амал мекунад. Вале хатаре калоне ҳам буд, зеро сипоҳиён медонистанд, «ки ин нест рост». Моҳӯй барои сипоҳиён хеле сарф мекунад ва мехоҳад ҳарифи хатарноки худ – Бежанро аз байн бибарад:

Ҳамегуфт: Моро Самарқанду Чоч

Бибояд гирифтан ба ин муҳру тоҷ [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.482].

Зимнан, номи шаҳри Самарқанд дар қисмати Сосониёни «Шоҳнома» шаш бор: як бор дар бахши «Подшоҳии Пирӯзи Яздгирд», ду бор дар бахши «Подшоҳии Хусрави Анӯшервон» як бор дар бахши «Подшоҳии Хусрави Парвиз» ва ду бор дар бахши «Подшоҳии Яздгирди Шаҳрёр», гузаштааст.

Бежан аз аҳволи Моҳӯй пурсон мешавад. Яке аз сарлашкарон мегӯяд, ки дар набард бо туркон ҳамин Моҳуй буд, ки хиёнат кард ва боиси шикасту марги Яздгирд шуд. Бежан бо сипоҳи анбӯҳе аз Кочорбошӣ то Бухоро меояд ва лашкарро дар дашти Нахшаб ҷой медиҳад. Бежан боз мепурсад, ки аз Яздгирд касе мондааст, то мо дасташ гирем ва ба подшоҳӣ бирасонем. Барсом мегӯяд, ки: «Сар омад бар он тухма-бар рӯзгор» [Фирдавсӣ Д.1966-9, с.485]. Бежан лашкар мекашад. Моҳуй аз ҳайбати лашкари Бежан ба таҳлука меафтад. Бежан ба Барсом, ки Фирдавсӣ чинияш ҳам мегӯяд, фармон медиҳад, нагузорад, ки Моҳуй ақиб нишаста, аз Ҷайҳун фаро равад. Бежан ба сипоҳи Моҳуй дар Фароб мерасад. Бежан ба Моҳуй чун баробар мешавад бе истифодаи силоҳ ӯро аз асп ба замин мезанаду дасту пойи ӯро мебандад. Ба Барсом маслиҳат медиҳанд, ки ӯро бикуш. Барсом мегӯяд, ки бе амри Бежан ин корро намекунад. Моҳуй ба ҳузури Бежан расонида мешавад. Саволи нахустине, ки Бежан медиҳад ин буд, ки:

Чаро куштӣ он додгар шоҳро,

Худованди пирӯзиву гоҳро [Фирдавсӣ  Д.1966-9, с.488]

Моҳуй ҷавоб медиҳад, ки аз мани бадкуниш чунин кор аҷабе нест ва ту метавонӣ маро сар бизанӣ. Бежан Моҳуйро ваҳшиёна мекушад. Сипас се пасари Моҳӯй, ки асир меафтанд, бо падарашон дар дар оташи баланде месӯзанд. Сабаби чуни рафтор ҳамоно куштани подшоҳ Яздгирд гуфта мешавад. Аз дудаи Моҳуй касе намемонад. Аммо ба қавли Табарӣ, ба соли 36 ҳиҷрӣ, ба охири хилофати ҳазрати Усмон ва ё оғози хилофати ҳазрати Алӣ (Моҳавайҳ) Моҳӯя ҳамоно марзбони Марв буд [Табарӣ 1979-4, с.557].

Тақдири духтари Яздгирд дар Табарию «Шоҳнома»-ю «Ғурар»-и Саолабӣ инъикосе надорад. Чандон маълум ҳам нест, ки оё Яздгирд чунин духтар дошт? Бо ин ҳама фарзандон ва наберагони Яздгирд, ҳарчанд ҳеҷ нақше дар сиёсатҳо надоранд, зикрашон дар чанде аз сарчашмаҳои хитоӣ рафтааст. Чунончи, ба нақл аз «Шафтолуҳои заррини Самарқанд»-и Эдвард Шефер, ки ишорае ҳам дар боби якуми рисола рафта буд, шоҳзодаи сарбагурези Сосонӣ – Фирӯз шахсан ба даргоҳи императори сулолаи Тан Тай-цзун (627-649) ба пойтахт – Чанъан (Сиани имрӯза, ки суғдиёни Хитой Чинонкаташ мегуфтанд) ҳадяҳо оварда буд, то аз ин кишвар пуштибоние ба муқобили юриши арабҳо умед дошта бошад [Шефер 1981, с.45]. Умед метавонист амалӣ шавад, вале ба дерӣ шуда буд.

Сипоҳи Хитой дар нимаи аввали асри VIII дар Осиёи Миёна ҳузуре дошт. Маълум аст, ки соли 749 хитоиҳо Тошкандро мегиранд ва ҳокими турки онро ба қатл мерасонанд. Юриши лашкари Хитойро ба андаруни Осиёи Миёна Абумуслими Хуросонӣ, ҷойнишини халифаи Аббосӣ дар Мовароуннаҳр дошт. Дар муҳорибаи Талас лашкари сиҳазораи Хитойро Абумуслим шикаст медиҳад ва бо ҳамин нақшаҳои хитоии юришҳо ба самти Ғарб қатъ мешавад [Болшаков 1980, с.132-135].

Турачи Дарёӣ дар мақолае изҳори ақида мекунад, ки «хонадони Сосон ҳамроҳ бо гурӯҳи касире аз эрониён ба Чин рафтанд ва бо кумаки фағфури Чин барои озод кардани Эроншаҳр саъй намуданд» [Дарёӣ 1986, с.1]. Яздгирд пеш аз кушта шудан: «саъйи бисёр кард, то бо кумаки Фағфури Чин ва қувои тоза Эронро озод созад» [Дарёӣ 1986, с.2]. Дар бораи талошҳои эрониён барои пуштибонии Чин ду сарчашмаи хитоӣ «Таърихи ҷадиди Тан» ва «Тарихи қадими

Тан» (номи сулолаи хитой, ки солҳои 618-907 ҳукумат кардааст) бо дар назрдошти тафовутҳо маълумотҳое медиҳанд [Дарёӣ 1986, с.2]. Соли 658 Пирӯз (Pi ru-szu), яке аз писарони Яздгирд аз император Гао-цзун (650-683) кумак пурсида буд. Дарёӣ менависад, ки ин Пирӯз соли 658 давлати порсие (po-szu) бо пойтахташ дар Заранг (chi-ling) бино кард [Дарёӣ 1986, с.2-3].

Дар ин сарчашмҳо, ки аз охирҳои асри XIX ин ҷониб ба туфайли тарҷумаҳои фаронсавӣ (E. Chavannes) ва итолиёӣ дар муомалоти илмӣ мебошанд, аз ҷумла омадааст, ки Яздгирд соли 638 як гурӯҳ бо роҳбарии марзбоне ба Чин фиристод, то аз ин давлат кумак бигирад [Дарёӣ 1986, с.2].

Ба назари муҳаққиқи итолёӣ A. Forte, дар «The Edict of 638 Allowing the Diffusion of Christianity» (Фармони 638 оид ба иҷозати ворид шудани дини насронӣ) ин сафар бояд соли 647 сурат гирифта бошад. Пеш аз ин соли 639, ба назари Дарёӣ, Яздгирд ба Хитой ҳайате ҳам фиристода буд. Дар шумори ин ҳайат ду писар ва се духтари Яздгирд низ буданд [Дарёӣ 1986, с.2].

Яке аз писарони Яздгирд – Пирӯз соли 658 бо кумаки чиниён давлати порсиеро бо пойтахташ дар Заранг (шаҳри қадимае дар қаламрави Систони имрӯзаи Афғонистон) дар замони подшоҳии император Гао-цзун (650-683) ташкил карда будааст. Дарёӣ менависад, ки тақрибан дар солҳои 658-663 «ҳукумати дувуми Сосонӣ дар Систон барпо шуд». Дар ин бора сиккаҳои зиёде, ки пас аз соли 651 ба номи Яздгирд зада шудаанд, метавонанд далолат кунанд. Ба дастури ҳамин Пирӯз, ки ба вай император Гао-цзун рутбаи ба хитоӣ you wuwei jiangiun – «генерали горди ҷангии рост»- ро дода буд, маъбади Порсӣ дар Уйғуристон бино мекунад. Пирӯз соли 769 аз дунё мегузарад. Дар охири мақола Дарёӣ изҳори ақида мекунад, ки он маъбад на маъбади зардуштӣ, балки маъбади масеҳӣ буд. Ҳама сосониёни Чин гаравидагони дини масеҳӣ буданд [Дарёӣ 1986, с.8].

Ба ном ҳам бошад, авлодони Яздгирд аз баҳри орзуи аз дасти арабҳо озод сохтани Эрон набаромаданд ва «ба тавсияи генерали чинӣ Pei Xingian ба император, писари Пирӯз – Нарсӣ дар табъид бар тахти Эрон нишаст.

Кристенсен ин рӯйдодро ба соли 672 тахмин кардааст, ки мавриди бовари Дарёӣ қарор нагирифтааст [Дарёӣ 1986, с.3].

Ин рӯйдод, ба қавли Дарёӣ, дар бахши ҳаждаҳуми «Бундаҳишн» низ зикр шудааст: «Писари Яздгирд ба Ҳиндустон шуд. Сипоҳ ва гунд (лашкар) овард. Пеш аз омадан ба Хуросон даргузашт. Он сипоҳ ва гунд биёшуфт». Дарёӣ ба эътимод ба Абурайҳони Берунӣ он «Ҳиндустон»-ро ба таври қатъӣ Тухористон ва Осиёи Миёна шуморидааст [Дарёӣ 1986, с.3].

Муҷассамаи Пирӯз – монанди дигар муҷассамаҳои чинӣ бе сар дар назди оромгоҳи Гао-цзун гузошта шудааст. Дар пушти ин муҷассама ба хитоӣ чунин навишта шудааст: «you xiaowei da jiangiun Bosi dudu Bosi wang Bilusu» – Пирӯз шоҳи Порс ҷенероли бузурги горди ҷангии рост ва сипаҳбуди Порс» [Дарёӣ 1986, с.3].

Писари Пирӯз – Нарсе ба назари Дарёӣ соли 679 ба лашкаре барои озод кардани Эрон аз Чин ба самти Осиёи Миёна рафт ва дар Тухористон муддати сӣ сол бо арабҳо ҷангид. Ӯ соли 709 ба Чин бармегардад ва сазовори рутбаи «ҷенероли горди чап» мегардад. Муҷассамаи ӯ низ дар ҳамон ҷое, ки муҷассамаи падараш ҳаст, гузошта шудааст. Дар пушти муҷассама аз ӯ бо номи Нарсӣ худои Порс зикр кардаанд [Дарёӣ 1986,  с.4-5].

Дигар аз авлодони Яздгирд дар Чин шояд Aluohan бошад, ки соли 710 аз император рутбаи «генерали горди рост»-ро гирифта буд, ки ба назари Дарёӣ одатан ба шоҳзодагон дода мешуд [Дарёӣ 1986, с.5]. Дар бораи ин сипаҳсолор дар Бундаҳишн омадааст: «Чун румиён расанд ва як сол подшоҳӣ кунанд, он ҳангом аз сӯйи Кобулистон ояд, ки бад-ӯ фарра аз дудаи бағон аст. Ва ӯро Кай Баҳром хонанд. Ҳама мардум бо ӯ боз шаванд ва ба Ҳиндустону низ Руму Туркистон ҳама сӯй подшоҳӣ кунад. Ҳама бадгаравишонро бардорад. Дини Зардуштро барпо дорад» [Дарёӣ 1986, с.5].

Дарёӣ изҳори ақида мекунад, ки Aluohan-и хитоӣ, эҳтимол, ҳамон Баҳроми Варҷованд аст, ки зикраш дар фасли V матни «Занд Баҳман ясн» омадааст: «Ва ӯ подшоҳе, ки дар дин ба номи Баҳроми Варҷованди Худованд зода шавад... Ҳангоме, ки он подшоҳӣ сисола бошад. Бо сипоҳу дирафши бешумор. Сипоҳи

ҳиндӣ ва чинӣ дирафш баргирифта... Подшоҳӣ ба он Кай расад...» [Дарёӣ 1986, с.5].

Дар бораи он, ки шахсе пайдо хоҳад шуд ва эрониёнро аз банди арабҳо раҳо хоҳад кард, шеъре ҳам ба паҳлавӣ гуфта шудааст [Дарёӣ 1986, с.5-6].
Месазад мулоҳизае гуфт, ки дар адабиёти замони исломи зардуштӣ, орзуҳое ҳам инъикос ёфтааст, ки дар динҳои дигар низ ҳаст. Масалан, дар динҳои иброҳимӣ баромадани Даҷҷолу (антихрист) фаромадани ҳазрати Исо ва ғайра. Ин ҷо Баҳроми Варҷованд (Муқаддас) хоҳад омад, то дини зардуштиро барқарор кунад. Дигар, Дарёӣ изҳори ақида мекунад, ки Хусрав ном гурде, ки соли 729 дар сипоҳи хоқони Туркистон дар ҷанг бо арабҳо буд, набераи Яздгирд мебошад [Дарёӣ 1986, с.7].

Боби мавриди назар ба ҷавҳар ба кӯшиши таҳлили инқирози шоҳаншоҳии Сосонӣ бахшида шудааст. Ин кӯшиши таҳлил рӯзгори подшоҳии Ҳурмузди Анӯшервон, Хусрави Парвиз, Шерӯя, Пӯрондухт, Озармдухт. Яздгирди Шаҳрёр ва чанд тани дигарро, ки камтар аз як сол подшоҳӣ кардаанд, фаро мегирад.

Бешубҳа намоёнтарин подшоҳи ин қисмат Хусрави Парвиз писари Ҳурмузди Анӯшервон мебошад. Ӯ, агар як соли ба дасти Баҳроми Чӯбин гузаштани подшоҳиро ба эътибор нагирем, сию ҳашт сол подшоҳӣ кардааст. Ва метавон гуфт, ки дар давоми сию ҳашт сол ба Хусрав муяссар нашуда буд, ки ба дарки тағйироти ҷидии сиёсӣ ва низомӣ дар ҷанубу шарқи Эроншаҳр дар паҳноҳои минтақаҳои арабнишин бирасад. Чунончи, вақте Хусрав урдуи низомӣ созмон медиҳад, ба чор тарафи шоҳаншоҳӣ, ба истиснои паҳноҳои арабнишин, лашкар мегузорад. То соли 628 – соли маргаш Хусрав ба ҳеҷ гуна робитаҳои дипломатӣ бо хилофати ҳазрати Пайғамбари ислом нарафта буд. Чунонки ишораҳо карда будем, муносибати Хусрави Парвиз ба номаи ҳазрати Пайғамбар басо маълум аст ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Хусрав қувваи нави сиёсӣ ва низомиро надид ва ё натавонист бубинад.

Ҳурмузд падари Хусрав, ки 12 сол подшоҳӣ карда буд ва дар тамоми солҳои салтанат бароре ва осоише надошт. Ҳурмузд, нахустин подшоҳе мебошад, ки дар зиндагӣ бо талоши муқаррабон подшоҳиро бой медиҳад ва

нахустин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки кӯраш мекунанд ва сипас мекушанд. Маълум аст ки Хусрави Парвиз низ кушта мешавад. Яздгирди Шаҳрёр инчунин.

Аз подшоҳони Сосонии асри VII шаҳбону Пӯрондухт шояд дарк карда бошад, ки хилофати исломӣ қувваи муқтадири минтақавии сиёсӣ ва низомии нав аст ва сазовор аст, ки бо ин қувва муносибат шоиста анҷом дода шавад.

Дар тақрибан ҳафтод соли подшоҳӣ сипоҳи овозадори эронӣ натавонист ҳеҷ тавоне дар рӯёрӯи неруи араб нишон диҳад. Шикастҳо дар набарди Қодисия, Ҷилавло ва ахиран дар Наҳованд тамоми муқовимати низомии эрониро барҳам заданд. Маълум аст, ки Саъд ибни Абиваққос ба Мадоини белашкар даромада буд. Чунин вазъият дар Марв низ рух медиҳад.

Империяи Сосонӣ соли 651 бо куштори Яздгирди Шаҳрёр аз байн рафт. То чанд сол пеш аз ин бедорони Аҷам тавониста буданд, «Авасто», «Худойнома» ва чанд китоби дигарро рӯйнавис кунанд.

# ХУЛОСА

Дар диссертатсия таҳлил ва ҷамъбасти таҳаввули сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI) анҷом дода шудааст. Азбаски сухан дар бораи сужаҳо меравад, бархурд ба масъала чунин сурат гирифт, ки сужаҳо ё хатти сужаҳо бар пояи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар бораи мавзуи диссертатсия маълумот беш аз ҳама дар «Шоҳнома», сипас дар тарҷумаи арабии «Шоҳнома» ва сипас дар «Ғурар ахбори мулуки-л-фурси ва сиярихим»-и Абумансури Саолибӣ оварда шудааст.

Чун сухан дар бораи таҳаввули сужа ва образҳо меравад, лозим ба назар расид, ки ин ё он сужа тақрибан дар тамоми сарчашмаҳо, ки роҷеъ ба мавзуъ ба муомилоти илмӣ ворид карда шудаанд, пайгирӣ карда шавад. Шумори сарчашмаҳо беш аз ҳафтод номгӯй мебошад, ки онҳоро шасту як муаллиф аз Кассий Диону Геродиан (асри III) сар карда то Ибни Халдун (асри XIV) навиштаанд. Ҳама сарчашмаҳо бар пояи матнҳои интиқодӣ ва ё илмӣ интихоб шудаанд.

1. Шумори эпизодҳо, ки сужаҳоро ташкил медиҳанд, ба теъдоди 175 маврид мушаххас карда шудаанд. Мувофиқи феҳристи матни интиқодии «Шоҳнома», ки Ҷалол Холиқии Мутлақ анҷом додааст ва руҷуъҳое ба феҳристи матни интиқодии Москва, дар беш аз ҳаждаҳ ҳазор байти бахши Сосониёни «Шоҳнома» ҳаштсаду бисту чор персонажҳо ва қаҳрамонон амал мекунанд [10-М].

2. Дар чанде аз эпизодҳо ҳангоми офаридани симои Арадашери Бобакон унсури меъёргарoӣ (канон) ба назар мерасад. Ардашер бо дасисаҳои дарборӣ аз бародари меҳтари худ – Шопур бо ёрии бародарони меҳтари дигараш Истахрро ҳам мегирад. Чун ба Ардашер хабар медиҳанд, ки бародаронаш мехоҳанд, ки бо пуштибонии бархе аз сипоҳиён ӯро банд кунанд, вай ҳама ошӯбгарон, аз ҷумла, бародаронашро аз дами теғ мегузаронад [3-М; 8-М; 11-М].

3. Сужаи хонадор шудани Ардашери Бобакон ба духтари душмани ашаддии худ – Ардавони Ашконӣ ва валиаҳди худ таъйин намудани писари ҳамин бону – Шопури Ардашер ва инчунин, хонадор шудани Шопури Ардашер ба духтари Меҳраки Ҷаҳрамӣ, ки ба Ардашер хиёнат карда буд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки подшоҳони Сосонӣ ҳамчун образи бадеӣ дар сиёсати дохилии худ, пеш аз ҳама, салоҳи сиёсиро дар мартабаи аввал мегузоштанд [1-М].

4. Шопури Ардашер ва Шопури Зулактоф бо сабаҳое, ки чандон равшан намебошанд, дар сарчашмаҳои юнонӣ чун симои мусбат дониста намешаванд. Одатан, таърихнигорони юнонӣ то ҳадде ривоятҳоро бетарафона нақл мекунанд. Дар ин бобат нигориши Агафий дар «Андар подшоҳии Юстинан» аз нигориши муаллифони сарчашмаҳои дигар тундтар мебошад. Агафий дар бораи кӣ будани модари Ардашери Бобакон оҳанги таҳқирро раво дида буд.

Бино ба манбаъҳои таърихӣ, аз ҷумла катибаи Шопури Ардашер дар Каъбаи Зардушт, Шопури Ардашер се бор ба Рум лашкар кашидааст ё Рум ба Эрон. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, аз ҷумла сангнигораи Бишопур ва хулосаи муҳаққиқон, дар набардҳо зафар насиби Шопури Ардашер мешавад. Шопури Ардашер ягона подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки яке аз қайсарони Рум – Валерианро асир гирифта буд. Дар ин бора муаллифи румӣ Секст Аврелий Виктор низ дар китоби «О цезарях» хабар медиҳад [3-М; 11-М; 14-М; 21-М].

5. Образи Шопури II Зулактоф дар сарчашмаҳо бо чанд хусусият фарқ мекунад. Яке аз ин хусусиятҳо масъалаи тоҷгузории Шопур мебошад. Фирдавсӣ аз гузинаи дар батни яке аз канизакҳои Ҳурмуз будани писар огоҳӣ дорад, вале ба ҳар ҳол, ишора мекунад, ки тоҷро ба болои сари бачаи чилрӯза мегузоранд. Сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла Агафий, гузаинаи гузоштани тоҷро ба рӯйи батни модари Шопур II ихтиёр кардаанд.

Хусусияти дигари образи Шопури Зулактоф бар пояи рӯйдоди ҳуҷуми амири Ғассонӣ, ки Фирдавсӣ Тоираш мегӯяд, инъикос ёфтани он аст. Қиссаи Тоири араб ва Шопур аз эҷоди Фирдавсӣ аст, дар Табариву «Ғурар» ва сарчашмаҳои дигар намегузарад. Тоир Тайсафунро муҳосира ва ғорат мекунад ва аммаи Шопур – Нӯшаро ба асорат мебарад. Нӯша аз Тоир духтаре таваллуд

мекунад, ки номашро Молика мемонанд. Дар «Шоҳнома» Нӯша нахустин ва ягона бонуи эронитабор мебошад, ки ба марди ғайриэронӣ шавҳар кардааст.

Дар муҳосира хатти инкишофи сюжети ин эпизод печи дигар мегирад, ки эҳтимол, бино ба муқтазои меъёри бадеӣ офарида шуда бошад. Молика низ ба Шопури Зулактоф дил мебандад ва мусоидат мекунад, то Шопури Зулактоф қалъаро фатҳ кунад. Пас аз фатҳи қалъа Шопур хеле зиёдаравиҳо дар куштори қабилаҳои араб мекунад ва ҳатто то наздикиҳои Ясриб (Мадина) ҳам мерасад. Лақаби Зулактоф тақрибан маънии «шонашикоф»-ро дорад.

Хусусияти дигари образи Шорпури Зулактоф бо истифода аз меъёри бадеӣ (канон) офаридани ин образ мушаххас мешавад. Шопур чун Рустам, чун Исфандёр, чун Ардашери Бобакон ва... бо тағйири сурат ва симо ба қароргоҳи ҳариф меравад, то аз тавони низомии ҳариф маълумоти воқеие дошта бошад. Сухан дар бораи сафари моҷароангези Шопури Зулактоф ба Рум меравад.

Қиссаи ба ҷосусӣ ба кишвари Рум рафтани Шопур шояд то нимаи якуми асри Х дар доираҳои адабии хилофати Оли Аббос аз қиссаҳои густарда будааст, ки Абуалии Масъудӣ дар «Муруҷ-уз-заҳаб» бо ибораи «яке аз пешиниён (мутақаддмин) аз шоирони зодаи Форс гӯяд гуфта, пораеро аз шеъре меорад, ки ба ин моҷаро далолат мекунад [21-М].

6. Дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар ду подшоҳ лақабҳо доранд, ки ҷузъи номашон шудааст. Лақабҳои мавриди назарро ба Ардашери Некукор ва Яздгирди Базаҳгар нисбат медиҳанд. Пажӯҳишҳои навин ва ҷустуҷӯҳои мо ба хулосае меоваранд, ки Ардашер чандон накӯкор набуд ва Яздгирд ҳам ба дараҷае набуд, ки ӯро бадкора гӯянд [3-М; 8-М; 11-М; 16-М].

7. Шуҳрати таърихии Баҳроми Гӯр ҳамвазни шуҳрати таърихии Кисрои Нӯшинравон намебошад. Вале бо андаке эҳтиёт метавон хулосае пешниҳод кард, ки дар адабиёти форсу тоҷик образи Баҳром нисбат ба образи Анӯшервон, зоҳиран, мавриди таваҷҷуҳи бештар қарор гирифтааст.

Баҳроми Гӯр писари Яздгирди I мебошад. Бино ба хулосаҳои пажӯҳишгарони муътарафи таърихи замони Сосониён, Шошондухт будани модари Баҳром, ки яҳудӣ мебошад, қабул шудааст.

Вафоти Баҳромро Фирдавсӣ амри табиӣ медонад, ки бо ривояти Диноварӣ ва Табарӣ мухолифат мекунад. Фарҷоми зиндагии Баҳроми Гӯр ба тафсили бештар дар «Ҳафт Пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ оварда шудааст. Низомӣ чунин мулоҳизаеро баён мекунад, ки Баҳром дар охири умр худотарсу худопараст шуда буд, фариштае ба сурати оҳу даромадаву ба осмон мебарад. Баъзе муҳаққиқон гузинаи кушта шудани Баҳроми Гӯрро дар шикор инкор намекунанд.

Баҳром дар муҳити хонаводагӣ тарбия наёфтааст. Ба иллати он ки фарзандони Яздгирд гӯё дар кӯдакӣ нобуд мешуданд, Баҳроми ширмакро ба хотири боду ҳавои созгори дашт ба амирони араби Лахмӣ медиҳанд [1-М; 16-М].

8. Образи Баҳроми Гӯр дар сарчашмаҳои мавриди баррасӣ дар се марҳалаи зиндагии ӯ инъикос ёфтааст. Баҳромро, ки дар муҳити арабӣ ба воя расида буд, бино ба хулосаи ҳама сарчашмҳо, амирони Лахмӣ ба тахти шоҳаншоҳӣ шинониданд. Сужаи ба тахт расидани Баҳром як қиссаи шигифтангезе мебошад, ки дар диссертатсия ба тафсили лозима баррасӣ шудааст.

Рахе, ки ба образи Баҳроми Гӯр ҷилое бахшидааст, сафари моҷароҷӯёнаи ӯ ба Ҳинд мебошад. Дар ин бобат, новобаста ба ҷузъиёти масъала, образи Баҳром дар сиёқи образи Шопури Зулактоф офарида шудааст, ки ҳамин гуна сафарро бо тағйири сурат ба Рум анҷом дода буд [1-М; 6-М].

9. Подшоҳии Яздгирд писари Баҳроми Гӯр ҳаждаҳ сол будааст. Яздгирд ба аҷали худ вафот мекунад. Ӯ пеш аз вафот ба чӣ сабаб бошад, ки писари дуюми худ – Ҳурмузро валиаҳд таъйин мекунад. Подшоҳии Ҳурмуз, ки як солу як моҳ давом кардааст, асосан, ба талоши Ҳурмуз ва бародари меҳтари ӯ – Фирӯз барои тахти подшоҳӣ бахшида шудааст. Ба ривояти Табарӣ, Фирӯз Ҳурмуз ва се нафарро аз хонадони ӯ ба қатл мерасонад. Фоҷиаи бародаркушӣ дар пеши чашмони модари ин ду шаҳзода шаҳбону – Динак мегузарад, ки мамлакатро идора мекард.

Назари муҳаққиқон оид ба муддати подшоҳии Фирӯз ба ривояти Табарӣ асос мегирад, ки бисту ҳафт сол муқаррар шудааст. Подшоҳии Фирӯз душвориҳо дошт, ки яке аз онҳо тиҳӣ будани хазина, дигаре хушксолӣ ва қаҳтии гӯё ҳафтсола буд. Аз ҳамон замон то рӯзҳои мо одати ашагулон – шукри Худованд,

ки неъмати боронро фиристод, мондааст. Фирӯз ду бор ба муқобили Ҳайтолиён лашкар мекашад. Бори нахуст шоҳаншоҳ танҳо шикаст ва бори дувум ҳам шикаст мехураду ҳам кушта мешавад.

Пас аз марги Фирӯз Балош ва сипас ба ҷойи ӯ бародараш – Қубод ба подшоҳӣ мерасанд. Қубод чандон пояҳои ахлоқии устувор надошт, маҷбур мешавад, ки фирор кунад. Аммо дубора ба кӯмаки сипоҳи сиҳазорнафараи Ҳайтолиён подшоҳиро боз ба дасти худ мегирад. Зуҳури Маздак ва саркӯб шудани ин ҳаракати мазҳабӣ ба замони подшоҳии Қубод сурат мегирад.

Ба замони подшоҳии Қубод аморати мунзириҳои Ҳира ба дасти қабилаи дагари яманӣ аз сулолаи кинда мегузарад. Арабҳо кӯшиши изҳори боварӣ мекунанд, ки метавонанд ҳарифи шоҳаншоҳии Сосонӣ бошанд [1-М; 16-М].

10. Дар қисмати Сосониёни «Шоҳнома» бахши «Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон» (Хусрави Қубодон; Хусрави Анушервон) андаке кам аз ҷаҳоряки ҳаҷми ин қисматро фаро мегирад.

Анӯшервон пас аз анҷом додани чанд ислоҳоти иқтисодию маъмурию низомӣ барои шиносоӣ бо авзои мамлакат ба қаламрави шоҳаншоҳӣ ба сафар мебарояд. Шоҳаншоҳ нахуст аз Хуросон дидан мекунад. Экспидитсияи Анӯшервон ба минтақаи алонон бо муросо ва оштӣ тамом мешавад. Пас аз ин минтақа Анушервон ба Ҳинд раҳсипор мешавад. Дар «Шоҳнома» сафари Ҳинд ҳамагӣ дар панҷ байт омадааст. Ин ҷо шояд костагии композитсионӣ рух дода бошад. Ҳангоми бозгашт аз Ҳинд Анушервон балуҷонро, ки аз итоат баромада буданд, сахт укубат мекунад [10-М; 15-М].

11. Яке аз образҳои намоён дар бахши «Подшоҳии Хусрави Анушервон»-и «Шоҳнома» образи Бузургмеҳр аст. Бузургмеҳр, ба назари муҳаққиқон, чандон шахси таърихӣ нест, ӯ бештар образи бадеӣ мебошад. Бузургмеҳр ба бофтаи ривояти «Шоҳнома» бо кушодани уқдаи таъбири як хоби Анушеравон ворид мешавад.

Дар «Шоҳнома» тасвири образи Бузургмеҳр ҳамчун як ҷавони музофотӣ аз Марв, муфассал дар қолаби нигориши ҷузъиёти силсилабазмҳо, ки Анушервон доир мекард, омадааст. Пурсишу посухи Бузургмеҳр ва ё андарз гуфтанҳои ӯ дар

матни «Шоҳнома» дар сесаду наваду ҳашт байт омадааст. Дар ҷойи дигар Бузургмеҳр Анушервонро боз дар дусаду бисту ҳашт байт панд мегӯяд. Ҳамин тариқ, аз 4 536 байти бахши Анушервони «Шоҳнома» 626 байт ба андарзҳои Бузургмеҳр бахшида шудааст [1-М; 6-М].

12. Образи Анушервон дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар, ҳамчунин, дар муносибатҳо бо хоқони Чин ва Ҳайтолиён офарида шудааст. Фирдасӣ пойтахти хоқони Чинро «Ба Гулзарриюн буд аз он суйи Чоч» мегӯяд. Гулзарриюн номи шаҳр намебошад. Хулосаи имрӯз ҳамин аст, ки Гулзарриюн номи дигари Сирдарё буда, хиргоҳҳои хоқони Чин, ки хоқони Чин нест, хоқони турк аст ё дар даромадҳои дашти Қипчоқ буд, ё дар дашти Қипчоқ, шимол ё ғарбтар аз Шош (Чоч).

Барои рафъ кардани хатари хоқони Чин (турк) Анушервон ба Хуросон лашкар мекашад. Хоқон сафорате иборат аз даҳ марди сипоҳии шоиста мефиристад, ки сазовор пешвоз гирифта мешаванд [1-М; 10-М].

13. Сипас дар давоми офаридани образи Анушервон ба бофти ҳунарии «Шоҳнома» сужаҳои вобаста ба Ҳинд ворид мешаванд, ки масъалаи шатранҷ ва ҳикояти овардани китоби «Калила ва Димна» аз ҷумлаи онҳост [6-М].

14. Дар давоми нигориши бахши «Подшоҳии Анушервон» Фирдавсӣ боз ба қиссаи Бузургмеҳр бармегардад. Қисса дар бораи ба гумони баде ба тухмат гирифтор шудани Бузургмеҳр ҳикоят мекунад.

Дар нигориши Фирдавсӣ, дар бахши «Подшоҳии Анушервон» боз ду эпизод оварда шудааст, ки дар онҳо ҳузури Бузургмеҳр ба мушоҳида мерасад. Яке эпизоди вобаста ба дурҷи сарбамуҳр, ки қайсари Рум фиристода буд. Эпизоди дигар бо моҷарои ҷанги навбатии Анушервон бо қайсари Рум – Юстиниан бастагӣ дорад.

Бузургмеҳр дар тасвири рӯйдодҳои фароварди подшоҳии Анушервон ҳам ҳузур дорад. Бино ба нигориши Фирдавсӣ, Анушервон ҳангоми таъйин намудани валиаҳд, ба ҳар ҳол, маслиҳати Бузургмеҳрро ба эътибор мегирад. Ҳамчунин, дар эпизоди санҷидани лаёқати Ҳурмузд ба шоҳаншоҳӣ тамоми саволҳоро ба шаҳзода Бузургмеҳр медиҳад [6-М; 9-М].

15. Анушервон бо тавқеъҳои худ низ дар «Шоҳнома» инъикос ёфтааст. Фирдавсӣ, бо ихтилофи матнҳои интиқодӣ, сию чор ё сию ҳафт тавқеи Анушервонро овардааст. Дар адабиёти баъдина шумори тавқеъҳои Анушервонро то ба яксаду ҳафтоду се расонидаанд. Тавқеъ ҳамчун жанр вокуниши подшоҳ, вазир ва ё мутасаддии баррасии аризаҳо ва мурочиатҳо мебошад, ки одатан дар сиғаи ибора ва ё ҷумлаи сара нигошта мешавад [1-М; 10-М; 13-М; 17-М].

16. Пас аз андарзшунавию андарзгӯиҳои дуру дароз дар ҳамин бахши «Шоҳнома» Анушервон ба сиёсат бармегардад. Вай ба писари қайсар нома менависад. Нома мантиқан ба муносибати вафоти қайсар навишта шудааст. Бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки сухан шояд дар бораи император Юстиниан меравад, ки соли 565 вафот карда буд.

Анушервон, ба қавли Фирдавсӣ, аз вафоти қайсари Рум чанде парешон мешавад. Ӯ қарор мекунад, ки сафире бо номае ба назди писари қайсар бифиристад. Қайсар ба фиристодаи Анушервон чандон эҳтиром нишон намедиҳад. Дар муносибат бо Юстиниан Анушервон ба қайсар ҷанг эълон мекунад. Дар ниҳояти кор, ҷанг бо ғалабаи сипоҳи Сосонӣ тамом мешавад. Дар «Шоҳнома» мо наметавонем ҳеҷ набардеро бо румиён ё тарафҳои дигар, аз қабили Ҳайтолиёну хоқони Чин (турк), зикр кунем, ки ба фоидаи сипоҳи Сосонӣ тамом нашуда бошад [1-М; 6-М; 10-М; 15-М].

17. Ҳурмузд пас аз он ки ба мақоми подшоҳӣ ворид мешавад, ба қавли Фирдавсӣ, рафтори золимонаро пеш мегирад. Шоҳаншоҳ ҳатто ба мӯбади мубадон шахсан заҳри қотил медиҳад. Дар нигориши Фирдавсӣ Ҳурмузд боз ду арбоби давлатиро, ки Баҳроми Озармеҳон ва Симоҳбарзин ном доранд, ба қатл маҳкум мекунад.

Аз ин ҷойи хатти инкишофи сужа бори нахуст Хусрави Парвиз – писари Ҳурмузд ба саҳна ворид мешавад. Ба қавли Фирдавсӣ, дар соли даҳуми подшоҳии Ҳурмузд хоқони турк – Совашоҳ ба ҷанги Ҳурмузд лашкар мекашад. Совашоҳ аз роҳи Ҳирот то ба Марв наздик мешавад.

Анҷоми подшоҳии Ҳурмузди IV – фарзанди Анушервон фоҷибор мебошад. Ашроф ва аҳолии Тайсафун аз подшоҳ рӯй мегардонад. Дар чунин вазъият ҳимояи шоҳаншоҳ хеле коста мешавад. Зиндониён дарҳои зиндонро шикаста, ба озодӣ мебароянд. Сипас вориди айвон шуда, тоҷро аз сари шоҳ мегиранду тахташро нигунсор месозанд. Чашмони подшоҳро кӯр мекунанд, вале ӯро намекушанд. Бино ба нигориши Феофилакт Симокатта, ошӯбгарон то кӯр кардан дар пеши чашмони шоҳаншоҳ писари ӯро мекушанд ва ҳамсарашро чоку пора мекунанд [4-М; 6-М; 9-М].

18. Дар як печи хатти сужа, ки сухан дар бораи набарди Хусрави Парвиз бо Баҳроми Чӯбина меравад, дар нигориши Фирдавсӣ, ба матни ҳамоса боз як унсури ирратсионалӣ ворид мешавад, ки Суруши фаришта аст. Ӯ ғолибан паёмовар аст, чун ҳазрати Ҷибраил дар оини яҳудӣ, насронӣ ва мусулмонӣ. Ҷавҳаран дар ин пораи матни «Шоҳнома», ин фаришта ҳамон нақшеро иҷро мекунад, ки «фарри каён» барои Ардашер карда буд. Фирдавсӣ Сурушро савори аспи хинг тасвир менамояд ва меафзояд, ки фаришта Хусравро ба ҷойи бехатар мебарад [1-М; 12-М].

19. Хусрави Парвиз ба монанди Анушервон ислоҳоти маъмурие мегузаронад, ки ба мустаҳкам кардани имкониятҳои мудофиавии марзҳои шоҳаншоҳӣ нигаронида шуда буданд. Пеш аз ин ӯ ба шумори чилу ҳашт ҳазор як сипоҳи сарҳадии корозмуда низ ихтиёр мекунад. Дар тасвири Фирдавсӣ ва дигарон, Хусрави Парвиз ба тарафи биёбонҳои нопайдоканори соҳилҳои рости Фурот, макони зиндагии кӯчии арабҳо сипоҳе ҷудо намекунад [12-М; 20-М].

20. Гурдия, хоҳари Баҳроми Чӯбинаро Фирдавсӣ ба сифати «нобокзан», яъне ҷасур ёд мекунад. Хусрав мефармояд, то Гурдия ҳунари ҷангии худро дар майдон ба намоиш гузорад. Гурдия ҳунарҳои шоистаи ҷангӣ нишон медиҳад. Ширин шояд ҳасад мебарад ва Хусравро огоҳ мекунад, нашавад, ки хуни бародараш ба ёдаш бирасад.

Дар «Шоҳнома» ва «Ғурар»-и Саолибӣ Ширин наметавонад аз балои рашк худро бираҳонад. Чун Хусрав ба Марям, духтари қайсар эътибори бештар медиҳад, Ширин озурда мешавад. Аз ин рӯ, Ширин, ба тасвири Фирдавсӣ, ба

Марям заҳр медиҳад ва Марям пас аз як соли дарду ранҷ вафот мекунад. Саолибӣ низ инкор намекунад, ки ба Марям Ширин заҳр дода буд.

Ширин, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик чун намунае ҷилвагар мешавад ва дар рисолаи паҳлавии «Моҳи фарвардин рӯзи хурдод» чун яке аз уъҷубаҳои дарбори Хусрави Парвиз ба қалам дода шудааст, дар рафтор чанде костагиҳо дошт. Сарчашмаҳо, аз ҷумла Саолибӣ, Ширинро олиҳаи ҳусн ба қалам медиҳанд [12-М; 19-М].

21. Пас аз марги Хусрави Парвиз то Яздгирди Шаҳрёр ба тахти салтанти Сосонӣ чанд подшоҳ, аз ҷумла ду шаҳбону нишастанду рафтанд. Муддати подшоҳии онҳо хеле кам будааст. Масалан, меросбари Шерӯя – Ардашер танҳо шаш моҳ подшоҳӣ мекунад. Подшоҳии Пӯрондухт – духтари Хусрави Парвиз ва ба қавли Абурайҳони Берунӣ, духтари Марям духтари қайсар Маврикий мебошад, низ шаш моҳ будааст. Подшоҳии Озармдухт, духтари дигари Хусрави Парвиз чор моҳ буд ва бо додани заҳр кушта мешавад. Табарӣ ривояти худро дар бораи Озармдухт бо ҷумлаи «аз зеботарин занони онон буд», яъне Сосониён, тамом мекунад [1-М; 6-М; 8-М; 12-М].

22. Яздгирдро дар доираҳои илмӣ писари Шаҳрёр, набераи Хусрав ва Ширин медонанд, ки соли 632 ба сари қудрат оварда буданд. Модари Яздгирд, бино ба маълумоти сарчашмаҳо, канизак буд ва ҳаҷҷома. Дар наздики ҳаштсаду ҳафтод байти бахши «Подшоҳии Яздгирд» чанд нуктаҳои қобили мулоҳиза мегузарад. Мусалламан, яке аз онҳо набарди Қодисия мебошад, ки дар соли чоруми подшоҳии ин шоҳаншоҳ сурат гирифтааст. Хулосаи набарди Қодисия ҳамин аст, ки лашкари Сосониён дар муҳориба бо лашкари ислом шикасти марговар мехурад. Барои лашкари ислом соли 636 ё 637 ба замони халофати Умар ибни Хаттоб роҳ ба Мадоин ва паҳноҳои дигари Эроншаҳр кушода мешавад. Ҳамин солро метавон соли инқирози феълии шоҳаншоҳии Сосонӣ донист [13-М; 16-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Хотираи таърихӣ аз ҷумлаи муҳимтарин рукнҳои маънавиёти миллат дар фарози таърих аст. Рӯйдодҳо ё сужаҳои бадеие, ки дар «Шоҳнома», «Ғурар»-и Саолибӣ, сарчашмаҳои юнонӣ, суриёнӣ, хитоӣ ва арабу мусулмонӣ тасвир шудаанд, аз воқеияти таърихӣ ва ё бадеие ҳикоят мекунанд, ки гузаштаи таърихи халқҳои эрониро дар панҷ асри ҳазораи якуми мелодӣ, то соли 651 таҷассум мекунанд.

Мусаллам аст, ки рисолати роҳандозии тарбияи маънавиёти миллатро ниҳодҳои таълиму тарбия ба зимма доранд. Бо дарназардошти ин нукта, ворид кардани мавзуъҳои алоқаманд ба масъалаҳои хотираи таърихӣ ба нақшаи таълимии курсҳои махсуси равияҳои гуманитарӣ, фарҳангӣ, аз ҷумла адабиётштносӣ ва иҷтимоӣ, аз манфиат холӣ намебошад. Аз худ кардани чунин мавзуъҳо ба он мусоидат мекунад, ки дониш ва ҷаҳонбинии донишҷӯён ғанӣ гардида, тасаввуроти онҳо доир ба арзишу идеалҳои фарҳангии умумибашарӣ мукаммал гардад.

2. Дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар талқини адолат яке аз мавзуъҳои меҳварӣ мебошад. Адолат, ба истилоҳи имрӯза, ҳамон волоияти қонун аст. Ҳама подшоҳони Сосонӣ дар хутбаҳои тоҷгузорӣ ба ин мавзуъ дахл карда ва аҳкоме гуфтаанд. Дар хотираи таърихии халқҳои Ховари Миёна аз Хусрави Анушервон образи «подшоҳи одил»-ро офаридаанд. Дар сарчашмаҳо, аз ҷумла дар «Ғурар»-и Саолибӣ гӯё ҳадиси Сарвари оламиёнро (с) меоваранд, ки фармуда будаанд: «ولدت فی زمن الملك العادل» – «Ба рӯзгори подшоҳи одил зода шудаам». Андаке дертар яке аз ситорагони фикри исломӣ Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (1058-1111) дар «ат-Тибр-ул-масбук фӣ насиҳати-л-мулук» ҳамин қавли Саолибиро таъкид кардааст. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар бобати саҳеҳ будани ҳадис шубҳае баён нанамудааст. Чанде пештар аз Саолибӣ Абуалии Масъудӣ дар «Муруҷ-уз-заҳаб» навишта буд, ки «Кисрои Анушервонро подшоҳи хайр мегуфтанд», яъне одил.

Дар ин бобат метавон гуфт, ки дар зеҳни мардуми тоҷик ба забони тоҷикӣ тасаввури адолати Анушервон шояд дар асри IX-X ташаккул ефта бошад. Чун аз ин ду аср осори хаттии камтаре (ба истиснои «Шоҳнома») то замони мо расидааст, метавон бо дили пур таъкид кард, ки адолати Анушервон дар асри XI дар зеҳнҳо нағзакак нишаста буд. Ба ин муносибат чун яке аз ҳадафҳои Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудани ҷомеи ҳуқуқбунёд мебошад, маводди диссертатсия метавонад ба ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, шуъба ва факултетҳои ҳуқуқ чун маълумоти ёрирасон пешниҳод карда шавад.

3. Сужаҳои вобаста ба образи подшоҳон ва паҳлавонони ибтидои асрҳои миёна ҷузъиёти манзараи адабӣ, таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Таҳаввули сужаҳо аз ибтидои асри III то ибтидои асри XI аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вобаста ба тағйироти сиёсӣ ва мазҳабию оинӣ ба сужаҳо афзунаҳое ворид карда шудааст, то ин ё он образ ба воқеияти замони сарчашмаи афзуна то ҷое мувофиқат дошта бошад. Масалан, рахи сужае, ки аз эҳтироми гузаштангони Сосониён ба хонаи Каъба ҳикоят мекунад, ба замони ташаккули давлати Сомониён дар асри X пайдо шудааст. Ба назар мерасад, ки омӯхтан ва омӯзонидани чунин паҳлуҳои хотираи таърихӣ метавонад, ба парваридани эҳсоси ватанхоҳӣ ва ғурури беолоиши миллӣ мусоидат кунад. Ин корро метавон дар чорчӯбаи курсҳои кӯтоҳмуддати махсус дар ихтисосҳои фарҳанг, фарҳангшиносӣ, забон ва адабиёти тоҷик, журналистика ва бахши адабиёти забонҳои шарқ амалӣ намуд.

4. Дар қисмати Сосониёни «Шоҳнома» ва бахшҳои ҳамгуни сюжетҳои сарчашмаҳои дигар бештар набардҳои дохилӣ ва набардҳо бо душманони беруна инъикос ёфтаанд, ки ҷанбаии қавии ватандӯстӣ доранд. Дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар, баробари нигориши рӯзгору корзори подшоҳон, ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеаҳои халқҳои эронӣ тасвир ёфтааст. Яке аз балоҳои ин ҷомеаҳо хешовандсолорӣ (непотизм) буд. Дар китоби «Аҳд Ардашер» нахустин подшоҳи Сосонӣ – Ардашери Бобакон ин падидаи нохушояндро маҳкум кардааст. Ба ин муносибат, метавон ба мақомоти ҳокимиятҳои маҳаллӣ муроҷиат ва пешниҳод

кард, ки аз хешовандсолорӣ бештар ҳазар кунанд ва дар интихоби номзадҳо ба вазифаҳо, пеш аз ҳама, ба лаёқати номзад эътибор диҳанд.

5. Яке аз мавзуъҳое, ки дар «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, инъикос ёфтааст, мубориза ба муқобили хушксолиҳо мебошад. Подшоҳони Сосонӣ дар чанд ҳолат тавонистаанд, аз солҳои беборон бо талафоти камтар бароянд.

Ба нигорши Берунӣ, ниёгони мо рӯзи пас аз солҳо омадани боронро ба ҷашн табдил додаанд ва ин ҷашнро «обрезон» гуфтаанд. Обрезон барои мардуми Тоҷикистон ҷашни бегона нест. Ба забони омиёна ин ҷашнро «ашагулон» ҳам мегӯянд. Дар солҳои қаҳтии борон подшоҳони Сосонӣ одатан хироҷ – андози замин намегирифтанд. Ба ҷабрдидагон ба тариқи ёрона говҳои ҷуфт ва тухмӣ дода мешуд. Зиёда аз ин, яке аз подшоҳони шинохтаи Сосонӣ – Баҳроми Гӯр, ба ривояти Фирдавсӣ, ба «говҳои варз» (говҳои ҷуфт – барзагов), ба истилоҳи имрӯза, ҳамчун ба «воситаи истеҳсолот» нигоҳ мекунад ва фармон медиҳад, ки аз куштани чунин говҳо худдорӣ кунанд. Ба ин муносибат метавон ба мақомоти идораҳои кишоварзӣ ва андоз пешниҳод кард ва расонд, ки таҷрибаи подшоҳони Сосонӣ шояд кухна нашуда бошад.

6. Ардашер Бобакон ҳанӯз дар асри III таъкид карда буд, ки «инқирози давлатҳо аз вогузоштани раият бе машғулятҳои маъруф ва корҳои маълум сар мешавад». Агар ин тезисро мо ба забони имрӯзаи сиёсӣ бихонем, ҳамон маъно ҳосил мешавад, ки ба ҷойи кор таъмин кардани аҳолӣ яке аз пояҳои суботи ҳокимиятҳо буд ва мемонад. Ба ин муносибат шояд месазад ба ниҳодҳои дахлдори шуғли аҳолӣ расонида шавад, ки сиёати Пешвои миллат дар ин самтро бештар дастгирӣ кунанд ва кӯшишҳои лозима ба харҷ диҳанд, ки ҳар чӣ бештар ҷойҳои корӣ офарида шаванд.

7. Дар «Шоҳнома» борҳо гузаштааст, ки дар замони Сосониён тақрибан маълумоти ибтидоии саросарӣ ҷорӣ карда шуда буд. Фазилати роҳандозии, ба истилоҳи имрӯза, «таълими ибтидоии ҳатмӣ»-ро Фирдавсӣ ба Ардашери Бобакон нисбат медиҳад. Ба ин муносибат бо изҳори қаноат аз сиёсати Пешвои миллат дар соҳаи маориф месазад ба ниҳодҳои дахлдор мулоҳиза пешниҳод

карда шавад, ки халқи тоҷик ҳамеша халқи фарҳангӣ буд ва пояи фарҳанг бе маориф қоим буда наметавонад.

8. Фирдавсӣ дар тақрибан панҷоҳ ҳазор байти «Шоҳнома» ҳеҷ кароҳияте (фобия) нисбат ба ҳеҷ қавме зоҳир накардааст. Он ки нисбат ба баъзе қавмҳо, аз ҷумла қавми эронии курд, меҳри зиёде ҳам нишон надодааст, гувоҳи кароҳият буда наметавонад. Фирдавсӣ ватанпарасти эронӣ аст. Эронӣ ба маънои халқҳои эронӣ. Аммо дар номаи дарозе, ки Яздгирди Шаҳрёр ба марзбонони Тӯс навиштааст, чанд байти арабситезона ва таҳқири қавми араб дида мешавал, ки ба андаке тағйироти ҷузъӣ дар ҳар се матни интиқодии «Шоҳнома» мегузарад, Вале, бино ба назари Ҷалол Холиқии Мутлақ, дар дувоздаҳ дастхати «Шоҳнома», ки то охири асри XV китобат шудаанд, байтҳои арабситезона вуҷуд надоранд.

Ватанпарастии Фирдавсӣ дар бобати дигар зоҳир шудааст. Шоир то ҳадди имкон аз овардани ифодаҳо ба забони арабӣ худдорӣ менамояд. Ба қавли Саҷҷоди Ойдинлу, дар панҷоҳ ҳазор байти «Шоҳнома» 726 калимаи арабӣ шуморида шудааст. Ҷалол Холиқии Мутлақ шумори калимаҳои арабиро дар ҳудуди 500 калима ва ибора медонад. Фирдавсӣ шоири мусулмон аст. Вале намехоҳад дин барои ҳар гуна фоида истифода бурда шавад.

Ба ин муносибат чун таҳаммулгароӣ яке аз рукнҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, лозим ба назар мерасад, ки дар пояи диссертатсияи мавриди ҳимоя ва таҳқиқоти дигар курсҳои махсуси кӯтоҳмуддате дар мавзуи шартии «Ватанхоҳии Фирдавсӣ ва тасвириватанхоҳӣ дар «Шоҳнома» барои донишҷӯёни ихтисосҳои филология ва журналистикаи мактабҳои олӣ пешниҳод карда шавад.

9. Дар «Шоҳнома» зиндагии ҳамарӯзаи мардуми фуқаро чунон инъикос ёфтааст, ки гумон меравад, сухан дар бораи рӯзгори имрӯза мерафта бошад. Ба назари мо, дар яке аз ҳикоятҳои Баҳроми Гӯр ва зану шавҳари солдида, ки басо меҳмоннавоз ҳастанд, ҳамин мавзуъ беҳтар инъикос ёфтааст. Дар ин ҳикоят мо моил ҳастем боз як даҳои шоиронаи Фирдавсиро бубинем. Масалан, зан майро дар ҷом пешниҳод намекунад. Дар зарфи мушкилкушои деҳотиён – каду пешниҳод мекунад. Зан ба намуд соҳиби хона аст. Ӯ ба шавҳараш чун ҳама

занҳои солдидаи имрӯза суханҳои пасту баланд ҳам мегӯяд. Масалан, «пири аблаҳ», «зишти ношустарӯй», вале то иззати меҳмон пурра ба ҷо оварда шавад, бе иҷозати шавҳар ёро намешавад, ки барарo бикушанд. Пиразан аз ҳама ҷо бохабар аст. Ҳатто медонад, ки дар рустои онҳо хабаркашон ҳастанд, ки метавонанд боиси мусибати касоне шаванд. Ба ин муносибат, шояд ба аҳли ҷамоатҳо пешниҳод карда шавад, ки аз муомилаи ба зоҳир ноҳамвори зану шавҳари солдида мушкил насозанд. Ин кор дар ибтидои асри V тасвир шудааст ва гумон аст, ки то садсолаҳои дигар тағйир ёбад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо

### А. Ба забони тоҷикӣ:


1. Авасто. Таҳияи ва тавзеҳоти Бобо-Назар Ғафор, Муҳтарам Ҳотам, Муаззами Диловар. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 838 с.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 408 с.
3. Балъамӣ, Абуалӣ. Таърихи Табарӣ. Таҳия ва тавзеҳоти Умаров Муҳаммадҷон, Бобоев Файзулло [Матн] / Абуалӣ Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 1380/2001. – Ҷилди 1. – 820; – Ҷилди 2. – 820 с.
4. Берунӣ, Абӯрайҳон. Осору-л-боқия [Матн] / Абӯрайҳон Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
5. Бундаҳишн. Мероси хаттии бостон Ҷ.1 [Матн]. – Душанбе. 2013. – 122 с.
6. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Насиҳату-л-мулук [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. – Душанбе, 1993. – 92 с.
7. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Хусраву Ширин. Ҷилди 1 [Матн] / Низомии Ганҷавӣ: ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 460 с.
8. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Ҳафт пайкар. Ҷилди 1 [Матн] / Низомии Ганҷавӣ: ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳрорӣ.– Душанбе: Ирфон, 1983. – 415 с.
9. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Искандарнома [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
10. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Махзану-л-асрор, Хусраву Ширин [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
11. Гардезӣ, Абдулҳай. Зайну-л-ахбор [Матн] / Абдулҳай Гардезӣ. – Душанбе, 2014. – 416 с.
12. Гургонӣ, Фахриддин. Вис ва Ромин [Матн] / Фахриддин гургонӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 456 с.
13. Корномаи Ардашери Бобакон [Матн]. – Душанбе, 2013. – 22 с.

14. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девони Рӯдакӣ [Матн] / Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2015 – 323 с.
15. Самарқандӣ, Низомӣ Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 159 с.
16. Саолибӣ, Абӯмансур Абдумалик ибни Муҳаммад. Таърихи ғурар ус-сияр маъруф ба “Шоҳнома”-и Саолибиӣ. Таҳиягар ва муаллифи сарсухану таълифот Низомиддин Зоҳидов [Матн] / Абӯмансур Абдумалик ибни Муҳаммад Саолибӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 444 с.
17. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 468 с.
18. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 3 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 526 с.
19. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 6 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 552 с.
20. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 7 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 651 с.
21. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 612 с.
22. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 9 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 500 с.
23. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 2 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Баҳром Сирус. – Душанбе: Адиб, 1987. – 318 с.
24. Хусрав, Носир. Девони ашъор. Таҳияи матн ва шарҳи луғот аз Н. Амиршоҳӣ, М. Акбарзод [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010. – 480 саҳ.
25. Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн]. – Душанбе, 2014. – 588 с.
26. Шаҳристонҳои Эроншаҳр [Матн]. – Душанбе, 2013. – 4 с.

**Б. Ба забони форсии тоҷикӣ бо хатти арабӣ:**


27. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Аз рӯи чопи Европа, ки Эдвард Браун ва аллома Муҳаммади Қазвинӣ тасҳеҳ кардаанд. Бо тасҳеҳи ҷадид, ҳавошӣ ва таъликоти комил ба кӯшиши Саид Нафисӣ [Матн] / Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон, 1957. – 872 с.
28. Андарзнома”-и Ардашер [Матн]. – Теҳрон, 1990. – 10 с.
29. Афдиҳои ҳаждаҳгонаи Хусрави Правиз [Матн]. – Теҳрон, 1979. – 25 с.
30. Берунӣ, Абурайҳон. ал-Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-холия [Матн] / Абурайҳон Берунӣ. – Теҳрон, 2008. – 461 с.
31. Берунӣ, Абурайҳон. ат-Тафҳим фӣ авоил синоати-т-танҷим [Матн] / Абурайҳон Берунӣ. – Теҳрон, 2014. – 1080 с.
32. Бузургмеҳр. Панднома [Захираи электронӣ] / Бузургмеҳр. – 18 с. // Низоми дастрасӣ www.ariarman.com.
33. Гардезӣ, Абдулҳайй. Зайну-л-ахбор [Матн] / Абдулҳаййи Гардезӣ. – Душанбе, 2014. – 416 с.
34. Динкард. Китоби III [Матн]. – Теҳрон, 2003. – 717 с.
35. Ибн ал-Балхӣ. Форснома [Матн] / Ибни Балхӣ. – Теҳрон, 2007. – 248 с.
36. Ибн Исфандиёр. Таърихи Табаристон. Ҷ.1 [Матн] / Ибн Исфандиёр. – Теҳрон, 2007. – 329 с.
37. Ибн Халдун, Абдурраҳмон. “ Китобу-л-ибар ва дивону-л-мубтадо ва-л-хабар фӣ айёми-л-арабӣ ва-л-аҷамӣ ва-л-барбар ва ман осараҳум мин завӣ-с-султони-л-акбар”. Тарҷума ба форсӣ. Ҷ.1 [Матн] / Абдурраҳмон Ибн Халдун. – Теҳрон, 2005. – 657 с.
38. Ибн Халдун, Абдурраҳмон. Муқаддима. Ҷилдҳои 1 ва 2 [Матн] / Абдурраҳмон Ибн Халдун. – Теҳрон, 2004. – 1401 с.
39. Ибни Надим, Муҳаммад ибни Исҳоқ. “ал-Феҳрист”. Тарҷумаи форсии Муҳаммад Ризои Таҷаддуд [Матн] / Муҳаммад ибни Исҳоқ Ибни Надим. – Теҳрон, 2003. – 442 с.

40. Исфаҳонӣ, Фатҳ ибни Алӣ Бундорӣ. “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. Тарҷума ба форсии Абулмаҳаммади Оятӣ [Матн] / Бундории Исфаҳонӣ Фатҳ ибни Алӣ. – Теҳрон, 2003. – 651 с.
41. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома [Матн] / Унсурулмаолии Кайковус. – Теҳрон, 1934. – 272 с.
42. Қиссаи амиру-л-муъминин Ҳамза [Матн]. – Техрон, 1984. – 633 с.
43. Муаммарӣ, Абумансур. Муқаддимаи Абумансурӣ [Матн] / Абумансур Муаммарӣ. – Теҳрон, 2005. – 7 с.
44. Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас [Матн]. – Теҳрон, 2013. – 485 с.
45. Навоӣ, Моҳёр. “Ёдгори Бузургмеҳр” [Матн] / Моҳёр Навоӣ. – Табриз: Нашрияи Донишкадаи адабиёти Табриз, 2013. – 31 с.
46. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад. Таърихи Бухоро [Матн] / Абубакр Муҳаммад Наршахӣ. – Теҳрон 2009 – 476 с.
47. Тазкираи Эрбил (Вақойеъномаи Орабело) [Матн]. – Таҳрон, 2014. – 195 с.
48. Тансар. Номаи Тансар [Матн] / Тансар. – Теҳрон, 1975. – 260 с.
49. Фирдавсӣ, Абулқосим. “Шоҳнома”. Дафтари 6 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Техрон, 2018. – 637 с.
50. Фирдавсӣ, Абулқосим. “Шоҳнома”. Дафтари 7 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Техрон, 2018. – 650 с.
51. Фирдавсӣ, Абулқосим. “Шоҳнома”. Дафтари 8 / Абулқосим Фирдавсӣ. – Теҳрон, 2018. – 504 с.
52. Шомлу, Аҳмад. Ғазали ғазалҳои Сулаймон, Аҳди Атиқ [Захираи электронӣ] / Аҳмади Шомлу // Низоми дастрасӣ: www.bofekor.wordpress.com.
53. Шояст нашояст [Матн]. – Теҳрон, 1991. – 334 с.

### В. Ба забони арабӣ:

54. Аҳд Ардашер [Матн]. – Бейрут, 1967. – 149 с.
55. Байҳақӣ, Иброҳим. “ал-Маҳосин ва-л-масовӣ” [Матн] / Иброҳим Байҳақӣ. – Гессен, 1902. – 665 с.

56. Балозурӣ, Аҳмад. Футуҳу-л-булдон [Матн] / Аҳмад Балозурӣ. – Бейрут, 1987. – 768 с.
57. Берунӣ, Абурайҳон. ал-Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-холия [Матн] / Абурайҳон Берунӣ. – Лейпзиг, 1878. – 478 с.
58. Бундорӣ, ал-Фатҳ ибни Алӣ. “аш-Шоҳнома” [Матн] / Фатҳ ибни Алӣ ал-Бундорӣ. – Қоҳира, 1932. – 874 с.
59. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. ат-Тибру-л-масбук фӣ насиҳати-л-мулук / Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ. – Бейрут, 1988. – 132 с.
60. Гардезӣ, Абдулҳайй. Зайну-л-ахбор. Тарҷумаи арабӣ [Матн] / Абдулҳаййи Гардезӣ. – Қоҳира, 2006. – 541.с.
61. Диноварӣ, Абуҳанифа. ал-Ахбору-т-тивол [Матн] / Абуҳанифа Диноварӣ. – Қоҳира, 1911. – 337 с.
62. Диноварӣ, Ибни Қутайба. аш-Шеър ва-ш-шуаро [Матн] / Ибни Қутайба Диноварӣ. – Бейрут, 1964. – 900 с.
63. Диноварӣ, Ибни Қутайба. Уюуну-л-ахбор [Матн] / Ибни Қутайба Диноварӣ. – Бейрут, 2011. – 526 с.
64. Ибн Халдун. ал-Муқаддима [Матн] / Ибн Халдун. – Бейрут, 2013. – 630 с.
65. Ибн Абдураббиҳи. ал-Иқду-л-фарид. Ҷ.1 [Матн] / Ибн Абдураббиҳи. – Бейрут, 1983. – 370 с.
66. Ибн ал Асир Маҷдуддин. ал-Мурассаъ фӣ-л-обо ва-л-уммаҳот ва-л-банин ва-л-банот ва-л-азвои ва-з-завот [Матн] / Маҷдуддин ибн ал Асир. – Бағдод, 1991. – 367 с.
67. Ибн ал-Асир, Иззуддин. ал-Комил фӣ-т-таърих. Ҷ. 1 [Матн] / Иззуддин ибн ал Асир. – Бейрут, 1965. – 700 с.
68. Ибн Батриқ, Саид. Таърих [Матн] / Саид Ибн Батриқ. – Рим, 1658. – 533 с.
69. Ибн Мискавейҳ, Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. “ал-Ҳикма ал-холида” (Ҷовидон хирад) [Матн] / Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибн Мискавейҳ. – Қоҳира, 1983. – 375 с.

70. Ибн Мискавейҳ, Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. “Таҷорубу-л-умам ва таоқубу-л-ҳимам”. Ҷилди I [Матн] / Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибн Мискавейҳ. – Бейрут, 2002. – 383 с.
71. Ибн Халликон. Вафаёту-л-аъён / Ибн Халликон. – Бейрут, 1978-3. – 514 с.
72. Ибн Хурдодбеҳ. Китобу-л-масолик ва-л-мамолик бо пайвасти Китобу-л-хироҷ ва санъату-л-китоба-и Қудома ибни Ҷаъфар ва тарҷумаи фаронсавии онҳо [Матн] / Ибн Хурдодбеҳ. – Лейден, 1889. – 548 с.
73. Исфаҳонӣ, Ҳамза. Таърих синӣ мулуки-л-арзи ва-л-анбиё [Матн] / Ҳамзаи Исфаҳонӣ. – Лейпсиг, 1844. – 243 с.
74. “Китобу-т-тоҷ фӣ ахлоқи-л-мулук” [Матн]. – Қоҳира, 1914. – 351 с**.**
75. Марзубонӣ, Абуубайдулло. ал-Мувашшаҳ фӣ маохизи-л-уламои ала-ш-шуаро [Матн] / Абуубайдулло Марзубонӣ. – Қоҳира, 1965. – 702 с.
76. Масъудӣ, Алӣ ибни Ҳусайн. ат-Танбеҳ ва-л-ишроф [Матн] / Алӣ ибни Ҳусайн Масъудӣ. – Лейден, 1893. – 548 с.
77. Масъудӣ, Алӣ ибни Ҳусайн. Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар [Матн] / Алӣ ибни Ҳусайн Масъудӣ. – Бейрут, 1973. – 860 с.
78. Мубаррад, Абу-л-аббос Муҳаммад. ал-Фозил [Матн] / Абу-л-аббос Муҳаммад ал-Мубаррад. – Қоҳира, 1995. – 180 с.
79. Муқаддасӣ, ал-Мутаҳҳар ибн Тоҳир. ал-Бадъ ва-т-таърих [Матн] / Мутаҳҳар ибн Тоҳир ал-Муқаддасӣ. – Қоҳира, 2015. – 449 с
80. Ропер, Ҷефри. Geoffrey Roper, World survey of Islamik manuscripts-ал-Махтутоту-л-исломия фӣ-л-олам (Дастнависҳои исломӣ дар олам). Тарҷумаи арабии Абдуссаттор ал-Ҳалавчӣ [Матн] / Ҷефрӣ Ропер. – Лондон, 2002. – Дар 4 ҷилд (ҷ. I. –757 с; ҷ. II. – 988 с; ҷ. III. – 846 с; ҷ. IV. – 867 с.).
81. Саолибӣ, Абумансур. ал-Эъҷоз ва-л-иҷоз [Матн] / Абумансур Саолибӣ. – Қоҳира, 1897. – 302 с.
82. Саолибӣ, Абумансур. Ғурару ахбори мулуки-л-фурси ва сиярихим [Матн] / Абумансур Саолибӣ. – Теҳрон, 1963. – 828 с.
83. Саолибӣ, Абумансур. Ятимату-д-даҳр фӣ маҳосини аҳли-л-аср. Ҷилдҳои 1-2 [Матн] / Абумансур Саолибӣ. – Бейрут,1979. – 885 с.

84. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Ҷилди I [Матн]. – Қоҳира, 1979 – 637 с.

85. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Ҷилди II [Матн] / Муҳаммад ибни Ҷарир Табарӣ. – Қоҳира, 1979. – 239 с.

86. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Ҷилди III [Матн] / Муҳаммад ибни Ҷарир Табарӣ. – Қоҳира, 1979. – 632 с.

87. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Ҷилди IV [Матн] / Муҳаммад ибни Ҷарир Табарӣ. – Қоҳира, 1979. – 584 с.

88. Ҳамавӣ, Ёқут. Муъҷаму-л-булдон [Матн] / Ёқут Ҳамавӣ. – Бейрут, 1984. – 501 с.

89. Ҳамадонӣ, Бадеуззамон. ал-Мақомот [Матн] / Бадеуззамон Ҳамадонӣ. – Қоҳира, 2009. – 293 с.

90. Ҳарирӣ, Қосим. ал-Мақомот [Матн] / Қосим Ҳарирӣ. – Қоҳира, 2012. – 430 с.

91. Ҷаҳшиёрӣ, Абуабдулло. Китобу-л-вузаро ва-л-куттоб [Матн] / Абуабдулло Ҷаҳшиёрӣ. – Қоҳира, 1938. – 297 с.

92. Ҷоҳиз, Абуусмон Амр ибни Баҳр. Китоб фӣ замми ахлоқи-л-куттоб (Нома дар мазаммати ахлоки дабирон) саҳ. 192-203, 10 с.) дар маҷмуаи Расоил ал-Ҷоҳиз. Ҷ. 2 [Матн] / Абуусмон Амр ибни Баҳр Ҷоҳиз. – Қоҳира, бе соли нашр. – 268 с.

93. Ҷоҳиз, Абуусмон Амр ибни Баҳр. ал-Маҳосин ва-л-аздод [Матн] / Абуусмон Амр ибни Баҳр Ҷоҳиз. – Виндзор: Англия, 2017. – 286 с.

94. Ҷоҳиз, Абуусмон. Китобу-л-ҳаявон [Матн] / Абуусмон ал-Ҷоҳиз. – Димишқ, 2006. – 920 с.

95. Шаҳристонӣ, Муҳаммад ибни Абдулкарим. ал-Милал ва-н-ниҳал [Матн] / Муҳаммад ибни Абдулкарим Шаҳристонӣ. – Бейрут, 1992. – 734 с.

96. Яъқубӣ, Аҳмад ибни Яъқуб. Китобу-л-булдон [Матн] / Аҳмад ини Яъқуби Яъқубӣ. – Лейден, 1860. – 152 с.

97. Яъқубӣ, Аҳмад ибни Яъқуб. Таърих [Матн] / Аҳмад ини Яъқуби Яъқубӣ. – Лейден, 1883. – 470 с.

**Г. Ба забони русӣ:**


98. Агатангелос. История Армении [Текст] / Агатангелос. – Ереван, 2004. – 336 с.
99. Агафий, Миринейский. О царствовании Юстиниана. Перевод, статья и примечания М.В. Левченко [Текст] / Миринейский Агафий. – М. Л.: Издательство АН СССР, 1953. – 232 с.
100. Аммиан, Марцеллин. Римская история. Подготовка к печати и комментарии Л.Ю. Лукомского [Текст] / Марцеллин Аммиан. – Санкт-Петербург, 1996. – 702 с.
101. Беруни и Ибн Сина. Переписка [Текст]. – Ташкент, 1973. – 37 с.
102. Беруни, Абу Райхан. Избранные произведения. Том IV. Фармакогнозия в медицине (Китобус-с-айдана фи-т-тиб) [Текст] / Абу Райхан Беруни. – Ташкент: Фан, 1973. – 1126 с.
103. Бируни, Абу Рейхан. Индия [Текст] / Бируни. – М., 1995. – 730 с.
104. Бируни, Абурейхан. Избранные произведения. Том. I. Памятники минувших поколений [Текст] / Абурейхан Бируни. – Ташкент, 1957. – 527 с.
105. Бичурин, И.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. В трех томах [Текст] / И.Я. Бичурин. – Алматы, 1998. – 1802 с.
106. Босворт, К.Э. Мусульманские династии [Текст] / К.Э. Босворт. – М., 1971. – 324 с.
107. Геродиан. История императорской власти после Марка. Под редакцией Доватур А.И. [Текст] / Геродиан. – М., 1996. – 176 с.
108. Геродот. История. Книга 1. [Текст] / Геродот. – Ленинград, 1972. – 600 с.
109. Две редакции письма Мухаммеда Сасанидскому Хосрову II Парвизу [Текст] // Палестинский сборник. Текст и комментарий Колесникова А.И.– Лениград, 1967. – 11 с.

110. Кассий, Дион Коккейан. Римская история. Книги LXIV-LXXX. Перевод с древнегреческого под редакцией А.В. Махлаюка. Комментарий и статья А.В. Махлаюка // Филологический факультет Санкт-Петербургского государственного университета [Текст] / Дион Коккейан Кассий. – Санкт-Петербург, 2011. – 456 с.
111. Книга деяний Ардашера сына Папака. Перевод и комментарий Чунаковой О.М. [Текст] / М., 1987. – 167 с.
112. Лампридий, Элий. Жизнеописания августов, XVIII. Александр Север, в книге «Властелины Рима» [Текст] / Элий Лампридий. – М., 1992. – 49 с.
113. Лирическая поэзия Древнего Востока. – М., 1984. – 231 с.
114. Пигулевской Н.В. Анонимная сирийская хроника 1234 года (с. 252-264) // Византия и Иран на рубеже VI и VII веков [Текст]. – Ленинград, 1946. – 298 с.
115. Плутарх. Сравнительные жизнеописания [Текст] / Плутарх. – М., 1964. – 1210 с.
116. Полиэн. Стратегмы [Текст] / Полиэн. – Санкт-Петербург, 2002. – 608 с.
117. Поло, Марко. Книга разнообразий мира [Текст] / Марко Поло. – Москва, 1997. – 468 с.
118. Прокопий, Кесарийский. Война с персами. Война с вандалами. Тайная история / Кесарийский Прокопий. – М., 1993. – 578 с.
119. Себеос. История императора Иракла [Текст] / Себеос. – Санкт-Петербург, 1862. – 249 с.
120. Секст, Аврелий Виктор. О цезарях [Текст] / Аврелий Виктор Секст. – М., 1996. – 101 с.
121. Сказание об Ануширване. Введение и комментированный перевод с персидского Колнсеикова А.И. [Текст] // Журнал Письменные памятники Востока. – 1 (8) Институт восточных рукописей. – Санкт-Петербург, 2008. – С. 105-124.
122. Сократ, Схоластик. Церковная история [Текст] / Схоластик Сократ. – М., 1996. – 366 с.

123. Стилит, Иешу. Хроника. Летописная повесть о несчастях, бывших в Эдессе, Амиде, и во всей Месопотамии [Текст] / Иешу Стилит. – М.Л.: Издательство АН СССР, 1940. – 30 с.
124. Сюань-цзан. Записки о западных странах эпохи Великой Тан [Текст] / Сюань-цзан. – Москва: Восточная литература, 2012. – 466 с.
125. Феофилакт, Симокатта. История [Текст] / Симокатта Феофилакт. – М.: Издательство АН СССР, 1957. – 225 с.
126. Фирдоуси. “Шах-наме”. Том IX. [Текст] / Фирдоуси. – М., 1971. – 425 с.
127. Фирдоуси. “Шах-наме”. Том VII. [Текст] / Фирдоуси. – М., 1968. – 475 с.
128. Фирдоуси. “Шах-наме”. Том VIII. [Текст] / Фирдоуси. – М., 1970. – 451 с.
129. Хоренатси, Мовсес. История Армении [Текст] / Мовсес Хоренатси. – Ереван, 1990. – 291 с.
130. Хурда Авеста [Текст]. – Санкт-Петербург, 2005. – 384 с.

## II. АДАБИЁТИ ИЛМӢ ВА ПАЖӮҲИШӢ

### А. Ба забони тоҷикӣ:

131. Абдолов, Н. Достонҳои ишқӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ [Матн] / Н. Абдолов. – Душанбе, 2007. – 179 с.
132. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон [Матн] / Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе, 2020. – 975 с.
133. Ёҳаққӣ, Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги устураҳо [Матн] / Муҳаммадҷаъфар Ёҳақӣ. – Душанбе, 2013. – 628 саҳ.
134. Зоҳидов, Н. Таърихи адабиёти тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабон) [Матн] / Н.Зоҳидов. – Душанбе, 2014. – 443 с.
135. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Қисми 1 [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе, 1987. – 488 с.
136. Музаффарова, Ш. “Ҳафт пайкар”-и Низомӣ ва таҳаввули достони Баҳроми Гӯр [Матн] / Ш. Музаффарова. – Душанбе, 2014. – 166 с.
137. Мухтасари мероси маънавии тоҷикон [Матн]. – Душанбе, 2016. – 270 с.

138. Ориёнур, А. Рӯзгори Борбади ромишгар [Матн] / А. Ориёнпур. – Душанбе, 1989. – 86 с.

139. Сатторзода, Абдунабӣ. Кухна ва нав [Матн] / Абдунабӣ Сатторзода. – Душанбе, 2004. – 254 с.

140. Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ, Назрӣ, Ҷӯрабек. Ҳунари номанигорӣ дар “Шоҳнома” [Матн] / Али Муҳаммади Хуросонӣ, Ҷурабек Назрӣ. – Душанбе, 2014. – 189 с.

141. Шарифзода, Худоӣ, Нарзиқул, Мисбоҳидин. Таърихи адабиёти тоҷик (аҳди қадим то асри XIII) [Матн] / Худоӣ Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе, 2017. – 609 с.

142. Шарифзода, Худоӣ. Достонҳо бузурги “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ [Матн] / Худоӣ Шарифзода. – Душанбе, 2018. – 399 с.

143. Шарифзода, Худоӣ. Замони оғози шеъри порсии дарӣ [Матн] // Рӯдакӣ – фаслномаи ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – Душанбе, баҳор ва тобистони соли 2011, № 26-27. – 12 с.

144. Шарифов, Худоӣ. Шоҳнома ва шеъри замони Фирдавсӣ [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе, 2014. – 399 с.

**Б. Ба забони форсии тоҷикӣ бо хатти арабӣ:**

145. Амин, Саййидҳасан. Тоҷномаҳо [Матн] // Маҷаллаи “Эроншиносӣ” соли 13 баҳори 1380 № 49 / Саййидҳасан Амин. – Теҳрон, 2002. – 13 с.

146. Аминзода, Сулаймон. Падарон ва писарон ба ривояти таърих ва “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. Хусрави Парвиз, Ширӯя ва Ширин шоҳдухти эронӣ [Матн] // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Мискавейҳ. Соли 5, №14 / Сулаймон Аминзода. – Теҳрон, 2012. – 13 с.

147. Ардистонӣ, Ҳамид Ризо. Чаро Рустам аз сӯйи модар Заҳҳокнажод аст? // Фаслномаи Куҳанномаи адаби порсӣ. Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ, соли 8, шумораи 1 [Матн] / Ҳамид Ризо Ардистонӣ. – Теҳрон, 2018. – 21 с.

148. Ашрафзода, Ризо, Шоҳбадеъзода, Маҳдухт. Устураи аждаҳокушӣ дар “Авасто” ва мутуни ҳамосӣ // Маҷаллаи Донишгоҳи озоди исломии Машҳад № 7 [Матн] / Ризо Ашрафзода, Маҳдухт Шоҳбадеъзода. – Машҳад, 2017. – 21 с.
149. Бахтиёрӣ, Ормон, Дарвешӣ, Сапеда. “Баррасии татбиқии шеъри Фирдавсӣ дар бораи марги Монӣ бо ривоятҳои монавӣ ва матнҳои турфонӣ”// Маҷмуаи мақолаҳои даҳумин Ҳамоиши тарвиҷи забон ва адаби форсӣ, Донишгоҳи Муҳаққиқи Ардабилӣ [Матн] / Ормон Бахтиёрӣ, Сапеда Дарвешӣ. – Ардабил, 2016. – 12 с.
150. Баҳорранг, Ёсуман. Баррасии шахсияти Гулнор дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ [Матн] / Ёсуман Баҳорранг. – Теҳрон: маҷмуаи “Қатра”, 2005.
151. Баширӣ, Эраҷ. Турк ва тур дар “Шоҳнома” [Матн] / Эраҷ Баширӣ. – Душанбе, 2009. – 460 с.
152. Бегдилӣ, Муҳаммад. Гузиниш, пазириш ва вижагиҳои фиристода дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии забон ва адабиёти форсӣ, соли сию дуюм [Матн] / Муҳаммад Бегдилӣ. – Теҳрон, 2015. – 25 с.
153. Браун, Эдвард. Таърихи адабиёти Эрон аз Фирдавсӣ то Саъдӣ. Тарҷумаи Муҷтабоӣ Фатҳулло [Матн] / Эдвард Браун. – Теҳрон, 1995. – 485 с.
154. Браун, Эдвард. Таърихи адабии Эрон. Ҷилди аввал. Аз қадимтарин рӯзгорон то замони Фирдавсӣ. Тарҷумаи Алӣ Пошо Солеҳ [Матн] / Эдвард Браун. – Теҳрон, 1957. – 855 с.
155. Визелхюфер, Йозеф. Ардашери якум // Фаслномаи “Ҷундишопур”-и Донишгоҳи шаҳид Чамарон, соли 1. № 3 [Матн] / Йозеф Визелхюфер. – Аҳвоз, 2016 – 20 с.
156. Вожаномаи порсии сара. – Теҳрон, 2004. – 249 с.
157. Ғазанфарӣ, Кулсум. Баррасии нақши Суруш эзади зартуштӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ [Захираи электронӣ] / Кулсум Ғазанфарӣ. – 11 с. Низоми дастрасӣ: www.raseekhoon.net

158. Ғазанфарӣ, Кулсум. Зардушт ва Иброҳим дар манобеи исломӣ // Фаслномаи “Пажӯҳишҳои адёнӣ” [Матн] / Ғазанфарӣ. – Теҳрон, 2016. – 26 с.
159. Ғайбӣ, Бежан. Омадани шоҳ Баҳроми Варҷованд // Фаслномаи “Эроншиносӣ” [Матн] / Бежан Ғайбӣ. – Теҳрон, 1981. – 4 с.
160. Ғаравӣ, Алӣ. Сайд ва одоби он дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ // Ҳунар ва мардум” [Матн] / Алӣ Ғаравӣ. – Теҳрон, 1976. – 6 с.
161. Ғафурӣ, Ризо. Тааммуле бар саргузашти Суфаро // Фаслномаи забон ва адабиёти форсӣ [Матн] / Ризо Ғафурӣ. – Теҳрон, 2015. – 25 с
162. Ғафуриён, Ҳония. Адаби ғиноӣ дар ҳамосаи Фирдавсӣ // Маҷаллаи “Номаи порсӣ” [Матн] / Ҳония Ғафуриён. – Теҳрон, 2010. – 9 с.
163. Гелонӣ, Наҷмиддин, Каҷбоф, Алиакбар. Нақши хонадони Меҳрон дар таҳаввулоти сиёсии Эрон дар даврони Сосониён // Фаслномаи Пажӯҳишномаи таърихҳои маҳаллии Эрон, соли 3 №2 [Матн] / Наҷмиддин Гелонӣ, Алиакбар Каҷбоф. – Теҳрон, 2016. – 13 с.
164. Гиршман, Р. Эрони бостон [Матн] / Р. Гиршман. – Теҳрон, 1993. – 501 с.
165. Гулӣ, Аҳмад, Раҷабӣ, Руқийя. Хоб дар “Шоҳнома” // Куҳанномаи адаби порсӣ. Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ [Матн] / Аҳмад Гулӣ, Руқийя Раҷабӣ. – Теҳрон, 2011, соли 1, № 1. – 19 с.
166. Гулистонӣ, Мино. Дунёи хоб ва хобгузорӣ дар “Шоҳнома”и Фирдавсӣ // Мақолаҳои Ҳафтумин ҳамоиши пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ [Матн] / Мино Гулистонӣ. – Теҳрон, 2014. – 12 с.
167. Гуштосп, Фарзона, Нодия, Ҳоҷипур. Тавсиф ва табйини моҳияти адолати Хусрав Анӯшервон дар мутуни форсӣ ва ҷустуҷӯи пешинаи он дар мутуни форсии миёна. Мутолаоти таърихи фарҳангӣ. Пажӯҳишномаи Анҷумани эронии таърих шумораи 53 [Матн] / Фарзона Гуштосп, Ҳоҷипур Нодия. – Теҳрон, 2022. – 25 с.
168. Дабошӣ, Ҳамид, Фарҳанги сиёсии “Шоҳнома”. Андешаи сиёсии файласуфи подшоҳ дар салтанати Хусрави Анушервон // Маҷаллаи “Эроншиносӣ”, соли дуюм [Матн] / Ҳамид Дабошӣ. – Теҳрон, 1991. – 23 с.

169. Дамовандӣ, Муҷтабо. Ҷоду дар Эрони бостон ва кеши Зартушт // Маҷаллаи мутолаоти эронӣ Маркази таҳқиқот, фарҳанг ва забонҳои эронӣ. Донишгоҳи шаҳид Боҳунар [Матн] / Муҷтабо Дамовандӣ. – Кирмон, соли 5 № 10 2007. – 7 с.
170. Дарёӣ, Тураҷ, Маликзода, Судоба. Чаро Картир фаромӯш шуд? // Фаслномаи "Эроннома", соли 30, № 2 [Матн] / Тураҷ Дарёӣ, Судоба Маликзода. – Теҳрон, 2015. – 8 с.
171. Дарёӣ, Тураҷ, Фарзандон ва наводагони Яздгирди севум дар Чин // Фаслномаи "Эроншиносӣ" давраи ҷадид, соли 15 [Матн] / Тураҷ Дарёӣ. – Теҳрон, 1986. – 9 с.
172. Дарёӣ, Тураҷ. Дар бораи алқоби ду шоҳи Сосонӣ дар "Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас" // Фаслномаи "Ҷундишопур", соли 2, № 5. Донишгоҳи шаҳид Чамарон [Матн] / Тураҷ Дарёӣ. – Аҳвоз, 2017. – 6 с.
173. Дарёӣ, Тураҷ. Катибаи Картир дар Нақши Раҷаб // Номаи Эрони бостон, соли аввал, шумораи аввал [Матн] / Тураҷ Дарёӣ. – Теҳрон, 2002. – 12 с.
174. Дарёӣ, Тураҷ. Ногуфтаҳои императории Сосониён // Санадияти таърихии "Шоҳнома" [Матн] / Тураҷ Дарёӣ. – Теҳрон, 2013. – 20 с.
175. Дарёӣ, Тураҷ. Хонадони Сосон дар табъид // Пажӯҳишгоҳи улуми исонӣ ва мутолаоти фарҳанӣ / Тураҷ Дарёӣ [Захираи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: www.tarikhbook.ir – 11 с.
176. Дарёӣ, Тураҷ. Хотира ва таърих // Номаи Эрони бостон. – №2 соли 1 [Матн] / Тураҷ Дарёӣ. – Теҳрон, 2002. – 17 с.
177. Ёршотир, Эҳсон. Оё Сосониён ворисони Ҳахоманишиён буданд? // Фаслномаи "Ҷундишопур". Донишгоҳи шаҳид Чамарон, соли якум, шумораи 2 [Матн] / Эҳсон Ёршотир. – Аҳвоз, 2016. – 15 с.
178. Ёҳақӣ, Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ; ҳарфгардон ба хатти кирилӣ, таҳияи Рустами Ваҳҳоб бо шарҳу тавзеҳот ва мулҳақот [Матн] / Муҳаммадҷаъфар Ёҳақӣ. – Душанбе, 2013. – 680 с.

179. Завора, Исмоили Нассоҷӣ. Андешаҳои динӣ ва ахлоқӣ дар “Шоҳнома” // Мактаби ислом, соли 37, № 11 [Матн] / Исмоили Нассоҷӣ Завора. – Теҳрон, 1959. – 10 с.
180. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Таърихи мардуми Эрон пеш аз ислом [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон, 1999. – 614 с.
181. Заршинос, Зуҳра. Чанд вомвожаи суғдӣ дар “Шоҳнома”- и Фирдавсӣ Бошгоҳи шоҳномапажӯҳон [Матн] // Зуҳра Заршинос. – Теҳрон, 2016. – 11 с.
182. Зулфиқорӣ, Ҳусайн. Муқоисаи достони Баҳроми Гӯр дар шикоргоҳ дар чор манзума // Фаслномаи пажӯҳишҳои адабӣ. – № 14 [Матн] / Ҳусайн Зулфиқорӣ. – Теҳрон, 2007. – 22 с.
183. Имомӣ, Насрулло. Марсиясароӣ дар адабиёти форсӣ [Матн] / Насрулло Имомӣ. – Теҳрон, 1991. – 488 с.
184. Кавир, Маҳмуд. Ҷуғрофиёи “Шоҳнома” // Моҳвораи “Асри нав” [Матн] / Маҳмуд Кавир. – Теҳрон, сентябри 2010. – 12 с.
185. Кадканӣ, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Кадканӣ. – Теҳрон, 1997. – 747 с.
186. Каззозӣ, Мирҷалолиддин. Мозҳои роз. Ҷусторҳое дар “Шоҳнома” [Матн] / Мирҷалолиддин Каззозӣ. – Теҳрон, 1992. – 170 с.
187. Кристенсен, А. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристенсен. – Теҳрон, 1980. – 464 с.
188. Кристенсен, А. Достони Бузургмеҳр // Маҷаллаи “Меҳр”, №7 [Матн] / А. Кристенсен. – Теҳрон, 1934. – 47 с.
189. Куёҷӣ, Кавурҷӣ. Пажӯҳишҳое дар “Шоҳнома” [Матн] / Кавурҷӣ Куёҷӣ. – Теҳрон, 1993. – 390 с.
190. Қариб, Бадруззамон. Рустам дар ривоёти суғдӣ // Бунёди “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ чопи нахуст [Матн] / Бадруззамон Қариб. – Теҳрон, 1982. – 6 с.
191. Мавлоӣ, Чингиз. Пешниҳоде дар бораи тасҳеҳ ва қироати ду вожа аз корномаи Ардашери Бобакон бар пояи қаринае дар “Шоҳнома”-и

Фирдавсӣ // Ҷусторҳои навини адабӣ [Матн] / Чингиз Мавлой. – Теҳрон, 2020. – 13 с.
192. Массэ, Ҳенри. Фирдавсӣ ва ҳамосаи миллӣ [Матн] / Ҳенри Массэ. – Табриз 1972 – 378 с.
193. Матинӣ, Ҷалол. Яке достон аст пур оби чашм (Ҳамлаи араб ба Эрон) // Маҷаллаи "Эроншиносӣ", соли 7 [Матн] / Ҷалол Матинӣ. – Теҳрон, 1997. – 43 с.
194. Матинӣ, Ҷалол. Дар маънии "Шоҳнома" // Маҷаллаи "Эроншиносӣ", соли 2 [Матн] / Ҷалол Матинӣ. – Теҳрон, 1991. – 13 с.
195. Матинӣ, Ҷалол. Дар ҷустуҷӯи тахти Фаридун // Маҷаллаи "Эроншиносӣ", соли аввал, № 4 [Матн] / Ҷалол Матинӣ. – Теҳрон, 1990. – 13 с.
196. Матинӣ, Ҷалол. Хусрав ва Ширин // Маҷаллаи "Эроншиносӣ", шумораи 15 [Матн] / Ҷалол Матинӣ. – Теҳрон, 1993. – 16 с.
197. Маҳмудободӣ, Саййидасғар. Падидорӣ ва пойдории импротурии Сосонӣ // Фаслномаи "Таърих". Пажӯҳишгоҳи улумии инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ. Портали ҷомеи улуми инсонӣ, шумораи 1, Донишгоҳи озоди маҳаллот [Матн] / Саййидасғар Маҳмудободӣ. – Теҳрон, 2006. – 22 с.
198. Меҳтарӣ, Муҳаммад. Китобу-т-тоҷ фӣ сират Анушервон // Фаслномаи кафедраи забон ва адабиёти форсӣ, соли 3, №3 [Матн] / Муҳаммад Меҳтарӣ. – Бейрут, 1961. – 28 с.
199. Минавӣ, Муҷтабо. Фирдавсӣ ва шеъри ӯ [Матн] / Муҷтабо Минавӣ. – Теҳрон, 1976. – 246 с.
200. Мол, Жул. Дебочаи "Шоҳнома" [Матн] / Жул Мол. – Теҳрон, 1976. – 110 с.
201. Мори, Питер. Эрони бостон [Матн] / Питер Мори. – Теҳрон, 2002. – 71 с.
202. Муқаддам, Саййид Муҳаммади Алавӣ. Ахлоқ дар "Шоҳнома" // Нашрияи "Кайҳони андеша" № 41 [Матн] / Саййид Муҳаммади Алавӣ Муқаддам. – Теҳрон, 1993. – 38 с.

203. Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия ва натоиҷи сиёсию иҷтимоии он // Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ. Баррасиҳои таърихӣ, шумораи 3, соли 9 [Матн] / Ҳусайналӣ Мумтаҳан. – Теҳрон, 1975. – 34 с.
204. Мурсалпур, Муҳсин. Бозёбии андарзҳои Ардашери Сосонӣ дар "Таърихи Фахрӣ" // Фаслномаи "Таърих дар оинаи пажӯҳиш" соли 9, шумораи аввал [Матн] / Муҳсин Мурсалпур. – Техрон, 2013. – 11 с.
205. Муртазавӣ, Манучеҳр. Фирдавсӣ ва "Шоҳнома" [Матн] / Манучеҳр Муртазавӣ. – Теҳрон, 2013. – 195 с.
206. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Аз "Шоҳнома то "Худойнома". Ҷусторе дар бораи маъхази мустақим ва ғайримустақими "Шоҳнома" // Номаи "Эрони бостон", соли 7 [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2008. – 101 с.
207. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Дастнависи навёфта аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар "Мактабату-ш-шарқия"-и донишгоҳи Сан Жозефи Бейрут // "Номаи баҳористон", соли 8/9 [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2008. – 70 с.
208. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. "Шоҳнома барои эрониён таърих аст, на афсона" // "Рӯдакӣ" – Фаслномаи ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Душанбе, 2009. № 15. – 4 с.
209. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Бо "Ҳавҷнома" чӣ бояд кард? Маҷаллаи "Бухоро" № 115 [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2017. – 18 с.
210. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Дар перомуни манобеи Фирдавсӣ // Фаслномаи "Эроншиносӣ" соли даҳум [Матн] / Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 1999. – 28 с.
211. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Занон дар "Шоҳнома". Тарҷумаи Аҳмади Беназир [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2016. – 205 с.
212. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Набарди Хусрави Фаррухзод бо Саъди Ваққос // Номаи "Эрони бостон" соли чаҳорум [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2005. – 6 с.

213. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Нигоҳе тоза ба зиндагиномаи Фирдавсӣ // Номаи “Эрони бостон”, соли 6, шумораи 1 ва 2 [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2007. – 23 с.
214. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Таърихи рӯзи поёни назми “Шоҳнома” // Фаслномаи “Эроншиносӣ” соли дувоздаҳум [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2001 – 4 с.
215. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Фирдавсӣ // “Номаи анҷуман” шумораи 1, соли 7 [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 2013. – 30 с.
216. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Ҷаҳоншиносии “Шоҳнома” // Фаслномаи “Эроншиносӣ” соли сеюм [Матн] / Холиқии Мутлақ. – Теҳрон, 1992. – 16 с.
217. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Яке дахма созам зи сумми сутур // Нашрияи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, №124 [Матн] / Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Донишгоҳи Табриз, 1978. – 9 с.
218. Навсудӣ, Суҳайб. Тамрӣ, Нозанин. Додаҳои таърихӣ дар сафолнавиштаҳои Нисо. Пажӯҳишҳои бостоншиносии Эрон, шумораи 14 [Матн] / Суҳайб Навсудӣ, Нозанин Тамрӣ. – Теҳрон, 2018. – 29 с.
219. Надушан, Муҳаммад Алии Исломӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар “Шоҳнома” [Матн] / Муҳаммад Алии Исломии Надушан. – Теҳрон,1970. – 438 с.
220. Натсар, Амнун. “Шоҳони Сосонӣ дар Талмуд”//Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ [Матн] /Амнун Натсар. – Теҳрон, 1972. – 16 с.
221. Нафисӣ, Саид. Таърихи чалипои тарсоён // Маҷаллаи Меҳр, № 5 [Матн] / Саид Нафисӣ. – Теҳрон, 1936. – 8.с.
222. Нелдеке, Теодор. Таърихи Эрон ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Теодор Нелдеке. – Теҳрон, 1980. – 767 с.
223. Нелдеке, Теодор. Ҳамосаи миллии Эрон [Матн] / Теодор Нелдеке. – Теҳрон, 1978. – 177 с.

224. Озарӣ, Алоуддин. Пажӯҳише дар бораи вузарои давраи Сосонӣ // Маҷаллаи “Баррасиҳои таърихӣ” [Матн] / Алоуддин Озарӣ. –Теҳрон, 1974. – 33 с.
225. Озартоши Озарнӯш. Банӣ Сосон // Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, Маркази пажӯҳишҳои эронӣ ва исломӣ [Матн] / Озартоши Озарнӯш. – Теҳрон, 2021. – 5 с.
226. Ойдинлу, Саҷҷод. Таммулоте дар бораи манобеъ ва шеваи кори Фирдавсӣ // Нашрияи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Табриз [Матн] / Ойдинлу, Саҷҷод. – Табриз, 2005. – 64 с.
227. Ойдинлу, Саҷҷод. “Шоҳнома”, беҳтарин шеъри ғиноӣ // Фаслномаи Пайки нур [Матн] / Ойдинлу, Саҷҷод. – Уруммия, 2008. – 8 с.
228. Ойдинлу, Саҷҷод. “Шоҳнома” ва адабиёти омиёнаи курдӣ, чопи аввал // Матбуоти Салоҳиддини Айюбӣ [Матн] / Ойдинлу, Саҷҷод. – Уруммия, 2001. – 193 с.
229. Ойдинлу, Саҷҷод. Зане, ки Баҳроми Чубина ӯро дид, кӣ буд? // Куҳанномаи адаби порсӣ [Матн] / Ойдинлу, Саҷҷод. – Теҳрон, 2021. – 34 с.
230. Ойдинлу, Саҷҷод. Корномаи шоҳномапажӯҳии маликушшуаро Баҳор // Донишгоҳи Паёми нури Уруммия [Матн] / Ойдинлу. – Уруммия, 2005. – 11 с.
231. Ойдинлу, Саҷҷод. Рӯз ва моҳи тоҷгузории чанд шаҳриёри сосонӣ дар “Шоҳнома” // Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ ва Донишгоҳи шаҳид Боҳунар [Матн] / Ойдинлу, Саҷҷод. – Кирмон, 2010. – 15 с.
232. Омӯзиш ва парвариш аз нигоҳи Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” [Захираи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: Мақолаи гурӯҳи фарҳанг ва ҳунари persianpersia@com. 01.01. 2013. – 9. с.
233. Пандномаи Бузургмеҳр устоди барҷастаи Нӯширавони Додгар. Баргирифташуда аз мутуни паҳлавии Эрони бостон [Захираи электронӣ]. Таҳияи Аршоми Порсӣ / Низоми дастрасӣ: www.ariarman.com. – Торонто, 1987. – 18 с.
234. Покдил, Масъуд, Козарунӣ, Саййид Аҳмад Ҳусайнӣ. Баррасии зодгоҳи Ширин. Фаслномаи таҳқиқоти таълимӣ ва ғиноии забон ва адабиёти

форсии Донишгоҳи озоди исломӣ [Матн] / Масъуд Покдил, Саййид Аҳмад Ҳусайнии Козарунӣ. – Бушаҳр, 2015. – 20 с.

235. Пошозонус, Ҳамидризо, Подшоҳии миёна ва шоҳони хироҷгузори Эрон дар мутуни клосики чинӣ (баррасии як иддао) // Фаслномаи илмии пажӯҳишҳои таърихии Донишгоҳи Исфаҳон [Матн] / Ҳамидризо Пошозонус. – Исфаҳон, 2022. – 15 с.
236. Пошозонус, Ҳамидризо. Баррасии татбиқии ривоятҳои марбут ба вопасин шоҳони сосонӣ дар Jiu Tangshu and Xin Tangshu // Маҷаллаи "Мутолаоти эронӣ" [Матн] / Ҳамидризо Пошозонус. – Кирмон: Донишгоҳи шаҳид Боҳунар, 2022. – 37 с.
237. Пошозонус, Ҳамидризо. Муносиботи Эрон ва Чин дар давраи Сосонӣ ва таъсири он бар фарҳанги Чин бо истинод ба манобеи чинӣ // Фаслномаи илмии таърихи ислом ва Эрон [Матн] / Ҳамидризо Пошозонус. – Теҳрон: Донишгоҳи Заҳро, 2021. – 24 с.
238. Пошозонус, Ҳамидризо. Сосониён дар дарбори хондани Лиян (502-557), (Liang) // Фаслномаи пажӯҳишҳои таърихии Эрон ва исломӣ [Матн] / Ҳамидризо Пошозонус. – Зоҳидон: Донишгоҳи Сиистон ва Балуҷистон, 2022. – 30 с.
239. Пошозонус, Ҳамидризо. Чин дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ // Фаслномаи "Матншиносии адаби форсӣ" [Матн] / Ҳам Пошозонус. – Исфаҳон: Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон, 2014. – 14 с.
240. Разӣ, Аҳмад. Муҷтабо, Муҳаммадниё. Писаркушӣ дар "Шоҳнома"- и Фирдавсӣ [Матн] / Аҳмад Разӣ, Муҳаммадниё Муҷтабо. – Теҳрон, 2018. – 12 с.
241. Раҳматиён Саҷҷод, Хувайнӣ Исмат. Баррасии замина ва андарзҳои "Шоҳнома" [Матн] / Саҷҷод Раҳматиён, Исмати Хувайнӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Хоразмӣ, 2016. – 21 с.
242. Робитаи митроизм ва зардуштӣ бо адёни сомӣ [Захираи электронӣ] Пойгоҳи иттилоърасонӣ ва нашри осори оятулло Муртазои Разавӣ // Низоми дастрасӣ: www.binesheno.com.

243. Сангсарӣ, Чароғалӣ. Қоранванд ё Сухароиён. Баррасиҳои таърихӣ, шумораи 3, соли 11 [Матн] / Чароғалӣ Сангсарӣ. – Теҳрон, 1977. – 43 с.
244. Сарвҷаҳонӣ, Саййидҳасан. Накде бар гузориши Масъудӣ аз таваҷҷуҳи эрониён ба Каъба дар рӯзгори пеш аз ислом // Фаслномаи таърих ва тамаддуни исломӣ [Матн] / Саййидҳасан Сарвҷаҳонӣ. – Теҳрон, 2014. – 16 с.
245. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор [Матн] / Қадамалӣ Сарромӣ. –Теҳрон, 2005. – 1087 с.
246. Сафо, Забеҳулло, Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон 1971-1. – 717 с.
247. Сафо, Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон [Матн] / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1955. – 678 с.
248. Саҷҷодӣ, Ҳусайн, Ситоиш ва накӯҳиши занон дар “Шоҳнома” [Матн] / Ҳусайн Саҷҷодӣ. – Теҳрон, 2002. – 229 с.
249. Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом [Матн] / Аҳмади Тафаззулӣ. – Таҳрон, 2000. – 457 с.
250. Тиллоӣ, Ҳусайн, Ҷарфӣ, Мустафо, Воковии шохисҳои таъсиргузор бар сиёсатҳои марзии Ардашери Бобакон дар қиболи импротурии Рум // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Таърихи ислом ва Эрон [Матн] / Ҳусайн Тиллоӣ, Мустафо Ҷарфӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Заҳро, шумораи 7 паёпаи 87, 2011. – 21 с.
251. Тоифӣ, Шерзод, Бобин, Кви. Чин дар маншури адаби форсӣ // Пажӯҳишҳои адаби ирфонӣ (Гавҳари гӯё) [Матн] / Шерзод Тоифӣ, Кви Бобин. – Теҳрон, 2017. – 23 с.
252. Тоҳирӣ, Муҳаммад, Ҷойгоҳ ва таъсири қавми сакоӣ дар таърих ва “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. Матшиносии адаби форсӣ [Матн] // Донишгоҳи Исфаҳон. – Исфаҳон, 2013. – 21 с.
253. Умедсолор, Маҳмуд, Баъзе аҳодиси набавӣ дар “Шоҳнома” // Маҷаллаи “Эроншиносӣ [Матн] / Маҳмуди Умедсолор. – Теҳрон, 2018. – 15 с.

254. Умедсолор, Маҳмуд. Шоҳнома ва таассуби динии Маҳмуди Ғазнавӣ // маҷаллаи “Эроншиносӣ” [Матн] / Маҳмуди Умедсолор. – Теҳрон, 2001. – 8.
255. Фаллоҳ, Муртазо. Мабонии омӯзиш ва парвариш дар “Шоҳнома” // Нашрияи адаб ва забон [Матн] / Муртазо Фаллоҳ. – Кирмон: Донишкадаи адабиёт ва улуми инсони Донишгоҳи шаҳид Боҳунари Кирмон, 2001. – 30 с.
256. Фатҳӣ, Расул. Сосиён ё Банӣ Сосон // Нашрияи адабиёт ва улуми инсонӣ [Матн] / Расул Фатҳӣ. – Табриз: Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Табрез, 1984. – 14 с.
257. Фозилӣ, Муҳаммад Тақӣ, Пурибахтиёр, Ғаффор. Баррасии одоб ва русуми сӯгворӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Донишгоҳи озоди исломӣ [Матн] / Муҳаммад Тақӣ Фозилӣ, Ғаффор Пурибахтиёр. – Шуштар, 2017. – 23 с.
258. Форуқӣ, А. “Китобу одоби-с-салтана” // Нашрияи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон [Матн] / А. Форуқӣ. – Исфаҳон, 1967. – 8 с.
259. Ҳасанлӣ, Ковус, Лайло, Аҳмадиён. Коркарди ранг дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ” // Фаслномаи “Адабпажӯҳӣ” [Матн] / Ковус Ҳасанлӣ. – Теҳрон, 2008. – 23 с.
260. Ҳертсфилд, Эрнест. Таърихи бостонии Эрон бар бунёди бостоншиносӣ. Тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат [Матн] / Эрнест Ҳертсфилд. – Теҳрон, 1976. – 231 с.
261. Ҷавод, Муфради Каҳлон. Ҷусторе дар ном ва нишони Сосон ва Сосониён, pezhvaktiran.com [Матн] / Муфради Каҳлон Ҷавод. – Теҳрон, 2021. – 6 с.
262. Ҷалилиён, Шаҳром, Гелонӣ, Наҷмиддин. Хусрави Анӯшервон ва шукуфоии фарҳанг ва тамаддуни Эрон дар давраи Сосониён // Маҷаллаи мутолаоти Эронӣ, Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи шаҳид Боҳунар, Кирмон [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён, Наҷмиддини Гелонӣ. – Кирмон, 2018. – 14 с.

263. Ҷалилиён, Шаҳром, Халилӣ, Алӣ, Иброҳимӣ, Мухтор. Достоне аз чанд чашмандоз (Мутолаи татбиқии тоҷситонии Баҳроми Гӯр дар "Шоҳнома" ва манобеи таърихӣ) // Маҷаллаи шеърпажӯҳии (Бӯстони адаб) Донишгоҳи Шероз [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён, Алӣ Халилӣ, Мухтор Иброҳимӣ. – Шероз, 2019. – 26 с.
264. Ҷалилиён, Шаҳром. Ардашери Бобакон ва Худобону Анаҳито // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Таърихи ислом ва Эрони Донишгоҳи Заҳро [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон, 2019. – 22 с.
265. Ҷалилиён, Шаҳром. Афсонаи марги Яздгирди Базаҳгар // Фаслномаи "Таҳқиқоти таърихи иҷтимоӣ" Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангӣ [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон, 2016. – 20 с.
266. Ҷалилиён, Шаҳром. Бозорнавӣ Мужда, Дабирон ва суннати дабирӣ дар даврai Сосониён // Фаслномаи "Ҷундишопур" [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Аҳвоз: Донишгоҳи шаҳид Чамарони Аҳвоз, 2020. – 15 с.
267. Ҷалилиён, Шаҳром. Ду подшоҳ дар остонаи нобудии Сосониён // Фаслномаи "Тарихи Эрон"/ Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон, 2012. – 20 с.
268. Ҷалилиён, Шаҳром. Мавқеияти ҷуғрофиёии ҷанги Ҳурмуздгон: Ҷануб ё Шимол? // Фаслномаи "Таърихи Эрон" [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон, 2016. – 27 с.
269. Ҷалилиён, Шаҳром. Нақши бузургон ва нажодгон дар муҳокима ва марги Хусрави Парвиз // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии таърихи ислом ва Эрон [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон: Донишгоҳи Заҳро, 2018. – 24 с.
270. Ҷалилиён, Шаҳром. Ниҳоди доягонӣ дар даврai Сосониён // Фаслномаи "Таърихи иҷтимоӣ" [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон, 2012. – 22 с.
271. Ҷалилиён, Шаҳром. Се чеҳраи як подшоҳ: Гунаҳкор, пирӯзманду нек ё Куруши дигар? // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии таърихи ислом ва Эрон [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон: Донишгоҳи Заҳро, 2017. – 27 с.
272. Ҷалилиён, Шаҳром. Ситез ва созиши аҳлу-л-буютот ва бузургон бо подшоҳ дар даврai Сосониён (Аз хезиши Сосониён то подшоҳии Қубоди Якум) //

Фаслномаи “Пажӯҳишҳои таърихӣ”. Муовинати пажӯҳиш ва фатовии донишгоҳи Исфаҳон [Матн] / Ҷалилиён. – Исфаҳон, 2019. – 26 с.

273. Ҷалилиён, Шаҳром. Сосон худой: чеҳраи таърихи ё афсонавӣ? // Фаслномаи “Таърихи Эрон” [Матн] / Шаҳром Ҷалилиён. – Теҳрон, 2010. – 28 с.

274. Чаманоро Суҳроб. Гуфтори шӯрангези Фирдавсӣ. – Теҳрон 2010 – 346 с.

275. Ҷаҳонпур, Фотима. Тааммуле дар номи чашмаи Сӯ // Фаслномаи “Таърихи Эрони бостон” [Матн] / Фотима Ҷаҳонпур. – Машҳад: Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 2007. – 8 с.

276. Ҷаъфарӣ, Алӣ Акбар, Пошозонус, Ҳамидризо. “Чин дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ” // Фаслномаи “Матншиносии адаби форсӣ” [Матн] / Алӣ Акбар Ҷаъфарӣ, Ҳамидризо Пошозонус. – Теҳрон, 2008. – 16 с.

277. Ҷаъфарӣ, Марям, Ашрафзода, Ризо. Рӯдҳо дар “Шоҳнома” // Фаслномаи тахассусии адабиёти форсӣ, давраи 12, № 6 [Матн] / Марям Ҷаъфарӣ, Ризо Ашрафзода. – Теҳрон, 2017. – 21 с.

278. Шакӣ, Мансур. Сосон кӣ буд? // Фаслномаи Эроншиносӣ [Матн] / Мансур Шакӣ. – Теҳрон, 1991. – 12 с.

279. Яғмоӣ, Ҳабиб. Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ [Матн] / Ҳабиб Яғмоӣ. – Теҳрон, 1971. – 485 с.

**В. Ба забони русӣ:**

280. Баринова, Е.Б. Этнокультурные контакты Китая с народами Центральной Азии в древности и средневековье [Текст] / Е.Б. Баринова. – М., 2013. – 419 с.

281. Баринова, Е.Б. Взаимодействие Китая с Западныии территориями в древности и средневековье // Журнал Диалог со времнем. Вып.40. [Текст] / Е.Б. Баринова. – М., 2012, С. – 94-117.

282. Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд. Том VI. М., 1966. – 785 с.

283. Бартольд, В.В. К истории персидского эпоса. Сочинения. Том VII. [Текст] / В.В. Бартольд. – М., 1974. – 667 с. (– С. 383-409).

284. Бартольд, В.В. Сочинения. Том II. Книга I [Текст] / В.В. Бартольд. – М., 1963.– 1024 с.
285. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Том IV. Роман об Александре и его главные версии на Востоке [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М., 1965. – 134 с.
286. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Том I. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Москва, 1960. – 561 с.
287. Бобоев, Ю.А. Вопросы истории и культуры народов Мавераннахра и Хорасана в трудах Абурайхана Беруни (культурологический аспект). Автореферат [Текст] / Ю.А. Бобоев. – Худжанд, 2006. – 26 с.
288. Бойс, Мэри. Зороастрийцы. Верования и обычаи [Текст] / Мери Бойс. – Санкт-Петербург, 1994. – 203 с.
289. Большаков, О.Г. К истории Таласской битвы // Страны и народы Востока, выпуск XXII [Текст] / О.Г. Большаков. – М., 1980. – С.132-135.
290. Босворт, К.Э. Мусульманские династии [Текст] / К.Э.Босворт. – М.: Наука, 1971. – 324 с.
291. Властелины Рима // Глава “Александр Северус”, из книги “История августов” / [Текст]. – М.: Наука, 1992.– 49 с.
292. Ворожейкина, З.Н. Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения [Текст] / З.Н. Ворожейкина. – М.: Наука, 1980. – 23 с.
293. Воронина, Л.В., Негматов, Н.Н. “Открытие Уструшаны” // Сборник “Наука и челевечество” [Текст] / Л.В. Воронина, Н.Н. Негматов.– М.: Знание, 1974. – 11 с.
294. Ганиев, Р.Т. Восточно-тюркское государство в VI-VIII вв. [Текст] / Р.Т. Ганиев. – Екатеринбург: Издательство Уральского университета, 2006. – 152 с.
295. Гумилев, Л.Н. Подвиг Бахрама Чубины [Текст] / Л.Н. Гумилев. – Ленинград, 1962. –16 с.
296. Гюзалян, Л.Т. Дьяконов М.М, Рукописи “Шахнаме” в Ленинградских собраниях [Текст] / Л.Т. Гюзалян. – Лениград, 1934. – 123 с.

297. Дашков, С.Б. Цари царей. Иран III-VII вв. в легендах, исторических хрониках и современных исследованиях [Текст] / С.Б. Дашков. – М., 2008. – 308 с.
298. Джургосиев, М.Дж. Проблемы создания научно-критического текста “Шахнаме” Абулькасыма Фирдоуси и его научной биографии. Автореферат кандидатской диссертации [Текст] / М.Дж. Джургосиев. – Душанбе, 2018. – 33 с.
299. Дибвойз, Нельсон. Политическая история Парфии [Текст] / Нельсон Дибвойз. – Санкт-Петербург, 2008. – 816 стр,
300. Дмитриев, В.А. Аммиан Марцеллин и персы [Текст] / В.А. Дмитриев. – Москва, 2003. – 292 с.
301. Дмитриев, В.А. Сасанидское государство в известиях римского историка Аммиана Марцеллина / В.А. Дмитриев. – www/cyberleninka. – 12 с.
302. Дорошенко, Е. А. “Зороастрийцы в Иране”/Е.А.Дорошенко. – Москва, 1982. – 137 с.
303. Дьяконов, М.М. Очерк истории древнего Ирана [Текст] / М.М. Дьяконов. – М., 1961. – 308 с.
304. Замани, Акил. Фарр в “Шахнаме” Абулькасима Фирдоуси. Автореферат кандидатской диссертации [Текст] / Акил Замани. – Душанбе, 2014. – 26 с.
305. Зороастрийские тексты. – М., 1967. – 353 с.
306. Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийские назидательные [Текст]. – М., 1991. – 192 с.
307. Иностранцев, К.А. Сасанидские этюды [Текст] / К.А. Иностранцев. – Санкт-Петербург, 1909. – 154 с.
308. Исоматов, М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст] / М.М. Исоматов. – Душанбе, 2012. – 316 с.
309. Колесников, А.И. Иран в начале VII века // Палестинский сборник. Выпуск 22 (85) [Текст] / А.И. Колесников. – Ленинград: Наука, 1970. – 144 с.
310. Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения. Т.II. [Текст] / И.Ю.Крачковский. – М.,Л., 1956. – 702 с.

311. Курбанмамадов, А. Эстетические взгляды Абулкасима Фирдоуси [Текст] / А. Курбанмамадов. – Ташкент, 2002. – 141 с.
312. Лосев, А.Ф. О понятии художественного канона, с. 6-15 // Проблема канона в древнем и средневековом искусстве Азии и Африки[Текст] / А.Ф. Лосев. – М., 1973. – 256 с.
313. Луконин, В.Г. Древний и раннесредневековый Иран [Текст] / В.Г. Луконин. – Москва: Наука, 1987. – 296 с.
314. Луконин, В.Г. Культура сасанидского Ирана [Текст] / В.Г. Луконин. – Москва, 1969. – 240 с.
315. Мишин, Д.Е. Хосров I Ануширван (531–579), его эпоха и его жизнеописание и поучение в истории Мискавейха [Текст] / Д. Е. Мишин. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – 696 с.
316. Мухаммадиев, М. Историческая правда и художественный вымысел в "Шахнаме" Фирдоуси. Автореферат кандидатской диссертации [Текст] / М. Мухаммадиев. – Душанбе, 1995. – 22 с.
317. Омед, Шива. Поэма "Шахнаме" Фирдоуси как источник по изучению этногеографии, истории и культуры ираноязычных народов. Автореферат кандидатской диссертации [Текст] / Шива Омед. – Душанбе, 2013. – 39 с.
318. Патканян, К.П. Опыт истории династии Сасанидов по сведениям, сообщаемым армянскими источниками [Текст] / К.П. Патканян. – М., 2022. – 122 с.
319. Пигулевская, Н.В. Арабы у границ Византии и Ирана в IV-VI веках [Текст] / Н.В. Пигулевская. – М.-Л., 1964. – 336 с.
320. Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI-VII веков [Текст] / Н.В. Пигулевская. – Ленинград, 1946. – 294 с.
321. Рак, И.Б. Мифы древнего и ранесредневекового Ирана [Текст] / И.Б. Рак. – Санкт-Петербург, 1998. – 554 с.
322. Саидова, Ф.Х. "Китаб ас-сайдана фи-т-тибб" Абурайхана Беруни источник развития таджикской медецинской терминологии". Автореферат кандидатской диссертации [Текст] / Ф.Х. Саидова.– Душанбе, 2013. – 23 с.

323. Семенов, А.А. “К вопросу о происхождении Саманидов”. Труды Института истории, археологии и этнографии АН Тадж. ССР. Т. XXVII [Текст] / А.А. Семенов. – Сталинабад, 1954. – 9. с.

324. Смагина, Е. Б. Манихейство по ранним источникам [Текст] / Е. Б. Смагина. – Москва, 2011. – 524 с.

325. Смирнов, А.В. Ибн Халдун. Введение (ал-Мукаддима). Составление, перевод с арабского и примечания А.В.Смирнова. Историко-философский ежегодник 2007 [Текст] / А.В. Смирнов, Ибн Халдун. – М., 2008. – С. 187-217.

326. Согдийская купчая. Известия АН Республики Таджикистан, серия востоковедения, история, филология [Текст], №1 (25). – Душанбе, 1992. – 6 с.

327. Троицкая, А.Л. “Abdoliti – Арго цеха артистов и музыкантов Средней Азии”, Советское востоковедение V [Текст] / А.Л. Троицкая. – М.-Л., 1948. – 25 с.

328. Фрай, Ричард. Наследие Ирана [Текст] / Фрай. – М., 2002. – 427 с.

329. Чунакова, О.М. Книга деяний Ардашера сына Папака [Текст] / О.М.Чунакова. – М., 1987. – 167 с.

330. Чунакова, О.М. Пехлевийские эпистолярные формулы, Письменные памятники Востока [Текст] / О.М. Чунакова. – Ленинград, 2005. – 5 с.

331. Шефер, Эдвард. Золотые персики Самарканда [Текст] / Эдвард Шефер. – М., 1981. – 607 с.

332. Шозиёева, Гулмо. Становление фирдоусиведения в Таджикистане (30-40 гг.XX века). Автореферат кандидатской диссертации [Текст] / Гулмо Шозиёева. – Душанбе, 2017. – 26 с.

**Г. Адабиёт ба забони англисӣ:**

333. Bosworth, C.E. Banu Sasan. Encyclopedia Iranica Online. www.Iranicaonline.org. – P.3

334. Daryaee, Touraj. Ardaxshir and Sasanians rise to power // Journal Anabasis № 1. – Toulouse, 2010. – 20 p.

335. Daryaee, Touraj. The ideal king in the Sasanian World. Ardaxsir Pabagan or Xusro Anosag-ravan? Name-ye Iran-e Bastan. vol.3 №. – Tehran, 2022. – 21 p.

336. Frye, Richard N. The History of Ancient Iran. – Munchen,1983. – P. 450.

337. Rank, Otto Отто. The myth of the birth of the hero. – New York, 1914. – 112 p.

338. Resh, Galut. www.Iranicaonline.org. – P. 2.

339. Shahbazi, Shapur. Early Sasanians Claim to Achaemenid Heritage Nama-ye Iran-e Bastan, v.1. № 1. p.61-73. – Tehran, 2001. – 12 p.

340. Shakarami, Reza. Evaluating the portrait of Ardeshir-e Babakan in Iranian Literature to the fifth century AD, Research journal of fisheries and hydrobiology, May 2015. – 5 p.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Юлдашев, А.Қ. Сосон ва подшоҳии Сосониён: тахайюли бадеӣ ва воқеияти таърихӣ / А.Қ. Юлдашев // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2020. – № 2 (63). – С. 64-73.

[2-М]. Юлдашев, А.Қ. Дар бораи маонии як рубоии устод Рӯдакӣ / А.Қ. Юлдашев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2020. – № 2 (83). – С. 36-43.

[3-М]. Юлдашев, А.Қ. Андешаҳои сиёсии Ардашери Бобакон дар бораи чанде аз масъалаҳои давлатдорӣ / А.Қ. Юлдашев // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2020. – № 3 (64). – С. 52-59.

[4-М]. Юлдашев, А.Қ. Оид ба як тобиши маъноии калимаи «тозӣ» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / А.Қ. Юлдашев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2020. – № 3 (84). – С. 40-46.

[5-М]. Юлдашев, А.Қ. Суфарой ва талошҳо бароиислоҳи кори шоҳаншоҳӣ / А.Қ. Юлдашев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 3 (86). – С. 146-152.

[6-М]. Юлдашев, А.Қ. Берунӣ, фарҳанг ва таърихи қадими халқҳои эронӣ / А.Қ. Юлдашев // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2020. – № 4. – С. 24-33.

[7-М]. Юлдашев, А.Қ. Қадимтарин дастхати номаи шоҳон / А.Қ. Юлдашев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 178-184.

[8-М]. Юлдашев, А.К. Элементы канона в образе Ардашира сына Папака в арабо-мусульманских источниках, «Шахнаме» и «Книге деяний Ардашира сына Папака/ А.К. Юлдашев // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – № 6. – С. 281-287.

[9-М]. Юлдашев, А.Қ. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи шеъри тоисломӣ ва оид ба як хусусияти ситоши мардон дар «Шоҳнома» / А.Қ. Юлдашев // Паёми

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – № 1/3 (101). – С. 9-15.

[10-М]. Юлдашев, А.К. Сасанидские сюжеты в «Истории» Феофилакта Симокатты / А.К. Юлдашев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар, 2022. – № 1/4 (104). – С.23-27.

[11-М]. Юлдашев, А.Қ. Инъикоси образи Ардашери Бобакон дар сарчашмаҳои юнонии асри III / А.Қ. Юлдашев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. – № 3 (92). – С. 79-84.

[12-М]. Юлдашев, А.Қ. Мунозираи Хусрави Парвиз ва Баҳроми Чӯбина / А.Қ. Юлдашев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. – № 4 (93). – С. 53-59.

[13-М]. Юлдашев, А.Қ. Набарди Қодисия / А.Қ. Юлдашев // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. – № 4 (73). – С. 107-113.

[14-М]. Юлдашев, А.Қ. Симои Шопури Ардашер дар сарчашмаҳо / А.Қ. Юлдашев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 1. – С. 193-199.

[15-М]. Юлдашев, А.Қ. Симои Анӯшервон дар «Ҷанг бо форсҳо»-и Прокопий / А.Қ. Юлдашев // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. – № 1 (74). – С. 191-198.

[16-М]. Юлдашев, А.Қ. Симои Яздгирди Шаҳрёр вопасин шоҳаншоҳи Сосонӣ / А.Қ. Юлдашев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 208-216.

**II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[17-М]. Юлдашев, А.Қ. Берунӣ ва таърихи қадимаи халқҳои эронӣ / А.Қ. Юлдашев // Кашшофи асрори табиат (Маҷмуаи мақолаҳои симпозиуми байналмилалии илмӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ (Душанбе, 9-10-уми октябри соли 2023)). – Душанбе, 2023. – С. 207-223.

[18-М]. Юлдашев, А.Қ. Ситоиши султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар «Шоҳнома» / А.Қ. Юлдашев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида ба бузургдошти Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Икромов Искандар (Бохтар, 21-уми декабри соли 2023). – Бохтар, 2023. – С. 89-93.

[19-М]. Юлдашев, А.Қ. Дар бораи тарҷумаи арабии «Шоҳнома» / А.Қ. Юлдашев // Масоили мубрами арабшиносӣ (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол» (Душанбе, 14-уми марти соли 2024)). – Душанбе, 2024. – С. 161-168.

[20-М]. Юлдашев, А.К. Мовароуннаҳр дар «Шоҳнома» (Мовароуннахр в «Шахнаме») / А.К. Юлдашев // Материалы международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Душанбе, 24 октября 2024 г.). – Душанбе, 2024. – С. 49-55.

[21-М]. Юлдашев, А.Қ. Баррасии қиёсии сужаҳои вобаста ба образи Шопури Зулактоф бар мабнои консепсияи меъёр (дар мисоли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва қиёс бо сарчашмаҳои дигар) / А.Қ. Юлдашев // Маҷмуаи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии ««Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ» (Душанбе, 27-28-уми ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 292-302.

[22-М]. Юлдашев, А.Қ. Фирдавсӣ ва Мавлоно / А.Қ. Юлдашев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Мавлонои Балхӣ дар фарҳангу адаби милливу умумибашарӣ» (Бохтар, 13-14-уми декабри соли 2024). – Бохтар, 2024. – С. 191-196.

### III. Монография:

[23-М] Юлдашев, А.Қ. Рӯзгори Борбади ромишгар / А.Қ. Юлдашев. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. – 98 с.